ХОҶА ИСМАТИ БУХОРОӢ

# ДЕВОН

ДУШАНБЕ
«ИСТЕЪДОД»
2020

ББК 84 тоҷик 7-5
И – 33

Зери назари доктори илмҳои филологӣ
***Тоҷибой Султонов***

Масъули чоп:
***Иброҳим Наққош***

Баргардони матн:
номзади илмҳои филологӣ
***Рамазон Бобокалонов ва Исмоил Зарифӣ***

**Хоҷа Исмати Бухороӣ. Девон. – Душанбе: Истеъдод, 2020. - 464 с.**

Китоби мазкур осори безаволи шоири шуҳратёри асри XIV Хоҷа Исмати Бухороиро дар бар мегирад, ки мутолиаи он ба хонандагон судманд аст ва бори аввал дар Тоҷикистон ба таври комил нашр мешавад.

**ISBN 978-99947-08-42-0**

**© И. Зарифӣ, 2020**

## ШАРҲИ ҲОЛ

Хоҷа Фахриддин Исматуллоҳ бинни Хоҷа Масъуд Исмати Бухороӣ аз донишмандон ва шоирони маъруфи нимаи дуюми асри 14 ва ибтидои асри 15-и адабиёти тоҷику форс буда, тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар байни солҳои 1365-1374 дар шаҳри Бухоро ба дунё омада, соли 1426 дар ҳамин шаҳр аз олам гузаштааст.

Падараш Хоҷа Масъуд аз шахсони соҳибэҳтироми шаҳри Бухоро буда, дар ин бора Давлатшоҳи Самарқандӣ таъкид мекунад: "Ва дар хиттаи Бухоро обову аҷдоди Хоҷа Исмат мардумони бузург ва фозил будаанд. Ва падари ӯ Хоҷа Масъуд аз акобири Бухорост".

Исмати Бухороӣ таҳсили ибтидоиро дар Бухоро гирифт, аз улуми риёзӣ, таърих, фанни шеър, арӯз ва муаммо баҳраи вофир гирифтааст ва баъдан номаш ҳамчун шоир машҳур гардидааст.

Дар тарбияи набераи Амир Темур – Султон Халил ибни Мироншоҳи Темурӣ саҳм гузошта, баъдан тавассути ӯ ба дарбор ҳамчун надим ва устоди шоҳзода роҳ меёбад. Ба ишораи доктор Забеҳулло Сафо "Чун Халил Султон баъд аз вафоти Амир Темур дар Мовароуннаҳр салтанат ёфт, Исматуллоҳ ҳурмати зиёде пайдо кард ва махсусан дар мавқеи вафоти Амир Темур марсияе гуфт, ки матлаъаш ин аст:

*Эй фалак, хиргоҳ вайрон кун, ки султон ғоиб аст,*
*Тахт гӯ, бар хок биншин, ки Сулаймон ғоиб аст.*

Халил Султон ин марсияро писандид ва Хоҷа Исматро машмули эҳсон ва инъом гардонид" (З.Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. саҳ. 508 ).

Вазъияти мунташанниҷи замон Султон Халилро аз дасти амирон ва муқаррабони хеш ба зиндон андохт ва Исмати Бухороӣ низ давоми ду сол дар шаҳрҳои дигари Мовароуннахр зиндагӣ намуд. Шоҳрух Мирзо, ки дар он замон дар Хуросон соҳиби қудрату нуфузи фаровоне гашта буд, Мовароуннаҳрро фатҳ намуд ва Султон Халилро аз зиндон озод намуд. Исмати Бухороӣ ба назди вай баргашт, вале баъди бозгашт ба Хуросон Шоҳрух Мирзо Султон Халилро дар Ироқ ҳукумат дод ва Мирзо Улуғбек ҳукумати Самарқандро ба даст гирифт.

Дар девони Исмати Бухороӣ ғазалҳое ба назар мерасанд, ки бо ёдоварии даврони хуши ҳамнишинӣ бо Халил Султон ва муфориқати вай гуфта шудаанд.

Баробари ба сари қудрат омадани Мирзо Улуғбек Исмати Бухороӣ ба дарбори вай даъват шуда бошад ҳам, бинобар эҳсоси нороҳатӣ аз сароидани ашъори мадҳиявӣ ба зудӣ ин даъватро напазируфта, бо баҳонаҳое ба таъхир меандохт. Вале исрори Мирзо Улуғбек ӯро ба дарбор бозовард ва мавҷудияти чанд қасидае, ки дар девони Исмати Бухороӣ бар мадҳи Мирзо Улуғбек сароида шудаанд, ба ин нукта ишорат доранд.

Вале ҳузураш дар дарбори Мирзо Улуғбек дер давом накарда, инзиво ихтиёр мекунад ва дар Самарқанд маҷлис ва маҳфилҳои шоиронаеро дар манзили худ доир менамояд. Дар ин маҷлисҳо шоирони давр чун Барандақи Бухороӣ, Хаёлии Бухороӣ, Бисотии Самарқандӣ, Хоҷа Рустами Хурёнӣ ва Тоҳири Абевардӣ иштирок мекарданд, ки худи Исмат дар шеър устоди ин шоирон низ шинохта шудааст.

Ба ишораи Давлатшоҳи Самарқандӣ “ғазалиёти ошиқона ва суханони орифонаи Исмати Бухороӣ дар замони Шоҳрух Мирзо шуҳрати азим ёфта буд ва мардумро аз мутоилаву мулоҳизаи суханони фузалои гузашта ёд наомадӣ”.

Мероси адабии Исмати Бухороӣ аз қасида, ғазал, рубоиёт, таркиббанд, мусаммат, қитъа, мухаммас, абёти пароканда ва баҳри тавил таркиб ёфтааст ва дар маҷмӯъ наздики 10 000 байтро фаро мегирад. Мутолиаи ашъори шоир гувоҳӣ медиҳанд, ки Исмати Бухороӣ дар қасидасароӣ ба шеваи сухани Хоқонии Шарвонӣ ва Анварии Абевардӣ ва дар ғазалсароӣ шеваи Амир Хусрав, Ҳофиз ва дигарон таваҷҷӯҳ доштааст.

Чунончи, дар қасидаи бо матлаи «Боз барафрӯхт чарх машъалаи офтоб// Парда зи рӯ баргирифт шоҳиди мушкинниқоб» як бор аз номи Анварӣ ёд мекунад, вале таркибу иборaҳо ва қолабҳои сухани ҳам Хоқонӣ ва ҳам Анварӣ эҳсос мегардад:

*Боз барафрӯхт чарх машъалаи офтоб,*
*Парда зи рӯ баргирифт шоҳиди мушкинниқоб.*
*Хусрави румӣ чу тег бар ҳашами занг ронд,*
*Саҳни фалак то ба лаб гашт пур аз хуни ноб.*
*Шоҳи зумуррадсарир чеҳраи намуд аз сипеҳр,*
*Субҳ чу бар пой кард хаймаи зарринтаноб.*

Низ дар касидаи бо матлаи «Боз барофрошт чатр шоҳи зумуррадҳисор» калимаю ибороти «шоҳи зумуррадҳисор», «румии оинадор», «тутақи рӯзгор», «зангии субҳ», инчунин тасвири субҳ, ки дар абёти шоҳид оварда шудаанд, бешубҳа натиҷаи бардошт аз тарзи сухани Хоқонӣ мебошад:

*Боз барофрошт чатр шоҳи зумуррадҳисор,*
*Кисвати савдо фиканд румии оинадор.*
*Шоҳиди хилватнишин боз ба ҷилвагарӣ,*
*Қуббаи симин намуд аз тутақи рӯзгор.*
*Субҳ чу дар ханда шуд лӯъбати ёқутлаб,*
*Зангии сарроф кард домани гавҳар нисор.*

Шоир дар қасида "Насирӣ" ва дар ғазал "Исмат" тахаллус кардааст.

Дар мавриди пайравии Амир Хусрав кардани ӯ шоире чунин ишора менамояд:

*Мир Хусравро алайҳираҳма шаб дидам ба хоб,*
*Гуфтамаш: "Исмат туро як хӯшачини хирман аст*
*Шеъри ӯ чун бештар аз шеъри ту машҳад гирифт".*
*Гуфт: "Боке нест, шеъри ӯ ҳамон шеъри ман аст"*

Асаре бо номи «Ҳалли румуз» низ ба ӯ нисбат дода шуда, дар бархе аз нусхаҳои "Девон"-и шоир маснавии ирфонии "Иброҳими Адҳам" низ вуҷуд дорад, ки ба рӯзгори орифи маъруф Иброҳим Адҳам вобастагӣ дорад.

Ашъори Исмати Бухороӣ ақидаҳои сиёсию иҷтимоӣ, афкори тарбиявию ахлоқӣ, танқиди рӯҳониёни мутаассиб, мазмунҳои ошиқонаю ҳаётдӯстонаро фаро гирифтааст. Ақидаҳои иҷтимоии шоир асосан аз масъалаҳои муносибати ӯ бо ҳаёт, муҳити зиндагӣ, тартиботи ҷамъият, аҳли ҷоҳу мансаб, шиква аз бенавоию қашшоқӣ иборат буда, дар шеърҳои панду ахлоқӣ инсонҳоро ба накӯкорӣ, қадршиносӣ, устувор будан дар сари мақсад, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ғанимат шумурдани умр даъват мекунад.

Нусхаҳои хаттии Девони Исмати Бухороӣ дар китобхонаҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон, китобхонаи

шаҳри Санкт- Петербург, китобхои маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфузанд.

Девоне, ки ба кӯшиши таҳиягар ва дилбохтаи адабиёт, шоир Исмоил Зарифӣ омодаи чоп гардидааст, дар асоси нусхаи таҳиянамудаи муҳаққиқи эронӣ Аҳмади Карамӣ, ки бори аввал соли 1366 ба табъ расидааст, ба хати кириллӣ таҳия шудааст. То ин вақт дар Тоҷикистон намунаҳои ашъори Исмати Бухорой дар ҷилди севуми китоби намунаҳои назми классикии тоҷик "Гулшани адаб" ва маҷмӯаи "Шоирони Мовароуннаҳр" ба нашр расида буданд.

Мураттиби мазкур чанд ғазал, як баҳри тавил ва чанд қитъаро аз китоби «Гулшани адаб» ва дигар маъхазҳо ба китоб афзудааст, ки айни замон бо фарогирии 79 қасида, 470 ғазал, 53 рубоӣ ва дигар ашъори шоир яке аз комилтарин осори Исмати Бухорой дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев Аҳмад. Масъалаҳои рушди адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XV (доираи адабии Самарқанд). Душанбе: "Бухоро", 2016. – 150 с.

2. Гулшани адаб. Намунаҳои назм иборат аз панҷ ҷилд. Мураттибон Аълохон Афсаҳзод ва Ҷобулқо Додалишоев. Ҷ.3. Душанбе, "Ирфон", 1976. - 384 с.

3. Исмати Бухорой. Девон. Ба кӯшиши Аҳмади Карамӣ. Теҳрон, Интишороти Толори китоб.-1366.-589 с.

4. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева.- Хуҷанд: Ношир, 2015.- 544 с.;

5. Хоҷа Исмати Бухорой. Девон. Дастнависи Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти шумораи 401.

6. Шоирони Мовароуннаҳр. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғату тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: "Адиб", 2006. 688 с. Саҳ.135-144.

# ҚАСОИД

## 1. ДАР СИТОИШИ ПАРВАРДГОР

Таолаллаҳ, зиҳӣ Қайюми доно,
Таолаллаҳ, зиҳӣ Ҳаййи тавоно.
Зиҳӣ гӯяндаи бенутқ нотиқ,
Зиҳӣ бинандаи бе дида бино.
Зиҳӣ қадрат зи ҳасру ҳад муназзаҳ,
Зиҳӣ зотат зи ҷисму ҷон мубарро.
Ту қоим бе ҳайуллоию сурат,
На сурат бе Ту қоим, на ҳаюло.
Ту будию Ту хоҳӣ буд доим,
На пастӣ буда пеш аз Ту, на боло.
На сунъатро ҷаҳонсозӣ ба олат,
На зотатро тавоноӣ ба аъзо.
Ту шоҳи ҷумла шоҳонӣ ба таҳқиқ,
Ба ҷуз Ту ҷумла исми бемусаммо.
На Афридун бар аҳкоми Ту молик,
На Афлотун зи асрори Ту доно.
Туро мезебад ойини ҳукумат,
Ба ҳукми Туст ҳукми ҷумла маҷро.
На аввал даври мулкатро, на охир,
На ҳамдам зоти покатро, на ҳамто.
Зиҳӣ қудрат, зиҳӣ ҳишмат, зиҳӣ мулк,
Зиҳӣ иззат, зиҳӣ рифъат, зиҳӣ ро.
Зиҳӣ дониш, зиҳӣ ҳикмат, зиҳӣ ҳукм,
Зиҳӣ бахшиш, зиҳӣ олову наъмо.
Зиҳӣ сунъат бино карда ба шаш рӯз,
Зи тахти хок то авҷи Сурайё.
Чӣ шаш рӯзу чӣ нуҳ гардун чу хоҳӣ,
Ба як дам сад чунин кардан муҳайё.
Ҷаҳонгарде зи даргоҳи Ту хуршед,
Камарбанде зи худдоми Ту ҷавзо.
Ту додӣ хокро бар об тамкин,
Ту кардӣ бесутун нуҳ хайма барпо.

В-агарна рӯзу шаб мушти духоне,
Чунин саргашта кай гаштӣ ба амдо?
Ба шаб гар заргарӣ нанмуд сунъат,
Кӣ кард овези анҷумро мутарро?
Ту худ овехтӣ чандин қанодил,
Дар ин фирӯзагун қасри муалло.
В-агарна кай чунин равшан намудӣ,
Машоъили нуҷум аз кохи мино.
Ту кардӣ аз ду гӯйи зар ба олам,
Сабоҳ аз шому шом аз субҳ пайдо.
В-агарна ҳар дам аз ҳайбат фатодӣ,
Маҳу хуршедро ларза бар аъзо.
Ту кардӣ аз гулу насрин музайян,
Бисоти хокро чун сатҳи хазро.
В-агарна аз кафи хоке чӣ хезад,
Ки аз сунъаш мусаввар гардад ашё?
Ту парвардӣ ба раҳмат қатраеро,
Ки шуд дурри самин дар қаъри дарё.
Вагарна аз кафи абре чӣ ояд,
Ки гардад дар садаф луълӯи лоло?
Ту он таъсир бахшидӣ ба хуршед,
Ки санге лаъл шуд дар қалби хоро.
Вагарна ҳарзагардеро чӣ қувват,
Ки ин санъат тавонад кард пайдо?
Ба хилватхонаи қурбат Ту кардӣ,
Малоикро ба тасбеҳи худ аъзо.
В-агарна ҷумларо дар айни такдис,
Ҳама тасбеҳҳо гаштӣ чалипо.
Ту кардӣ қатраи хунро муббадал,
Ба оби зиндагӣ дар сулби обо.
В-агарна кай чунин обе дар арҳом,
Шавад хун бозу сурат бандад аҷзо?

Ту додӣ рӯҳро улфат ба қолаб,
Ту бастӣ ҷисмро бо ҷон тавалло.
В-агарна бе мададгории ҷазбат,
Чӣ нисбат буд асфалро ба аъло?
Ду ҷузъи дидаро дар тоқи мушкин,
Ту худ кардӣ ба нури хеш бино.
В-агарна аз сияҳбахте назебад,
Задан бо чун Туе лофи тамошо.
Ту кардӣ лахти хунеро чунон пок,
Ки бинамудӣ дар он оина симо.
В-агарна дил куҷо он заҳра дорад,
К-аш ин савдо бияфтад дар сувайдо?
Ту додӣ завқи гӯёӣ забонро,
Ки шуд дар гулшани шукрат шакархо.
В-агарна кай расидӣ алканеро,
Ки тасбеҳи Ту ёрад кард иншо?
Ба чашмони сиёҳи фитнаангез,
Ту роҳи фитна бинамудию ғавғо.
В-агарна кай ба сеҳри ниммасте,
Шудандӣ аҳли дил маҷнуну шайдо?
Ту ҷаъди зулфро кардӣ мусалсал,
Ту чини турраро кардӣ мутарро.
В-агарна аз парешоне чӣ ҳосил,
Ки орад оламе дар қайди савдо?
Ту дар ёқут пинҳон кардаӣ дур,
Чунон к-андар шафақ иқди Сурайё.
В-агарна кай зи меҳри бевуҷуде,
Бибастӣ ҳамчу гул хун дар ҷигарҳо?
Ту аз хуршед кардӣ рух мусаввар,
Ту аз сарв офаридӣ қадду боло.
В-агарна кай аз ин Маҷнун шудӣ ҷон,
Зи шакли он кай афтодӣ дил аз по?

Чу шуд таркиби инсонӣ мусаввар,
Ҷамоли хеш бинҳодӣ ба саҳро.
Агар н-омухтӣ илм аз ту Одам,
Чӣ донистӣ башар тафсили асмо?
Ту улвирову суфлиро ба як бор,
Дар ин ганҷи ҳидоят кардӣ ихфо.
Ки чун хатму-ур-расул гардад падидор,
Ҳама асрор аз ӯ гардад ҳувайдо.
В-агарна ғайр аз ӯ касро чӣ заҳра,
Ки ёрад кард ҳалли ин муаммо?
Агар лутфат нагуфтӣ роз бо Нӯҳ,
Кӣ додӣ хокро ташрифи наҷво?
Ту кардӣ бар Халил оташ гулистон,
Ки шуд бо ҳуляи хиллат муҳалло.
В-агарна кай зи тифли буттароше,
Шикастӣ обрӯи Лоту Уззо?
Ту додӣ ҳусну зебоӣ ба Юсуф,
Ки зебоӣ зи рӯяш гашт зебо.
В-агарна хилту хунеро чӣ заҳра,
Ки гардад офтоби оламоро?
Ту бинмудӣ ҷамоли худ ба Довуд,
Чу шуд мафтун, бихондӣ сӯят ӯро.
В-агарна ҳар кӣ шуд парвонаи Ту
Зи шамъи дигарон ӯро чӣ парво ?
Дигар бораш Ту дар айни хиҷолат,
Ба афви хеш фармудӣ мадоро.
В-агарна кай шудӣ ҳаргиз мушарраф,
Гунаҳгоре ба ташрифи Ту абқо?
Ту ниъмалабд гуфтӣ бо Сулаймон,
Ки инсу ҷон мусаххар карду мавло.
В-агарна кай зи мулки «Рабби ҳаблӣ»,
Расад занбилбоферо таманно.

Ту дар торикии водии Айман,
Намудӣ аз дарахт оташ ба Мӯсо.
В-агарна кай тамаъ будӣ лиқоят,
Куҷо хоку куҷо нури таҷалло?
Ту бинмудӣ яди байзо ба Фиръавн,
Ту шакли аждаҳо додӣ асоро.
В-агарна кай тавонистӣ шубоне
Сафи қибтӣ фурӯ бурдан ба дарё?
Ту будӣ мояи эҳё дар он дам,
Ки гил шуд мурғ аз анфоси Масеҳо.
В-агарна чун кунад бехонумоне,
Ба анфоси масеҳӣ мурда эҳё?
Барои нашри аҳкоми нубувват,
Ту эҳё кардаӣ динро ба Яҳё.
В-агарна кай шудӣ мунзал ба номаш,
«Ва отайно лаҳу-л-ҳукма сабиё» .
Ту кардӣ бар сафои зайли Марям,
Дурӯза тифлро дар маҳд гӯё.
В-агарна бегуноҳеро кӣ додӣ,
Зи расвоию бадномӣ табарро?
Ту афкандӣ зи мавлуди Муҳаммад,
Ҳазорон каср дар айвони Кисро.
В-агарна кай ба ирсоли ятиме,
Шудӣ сирри набувват ошкоро.
Гар аз ту нестӣ фазлу ҳидоят,
Кӣ гардондӣ қарин «ло»-ро ба «илло»?
Ту кардӣ аз ду куфр имон падидор,
Чунон к-аз лавсу дам шири мусаффо.
Агар лутфат набастӣ раҳ ба Иблис,
Чунин малъун куҷо гаштию расво?
Ту кардӣ муҷтамаъ дар луҷҷаи баҳр,
Ду оби талху ширинро ба як ҷо.

Ту бӯстон кардаӣ ҷаннат бар аҳбоб,
Ту нирон кардаӣ дӯзах бар аъдо.
Худовандо, гунаҳгор аст Исмат,
Аҷал наздику маргаш дар тақозо.
Ба айби дигарон борикбин аст,
Зи диди айбу нуқсони худ аъмо.
На аз ҷуду ато дорад таҳошӣ,
На аз ҷурму гунаҳ дорад муҳобо.
Гунаҳгор асту гум карда раҳи рост,
Дилафгор асту маҳрум аз мудово.
Сияҳрӯе, баде, бадрӯзгоре,
На имрӯз эман аз оташ, на фардо.
Саги саргаштаи бехонумоне,
Чу саг гаҳ дар фиғону гаҳ алоло.
Ҳам аз сармояи хайрот муфлис,
Ҳам аз пирояи тоат муарро .
Ба ҳаққи он ки ташрифи ту овард,
Ба қаддаш хилъати лавлок зебо.
Худовандо, ба ҳаққи он ки пешаш,
Ҳасо тасбеҳхон шуд, барра гӯё.
Ба ҳаққи он ки ронд аз қофи қурбат,
Буроқи азм дар авҷи «ав адно».
Ба ҳаққи он ки то ҷое баромад,
Ки Ҷибрили амин вомонд он ҷо.
Ба ҳаққи он ки ҷудаш дар ғазое
Сипоҳе сер кард аз баҳри ҳайҷо.
Ба ҳаққи он к-аз ангушти ҳилоле,
Ду нима кард ҷирми маҳ ба имо.
Ба садре к-аз даҳ ангушти ҷаводаш,
Ба як дам карда ӯ даҳ чашма иҷро.
Ба ҳаққи рӯйи сурхи Оли Ёсин,
Ба ҳаққи обрӯйи Оли Тоҳо.

Ба ҳаққи рӯйи зебои Муҳаммад,
Ба иқболи ду нури чашми Заҳро.
Ба ҳаққи Хоҷаи Қанбар, ки дар ҳашр
Зи Кавсар аҳли ҷаннатрост саққо.
Ки он соат, ки бо сад ноумедӣ,
Ҳама бори сафар бандам аз ин ҷо.
Маро ҷуз номи худ ҳарфе маёмӯз,
Маро ҷуз ёди худ коре мафармо.
Ҷаҳондоро, Раҳимо, дастгиро,
Худовандо, Каримо, подшоҳо.
Фақирам, такя бар лутфи Ту дорам,
Надорам ҷуз дари бози Ту маъво.
Дар он соат, ки аз ҳавли қиёмат,
Зи ҳайбат хун ба ҷӯш ояд дар аъзо.
Дар он соат, ки дар қаъри ҷаҳаннам,
Бияфтад оташ андар габру тарсо.
Ба ҳаққи он ки Қаҳҳорию Қодир,
Ба ҳаққи он ки Қайюмию доно.
Карам кун в-аз дари дӯзах ба лутфам,
Сари роҳи қабули хеш бинмо.
Ба рӯйи ҳар кӣ ҳамроҳи ман ояд,
Даре аз равзаи фирдавс бикшо.
Чу дар ҷаннат равем, он гаҳ Ту донӣ,
Салоҳи мо Ту беҳ медонӣ аз мо.

## 2. ДАР СИТОИШИ АМИР-АЛ-МУЪМИНИН АЛӢ ИБНИ АБИТОЛИБ (РАЗ)

Эй зи анфоси қабулат гулшани дин хушҳаво,
Ақли кулл дар боғи ҷудат булбули дастонсаро.
Ройи хуршединтисобат офтоби безавол,
Суддаи гардунҷанобат сидраи бемунтаҳо.
Дину давлатро зи мулкат чеҳра бо ҳусну фурӯғ,
Боғи донишро зи табъат кор бо баргу наво.

Дар гулистони вилоят тӯтии ширинсухан,
Дар саробӯстони ваҳдат андалебе хушнаво.
Табъи донишпарварат мифтоҳи абвоби футуҳ,
Ақли софиҷавҳарат кашшофи сирри «Ҳал ато».
Шуълаи теғат баёзи рӯи гулгуни сабоҳ,
Рашҳаи килкат саводи рӯи мушкини масо.
Кавкаби бурҷи вилоят, хусрави иқлими шаръ,
Шери майдони хилофат, волии кишваркушо.
Қувватат гар дасти кин дар ҳалқаи гардун задӣ,
Ҳафт торамро рабудӣ чун дари Хайбар зи ҷо.
Мазҳари нури ҳақиқат матлаъи хуршеди шаръ,
Гавҳари дурҷи тариқат дурри баҳри «ло фато».
Соқии Кавсар, имом-ал-мутаққин, фахри-ул-умам,
Хоҷаи Қанбар, амир-ал-муъминин, каҳф-ул-варо.
Дуррат-ул-тоҷи расолат, нури чашми маърифат,
Қуррат-ул-айни Аби Толиб Алии Муртазо.
Офтоби авҷи иззат, маҳрами Рӯҳуламин,
Шоҳбози қофи қурбат, ибни амми Мустафо.
З-обрӯи зулфиқорат гулшани дин борвар,
В-аз кафи дарёнисорат боғи ирфон дурнамо.
Муршиди илмат ба мифтоҳи хирад бар рӯйи халқ,
Сад дари дониш кушода аз «Алийюн бобуҳо».
Оламеро мазҳари нури вилоят кардаӣ,
Марҳабо, эй офтоби авҷи раҳмат, марҳабо.
Эй далели равшани ақли ту аз теҳи залол,
Аҳли исёнро сӯи мулки ҳақиқат раҳнамо.
Хокрӯби суддаи ҷоҳат ҷабини аҳли мулк,
Хӯшачини хирмани файзат укули авлиё.
Бандагонат дар ҳидоят, чокаронат дар шараф,
Аҳли донишро имому аҳли дилро пешво.
Аз саводи нӯги килкат ламъаи хуршеди шаръ,
Чун зи шоми қадр толеъ офтоби «ва-з-зуҳо».

Хатти мушкинсунбулат дебочаи маншури мулк,
Акси наъли Дулдулат оинаи гетинамо.
Гар Халилуллаҳ зи гил шуд бонии Байтулҳаром,
Ҳаст маъмур аз вуҷудат каъбаи сидқу сафо.
Гар Сулаймонро кашидӣ боди шодурвони мулк,
Оли Ёсинро зи ту бар арш месояд ливо.
Зулфиқор андар кафат суъбону эъҷози Калим,
Дар сари дастат қалам чун дар яди байзо асо.
Гар Масеҳо зинда кардӣ мурда, лутфат мекунад
Мурдагони маъсиятро зиндаи дорулбақо.
Эй ба даврони атоят хушклаб дарё зи шарм,
Эй зи борони сахоят дар арақ абр аз ҳаё.
Пургул аз файзи вуҷудат навбаҳори маърифат,
Пурдур аз домони ҷудат ҷайбу домони вафо.
Аз ғубори хоки поят ҷайби ризвон пурабир,
В-аз насими ҷонфазоят боғи ҷаннат хушҳаво.
Аз саҳоби раҳматат ганҷи ҳидоят пургуҳар,
В-аз фурӯғи ҳимматат дурри вилоят бобаҳо.
Мусҳафи қадрат ду оят омад аз илму карам,
Ин бар афзолат далелу он бар эҳсонат гуво.
Дар раҳи ҷаннат аниси садри девони биҳишт,
Дар сафи ҷаннат ҷалиси Хоҷаи ҳар ду саро.
Як ҳақиқатро зи мазҳар гар ҳамехоҳӣ маин,
Ҳайдари Карорро ҳамрози хатму-л-анбиё.
Ман киям Лайлию Лайлӣ кист, ман дар шони ӯст,
Дар раҳи маъно набошад ишқу рӯҳ аз ҳам ҷудо.
Лаҳмуку лаҳмӣ далели иттиҳоди маънавист,
Лам якун фил-мулки фарди ғайрукум таҳта-р-ридо.
Чашми суратбин дубин омад, бипӯш аз ғайраташ,
Як ҳақиқат бинӣ ар софӣ кунӣ оинаро.
Эй чу Аҳмад аз камоли иззату тамкин зада,
Баргоҳи мулк дар хилватсарои Кибриё.

Гар набудӣ сиратат чун дафтар гул тай шудӣ,
Номаи ҳилму шуҷоат, дафтари илму сахо.
Ҳар куҷо рӯйи ту зикри чашмаи хуршед саҳв,
Ҳар куҷо бӯйи ту ёди нофаи мушкин Хито.
То ба Аҳмад навбати шоҳӣ задӣ зери гилем,
Кӯйи Кисро дар шикасту мулки Қайсар дар ҳабо.
Аз либоси фақрат ар гардун рабояд вуслае,
Чун алам бар остин дӯзад шаҳи зарринқабо.
Шамъи роят базми суккони фалакро нурбахш,
Хоки поят чашми аъёни малакро тӯтиё.
Карда номатро қазо тавқеи фармони қадар
Хонда ҳукматро қадар туғрои маншури қазо.
Ҳаминони барқи ломеъ зулфиқорат рӯзи разм,
Ҳамрикоби боди нусрат роятат гоҳи ваға .
Аз саводи қанбарат пуранбари соро биҳишт.
В-аз баёзи ханҷарат субҳи саодат босафо.
Як ниҳоли ахзар аз боғат имоми заҳрнӯш,
Як гули аҳмар зи гулзорат шаҳиди Карбало.
Гар заифу нотавонам в-ар наҳифу дардманд,
В-ар асиру мубталоям в-ар фақиру бенаво.
Фахрҳо дорам, ки ҳаст аз ҳубби Оли Ҳайдарам,
Давлате беинқитоъу иззате беинқизо.
Подшоҳо, ҳар асиреро паноҳе воҷиб аст,
Ман надорам ҷуз ба зайли эътисомат илтиҷо.
Дардманди ғафлатам, дар роҳи маънӣ додаанд
Дар кафи дасти ту мифтоҳи дари дор-уш-шифо.
Аз шифо ҳам шарбате деҳ, то тавонам ёфтан,
Ранҷи ғафлатро шифою дарди исёнро даво.
Гарчи гумном аст, Исмат, лекин аз рӯйи насаб,
Ҳам зи Оли Ҷаъфар асту ҳам зи насли Муртазо.
Зинати Заҳро чу шуд бо нури Ҷаъфар ҳамфирош,
З-он Алиро зинате шуд, к-ӯст асли насли мо.

З-он Насирӣ нусрати дин мекунад, к-аз як тараф,
Нисбаташ бо зумраи ансор дорад интиҳо.
Нест ҳадди сад чу ман к-андар сафи озодагон,
Лофи фарзандӣ занам бо дудмони истафо.
Ман киям, то хешро з-ин хонадон хонам, валек
З-интисоби бандагон кай ор дорад подшо?
Подшоҳо, сонеъо, он дам ки бар номи ҳабиб,
Дар сафи қуддусиён лутфат барафрозад ливо.
Зилли раҳмат вомагир аз мухлисони аҳли байт,
Ҷумларо раҳмат фиристу аз пайи эшон маро.

## 3.ДАР СИТОИШИ МИРЗО УЛУҒБЕК

Эй хаймаи шоҳӣ зада бар торами хазро,
Қадрат алам афрошта бар авҷи Сурайё.
Аз сайқали хоки қадами туст, ки ҳар рӯз,
Оинаи ховар шавад аз занг мусаффо.
Ҳар ваъдаи рифъат,ки ба нуҳ судда  қазо дод,
Имрӯз фиканд он ҳамаро чатри ту аз по.
Ҳар субҳдам аз завқи тамошои ту хуршед,
Бар қадди фалак чок занад фӯтаи дебо.
Он дам ки ҳумои карамат соя фурӯ ҳишт,
Бар кунгураи қуббаи гардуни муалло.
Хуршед дар он парда магар соянишин буд,
К-имрӯз диҳад нури ҳидоят ба ҳама ҷо.
Ҳар шаб зи ғубори қадамат сурма кашад меҳр,
То субҳ ба урдуи ту ояд ба тамошо.
Бинад рухи туркони камарбанди ту аз дур,
Чун обиди бемор кунад саҷда ба имо.
Хуршед чу дар хиргаҳат ояд зи ниҳебаш,
Ҳамчун тани масруъ фитад ларза бар аъзо.
Аз шавқи ғуломии дари бози ту гардун,
Ҳаргиз накушояд камари бастаи Ҷавзо.

Эй сидрачанобе, ки фалак бо ҳама рифъат,
Шуд бандаи қадри ту, зиҳӣ ҳиммати воло.
Ҷамшеди дувум, шоҳи фалак, рутба, Улуғбек,
К-аз лутфи ту навшуд дами эъҷози Масеҳо.
Эй афсари давлат, ба вуҷуди ту сарафроз,
В-эй хилъати мулк, омада бар қадди ту зебо.
Тай карда бароти карамат номаи Ҳотам,
Бишкаста шукуҳи хадамат шавкати Доро.
Бод аз дари бози ту насиме ба чаман бурд,
Пурнофа шуд аз раҳгузараш домани саҳро.
Дар базми ту то ҷилва кунад лола зи шабнам,
Сад дукмаи дур дӯхта бар ҷуббаи воло.
Наргис чӣ кунад, гар накунад майл ба сӯят,
Худ кӯр чӣ хоҳад ба ҷуз аз дидаи бино?
Шуд бандаи қадди ту дили сӯхтаи ман,
Оташ чӣ кунад, гар накунад майл ба боло?
Дар навбати мулки ту, ки пайваста чунин бод,
Гумном нашуд кас,ба ҷуз аз фитнаву ғавғо.
Гар шуъла занад теғи ту бар маъдани ёқут,
Сад чашмаи хун баркашад аз сахраи саммо.
Дар дасти ту шамшери ҷаҳонгири ту нав кард,
Хосияти Суъбону Калиму яди байзо.
Теғи ту чунон тезравӣ кард, ки имрӯз,
Бистурд руқуми ситам аз сафҳаи фардо.
Гар шуъла занад ханҷари хунрези ту дар баҳр,
Дурдонаи ёқут шавад дар дили дарё.
Дар маърака дасти ту гаҳи ҳалқарабоӣ,
Дар найза кашад ҳалқаи нуҳтӯи фалакро.
Тири ту чунон тезрав омад, ки рабояд,
Холи сияҳ аз чеҳраи зангӣ шаби ялдо.
Дар маърака ҳар кас чу бигиранд мақоме,
Манзил накунад тири ту ҷуз дидаи аъдо.

Гар наъли саманди ту чу хуршед занад барқ,
Сад сурати фатҳ ояд аз он оина пайдо.
Дар рӯзи вағо ҳайбати теғи ту чунон аст,
К-аз табъи маҷонин бибарад иллати савдо.
Азбаски зи шамшеру синони ту чакад хун,
Пурлолаи сероб шавад арсаи ҳайҷо.
Бим аст, ки аз хиҷлати хатти ту Аторуд,
Бар оташи хуршед ниҳад дафтари иншо.
Дар ҷилвагаҳи маърака бар кулли салотин,
Зоти ту бичарбад ба хусусияти аҷзо.
Илму караму ҳусну шуҷоат зи вуҷудат,
Маҷмуъ расида ба камоли мутаманно.
Шоҳо, манам он бандаи мухлис, ки надорам,
Ҷуз хоки дарат дар ду ҷаҳон манзилу маъво.
Дорам ҳаваси он ки чу хуршед битобад,
Баъд аз аҷалам хоки ҷаноби ту зи симо.
Фардои қиёмат чу сар аз хок барорам,
Ҷӯям ба сагони дари бори ту тавалло.
Гар пеши ту мирем, зиҳӣ давлати ҷовид,
В-ар хоки ту гардем, зиҳӣ неъмати узмо.
Меомадам аз дида қадам сохта сӯят,
То аз ту расад дарди мазаллат ба мудово.
Як ҳарф зи тавқеъи ту бас буд, чӣ ҳоҷат,
К-ояд ба дари хона муҳассал ба тақозо?
Исмат, ба ҳама талхии ишрат ҳама раҳ буд,
Чун тӯтии қудсӣ ба санои ту шакархо.
То ҳар саҳар аз баҳри шараф хусрави ховар,
Сар барзанад аз кунгураи қалъаи мино.
Чун ҳусни фалак қалъаи мулки ту ҳасин бод,
Бар чарху замин қоидаи ҳукми ту маҷро.

## 4.ДАР СИТОИШИ МУҲАММАД ҶАҲОНГИР

Эй зи мушк афканда зулфат соябон бар офтоб,
В-аз ғубори хат зумурад суда бар ёқути ноб.
Ғолия бар лаъл дорӣ, лаъл ҳам тунги шакар,
Шаккар андар зарраву зарра ниҳон дар офтоб .
То гулат дар сунбул асту настаран дар сабзазор,
Лола дар барги бунафша, арғувон дар мушки ноб.
Ҷуз руху зулфу лабу дандони ту сурат набаст,
Гул бар аз шохи зумррад ғунча бар дурри хушоб.
Ман зи чашму дил дар обу оташам, з-он рӯ, ки ҳаст
Обаш андар қалби оташ, оташ андар айни об.
Соате дар ханда рав, то ман бигирям хун зи чашм,
Ту зи лаъл афшон гуҳар, ман аз шабаҳ ёқути ноб.
Кай кунад наргис ба он чашми сияҳ нисбат дуруст,
Ҳар дам ар сад раҳ бишӯяд чеҳра бо мушку гулоб?
Ҷуз қади нозукхирому рӯйи гулрангат куҷо,
Сарв дар қайди ҳарину моҳ дар банди ниқоб.
Доми зулфатрост дар  ҳар ҳалқае сад ҷон асир,
Чашми мастатрост дар ҳар гӯшае сад дил кабоб.
Лаъли дилҷӯи ту дорад хандаеву сад фиреб,
Чашми ҷодуи ту дорад ғамзаеву сад итоб.
Ман гаҳе девона, гоҳе беқарорам, то туpост
Наргис андар нозу шева, сунбул андар печутоб.
Ё Раб, он чашм аст дар меҳроби абрӯ хуфта маст,
Ё худ оҳуи Хутан бар хирмани гул рафта хоб?
Кай ба рӯйи кас дари фитна кушодӣ рӯзгор?
Чашми мастат гар ба хунрезӣ накардӣ фатҳи боб.
Дар тамоннои ту бошад дӯзахам нозу наъим,
Бе тамошои ту бошад ҷаннатам ранҷу азоб.
Дар сафи хуршедрӯён чун ту кас ҳаргиз надид,
Номусулмони ситамгар, кофари ҳозирҷавоб.
В-аз ситамҳои ту, инак, дод хоҳам хостан,
Бар дари давлатсарои хусрави олиҷаноб.

Офтоби дин Муҳаммад,он ҷаҳонгире, ки ҳаст,
Теғи хунрезаш синони мулкро моликриқоб.
З-офтоби теғаш ар бар кӯҳ тобад шуълае,
Дар уруқаш чашмаҳо бикшояд аз лаъли музоб
Бехато пайвайста тираш меравад дар чашми хасм,
Солҳо шуд то бар ин сон меравад роҳи савоб.
Баски борони бало борад зи абри новакаш,
Шояд ар бунёд умри душманон гардад хароб.
Хусраво, то ром ғилмонат шавад бар хинги чарх,
Зини зар хуршеду ҷирми моҳи нав бандад рикоб.
Ҳар куҷо хайли ту бар қатли аъодӣ саф кашид,
В-аз саҳоби тири новак рехт борони итоб.
Ончунон пур шуд зи хуни душманон майдони хок,
К-осмон бар рӯйи дарё шуд шиновар чун ҳубоб.
Дар сафи размат зи кини садди сипоҳ андеша нест,
Кай хӯрад Рустам ниҳеб аз шавкати Афросиёб?
Ҳар куҷо тобад чароғи базм, камтар чокарат,
Машъали анҷум намояд кам зи шамъи нимтоб.
Бахшиши дарё адам шуд чун кафат бахшид файз,
Баҳр чун дар ҷӯшиш ояд, бод паймояд туроб.
Аз фурӯғи базми фаррошони камтарчокарат,
Ҳар саҳаргаҳ мебарад парвона нури офтоб.
В-он гаҳ аз баҳри сабухи мутрибонат бандавор,
Пешат аз ёқути аҳмар мекашад ҷоми шароб.
Зуҳра меояд ба базмат ҳар шабу хуш мекунад,
То саҳар гӯши нишот аз нағмаи чангу рубоб.
Рӯзгоре ҳамчу саъди акбарат парвард мулк,
Шуд ҷаҳон равшан чу бо хуршед кардӣ интисоб.
Вуслати волӣ далели интизоми давлат аст,
Қуввати дин буд пайванди набӣ бо Бӯтуроб.
Рӯзу шаб сад муштарӣ гирди ҳарими давлатат,
Мекунад аз ҳар ғуломе толеъи саъд иктисоб.
Ин саодатро ба зорию дуо мехост даҳр,
Миннат Эздро, ки шуд боз ин дуоҳо мустаҷоб.

Муждахоҳон ҳар замон иқбол мегӯяд ба бахт,
«Ин ки мебинам ба бедорет, ё Раб, ё ба хоб?»
Гар ҳамехоҳӣ, ки шоҳон рӯй бар поят ниҳанд,
То бувад умр аз ҷаноби шаҳриёрӣ рух матоб.
Ҳосиди ҷоҳат ба марги хеш хоҳад ҷон супурд,
Тир бар ҷони уқоб ояд ҳам аз пар бар уқоб.
Ҳар куҷо ту базмгоҳи ишрат оройӣ шавад,
Пистаи шакарлабон нуқлу дили мастон кабоб.
Эй сабо, гар ногаҳон сӯйи Хуросон бигзарӣ,
Зуд сӯйи боргоҳи хусрави аъзам шитоб.
Баъд аз он бар хоки навмедӣ бинеҳ рӯйи ниёз,
Гар саги он дар зи Исмат пурсад ин гӯяш ҷавоб:
«Солҳо шуд аз дуогӯёни хоси ҳазрат аст,
Ҷуз бар ин дар сар намеорад фуруд аз ҳеҷ боб.
Ҳар кучо ҳасту ба ҳар ҷое, ки бошад то ба ҳашр,
Ҷуз ҷаноби шаҳриёрӣ несташ ҳусн-ал-маоб.
Гар назарбозе чу султон н-омадӣ бар рӯи кор,
Наварӯси фикраш аз рух кай барафкандӣ ниқоб?
Фурсати фикраш замоне буд агарна сохтӣ,
Аз санои хусрави офоқ пурдурри хушоб.
Нотавонӣ аз чунин ҳазрат ҷудо медорадаш,
В-арна аз ҳиҷрон кӣ дорад хештан дар печутоб?
Ҳамраҳаш дарду ғам асту ҳамдамаш зорию оҳ,
Маркабаш нафси заифу тӯшааш ранҷу азоб.
Қисса кӯтаҳ кун, бигӯ, ҷуз боргоҳи шаҳриёр,
Бозгаште несташ, валлоҳу аълам-би-с-савоб.
То бувад дар тоқи абрӯи бутон чашми сиёҳ,
Аз шароби нозу шева рӯзу шаб масту хароб.
Субҳу шом аз бодаи нозу тараб сармаст бош,
То ба айш аз наварӯси бахт гардӣ комёб.
Рифъати ҷоҳи ту бодо бартар аз таври қиёс,
Муддати умри ту бодо хориҷ аз ҳадди ҳисоб.

## 5.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Чун дами туғён занад қулзуми заххори шаб
Луҷҷаи қир афканад завраќи зар сӯйи лаб.
Гунаи зоғи сияҳ чун пари тӯтӣ шавад,
Чун парад аз  доми шаб сунқури зарринасаб.
Румии мо табли зар баста бар ашҳаб саҳар,
Заварақ симин ба каф хотам аз ӯ дар ҳараб.
Байзаи байзо диҳад анфаъи анбарҷасад,
Аҷвали симин кашад, ахяли мушкинзанаб.
Бар сари чохи зулам, Бежани зарринмаҳан,
Баркашад аз дӯши шаб ҷавшани симинсақаб.
Лашкари анҷум саҳар соиқабор омада
Сӯхта айши ҳабаш рояти мушкинқасаб
Бӯта бар оташ ниҳаб сонеъи хур, то кашад
Бар сари хони саҳар гирдаи гарм аз заҳаб.
Маҳмили байзо бар ӯ қофиласолори рӯз,
Манзили савдо барад, машъалапардози шаб.
Чун раҳад аз саҳни шаб Юсуфи зарпоши рӯз,
Хозани шар хонадаш, бандаи фаррухлақаб
Қулзуми мушкини шаб, собиту сайёрааш,
Ламъаи маҳ оби ӯ, пайкари анҷум инаб.
Қотиъи асмори ӯ Хусрави Чин то саҳар,
Меваи ширин кашад бар шаҳи Ҳайдарҳасаб
Шоҳ Улуғбеки Ҷамҳашмати Доро - ҳадам,
Сарвари ҷайши аҷам, сафдари ҷунди араб
Рофеъи тахту ливо, дофеъи зулму бало,
Ҷомеъи лутфу ато, қомиъи ранҷу насаб.
Эй зи ту аъло шуда, рутбаи чатру алам,
В-эй зи ту воло шуда пояи тахту хутаб.
Муктасаб омад ҳакам, мавҳи ба мулку ҳашам
Эй ба ту мақрун ба ҳам мавҳиба бо мактасаб
Дар азал аз атсаи фикри ту шуд то абад,
Гулшани маъно пур аз нафҳаи илму адаб.

Омад аз аввал қалам муншии асрори кулл,
Ақли ту лавҳе, ки шуд, ҷумла бар ӯ мактасаб.
Нузҳати офоқро раҳмати ту шуд ҷиҳат,
Қисмати арзоқро ҳиммати ту шуд сабаб.
Ҷуди ту ҳукм ар кунад, то дами маҳшар диҳад
Ноқаи хирқо лабан, соқаи хурмо рутаб.
Дасти ту баҳри ато,мулки ту андар бараш
Рӯзу шаб андар се нун моҳии  зарринсалаб.
Қаҳри ту ҳассодро мавруси дарду алам,
Лутфи ту аҳбобро боиси айшу тараб.
Эй шуда вақти хато омада гоҳи ато,
Ҳайбати ту муҳтасиб, раҳмати ту муҳтасаб.
Каъбаи ҳоҷат туӣ, аз пайи он мекашад,
Муҳмили ғилмони ту бухтии зарринқасаб.
Хасми ту сард фил агар дар сифат орад, шавад
Соиқа сиҷҷилваш роҳии ӯ рӯзу шаб.
Гар расад овозаи адли ту  берун барад
Аз сари Лайсу Нумар мояи қаҳру ғазаб.
Мавкаби хасми туро теғи ту чун пай барад,
Чашмаи хун ҷӯшадаш то дами ҳашр аз асаб.
То абад андар дуъо кам шуда фавҷи ъадо,
Роҷили ӯ нори ҷал, рокиби ӯ нори каб.
Реҳи ту холишикам з-он шуда то дам ба дам,
Хун хӯрад аз ҳар ҷигар дар сафи кин аз шаъаб.
Маърака чун ҳашргаҳ, мавкаби шоҳ ҷаннаташ,
Оташи теғаш сақар, ҷуссаи аъдо ҳатаб.
Аз тани пурноваку найзаи аъдо аҷал,
Бар сари оташ ниҳад тудаи шавку хашаб.
Мавсими дай, хусраво, зад дами сарде, ки шуд
Ҳиддати ӯ қотиъу мояи гармӣ зи таб.
Чун барад афсурда дар машъалу миҷмар шарар,
Чун чамад афтода дар кӯраи конунлаҳаб.

Луҷҷаи баҳр аз ҳаво гунбази Мино шуда,
Панҷаи симин зада бар сари исён шаъаб.
Оқибат аз мақдами баҳману дай чун ҳамал,
Пургулу сероб шуд аз пайи чандин таъаб.
Домани афве фикан бар сари ӯ,гар бувад
Зоҳири алфози ӯ ноқису номунтахаб.
Аз пайи наҳби ҳабаш Хусрави Чин то саҳар,
Бар кашад аз аҳди шаб ханҷари зарринситаб.
Теғи ту бодо, шаҳо, дар сафи кин дам ба дам,
Носиби ҳарбу дамар қотили шаъбу усаб.
Хиргаҳи иқболи ту хонаи суру ғино
Хаймаи ҳассоди ту манзили оҳу надаб.

## 6.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Боз барафрӯхт чарх машъалаи офтоб,
Парда зи рӯ баргирифт шоҳиди мушкинниқоб.
Хусрави румӣ чу теғ бар ҳашами занг ронд,
Саҳни фалак то ба лаб гашт пур аз хуни ноб.
Шоҳи зумуррадсарир чеҳра намуд аз сипеҳр,
Субҳ чу бар пой кард хаймаи зарринтаноб.
Субҳ чу бози сафед бол кушод аз шафақ,
Байзаи симин ниҳод дар даҳани ӯ ғуроб.
Шуъбадабози сипеҳр маърака чун гарм дид
Бар сари офоқ рехт ҳуққаи дурри хушоб.
Меҳр чу аз зовия нури вилоят намуд,
Чеҳраи мақсуд дид чашми ҷаҳон бе ҳиҷоб.
Кард малак минбар аз ҳафт фалак, то кунад
Хутба ба номи ту, эй хусрави олиҷаноб.
Рустами соҳибқирон шоҳи Халил,эй ки ҳаст
Лашкари бадхоҳро теғи ту моликриқоб.
Дам ба дам аз ҷавҳари теғи ту гӯяд нишон,
Чунки шавад муҷтамаъ оташи сӯзон ба об.

Рӯзи вағо дар сафи лашкари гарданкашон,
Кас нагузида ба ҷуз тири ту роҳи савоб.
Гавҳари теғи ту чун шӯъла занад рӯзи разм,
З-оташи ҳайбат шавад гурдаи гурдон кабоб.
Теғи ту чун сар кашид гардани хасмон шикаст,
Раҷми шаётин кунад чун бидурахшад шиҳоб.
Хотами мулки турост ҷавҳари нусрат нигин
Хилъати теғи турост хуни аъодӣ хизоб.
Аз сифати амри туст хок гирифта қарор,
В-аз асари қаҳри туст дар дили бод изтироб.
Рухсати ҳазми ту дод ҷурми заминро сукун,
Ҳайбати азми ту дод чархи фалакро шитоб.
Пур зи лаолӣ кунад домани офоқро,
Абр агар ёбад аз ҷуди ту як фатҳи боб.
Баҳри саноят зи хок сабза барорад забон,
Чун ба баҳорон чакад сел зи чашми саҳоб.
Мамлакат ором ёфт чун ту шудӣ подшоҳ,
Бахт чу бедор гашт, фитна дарояд ба хоб,
Салтанати ҷуд аз он пеши ту мерос монд,
Баҳраи Кайхусрав аст ҳашмати Афросиёб.
Ёфт зи меҳнат наҷот ҳар кӣ дар ин дар нишаст
Муътакифони биҳишт бехабаранд аз азоб.
Ҳеҷ намояд ба қадр пеши ту нуҳ осмон,
З-он ки надорад вуҷуд зарра бари офтоб.
Шояд ар аз номи ту зинда шавад Анварӣ,
То суханони бадеъ аз ту кунад иктисоб.
Аз ғами бедонишон номи ҳунар мурда буд,
Зинда шуд акнун, ки боз ёфт ба ту иктисоб.
Субҳи иноят дамид, гӯй зайри дуъо,
З-он ки зи аҳли ниёз ҳаст дуъо мустаҷоб.
То ки зи сайри фалак в-аз мадади меҳру моҳ,
Аз шаҷари зиндагӣ баҳра барад шайху шабоб
Давлати хасми ту бод тира чу айёми шайб,
Муддати умри ту бод тоза чу аҳди шабоб.

## 7.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Дар ин ду рӯза, ки боғ аз бунафша борвар аст,
Ба айш кӯш, ки бунёди умр баргузар аст.
Даҳон ба рӯза макун хушку базми айш орой,
Кунун, ки аз майи гулгун лаби пиёла тар аст.
Чаро яқин накунӣ рӯзу шаб ба майхорӣ,
Ки бохабар зи баровардани дами дигар аст?
Ба рағми гӯшанишинон бинӯш бода зи ҷом,
Ки раҳ ба кӯйи саломат тариқи пурхатар аст.
Ба ғайри нозу танаъум чиро гузорад умр,
Алалхусус касеро, ки ёр дар назар аст
Ба нуқлу бода касе базми айш орояд,
Ки аз ҳақоиқи асрори айш бохабар аст.
Ба нозу айш чӣ хоҷат маро, ки ҳар нафасам,
Бар остонаи хусрав ҳазор карру фар аст.
Сипеҳри мартабаи султон Халили подшаҳе,
Ки қурси меҳр зи хонаш камина моҳазар аст.
Ҷаҳони ҷуду карам шоҳи офтобато,
К-аз абри ҷуди ту домони мулк пургуҳар аст.
Яке зи хайли ғуломони ҳазратат ҷавзоӣ,
Ки шом то саҳараш бар миёни ҷон камар аст.
Ба размгаҳ чу дурахшид оташи теғат,
Нуҷуми собита аз шуълаҳои он шарар аст.
Ба ҳар диёр, ки равӣ, оварӣ сипоҳатро,
Замона тобеъу иқболу бахт ҳамсафар аст.
Фаришта аз ту сабақ кай барад ба донишу фазл
Агарчи зоти ту дар силки сурати башар аст?
Дарахти мулк дар ин боғу давлат он нахлест,
Ки барги меваи аш аз фатҳу бехаш аз зафар аст.
Ба давлати ту халоиқ зи фитна дар онанд,
Ки тири ҳодисаро ҳайбати ту сипар аст.
Ба тарфи боғ чу наргис дамид,донистам,

Ки баҳри дидани ту хоки тираро басар аст,
Ба иззу бахти ҷавонат фузуд иззати мулк,
Дарахт низ барои фузунии самар аст.
Агар тафохури аҳли ҳунар ба доноист,
Маро дуои бақои ту беҳтарин ҳунар аст.
Чу зеби назми Насирӣ зи мадҳи туст, аз он
Ба ҳар диёр ҳадисаш ба тозагӣ самар аст.
Ҳамора то ки зи омадшуди насими баҳор,
Чаман зи лолаву райҳону сабза борвар аст.
Баҳори умри ту сарсабз боду бахт қавӣ,
Ки аз вуҷуди ту давлат рафеъу муътабар аст.

## 8.ДАР СИТОИШИ ЯҲЁ МУҒИСУДДАВЛА

Лаъли дилҷӯят ба афсун қимати шакккар шикаст,
Чашми ҷодуят ба яғмо қалби сад лашкар шикаст.
Ғамза зад чашмат қимор аз соҳири Бобул бибурд,
Ханда зад лаълат баҳои ҳуққаи гавҳар шикаст.
Бастаи занҷири савдо шуд ҷаҳоне  то хатат
Ҳалқаҳои анбарин гирди маҳи анвар шикаст.
Ман ба бӯйе бехуду девонаам, то сунбулат
Ғолия бар моҳ суду мушк бар Озар шикаст.
Ҷоми май то бар лаби гулгун ниҳодӣ, аз ҳасад
Ғунчаро хун об гашту лоларо соғар шикаст.
Афсари шоҳӣ чу ман бар хоки расвоӣ занад,
Ҳар киро бар гӯшаи девори хубон сар шикаст.
Хирмани мақсудро барқи ҷамолат пок сӯхт,
Хонаи умедро хайли хаёлат дар шикаст.
Ҳуққаи лаъли ту оби чашмаи ҳайвон бирехт,
Хайли мижгонат сипоҳи хусрави ховар шикаст.
Ғамзаат чандон ба хунам теғи безорӣ кашид,
К-аз ғамам хун дар ҷигар шуд обу дил дар бар шикаст.
Дилнавозӣ пеша кун в-арна бахоҳам дод хост,
Пеши шоҳе, к-ӯ ба як дил қалби сад лашкар шикаст.

Наййири аъзам Муғисуддавла Яҳё, к-аз шукӯҳ,
Шавкати Доро бибурду ҳашмати Санҷар шикаст.
Эй малакрӯйи малакрифъат, ки камтар чокарат,
Рӯзи кин танҳоии гарданкашонро сар шикаст.
Ҳар киро иқбол бо таъйиди Яздон ёр шуд,
Метавонад ҳар даме бунёди сад лашкар шикаст.
Гарчи сафҳо буд зи ансору муҳоҷир ҳар тараф,
Панҷаи Шери Худо дарвозаи Хайбар шикаст.
Эй ҷаҳонгире, ки ҳар ҷо барқи теғат шуъла зад,
Субҳро оташ бимурду меҳрро ханҷар шикаст.
Теғи туст он чашмаи хуне дар рӯзи масоф?
Бар лаби ин чашма чандин хасмро соғар шикаст.
Пайкари моҳи нав аст он бар фалак, ё тавсанат,
Наъли заррин бар фарози торуми ахзар шикаст.
То зи ҳилмат заррае бар осмон бинҳод даҳр,
Пушти гардун хам гирифту найзаи меҳвар шикаст.
Пояи қадрат ба юмни Марями Билқиси аҳд,
Обрӯи иртифоъи торуми акбар шикаст.
Маҳди олӣ Марями Заҳро саёнатхонуме,
К-аз шукуҳи мақнаъа бозори сад афсар шикаст.
Он ки наъли тавсани камтар канизи ӯ ба қадр,
Афсари гарданкашон бар тораки Қайсар шикаст.
То дуояш дар қафои туст, хоҳӣ ҳар нафас,
Кишваре дигар гирифту лашкари дигар шикаст.
Обрӯи дину давлат дар ризои ӯ талаб,
Сарварӣ кам ёфт тифле, к-ӯ дили модар шикаст.
Шаҳриёро, аз сухан боқист  номи хусравон,
В-арна чархи лоҷувардӣ зуд хоҳад дар шикаст.
Баҳри он то номи ӯ поянда монад  қарнҳо,
Банда бар таҳрири мадҳат коғазу дафтар шикаст.
В-арна ҳадди чун мане пайдост к-андар мидҳатат,
Тӯтии нутқам тавонд дар сухан шаккар шикаст.
Муддате хомӯш будам, з-он ки пеш аз ман басе,
Осмон бисёр бозори суханпарвар шикаст.

Шеърро қимат намонад, азбаски гардун борҳо,
Аз касоди нархи дониш қадри ин ҷавҳар шикаст.
Офтобе чун ту бошад муштарӣ шеъри маро,
Ҳар замоне хоҳам аз мадҳи ту сафҳо баршикаст.
Исмати ширинзабон дар рӯзгорон сафдар аст,
К-ӯ ба ҳар кишвар сафи бисёр донишвар шикаст.
Ҳар кӣ дар лутфи сухан бар шеъри ман зад хешро,
Ҳуққае бар хор афканд, шиша бар мармар шикаст
То бихоҳад ҳар саҳар дар миҷмари лаъл офтоб,
Аз саводи шаб бар оташ хурдаи анбар шикаст.
Аз бухури миҷмари базмат муаттар бод мулк,
К-ин дами мушкин баҳои атри сад миҷмар шикаст.

## 9.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Нахли бӯстони хилофат сабзу пурбар боду ҳаст,
В-аз гули рӯят баҳори ҷон муаттар боду ҳаст.
Бар лаби ҷӯйи камол ин навбаҳори салтанат,
Пурдилу сардор чун сарву санавбар боду ҳаст.
Ҳар кӣ аз ҳиммат сару зар зери пои ӯ бирехт,
Бар сарири ҳусн чун гул соҳибафсар боду ҳаст.
В-он ки сар бар остони боргоҳи ӯ ниҳод,
Лолавораш афсари ёқут бар сар боду ҳаст.
В-он ки чун хоки чаман шуд наълбӯси маркабаш,
Ҳамчу Хизраш хилъати Наврӯз дар бар боду ҳаст.
В-он ки бар рӯйи ту ҷон додаст ҳамчун лолааш,
Миҷмари дил пурбухури мушку анбар боду ҳаст.
В-он ки натавонист дидан мулкро чун наргисаш,
Саргарону чеҳразарду дида аъвар боду ҳаст.
В-он ки дар девони иқболаш нашуд дафтарнавис,
Чун хазонаш дафтари уммед абтар боду ҳаст.
Хасмро, к-ӯ ташнаи оби ҳаёти мулк буд,
Ҳалқи хушк аз оби теғу ханҷарат тар боду ҳаст.

Чокаронашро зи хунрези адӯ чун лолазор,
Размгаҳ мастур бар ёқути аҳмар боду ҳаст.
В-аз фурӯғи ҷавҳари теғаш чу хубони баҳор,
Наварӯси салтанат бо зебу зевар боду ҳаст.
Ғунчавор аз файзи нури офтоби ҳимматаш,
Ҳуққаи масдуд к-он пурхурдаи зар боду ҳаст.
Баҳрро аз абри ҷудаш чун гули шабнамзада,
Домани ҳиммат лаболаб пур зи гавҳар боду ҳаст.
Аз фурӯғи ҳусни ғилмони биҳиштипайкараш,
Арсаи гулзор чун фирдавси акбар боду ҳаст.
В-аз лаби лаълаш сабукрав ҷони базмаш лоларо,
Бодаи ёқутӣ андар ҷому соғар боду ҳаст.
В-аз ҷамоли соқиёнаш ҷаннати хулди баҳор,
Пурнигору мушкбӯю ҳурпайкар боду ҳаст.
Қумрии дастонсаро пайваста бар дасти чинор,
Мадҳгӯи подшоҳи ҳафт кишвар боду ҳаст.
Хусраве к-аз акси наъли маркабонаш саҳни хок,
Чун сипеҳри ҳафтумин доим пурахтар боду ҳаст
Наййири аъзам Улуғбек, он ки бар ҳафтум сипеҳр,
Посбони ӯ ба султони мақарар боду ҳаст.
Муштарӣ то хутба бар номаш бихонад субҳу шом,
Тайласон пӯшида бар болои минбар боду ҳаст.
Ҳар саҳаргаҳ хусрави сайёра, яъне офтоб
Хокрӯби базми фаррошони ин дар боду ҳаст.
Бар бари куттоби девонхонааш пири дайр,
Чун ғуломон ҳомили девону дафтар боду ҳаст.
Моҳи шаб гирди ҷаҳонпаймои гардунманзилат,
Ҳамчу пайкон дар бари асбаш таковар боду ҳаст.
Зуҳра, к-ӯ хунёгари базми сарои олам аст,
Бар бисоти айши ғилмонаш навогар боду ҳаст.
Эй Сулаймонманзилат шоҳе, ки ҳамчун бандагон,
Инсу ҷон осори ҳикматро мусаххар боду ҳаст.
Шаҳсаворе, к-андар иқлими саодат рӯзу шаб,
Хобгоҳи маркабонат қасри Қайсар боду ҳаст.

Хоки пойи бандаи дарбони камтар чокарат,
Обрӯи афсари Дорову Санҷар боду ҳаст.
Ширмасти бешаи мардӣ, ки ҳамчун Бӯтуроб,
Дасти қаҳрат панҷа бар печи ғазанфар боду ҳаст.
Аз мақоми тахту давлат душмани гумроҳро,
Сӯи саҳрои адам тири ту раҳбар боду ҳаст.
Найзаи сардори афъизаҳри суъбонмуъҷизат,
Осмон мулкро чун хатти меҳвар боду ҳаст.
Теғи хунрезат барои дафъи Яъҷуҷи фитан,
Гирди майдони ҷаҳон садди Сикандар боду ҳаст.
Накҳати адлат ба олам куштагони зулмро,
Ҳамчу анфоси Масеҳо рӯҳпарвар боду ҳаст.
Салтанат к-аз зулми дунон муддате дар факр буд,
Ин замон аз мояи адлат тавонгар боду ҳаст.
Ақли кулл, к-ӯ хурдадони дарсгоҳи олам аст,
Пеши табъи равшанат шогирди кеҳтар боду ҳаст.
Ҳамчу булбул гирди гулзори қабулат субҳу шом
Исмати хушгӯй маддоҳу суханвар боду ҳаст.
То сагонатро саводи дида зери по кашам,
Мардуми чашмам ба хоки раҳ баробар боду ҳаст.
Коми ҷони тӯтии ширинмақоли базми ман,
Аз саною шукри ту пурқанду шаккар боду ҳаст.
Дар суханронӣ ба сони хомаи мидҳатнавис,
Аз дуъои давлати шоҳам забон тар боду ҳаст.
Бар қади мулкат, ки давлатро сарафрозӣ аз ӯст,
Хилъати маҳду шараф зебою дарх(в)ар боду ҳаст.
Он чӣ шоҳонро ба шамшери вағо н-омад ба даст,
Чокаронатро ба як ҳиммат муяссар боду ҳаст.

## 10.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Боз гул орост базму ғунча пироҳан дарид,
Ваҷҳи нуқлу май надонам аз куҷо хоҳад расид?

Чун бунафша дар чаман чавгони ишрат мезанад,
Бурд гӯйи шодмонӣ ҳар кӣ ҷоме даркашид.
Лоларо гар аз майи гулгун қадаҳ холӣ шавад,
Бод доим обрӯи соғари гул бар мазид.
Месарояд нағма булбули гӯш мебояд ниҳод,
Қавли ақли ҳарзагӯ дигар намебояд шунид.
Даст сӯйи зулфи сунбул мебарад ҳар дам чанор,
Мекунад густохию дасташ ҳамебояд бурид.
Савсани шабнамзада бо ғунча аз ёқути боз,
Васф мегуфт ончунон к-аз ҳар сухан дур мечакид.
Гумраҳи гар аз даҳони соқию гоми нахуст,
Ғайри дилтангӣ зи хубон ҳеҷ мақсуде надид.
Эй рафиқон, ҳар киро савдои ишрат дар сар аст,
Бандагии офтоби мулк мебояд гузид.
Шоҳи дин Султон Халил он к-аз дараш рифъат битофт,
Баргоҳаш то зи саҳни арш доман дарначид.
Эй сарафрозе, ки баҳри касри душман сабзаро,
Гарди майдонат ба сад ҷо теғ мебояд кашид.
Тир к-аз аввал чаро дар чашми бадхоҳад надӯхт,
Ҳар замон з-ин ҳасраташ ангушт мебояд газид.
Новакатро дар дили хасмон зи бас пайкону тир,
Раҳ набуд андар миён ҳарчанд ҳар сӯ медавид.
Теғи оташпарварат  бо ҷони душман рӯзи разм,
Дам ба дам даъвои хун мекард ӯро мерасид,
Ханҷари дӯзахшарорат хуни кофар неъматон
Ҳар замон мехӯрду мезад даъвии «Ҳал ман мазид».
Бар дари ишратсаро доим сутуни қасри туст,
Пой бар курсӣ ниҳода ҳомили арши маҷид.
Чарх бар теғат ду рӯзе мекушод аз баҳри он,
Ҳар дам аз хуни аъодӣ мехӯрад ризқи ҷадид.
Гар самуми интиқомат бар машими кон вазад,
Мунтақил гардад мизоҷи мум дар табъи ҳадид.
Чун дуъои давлатат гӯяд Насирӣ, рух матоб,

Подшоро чун дуъои банда мебояд шунид.
То барои ҷилваи райҳону гул ҳар навбаҳор,
Боди Наврӯзӣ бар атрофи чаман хоҳад вазид
Гулшани мулки ту хуррам бод то аз боғи умр,
Бадсиголат меваи мақсуд натвонад чашид.
То ба юмни партави хуршеди тобон ҳар саҳар,
Субҳи ишрат бар рухи аҳли тараб хоҳад дамид.
Дар шаби торик хазлон бод бадхоҳат чунон,
К-аш бувад то рӯзи маҳшар субҳи шодӣ нопадид.

## 11.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Биёр бода, ки фасли баҳор меояд,
Зи гулрухони чаман бӯйи ёр меояд.
Магар зи ҷом май аст обхӯрда хоки чаман,
Ки лола медамаду гул ба бор меояд.
Бунафша бо сари зулфи ту лофи хубӣ зад,
Кунун зи гуфтаи худ шармсор меояд .
Ба бӯйи ҳалқаи зулфат ба бӯстон ҳар шаб,
Сабо ҳамераваду мушкбор меояд.
Бад-он салосили мушкин магар гузашт насим,
Ки боз шефтаю беқарор меояд?
Ҳадиси оби ҳаёти лаби ту мегӯям,
Ки гавҳари суханам обдор меояд.
Сабо абирфишон шуд магар ба ҷониби боғ,
Ба сайри кавкабаи шаҳриёр меояд?
Насири миллату дин, к-аз баҳори макраматаш,
Ниҳоли маҷду саодат ба бор меояд.
Рафкеъ мартабаи султон Халил к-аз хулқаш,
Равоиҳи нафаси навбаҳор меояд.
Фариштагон ҳама такбири фатҳ мегӯянд,
Чу рояташ ба сафи корзор меояд.

Шаҳо, ливои туро мартабат чунон олист,
К-аз осмон зи баландеш ор меояд.
Гаҳе, ки дар сафи разм аз қирони шамшерат,
Биҳори хуни замину диёр меояд.
Ба ҷилва меравад андар миёна Шабдезат,
Чунон ки бод сӯйи лолазор меояд.
Далер лашкари гарданкашон ҳамин хабар аст?
К-аз он диёр сӯйи ин диёр меояд
Муханнасона ҳамеоваранд рӯ ба гурез,
Кам аз зананд чу ҳангоми кор меояд.
Шунидаанд магар азми лашкари ту нуҷум,
Ки сити фатҳ зи ҳафтум ҳисор меояд.
Ҳар он бинои саодат, ки мекунад хасмат,
Ба ҷанби мулки ту нопойдор меояд.
Ҳумои мулки абад мекунад барои ту сайд,
Чу бози ҳиммати ту дар шикор меояд.
Ҳамераманд қатори ҷамозаи ту зи нанг,
Чу бухтии фалак андар қатор меояд.
Насими хулқи ту чирадарест чунон,
Ки нангаш аз дами мушки татор меояд.
Туӣ, ки ҳар саҳар аз авҷи осмон хуршед,
Ба саҷдаи ту пайи ифтихор меояд.
Ба пеши ҷавҳари табъи камолпарвардат,
Ҳама нуқуди ҳунар камиёр меояд.
Ба боғ рафтию абри баҳор дар қадамат,
Гуҳарфишон ба умеди нисор меояд.
Чу баҳри табъи Насирӣ ҳамебарорад мавҷ,
Сафинаҳои гуҳар бар канор меояд.
Ҳамеша то ки ба парвардани бунафшаву гул,
Саҳоб бар тарафи марғзор меояд.
Зи файзи ҷуди ту сарсабз бод боғи мурод,
Ки аз ту нахли ҳунар мевадор меояд.

## 12.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

То килк сурати он хатти анбарфишон кашид,
Дафе зи нофа бар вараќи арѓувон кашид.
Чун лола гул зи ранги рухат доѓдор буд,
Ҳусн омаду зи ѓолия хатте бар он кашид.
Аз ҳасрати зумурради хатти ту гирди лаъл,
Чашмам аќиќ бар вараќи заъфарон кашид.
Чун ман зи чархи дида ба пойи ту резам ашк,
Бинӣ, ки гавҳар аз шабаҳ чун метавон кашид.
Суратгари хаёл гар аз мӯ кунад ќалам,
Натавон ҳанӯз нозукии он миён кошид.
Чун ман шудам зи дида ба дарёи хун ѓариќ,
Ҷон рахти худ зи бим бало бар карон кашид.
Шармандаи хаёли ту шуд дил чу дод ҷон,
К-ин мухтасар ба пеш чунон меҳмон кашид.
Омад баҳору лолаву гул бар уммеди айш,
Хиргоҳу хайма бар тарафи бӯстон кашид.
Наргис зи ҳасрати гули рӯят кушод чашм,
Савсан дар орзӯи каломат забон кашид.
Кай бо вуҷуди ќадди ту орам ба пеши чашм,
Он ќомате, ки сарв бар оби равон кашид?
Аз айш бенасиб нашуд ҳар кӣ хешро,
Дар силки бандагони шаҳи комрон кашид.
Э ман шуд аз ќирони фалак ҳар кӣ хотираш,
Сӯйи ҷаноби хусрави соҳибќирон кашид.
Султон Халил-шоҳи музаффар, ки адли ӯ
Ҳусне зи амн гирди сипоҳи ҷаҳон кашид.
Шоҳе, ки дар замони ѓуломони ӯ сипеҳр,
Хат гирди номи Ќайсару Нӯшервон кашид.
Ҳар кас, ки шуд ба доѓи ќабули ту сарфароз,
Лутфи туаш ба салтанати ҷовидон кашид.
Дар боргоҳи забти ту ҳар кас, ки бор ёфт,
Аз кӯйи фитна рахт ба доруламон кашид.

Аз толеъат Зуҳал чу шараф ёфт, боргоҳ
Аз Муштарӣ рафеътар аз баҳри он кашид.
Теғи туро ба хун на чунон ҳукми қотеъ аст,
К-аз вай ба ҳеҷ восита гардан тавон кашид.
Хинги сипеҳр ҷуст зи хуршед зини зар,
Бахташ чу дар тавилаи шоҳи ҷаҳон кашид.
Бар кӯҳ агар ҳавола кунӣ, уфтад зи пой,
Боре, ки аз ниҳеби ту гурзи гарон кашид.
Дар давлати ту кас накашидаст бори зулм,
Ҷуз тир, к-ӯ ба даври ту бори камон кашид.
Аввал барои бахшиши лаълу гуҳар дилат,
Якчанд бори миннати дарёву кон кашид.
Чун ҳарду рӯ ба фақр ниҳоданд, ҳимматат
Сармояи атои худ андар миён кашид.
Нуқсон накард пояи инъомат, осмон
Ҳарчанд хони ҷуди ту бар осмон кашид.
З-он дам ки баҳри касри аъодӣ ба размгоҳ,
Хайли музаффари ту инон дар инон кашид.
Умрест то нашуд ҷасади куштагон тамом,
Ҳарчанд фили масти сипеҳр устухон кашид.
Мегуфт шукри шоҳ Насирӣ ба сад забон,
Неъмат чу ҳад надошт, забон дар даҳон кашид.
То хоҳад аз хаёли хати моҳпайкарон,
Шаб доғ бар баёзи маҳи осмон кашид.
Бархӯр зи мулки ҳусн, ки хуршеди давлатат,
Дил рози шаҳри тан сӯйи мулки ҷон кашид.

## 13.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Чу гирди рӯйи ту хатти ғубор пайдо шуд,
Бунафша бар тарафи лолазор пайдо шуд.
Чу сӯйи куштаи ҳиҷрон расид навбати васл,
Хазон бирафту насими баҳор пайдо шуд.

Хаёли хатти ту омад ба сӯйи дидаи ман,
Чу сабза бар тарафи ҷуйбор пайдо шуд.
Саҳар ба азми тамошо шудам ба ҷониби боғ,
Зи гулруххони чаман бӯйи ёр пайдо шуд.
Замона хори алам мешикаст дар ҷигарам,
Ки ногаҳ он санами гулъузор пайдо шуд.
Чу саф заданд рафиқон миёни лолаву гул
Пиёлаҳои майи хушгувор пайдо шуд.
Нишаста аҳли тараб мунтазир, ки аз дари боғ
Нишони кавкабаи шаҳриёр пайдо шуд.
Баландмартаба Султон Халил, к-аз қадамаш
Умеди айш дар ин рӯзгор пайдо шуд.
Аё рафеъҷанобе, ки ҳар кӣ шоҳӣ ёфт,
Зи чокари туаш эътибор пайдо шуд.
Зи беқарории шамшери обдори ту буд,
Ки дар замона сукуну қарор пайдо шуд.
Ба рӯзи разм ба ҳар сели хун, ки теғи ту рехт,
Миёни маърака сад лолазор пайдо шуд.
Чу тавсанат гаҳи ҷавлон зи пой наъл андохт,
Барои гӯши шаҳон гӯшвор пайдо шуд.
Намуд теғи ту чун кӯҳи оташ аз дили дуд,
Чу гирди маърака гарду ғубор пайдо шуд.
Нахуст он ки баровард сар синони ту буд,
Ки ҳар куҷо, ки сафи корзор пайдо шуд.
Ту ихтиёри ризо доштӣ, агарчи туро
Дусад камин зи ямину ясор пайдо шуд.
Ҳар он натиҷа, ки зоҳир шуд аз саодату бахт,
Ҳама ба давлати он ихтиёр пайдо шуд.
Замона аз ҳама кори ҷаҳон фароғат дошт,
Ба қатли хасми туаш боз кор пайдо шуд.
Ба ҳар куҷо, ки бизад мавҷ баҳри эҳсонат,
Хазинаҳои гуҳар бар канор пайдо шуд.
Зи сурати ту, ки оинаи ҷамолнамост,

Камоли хубии суратнигор пайдо шуд.
Фалокат аз тарафи ман чӣ кина дар дил дошт,
Ки оқибат ба мани хоксор пайдо шуд?
Ба рӯзгор ту он хусрави гуҳарбахшӣ,
Ки баҳрро зи яминат ясор пайдо шуд.
Ту худ бигӯй, ки бар ҳиммат кӣ арз кунад,
Чу аз ту накди суханро иёр пайдо шуд?
Зи баҳри табъи Насирӣ барои эсорат,
Сафинаҳои дури шоҳвор пайдо шуд.
Маро маҳалли дуъо ҷуз ту нест, гарчи туро
Қасидагӯй чу ман сад хазор пайдо шуд.
Ҳазор сол бимонӣ ба айшу неъмату ноз,
Ки мулкро ба ту сад ифтихор пайдо шуд.

## 14. ДАР СИТОИШИ ИБРОҲИМ СУЛТОН

Чи бахт бувад, ки исломро муяссар шуд,
Ки моҳи зурваи мулк офтоби кишвар шуд.
Зи боргоҳи хилофат ба корсозии мулк,
Маҳе ба байти шараф рафту саъди акбар шуд.
Ҳилоли авҷи хилофат ба юмни толеъи саъд,
Зи гармпурсии хуршед моҳи анвар шуд.
Ба тахтгоҳи шараф кавкаби саодатро,
Зафар далелу ҳидоят рафиқу раҳбар шуд.
Асад ба ҳиммати хуршед тарбиятҳо кард,
Ки шерзода ба тавфиқ шери дигар шуд.
Зи акси наъли саворони мавкабаш ҳама роҳ,
Бисоти хок чу саҳни чаман пурахтар шуд.
Зибас кард фалак бар сараш дурафшонӣ,
Ироқу Форс лаболаб муҳити гавҳар шуд.
Ҳазор шукр, ки имрӯз хиттаи Шероз,
Ба нури дидаи дорои дин муқаддар шуд.
Халилсилати Ҷамшидсират Иброҳим,

Ки маснади шараф аз мақдамаш мунаввар шуд.
Ба ҳукми шоҳ дар он тахтгаҳ ба пирӯзӣ,
Нашасту бар сари маҷмӯи сарварон сар шуд.
Зи юмни хосияти хотами Сулаймонӣ,
Ба файзи маъдалаташ инсу ҷон мусаххар шуд.
Бинои тахту хилофат ба рояти мансур,
Бирафту бар ҳама гарданкашон музаффар шуд.
Бараҳна буд басе тораки сарафрозӣ,
Зи наъли маркаби ӯ боз соҳибафсар шуд.
Зи оташи ғазабаш бехи саркашӣ шуд хушк,
Зи оби ханҷари ӯ ҳалқи муддаӣ тар шуд.
Зи гарди мавкаби ӯ чашми ҳосидон шуд кӯр,
Зи кӯси навбати ӯ гӯши душманон кар шуд.
Ҳасудро зи шарори синону ханҷару теғ,
Ба сони машъали оташ дарун пурозар шуд.
Чу хору сабза бар атрофи гул аъодиро,
Ҳазор лахта ҷигар пур зи тиру ханҷар шуд.
Ба даври лаъли майолудаи ғуломонаш,
Гулобу қанд ба базм омаду мукаррар шуд.
Аё сутуда саворе, ки наъли шабрангат,
Фурӯғи афсари Дорову тоҷи Қайсар шуд.
Чу мехи наъли самандат ба хуни хасм олуд,
Нигини лаъл кулоҳгӯшаи Сикандар шуд.
Насими адли ту чун бар билоди айш вазид,
Риёзи салтанат аз бӯйи ҷон муаттар шуд.
Чу ҳиммати ту дари макрамат кушод ба халқ,
Саодат омаду иқбол хоки ин дар шуд.
Мулозимони дари бори шаҳриёриро
Баҳори умру ниҳоли умед пурбар шуд.
Зи фақру фоқа фурӯ монда буд Исмат боз,
Зи ганҷномаи ӯ софию тавонгар шуд.
Ба доми ҳаҷр забон баста буд тӯтии фикр,
Чашид шаккари мадҳи туву суханавар шуд.

Ҳамеша то зи дурафшонии муҳити фалак,
Шаб аз нуҷум пур аз донаҳои гавҳар шуд.
Дари хазонаи ҷуди ту бод доим боз,
Ки аз атои ту домони мулк пурзар шуд.

## 15. ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Эй аз даҳони танги ту тунги шакар шакир,
В-эй соҳирони чашми ту шому саҳар саҳир.
Пур ширу шаккар аст ду лаъли ту то ба рӯй,
Рӯҳ аз малак ба шаккару ҳуш аз башар башир.
Бар куштагони фурқат агар бигзарӣ ба ноз,
Шавқат барорад аз ҷигари ҳар нафар нафир.
Он чашми мастро гаҳи ангези фитна нест,
Дар лутфи нозу шеваю ҳусни назар назир.
Чашмони шергири ту бе бода сархушанд,
Масти шароби ёр бувад бе сакар сакир.
Чун оҳи ман ба олами боло асар кунад,
Пуроташи дамида шавад з-он асар асир.
Дар ҷустуҷӯи васл зи гулгуни гармрав,
Чашми марост ҳар тарафе дар сафар сафир.
Бе ту чу навбаҳор шудам сӯи бӯстон,
Пайкон намуд ғунчаву шохи шаҷар шаҷир.
Хун меравад ба кӯйи ту аз чашми ашкбор,
То гил шавад ба хоки дарат з-он абар абир.
Дар хоки раҳгузори ту таркиб кардаанд,
Куҳли ҷавоҳире, ки шавад бе басар басир.
Шукрона ҷон диҳам, магар аз ҳоли дарди ман,
Дар боргоҳи шоҳ бигӯяд хабар хабир.
Олизаҳири миллату дин, он ки халқрост,
Ҳам дар риҷо шаҳаншаҳу ҳам дар амар амир.
Зебу сарири давлат, Улуғбек, он ки дошт
Сад фахр аз ӯ ба мавсими қатъи сарар сарир.

Шоҳе, ки дар саводи шаби чуни шукуҳи ӯст,
Дар қалби сад сипоҳ ба вақти бадар бадир.
Шоҳе, ки тахтгоҳи хилофат зи аҳли мулк,
Ҳаргиз надидаст чу ӯ бар зафар зафир.
Эй сафдаре, ки пеши ту ҳаргиз набудаст,
Амри қитоли хасм ба вақти асар асир.
Бар хоки размгаҳ зи лагадкӯби мавкабат
Шуд чашми душманон чу ту гаштӣ асар асир.
Аз зарбати савораму исофи лашкарат,
Ҷайши хусум гашта зи фарти ақар ақир.
В-аз тиру найза шахси аъодӣ бувад чунон-к
Гирди шаҷар  дамад ба авони шакар шакир.
Дар ҳар замин, ки ҳазри қубури адӯ кунанд,
Оташ диҳад зи ҳазра ба ҷои ҳазар ҳазир.
Румҳат чу бар само барорад биҳори хун,
Борад ақиқи ноб ба ҷои матар матир.
Сад ҷой дар саводи шабехун фитоба хасм,
Аз гурзи говпайкари ту чун бақар бақир.
Нури рухат ба чашми адӯ мили оташ аст,
Оре, аз офтоб бувад дар зарар зарир.
Гирди ҷаҳон сипоҳи ту чун теғ баркашад,
З-оҳан шавад басити замин чун ҳадар ҳадир.
В-ар лашкарат ба қатли аъодӣ шаванд ҷамъ,
Аз хуни кушта хок шавад з-он хамар хамир.
Хулқи Муҳаммадист заҳири ту дар ду кавн,
Доим ҳисори мард бувад дар ғарар ғарир.
Мехост то чу ҳиммати ту дур фишонад абр,
Бо аҳди худ бишуд зи камоли ҳақар ҳақир.
Аз файзи ҳиммати ту бувад дар ҳаё ғумом,
В-аз бахшиши кафи ту бувад дар садар садир.
Эй мунъиме, ки то абад аз ҷуди файзи туст,
Аз шукри неъмати ту даҳон бар шакар шакир.
Исмат бар остони вафо марди мурдвор,
Чун бедилони раҳгузаре бар мамар мамир.

Ҷон бозу дар тариқи иродат дудил мабош,
Чун ғофилон тариқаи буку магар магир.
Гар мухлисӣ зи роҳи хатарнок сар мапеч,
Мурдан зи аҳли шавқ бувад дар хатар хатир.
Акнун, ки дар тариқи вафо пир гаштаӣ,
Ангехта зи хоки вуҷудат қатар қатир.
Огаҳ шав аз ҳақиқати беҳосилии умр,
То кай ба гӯши ҷони ту гӯяд самар самир?
Шоҳат навохт, в-арна туро надида буд,
Аз шеър бо авони баёзи шаъар шаъир.
Дам даркаш аз сухан, ки наёяд хуш аз ҳазор,
Аз гул чу тарафи боғ шавад дар сафар сафир.
Зебост дар авони ҷавонӣ суруди айш,
Пири маҳалли он ки бувад дар ҳасар ҳасир.
Лаҳни туюр хуш бувад айёми навбаҳор,
Дар фасли баргрез намояд ҳадар ҳадир
Н-ояд сухан ба вақти куҳулат латифу азб,
Кай резад аз саҳоб ба вақти намар намир.
Умре ба пеши чашми сағиру кабири даҳр,
Будӣ зи фарти аҷзу камоли сағар сағир.
Аз радди шоҳ умр намеомадаст ба кор,
Бошад биҳишти адн ба вақти ҳасар ҳасир.
Умри наве зи раҳмати шаҳ ҷӯю шод зӣ,
К-афзун кунад бо хотири ғамгин хабар хабир.
Бошад, ки аз навозишу алтофу марҳамат,
Бори дигар шавӣ ба авони кабир кабир.
Ту муҷриму ҳидояту ҳикмат вазири шоҳ,
Хавфи ҷазо барад зи дили ман вазар вазир.
Ё Раб, ба ҳаққи зоти қадимат, ки дар ду кавн,
Ҳам бар қазост қодиру ҳам бар қадар қадир.
Умре чунон тавил бидеҳ шоҳро к-аз ӯ
Сидра басити хок шавад з-он амар амир.

## 16.ДАР СИТОИШИ АМИРЗОДАИ ҶӮГӢ

Эй мурғи биҳишт аз қафаси кавн бурун пар,
В-аз кунгураи арш ба сад марҳала бигзар.
Берун зи саропардаи афлок талаб кун,
Рав суйи сипоҳу ҳашами шоҳи музаффар.
Он зурваи иқбол, ки дар маърази қадраш
Нуҳ чарх намояд чу яке зарра муҳаққар.
З-он Каъбаи омол, ки аз фарти ҳақорат,
Гардун натавонад, ки занад ҳалқа бар он дар.
Ва он хиргаҳи давлат, ки бароварда ба гирдаш,
Шому саҳар аз меҳру маҳ ойнаво миҷмар.
В-он равзаи фирдавс, ки ҷорӯб кунад ҳур,
Дар ҳалқаи ӯ силсилаи зулфи муанбар.
В-он боргаҳи арш, ки хуршед ба базмаш,
Ҳар субҳ майи лаъл кашад дар қадаҳи зар.
В-он базм, ки аз чашму даҳону лаби хубон,
Пур гашта зи бодоми тару пиставу шаккар.
Пурқанду шакар дор даҳонрову чу булбул,
Дар мавсими гул соз ба ин шеър забон тар .
К-эй авҷи хилофат ба ҷамоли ту мунаввар,
Нуҳ чарх ба қадр аз ту ба даҳ поя фурӯтар.
Эй муснади иззат, ба вуҷуди ту сарафроз,
В-эй хилъати мулк, омада бар қадди ту дарх(в)ар.
Дорои ҷаҳон, шоҳи фалакмартаба Ҷӯгӣ,
Эй бар ҳама арбоби хилофат сару сарвар.
Эй рӯзи нахустин карамат муҷиби эҳё,
В-эй бар дами охир сахатат боиси маҳшар.
Эй мулкситоне, ки шукуҳат чу Сулаймон,
Бе хайлу ҳашам рӯйи замин карда мусаххар.
Як хокнишини дари худдоми ту Доро,
Як ҳалқабагӯши дари ғилмони ту Санҷар.
Як робитахор аз сари хони ту Фаридун,
Як оинадор аз дари бори ту Сикандар.

Қарни ту зи ошӯбу қирон бок надорад,
Эй анҷуму афлок туро бандаю чокар.
Чун хайли кавокиб шуда фармонбари ҳукмат,
Дар мулк чӣ таъсир кунад қурби ду ахтар?
Бирҷису Зуҳалро набувад захра, ки гарданд,
Дар маърака бо шавкати хуршед баробар.
Номуси ҷаҳондорию тартиби мамолик,
Аз рӯзи азал гашта ба номи ту муқаррар.
Аз мабдаи фитрат фалаки маҷду шарафро,
Аз найзаи хаттии ту омад хати меҳвар.
Шамшери сипоҳи ту зи Яъҷуҷи ҳаводис,
Барбаста бар атрофи ҷаҳон садди Сикандар .
Гар килки ту мазҳар нашудӣ нақши ҳакамро,
Ҳаргиз нашудӣ бар варақи кавн мусаввар.
Эй хурдашиносе, ки зи ҳар атсаи фикрат
Аз роиҳаи илм шавад даҳр муаттар.
Килки ту Суҳайлест, ки чун дар кафат омад,
Пайваста кунад сафҳаи хуршед пурахтар.
Ҳар субҳдам аз хиҷлати хатти ту Аторуд,
Бар оташи хуршед ниҳад хомаву дафтар.
Инъоми ту шуд боиси рӯзии халоиқ,
Он рӯз, ки шуд ротибаи ризқ муқаррар.
Пеши лаби туркони паричеҳраи базмат,
Аз қанд чӣ гӯям, ки ҳадисест мукаррар?
Шоҳо, ба ғубори кафи пои ту, ки то ҳашр
Бе ту накунам дида ба хуршед мунаввар.
Фардои қиёмат, ки сар аз хок барорам,
Савганд ба рӯят, ки ба пои ту ниҳам сар.
Бо чун ту паноҳи мани дармонда шабу рӯз,
Аз меҳнату ранҷи фалакам оҷизу музтар.
Девест азиму мани муфлис, ки ҳузураш
Як лаҳза ба сад марги мафоҷот баробар.
Деве, ки гараш парри фаришта бикашам пеш,
Ӯро нотавон кард ба ло ҳавл мусаххар.

Чун марг шитобандаву чун бухл турушрӯй,
Чун чиқл гарон ҷону чу ифлос сабуксар
Бо ин ҳама дармондагию фақру фалокат,
Рӯзу шабам аз накди валои ту тавонгар.
Алминнату лиллаҳ, ки ба ҳар ҳол, ки ҳастам
Чун тӯтии қудсам ба санои ту суханвар.
То меҳр зи азҳору зи анвори баҳорон,
Гулзор музайян кунаду боғ мунаввар.
Бодо чамани мулк ба зоти ту музайян,
Исмат чу ҳазорон ба мадеҳи ту навогар .

## 17. ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ СУЛТОН

Эй сарви гулъузори симанбӯи симбар,
Чун лолаам зи шавқи ту доғест бар ҷигар.
Умрест то зи ҳасрати хуршеди оразат,
Чун зарра кӯ ба кӯяму чун соя дар ба дар.
То бехабар зи давлати ту дур мондаам,
Аз айш бенасибаму в-аз умр бехабар.
Аз дурҷи лаъл то гуҳар афшондаӣ маро,
Бар каҳрабо ҳамеравад аз хун ақиқи тар.
Дар обу оташанд дилу дида бе рухат,
Эй ҳамнишини дил, ки шудӣ ғоиб аз назар.
Рӯзи ҳаёти ман чу шаби тира шуд сиёҳ,
Ё Раб, шаби фироқи туро кай бувад саҳар?
Мӯе шудаст з-оташ ҳасрат вуҷуди ман,
То бар ту баста аст камари хешро ба зар.
Мо ҳам зару гуҳар зи дилу дида мекашем,
Кай даст бар миёни ту ёбем чун камар?
Мо худ ба гирди Каъбаи кӯят муҷовирем,
Дардо, ки ҳаст қофилаи умр баргузар.
Гаҳ сар ба захми теғи ҷафо мекунам фидо,
Гаҳ ҷон ба пеши тири бало мекунам сипар.
Як шаб зи шамъи сӯхтадил пурс ҳоли ман,
К-андар шаби фироқ чӣ сон мебарам ба сар?

Теғам ба хун кашиду зи ҷон ноумед кард,
Гуфто: Гуноҳи хеш надонистаӣ магар?
Сад ҳамчунин бало бикунад интиқоми он,
К-ӯ монад аз ҷаноби шаҳаншоҳи баҳру бар.
Султон Халил хусрави соҳибқирон, ки ҳаст
Чун осмон рафеъу чу хуршед сояфар.
Шоҳи фалакҷаноб, ки доим зи минтақа,
Мебанадад осмон ба ғуломии ӯ камар.
Эй ҳайбати ту мазҳари хосияти аҷал,
В-эй рояти ту махзани сармояи зафар.
Будам дар ин ки шаб зи чӣ таълиқ кардаанд,
З-айвони ҳаштум ин ҳама қандилҳои зар.
Ё хиргаҳе ба нияти Билқиси рӯзгор,
Тарсеъ карда домани афлок аз гуҳар.
Бурҳони қотеъи хирадам гуфт ҳамчу мӯй,
Аз сирри ин дақиқа яқинам шуд ин қадар.
К-анвори теғу ханҷару худу сипоҳ туст,
К-андар фарози сатҳи фалак мезанад шарар.
Буданд ҳиндувон ҷаноби ту з-он сабаб,
Аввал Зуҳал гирифт ҷаҳон, в-ин замон Қамар.
Ҳар ҷо намегирифт адӯят раҳи гурез,
Рӯзи вағо зи фатҳу зафар карда болу пар.
Аз ҳайбати гурези сипоҳи адӯи туст,
Нуҳ торум уфтода ба болои якдигар.
Ҳар к-ӯ чу ҳалқа рӯй намолид бар дарат,
Ҳаргиз раҳи қабул наёбад ба ҳеҷ дар.
Чун оташи Халил шавад боғу лолазор,
Бӯйи ту гар бар оташи сӯзон кунад гузар.
Гар ҳосили ду кавн шавад сарфи матбахат,
Бошад ҳанӯз бар сари хони ту моҳазар.
Абри ҷавод агар накунад гадя аз кафат,
Эҳёи хок чун кунад аз қатраи матар?
Пеш аз замони мулки ту, шоҳо, ба ҳар диёр,
Рафтему дида андуҳу шодию хайру шарр.

Як зиндадил набуд, ки аз роҳи мардумӣ,
Дар ҳоли мо ба чашми иноят кунад назар.
Ҳар ҷо ки вақти арзи ҳунар шуд, наёфтам,
Як одаме, ки нархи хазаф донад аз гуҳар.
К-аз хушкии табиати беоби аҳли ҷаҳл,
Пажмурда буд гулшани пурмеваи ҳунар.
Миннат Худойро, ки дар айёми давлатат,
Бозаш насим бӯйи ту меовард ба бар.
Танҳо на ман, к-аз аҳли ҳунар ҳар куҷо дилест,
То ин замон надошт зи фақр об дар ҷигар.
Чун раҳ ба боргоҳи қабули ту ёфтем,
Ҳар ҷо ки меравем, азизему муътабар.
Дасти дуъо барор Насирӣ ба сад ниёз,
То бар санои шоҳ шавад қисса мухтасар.
Ҳамвора то ба бӯйи висоли парирухон,
Лола ниҳад бар оташи сӯзон абири тар.
Ранҷи хазон надида баҳори саодатат,
Аз тундбоди фитна масун боду бехатар.

## 18.ДАР СИТОИШИ ИБРОҲИМ СУЛТОН

Баҳор омаду ҳар кас ба сарве парипайкар,
Ба пои гуле дорад ҳавои маю соғар.
Қадаҳ хӯрдаву сархуш, лабу чеҳра чун оташ,
Бутони парирӯйи суманбӯйи симинбар.
Зи ранги руху акси лаби лаъли маҳрӯён,
Чаман пур зи хуршеду қадаҳ пурмайи аҳмар.
Чу соқӣ кушояд лабу намояд ба майхорон,
Ду моҳи нав аз лаълу сурайё дар ӯ музмар.
Гаҳ аз оташи бода чароғи қадаҳ равшан,
Гаҳ аз нолаи қамрӣ димоғи сароҳӣ тар.
Сафири ҳазорону нафири наю мутриб,
Хуш омада ба даври гул ба маҳпайкарон хуштар.

Бунафша чунон бо гул ки мойил ба лафзи оташ,
Гул андар майи софӣ дар оби ҳаёт озар.
Гаҳ аз қуббаи хазро диҳад арзи орази гул,
Гаҳ аз ҷуббаи вало барорад шақоиқ сар.
Замин сатҳи хазрову кавокиб гулу лола,
Чаман дайри минову шақоиқ бути Озар.
Дарахти гул аз борон пайи таҳният ҳар дам,
Мурассаъ кунад сад ҷо ба ёқуту дур минбар.
Ки то хатбаи шоҳӣ намояд адо булбул,
Ба номи шаҳаншоҳ фалаку қадри саъдахтар.
Абул Фатҳ Иброҳим Султон-шаҳи одил,
Ки аз файзи инъомаш ғанӣ гашта баҳру бар.
Сулаймонсифоте, ки бар сиддаи ҷоҳаш,
Бувад банда Афридун, сазад чокар Искандар.
Каримие, ки гар табъат кунад азми зарпошӣ,
Ба ҳар бахшише гардад хазоин таҳӣ аз зар.
Саҳоби атои ту чу бар баҳру бар борад,
Замин гул падид ораду садаф дар хаҷар ҷавҳар.
Сарири хилофатро диҳад қадри ту равнақ,
Сипеҳри саодатро бувад румҳи ту меҳвар.
Ба рӯзи набард он дам ки аз барқи асбонаш,
Ба боде равад гардун чун як тӯда хокистар.
Миёни саф ҳеҷ ҷо набошад дар он соат,
Чу теғаш сарандозу чу румҳаш забоновар.
Ба душманкушӣ суръате, ки ёрад ба хабари нован,
Ба гарданкашӣ тезӣ кӣ донад ба ҷуз ханҷар?
Ба ҷавлонгаҳи мардӣ рабояд сари румҳаш,
Зи дасти шаҳон хотам, зи фарқи сарон афсар.
Чу ӯ дар набард ояд зи гарданкашон як тан,
Наёрад ба ҷуз теғаш, ки пешаш барорад сар.
Агар ҳар тани хасме зи оҳан шавад кӯҳе,
Рабояд чунон аз ҷо, ки Ҳайдар дари Хайбар.
Камин чокари ҷоҳат шаҳонро бувад марҷаъ,
Камин бандаи қудрати саронро бувад сарвар.

Камина ғуломи ту кашад ҳар даму бандад,
Яке хилъати Доро, яке гардани Қайсар.
Чу дар камин саф орой кунад ханҷару гузарат,
Яке бардарад ҷавшан,яке бишканад миғфар.
Фалак ҳар саҳаргоҳе зи наъли ғуломонат,
Кашад ҳалқаи заррин ба гӯши шаҳи ховар.
Камоли амониро бувад адли ту муҷиб,
Ҷамоли маониро диҳад илми ту зевар.
Чу абр сари килкаш кунад гавҳарафшонӣ,
Чу самти дурар саросар хати мистар.
Хате к-аз сари килкаш мусаввар шуда анҷум,
Бар авроқи афлокаш навишта ба оби зар.
Ба сидқи шавқ рӯзу шаб зи савдои таҳрираш,
Варақҳои гардунро занад меҳру моҳу х(в)ар.
Аё офтоби дин, к-аз анбои мулк омад,
Аморат ба ту лоиқ, хилофат ба ту дарх(в)ар.
Зи дилҷӯии ҷуду фараҳбахшии адлат,
Шуда шаҳри Шероз аз риёзи ҷинон хуштар.
Ҳумоест хиргоҳат, ки толеъ шавад ҳар дам,
Ҳазорон чу хуршедаш зери сояи шаҳпар.
Чунон к-аз замин мардум тамошо кунанд анҷум,
Зи арш аҳли қасратро малоик тамошогар.
Надонам чӣ чарх аст ин рифъат бино мезад,
Ки дудӣ зи қандилаш бувад торуми ахзар.
Чӣ гӯям чӣ қаср аст ба нузҳати таолаллоҳ,
На фирдавс аз ӯ аъло, на хуршед аз ӯ анвар?
Зи акси бутон сад ҷо чу оина девораш,
Намояд ба ҳар нақше нигори парипайкар.
Агар шакли зебое дар ӯ мунъакис гардад,
Зи ҳар зарра акси ӯ намояд сади дигар.
Чу хуршед бар тахти хилофат шаҳи аъзам,
Ҳавошии пур аз моҳу навоҳии пур аз ахтар.
Ҳарифон қадаҳнӯшу парипайкарон соқӣ,
Зарифон сухандону надимон ҳунарпарвар.

Агар соқии базмат бихандаду падид орад,
Ду моҳи нав аз лаълу сурайё  дар ӯ мизмар.
Малаксирато, шоҳо, ба кунҷи ғаму ҳайрат,
Бимурдам дар ин савдо,ки бошам саги он дар.
Чу тӯтӣ ҳавас дорам, ки бошад дар ин базмам,
Забоне пур аз шукру даҳоне пур аз шакар.
Кунун ин саодатро надонам чӣ шукр орам,
Ки пирона сари бахтам ба сӯйи ту шуд раҳбар.
Бухоро, ки хоки ӯ ба оби ҳасад гил шуд,
Ки касро чу ман манзил мабод дар ин кишвар.
Хавосаш бадандешу авомаш ҳасадпеша,
Киромаш гадотабъу ниомаш данипарвар.
На лутфи табиатро дар ӯ ним ҷав равнақ,
На аҳли зарофатро дар ӯ ҳеҷ кас ғамх(в)ар.
Муқимони ин манзил бақуввати шабе оҷиз,
Каримони ин кишвар ба ҷуди ҷаве музтар.
Зи навмидию ҳасрат бимурдам дар ин савдо,
Ки пиронасар бахтам ба сӯят шавад раҳбар.
Агар сӯйи Шерозам соадат намояд раҳ,
Мурассаъ кунам ҳар дам ба мадҳи ту сад дафтар.
Ғуломон басе дорӣ сухансанҷу базморо,
Зиҳӣ давлате, Исмат, ки ҳаст аз ҳама камтар.
Ҷаҳон то ба аҳли дил диҳад ҷилва ҳар соат,
Зи хатту хади хубон шаби анбарин бархв)ар.
Ба туркони маҳрӯю ба ғуломони мушкинхат,
Бар авҷи шараф доим зи айшу тараб бар х(в)ар.

## 19.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Будам шабе ба роҳ, ки аз торуми асир,
Ҳар сӯ сипоҳи разм равон карда замҳарир.
Рафтори барф дар шаби торе чунон намуд,
К-амвоҷи сим дар равиш ояд зи баҳри қир.
Гӯё замин намунаи саҳни биҳишт буд,
К-андар саводи ғолия бикшод ҷӯйи шир.

Ё буд акси зулмати шаб дар миёни барф,
Кофур суда барзада бо анбару абир.
Ё резаҳои сим ҳамерехт аз ҳаво,
Баҳри нисори ҷирми замин чархи мустадир.
Саҳни чаман ба барф ниҳон гашта align="left"
Тӯтӣ ба чанги бози сафед уфтад асир.
Бозаш зи сим суда ғанӣ рӯзгор,
Атрофи боғ чун зи заpy барг шуд фақир.
Аз партави лавомеъи нури баёзи барф,
Чун нимрӯз шуд шаби дайҷур мустанир.
Чун аҳли маъсият сӯйи оташ шитофтам,
К-андар шитози хулди барин беҳ бувад саъир.
Наздик буд к-он нафас осори боди сард,
Бо оташи ҷаҳим диҳад табъи замҳарир.
Паҳлӯ чу бар фарош ниҳодам зи иттиҳод,
Дидам тамоми хосияти хора дар ҳарир.
Чодӯши замҳарир чунон баст роҳи сайр,
К-андар сафар намонд дигар ваҳмро амир.
Узлатнишини ваҳм зи бими ҳавои сард,
Берун шудан наёфт зи хилватгаҳи замир.
Дил дар чунин балову маро карда шармсор,
Мухири хокбӯсии шоҳи хатопазир.
Султон Халил, он ки ҷилои басар диҳад,
Гар сурма аз ғубори қудумаш кунад зарир.
Шоҳе, ки аз камоли ҳунарончи мумкин аст,
Зоти шарифи ӯ ҳама дорад, магар назир.
Эй хусраве, ки зоти фалакрифъати туростр,
Давлат надиму ҳамнафасу ақли кул вазир.
Гӯӣ, ки офтоб барад шуъла аз сипеҳр,
Чун баҳри забти мулк занӣ такя бар сарир.
Дар боғ агар зи бинишу нутқат хабар баранд,
Савсан калиму дидаи наргис шавад басир.
Онӣ, ки гоҳи нашр изоми рамимро,
Исо ба дам ҳаёт диҳад килкат аз сарир.

Гар иқтибоси нур накардӣ зи рои ту.
Аз ҷирми офтоб ҷаҳон кай шудӣ мунир?
Гардун ба даври чатри мунират кам аз саҳо,
Уммон ба пеши баҳри атоят кам аз ғадир.
Дар ҷанби боргоҳи фалак иқтидори ту,
Гардун чу ҷузви ло ятаҳаззо бувад ҳақир.
Гар хилъате зи умри абад созад осмон,
Ояд ҳанӯз бар қади иқболи ту қасир.
Баҳромро агар на сипар мешуд офтоб,
Ҳангоми разм қаҳру ту медӯхташ ба тир.
Шоҳо, агар ба даври ту мебуд, мерабуд,
Ҳангоми назм баҳра зи ашъори ман Заҳир.
К-авсофи دониш он чӣ камин чокари турост,
Мамдуҳи ӯ надошт аз он ушре аз ашир.
Чандин ҳазор васфи бадеъ аз ту дидаам,
К-ӯро ба умри худ нагузаштаст дар замир.
Аз туст ин маонии рангин, вагарна ман
Тифли тариқи донишаму табъи ту дабир.
Исмат, дуъои шоҳ дуъо дар ҳақи Худост,
К-афзунии ғулом бувад давлати амир.
То аз зуҳур ноумеду истидоди барф,
Олам бувад баҳору зимистон ҷавону пир.
Бодо бақои зоти шарифи ту то ба айш,
Тифли сағири салтанат аз ту шавад кабир.
Ҳамвора то мақоми кавокиб бувад сипеҳр,
Пайваста то мадори Аторуд буд матир.
Килкат, ки зери дафтари килки Аторуд аст,
Доим даруни дидаи хасми ту бод тир.

## 20.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Боз барофрошт чатр шоҳи зумуррадҳисор,
Кисвати савдо фиканд румии оинадор.
Шоҳиди хилватнишин боз ба ҷилвагарӣ,
Қуббаи симин намуд аз тутақи рӯзгор.

Субҳ чу дар ханда шуд лӯъбати ёқутлаб,
Зангии сарроф кард домани гавҳар нисор.
Маҷмарадори саҳар то бикунад атрсӯз,
Бар сари оташ ниҳод нофаи мушки татор.
Диръи сияҳ тоза кард сафдари шамшерзан,
Ҳалқаи маҳ даррабуд хусрави найзагузор.
Чунки зи атноби зар баст шафақ бодбон,
Кард зи дарёи қир завраќи заррин гузор.
Шуд зи сипоҳи хито хайли ҳабаш мунҳазим,
Чун алами зар намуд аз ақиби кӯҳсор.
Риштаи мушкини шаб бар тарафи хур чунон-к
Мори сияҳ мекунад муҳраи сим ошкор.
Турки Хито чун гирифт ханҷари лаъл аз шафақ,
Кард ба саҳрои Рум оҳуи заррин шикор.
Оташи Мӯсо намуд аз шаҷари сабзи чарх,
Соъи зари Юсуфӣ шуъла зад аз зери бор.
Хуни Сиёвуш рехт ханҷари Афросиёб,
Оташи Намруд дод хосияти лолазор.
Шуълаи қурсии хур аз кӯраи чун аст?
К-аз дами муҳри Халил гул бадар ояд зи нор.
Аз даҳани мор агар муҳра рабоянд халқ,
Риштаи мамдуди меҳр мекашад аз муҳра мор.
Ҳоҷате хуршед нест, субҳи ҷаҳонро бас аст,
Шуълаи шамшери шоҳ равшании рӯзгор.
Волии султоннишон, шоҳи малакхӯ Халил,
Исии Юсуфҷамол, Хизри Сикандаршиор.
Давлат аз он ёфт, к-ӯ бим надорад зи хасм,
Гул натавонад, ки чид ҳар кӣ гурезад зи хор.
Нест ғам аз ҷониби хасмаш аз он рӯ, ки ҳаст,
Мулки бақо фориғ аз давлати нопойдор.
Оби синони ту аз партави як нури хеш,
Доғи фитан шуста аз сафҳаи нопойдор.
Чун забари офтоб парда барафтад тамом,
Гардад аз анвори ӯ кавну макон нурдор.

Тири ту то дам ба дам дасти ту бӯсад ба меҳр,
Як нафас андар дили хасм надорад қарор.
Ҳар кӣ мусаллам надошт мулки туро кофар аст,
З-он ки намуд эҳтироз аз карами Кирдигор.
Иззати ҳар кас ба рӯзи мулки ту аз мавҳибат?
Салтанат афзун диҳад давлати беихтиёр.
Дар сафи кин душман ар бо ту шавад рӯ ба рӯ,
Ҳоҷати шамшер нест кор ба давлат гузор.
Мардию зӯроварӣ аз асари давлат аст,
Давлат агар ёр нест, ин ҳама н-ояд ба кор.
Гар бихӯрад ногаҳ аз чашмаи теғи ту об,
Гулшани мулк оварад меваи нусрат ба бор.
Халқаи моҳи нав аст шуълазанон ё фалак,
Карда зи наъли суми тавсани шаҳ гӯшвор?
Қимати назми ман аз тарбияти табъи туст,
В-арна туро мадҳгӯй ҳаст чу ман садҳазор.
Он нафасе к-офтоб нур ба олам диҳад,
Зарраи саргаштагист то бувад андар шумор?
Подшаҳо, ҳам дар ин рӯз маро мерасад,
Бар шуъарои қадим гар бикунам ифтихор.
З-он ки чу мамдуҳашон ҳаст дар ин дар басе,
Лек чу мамдуҳи ман нест дар он рӯзгор.
Подшаҳо, муддатест то зи таҳи кудакӣ,
Хотири мискин зи фақр монда дар зери бор.
Гоҳ зи беманзилист хаймаи ман осмон,
Гоҳ зи бемафрашист бистари ман сангу хор.
Хӯрдании ман ғам аст, маркаби ман деви нафс,
Ҳаст зи пӯшиданӣ дидаи шабзиндадор.
Бо ҳама ранҷу бало ҳаст яке навкарам,
К-аз бадии шакли ӯ дев кунад раҳ канор.
Ҳаст ба ҳангоми лат ҳамчу фалак дар шитоб,
Ҳаст ба ҳангоми кор ҳамчу замин бовиқор.
Меъдаи раққоси ӯ чун дараки дӯзах аст?
К-аз хӯриши заҳри мор ҳеҷ надорад фирор.

Ин ҳама дорам, валек бас буд ин давлатам,
То чу сагам гоҳ-гоҳ ҳаст ба пеши ту бор.
Симу зарам чун хасон гар набувад,бок нест,
Давлати ҳарду сарост бандагии шаҳриёр.
То ки бувад офтоб нурдеҳи шашҷиҳат,
То ки бувад осмон ҳомили ҳафту чаҳор.
Зоти шарифи ту бод ҳомили аркони дин,
Хоки дарат сурмаи чашми сиғору кибор.

## 21.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Чу боз шоҳиди зарринқабои симузор,
Зи шаб кулолаи мушкин фиканад бар рухсор.
Нигори лоларухи шаҳргарди хирмансӯз,
Ниқоби ғолия дар рух кашид дигар бор.
Чу муҳрадузди фалак донаҳо парешон кард,
Бибин чи тангаи зар бурд бе вағо ба қимор.
Чу кард хусрави Чин тайласон зи шаъри сиёҳ,
Либоси нур бияфканд турки оинадор.
Ба сад суруд чу Ноҳид базми айш орост,
Навои нолаи чангам рабуд сабру қарор.
Чу аҳли айш ба сӯйи пиёла бурдам даст,
Ки хуш бувад майи софӣ ба бӯйи суҳбати ёр.
Нишаста будам аз бодаи тараб сармаст,
Ки ногаҳам ба дил омад ҳавои ёру диёр.
Забон кушода чу най зикри ёр мегуфтам,
Гаҳе ба нағмаи зеру гаҳе ба нолаи зор.
Шароби лаъл басе рехтам зи соғари чашм,
Шудам чу чашми бутон саргарон зи хоби хумор.
Яке зи ҳамнафасони қадимро дидам,
Зи меҳнати сафараш гард рафта бар рухсор.
Зи хори ҳодиса карда чу гул гиребон чок,
Зи абри дида чу чашми саҳоб гавҳарбор.

Ба сад забон ба мани хаста дар итоб омад,
Ки эй зи доғи фироқи ту синаҳо афгор.
Агарчи дар сафарат нав ба нав саодатхост,
Зи ҳамдамони қадимӣ вафо дареғ мадор.
Ту худ сафина ба дарёи ишрат афкандӣ,
Зи ташнагони зулоли вафо магир канор.
Туро агарчи ба ғурбат ғариб ишратхост,
Зи шаҳри хеш ба якборагӣ машав безор.
Ту дар нишотию  аз ҳаҷр нури дидаи ту,
Чу ҷисми туст наҳифу чу чашми худ бемор.
Зи фурқаташ рамақе мондааст, лутфе кун
Ки як дамаш бичашонӣ зи шарбати дидор.
Табиби ишқ чунин гуфтааст рӯзи нахуст:
Ки лутфи Исавияш зоҳир аст дар гуфтор.
Ҳазор шарбати ширину меваи машмум,
Чунин муфид набошад, ки бӯйи суҳбати ёр.
Камар ба азми сафар банду рӯ ба роҳ овар,
Ба ҷон расидаи худро дар интизор мадор.
Ба хашм рафтаму гуфтам, ки чист мегӯӣ,
Ҳазор бор аз ин қавли ботил истиғфор.
Ҳазор хешу рафиқу бародару фарзанд,
Нисори суҳбати Кайхисрави фалакмиқдор.
Сипеҳрмартаба Султон Халили доноӣ,
Ки ақли кулл ба ғуломеш мекунад иқрор.
Ҷаҳони илм, ки карубиёни олами қудс,
Ҳамекунанд тавомири мадҳи ӯ такрор.
Зи адли туст чунон хоби амн рафта ҷаҳон,
Ки нафхи сур кунад чашми фитнаро бедор.
Ба ҷанби қадри рафеъаш қироти нуҳ гардун,
Зи ҷузви «ло ятаҳаззо» кам аст дар миқдор.
Садойи навбати қасраш чу шаш ҷиҳат гирад,
Тазазул афканад андар фазои ҳафт ҳисор.
Зи теғи хусрави шарқ оваранд рӯ ба гурез,
Агарчи хайли нуҷум аз фалак кунанд ҳисор.

Зиҳӣ ҷаноби рафеъи ту марҷиъ-ул-ҳукком,
Зиҳӣ замири мунири ту махзан-ул-асрор.
Ҳакими ақл, ки кашфи рамузи дониш аз ӯст,
Ҳам аз хазинаи илми ту мебарад идрор.
Чу бор ёфт, Насирӣ, дилат ба ҳазрати шоҳ,
Қадам бурун манеҳ аз роҳу бош воқифи кор.
Ҳазор чун ту агар дар даме шаванд ҳалок,
Ҷаноби олии ӯро чӣ кам шавад миқдор.
Ба роҳи Каъбаи мақсуд ҷону сарост?
Шутур сареъ марону кашида дор миҳор.
Басе гузашт, ки аз нолаи шабонаи ту,
Сагони ин сари кӯ дарди сар барад бисёр.
Кунун салоҳи ту он аст, к-аз тариқи сафар,
Дурӯза раҳ бибарӣ бори хеш аз ин дарбор.
Иҷозате талабию ба юмни ҳиммати шоҳ,
Ба шаҳри хеш равӣ бо ҳазор истезҳор.
Зи бандапарварии подшоҳи банданавоз,
Ба неку бад накунӣ обрӯи худ изҳор.
Чу дур монӣ бидонӣ, ки дарди ҳиҷрон чист,
Зи ҳар чӣ ҳаст ба як борагӣ шавӣ безор.
Ба хидмат оию қадри мулозимат донӣ,
Ба ҳеҷ рӯ накунӣ зикри ёру ёди диёр.
Ҳамора то ба ҷаҳон гардиши маҳу хуршед,
Диҳад зи авҷи сипеҳр интизоми лайлу наҳор.
Зи офтоби рухат рӯзу шаб мунаввар бод,
Ки то шавӣ ба саодат зи умр бархурдор.

## 22.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Дӯшам афтод ба сарвақти дили хеш гузар,
Буд бечора ба сайр омада аз фазлу ҳунар.
Мурда аз ҳасрату аз гулшани дониш ҳама умр,
Начашида ба ҷуз аз меҳнату андеша самар.
Ончунон хастаи шамшери ҳаводис шуда буд,
К-аш на имкони ҷадал буду на ёрои ҳазар.

Ранги ноёфта пайкон ғаме аз хунаш,
Ки сипеҳраш паи он тир зада тири дигар.
Чарх ҳар тири балое, ки кушода зи камин,
Дили озурдаи ман карда ба ҷон сина сипар.
Такя бар бистари хорӣ зада бемору наҳиф,
Шарбаташ заҳри ҷудоию ғизо хуни ҷигар.
Чун маро дид ба зорию фиғон омаду гифт:
Ҳеҷат аз ҳоли дили сӯхтагон нест хабар.
Аз чӣ рӯям ба чунин ҳол раво медорӣ,
Ки бувад ҳоли ман имрӯз зи ҳар рӯз батар?
Фоқаву ранҷ ба ҷонем расонид зи заъф,
Ки на имкони сукун буду на ёрои сафар.
Лутф бинамою дар ин воқеа бинмой раҳам,
Ба гуруҳе, ки шиносанд ҳазафро зи гуҳар.
Ёрияш кардаму аз дур намудам бозаш,
Раҳ ба қавме ҳама маҷмӯаи анвоъи ҳунар.
Ҳамаро хотами тадбири мамолик дар даст,
Ҳамаро хилъати иқболу саодат дар бар.
Хусравонро ҳама дар силки ибод оварда,
Чун ба хидмат ба дари шоҳи ҷаҳон баста камар.
Аз намакдони Халил, он ки надорад намаке,
Туъма аз хони Халилаш надиҳанд аҳли назар.
Табъи ҳар як ба гаҳи фикр зи дарёи улум,
Ҳамчу ғаввос баровარда садафҳои гуҳар.
Доим аз бахшишу дасту қалами эшон аст,
Домани баҳр пур аз дурру дили кон пурзар.
Ҳама фаррухпаю соҳибдилу маймунтолеъ,
Ҳама равшандилу некахтару фархундаписар.
Ҳама ҷонанд, ки ҳастанд муъарро зи ҳасад,
Ҳама рӯҳанд,ки ҳастанд мубарро зи сувар.
Ҳар яке бар сари арбоби ҳукумат ҳоким,
Ҳар яке дар сафи асҳоби маонӣ сафдар.
Гар зи девон бифиристанд ба гардун вараке,
Бар замин афканад аз шарм Аторуд дафтар.

Ҳама арбоби дувалро ба шараф роҳнамой,
Ҳама арбоби суханро ба маонӣ раҳбар.
Фиканад аз шарафу қадру ба тинат аз хок,
Мекунад аз раҳи маънию ба сурат зи башар.
Хусравонанд зи афзолу ҳунар хайлу ҳашам,
Сафдаронанд зи алфозу маонӣ лашкар.
Ҳар яке сарвари иқлими бузургию камол,
Ҳар яке подшаҳи боргаҳи фазли ҳунар.
Ҳама дар назм сухансанҷу фасоҳатпардоз,
Ҳама пиррӯзу қавификру балоғатпарвар.
Ҳар киро дар канафи Исмати худ роҳ диҳанд,
Фориғ аз ранҷу ано гардаду эман зи хатар.
Ҳар як аз рӯйи хирад дар сафи арбоби камол,
Фатҳи иқлими ҳунар карда ба мифтоҳи зафар.
Зуҳраро гар нафасе чошнии лутф диҳанад,
Ҳамчу тарёк ҳамаи умр кунад дафъи зарар.
Фаламанд, аз паи он ҳомили хайранду савоб,
Малаканд, аз пайи он майл надоранд ба шар.
Зарраеро агар аз лутф навозанд, шавад
Ҳамчу афлок сарафрозу чу хуршед анвар.
Манам он зарраи гумраҳ, ки зи ҷаври фалакам,
Хору саргаштаву дар чанги фалокат музтар.
Гоҳам аз бехабарон доғи маломат бар дил,
Гоҳам аз ҷаври замон шӯри ҳақорат дар сар.
Ку ғуборе зи сар кӯйи қаноат, ки диҳад
Чашми уммеди маро хосияти куҳли басар.
Бе таваққуф зи раҳи лутф намоянд карам,
Ваҷҳи айше, ки бувад з-аҳли мурувват дарх(в)ар.
Пеши кӯтаҳназарон чанд кунам арзи ниёз?
Чанд гирдам паи дарюза ба ҳар роҳгузар?
Даст бардор Насирию дуъо гӯ, ки ба даҳр,
То ту ҳастӣ, ба ҷуз ин нест туро кори дигар.
То ки бошад ба ҷаҳон рояти давлат олӣ,
То буванд аҳли шараф мулки абадро раҳбар.

То дар айём бувад равнақи шаръи Аҳмад,
То дар офоқ бувад номи накӯи Ҳайдар.
Рояти давлати ин зумра музаффар бодо,
Ҳамаро тоҷи бузургию каромат бар сар.

## 23. ДАР СИТОИШИ САЪДУДДИНИ ЗАНГИШОҲ

Дорам озурдадиле сӯхта аз доғи ҷигар,
Ҷигари сӯхта бисёр зи дил сӯхтатар.
Ҳамаро ҷоми тараб пурмайи лаъл асту маро,
Аз дили хаста кабоб асту май аз хуни ҷигар.
Чанд хуноба хӯрам, кист ки аз ҷоми аҷал,
Гӯядам захри  ҷудоӣ хуру хуноба мах(в)ар?
Ҳар дамам мешиканад новаки дарде дар дил,
Ҳар нафас тире ғаме мекунад аз сина гузар.
Сина шуд раҳгузари тиру касе воқиф нест,
Ки чиҳо мегузарад бар дил аз ин роҳгузар?
Бар сар омад ба сад озурдагиям умре азиз,
То ҳанӯзам зи дилу дида чӣ ояд бар сар?
Ҳамнишинон ҳама рафтанду маро дарди фироқ,
Ҷои он аст, ки бандам зи ҷаҳон бори сафар.
Ногаҳон умри навам дод ба як дам чу Масеҳ,
Асари раҳмати дастури ҷаҳон, фахри башар.
Саъдудинхоҷаи хуршедлиқо Зангишоҳ,
Зебу ороиши девону давоту дафтар.
Он ки бе мавҳибаташ дахли аморат бе об,
В-он ки бе макраматаш нахли вазорат бебар.
Он ки ҳарфе зи сари килки Аторудасараш,
Зебу дебочаи маншуру хисол асту басар.
Кишвари маҷду шараф бе қадами ӯ вайрон,
Дафтари фазлу ҳунар бе қалами ӯ абтар.
Эй кариме, ки  зи шарми карамат баҳру саҳоб,
Бо лаби хушк фурӯмондаву бо дидаи тар.

Аз дурафшонии дасти ту гар огоҳ шудӣ,
Аз ҳаё баҳри садафро накашидӣ дар бар.
Гашт хуршед басе то ҳаҷар андар дили кон,
Пораи лаъл шуд он низ ба сад хуни ҷигар.
Офтобест атои ту, ки домони сипеҳр,
Пур зи ёқуту зару лаъл кунад шому саҳар.
Давлат аз рӯзи азал дидаву дил дода зи даст,
Чеҳраи ҷоҳи ту дар оинаи фатҳу зафар.
Бартар аз қадри ту мавҷуд нашуд ҳеҷ мақом,
Хориҷ аз табъи ту махлуқ нашуд ҳеч ҳунар.
Ҳаббазо, маҷлиси айши ту, ки дар нузҳати рӯҳ,
Чун биҳишт аст зи ҳурони малоикманзар.
Пеши мастон даҳану чашму лаби ҳурвашон,
Нуқлҳо рехта аз фундуқу бодому шакар.
Рӯзи ҳайҷо, ки шавад з-оташи шамшеру синон,
Ҷавшану диръ бар андоми ялон хокистар.
В-аз тафи наъли саворони сипоҳи ту ба разм,
Арсаи хок ба ҳар ламъа шавад пурмаҳу х(в)ар.
В-аз таби ғусса чунон хушк шавад ҳалқи хусум,
Ки ба ӯ ҳеҷ кас обе надиҳад ҷуз ханҷар.
Ҷунбише аз ту зи ҳассод ба даври сад саф,
Ҳамлае аз ту зи аъдо шиканад сад лашкар.
Чун сари хасм бурад теғи ту гӯяд ба румоҳ,
Чи яке найза чи сад чун бигузашт об аз сар.
В-ар шавад рост ба дилдӯзии аъдо тират,
Сӯйи садраш ҳама гӯянд, ки фармою гузар.
Шаҳпар аз нусрату фатҳу зафари тир туро,
Сафдарон, дида сипар сохта чун дида сипар.
Сарваро, бехабар афтодаам аз меҳнату ранҷ,
Хабарат ҳаст, к-аз ин бехабарат нест хабар?
Хирадам ғорати ҷон асту ҳунар офати дил,
Ки бари беҳунарон айб бувад фазлу ҳунар.
Бори дастору вараъ гардани шодӣ бишкаст,
Ба ғам ин бори басар мебарам ин бор ба сар.

Аз дами сарди хазон буд тани хастаи ман,
Зарду бебаргу барафтодаву урён чу шаҷар.
Ки ба даст омадам аз ғайбу бароте ба ду муҳр,
Ки ду олам ба яке муҳр шавад зеру забар.
Қурби як моҳ ба ваҳшикадаи улё бод,
Ки зи пошидани он буқъа кунад дев ҳазар.
Рӯзу шаб хӯрдании банда ғаму сармо буд,
Ҷулу афсор чу асбу алиқу астар.
Оқибат дафтари ахбос ба пеш овардам,
Ки дар ин қаря ҳамин аст на симету на зар.
Бӯрё буду намад зину ба ғилтоқу каду,
Даббаву танбаку полони хару танбаи дар.
Суфраву деги сафолину хуму яқловӣ,
Намади куҳнаву дастосу каланду занбар.
Гӯсфанду хару бузғолаи гаргину сақат,
Шутури пиру хари лошаву гови лоғар.
Буд беш аз рамаи Мӯсии Имрон рамааш,
Пиру мафлуку фурӯмондатар  аз якдигар.
Чун фуру монда хару харкураи модаи ӯ,
Хари Исо ба зуҳур омада аз сулби падар.
Хурдсоли шутураш ноқаи Солеҳро ҷад,
Модагӯсолаи ӯ гови заминро модар.
На ба гову хараш аз рӯҳу равон ҳеҷ нишон,
На ба асбу шутураш аз тану ҷон ҳеҷ асар.
Асбаш он дам, ки ба майдони замин дошт маро,
На даду дев дар ин мазраъа буду на башар.
Гуфтам: Аҷноси нафис асту ба ту лоиқ нест,
Исмат инҳо ту ҳам он ҷо бигузору бигузар.
Ҷаҳд бинамой, ки ин қиссаи машруҳ гузарад,
Бар дари хоҷаи фархундапаи фаррухфар,
Дил мабанд, аз чӣ донӣ, ки Масеҳи карамаш,
Зинда созад ба дами тарбияташ бори дигар.
То бувад нолаи меҳнатзадае дар дилу ҷон,
То кунад оҳи ҷигарсӯхта дар санг асар.

Баҳри айшу тарабу роҳату осоиши халқ,
Аз ҳаёту шарафу умру ҷавонӣ барх(в)ар.

## 24.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Шабе к-аз саҳни хиргоҳи мудаввар,
Ниҳон дар парда шуд хуршеди ховар.
Зи таъсироти анвори кавокиб,
Ҷаҳон чун субҳи содиқ шуд мунаввар.
Ман афтода ба кунҷе зору маҳрум,
Хаёли ёр дар дил, бода дар сар.
Чу гул бар ёди лаъли майпарасташ,
Ҳама шаб хуни дил хӯрда зи соғар.
Зи сӯзи оташи ҳиҷрон фитода,
Лаб аз ғам хушку чашм аз хуни дил тар.
Зи ҳастӣ бехабар гашта, ки ногаҳ,
Дарун омад парирӯи ман аз дар.
Рухаш дар дилбарии ҷон муҷассам,
Қадаш дар нозукӣ рӯҳи мусаввар.
Хати сабзаш ба гирди хирмани гул,
Кашида соябон аз сунбули тар.
Зи лаълаш чун зумуррад раста дидам,
Зи дида шуд равон ёқути аҳмар.
Зӣ бӯйи зулфи мушкафшони ӯ шуд,
Дигарбора димоғи ҷон муаттар.
Чу дидам қомати нозукхиромаш,
Фаромӯшам шуд аз сарву санавбар.
Мани бар лаб расида ҷон чу дидам,
Ки омад боз рӯҳи рафта дар бар.
Ба зорию фиғон сӯяш давидам,
Ду дида пур зи симу чеҳра чун зар.
Ҳазорон шиква аз дарди ҷудоӣ,
Ниҳон бо хештан карда мухаммар.

Ду дида чунки бикшодам ба рӯяш,
Зи шодӣ рафтам аз худ бори дигар.
В-аз он хиҷла ҳадиси оташангез,
Зи ҳайронӣ нашуд ҳечам муяссар.
Маро чун дид гирён пешам омад,
Кушода қуфли лаъл аз дурҷи гавҳар.
Зи ғамза новаке зад бар дилу гуфт:
Туро боз ин чӣ беморист дар сар?
Ба фарқи чун туе поям чӣ лоиқ?
Ба чашми чун туе рӯям чӣ дарх(в)ар?
Надорад зарра он ёро, ки ҳаргиз,
Шавад ҳамхона бо хуршеди анвар.
Шудам бо хоки раҳ яксону гуфтам,
Ки: Эй шаклат маро бо ҷон баробар.
Чӣ доғ аст, ин ки бар ҷонам ниҳодӣ,
Ки айшам талх шуд, умрам мукаддар?
Зи дарди худ  кунун пеши кӣ гӯям?
Кӣ дорад аз мани бечора бовар?
Табассум карду гуфто: Гар бидонӣ,
Ки ин давлат шавад бар ту муқаррар.
Ба зорӣ рух бинеҳ бар хоку он гоҳ,
Фурӯ хон қиссаи дарди худ азбар.
Ба коми дил расӣ гар донад ин ҳол,
Ҷаҳони макрамат, шоҳи диловар.
Насири мулки дин, Султон Халил он,
Ки ораш ояд аз Дорову Санҷар.
Касир-ул-мавҳаба баҳр-ул-атоё,
Рафиъ-ул-мартаба шоҳи диловар.
Фалаккадре, ки дар ҷанби ливояш,
Бувад нуҳ чарх чун зарра муҳаққар.
Шаҳе, к-аз зарби гурзи ӯ фалакро,
Бувад сатҳи муҳаддаб чун муаққар.
Аё шоҳи Сулаймонфар,ки аъдо,
Чу девонанд ҳикматро мусаххар.

Амал дар рашҳаи килки ту мудғам,
Аҷал дар ламъаи теғи ту музмар.
Ба Яъҷуҷи фатан барбаста теғат,
Дар атрофи ҷаҳони садди Сикандар.
Ҷаҳони илмро табъи ту бонӣ,
Сипеҳри мулкро теғи ту меҳвар.
Арӯси салтанатро аҳли давлат,
Кунад аз ҷавҳари теғи ту зевар.
Ҷаҳондоро, зи сирри офариниш,
Ки бар аҳли укул аст он муяссар.
Паи тамсил гӯям бо ту рамзе,
Ки донӣ сирри ин маъно муфассар.
Яке аз шаҳриёрони ҷаҳонро,
Сафар чун ихтиёр афтад зи кишвар.
Паи тартиби мулки зоҳири хеш,
Ба ҳар ҷо гар кунад коре муқаррар.
Чу дарбонон якеро бахри хидмат,
Нишонад рӯзу шаб чун ҳалқа бар дар.
Якеро дар мақоми худ нишонад,
Кунад бар дигарон сархайлу сарвар.
Кунад бар ганҷи султонӣ аминаш,
Аз ӯ пурсад ҳадиси дурру гавҳар.
Зи кори ҳар яке дон эътибораш,
Ба пеши подшоҳи бандапарвар.
Ҳамин навъ эътибори он мазоҳир,
Бувад дар ҳазрати Қайюми акбар.
Халоиқ мазҳари анвори Ҳаққанд,
Ки дар ҳар сурате сиррест музмар.
Ҳама уммоли султони яқинанд,
Барои ҳар яке коре муқаррар.
Яке з-ифлос саргардон ба ҳар сӯ,
Яке аз ганҷи султонӣ тавонгар.
Яке аз илм нодониста ҳарфе,
Яке аз илм донову суханвар.

Зи кори ҳар яке медон ту ҳолаш,
Ки назди Ҳақ мақоми кист бартар?
Малоик пайкар амлоки бақорост,
Вуҷуди оламорои ту мазҳар.
Намебинӣ, ки ҳар к-ӯ аз ту бигрехт,
Ба андак рӯз шуд вайрону абтар.
Мақоми хеш аз ин бишнос бо Ҳақ,
Машав ғофил аз ин асрор дигар.
Ки аз абнои аҳли давлат омад,
Либоси мулк бар қади ту дар(в)ар.
Худовандо, Каримо, Подшоҳо,
Ба иқболи шафеъи рӯзи маҳшар.
Ба маҷруҳони шамшери ҷудоӣ,
Ки меноланд дур аз рӯйи дилбар.
Ки ҷоҳу давлати шоҳи ҷаҳонро,
Сӯйи мулки ҳақиқат соз раҳбар.

## 25.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Зиҳӣ қоматат сарву узорат маҳи анвар,
Хату хад шабу шамъу руху лаб гулу шаккар.
Шаби анбарин мӯят, маҳи ростин рӯят,
Биҳишти барин кӯят, лабат чашмаи Кавсар.
Рухат қурси хуршеду Сурайё дар ӯ мудғам,
Лабат қуфли ёқуте дар ӯ дурҷи дур музмар.
Бар атрофи рӯ зулфат чу сунбул аён бар гул,
Дар анвори рух лаълат чу зарра ниҳон дар х(в)ар.
Даҳону биногӯшу қадду зулфу рухсорат,
Калиму яди байзову дарахту шабу озар.
Лабат чун сухан гӯяд,рухат чун арақ резад,
Чаконад дур аз лаълу фишонад зи моҳ ахтар.
Маро зинда созу куш, ки мастӣ ба чашму лаб,
Гоҳи ғамза қассобу гоҳи ханда ҷонпарвар.

Зи анвори ҳуси он дам ки рӯйи ту шуд толеъ,
Ту гӯйи падид омад зи озар бути Озар.
Маро ҳар дам аз ҳасрат дили хаста хун бандад,
Чу бӯсад лаби лаълат ба мастӣ лаби соғар.
Аё соқии маҳваш, майи лаъли чун оташ,
Бинеҳ бар кафу сархуш, биё то ба якдигар.
Ба базми шаҳи аъзам ба пеши ғуломонаш,
Ман аз дил кабоб орам, ту зи лаб майи аҳмар.
Улуғбексултон, ки аз ҳайбати хонаш,
Зи рӯбоҳ амон ҷӯяд ба ҳар беша шери нар.
Агар ламъаи теғаш ба гардун кашад партав,
Шавад ҷирми нуҳ гардун чу як тӯда хокистар.
В-агар оташи қаҳраш дар аҷзои хок афтад,
Гиёҳе нарӯёнад замин то дами маҳшар.
Бувад қадри нуҳ гардун ба паҳлӯи хиргоҳаш.
Ки қадри суҳо пеши нуҳум торуми ахзар.
Аё маъмури шоҳӣ, ки камтар ғуломи ту,
Шаҳонро бувад марҷаъ саронро бувад сарвар.
Агар бо камин чокар ишорат кунӣ танҳо,
Бидаррад бари Кисро бибуррад сари Қайсар.
Ба майдони разм он дам, ки аз оташи теғат,
Бисӯзад тану ҷавшан гудозад сару миғфар.
Зи саҳми ту чандоне фитад теғу тир аз каф,
Сипоҳи ағодиро ба балои якдигар.
Ки сад қарн аз он саҳро ба ҳар солу маҳ рӯяд,
Ба ҷойи хасак пайкон, ба ҷои гиёҳ ханҷар.
Фалакро ба дигар сӯ таҳаррук диҳад зӯрат,
Ба румҳат гараш ногаҳ тақотеъ кунад меҳвар.
Ба чандон аташ теғат дар он дам ки нӯшад хун,
Ба аввал зи оби худ кунад ҳалқи аъдо тар.
Ба азми шикор он дам ки азмат фарас ронад,
Зи фавҷи адӯ паррад басе мурғи рӯҳ аз бар.
Сӯйи чарх агар чархат парад гираду резад,
Зи шери фалак рӯҳу зи насрини гардун пар.

Ба ҳар сӯ, ки шуд хайлат акси ниғол онҷо,
Фалак пур зи анҷум шуд, замин пурмаҳи анвар.
Зи хоки кафи поят, зи наъли суми асбат,
Ба чашми шаҳон сурма,ба фарқи сарон афсар.
Сари хони базматро камин мизбон Ҳотам,
Ғуломони разматро камин посбон Санҷар.
Зи ҷудии дилу дасти ту якдам намепояд,
Ба қалб садаф дуру ба чанги ҳаҷар ҷавҳар.
Кунузи дақойиқро бинони ту шуд махзан,
Румузи ҳақоиқро баёни ту шуд мазҳар.
Чу Суқроти Буқрот басе човушу дарбон,
Чу Хуршеду Ҷамшед басе бандаву чокар.
Зи баҳси ту дар ҳайъат Арасту шавад мулзам,
Зи нутқи ту дар ҳикмат шавад Буалӣ маҳзар.
Фалак бо давоти зар нависад тасонифат,
Хутути мадороташ занад бар варақ мистар.
Фалакрифъато умре ба ҳар шева Исматро,
Ғурури ҷавонӣ шуд ба беҳосилӣ раҳбар.
Зи шӯхии чаҳли ман шуд ислоф мозиро,
Кутубхонаи392 дониш ба якборагӣ абтар.
Зи бадномии ман шуд ҳама номи обо гум,
К-аз ахлофи бад монад риёзи халаф бебар.
Чу дар бар намонд охир шиоре ба ҷуз шеърам,
Бигуфтам диҳам худро бад-ин ҳила зебу фар.
Ба чандин тааммул шуд зи шеърам ҳамин ҳосил,
Ки аз садр гаҳ худро фикандам ба хоки дар.
Ба охир зи таъдиби ҷаноби ту донистам,
К-аз ин шеваҳо ҳосил ғурур асту шӯру шар.
Фақири гунаҳгорам зи фазли ҳунар муфлис,
Ғуломи дилафгорам ба чангу ҳаво музтар.
Дар ин ғусса умре шуд, ки дар кунҷи ғам дорам,
Ду дида пур аз хуну дил аз дида пурхунтар.
Ба иқболи ту, шоҳо, бар онам, ки дар даврат,
Агар зиндагӣ бошад ба дониш барорам сар.

Кунун то бувад умре ба маънӣ кунам сарфаш,
Аз ин шева гар тобам рух, инак сару ханҷар,
Қазо то ба таъхиру асирон сувдое,
Зи холу хати хубон бар оташ ниҳад анбар.
Ба ҳурони анбармӯ, ба ғилмони мушкинхат,
Зи умри ҷавонию нашоту тараб бар х(в)ар.

## 26.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Зиҳӣ ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханҷар,
Рухи чу моҳат сабоҳи давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.
Ба шамъу бода чӣ ҳоҷат афтад,агар чашонӣ в-агар намоӣ,
Зи лаъли нӯшин маи мусаффо, зи рӯйи зебо маҳи мунаввар.
Фитад дар обу равад дар оташ, ба гоҳи ҷилва,ба вақт дида,
Зи шарми қадат ниҳоли Тӯбо, зи рашки лаълат зулоли Кавсар.
Дили ману ту,туву дили ман, ғами туву ман,ғами ману ту,
Чу ҷаннату ҳур, чу ҳуру ҷаннат, чу пайкару рӯҳ,чу рӯҳу пайкар.
Ғубори кӯят ба дида нуру хаёли рӯи ту нури дида,
Қади баландат баробари ҷон, лаби чу қандат ба ҷон баробар.
Хати ту бар лаб, лаби ту бо рух, руху ту бо хай, хайи ту бар лаб,
Шабу шаробу шароб бо гул, гулу гулобу гулобу шаккар.
Зи ҷайб якто намуда рӯю хати суманбӯй зи тоби мӯят,
Хур аз ҳарири қамар зи қиру гул аз абиру суман зи анбар.
Зи чашми масту зи шаҳди лаълу зи гирди наълу зи моҳи рӯят,
Сакар сакиру шакар шакиру басар басиру назар пурахтар.
Агар набудӣ қаду узору лабу даҳонат куҷо намудӣ,
Қамар зи сарву шакар зи лаълу дур аз ақиқу гул аз санавбар.
Зи ҳалқаи мӯю лаъли дилҷӯю нури рӯю насими кӯят,
Ҷаҳон парешон, забон дурафшон, ҷаҳон гулистон, ҷинон муаттар.
Зи чашми бемору лаъли хунхору шавқи дидору ранги рӯят,
Дарун хароб асту дил кабобу назар пуробу ҷигар пурозар.
Хайи лабону руху даҳону чаҳи занахдону хайли мижгон,
Маи рақиқу гулу раҳиқу чаҳ амиқу синону ханҷар.

Дили ману зулфу ғамзаву қаду хату хадду тану дили ту,
Асиру занҷиру теғу тиру гулу абиру ҳариру мармар.
Хати сиёҳу камони абрӯ, рухи чу моҳу лаби сухангӯ,
Шаби умеду ҳилоли иду гули сафеду шароби аҳмар.
Намуда рӯю даҳони тангу узори гулрангу чашми мастат,
Зи маҳ саҳову в-аз саҳо сурайё, зи ҳола лола, зи лола абҳар.
Ду чашми ҷоду ба дилрабоӣ, яке ба шӯхӣ,яке ба мастӣ,
Зи қавси мушкин кушода тиру зи хайли мижгон кашида ханҷар.
Ду лаъли дилҷӯ ба ҷонфазоӣ, гаҳе ба посух, гаҳе ба ханда,
Зи ғунча шаккар фишонда бар гул зи зарра Парвин намуда бар х(в)ар.
Ҳавои кӯю балои ишқу гудози тиру ғубори наълат,
Ба ҷон мувофиқ, ба дил муносиб, ба сина лоиқ, ба дида дарх(в)ар.
Ба сад чунин ҳусну дилрабоӣ адам намоӣ ба пеши чашмам,
Агар насоӣ рухи иродат ба хоки пои шаҳи музаффар.
Масеҳхулқу Калимқурбат, Муҳаммадилму Халилхислат,
Фалак ғулому малак мулозим, чаҳон мутеъу замона чокар.
Шаҳи Сулаймонҳашам Улуғбек, имоми барҳақ, валии мутлақ,
Ба тан таҳамтан,ба яд муайяд, ба дил муҷодил, ба фар ғазанфар.
Шаҳе, ки аз адлу дониши ӯ камолу иқбол мулки динро,
Ҷамоли ҷоҳуривоҷу қадру шукуҳу фурсат ва зебу зевар.
Зи ганҷи инсоф-ш офаринаш,зи файзи инъом-ш аҳли дониш,
Ба рои маҷду шараф музайян,зи нақди фазлу ҳунар тавонгар.
Сарири мулку сипоҳу давлат, чароғи илму димоғи ҳикмат,
Ба ӯ мабоҳӣ, ба ӯ мафохир, ба ӯ мунаввар, ба ӯ муаттар.
Басе мадорис, басе ҷавомеъ,басе хавоник, басе савомеъ,
Аз ӯ муҷаддад, аз ӯ мушайяд, аз ӯ музайян, аз ӯ мунаввар.
Аё Масеҳонафас кариме, ки бе нами килку файзи нутқат.
Бароти ризқе нагашт муҷрӣ, ҳаёти ҷисме нашуд муқаддар.
Ба ҳикмату фазлу лутфу раҳмат, ба адлу эҳсону ҷоҳу рифъат,
Туӣ Калиму туӣ Масеҳо, туӣ Сулаймон, туӣ Сикандар.
Зи мушкилоти нукоти рамзӣ, зи мубҳамоти улуми ҳарфӣ,
Намонда фикри ту номуайян, нахонда фаҳми ту номуфассар.
Ба ҳафт мирсад расад чу бандӣ ба ҳеҷ кишвар хафӣ намонад,
Дақоиқи дури аршу курсӣ, ҳақоиқи сайри чарху ахтар.

Замири поки турост кашфи румузи илму ҳикам тамомӣ,
Ба як тафаккур шуда мусаллам, ба як тасаввур шуда муяссар.
Сарони мулку шаҳони адлу кунузи илму румузи динро,
Раҳи ту маскан,дари ту маъман, тани ту махзан дили ту мазҳар.
Шикастагонро раҳиму мушфиқ, ситамкашонро муъину носир,
Сипаҳбадонро малоззу марҷаъ, диловаронро сарию сарвар.
Чу зери чатрат равад муъаддал ҳазорсола масофат афтад,
Аз он муқассар бад-ин муҳаддаб, ваз-ин муҳаддаб ба он муқаъъар.
Сақили мутлақ хафиф гардад хур аз ниъоли таковаронат,
Басити ғабро равад дар оташ,бисоти хазро шавад муанбар.
Ба ҳар  шикоре, ки чарху шоҳин ба суйи гардун паронд қаҳрат,
Зи Насри воқеъ парида рӯҳу зи Насри тоир шикаста шаҳпар.
Мубориzони сипоҳат он дам ки бар қитоли аъдо шитобанд,
Камон муваттар, синон мусаммар,қабо мушаммар фарас музаммар.
Зи ҳирқу хуррақ хусум гардад ба кӯҳ нору ба қулзуми хун,
Фалак чу ҷирму замин саъиру заман чу фулку фалак шиновар.
Зи саҳму ваҳму синону пайкону тиру теғат фитад шаҳонро,
Зи по рикобу зи каф инону зи бар қабову зи торак афсар.
Димои хасму зиёи теғу шукуҳи ҷунду таку марокиб,
Яке чу обу яке чу оташ, яке чу куҳу яке чу сарсар.
Ту ҳамчу хуршеду маҳ ба суръат ба гирди майдон савора доим,
Гаҳе бар адҳам, гаҳе бар ашҳаб, гаҳе бар аблақ, гаҳе бар ашқар.
Зи тарафи майдон ба вақти ҷавлон, зи хайли аъдо намуда ҳар як,
Зи хутва раъду зи дашна барқу зи сайҳа суру зи ҳамла маҳшар.
Фалакҷанобо, ман он ғуломам,ки аз сабоҳи азал ба номат,
Сиришки хунин ба рӯйи зардам, хати ғуломӣ навишта бар зар.
Зи шавқи хоки дари ту дорам зи сина оташ зи ашки хунин.
Рухе ба ёқут дури мурассаъ диле ба хуни ҷигар мусаввар.
Чу ман муносиб халаф набудам зи рӯйи фазлу ҳунар салафро,
Зи дасти ман шуд кутуб парешон,зи ҷаҳли ман шуд дафотир абтар.
Зи баъди чандин зулолу ҷаҳлам бе юмни иршоди туст, шоҳо
Зи дарсу тасбеҳу зикру фикрам дарун мусаффо, бурун мутаҳҳар.
Дар ин диёр аз барои онам, ки ҳар баҳорею тирамоҳе,
Дари ту бӯсам, рухи ту бинам, ба ду лаби хушку дидаи тар.

Агар на чандон балову меҳнат насиби Исмат шуд аз рафиқон,
Ки ҳам зи ёрам ҳариқиёру ҳам аз бародар ҷигар пурозар.
Басе мазаллат зи фанни шеърам расид ба ин ҳама ҳақорат.
Зи шавқи базми туам ғазалгӯ, зи завқи мадҳи туам суханвар.
Агар қабули ту гоҳ-гоҳе маро ба наздики худ нахондӣ,
Тан аз лагадкӯби ину онам ҳамешуд аз хоки раҳ фурӯтар.
Ҳамеша то чашми ошиқон аз миёну чашму даҳони хубон,
Наҳифу бемору нотавон асту зору дилтангу зарду лоғар.
Ҷаноби ҷаннатмаоб шоҳе қавию дар айш боду сиҳҳат,
Ба тангчашмони мӯмиёну шакардаҳонони моҳманзар.
Мувофиқони ту дар саодат азизу масруру шоду хуррам,
Мухолифони ту дар шақоват залилу мақҳуру зору музтар.

## 27.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Саҳар к-аз чатри занигорӣ бароянд хусрави ховар,
Тулуъи офтоби май хуш аст аз машриқи соғар.
Рухи зарди худ,эй сӯфӣ, ба оби бода гулгун кун,
Ки шохи гул бурун омад зи хилватхонаи ахзар.
Зи саҳни боғу аз абри баҳорӣ хусрави гулро,
Бисот аз атласи сабз асту шодуравон зи нилуфар.
Ба бӯйи он ки то рӯзе ба боғ ояд парирӯе,
Ғубори мушк мерезад бар оташ лола дар муҷмар.
Ба уммеди нисори макдами хуршедрухсорон,
Зи шабнам лолаву гулрост доманҳо пур аз гавҳар.
Зи як сӯ саргарон аз май сабукрӯҳони меҳрафзо,
Зи як сӯ саф зада як сар парирӯёни симинбар.
Чу ғунча будам андар ҷайби фикрат сар фурӯ бурда,
Ба сад ғам гӯша бигрифта аз ин гардуни дунпарвар.
Ки дар олам чунин айшею ман маҳрум аз ин давлат,
Ҷаҳоне хурраму сарсабзу нахли айшу ман бебар.
Ҳама дар неъмату васланду ман саргаштаи ҳиҷрон,
Ҳама дар суҳбати ёранду ман дур аз рухи дилбар.

Дар ин будам, ки ногаҳ ҳотифе дар гӯши ҷонам гуфт:
Ки тадбири ту осон аст, аз ин ғам ғусса камтар х(в)ар.
Ба осонӣ манат роҳе намоям гар ҳамехоҳӣ,
Ки имрӯз аз ҳама олам шавад айши ту афзунтар.
Бинеҳ бар хок рӯю арза дор аз аҷзу мискинӣ,
Ниёзи худ бари шоҳи ҷаҳондори ҷаҳонпарвар.
Насири мӯлку дин, Султон Халил, Искандари сонӣ,
Малакхую фалакрифъат Фаридуни Сулаймонфар.
Фалак қадре, ки нуҳ гардун ба пеши шамсаи чатраш,
Надорад ушри он қадре, ки дорад зарра пеши х(в)ар.
Аё хуршидрухсоре, ки аз шарми рухат ҳар шаб,
Зи хичлат меравад моҳи фалак дар анбарин чодар.
Ҳамора офтоби пурдил аз баҳри шараф пешат,
Барои қуввати мулку ту бар кӯҳ мезанад ханҷар.
Магар тазвири Миррих аст гурзи оташангезат,
Ки дар рӯзи вағо резад ба як дам хуни сад лашкар.
Чу ту дар корзор ойӣ ба олам ҳеҷ мавҷуде,
Ба ҷуз теғат куҷо ёрад, ки дар пешат барорад сар?
Хаданги заҳри пайкони ту доим ин ҳунар дорад,
Ки дар шом аз рухи зангӣ рабояд хузваи анбар.
Чу ҳусни хубрӯёнро ба зеварҳо биёроянд,
Кунанд аз ҷавҳари теғат арӯси мулкро зевар.
Синону теғи ту дар қалби беҷо накш меёбад,
Ки дар қалби духон равшан намояд шуълаи ахгар.
Ба ҳар мулке, ки рӯ орад синони мамлакатгират,
Туро дар фатҳи он бошад саодат ёру дин ёвар.
Қазо аз баҳри меҳроби фалак дар гунбади гардун,
Кашида шакли наъли маркабат ҳар моҳ ба оби зар.
Ба ҳар шому саҳар аз орзуи маҷлиси айшат,
Шафақ дар соғари фирӯза мегирад ҷаҳон яксар.
Зиҳӣ дар шаҳди килки ту асрори амал мудғам,
Зиҳӣ дар чашмаи теғи ту осори аҷал музмар.
Насирӣ дар дуъогӯӣ чунин ширинсухан з-он шуд,
Ки толиб дорад аз шукрат даҳон пайваста пуршаккар.

Касе мисли ту нашносад ба олам қадри донишро,
Ҳар он к-ӯ гавҳарӣ набвад, чӣ донад қимати гавҳар?
Ҳамора то ки бошад бар сари олам ба пирӯзӣ,
Фарози сатҳи нуҳ гардун, мадори сайри ҳафт ахтар.
Ба нозу неъмату шодию ишрат то ҷаҳон боқист,
Зи умру давлату иқболу бахту сарварӣ бархвар.

## 28. ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Шоҳи анҷум чун бурун омад зи қасри зарнигор,
Кард гардун аз кавокиб домани гавҳар нисор.
Чун ғубори шаб бирафт аз саҳфаи рухсори рӯз,
Офтоб аз пеши рух бардошт зулфи шоми тор.
Буд девона дилам побастаи занҷири ғам,
К-омад аз сӯйи раёҳин накҳати гесӯи ёр.
Чун димоғи ҷон муаттар гашту набзи дил қавӣ,
Аз сари ғайрат ба сӯйи бӯстон кардам гузор.
Дидам атрофи чаман чун боғи хулд ороста,
Ҳамчу анҳори ҷинон хуррам канори ҷӯйбор.
Шакли сунбул чун сари зулфи бутон пурпечу хам,
Шохи гул чун соиди симини хубон пурнигор.
Рост чун чархи забарҷад буду ҷирми ахтарон,
Вақти субҳ андар миёни сабзаву гул лолазор.
Субҳдам бар бӯйи он ояд парирӯе ба боғ,
Лола бар оташ зи мушки суда мерезад ғубор.
Гар наёмад шеваи болои ёраш дар назар,
Аз чӣ рӯ қумрӣ ба фарёд омад аз дасти чанор?
Ғунчаи гул то нарезад хурдаи ӯ бар замин,
Домани садпора медӯзад ба сӯзанҳои хор.
Хотами фирӯза гирд овард барги настаран,
Лола аз шабнам табақ пур карда дурри шоҳвор.
Як ба як пирояи худ баста мурғони чаман,
Аз шукуфа ҳуллаҳо бар сар табақҳои нисор.

Сарв бар по истода, норван баста камар,
Ҳамчу наргис ҷумларо бар роҳ чашми интизор.
Ман дар ин ҳасрат фурӯ рафта, ки ногаҳ шуд падид,
Аз дари бӯстон башири мақдами фахри кибор.
Офтоби дин, Заҳириддин Улуғбек, он ки ҳаст,
Хоки пояш тӯтиёи чашми аҳли эътибор.
Меҳру маҳ доим ба хоки пои ӯ хӯрда ямин,
Баҳру кон ҳар дам зи ганҷи ҳимматаш ҷуста ясор.
Эй ҷаҳонгире, ки то дар арсаи ҳаштум сипеҳр,
Лашкари анҷум зи бисёрӣ наёмад дар шумор.
Аз паи забти сипоҳи салтанат ҷавлон накард,
Гирди майдони хилофат чун ту зебо шаҳсавор.
Пири ҳиндии фалак ҳамчун ғуломон субҳу шом,
Кӯси давлат мезанад пайваста бо ҳаштум ҳисор.
Аз фараҳбахшии рӯҳи хотиру сити нишот,
Чун садои кӯси ту н-ояд ба гӯши рӯзгор.
Саъди акбар, к-ӯ хатиби минбари нуҳ торум аст,
Сиккаро сад эҳтирому хутбаро сад ифтихор.
Хусрави сайёра то бар маснади шоҳӣ нишаст,
То ба майдони фалак Баҳром шуд найзагузор.
Маснади шоҳӣ чу ту соҳибқирон ҳаргиз надид,
Бо саховат мулкгиру бо шуҷоат мулкдор.
Дар нишотободи гардун аз паи касби тараб,
Осмон бар чанги Зуҳра то ба ишрат баст тор.
То Аторуд баҳри забти дафтари илми вуҷуд,
Хатти дониш мекашад бар саҳфаи лайлу наҳор.
Дидаи дониш чу ту фархунда доное надид,
Ҳамчу тират тирсайру  чун синонат ҷоншикор.
Тир аз он ҳасрат, ки бӯсад дам ба дам дасти туро,
Як дам андар синаи душман намегирад қарор.
Гар ба рӯзи аввал аз ҳикмат набахшидӣ мурод,
Кай шудӣ ақли муҷаррад ҳоили ҳафту чаҳор?
Баҳр дар вақти саховат аз ту меҷӯяд ато,
Кӯҳ дар рӯзи таҳаммул аз ту мехоҳад виқор.

Гар набудӣ коргоҳи ақлу дониш дар ҷаҳон,
Атласи афлокро ҳаргиз набудӣ пуду тор.
В-ар надодӣ бо ҳунар ҷавҳаршиноси ақлро,
То абад ҷуз муҳра аз гавҳар нагаштӣ ошкор.
В-ар набудӣ табъи донои ту саррофи ҳунар,
Накди бе айби суханро кас надонистӣ иёр.
Эй Насирӣ, қисса камтар гӯ, малол аз ҳад гузашт,
Баркушо дасти ниёзу бар дуъо кун ихтисор.
То ки аз дамҳои сарди боду обу чашми абр,
Пур зи оташ мешавад аз лола хоки марғзор.
Бар х(в)ар аз гулзори умру боғи дониш, то зи ғам
Хасмро ҳар дам ба ҷои гул занад дар дида хор.

## 29.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Шабе, к-аз завоёи чархи мудаввар,
Ба қир андарун рафт хуршеди анвар.
Нигори парирӯи зангоркисват,
Ридои муанбар фурӯ баст бар сар.
Фалак чун биёрост базми шабона,
Шафақ чун зи бода тиҳӣ кард соғар.
Барорастам маҷлис аз шамъу соқӣ,
К-аз ӯ рашк мебурд фирдавси акбар.
Биҳиште пур аз сарви тубишамоил,
Биҳиште пур аз ҳури хуршедманзар.
Саводи баёзу руху зулфи хубон,
Барораст маҷлис ба кофуру анбар.
Зи лабҳои ширину чашмони ҷоду,
Паи нуқл оварда бодому шаккар.
Зи бӯйи гулобу майи лолагун шуд,
Замирам мусаффо, димоғам муаттар.
Нигорам, ки хуршеди авҷи камол аст,
Ба сад ҷилва ногаҳ бурун омад аз дар.

Ба рафтори нозук чу ҷони муҷассам,
Ба гуфтори ширин чу рӯҳи мусаввар.
Табассум, ки аз лаъли шаккарфишон кард,
Сафи гулрухон шуд пур аз лаълу гавҳар.
Ҳама рӯйи тоат ниҳоданд бар хок,
Чу хуршед тобад, куҷо монад ахтар?
Чу бикшод лабҳои хандон ба хорӣ,
Фаромӯш кардам чу қанди мукаррар.
Бигуфт, эй ба куллӣ ғалат рафт аз худ,
Ба чанги ҳавову ҳавас монда музтар.
Сари риштаи давлат аз даст дода,
Кулоҳи саодат бияфканда аз сар.
Беҳ аз садҳазорон нишот асту ишрат,
Ғуломӣ ба даргоҳи шоҳи диловар.
Туро ин саодат аз он боргост,
Агар метавонӣ ҳамон ҷо бибар.
Басе шуд, ки маҳрум аз он боргоҳӣ,
Паи мадҳи хусрав чӣ кардӣ мухаммар?
Кушодам забону баровардам овоз,
Ба алҳон, ки донӣ фурӯ хондам аз бар:
Ки эй коинот, аз атоят тавонгар,
Чароғи хилофат ба зотат мунаввар.
Камин мизбони атои ту Ҳотам,
Камин посбони ливои ту Қайсар.
Ғуломе, ки мулки қабули ту ёбад,
Бувад ораш аз ҷоҳи Дорову Санҷар.
Сипоҳат паи дафъи Яъҷуҷи фитна,
Ба гирди ҷаҳон баста садди Сикандар.
Чу килкат сухан ронда дар вақти исор,
Ато рӯзи хиҷлат бияфканда дафтар.
Зуҳал гар шабе поси мулки ту дорад,
Саодат барад вом аз ӯ саъди акбар.
Ба зоти ту гар раҳ набурдӣ камолат,
Аразро кай улфат фитодӣ ба ҷавҳар?

Имом-ал-бароё мулоз-ас-салотин,
Худованди шоистаи шоҳманзар.
Ҷаҳондор, Султон Халил, эй ки бар туст,
Хилофат мусаллам, ҳидоят муяссар.
Шаҳо хилъати мулкро аҳли давлат,
Аз он рӯй карданд пеш аз ту дар бар.
Ки то шаҳриёрон ба сад ҷонсупорӣ,
Бубанданд ҳар як бар ӯ зебу зевар.
Ба ҳар мулкдоре, ки мешуд, тамоме
Ҳамекард пайдо бар ӯ зевару зар.
Кунун чун камоли шараф ҳосил овард,
Биёмад ба қадди ту зебою дарх(в)ар.
Чу бемоягон даҳр пеш аз замонат,
Ҳамекард доим гадоӣ зи ҳар дар.
Чу ту бар сарири хилофат нишастӣ,
Шуд аз бахту давлат ғанию тавонгар.
Ту будӣ ғараз, в-арна бар насли Одам,
Куҷо подшоҳӣ ҳамешуд муқаррар?
Агар пеш аз ин бар сарири хилофат,
Сулаймон ҳаме дев кардӣ мусаххар.
Ту он шаҳриёрӣ, ки дар пойи тахтат,
Малоик мутеъанду афлок чокар.
Чунон хоб рафта ба даври ту фитна,
Ки бедор сураш кунад рӯзи маҳшар.
Амал гашта дар сайри килки ту мудғам,
Аҷал монда дар зарби теғи ту музмар.
Каримо, ба сад ҷон дуъогӯи шеърам,
Маро чун ба зоти ту ӯ гашт музмар.
Ба шеъраш кунам сарф агар аз вуҷудам,
Шавад ҳар сари мӯ забони суханвар.
Касоне, ки чун ман ба маънӣ ҳазоранд,
Ҳам аз рӯи сурат, ҳам аз ҳусни манзар.
Ба сад ҷон кунун дар таманнои онанд,
Ки пеши ту моланд бар хоки раҳ сар.

Маро бор дар ҳазрати тусту эшон
Ҳама монда аз дур ҳайрону музтар.
Басе шуд, ки дурӣ аз ин дар Насирӣ,
Дуъо гӯю давлат талаб кун зи довар.
Фалак то паи ҷилваи хубрӯён,
Бурун орад аз пардаи оина х(в)ар.
Ҷаҳонгир бод офтоби ҷамолат,
Ки ороиш аз вай барад тоҷу афсар.

## 30.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Субҳдам аз мавкиби хуршед пайдо шуд асар,
Кардам аз роҳи тамошо ҷониби бӯстон гузар.
Дидам аз анвори асрори ҳақоиқ боғро,
Сад раҳ аз гулзори фирдавси барин пурнуртар.
Қатраҳои жола гоҳи субҳ бар авроқи гул,
Ончунон омад зи атрофи гулистон дар назар.
К-аз барои гармии бозори саррофи баҳор,
Лаълу марворидро омехта бо якдигар.
Дояи абри баҳорӣ бар канори бӯстон,
Наварӯси лоларо парварда аз хуни ҷигар.
Ғунчаи гул гашта бар ёқути аҳмар хӯрдагир,
Қомати сарви равон бар шохи Тубӣ таънагар.
Ёсамин аз меҳр ларзон гашта бар болои гул,
Сабза бар хоки кафи пои суман бинҳода сар.
Гашта аз тиби раёҳин ҷайби бӯстон пурабир,
З-оташи лола ҳама саҳни гулистон пуршарар.
Об пиндорӣ, ки бар болои оташ меравад,
Ҳар саҳаргоҳе зи акси лола дар оби самар.
Субҳдам аз эътидоли накҳати боди баҳор,
Ҳар дам авроқи шаҷар гирад ҳаёти ҷонвар.
Наварӯсони чаман худро тамом ороста,
Гашта пайдо дар ҷамоли ҳар яке они дигар.

Андалебон дар ҷаҳон афканда гулбонги нишот,
Лолаву гул карда аз шабнам табақҳо пургуҳар.
Ҷумла аз баҳри муборакбоди ид аз бомдод,
Карда азми боргоҳи подшоҳи баҳру бар.
Хусрави олӣ, насири мулку дин Султон Халил,
Ардашери шердил, Кайхусрави Ҷамшедфар.
Эй ки даргоҳи рафеъи туст нусратро паноҳ,
В-эй ки хоки остони туст давлатро мақар.
Чокари ҷоҳи туро бар курсии маҳ такягоҳ,
Маркаби қадри туро бар фарқи кайвон пайсипар.
Остонат каъбаи ҳоҷоти камол,
Хоки поят тӯтиёи чашми арбоби назар.
Навбаҳори фазлро аз абри ҷудат парвариш,
Бӯстони  илмро аз баҳри табъат обх(в)ар.
Ҳиммати баҳре, к-аз ӯ сероб мегардад ду кавн,
Хомаат абре, к-аз ӯ пайваста меборад гуҳар.
Хома з-ин савдо, ки дар пешат ба сар хидмат кунад,
Ҳамчу Ҷавзо доим аз дасти ту мебандад камар.
Офтоби дониш аз рӯйи ту дорад равшанӣ,
Хилъати иқбол аз қадди ту дорад зебу фар.
Рӯзи аввал табъи донои ту дар мулки вуҷуд,
Гар набудӣ бар малак фозил куҷо гаштӣ башар?
Баҳри касри душману фатҳи ту аз рӯзи азал,
Солу маҳ нуҳ сатҳи гардун мешавад зеру забар.
Оби лутфат дӯстонро сӯйи ҷаннат раҳнамой,
Оташи қаҳрат адӯро сӯйи дӯзах роҳбар.
Боргоҳи осмонқадрат ҳумои давлат аст,
Иззу ҷоҳаш ҷисму ҷону фатҳу нусрат болу пар.
Пайкари моҳи тамом  аз ганҷи лутфат як дирам,
Қурси гарми меҳр бар хони атоят моҳазар.
Ҳар кӣ карда дар ҷаҳон бар ҳимматат арзи савол,
Бозгашта аз дари бори ту мақзиюлватар.
Миннат Эздро, ки аз юмни насими раҳматат,
Инчунин дар сояи лутфи ту меояд ба сар.

Қисса кӯтаҳ кун, Насирӣ, чун малол аз ҳад гузашт,
Гар муяссар мешавад ҳам бар дуъо кун мухтасар.
То фурӯғи арсаи боғ аст саҳни лолазор,
То сафои тарфи бӯстон аст гул вақти саҳар.
Боғи айшат бод чун рухсори давлат бофурӯғ,
Нахли зотат бод з-анвори маонӣ пурсамар.
Дӯстдоронат ба айшу комронӣ дар наъим,
Бадсиголонат ба аҷзу нотавонӣ дар сақар.

## 31.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Аласcабоҳ чу толеъ шавад талиаи ховар,
Маҳ аз сарири мурассаъ бияфканад пари зар.
Уфуқ зи асбаҳи гулгуни офтоб бимонад,
Хаёли нохуни шоҳини шаҳ зи хуни кабӯтар.
Зи ошёнаи савдо барад ғубори мурассаъ,
Саҳар чу байзаи байзо кашад зи сояи шаҳпар.
Ба теғҳои зарандуди офтоб бароянд,
Зи тарфи бешаи шерон ба сони чанги ғазанфар.
Асад қалодаи тарсеъ  карда бар сари майдон,
Зи гардан афканад аз бими теғи хусрави ховар.
Нуқоти зар ҳама аз лавҳи лоҷуврд бишӯяд,
Зи айни нур чу бар сим ҳал шавад лагани х(в)ар.
Тулӯи оинау сими хур зи тахти забарҷад,
Хабар диҳад зи тилисми ҷаҳоннамои Сикандар.
Фалак зи домани атлас фурӯ кашад ба навоҳӣ,
Танобҳои зари боргоҳи шоҳи музаффар.
Заҳири миллату дин, офтоби шаръ, Улуғбек,
Ки коинот ба анвори адли ӯст мунаввар.
Рамузи лавҳу қаламро банони ӯ шуда мазҳар,
Кунуни фазлу ҳикамро баёни ӯ шуда мазҳар.
Фалак саҳифаи таҳрири муншаоти замираш,
Ба офтобу мадорот муҳра кардаву мистар.

Зи атсае, ки барорад гаҳи мутолиа фикраш,
Кунад зи накҳати фазлу ҳикам замона муаттар.
Фариштаву башару ҷину ақли кул ду-се тифланд,
Зи дарси ӯ паи таълими коинот муқаррар.
Гаҳе тамавваҷи дарёи бекаронаи фазлаш,
Фунуни илм зи субҳи аласт то дами маҳшар.
Чунон намуд, ки дар пеши ҳафт баҳр ба даъво,
Барӣ ҳамон қадар обе, ки пои мӯр шавад тар.
Сафои маҷлису нури ҳузуру килку давоташ,
Биҳишту нури Муҳаммад Билолу чашмаи Кавсар.
Аё рафеъҷанобе, ки пеши саддаи ҷоҳат,
Биҳиштиён ҳама ҷорӯб карда ҷаъди муанбар.
Намунае зи қусури риёзи мулк ту будӣ,
Агар биҳишт ба рӯйи замин шудӣ мутасаввар.
Зи фарши симбарони равоқи қасри рафеат,
Чунон намуд, ки аз арш пайкари маҳу ахтар.
Ба пеши лаъли майолуди соқиёни ту сад бор,
Гулобу қанд ба базм омаданду гашт мукаррар.
Фалак ба ҷиргаи қудрат китобаест музаҳҳиб,
Фалак зи қуббаи қасрат намунаест муҳаққар.
Ба боргоҳи ту микдори нуҳ сипеҳр чунон аст,
Ки ҷузви ло ятаҳаззо ба пеши торуми акбар.
Сиеҳри атлас агар сад ҳазор қарн барояд,
Ба ҷиргаҳи ту нагардад мамоси сатҳи муқаъар.
Дигар ба умри абад шоҳбози сидра ба дар,
Зи пои тахти ту мушкил расад ба пояи дигар.
Зи қутри маркази як кавкаб аз сипеҳри ҷалолат,
Ҳазор доира гардад муҳити гунбади ахзар.
Китобҳои мабонии хайри туст, ки он ҷост
Ҳуруфи номи ту бар саҳфаи хулуди муҳаррар.
Билоди илм ба дарси мадориси ту музайян,
Риёзи қудс ба зикри хавониқи ту мунаввар.
Мулозимони суфуфи масоҷиди ту ба ҷаннат
Мусаббиҳони завоёи қудсро шуда раҳбар.

Чу хонд хутбаи шоҳӣ ба номи қадри ту давлат,
Ниҳод бар сари арши маҷид пояи минбар.
Ба чанги бахту саодат ҳумой гираду анқо,
Ба ҳар шикор, ки шанқори давлати ту занад пар.
Зи Ҳинду Рум ба хони атои ту ду гувоҳанд,
Вазифа бурда зи инъоми ту ду қурси маҳу х(в)ар.
Ба ҳар атия ба ғорат диҳӣ хазинаи конро,
Бар инсу ҷон чу шавад ҳиммати ту мавҳимагустар.
Ту подшоҳию давлат ба бандагии ту лоиқ,
Ту офтобию нусрат ба ҳамраҳии ту дарх(в)ар.
Камоли амну амон дар масири килки ту мудғам,
Салоҳи кори ҷаҳон дар замири теғи ту музмар.
Шукуҳу ҳазми ту гар бар нуҳ осмон бинҳад по,
Бувад ба санҷиши аҷроми улуви сифли мухайяр.
Муовинат зи қитолу синону теғи ту ҷӯяд,
Ба ҳар диёр, ки рӯ оварад ба маърака лашкар.
Ба ҳарбгоҳи ту ҳафт осмон ба пешкаш оранд,
Камону ҳалқаю тир аз мутамами хати меҳвар.
Ба ҳалқаи камари душман он кунад сари дастат,
Ки печад асадаллоҳ ба ҳалқаи дари чанбар.
Зи сатҳи оби равон чун сипоҳи мӯр кашад саф,
Гаҳе, ки мавҷ барорад зи рӯи теғи ту ҷавҳар.
Зи садри синаи аъдо аҷал ба тири ту гӯяд,
Ки гир ҷону дар ин ҷо макун таваққую бигзар.
Чу теғат аз сари душман гузашт ғарқаи хун шуд,
Шавад ғариқ касеро, ки об бигзарад аз сар.
Зи баски мағфари хунин ба нӯги найза барорӣ,
Чу лолазор намояд сафи қитол саросар.
Зи мавҷи хун хӯранд шуълаи мехи наъли самандат,
Шавад каминаи лаъли кулоҳгӯшаи Қайсар.
Ба об ҷаста зи теғи диловарони ту оташ,
Ба гард рафта зи наъли таковарони ту сарсар.
Дар он замон, ки ба ҳайҷо муборизони сипоҳат,
Ба азму разм бипӯшанд диръу ҷавшану миғфар.

Ба ҳар муҳораба сад ҷон бароваранду бидарранд,
Ҳазор сар ба синону ҳазор сина ба ханҷар.
Зи хуни лаъли адӯ наъли маркабон бинамояд,
Чкнон ки акси шафақ бар мабодии маҳи анвар.
Муболиғаст фурӯғи суханвари шуароро,
Ки наварӯси суханро аз ӯст зиннату зевар.
Ҳар он муболиға андар хаёл мегузаронам,
Ҳазор палла зи Тӯри камоли туст фурӯтар.
Бар остони рафеъи фалак ҷаноби ту, шоҳо,
Ки нест рои азимат ба ҳеҷ бобам аз ин дар.
Ғуломи пири туам сар ба остон ниҳода,
Зи фазлу илм фақиру зи фисқу ҷурм тавонгар.
Ба санги ғафлату хазлон хароб карда мабонӣ,
Зи дуди зулмату исён сиёҳ шоҳаи дафтар.
Қасидагӯю сухандон касест бар дари борат,
Ба хидмати ҳама Исмати камина бандаву чокар?
Зи садри ҳикмату дониш фиканда ҳирфаи шеъраш,
Ба пойгоҳи мазаллат залилу оҷизу музтар.
Зи хоки аҷз қабули ту баргирифт чунонаш,
Ки мурдаро ба тамомӣ шавад ҳаёт муяссар.
Агар саодати маддоҳии ту даст надодӣ,
Ба шоирӣ накушодӣ дигар забони суханвар.
Шикеб нест зи мадҳи ту то ба охири умраш,
Ки Анварӣ нашикебад зи шукри неъмати Санҷар.
Ҳамеша то қалами сунъ бар саҳифаи ораз,
Кашад ду ҷаъди мусалсал зи мушку ғолия дар х(в)ар.
Бар авҷи тахти хилофат ба шодмонию ишрат,
Зи умру давлату иқболу ҷоҳу мартаба барх(в)ар.
Ба қадри ҷоҳи ту бод ифтихори маснаду мансаб,
Ба фарру зеби ту бод обрӯи хилъату афсар.

## 32. ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Кунун ки чун маҳи ид аст шамъи лола мунаввар,
Ба ишрати қадаҳи гул бинӯш бодаи аҳмар.
Арӯси ғунча сар аз ҷайби бӯстон ба дар овард,
Чаман зи номия дар бар кашид ҳуллаи ахзар.
Шаб аз нуҷуму ба рӯз аз фурӯғи лолаву гул шуд,
Фалак бисоти музаҳҳаб, замин ридои мусаввар.
Ба васфи сарвқадону ба пои лолаузорон,
Тазрави мадҳсаро гашт андалеби суханвар.
Аз он чакад зи гули сурх қатра бар сари лола,
Ки аз таъаддуди оташ шавад гулоби мукаррар.
Кашида бар вараҳи гул бунафша хати мусалсал,
Ниҳода бар рухи лола замона холи муанбар.
Ба базми ишратиён аз лаби узори бутон аст,
Шароби лаъли паёпай, гули шукуфта саросар.
Шукуфа карда гули сурху дардамида шақоиқ,
Зи хандаи лаби ҷому зи хуни дидаи соғар.
Сабо зи ҳасрати қадри парирухони суманбӯ,
Бисоти сабза кашида ба пои сарву санавбар.
Ҳамеша дар чаман аз нахли соя баста шикасте,
Зи ҷом агар нанамудӣ май офтоби мунаввар.
Магар азимати туғрои ид дошт ба хотир,
Ки гирди дег барафрӯхт лола шуълаи озар.
Суруди булбул аз он аст рӯзи ид, ки аз гул
Ба номи хусрави офоқ хутба мекунад азбар.
Сипеҳри кавкабаи Султон Халил, шоҳи малакхӯй,
Ки шуд зи накҳати хулқаш димоғи нофа муаттар.
Насири мулки илоҳӣ, ҳаёти оламу одам,
Ҷамоли тоҷу сарир, обрӯи хилъату афсар.
Қазотавон чу Сулаймон, фалакмакон чу Масеҳо,
Малакнишон чу Фаридун, ҷаҳонистон чу Сикандар.
Калимқадри фалакрифъат офтоби салотин,
Масеҳхулқи малакхӯ, худойгони музаффар.

Чу ҳочиён, ки ба гирди ҳарими Каъба бигарданд,
Шаҳон ба фарқ бипӯянд дар ҳавои он дар.
Ба даври мулки ту Ҷамшед чокарест камина,
Ба ҷанби қадри ту хуршед зарраест муҳаққар.
Камина бандаи ҳукмат ҳазор Санҷару Доро,
Камина чокари ҷоҳат хазор Хусраву Қайсар.
Ба баргоҳи ту микдори нуҳ сипеҳр чунон аст,
Ки ҷузви ло ятаҷаззо ба пеши торуми акбар.
Ҳазор қарн даме гар ҳазор қарн барояд,
Ба адл аз паи он то шавад ба чатри ту ҳамсар.
Зиҳӣ маҳол, ки аз дур кардааст тасаввур,
Зиҳӣ хаёл, ки бо хеш кардаст мухаммар.
Бад-ин сифат ҳама умр ар дар иртифоъ бикӯшад,
Куҷо муҳаддаби сатҳаш расад ба сатҳи муъаққар.
Замони давлату даври ҳаёти шоҳи ҷаҳонро,
Чу даҳр ҳадди ниҳоят агар шудӣ мутасаввар.
Баде бидояти мулкаш зи хулқи халқ муқаддам,
Шудӣ ниҳояти умраш зи нашру ҳашр муаххар.
Зи фарри зоти шарифаш либоси Маҷд музайян,
Зи нури ламъаи теғаш чароғи мулк мунаввар.
Ҳама нишони амал дар сафои рои ту мудғам,
Ҳама хавоси аҷал дар наҳеби теғи ту музмар.
Зи оташе, ки ба разм аз синону теғи ту афрӯхт,
Ҳанӯз машъали гардун пураст хурдаи ахгар.
Туӣ, ки аз ту ба ҳар дам ҳаёт ёбаду мирад,
Ҷаҳон ба рашҳаи килку адӯ ба шуълаи ханҷар.
Инояти ту ба олам нишонаест зи ҷаннат,
Сиёсати ту ба гетӣ намунаест зи маҳшар.
Ҳимояти ту ба гургон диҳад мизоҷи шубонӣ,
Мазоҳати ту ба саълаб диҳад шукуҳи ғазанфар.
Аҷаб набошад ар аз файзи кимиёи атоят,
Шавад биҳор пур аз дур, шавад ҷибол пур аз зар.
Ту он шаҳӣ, ки асирони қайди фақру ғаноро,
Ба сӯйи мулки ғано гашта файзи ҷуди ту раҳбар.

Аторуд ар гаҳи иншои хатат мутолиа кардӣ,
Дигар ба каф нагирифтӣ зи шарм хомаву дафтар.
Тамоми рӯз зи шавқи саводи дудаи килкат,
Хур аз хутути мадорот бар варақ зада мистар.
Зи файзи ҷуди атобахши офтоби сахоят,
Дили саҳоб ғанӣ гашту табъи баҳр тавонгар.
Ба зери пои ту афкандаш офтоб ба хорӣ,
Чу соя хост, ки гардад ба қомати ту баробар.
Зи акси доираи наъли маркабони сипоҳат,
Сипеҳр пур зи нуҷум асту хок пурмаҳи анвар.
Ба сад шукуҳ биёяд саҳар ба боми ту хуршед,
Шаб аз хиҷолати ҳуснат равад ба ранги муъасфар.
Зи хурдадонии табъат фузуд қимати назмам,
Ки ҷавҳарӣ бишиносад чи санги реза чи ҷавҳар.
Ба рӯсиёҳию ҳасрат бурида бод забонам,
Гарам ба ғайри саноят шавад чу хома забон тар.
Барор дасти Насир, бигӯ, ба хайр дуое,
Ки бахту давлати хусрав бувад фузунии чокар.
Ҳамеша то ба тамошои гулрухони раёҳин,
Ба меҳр сар ба дар орад хур аз даричаи ховар.
Пур аз бунафшаю гул бод олам аз руху зулфат,
Ки чарх дар ту тамошо кунад ба дидаи ахтар.

## 33.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Зиҳӣ ба зоти шарифат ливои дин мансур,
Чароғи шаръ зи шамъи рухи ту дорад нур.
Камоли туст, ки бедор мекунад ҳар шаб,
Ба ноз хуфта номусро зи хоб ғурур.
Касе, ки ганҷи ҳидоят ба дасти ҳиммати ӯст,
Хазинаи ду ҷаҳонаш куҷо бувад манзур?
Диле зи сирри аналҳақ хабар тавонад дод,
Ки бар сипоҳи ҳавою ҳавас шавад мансур.

Зи хоки тира бурун оваранд сар чу гиёҳ,
Насими лутфи ту гар бигзарад бар аҳли қубур.
Ливои оли Муҳаммад ба зоти туст рафеъ,
Сафои иззати Ҳайдар ба давлатат машҳур.
Ҳусайниӣ ба ҳақиқат, вале ба хулқ Ҳасан,
Гирифтаӣ чу Алӣ мулки охират, на ба зӯр.
Зи нури машъалаи тоати шабонаи ту,
Чу нимрӯз мусаффо шавад шаби дайҷур.
Гар аз лавоеҳи лутфи ту тарбият ёбад,
Бигирад оташи сӯзон табиати кофур.
Натиҷаӣ, ба ҳақиқат туӣ зи хатми расул,
Ки шуд бинои шариат зи ҳимматат маъмур.
Чароғи базми сиёдат туӣ, ки зоти туност,
Замона тобеъу дин ёвару фалак маъмур.
Чӣ гуна васфи ту гӯяд забони қосири ман?
Ба баргоҳи Сулаймон чӣ туҳфа орад мӯр?
Камоли зоти туро чун кунад касе инкор?
Ки бӯйи мушк намонад ба ҳеҷ ҷо мастур.
Бар аҳли мулк ҳамасола хусравӣ бикунад,
Гадое аз дари бори ту гар барад маншур.
Муқассир аст Насирӣ зи шарҳи авсофат,
Умед ҳаст, ки лутфи ту дорадаш маъзур.
Ҷаҳон агар ҳама бар ақли хурдабин гардад,
Зи мидҳати ту шавад муътариф ба аҷзу қусур.
Ҳамеша то ба ҷаҳон гардиши маҳу хуршед,
Ба субҳу шом кунад қисмати санину шуҳур.
Ҷаҳон ба нури рухат солу маҳ мунаввар бод,
Мудом айни камол аз камоли зоти ту дур.

## 34.ДАР СИТОИШИ НАСИРИДДИН ХАЛИЛ МИРЗО

Зиҳӣ ду чашми ту маҷмӯаи карашмаву ноз,
Каманди зулфи ту ҷонро далели умри дароз.
Зи новакат дилу ҷон хастаи бало шудаанд,
Карам намою ба як ғамза кори ҳарду бисоз.

Ба хокгаштаи шамшери орзу бихром,
Ки то зи бӯйи висоли ту зинда гардад боз.
Зи ҷоми ноз бидеҳ шарбати малоҳати ҳусн,
Агар расӣ ба сари куштагони роҳи ниёз.
Асири ҳалқаи мӯйи туро чӣ донад ҳол,
Касе, ки дар шаби торе нарафт роҳи дароз?
Ба доми ҳаҷр чаро гаштаӣ асир, эй дил?
Ба мулки васл чу шаҳбози рӯҳ кун парвоз.
Чу дар ҷаноби шаҳи сидраошён бирасӣ,
Дари саодату давлат шавад ба рӯйи ту боз.
Насири дини Илоҳӣ Халили Султон, он
Ки чарх дар қадамаш сар ниҳад ба сад эъзоз.
Ситорахайли фалакрифъати малактамкин,
Саҳоб  файзи, қавиҳиммати заифнавоз.
Хазинадор магар муҳри баҳру кон бикшод,
Зи муншии карамаш то бибурид хатти ҷаввоз.
Ба пеши дасти гуҳарпошу табъи файёзаш.
Атои абри хаёл асту ҷуди баҳри маҷоз.
Аё шаҳе, ки паи фарру зеб ду ҳиссаанд,
Зи атфи зайли ту бар остини мулк тароз.
Зи саҳми хайёли кавокиб ниҳанд рӯ ба завол,
Саҳар зи кӯси ту гар бар фалак расад овоз.
Гаҳе, ки табъи ту кашфи румузи ғайб кунад,
Дар осмону замин мухтафӣ намонад роз.
Камоли амн ба ҷое расонд маъдалатат,
Ки хобгоҳи кабӯтар шуд ошёнаи боз.
Магар ба мадҳи ту ин нукта дар баён оварад,
Камол, чунки дар авсоф шуд суханпардоз?
Зи файзи табъ бувад бахшиши ту чун хуршед.
На ҳамчу шамъ, ки нуре диҳад ба сӯзу гудоз.
Ҳамераманд зи такбири лашкари ту хусум.
Чунон ки дев ҳаросон шавад зи бонги намоз.
Ба ҳар тараф, ки гузорад адӯ зи шамшерат,
Шавад ниҳеби ту дар гарданаш каманди дароз.

Худой давлати бе шавкати адӯ ба ту дод,
Ки мулки Ҳақ напазирад кудурату анбоз.
Агар на табъи ту саррофии ҳунар кардӣ,
Куҷо лаолии дур аз садаф шудӣ мумтоз?
Ба номи хеш ту бинвохтӣ Насириро,
Чӣ шукр гӯямат, эй подшоҳи банданазоз?
Насими маҳсари ту машҳур карда рози дилам,
Зи мушки ноб хато нест, гар бувад ғаммоз.
Дило, зи даҳр шикоят макун ба ҳазрати шоҳ,
Агар мувофиқи ақлӣ ба фақру фоқа бисоз.
Ки як назар зи сагони камини ин дарбор,
Ба мардумӣ, ки беҳ аст аз ҳазор неъмату ноз.
Ман он танаъъуму ишрат ба ним ҷав нахарам.
Ки ним соатам аз суҳбати ту дорад боз.
Ҳамора то ки бутонро барои бурдани дил,
Зи парда боз намояд сипеҳри луъбатбоз.
Арӯси мулк ба сад ҷилва бод шому саҳар,
Муқим бар дари айши ту соилҳои дароз.

## 35. ДАР СИТОИШИ ХОҶА ЗАНГИШОҲ

З-офтоби маърифат олам мунаввар гашт боз,
В-аз гули раҳматӣ, баҳори дин муаттар гашт боз.
Наҷми дин аз торуми Кубро ба нури муҳтавӣ,
Маснадорои Саид бин-ал-Мутаҳҳар гашт боз.
В-аз фурӯғи ғунчаи бӯстони шайх-ул-оламе,
Гулшани таҳқиқ чун фирдавси акбар гашт боз.
Маснади Довуд аз иқболи Сулаймон шуд рафеъ,
Ё Халилуллоҳ, қарини нури  Ҳоҷар гашт боз.
Ё худ Иброҳим меҳмони хатм-ул-анбиё?
Ё Ҳасан ҳамхобаи Заҳрову Ҳайдар гашт боз.
То кунад гоҳи муборакбод сури ӯ нисор,
Домани ҷайби хазон пурсиккаи зар гашт боз.

Субҳгоҳ омад  ки бӯсад пои маҳдаш афтоб,
Чун бидид он рух зи хиҷлат зад дару баргашт боз.
Қуррат-ул-айни вилоят, к-аз таҷаллии рухаш,
Авҷи ирфон матлаъи хуршеди анвар гашт боз.
Ҳам бинои қасри шайх-ул-оламе шуд пойдор,
Ҳам азизонро чароғи дин мунаввар гашт боз.
Чун Саъид ибн-ал-Мутаҳҳар дод ташрифи қудум,
Рояти Бӯлусиён бо сидра ҳамбар гашт боз.
Дар мабодӣ хасм чун осори ин маҷмӯа дид,
Чун хазонаш дафтари уммед абтар гашт боз.
Дар садои навбати сури сурурангези ӯ,
Миннат Эзадро, ки гӯши душманон кар гашт боз.
Накҳати гулзори васлаш мурдагони ҳаҷрро.
Ҳамчу анфоси Масеҳо рӯҳпарвар гашт боз.
Миннат Эзадро, к-аз ин навбоваи боғи ниёз,
Нахли бӯстони ҳидоят сабзу пурбар гашт боз.
Ахтари саъди вилоят  бар сипеҳри макрамат,
Меҳмони хоҷаи хуршедманзар гашт боз.
Хоҷа Довуд, он ки аз иқболи меҳмони наваш,
Пояи фақру ниёз аз арш бартар гашт боз.
Хоҷае, к-аз давлати меъмории алтофи ӯ,
Равзаи шайх аз биҳишти адн пурбар гашт боз.
З-аҳли ҳоҷат ҳар кӣ аз фақру ғано дар нола буд,
Ин замон аз ганҷи инъомаш тавонгар гашт боз.
Чун зи нахли давлаташ барги саодат бардамид,
Дардмандонро ба раҳмат сояи сар гашт боз.
Дар умури дин чу шайхи олам омад ёри Ҳақ,
Рояти ислом мансуру музаффар гашт боз.
Дар тариқи фақр умре хоҷа танҳо монда буд,
Шайх Сайфиддин ба меҳраш ёру ёвар гашт боз.
То ба нури маърифат равшан кунад офоқро,
Ахтари маҷду шараф хуршеди дигар гашт боз,
Хоҷа Сайфуддин, к-аз ӯ дил даст кӯтаҳ карда буд,
Аз паи таърихи мавлудаш муқаррар гашт боз.

Ҳамчу булбул Исмат аз бими хазон хомӯш буд,
Чун гули нав дид сармасту навогар гашт боз.
Узри он к-аз рӯи нахват суд умре сар ба арш,
Омад аз рӯйи ниёзу хоки ин дар гашт боз.
То абад бодо дар ин давлатсаро шодию сур,
Чун ҷаҳон аз давлати сураш муаттар гашт боз.

## 36. ДАР СИТОИШИ ИБРОҲИМ СУЛТОН

Оқибат боди баҳорӣ рӯҳпарвар гашт боз,
В-аз раёҳин боғ чун фирдавси акбар гашт боз.
Сабза аз барги бунафша чун пари товус буд,
Аз гули лола пур аз хуни кабӯтар гашт боз.
Гирди бозори чаман хурдафурӯши ғунчаро,
Ҳуққаи пирӯза пурёқути аҳмар гашт боз.
Аз фурӯғи лолаву райҳон бисоти навбаҳор,
Чун ридои сабзи гардун пур зи ахтар гашт боз.
Хост то афтад ба зери сояи сарв офтоб,
Оқибат чун раҳ набудаш зар дар ӯ, баргашт боз.
Чун шабистон зилли мамдуди чанору норван,
Аз чароғи равшани лола мунаввар гашт боз.
Буд торик аз саводи соя тарфи ҷӯйбор,
Аз фурӯғи май пур аз хуршеди анвар гашт боз.
Дар сафи айш аз абирафшонии боди баҳор,
Майпарастонро машоми ҷон муаттар гашт боз.
То маи хушбӯ ба базми ишрат орад лоларо,
Ҷоми лаъл олудаи кофуру анбар гашт боз.
Наргиси бемор ҳамчун ошиқони зардрӯй,
Нотавони чашми туркони ситамгар гашт боз.
Соқиёни айшро дар базмгоҳи лолазор,
Ҷоми ёқутӣ қарину дурҷи гавҳар гашт боз.
В-аз сарангушту лабу чашми бутони майпараст,
Нуқли мастон фундуқу бодому шаккар гашт боз.

Бо рухи соқӣ басе даъвои хубӣ кард гул,
Чун ҳаё ғолиб шуд, аз бетоқатӣ баргашт боз.
Булбули хушгӯ чу аз васфи гул омад дар суруд,
Қумрӣ аз ҳасрат ба дарди дил навогар гашт боз.
То барои айши бесимон кунад сарфи шароб,
Кисаву домон гул пурхурдаи зар гашт боз.
Майпарастонро чӣ бок аз рӯзи бебаргӣ, чу мулк
Бандаи фармони шоҳи бандапарвар гашт боз.
Чун наёрояд ба хубон базми бӯстонро баҳор?
К-Осафи соҳибназар дарои кишвар гашт боз.
Нахли боғи давлат, Иброҳими Султон, к-аз шараф,
Бар лаби ҷӯйи вазорат сабзу навбар гашт боз.
Осафе, к-аз ҳиммати олию тадбири савоб,
Мулку миллат чун Сулаймонаш мусаххар гашт боз.
Мулкро давлат муборакбод мегӯяд мудом,
Ахтари маҷду шараф хуршеди анвар гашт боз.
Тарбиятҳо ёфт бо тифли сағири салтанат,
Чун падар бар тахти шоҳӣ соҳибафсар гашт боз,
Миннат Эздро, ки дар майдони мардӣ оқибат,
Шерзода дар шуҷоат шери дигар гашт боз.
Мужда, эй давлат, ки соҳибихтиёри мулку дин,
Осафи Ҷамҳиммати хуршедманзар гашт боз,
Забти девони мамолик чун ба ӯ кард интисоб,
Баргоҳи давлат аз афлок бартар гашт боз.
Чун вазорат бар дараш ҷои қарори хеш ёфт,
Омад аз роҳи ниёзу хоки ин дар гашт боз.
Ҳар шараф, к-ин хонадони асл ғоиб карда буд,
Як ба як бар номи худдомаш муқаррар гашт боз.
Зулмро ҳамчун бутони озарӣ гардан шикаст,
К-ӯ чу Иброҳим бар аъдо музаффар гашт боз.
Некхоҳонро зи шодӣ тоза шуд гулзори умр,
Нотавонбинро чу наргис дида аъвар гашт боз.
Эй ҷаҳондоре,  ки то пои ту омад дар рикоб,
Мулки вайронгашта маъмуру мутаҳҳар гашт боз.

Барқи наълат милҳо дар дидаи хасмон кашид,
Тавсанат чун дар сафи ҳайҷо таковар гашт боз.
Ҳамчу пайкон дар сари тири ту гардон шуд аҷал,
К-аш ба сӯйи ҷони бадхоҳи ту раҳбар гашт боз.
Дасти қаҳрат чун сари душман ба неши найза бурд,
Пурчами теғат ба меҳраш сояпарвар гашт боз.
Наъраи кӯсу нафири лашкарат чун нафхи сур,
Бадсиголонро далели рӯзи маҳшар гашт боз.
Сарваро, гар ҳастии Исмат ба ғорат дод ҳаҷр,
Оқибат аз ганҷи дидорат тавонгар гашт боз,
Миннат Эзадро, ки гар маҳрум будам муддате,
Чашми уммедам ба рухсорат мунаввар гашт боз.
Гар зи ҳиҷрони Халилам сина дар оташ бисӯхт,
Васли Иброҳим аз гулзор хуштар гашт боз.
В-ар гадоиҳо кашидам рӯзгоре дар фироқ,
Ногаҳонам давлати васлат муяссар гашт боз.
В-ар сари ман шуд лакадкӯби ҳаводис оқибат,
Аз ғубори хоки поят соҳибафсар гашт боз.
Ин саодатҳо далели бахти пирӯзи ман аст,
К-осмонат бандаву иқбол чокар гашт боз.
Чашми маҳрумам ба меҳри ин ки бинад гаҳ-гаҳат,
Хокрӯби саддаи шоҳи диловар гашт боз.
Ин шарафро шукр чун гӯям, ки зери пои ту,
Мардуми чашмам ба хоки раҳ баробар гашт боз.
Булбули табъам ҳадиси шавқи кӯтаҳ кай кунад,
Баъди умре чун ба гулзорат суханвар гашт боз?
Солҳо боист, к-аз оби ҳаёти мидҳатат,
Дар суханронӣ забони хомаам тар гашт боз.
Аз малол андеша дорам, в-арна поён кай шавад,
Он чи аз мадҳи туам дар дил мухаммар гашт боз?
То бихоҳад мужда аз суратпарастон навбаҳор,
К-аз раёҳин суффаи бӯстон мунаввар гашт боз.
Навбаҳори давлат аз варди рухат хушбӯй бод,
К-аз насимаш гулшани ишрат муаттар гашт боз.

## 37. ДАР СИТОИШИ АМИРЗОДА ҶӮГӢ

Оқибат давлат рафиқу бахт ёвар гашт боз,
Ахтари давлат қарини саъди акбар гашт боз.
Гар Хуросон аз фурӯғи мақдамаш маҳрум монд,
Фохира аз равзаи фирдавс хуштар гашт боз.
Хоки маҳруми Самарқанд аз ниъоми маркабаш,
Зарра-зарра матлаъи хуршеди анвар гашт боз.
Аз насими навбаҳори мақдами ҷонпарвараш,
Бӯстон чун равзаи ҷаннат муаттар гашт боз.
В-аз паи ороиши базмаш ба ҳар бӯстону боғ,
Атласи сабз аз гулу насрин мусаввар гашт боз.
Баҳри исори ғуломонаш зи оби чашми абр,
Ҷайби домони раёҳин пур зи гавҳар гашт боз.
Баҳри истиқбол пеши мардуми шаҳр офтоб,
Рафт дӣ в-аз шарми рояш, зардрӯ баргашт боз.
Ин башорат чун ба гӯши наййири аъзам расид,
Аз ҳасад якбора гӯши душманон кар гашт боз.
Кавкаби иқбол боз омад ба бурҷи офтоб,
В-аз қудумаш маснади иззат мунаввар гашт боз.
Шоҳи олиқадар Ҷӯгӣ, хусраве, к-аз мақдамаш,
Хоки Турон ғайрати фирдавси акбар гашт боз.
Эй ҷаҳонгире, ки то пои ту омад дар рикоб,
Лашкари ислом мансуру музаффар гашт боз.
Найзаат азбаски сарҳо канду дилҳо чок зад,
Бар дилу сардор чун шакли санавбар гашт боз.
Барҳо кардӣ тақаллуб даъвии нур офтоб,
Оқибат пешат ба хоки раҳ баробар гашт боз,
Як ниҳол аз бӯстони салтанат шуд борвар,
Як дарахт аз гулшани иқбол пурбар гашт боз.
Миннат Эзадро, ки андар сояи хуршеди мулк,
Кавкаби маҷду шараф хуршеди дигар гашт боз.
Хисрави Эрон мураббӣ шуд, шаҳи Тӯронсабақ,
То ҷаҳондоре чу ту Дорои кишвар гашт боз.

Дар паноҳи шоҳи фаррух рух ба пирӯзию бахт,
Чун ту шоҳе бар сарири мулк сарвар гашт боз.
Ҳамчу булбул дар хазон Исмат забон барбаста буд,
Дар гулистони санои шаҳ суханвар гашт боз.
Гарчи таври шоирӣ орист, лек аз мидҳатат,
Пояи қадри раҳӣ аз арш бартар гашт боз,
Бод боқӣ давлату ҷоҳат, ки чун боз омадӣ,
Дидаи давлат ба дидорат мунаввар гашт боз.

## 38.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ СУЛТОН

Ин баҳри бекарон, ки ҷаҳонест дар бараш,
Ғаввоси ақли кулл бизад пай ба гавҳараш.
Маҳ аксе аз лавомеъи лавҳи музаҳҳабаш,
Хуршед нақш аз сафоҳоти мусаввараш.
Ҳурони равзаро зи ҳаё бурда дар қусур,
Нақши бутони лоларухи ҳурпайкараш.
Бар лавҳ чарх гарм ҳамегардад офтоб,
Аз меҳр муҳра кардани авроқи дафтараш,
Аз риштаи сиёҳу сафеди шабу саҳар,
Шероза карда бар ду тараф сунъи довараш.
Сурхӣ кашида акси шафақ гоҳи ҷадвалаш.
Паргори сим иода сипеҳр аз ду пайкараш.
Гӯё намуда дар дили шаб чеҳра Муштарӣ,
Чун ёфт аз ҳавошии ӯ нуқтаи зараш.
Аз Ибни Муқла рехта ёқут, ҳар кӣ дид
Бар сими хом нақши хутути муанбараш.
Ҳар ҳарф аз зи ганҷи маониби ҷавҳарӣ,
Ҷуз сайрафе, ки фаҳм кунад нархи ҷавҳараш.
Бо ҷӯйи шир карда равон дар абиру мушк,
Зоҳир шуд интисоб ба фирдавси акбараш.
Ҳар шоху барги ӯст зи тӯтӣ нишонае,
Гулҳои обдор нишоне зи гавҳараш.

Ҳар хатти дилкаше, ки муҳаққақ шуда ба ҳусн,
Таълиқ карда бар сафаҳоти мутаҳҳараш.
Райҳон зи насхи хатти ғубораш чу дам занад,
Карда хазон зи рашк парешону абтараш.
Ҳар маънии бадеъ, к-аз ӯ ёфта зуҳур,
Ақл аз барои касбу ҳунар карда зевараш.
Ҳар иқди гавҳаре, ки ба назм андар омада,
Маҷмуъ мунтазам шуда дар силки мистараш.
Салмон дар иқтибос зи нури қасоидаш,
Дар рӯҳи Саъдӣ аз ғазали рӯҳпарвараш.
Хоқонӣ аз бадоеи шеъраш гирифта файз,
Мустазҳар Анварӣ зи маонии анвараш.
Аз маснавеш рӯҳи Низомист дар сурур,
Дар фарду қитъа Ибн Ямин мадҳгустараш.
Саргашта бар ҳавошии ӯ меравад қалам,
Дар ҳайратам,ки то чӣ хаёласт дар сараш.
Гуфтам зи роҳи фикру таъаммул дар ӯ равам,
К-огаҳ шавам зи ҳусни маъонии музмараш.
Базме кашида буд пур аз накши дилпазир,
Хуршедсуратон ҳама зебову дарх(в)араш.
Ошиқ надида накш яке сер аз камин,
Ногаҳ ба ишва роҳ зада ҳусни дигараш.
Асном карда рӯй ба девор аз ҳаё,
З-ин гулрухони маҳваши хуршедманзараш.
Будам дар ин мушоҳада ҳайрон, ки ногаҳон
Дидам, ки аз биҳишт сарирест дар бараш.
Тахте, чунон ки заргари тақдир дар азал,
Тарсеъ карда буд ба ёқути аҳмараш.
Аз авҷ тахт карда тулуъ офтоби мулк,
Дар ҷилва аз муқобилаи моҳи анвараш.
Ё худ нишаста буд Сулаймон ба салтанат,
Билқис аҳди такя зада дар баробараш.
Ҷонро ба ҳар наззора ҳаёти дигар диҳад,
Рӯзи ҳазор бор чу бинӣ мукаррараш.

Наққоши Чин зи бехабарӣ хома бишканад,
Гар бингард ба рӯи чу хуршеди ховараш.
Ҳайрони дасту хомаи Монӣ шуда уқул,
К-ин шакли дилпазир чунон шуд муяссараш?
Хоҳӣ, ки ҳамчу лола ниҳад доғ бар дилат,
Бар арғувон кашида бибин сунбули тараш.
Карда зи чарх боргаҳу  чатр аз офтоб,
Буд аз ҳарир хилъату аз нур афсараш.
Тасвир карда буд бар атрофи боргоҳ,
Нақши нуҷум нуҳ фалаку ҳафт ахтараш.
Ҳамчун сипоҳ хайли кавокиб кашида саф,
Кайвон ба посбонию биншаста бар дараш.
То пеши шоҳ арза кунад хутба Муштарӣ,
Бар поситода буд ба болои минбараш.
Миррих теғ бар кафу баста ба хун камар,
То ҳар кӣ хасми ӯст занад теғ бар сараш.
Худ мунтазир, ки шоҳ кай ояд зи дар берун,
То зери пои ӯ биниҳад курсии зараш.
Барбат гирифта Зуҳра ба каф ҳамчу мутрибон,
То ки шавад ҳавои муғаннию соғараш.
Бинишаста буд адиби Аторуд қалам ба даст,
То худ ба ҳар хатест ҷаҳоне муяссараш.
Моҳи сиёҳҷурда нишаста дар интизор,
То ҳиндувони шоҳ бигиранд чокараш.
Таҳқиқ шуд, ки ҳосили маҷмуъи олам ӯст,
То ҳарчӣ муҷмал аст нависад муфассираш.
З-ин нисбат аст коҳилҳунар ном кардаанд,
Маҷмӯаи бадоеи шоҳи суханвараш.
Султон Халил, он ки чу маснад ба ӯ расид,
Биншаст оташи фатан аз оби ханҷараш.
Ҷамшеди шерҳамла, к-аз осеби гурзи ӯ,
Гардад ҳаме муҳаддаби гардун муқаъъараш.
Гардуни муқаввас аз паи он шуд дар интизом,
То ёбад иттисол ба тири мудавваараш.

Эй хусраве, ки қадри рафеъи ту ҳар кӣ дид,
Нуҳ чарх ҳамчу зарра намояд муҳаққараш.
Сад ҷой пеш хоби аҷал рафта душманат,
Бошад ба рӯйи теғу синони ту бистараш.
Ҳар к-ӯ ба каъбатайни хилофи ту муҳра рехт,
Ғам дар бисоти ранҷу бало кард шашдараш.
Аз хати ҳукми қотеъи ту ҳар кӣ тофт сар,
Гардан бидид теғи аҷал хору музтараш.
Хасмат ба кинаи ҳашами худ супурд ҷон,
Гӯё магар ки қосиди ҷон буд лашкараш.
Душман зи ханҷари ту надидӣ раҳи гурез.
Сӯйи аҷал агар нашудӣ марг раҳбараш.
Чархи фалак мадори умури ҷаҳон чарост,
Аз румҳи мустақими ту гар нест меҳвараш?
Дарё агар зи бегуҳарӣ каф бароварад,
Созӣ зи абри ҷуд ба як дам тавонгараш.
Нофа, ки аз равоеҳи ӯ даҳр хуррам аст,
Бӯйи ту бурда аст димоғи муаттараш.
Хасми ту лофи разм аз он зад, ки дар ҷаҳон,
Давлат шавад ба қуввати бозу муқаррараш.
Чун бо ту дар муқобила афтод чун занон,
Дар сар кашид теғи ту гулгуна чодараш.
Номи туро чу тарбият аз сеҳри аъзам аст,
Бадхоҳи девҳамла аз он шуд мусаххараш.
Ҳар дил, ки сӯхт з-оташи савдои ту чу уд,
Доим зи хеш бӯйи хуш ояд чу миҷмараш.
Сояд кулоҳгӯша Насирӣ бар осмон,
Гар ту ба хоки роҳ шуморӣ баробараш.
То сар бар остонаи хидмат ниҳодааст,
Гар илтиҷо ба ғайр барад, хок бар сараш.
Бар фарқи ҳар гадо, ки ниҳӣ афсари қабул,
Ор ояд аз таҷаммули Дорову Санҷараш.
Афзунии маонияш аз файзи мадҳи туст,
В-арна чӣ ояд аз суханони мукаррараш?

Ҳамвора то ҷаҳон зи паи иктисоби нур,
Дар ҳукми офтоб кунад ҳафт кишвараш.
То банда бод зоти ту бар авҷи салтанат,
Давлат муъину носиру иқбол ёвараш.

## 39.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Омад баҳору лола барафрӯхт миҷмараш,
Сунбул ниҳод ғолия бар оташи тараш.
Боз аз бунафша хӯрдашиноси чаман нишонд,
Пирӯза кард ҳуққаи ёқути аҳмараш.
В-аз ҷайби нофа атрфурӯши насим рехт,
Мушки ғубор бар сари кофуру анбараш.
Наргис магар ба тифи шақоиқ расонд чашм,
З-он мекунад сипандфишонӣ бар озараш.
Хуррам ҳарими ҷӯй, ки аз акси лолазор,
Ёқут об гашта, равон аст дар бараш.
Аз симҳо, ки рехт шито гирди марғзор,
Кард аз зумурраду дуру марҷон тавонгараш.
Сели шукуфа гар шавӣ, к-аз пайкари ҳубоб,
Қорураҳост пур зи гулоби мукаррараш.
Ҳар субҳ то ба гулшани даҳр аз саводи шаб,
Хуршед мушки ғолия сӯзад ба миҷмараш.
Пуратр бод базми ҷанобат, ки тоза шуд,
Гулзори дин зи роиҳаи рӯҳпарвараш.
То ҳар касе, ки куштаи теғи ҳаводис аст,
Анфоси раҳмати ту дамад рӯҳ дар бараш.
Хуш вақти шоҳидони раёҳин, ки рехтанд,
Бар ҷайбу доман аз қатароти муқаррараш.
Ҳар ғунчае ба сӯзани алмоси хеш суфт,
Чандин гуҳар, ки абр фурӯ рехт бар сараш.
Наққоши сунъ чеҳракушо шуд ба боғу абр.
Кард осмон ба шамъи шаққоиқ мунаввараш.

Аз нахл соя гашта чу шаб буд тарафи боғ,
Пур дар сина кард бисоти мусавварaш.
Чун шохи гул зи шохи зумуррад намуд рӯй,
Гаштанд гулрухон ҳама ҳайрони манзараш.
В-аз тарафи боғ омили маъзули дай тамом,
Барбод дод як ба як авроқи дафтараш.
Дорад ҳавас,ки дар қадами гул кунад нисор,
Дилбастагии ғунча аз он аст бар зараш.
То андалеб хутба бихонад ба номи гул,
Сарв аз ҳарири сабз биёрост минбараш.
Гул чеҳра сурх карда, ки дар оташ афканад,
Баҳри гулоби базм Худованди акбараш.
Бар наварӯси боғ сабо шуд шукуфарез,
К-аз ҳуллаи сафед кунад ҷома дар бараш.
Хайёти навбаҳор барои мазиди ҳусн,
Кард остар зи пардаи волои ахзараш.
В-аз ғунчаҳои лолаву дурҳои жола дӯхт,
Бар ҷайб дукмаҳои нур аз лаълу гавҳараш.
То пешкаш кунад чу канизон сурате,
Дар базми айши подшаҳи ҳафт кишвараш.
Нахли баҳори давлат, Улуғбек, он ки ҳаст,
Аз вирди айш гулшани иқболпарвараш.
Кайхусраве, ки бахту шараф чун чанору сарв,
Бар по ситодаанд шабу рӯз дар бараш,
Он дам ки баҳри касри аъодӣ сипоҳи шох,
Чун беду сабза рост кунад теғу ханҷараш.
Дарё шавад зи хуни адӯ хоку чун ҳубоб,
Гардад сари бурида ба ҳар сӯ шиновараш.
Аз худи хунчакон, ки равад бар сарири моҳ,
Монад ба лолазор қиронгоҳи лашкараш.
Шоҳи ҷаҳон чу сарв хиромад ба размгоҳ.
Дар зери по чу оби равон кӯҳи пайкараш.
Чун боди гармрав, ки вазад гирди лолазор,
Дар хоку хун ба ҷилва дарояд таковараш.

Наълаш чу арзи оразӣ гулгун кунад ба хасм,
Гардад зи бим чеҳра чу наргис музаъфараш.
Ҳар кас,ки дар муқобила пӯшад силоҳи разм,
Чун оби лола бод барад варъу мағфараш.
Дар сар кашад чу шоҳиди гул теғ шаҳриёр,
Аз саҳми тир карда шикофи ҷигар хӯраш.
Румҳаш зибаски қалби аъодӣ канад зи ҷой,
Пурдил шавад бадан чу ниҳоли санавбараш.
Тираш камин гирифта, ки чун ғунча дам ба дам,
Пайкони оташ шавад аз хуни дил бараш.
Шоҳе, ки сар фиканда наёяд ба хидматаш,
Теғаш бунафшавор ба пеш афканад сараш.
Гар хок сурхрӯй нашуд аз қитоли хасм,
Дар мавҷи хун кашид сипоҳи музаффараш.
Аз лола бар румоҳ  забарҷад зи баҳри чист,
Эъломи фатҳ баста зи ёқути аҳмараш?
Эй гулрухе, ки чеҳраи турконат ҳар кӣ дид,
Ҳуру парӣ ба дида нагардад мусавварш.
Хоки чаман чу тинати Одам ҳаёт ёфт,
То кардаӣ ба бодаи ишрат мухаммараш.
Ёбад ба базми гулшан олам ҳаёти Нӯҳ,
Ҳар кас кӣ раҳмати ту дамад руҳ дар бараш.
Бе нури гул пуроташи Намруд буд боғ,
Лутфат намуд муъҷизаи пур зи озараш.
Эй Юсуфе, ки наргис агар аз ту бӯ барад,
Яъқубсон басир шавад чашми аъвараш.
Довудвор булбул аз он шуд забурхон,
То гул ба базми айши ту созад тавонгараш.
Бӯстон бисоти чун ту Сулаймон ҳамекашид,
Боди баҳор аз пайи он шуд мусаххараш.
Бар бӯйи он ки дар чаман ояд Калимвор,
Гул аз дарахти сабз барафрӯхт озараш.
Саққои баргоҳи ту шуд абр аз он чу Хизр,
Оби ҳаёт дар зулумот аст музмараш.

Исодамест лутфи ту, к-амвоти хокро,
Ҷон медиҳад ба роиҳаи рӯҳпарвараш.
Бӯйи Муҳаммадаст хисоли туро, аз он
Пуратр шуд ҷаҳон зи насими муаттараш.
Бод ар зи хоки пои ту бӯйе барад ба боғ,
Созад чу ҷайби нофа пур аз мушки азфараш.
Аз наъли асбат ар ба гулистон барад ғубор,
Гул судаи абир фашонад ба миҷмараш.
Бо абр гӯ, ки хайма зи гулзор бармагир,
То офтоб рух нанамояд зи манзараш.
Базме, ки аз фурӯғи ҷамоли ту ёфт нур,
Дигар чӣ эҳтиёҷ ба хуршеди анвараш?
Баҳри кафи ту моя аз он медиҳад ба абр,
То пеши ту нисор кунад ганҷи гавҳараш.
Аз гулшани хисоли ту, к-аз бешаи ту буд,
Бо гул диҳад абир зи коми ғазанфараш.
Боғ аз бунафша мунтақилфирӯза гашт боз,
К-аз лола созад оташи наълат пурахгараш.
Шоҳо, баҳори нав шуду ҳар кас ба коми дил,
Дар гулшан аст лоларухе дар баробараш.
Исмат, ба кунҷи ғусса фитода хароббахт,
Ҳаргиз нашуд ба гулшани мақсуд раҳбараш.
Чандин баҳор шуд, ки зи гулзори орзу,
Як меваи мурод наёмад муяссараш.
Ҳар кас ба ҳамдаме майи гулгун хӯрад ба ноз,
Ӯ ҳамчу гул ба хуни дил олуда соғараш.
Булбул ба гӯши ҷон хабари баргрези умр,
Мехонд солҳову намедошт бовараш.
Охир нахонда як варақ аз дафтари мурод,
Боди хазон чу дафтари гул сохт пар-параш.
Умрест то зи захми забони сияҳдилон,
Чун савсан алкан аст забони суханвараш.
Бо ин ҳама чу тӯтии қудсист рӯзу шаб,
Аз шукри неъмати ту даҳон пур зи шаккараш.

Вазни ду шеър агарчи ба як вазну қафияст,
Дар ҳар якест ранг сухан навъи дигараш.
Сад сол агар санои ту гӯяд бад-ин тариқ,
Н-ояд ҳанӯз маънии рангин мукаррараш.
З-он кардааст хатми сухан бар дуъо, ки ҳаст
Андеша аз маломати рои мутаҳҳараш.
В-арна маонӣ аст камолат, ки қарнҳо,
Натвонад, он ки дар қалам орад муфассараш.
Ё Раб, ба рӯҳу нузҳати ҷаннат,ки додааст,
Лутфи ту обу соя зи тубиву Кавсараш.
Ё Раб, ба обрӯи гулистон, ки ҳикматат,
Кард аз сафо намунаи фирдавси акбараш.
Ё Раб,ба нақшбандии сунъат, ки ҳар баҳор,
Бо наварӯси боғ диҳад зебу зевараш.
Ё Раб, ба ҳусни зулфи парешони сунбулаш,
Ё Раб, ба сеҳри ғамзаи фаттони абҳараш.
Ё Раб, ба дарди қумрии нолон, ки субҳу шом,
Оёти бевафоии умр аст азбараш.
Ё Раб, ба сӯзи нағмаи булбул, ки мекунад,
Ҳар дам ҳазор нола зи ҳиҷрони дилбараш.
Ё Раб, ба нагҳати гули хушбӯ,ки кардаӣ,
Дар баргоҳи ҳусн ба шоҳӣ муқаррараш.
К-ин нахли наврасидаи бӯстони салтанат,
К-аз раҳмати ту бар фалак афрошт афсараш.
Аз чашмзахми ҳодиса ҳифзи иноятат,
То рӯзи ҳашр бод нигаҳбону ёвараш.

## 40.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Чун субҳ зад салодиқи ёқут пайкараш,
Афрошт осмони алам шоҳи ховараш.
Арш аз барои муждаи дидори офтоб,
Бар фарқи рӯз рехт табақҳои гавҳараш.

Шаб то ба пои шоҳиди меҳр афканад бисот,
Шуст аз зулоли чашмаи хуршеди ховараш.
Саббоғи меҳр боз ба гулгунаи шафақ,
Чун барги лола кард ҳарири музаъфараш.
Мансуба бохт субҳ басе бо ҳарифи шаб,
К-аш монда буд муҳраи заррин ба шашдараш.
З-он лаъб чун ба нақши мувофиқ кушод ёфт,
Бар домани қароза бизад дови дигараш,
Занҷири зар кашид ба ҳар сӯ шуъои меҳр,
Гӯё кушод субҳ ба рӯйи ҷаҳон дараш.
Субҳ аз сафо чу Маряму анвори офтоб,
Шуъла зада зи чеҳра чу нури паямбараш.
Ё шаб чу қавми Нӯҳ ба тӯфон шуда ғариқ,
Хӯр монда чун сафинаи симин шиноваraш.
Гар офтобро дами меҳри Халил нест,
Нори шафақ чарост пур аз варди аҳмараш?
Шабро чу гоҳ тазҳия забҳи азим ёфт,
Хун рехт бар мувофиқат пур Ҳоҷараш.
Рӯз аст Юсуфу дам субҳаш бародараст,
Ӯ соғи зар кашида зи бори бародараш.
Ё меҳри Юсуфист ба зиндони шаб асир,
Гашта ба хуни гарм шафақ пирҳантараш.
Ё субҳдам Шуайбсифат бо шубони рӯз,
Кард аз даруни чодар шаб арзи духтараш.
Ё аз канори водии Айман Калимвор,
Субҳ аз дарахти сабзи фалак дид озараш.
Субҳ омада ба чашмаи зулмат чу Хизру меҳр,
Оби Ҳаёт дода зи ҷоми Сикандараш.
Довудсон зи раҳгари шаб чун дамид субҳ,
З-ангишти кӯра сурх бароварад миғфараш.
То ҳамчу сомиёти Сулаймонваш офтоб,
Зад соқу гардан Адҳами шабро ба ханҷараш.
Гӯӣ раво надошт, ки тимсоли офтоб,
Дар айн қутри субҳ бимонад мусаттараш.

Обистан аст Марями субҳ аз Масеҳи меҳр,
К-ин тифл шуд гувоҳи дами сидқи модараш.
Ё нури меҳри оташи шаръи Муҳаммадист,
Шаб сӯхта чу Булаҳаб аз тоби озараш.
Кайвон зи хоби шаб чу ба хоби сабуҳ рафт,
Дузд аз камин рабуд бисоти мунавлараш.
Аз Меҳру Муштарӣ вараъ «Ваз-зуҳо» кушод,
Ба он ки буд сураи «Вал-лайл» азбараш.
Баҳром чун ҳазимати хайли ҳабаш бидид,
Варъи ҳазор мехи шаб афтод аз бараш.
Зуҳра зи меҳр ба рабти заррин  офтоб,
Гесӯи шаб бурид зи чанги навогараш.
Аз хиҷлати китобаи заррини субҳ низ,
Хатти зулом шуст зи авроқи дафтараш.
Гар маҳ ба гадя нур наҷустӣ зи шоҳи шарқ,
Ҳаргиз вуҷуди тира нагаштӣ мунавлараш.
Хуршедрост оина равшан, магар задаст,
Сайқал зи хоки пои шаҳаншоҳи акбараш?
Дорад хаёл он ки ҷилои дигар диҳад,
Наъли саманди подшаҳи ҳафт кишвараш.
Нӯшинравони аҳд, Улуғбек, он ки ёфт
Хуршеди адл равшанӣ аз рои анвараш.
Шоҳе, ки ҳамчу тинати Одам яди қабул,
Карда ба обу хоки ҳидоят мухаммараш.
Ҷоест авҷи кунгураи кохи давлаташ,
К-истабли бандагон насазад қасри Қайсараш.
Нушервон кӣ буд, ки нисбат ба ӯ кунам?
Сад ҳамчу ӯст бандаи дарбони чокараш.
Шоҳе, ки шери бешаи дин шуд чу Муртазо,
Нисбат хато бувад ба ҷуҳудони Хайбараш.
Ҷоест посбони дарашро, ки аз шараф,
Ор ояд аз таҷаммули Дорову Санҷараш.
Чун шоҳи шерҳамла  ба майдони салтанат,
Бар хайли бадсигол кунад арзи лашкараш.

Ҳар соат осмони дигар бандад аз ғубор,
Гарди таковарони сипоҳ музаффараш.
В-аз партави лавомеъ наъли сипаҳбадон,
Пурмоҳу пурситора шавад саҳни ағбараш.
Аз наъраи ялону нафири ғареви кӯс,
Бинӣ намунаи фазаъи рӯзи маҳшараш.
Шоҳи ялон ба ҷилва дарояд чу шери маст,
Шабдез ҳаминон шуда бо боди сар-сараш.
Бинмояд ончунон ки маҳе пеши офтоб,
Хуршед пеши партави наъли таковараш.
Гоҳе паранди найза сари дасти қудраташ,
Берун кашад зи гӯши фалак ҳалқаи зараш.
Шояд, ки дур ақиқ намояд даруни баҳр,
Аз акс хуни ханҷари Миррихи пайкараш.
Гардад чу ҳалқа аз кашиши ӯ камони чарх,
Тир аз даруни доира чун хати меҳвараш.
Аввал бихонда ояти нусрат ба гӯши шоҳ,
В-он гаҳ ба сӯйи хасм кунад дида аз сараш.
Пайкон-ш чун ба дида нашинад ба ҷои нур,
Бинои чашми хеш шавад чашми аъвараш.
То хешро мушобеҳи гурзаш кунад сипеҳр,
Бар найзаи самок ниҳад гӯи ахзараш.
Чун боргоҳи фатҳ занад, арш кай шавад,
Дар қарнҳо мамос ба сатҳи муқаҳҳараш?
Пеш оваранд чашму лаби соқиёни роҳ,
Нуқли шаробу айш зи бодому шаккараш.
Ҳар чокаре ба гӯшаи боғе равад ба айш,
Пур карда аз шароби вафо ҷому соғараш.
Нӯшад маи нишоту бигӯяд дуъои шоҳ,
Ҳар ҷо шакарлабест кашад танг дар бараш.
Дарё арақ шавад зи хиҷолат, ки чун кашад,
Бори атои шоҳ матоъи муҳаққараш.
Умре зи бими бахшиши ӯ кони сахти дил,
Дар қалби санги хора ниҳон дошт ҷавҳараш.

Аз юмни ҷуди шоҳи ҷаҳон кард рӯзгор,
Дар безарию факр ба Исмат баробараш.
Шоҳо, зи саъду наҳси ҷаҳон то рақам заданд,
Ҳаргиз надид кас назари саъд аз ахтараш.
Атрест рӯзу шаб, ки ба ҷуз рангу бӯй нест,
Таркиб карда даҳр ба кофуру анбараш.
Ҳар муқбиле, ки баст машом аз равоиҳаш,
Аз бӯйи ҷон димоғи бақо шуд муаттараш.
Мақсуд аз з-офариниши мулк аст адлу ҷуд,
Хуш ҳиммате, ки ин шараф омад муяссараш.
Умре зи даври зулми ҷаҳон шуд,чунон ки буд
Рӯзи саодат аз шаби хазлон сияҳтараш.
Дар аҳди ту зи фитна нишоне наёфт даҳр,
Ҷуз дар фиреби чашми бутони ситамгараш.
Шоҳин чунон шудаст зи адлат, ки нест амн,
Ҷуз дар паноҳи сояи боли кабӯтараш.
Нахле, ки асли ӯ бувад аз боғи салтанат,
Чун найшакар наботи саодат бувад бараш.
В-он шӯрахас, ки растаи хоки шақоват аст,
Заҳр аст бораш аз ҳама холӣ ба шакарраш.
Исмат, ки ҳамчу булбули хушгӯ ба мадҳи шоҳ,
Дастонсаро шудаст забони суханвараш.
Растӣ ҳазор гуна гул аз боғи фикраташ,
Сӯзи Халил агар бинишондӣ бар озараш.
Шоҳе, ки ҳамчу Юсуфи Миср аҳли дардро,
Қути ҳаёт буд тамошои манзараш.
Султон Халил, хусрави соҳибқирон, ки буд,
Асбоби салтанат ҳама зебову дар х(в)араш.
Мегуфт чун баҳор дамад гирди рӯйи боғ,
Хати бунафша бар тарафи варди аҳмараш.
Девонавор сӯйи Хуросон равад чу бод,
То ҷон диҳад ба нагҳати зулфи муанбараш.
Огаҳ набуд, аз он ки бихоҳад ба хок рафт,
Хати ғубор аз вараќи рӯи чун хӯраш.

З-он пештар, ки он хати мушкин шавад ғубор,
Кош афканад самуми аҷал хок бар сараш.
Чун дил ҳазор пора шуд аз теғи фурқаташ,
Шуд хотири шикаста ба сӯйи ту раҳбараш.
Дор-уш-шифои хастадилон чун ҷаноби туст,
Бошад, ки марҳаме ба каф ояд аз ин дараш.
Шоҳо, ба дарди бесару поеш раҳм кун,
Магзор то фироқ кушад зору музтараш.
Чун хастахотир аст зи бехӯрдагии даҳр,
Хӯрда магир бар суханони мукарраараш.
Ҳар субҳ то ба гулшани даҳр аз саводи шаб,
Хуршед мушку ғолия сӯзад ба миҷмараш.
Пуратр бод базми ҷанобат, ки тоза шуд,
Гулзори дин зи роиҳаи рӯҳпарвараш.
То ҳар касе, ки куштаи теғи ҳаводис аст,
Анфоси раҳмати ту дамад рӯҳ дар бараш.

## 41. ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Диломе, ки беморам зи чашми номусалмонаш,
Агар тирам занад, созам чу ҷон дар сина пинҳонаш.
Барояш сӯхтам дилро аз ин ҳасрат, ки то рӯзе,
Кабоби хомсӯз худ расонам бар намакдонаш.
Ҷаҳоне дар шаби торики зулфаш роҳ гум кардӣ,
Агар сар барнаёвардӣ маҳ аз сӯи гиребонаш.
Азиз он гаҳ бувад дармон, ки дарде дар дарун бошад,
Чӣ донад қадри васл он кас, ки набвад дарди ҳиҷронаш?
Дили гумгашта меҷӯянд халқе дар хами зулфаш,
Магар ҷамъияти дилҳост дар зулфи парешонаш?
Маро дар дил ҷароҳатҳост аз ҳар захми шамшераш,
Ки машҳудасту медорам ҳанӯз аз халқ пинҳонаш.
Ҳамонам ман, ки будам маҳрум аз дидори ин соат,
Ба санге чун сагон аз дур хурсандам зи дарбонаш.

Чӣ гӯям ҳоли ранҷуре, ки дур аз ёр месӯзад,
Ҳаме медонаду ҷонаш, ки шабҳо чист бар ҷонаш?
Зи саргардонии шабҳои ҳиҷронам касе донад,
Ки ҷон бар лаб расонд аз дарду раҳ набвад ба дармонаш.
Рақибам гар ба санги таъна берун ронд аз кӯяш,
Чу мазлумон барам доман гирифта пеши султонаш.
Фалак қадри малаксират Халилуллоҳ Султонӣ,
Ки ҷирми гарми хуршед аст қурси гӯшаи хонаш.
Зи шарм бахшиши дарёи ҷудаш кони беҳиммат,
Ҳар он гавҳар, ки дорад мекунад дар санг пинҳонаш.
Зиҳӣ фармонраво шоҳе, ки бар вақти саҳар хуршед,
Нигини лаъл меорад барои муҳри девонаш.
Ба сидра гар барад Рӯҳуламин ҳарфе зи тавқеаш,
Малоик ҷумлагӣ бинҳанд сар бар хатти фармонаш.
Ба тан кӯҳи виқору партави хуршеди рухсораш,
Ҷавоҳир маънии рангину табъи хӯрдадон конаш.
Далели даъвии мулкаш чу буд аз теғи равшандил,
Аз он зудаш мусаллам шуд, ки қотеъ буд бурҳонаш.
Чу хайёти қазо бар ҳар қаде хилъат барандозад,
Тирози кисвати давлат кунад аз атф домонаш.
Касеро, к-иинчуни Билқис доим дар назар бошад,
Аҷаб набвад агар ор ояд аз мулки Сулаймонаш.
Ғуломони дарашро бок аз ошӯби ҷаҳон набвад,
Ҳар он к-ӯ ҳамдами Нӯҳ аст ғам набвад зи тӯфонаш.
Чаро хасми туро гардун ба олам зинда медорад?
Аз ин бедонишӣ дорам шикоятҳо зи давронаш.
Зи теғат зинда мегардам ману бадхоҳ мемирад,
Чу мард огаҳ набошад захр гирдад оби ҳайвонаш.
Ҳар он гумраҳ, ки бо дарди хилофат мубтало гардад,
Яқин медон, ки ҷуз мурдан набошад ҳеҷ дармонаш.
На танҳо бар гули рӯят мани булбул сано хонам,
Ки бинӣ ҳар куҷо мурғест масти ин гулистонаш.
Ба ғам мепарварад доим фалак шеъри Насириро,
На дар айём дилшод аст чун ашъори Салмонаш.

Забонаш то дар авсофи даҳонат дар ҳадис омад,
Рамузи ғайб зоҳир гашт аз табъи сухандонаш.
Ҷаҳондоро, ба шаҳри хештан вайронае дорам,
Ки ҳамчун ман фалак дорад ҳаме пайваста вайронаш.
Агар дар солҳо ногаҳ лаби ноне диҳад бо ман,
Ба муддатҳо ҳамебинам аз он карда пушаймонаш.
Басе барҳо диҳад имсолу н-орад хушк, медонам,
Чу дар ҷӯи карам обе диҳӣ аз баҳри эҳсонаш.
Сулаймони замонӣ, банда аз лутфи ту меҳоҳад,
Нишоне то набояд дод дигар моли девонаш.
Ҳамора то барои зиннати базми сабукрӯҳон.
Фурӯғ арсаи гардун диҳад хуршеди тобонаш.
Музайян бод қасри салтанат аз партави рӯят,
Ҳумои мулкро бод ошён бар рукни айвонаш.

## 42.ДАР СИТОИШИ НАСИРИДДИН ХАЛИЛ МИРЗО

Хушо, ҳавои Самарқанду хоки пургуҳараш,
Ки карданд гул аз оби чашмаи ҳунараш.
Зи рӯҳи нузҳати ашҷору таҳтиҳ-ал-анҳор,
Раво бувад, ки бихонй биҳишти номвараш.
Агар зи боғи ҷинон қасрҳош бинад ҳур,
Ба зулфи хеш бирӯбад ғубори хоки дараш.
Гар аз ҳавош вазад накҳате бар оҳуи Чин,
Зи рашк шояд агар ҷумла хун шавад ҷигараш.
Равост гар ҳама ҳурон ниҳанд рӯ ба қусур,
Зи шарми ҳусни парӣ чеҳрагони симбараш.
Касе, ки дида бувад назҳати гулистонҳош,
Кам аз гиёҳ намояд биҳишт дар назараш.
Дарахти нораш агар рашки боғи ризвон нест,
Чарост мева зи ёқути баргҳо зи зараш?
Барои шарбати симинтанони шаҳдлаб аст,
Ки ҳаст ҳуққаи ёқут пурақиқ бараш.

Ба рӯйи зард агар нест ошиқи рухи себ,
Чарост хирқаи пашмин чу ошиқон ба бараш?
Зи ҳар ҳунар, ки биҷӯӣ дар ӯ ҳунармандист,
Ки оламе ҳама пурфайз гардад аз ҳунараш.
Зи баҳри илм ба ҳар ҷонибаш ҷаҳонгирист,
Ки ҳаст бандаи фармони илми хушку тараш.
Барои он ки газандаш зи чашми бад нарасад,
Ба сад ниёз бигардад фалак ба гирди сараш.
Гурезгоҳи ҳама коинот хоҳад кард,
Фурӯғи салтанати подшоҳи баҳру бараш.
Сипеҳркавкаба Султон Халил, он ки қазо,
Бидод шир зи бӯстон дояи зафараш.
Насири миллату дин, он ки чавҳари Баҳром,
Сазад нигинаи ёқут гӯшаи камараш.
Зи ошёнаи тани хасм мурғ ҷон бипарад,
Зи саҳми тири зумраддами уқобпараш.
Шаҳи нуҷум, ки хуршед номи асли ӯст,
Ҳамехӯрад чу ғуломон қасам ба хоки дараш.
Ҳаром бод бад-он хаста захми пайконаш,
Ки пеши новаки ӯ ғайри ҷон бувад сипараш.
Ҳамениҳад ба дили куштаи вафо доғе,
Хатти ғубор бар атрофи рӯи ҳамчу х(в)араш.
Фаришта дониш аз ӯ мебарад ба вақти сухан,
Ба сурат арчи бибинӣ ба кисвати башараш.
Аё сипеҳри маҳал, хусраве, ки моҳи тамом,
Чу шуд канизи сиёҳи ту ном шуд қамараш.
Ба разми новаки тири сипоҳат он абрест,
Ки дам ба дам набувад ғайри сели хун матараш.
Гурезгоҳи накӯ ёфт аз сипоҳи ту хасм,
Ки шуд ба мулки адам новаки ту роҳбараш.
Хадангат ар кунад аз хонаи камон сафаре,
Бувад зи хуни дили хасм тӯшаи сафараш.
Фуруғи балдаи маҳфуз фари давлати туст,
Ки кард дар ҳама олам ба хуррамӣ самараш.

Зари хазинаи ту гарм кард бозораш,
В-агарна хайли ғино карда буд пайсипараш.
Чу ходимони дарат хони неъмат ороянд,
Диҳанд ротибаи ину ҷон зи моҳазараш.
Ҳар он ғубор, ки аз наъли маркабат хезад,
Кашанд аҳли саодат чу сурма дар назараш.
Фатода буд Насирӣ ба хоки раҳ яксон,
Ба номи хеш ту кардӣ рафеъу муътабараш.
Ба мужда ҷони гиромӣ диҳад ба шамшерат,
Аз ин ҳавас, ки бибинад ба хуни хеш тараш.
Сараш ба теғи ҷудоӣ бурида бод аз тан,
Гар аз ту ғайри ту бошад таваққуи дигараш.
Қалодаи саги хеш ар ба гардан афканиаш,
Беҳаст аз он ки бувад тоҷи дигаре ба сараш.
Барои туст бар ин в-арна баҳри мансабу мол,
Кадом мартаба бошад аз ин рафеътараш?
Далел кӯтаҳии ҳиммат аст он касро,
Ки бо қарози қаноат бувад зи ганҷи зараш.
Ҳамора то ки бувад қасри обу гил маъмур,
Мудом то ки бувад сайри чарху моҳу х(в)араш.
Маҳи наве, ки бар авҷи камоли давлати туст,
Худо ба лутф нигаҳ дор боз аз назараш.
Бар ин диёр, ки бӯстонсарои салтанат аст,
Ки карданд ба оби ҳаёт борвараш.
Зи абри лутфи ту майли ато дамодам бод,
Ки то расад ҳама сола ба инсу ҷон самараш.

## 43.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Хун мефашонам аз мижаи ашкбори хеш,
К-орам муроди хештан андар канори хеш.
Дасти нигор баста чу бинмуд шохи гул,
Шохи шукуфа даст бишуст аз нигори хеш.

Ҳар кас ба гулрухею мани ғамрасидаро,
Омад гаҳи хазону надидам баҳори хеш.
Рафтам басе ва раҳ ба муроде наёфтам,
Овардам илтиҷо ба Худованди кори хеш.
Дар дил азимати ватани хеш доштам,
То дар диёри хеш кашам дарди ёри хеш.
Султон Халил, хусрави Ҷамшедрифъат он,
К-аҳли дил аз ту ёфтаанд эътибори хеш.
Давлат ба кас қарор нагирад чу дида аст,
Бар хоки остони ту ҷои қарори хеш.
З-абнои мулк лоиқи шоҳӣ чу зоти ӯст,
Эй мулк, пеши ғайр мабар рӯзгори хеш.
Лашкаркашист кори ту, аз вай талаб мурод,
Давлат наёфт ҳар кӣ надонист кори хеш.
Чун ихтиёри хеш ба давлат гузоштӣ,
Ӯ ҳам ба дасти ту биниҳод ихтиёри хеш.
Тири ту раҳравест, ки ҳангоми корзор,
Бар чашми душман ту кунад раҳгузори хеш.
Гурзи ту саргарон шудааст аз барои он,
То бишканад зи хуни аъодӣ хумори хеш.
Ҳар корвони айш, ки омад зи шаҳри ишқ,
Гирди дари сарои ту бикшод бори хеш.
Пурдур шавад чу табъи ту дарё, агар дар ӯ,
Як нам чаконӣ аз лаби гавҳарнигори хеш.
Пеши дари ту хок шавам то ба рӯзи ҳашр,
Бар хоки остони ту ёбам ғубори хеш.
Гар ҷон диҳам зи қолаби пӯсидамондаам,
Гарде ба гарди хоки дарат ёдгори хеш.
Чун хок роҳи туст, Насирӣ, ба сад ниёз,
Гаҳ-гаҳ ба лутф ёд кун аз хоксори хеш.
То ҳар маҳ осмон чу ғуломон ба субҳу шом,
Аз наъли маркаби ту кунад гӯшвори хеш.
То банда бод зоти ту бар авҷи хусравӣ,
То бархӯрӣ зи давлати уммедвори хеш.

## 44.ДАР СИТОИШИ МАЛИКЗОДА ҶӮГӢ

Эй қасри аршманзилат сидраииртифоъ,
З-оинаи сарири ту хуршед як шуъоъ.
Гетинамой зарраи тахти мурассаъат,
Аз сирри коинот ҳамебахшад иттилоъ.
Рӯҳулқудс бадон дилу фикрофарин кирост?
К-аз обу хок кард чунин ҷаннат ихтироъ.
Эй равзае, ки бо ту мубоҳӣ бувад биҳишт,
В-эй буқъае, ки аз ту тафохур кунад буқоъ.
Мақбули табъи аҳли камоле аз он шудаст,
Доим дар ин тибоъ хаёлат дар интибоъ.
Парвози мурғи рӯҳ ба авҷи ту кай расад,
К-ин сирри мо ба ҳашр намеёбад инқитоъ.
Дар рифъати бинои ту наззорагар шудаст,
Анҷум зи авҷи кунгураи нилгун қилоъ.
Бартар зи нуҳ сипеҳри мусаввар шуд, ки ҳаст,
Ҳар дам дар инқилоъ мабонӣ дар инқилоъ.
Аз шарқ то ба ғарб зи арзи ту як ваҷаб,
Аз арш то ба фарш зи тӯли ту як зироъ.
Дар суҳбат офтоб ба сари чарх мезанад,
К-аз савти мутрибони ту дорад сарри самоъ.
Ду қавс хам гирифтаи тоқи музаҳиббат,
Карда ба як дигар чу ду моҳи нав иҷтимоъ.
Гар арш аз офтоб сутурлоби зар кунад,
Натавонад он ки қадри туро гирад иртифоъ.
Аз хоки сахт он ки муаттар кунад димоғ,
Аз бӯйи мушку анбараш афзун шавад судоъ.
Дар дасти соқиёни ту ҳар дам ба сад фурӯғ,
Хуршеди май зи машриқи соғар занад шуоъ.
Ҳурон ба турра саҳни ту рӯбанд, аз он ки ту,
Ҳастӣ ба корхонаи шоҳи ҷаҳон мутоъ.
Султон Абулмафохири Ҷӯгӣ имоми аҳд,
К-арбоби мулк карда чу ғуломон-ш иттибоъ.

Кайхусраве, ки саҳни сарои сурури ӯ,
Дорад фузун зи арсаи нуҳ торум иттисоъ.
Шери палангҳамлаи майдони салтанат,
К-андар масоф чун Асадуллоҳ бувад шуҷоъ.
Теғаш хусумро гаҳи разм аз ҳарири ол,
Дар сар ба ҷои афсари мағфар кашад қитоъ.
Он сафдаре, ки чун ба каф орад синони разм,
Ҳар дам ҳазор фирқа шавад туъмаи сибоъ.
Дур афканад зи давлату неъмат хусумро,
Чун тифли ширхора, ки вомонад аз ризоъ.
Эй хусраве, ки бар дари давлатсарои ту,
Пайваста мисли ҳалқа ба гӯшат дари тибоъ.
Дор-ус-саломи қасри ту онро,ки бор дод,
Нодида кард равзаи фирдавсро видоъ.
Нуҳ ҳалқаи сипеҳр ба таҳти тасарруф ор,
Рӯи замин чӣ чиз бувад буқъаи машоъ?
То ҳар дам аз мавоҳиби бахтат ба соилон,
Гоҳи иқор ҷоиза бахшӣ гаҳе зиёъ.
То ҳашр дар санои бинои сарои шоҳ,
Исмат сухансарост ба уммеди истимоъ.
Чун фазли ин бино зи камоли шараф гузашт,
Бинои фикр ёфт зи торихаш иттифоъ.
Марфуъ бод қасри ҷалоли ту то ба ҳашр,
Дар рифъати фалак набувад ақлро низоъ.

## 45.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Эй зи шавқи ту сиришкам ба масоил соил,
В-эй дилу дида бад-он шаклу шамоил моил.
Дар азал бар варақ маҳ рақами меҳри ту дид,
Ҳамчу Хизраш паи он сохт ҳамоил моил.
Қуввати рӯҳ зи ғами хеш ба муштоқон деҳ,
Тамаъи тарк нагардад зи тазоил зоил.

Лабат аз хандаи ширин чу дарояд ба ҳадис,
Гардад аз чашмаи хуршед ба соил соил.
Ҳар кӣ савдоию девонаи Лайлсифатест,
Ҳамчу Маҷнун бигузорад зи авоил воил.
Ҳусни хубон ба ҷамоли ту бид-он мемонад,
Ки ба хуршед кунад арз шаъоил оил.
Ҳаст дар гирди саропардаи ҳуснат хуршед,
Ҳамчу Маҷнун, ки бувад гирди ахоил хоил.
Подшоҳи ҳама хубон шудаӣ, то ба ниёз
Бар дари шоҳи ҷаҳонӣ Бусоил соил,
Шоҳ Улуғбек, заҳир-ул-ҳақ вад-дин, ки ба разм,
Гардад аз хуни ағодеш маҳоил ҳоил.
Саъбтар нест зи аҳволи қиёмат, в-он низ
Ҳамчу меҳраш ба тамоил ба маҳоил ҳоил.
Эй фалак, мартабашоҳӣ, ки зи хайли ҳавлат,
Ҳаст доро ба ҳама ҷоҳу маҳоил ҳоил.
Ақл аввал зи баёни ту кунад ҳалли нукот,
Гар муҳаққақ накунад фаҳм маҳоил ҳоил.
Дар мақоме, ки ту бо фарри ҳумо гирӣ фол,
Дорад аз аҷз назире ба ту хоил хоил.
Дар сари чашмаи теғи ту ҳамегардад хасм,
Ҳамчу атшон, ки бувад гирди махоил хоил.
Зарду бадҳолу низоранд хусум аз бимат,
Ки бувад рӯзи аҷал ранг ба ҳоил ҳоил.
Пеши пайкони ту ҳозир нашавад варъи хусум,
Нашавад тир қазоро зи саҳоил ҳоил.
Гар ба мағриби сифат разми сипоҳат шунаванд,
Ҳама гарданд зи автон чу раҳоил ҳоил.
Он замоне, ки чу шерони шикорӣ гарданд,
Ҷангҷӯёни сипоҳат бари ҳоил ҳоил.
Дар сафи разм чунон зилзила афтад ба масоф,
Ки шаванд аз ақиби ракби раҳоил ҳоил.
Аз паи гадяи дуд ҷониби ғилмони ту хасм,
Гардаду сӯйи ҳамал вакти раҷоил ҷоил.

Ғайри мо дар паи фарсон натавонанд гурехт,
Бизаданд низ зи идроки афоил фоил.
Дар фазоил чу кунӣ қасди фазоил гарданд,
Аз ниҳебат чу фазоил зи фазоил соил.
Ҳар саҳар гирди фазоил ба фазоил хуршед,
Бар хусуми ту бувад то ба соил соил .
Асби тозӣ ба адӯи ту инон дарнадиҳад,
З-он ки шоиста набошад бари зоил зоил.
Гашта нуҳбахтии афлок туро рому хусум,
Баста аз аҷз ба дунбол масоил соил.
Туъмаи хони ту чарх ар ба тарозу бибарад,
Нашавад то ба қиёмат зи нашоил шоил.
Теғат он дам,ки кашад чашмаи хун аз тани хасм,
Набвад аз касрати таснифи фатоил тоил.
Бахти бедори ту чун сури сиёсат бидамад,
То қиёмат накунад ёд мақоил қоил.
Ақл дар илм басе масъала мушкил дорад,
Ҷуз ту пеши кӣ кунад арзи масоил соил?
Роъии ҳифзи ту роъии зар оёст мудом,
З-он ки ҳаммол набошад зи ҳамоил моил.
Ту ба ҳар ҷо, ки ба микёл бибахшй зару лаъл,
Кай гузорӣ, ки шавад кайли ҳақоил қоил?
Бибарад лаъл ба паймонаи заррин хуршед,
Чун шавад хозани ҷудат зи макоил коил.
Исмати лол ба мадҳи ту сухангӯ шуд боз,
Гарчи шуд муршиди ақлаш ба ақоил қоил.
То абад хоки дари туст ба ҳар ҳол, ки ҳаст,
Нест чун бехабарон гирди саҳоил ҳоил,
Муддати умри ту то рӯзи ҷазо бод падид,
Ки бувад давлати арбоб ҳасоил соил.

## 46.ДАР СИТОИШИ ХОҶА ЛУТФУЛЛОҲ

Омад аз авҷи қабулам тоире фархундафол,
Баста мақсудаш ҳидоятномае дар зери бол.
Намае дар ҳусни таркибаш хирадҳо гашта гум,
Намае дар ҳоли тартибаш забонҳо гашта лол.
Гашта дар ҳар сатр ӯ мастур кунҳе аз ҳунар,
Монда дар ҳар ҳарфи ӯ макнун ҷаҳоне аз камол.
Нури маънӣ дар хати ҷонпарвараш макнун чунон-к,
Дар саводи зулмати Искандарӣ оби зулол.
Нуқтаи ҳарфи абирафшони мушкиннакҳатат,
Ҳамчу бар рухсораи зебои хубон хатту хол.
Аз ибороту латифаш гар надуздидӣ шакар,
Тӯтии хушгӯи нутқам кай шудӣ ширинмақол?
Чун кушодам маҳсараш аз нури Илоҳӣ дида шуд,
Дар шаби хаҷри саводаш чеҳраи субҳи висол.
Шабнамеро нури меҳр аз хоки раҳ бардошта,
Муштарӣ гашта саҳоро офтоби безавол.
Осафи Ҷамшедфар, садр-ус-судури коинот,
К-аз вуҷуди ӯст олӣ маснади ҷоҳу залол.
Садри олӣ, Хоҷа Лутфуллоҳи доное, ки ҳаст,
Аз камолаш навбаҳори илмро сад эътидол.
Эй малакхӯе, ки қадрат ҳар куҷо бигрифт садр,
Наййири аъзам наёбад роҳ дар саффи ниъол.
Солу маҳ аз аз дасту табъат баҳру кон бирбуда файз,
Субҳу шом аз хони ҷудат инсу ҷон бурда навол.
Гар зи килки мушксои ту надуздидӣ гуҳар,
Аз кавокиб кай шудӣ нуҳ сидра пур иқди лаол?
Муштарӣ бар маснади дониш садорат кай кунад,
То зи девонахонаи ҳукми ту настонад мисол?
Накҳате аз гулшани хулқат ба бӯстон бурд бод,
Шуд суман ғарқи ҳаёву сурх шуд гул з-инфиъол.
Фурсати фикрам замоне буд в-он ҳам беҳузур,
Дафтаре бинвиштаме гар беш аз ин будӣ маҷол.

Домани олам зи мадҳат пур зи гавҳар кардаме,
Карда чун хок аз лагадкӯби ҳаводис поймол.
Бозам аз хатти шарифат давлати нав шуд магар,
Айни тавқеъи ту бар сини саодат буд дол.
Аз харидорӣ, ки кардӣ гарм шуд бозори ман,
Гарм гардад зарра чун ёбад ба хуршед иттисол.
Майли гуфторе гадои хештан фармудаӣ,
Қатра сӯйи баҳр бурдан бошад аз амри маҳол.
Нуктаи рангин ман гӯш аз паи он мекунӣ,
К-аз навои булбулон гулро бияфзояд ҷамол.
Гар башири давлати шоҳӣ ба давлат н-омадӣ,
Кас напурсидӣ ба даҳр афтодагонро шарҳи ҳол,
Хусрави Ҷамшедҳашмат, одили хуршедкадр,
Волии олӣ, шаҳи фаррухрухи фархундафол.
Шаҳриёре, к-аз камоли ақли ӯ маъмур шуд,
Мулки вайрон чун ба зоти поки ӯ кард имтисол.
Он Сулаймонманзалат шоҳе, ки аз рӯзи азал,
Мулки боқӣ давлати ӯрост мероси ҳалол.
Дар чунон ҳазрат саногӯӣ на ҳадди Исмат аст,
Чун гадо бисёр гӯяд, подшо ёбад малол.
Подшоҳо, Сонеъо, Парвардигоро, Қодиро,
Эй ки инъомат надорад ҳоҷати арзи савол.
Ҳам ба ҳаққи он ки зоти туст Ҳаййи ло ямут,
Ҳам ба ҳаққи он ки мулки туст мулки безавол.
К-ин сипеҳри мулкро бар хокиён поянда дор,
То ҷаҳон аз адли ӯ маъмур монад моҳу сол.

## 47.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Худой хост, ки давлат расад ба авҷи камол,
Намуд кавкаби меҳр аз сипеҳри ҷоҳу ҷалол.
Зи нахл маҷду шараф меваи саодат раст,
Зи васлати маҳу хуршед рух намуд ҳилол.

Шаб аз барои нисори парирухон то рӯз,
Зи гавҳар  аст лаганҳои чарх моломол.
Зи мева шохи шаҷар ҳуллаҳо баровардa,
Ҳавора баста дарахт гул аз ямину шимол.
Зи шохи сарв ба сад лаҳн қумрию булбул,
Чу мутрибон шабу рӯзанд дар ҷавобу савол.
Сипеҳр хиргаҳи нилуфарӣ мурассаъ кард,
Ба гунаҳои зару шиддаҳо дурру лол.
Ба решаҳои зари офтоб дарзии субҳ,
Бидӯхт домани он хиргаҳ аз қадди ту навол.
Ниҳод тахте заре дар миёни он хуршед,
Барои маснади Билқиси Марямистилол.
Маҳи наве шуд аз он авҷи салтанат толеъ,
Ки кас надид чунон моҳ дар ҳазорон сол.
Хуҷастатолеъу равшандилу муборакпай,
Қависаодату некахтару ҳумоюнфол.
Ба хирмани гулаш аз ғолия ду наргису он,
Барӯи лола зи анбар ниҳода донаи хол.
Ҳилолаб рӯйю маҳрӯю муштаритолеъ,
Ситорахайлу фалакқадру офтобҷамол.
Зи офтоб рухи шаҳ замона равшан буд,
Алалхусус,ки моҳи дигар намуд ҷамол.
Фалак ҳазор чунин айшу сур хоҳад дид,
Ба даври давлати Кайхусрави фариштахисол.
Рафеъмартаба,Султон Халил, подшаҳе,
Ки остони дари ӯст Каъбаи омол.
Ба баргоҳаш агар офтоб ёбад роҳ,
Ба чокарони ҷамолат бигӯяд аз сари ҳол.
Бувад, ки садрнишинони пешгоҳи қабул,
Назар кунанд бар афтодагони саффи ниъол.
Агар ба хок диҳанд аз азимати ту нишон,
В-агар ба чарх баранд аз таҷаммули ту мисол.
Фалак зи саҳм чу ҷурми замин шавад сокин,
Замин шавад чу фалак тезрав дар истеъҷол.

Тариқаи равишу мардумӣ ҳаданги туроост,
Ки хасм номида берун шавад ба истиқбол.
Забон кушода зи бими аҷал ҳамин мегуфт,
Чу хасмро зи хилофу ту тира шуд аҳвол.
Раво бувад, ки бимирам дар балои фироқ,
Ҷазои он ки нагуфтем шукри рӯзи висол.
Адӯ тасаввури ҷоҳ ар кунад, аҷал гӯяд,
Зиҳӣ тасаввур ботил, зиҳӣ хаёли маҳол.
Чу баҳр мавҷ баровард қатраро чӣ вуҷуд?
Чу офтоб барафрӯхт зарраро чӣ маҷол?
Ба рӯзи маърака қассоми ризқ дар ҳар дам,
Диҳад ба теғи ту аз хуни хасм ризқи ҳалол.
Гирифта Анварӣ аз табъи анвари ту фурӯғ,
Рабуда нур зи ақли ту офтоби камол.
Забони лоли Насирӣ чунон кунад васфат,
Ки аз санои ту гаштанд хӯрдабинон лол.
Кунун, ки ҳар шаҷаре меваи нав оварданд,
Зи нахли маҷди ту нав раст меваи иқбол.
Ҳамора то ки арӯсони номия дар боғ,
Даруни маҳди зумуррад бипарваранд атфол.
Аз ин ниҳоли шараф тоза бод гулшани мулк,
Чунонки тоза шавад барги гул зи боди шамол.
Ҳамеша то ки ҳакими иродат аз маҳу меҳр,
Кашад ду муҳраи сим аз сипеҳри ҳуққамисол.
Маҳи наве, ки шуд аз авҷи салтанат толеъ,
Мудом бод ба даҳр эман аз хусуфу завол.

## 48.ДАР СИТОИШИ ХОҶА ШАМСИДДИН

Равон шуд мавкиби ҷанон, сухан аз роҳ гӯй, эй дил,
Ки ҷон бори сафар басту ту хуш бинишастаӣ, ғофил.
Насими васл ҷунбиду баромад мавҷи навмедӣ,
Чӣ киштӣ тунд меронӣ дар ин дарёйи бе соҳи?

Видоъи умр наздик аст, эй ҷон, кӯси реҳлат зан,
Ки пеши якдигар нолем аз ин ҳамроҳи мустаъҷил.
Басе ҷонҳои муштоқанд бар хоки раҳ афтода,
Худоро, як дами дигар бибанд,эй сорбон маҳмил.
Чунон маҷруҳам аз ҳиҷрон, ки гар пеши раҳаш гирам,
Ҷамоза ғарқи хун гардад, бимонад ноқа по дар гил.
Равон шамшер баргиру маро куш, эй аҷал,пешаш,
Ки бо ӯ мурдан осон асту бе ӯ зистан мушкил.
Зи беморон чӣ ҷурм омад ки боз аз айни бераҳмӣ,
Табиби дардмандон шуд ба хуни куштагон моил?
Ҳамешуд ҳар нафас ҷони ҷаҳоне тоза аз васлаш,
Гар ин ҳамроҳи мардумкуш намешуд дар миён ҳойил.
Чу ҷон азми сафар дорад ба пояш мирам авлотар,
Ки бе ин ҳосили умрам чӣ суд аз умри беҳосил.
Мани гумраҳ агар бо як саг ӯ будаме ҳамраҳ,
Ба мижгон рӯфтӣ чашмам хасу хошоки ҳар манзил.
Амири қофила бигзашт, агар каъба ҳавас дорӣ,
Инони ӯ ба даст ору зи пайванди хасон бигсил.
Марон оҳиста, чун бо худ саманди бодпо дорӣ,
Ки ҳамроҳон сабуксайранд, дебои қавӣ ҳоил.
Дило,гар рӯ ба раҳ дорӣ, рафиқи раҳнамое шав,
Ки лутфаш роҳати ҷон асту меҳраш чорасози дил.
Сутуда Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад офтоби дин,
Ки аз рӯзи азал омад ба фазл аз инсу ҷон фозил.
Аё шоиста доное, ки чун ту дар ҳадис оӣ,
Ҳакими ақли кул гардад ба аҷзи хештан қоил.
Гар арбоби маониро замират роҳ нанмудӣ,
Ба нур ақли кутаҳбин надонистӣ ҳақ аз ботил.
Вуҷуди оламороят сафои садри ҳар маҷлис,
Ҷамоли моҳсимоят фурӯғи базми ҳар маҳфил.
Гаҳе, к-аз зарваи минбар шавӣ, толеъ бадон монад,
Ки бар Тӯр таҷаллӣ шуд Калимуллоҳро манзил.
Дар он меъроҷи ҳар лафзе, ки зоҳир гардад аз нутқат,
Ҳазорон ояти раҳмат шавад бар хокиён нозил.

Чу пои минбарат гиранд аҳли шавқ, пиндорам,
Ки арвоҳи қадас гаштанд арши шаръро қобил.
Ту он ганҷи қабулӣ, к-аз сафои ҷавҳари фардат,
Нуқуди зоҳирӣ пок асту вазри ҷаъфарӣ беғил.
Насири давлати ансориён, хоҷа Абӯнаср он,
Ки дар тақвӣ чу ҷад покасту дар дин чун падар комил.
Каромоту тариқатро вуҷуди ӯст мустаҷмаъ,
Мақомоти ҳақиқатро замири ӯст мусташкил.
Ки гулзори ҳидоят чун гули раҳмат ба даст орад,
Аз он рӯ аҳли маъноро ҳидоятҳо шавад ҳосил.
Малоиксайр то рамзе шунидам, к-андарин фурсат,
Ба ҳиҷрони муҳиббон аст табъи нозанин моил.
Гар аз ту дур мемонад, нахоҳад зистан Исмат,
Табибе дардмандонӣ, бикун тадбири ин мушкил.
Дуъо кун то ба осонӣ ба роҳат ҷон барафшонам,
Ки беҷон монам авлотар, ки дармонам ба дарди дил.
Саволе дорам аз лутфат, масоз имрӯз навмедам,
Чу медонӣ к-асарҳо дорад оби дидаи соил.
Гуруҳи хоксоронем сар дар поят афканда,
На роҳ ақлро лоиқ, на дарди ишқро қобил.
Ҳама нақди ҳаёт аз ҷаҳл барбоди ҳавас дода,
На бар аҳволи худ олим, на бар аъмоли худ омил.
Зи хуршеди рухат нуре нисори хоксорон кун,
К-аз таъсири он партав шаванд ин мудбирон муқбил.
Фақиронро бидеҳ ҷомею з-ин ғам бехабар гардон,
Ки гарданд аз шароби шавқ ҳар як масти лояъқил.
Заволи умри мо дур аз ту наздик асту метарсам,
Ки дасти васли муштоқон аз он доман шавад зоил.
На аз ақл аст умри нозанин бе ту басар бурдан,
Ки беҷон зистан ҳаргиз куҷо розӣ шавад оқил?
Худовандо, Каримо, Сониъо, Поко, Ҷаҳондоро,
Ҳасуди талхком аз ин ба заҳри ҳаҷр шуд қотил.
Ба сӯзи фурқат он дам ки фахри оли Тоҳоро,
Ба дашти Карбало карданд бо теғи ҷафо бисмил.

Ки моро к-аз фироқи хоҷа куштӣ, зуд лутфе кун,
Ки ин ҷони бақо гардад ба ҷисми куштагон ноил.

## 49.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Дӯшам зи доғи ҳаҷр барошуфта буд ҳол,
Афтода буд то саҳарам кор бо хаёл.
Шаб дар миёни ҳасрату дардам чунон, ки буд,
Ҳар соате ба қадри фузун аз ҳазор сол.
Чун бахти ман сиёҳ, чу рӯзи амал дароз,
К-аз зулматаш зи сӯҳбати ҷон доштам малол.
Будам зи ҳаҷр мурда, ки ногаҳ ба сад нишот,
Сар барзад офтоби ман аз машриқи висол.
Бар настаран зи анбари соро кашида хат,
В-аз мушки суда бар вараќи гул ниҳода хол.
Гул аз баҳори оразн ӯ бурда рангу бӯй,
Сарв аз ниҳоли қомати ӯ ҷуста эътидол.
Бӯйе зи зулфаш ар биситонад ба орият,
Эҳёи номия накунад накҳати шамол.
Боз ин шаби сиёҳ шуд аз рӯйи ӯ чу рӯз,
Боз ин тан шикаста ба ҷон ёфт иттисол.
Аз ҷон тамаъ бурида ба наздики ӯ шудам,
Монанди ташнае, ки хабар ёбад аз зулол,
Ҳаҷрам чу шамъ сӯхта аз фарақ то қадам,
Гашта тани наҳифи ман аз нола ҳамчу нол.
Чун дид ҳамчу хоки раҳам зору нотавон,
Борид ашки ҳасрату пурсид шарҳи ҳол.
Бо он ки сад ҳазор сухан буд дар дилам,
Дидам ҷамоли ёру забонам бимонд лол.
Гуфто кунун замони висол асту рӯзи айш,
Дар мавсиме чунин набувад вақти қилу қол.
Гар даст медиҳад зи маи васл бош маст,
Бигзор фикри ботилу андешаи маҳол.

Рухсори ман бибину фаромӯш кун зи ғам,
Май нӯшу аз замони ҷудоӣ макун савол.
Гар дар миёна монеи суҳбат шавад рақиб,
Бар илтиҷо ба ҳазрати шоҳи хуҷастафаъол.
Султон Халил волии олимадори мулк,
Искандар замона, Фаридуни Ҷамхисол.
Шоҳе, ки ҳар куҷо хадами ӯ гирифт садр,
Хуршед чун ҳилол равад дар сафи ниъол.
Баҳроми чархро ҳашамаш карда дастгир,
Фарқи сипеҳрро хадамаш карда поймол.
Гар сад ҳазор сол барояд, намерасад,
Наздики пои боргаҳаш тоири хаёл.
Нақше зи даври боргаҳаш гунбази сипеҳр,
Аксе зи наъли маркаби ӯ ҳалқаи ҳилол.
Эй хусраве, ки гар ҳама олам забон шаванд,
Дар ҳасри неъмати ту чу савсан шаванд лол.
Доим фалак насиба расонад ба ҷинну инс,
То ҳашр агар зи хони атоят барад навол.
Қассоми ризқ дар сафи ҳайҷо ҳамедиҳад,
Теғи туро зи хуни адӯ рӯзии ҳалол.
Аз хоки разм лола дамад то ба рӯзи ҳашр,
Азбаски рехт теғи ту хун дар сафи қитол.
Шери фалак зи ҳайбати инсофу адли ту,
Аз марғзори чарх диҳад туъмаи ғизол.
Бар кӯҳ агар талоя кашад барқи ҳимматат,
Хуни фусурда ҷӯш занад дар раги хаёл.
Гар истивои тири ту бинад хӯр аз сипеҳр,
Чун умри душмани ту ниҳад пой дар завол.
Чатри ту он рафеъ ҳумоест, к-аз улӯ,
Дорад фазои арса,на сидра ба зери бол.
Вақти дуъо расид, Насирӣ, барор даст,
Кӯтоҳ кун ҳадису биёндеш аз малол.
Шеърам ба рӯзгор нашуд шуҳра, то нахуст
Аз шаккари санои ту ширин нашуд мақол.

Ҳамвора то ки сайри маҳу хӯр замонаро,
Тақсим мекунад ба шабу рӯзу моҳу сол.
Зотат, ки офтоби сипеҳри саодат аст,
Бодо бар авҷ маҷду шараф эман аз завол.
Умрат чу рӯзи васл фараҳбахшу дилпазир,
Душман чу шоми ҳаҷр сияҳрӯю тираҳол.

## 50.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Эй хилофатро ба даври давлатат ҷоҳу ҷалол,
Мулкро аз зевари адли ту сад зебу ҷамол.
Гар камин аз чокарони ҷоҳат ороянд базм,
Хусраву ховар наёбад роҳ дар саффи ниъол
Осмон ҳар маҳ зи оби зар барои ифтихор,
Мекашад нуне, ки бар наъли саманди туст дол.
Хешро занҷир месозад каманди зулфи ҳур,
То ки бар пои саманди ту тавонад шуд шикол.
Осмон дар гӯши хеш аз орзуи хидматат,
Ҳалқаи зар мекашад ҳар моҳ аз ҷурми ҳилол.
Дидаи аъёни гардун, к-ичунин равшан шудӣ,
Гар накардандӣ зи гарди мавкиби шоҳ интиҳол.
Он ки пеши заррае аз шамсаи хиргоҳи ӯст,
Нуҳ фалак чун нуқтаи ваҳме, ки н-ояд дар хаёл.
Волии олӣ, шаҳи соҳибқирон, Султон Халил,
Хусрави Ҷамшедфар, Дорои Искандархисол.
Эй ки будӣ гар Фаридун дар замони давлатат,
Ҳукми худоми туро аз ҷон намудӣ имтисол.
Дигаронро гар ба авсофи камол аст ифтихор,
Ту чунонӣ, к-аз ту менозанд авсофи камол.
Рӯзи ҳайҷо гар синони найза дар гардун занӣ,
Нуҳ фалак бар як ишорат ёбад аз ҷо интиқол.
В-он замон к-аз зарби теғу новакат оташи ҷаҳад,
Шояд аз насрин тоирро бисӯзад парру бол.

Бод қаҳрат аз табоеъ рафта хоки ихтилоф,
Оби теғат дода оташро мизоҷи эътидол.
Меҳр гар дар пеш н-овардӣ сари Баҳромро,
Тират аз чархаш дарафкандӣ ба ҳангоми қитол.
Рӯзи ҷанг ар душмани ҷоҳат барад ваҳми ҳаёт,
Аз паси теғат аҷал ҷӯяд зиҳӣ фикри маҳол.
Шеваи парҳезгори теғи ту дорад, ки ӯ,
Дам ба дам аз хуни душман мехӯрад ризқи ҳалол.
Офтоби пурдил аз баҳри давоми давлатат,
Мезанад ҳар субҳгоҳе теғ бар фарқи хаёл.
Баҳри касри душманон пайваста дорад роятат,
Фатҳу нусрат бар ямину бахту давлат бар шимол.
Мурдагонро чун дами Исо диҳад бӯйи ҳаёт,
Ҳар куҷо як шамма аз хулқат барад боди шамол.
Гоҳи бахшиш чун фурӯ борад саҳоби ҳимматат,
Ҳафт дарё чун садаф гардад пур аз иқди лаол.
Ҳар замон duздида аз лаъли ту шаккар мехӯрад,
Тӯтии нутқи ту з-он аст инчунин ширинмақол.
Хозани тақдир то дар мулки ҳастӣ медиҳад,
Ҷавҳари арвоҳро бо ҷисми хокӣ иттисол.
То паи чандин ҷудоӣ куштаи тири фироқ,
Чун Насирӣ зиндагӣ меёбад аз бӯйи висол.
То замонро ҳам дарат давлатсарои шаш ҷиҳат,
Сайри моҳу меҳр қисмат мекунад бар моҳу сол.
Ахтари зотат, ки меҳри осмони давлат аст,
Бод бар авҷи саодат эман аз хавфи завол.

## 51. ДАР ВАСФИ МАДРАСА

Ин ҳумоюнравзае бо рифъати олимақом,
Ҷаннат-ул-маъвост худ,ё равзаи дор-ус-салом?
Чун ҳавои ҷаннат обу хоки ӯ анбарнасим,
Чун бинои арш асоси олияш беинҳидом.

Саҳни пурнураш зи нузҳат хулдро ноибманоб,
Сақфи марфуъаш ба рифъат аршро қоиммақом.
Шамсаи айвони ӯ то нақш бастанд офтоб,
Ҳар саҳаргоҳе паи наззора меояд ба бом.
Аз фуруғи нури қандили ҷамоатхонааш,
Нури рухсора гадоӣ мекунад моҳи тамом.
Гӯшаи айвонаш он соат, ки сояд сар ба арш,
Аз баландӣ кас надонад ин кадом аст, он кадом?
Ҳар мударрис, к-ин ҳумоюн мадраса бар номи ӯст,
То абад бар сафҳаи гетеш хоҳад буд ном.
В-он к-аз ин боб-ул-ҳидоя раҳ ба мифтоҳӣ набурд,
Дар усули ҳикматаш ҳаргиз нашуд кашфи калом.
Рӯзу шаб суккон саҳнаш қудсиёнро дода файз,
Аз фурӯғи дарс субҳу равнақи такрори шом.
Камтарин тифли ҳавоихонаш аз рӯйи камол,
Муқтадиёнро адибу пешвоёнро имом.
Як муриди дарси ин дор-ус-саода Муштарист,
Баҳри тадриси малак бар остон карда мақом.
Аз кутуб чун толибони илмаш афшонанд гард,
Ақли кул дар айни илмаш тӯтиё созад мудом.
Файзи хоси ӯ чу вақти нофеъ аҳли илмро,
Доим аз дахли ҳақоиқ медиҳад идрори ом.
Шояд ар бар арш ҷӯяд ҳамсарӣ, чун бонияш,
Ҳаст султон-ул-варо, садр-ул-умам, фахр-ул-аном.
Носир-ул-милла, рафеъ-ул-мартаба, каҳф-ул-башар,
Марҷеъ-ул-умма, касир -ул-мавҳаба,фахр ул-киром.
Эй фалакмиқдор садре, к-аз камоли эътиқод,
Осмони дину давлат бар ту мегардад мудом.
Гар надодӣ мулк дар дастат зимоми ихтиёр,
Шояд ар то ҳашр мондӣ кори давлат бенизом.
Даҳр пурнуру зи табъи равшанат як илтифот,
Мулки маъмур-уз-зирои олият як эҳтимом.
Гашта бе таъкиди ҳикмат мулкро бунёд суст,
Монда бе ҷӯши наҳибат салтанатро кор хом.

Чокаронатро ҳамеша чархи гардункаш мутеъ,
Бандагонатро ҳамора давлати муқбил ғулом.
Ҳар кӣ мақбули ту шуд айшу тараб бодаш ҳалол,
В-он ки мардуди ту бошад зиндагӣ бодаш ҳаром.
Аҳли донишро ба табъи хӯрдадонат илтиҷо,
В-аҳли давлатро ба хоки остонат эътисом.

## 52.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Чу тофт оташи меҳр аз сипеҳри минофом,
Ба ҷуз табиати норе намонд дар аҷсом.
Зи эҳтироқи ҳаво кони лаълро шояд,
Ки боз хуни фасурда равон шавад зи масом.
Бухори об чунон гарм шуд, ки заргари меҳр,
Ту гӯ, биё, ки бар оташ гудохт нуқраи хом.
Замона аз дами гарми ҳаво чунон дартофт,
Ки гоҳи сайр бисӯзад хаёлроақдом.
Ҳарорати гираҳи хок агар ба ваҳм оранд,
Аҷаб набошад агар муҳтариқ шаванд авҳом.
Агар азимати таҳрири хат кунӣ, бинӣ
Зи дуда шуълаи оташ фитода дар ақлом.
Зи гармии нафаси даҳр нофаи Чинро,
Бибин ҳанӯз пур аз хуни сӯхтааст машом.
Замин зи сӯзи дарун ҳамчу меҳри хирмансӯз,
Фалак зи гармии хотир чу зарра беором.
Зи гармии дили дарё наметавон дарёфт,
Ки табъи об кадом асту табъи нор кадом?
Майи рақиқ даруни пиёла гар резӣ,
Ҳамон дам аз тафу тоби ҳаво расад ба қавом.
Аҷаб набошад агар гулситон шавад оташ,
Зи партави рухи Кайхисрави сипеҳрғулом.
Баландмартаба, дорои дин, Халилуллоҳ,
Ки оташ аз қадами ӯ шавад чу дор-у-салом.

Миёни гирди сипоҳаст оташи теғаш,
Чунон ки нур шавад муштаъил зи қалби зулом.
Барои куштани хасмаш бибин, ки хайли нуҷум,
Чӣ гуна рӯз ба шаб мебаранду субҳ ба шом?
Тулуъу партави рӯяш зи тахти шангарист,
Чунон ки аз шафақ ояд падид моҳи тамом.
Ба рӯзи маърака шамшери оташангезат,
Ба ғайри синаи бадхоҳӣ ту накарда ниём.
Хаданги туст чунон гармрав, ки гоҳи равиш
Чу дастбӯси ту дарёфт мерасад ба мақом.
Агар ту бар тани зангӣ нишон кунӣ тират,
Ба нимшаб биканад тори мӯяш аз андом.
Ҷавоби хасми туро чун аҷал ҳамгӯяд,
Чӣ ҳоҷат он ки кушоӣ забони тиру ҳисом?
Аз он аст гурзи ту дар разм саргарон, ки кунад,
Зи косаи сари бадхӯи хасм шурби мудом.
Саҳар ба нияти ишрат шудам ба маҷлиси айш,
Ки ҷуръаи маи софӣ бинӯшам аз лаби ҷом.
Суруди Зуҳра ба гӯш омадам зи маҷлиси шоҳ,
Гирифта чангу бад-ин шеъри соз карда мақом.
Чӣ васф гӯямат,эй моҳрӯи симандом,
Ки аз тасаввури ҳусни ту оҷизанд авҳом.
Ба боғ агар гузарӣ аҳли айш нашносанд,
Ки қомати ту кадом асту сарви ноз кадом?
Аз он нафас, ки кашиданд нақши ҳамчу туе,
Зи шарм рӯй ба девор кардаанд асном.
Зи турбате, ки дар ӯ куштаи муҳаббати туст,
Аҷаб набошад агар бӯйи ҷон расад ба машом.
Ҳама ба ақл бароранд ному Исматрост,
Ҳавои он ки ба девонагӣ барорад ном.
Аз он ҳавои ҷунун доштам, ки паймудам,
Зи шиддати алами даҳри хору душманком.
Гаҳам ба теғи ҷафо кушта гардиши афлок,
Гаҳам ба хоки раҳ афканда меҳнати айём.

Ба чанги ҳодиса афтода хору беравнақ,
Гаҳ аз киром ҷафо дидаву гаҳе зи авом.
На ҷавҳари суханамро маҳал ба назди сиғор,
На пояи ҳунарамро баҳо ба пеши киром.
Ҳазор шукр, ки дар даври шоҳи олибор,
Шудам ба мартаба мустаҳсини хавосу авом.
Ҳама ба чашми муҳаббат ба ҳоли ман нигарон,
Ҳама ба гӯши иродат зи ман шунида калом.
Ҳамора то ки бувад хокро қарору сукун,
Ҳамеша то ки бувад ақлро саботу давом.
Бақои зоти шарифи ту боду бод дилат,
Диҳад зи хоки дарат тӯтиёи чашми аном.

## 53.ДАР СИТОИШИ ИБРОҲИМ СУЛТОН

Зиҳӣ пуроби ҳаёт аз кафат баҳори карам,
Ҷаҳон ба даври атои ту шармсори карам.
Ба фарқи ҷоҳи ту зебо намуда афсари мулк,
Ба қади қадри ту хуб омада шиори карам.
Ба зоти арш ливои ту эътисоми киром,
Ба дасти баҳри атои ту ифтихори карам.
Чу ҳиммати ту навиди ато диҳад ҳар субҳ,
Фалак хазинаи гавҳар кунад нисори карам.
Руқуми фақр зи лавҳи замона маҳв шавад,
Бо инсу ҷон чу кунад роят ихтиёри карам.
Чу ту ҷаҳон бигирифтӣ бар осмон бар айш,
Бихонд хутба ба номи ту дар диёри карам.
Муғису мила Абулфатҳ шоҳ Иброҳим,
Зиҳӣ кирому киборат вазифахори карам.
Сипеҳру меҳри даратро ғуломи ҳалқабагӯш,
Саҳобу баҳри кафатро хазинадори карам.
Зи фарри давлат ту обрӯи иззату ҷоҳ,
Зи ҷуду бахшиши ту фахри рӯзгори карам.

Аз он замон,ки зи ҷуди ту карвони ато,
Ба сӯйи кишвари фақр омад аз диёри карам.
Шавам ғанӣ зи атои туву дигар нашавам,
Зи ҷуди ҳеҷ кариме умедвори карам.
Зи оби теғи ту сарсабзии ҳадиқаи мулк,
Зи абри ҷуди ту серобии баҳори карам.
Фалак атийяи баҳру мавоҳиби конро,
Ба ҷунби ҷуди ту н-овард дар шумори карам.
Ҳидоят асту зафар меваи дарахти ато,
Саодат асту шараф дахли киштзори карам.
Зиҳӣ хутуту нафозу бароти инъомат,
Чу зулфу холи фиребанда бар узори карам.
Чу хозинони ту дарҳои ганҷ бикшоданд,
Дуто шавад қади нуҳ осмон зи бори карам.
Кафи ҷаводи ту то ҳамчу баҳри мавҷ барад,
Наёбад оби мурувват ба ҷӯйбори карам.
Каромат аст шиори туву карам равишат,
Ки подшоҳ киромию шаҳриёри карам.
Карам намову адӯро ба пои дор фирист,
Ки ҷуз туро нарасад мулки пойдори карам.
Кунад шароби мурувват каримро махмур,
Ту сархушӣ зи маи ноби хушгувори карам.
Ба навбаҳори сахо аз насими макраматат,
Пур аз зумурраду лаъл аст лолазори карам.
Бар аҳли фазл дурафшонию гуҳарпошист,
Ба рӯзгори атоят камина кори карам,
Зи гарди наъли туам равшан аст чашми умед,
Ки тӯтиёст ба чашми тамаъ ғубори карам.
Ту зар бибахшу зи хайли адӯ матарс, ки нест,
Ба рӯзи воқеъа маҳкамтар аз ҳисори карам.
Ба саф шикастани хасмат бас аст дар сафи хасм,
Забони ман ба сано теғи обдори карам.
Муқассирам зи сифоти камолат ар ҳама умр,
Қасидаҳо бинавиштам дар эътизори карам.

Ки то ба сафҳаи гетӣ бимонад аз Исмат,
Басе ҷавоҳири мадҳи ту ёдгори карам.
Ҳамеша то ба салотин бувад тафохури мулк,
Ҳамора то ба каримон бувад мадори карам,
Зи фарру зеби ту бод обрӯи иззату ҷох,
Ба фазлу макраматат фахру рӯзгори карам.

## 54.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Шабе зи дарди ҷудоӣ надоштам сари олам,
Рухе зи гиря пур аз хун, диле зи нола пур аз ғам.
Тане шикаставу ҷоне ба лаб расида зи ҳиҷрон,
Диле чу турраи хубон фитода тираву дарҳам.
Зи меҳнати шаби ҳиҷрони ман фитода ба зорӣ,
Ки субҳи васл ба ногаҳ бизад ба сидқу сафо дам.
Ба хоки аҷз фитода маро чу дид,ки дорам,
Равон зи ҳасрати қаддаш зи дида сел дамодам.
Ба ноз бар сарам омад хаёли ёр хиромон,
Ба рӯҳ чу рӯҳ мусаввар,ба тан чу ҷони муҷассам.
Арақ давида бар атрофи ораз аз сари зулфаш,
Чунон ки бар вараqи гул чакида қатраи шабнам.
Шуд аз фурӯғи ҷамолаш замири ақл мусаффо,
Шуд аз насими висолаш машоми рӯҳ пур аз шам.
Лабаш ба ханда пинҳон маро бигуфт чӣ гӯям?
К-аз он ҳикояти ширин шавад дилат хушу хуррам.
Мани гадо ба санояш забон кушодаму гуфтам,
Ки эй ҷароҳати ҳаҷр, аз рухи ту ёфта марҳам.
Зи назми хеш ба илҳони дилпазир фурӯ хон,
Қасидае зи мадеҳи Худойгони муаззам.
Зи айш тозаву хуррам шавад баҳори ҳаётам,
Чу бишнавам зи забонат санои хусрави аъзам.
Ба сад суруд адо кард матлаъе, ки ту гӯӣ,
Зи мулки ғайб ба асрори маънавӣ шуда мулҳам.

Шикуҳи афсари шоҳӣ мадори ҳастии олам,
Насири дини Илоҳӣ, фурӯғи миллати Одам.
Фалакливо чу Фаридун, ҷаҳонкушо чу Сулаймон,
Ба тан чу Соми Наримон, ба кину ҳамла чу Рустам.
Ба макрамат чу Халилу ба ҳусну чеҳра чу Юсуф,
Ба салтанат чу Сулаймон, ба дам чу Исии Марям.
Шаҳе, ки маснади шоҳӣ ба даври ӯст муқаррар,
Шоҳе, ки дини Илоҳӣ ба зоти ӯст мукаррам.
Сутуда Ҳотами сонӣ, фурӯғи маснади шоҳӣ,
Ки бе сахои атоят наёфт кишти сахо нам.
Рафеъмартаба, Султон Халил, он ки ба тоат,
Паи суҷуди ҷанобаш гирифт қадди фалак хам.
Мутеъи ханҷари қаҳраш қазо ба ҳуҷҷати қотеъ,
Рафиқи рояти ҷоҳаш қадир ба азми мусаммам.
Сарири садри маъолӣ ба қадри ӯст муалло,
Уқуди сулки лаолӣ ба дурри ӯст муназзам.
Фазои зарваи чатраш масири хайли кавокиб,
Фуруди пояи қадраш мадори чархи мухайям.
Ҷабини аҳли саодат ба зоти ӯст мунаввар,
Сарини тавсани гардун ба доғи ӯст мувассам.
Чу ханҷараш ба шаби кин дурахши кина намояд,
Бадал шавад ба дами субҳ зулмати шаби музалам.
Саҳар зи хуни аодӣ шафақ ба дайр барорад,
Либоси куҳлии гардун шавад чу кисвати муаллам.
Шиҳо, ба даҳр ту он хусрави сипеҳрливоӣ,
Ки мардумию караму ҳимматат турост мусаллам.
Румузи ғайб зи таҳрири килки ту шуда зоҳир,
Асоси мулк ба тадбири рои ту шуда маҳкам.
Зи теғ қалъакушои ту ламъае давад сад меҳр,
Зи файзи абр атои ту рашҳаеию дусад ям.
Чу тавсани ту зи майдони разм гард барорад,
Шавад зи хуни аодӣ фазои арш муъаннам.
Забони ақраби теғат дарида заҳраи афъӣ,
Наҳеби қабсаи қаҳрат шикаста панҷаи зайғам.

Гаҳе, ки тарбият аз лутфи безаволи ту ёбад,
Чу ангубин чӣ аҷаб гар шифопазир шавад сам.
Ба ақли кул зи латофат чу дар муҷодила оӣ,
Шавад зи қуввати нутқат ба як муқаддима абкам.
Саҳар барои ташаббуҳ ба меҳри оли ту хуршед,
Даруни ҳалқаи чарх аст чун нигинаи хотам.
Аё сутуда хисоле, ки соябони рикобат,
Зи рӯзу шаб ба ҷанибат кашид ашҳабу адҳам.
Сипаҳбадо, Малико, аз тариқи банданавозӣ,
Шунав ҳикояти ҳоле аз ин шикаста мутғам.
Қасам ба зоти ҷаҳонофарин, ҳакими қадимӣ,
К-аз офариниши кавнайн илми ӯст муқаддам.
Ба мубдаӣ, ки вадиъат ниҳод илми қадимаш,
Кунузи маърифат андар хазинаи дили одам.
Бидон амонати ирфон, ки кас зи ҷину малоик,
К-аз вадиъати сираш набуд воқифу маҳрам,
Ба ҳаққи он ки ба тасвири килки қудрати ӯ шуд,
Саҳифаи рухи хубон ба хату хол мураққам.
Ба сониъе, ки паи ҷилва дурҷи лаъли бутонро,
Ба анбаринаи холи сиёҳ кард мухатам.
Ба ҳаққи Мӯсии Имрон, ки дар тариқи муҳаббат,
Ҷуз ӯ ба ҳусни ҳақиқӣ кас аз шуҳуд тараддам.
Ба сарафрозии суъбон, ки гоҳ даъвати Фиръавн,
Фурӯ кашид ба як дам ҳазор афъию арқам.
Ба нуру нори Халилу ба фарру ҷуди Сулаймон,
Ки ваҳшу тайр аз ӯ ёфтанд машрабу матъам.
Ба дардмандии Яъқубу ҳусни сурати Юсуф,
Ба сӯзу нағмаи Довуди лутфи Исии Марям.
Ба ҳаққи саййиди кавнайну ҳурмати шаби меъроҷ,
Ки сайр кард дар атвори коинот ба як дам.
Ба ҳурмати сирри сабоба ҳилоли нажодаш,
Ки аз ишорати ӯ гашт ҷурми моҳ муқассам.
Ба ҳаққи зорию хона дар фироқи ҷамолаш,
Ки ошиқона бинолид гоҳ зеру гоҳе бам.

Ба рӯзи ҳашру ба дидори аҳли байти каримаш,
Ба зебу фарру ду сабту чаҳор ёри мукаррам.
Ба раҳнамоии Қуръон, ки аз ҳаққоиқи кавнайн,
Намондааст дар ӯ ҳеҷ чиз махфию мубҳам.
Ба ҳаққи Каъбаву Батҳо, ҳурмат-ул-арафотат,
Ва ё зироми мақомин ва мурувату биҳи Зам-Зам.
Ки то ба зинату фар ҷулуси аҳли хилофат,
Сарирмаҷду маолӣ рафеъгашту муаззам.
Ба нури талъату лутфи хисолу ҳусни шамоил,
Чу ту фариштаҷамоле надид дидаи олам.
Ба ҳаққи неъмату алтофи бедареғи ту, шоҳо,
Ки мондааст зи шукраш забони нотиқа аълам.
Ки завқи мадҳи туам дар тариқи шоирӣ афканд,
Вагарна аз мани хокӣ набуд ин мутаваҳҳам.
Зи банда илму адаб буд ҷумларо мутаваққеъ,
Киро гумон, ки ман аз фани шоирт бизанам дам.
Гар он тариқ муяссар нашуд чӣ беҳтар аз инам,
Ки номи ман ба санои ту рафт дар ҳама олам.
Қасидаи фалакӣ чун ба гӯши ҷони ман омад,
Дилам зи ҳусни баёнаш бимонад алкану муфҳам.
Ман фақир, ки бошам, ки дам занам зи ҷавобаш,
Чӣ ҷои ман, ки набошад ҳади ҳазор чу ман ҳам.
Аз он татаббуъ он шеър кардаам, ки тавраш,
Маро тариқаи илму адаб шавад мутаъаллам.
Ба ҷони ту,ки зи олам туӣ муроди дили ман,
Чу ганҷ аз он ман омад, зи безарӣ нахӯрам ғам.
Чӣ илтифот намояд ба мулки ҷоҳ, Насирӣ,
Агар шавад нафасе бо сагони кӯи ту ҳамдам.
Ҳамора то зи висоли парирухон дили ошиқ,
Пас аз ҷароҳати ҳиҷрон расад ба роҳати марҳам.
Қарини маҷлиси айши ту завқу нозу танаъъум,
Насиби душмани ҷоҳи ту ранҷу ғуссаву мотам.

## 55. ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Шабе аз нагҳати айшам димоғи рӯҳ шуд хуррам,
Чу шоҳбози қудс кардам гузар аз арсаи олам.
Чу дар бедори рӯҳонӣ буланд афтод парвозам,
Ба меъроҷе шудам к-он ҷо на олам буду на одам.
Сари килки қазо ногаҳ хате бар лавҳ пайдо кард,
Ки асрори ду олам буд дар ҳар ҳарф ӯ мудғам.
Зи сирри мамлакатдорию рози мамлакатгирӣ,
Дар он дебоча давлат намонад нуктае мубҳам.
Ба файзи сирри мактумаш канузи маърифат мулҳақ,
Ба иқди дурри манзумаш румузи салтанат мунзам.
На бар алфоз мавзунаш уқул хӯрдабин воқиф,
На дар асрори макнунаш шуда Рӯҳуламин маҳрам.
Бар авҷи сидра чун Рӯҳуламин бархонд унвонаш,
Суруди айшу сур афтод дар айвон нӯҳ торам.
Зи ҳал бар қалъаи ҳафтум чунон кӯси башорат зад,
К-аз он сити саодат шуд равони Муштарӣ хуррам.
Ба базми сидра чун Миррих дид осори дилшодӣ,
Чу Зуҳра айш соз омад ба сӯйи наййири аъзам.
Чу аз моҳийяти он хат Аторуд бенасиб омад,
Бимонд аз ҳалли он розаш забони ақлу ҳуш абкам.
Ман андар ҷайби фикрат сар фурӯ бурда, ки аз ногаҳ,
Дилам дар кашфи он ҳикмат ба ин шаҳбайт шуд мулҳам:
Муборакбод асоси мулк бар Кайхисрави аъзам,
Қазоҳукми қадарқудрат, малакхӯи Масеҳодам.
Фалаккадре, ки нӯҳ гардун бувад дар ҷанби хиргоҳаш,
Чунон к-аз соҳили дарё намояд қатрае шабнам.
Муҳаммадном, Ҳайдардил, муғис-уд-дин Улуғбек он-к,
Ки аз таъкиди аҳкомаш бинои шаръ шуд маҳкам.
Аё шоҳе, ки аз теғат чунон шуд рӯзи дин равшан,
Ки дар олам наёрад зуд гар субҳи маосӣ дам.
Зи бими эҳтисоби туст, к-андар олами сурат,
Парӣ дар парда пинҳон кард рухсор аз бани одам.

Ба ҳар ҳукме ҷаҳонеро ба қайди имтисол орӣ,
Ҷаҳонгирию дилдорӣ чу гардад мутаффиқ бо ҳам,
Зи бори фитна шоистӣ, ки пушти мулк бишикастӣ,
Агар румҳи ҷаҳонгират нагаштӣ меҳвари олам.
Ба авҷи салтанат ҳар ҷо бувад чун ту Сулаймоне,
Саодат кай шавад розӣ, ки бо девон расад хотам?
Ба макру ҳила натавонад адӯ  бо ту ба сар бурдан,
Ки Саълаб дар гурез ояд чу бинад шавкат Зайғам.
Зи ширинкории лутфи ҷаҳонгири ту наздик аст,
Ки осори зиёнкорӣ намонад дар мизоҷи сам,
Ба сад парвоз натвонад, ки бӯсад сидраи нусрат.
Бар он меъроҷ агар ҳиммат зи нӯҳ гардун ниҳад сулам,
Ба ҷуз хуни дилу ҷони кабоби душманон набвад,
Ҷигархори синонатро ба ҳайҷо машрабу матъам.
Чу хаёти аҷал буррад сари аъдо ба шамшерат,
Ҳазорон кисвати қолиб ба мавҷи хун шуд маълам.
Ба майдони дуъо тират чу афъӣ менамуд аввал,
Чу омад дар саводи чашм, бадхоҳи ту гашт арқам.
Чу рӯзи кина аз ҳар сӯ сипоҳат дар бизад,ояд,
Намояд ашҳаб гетӣ зи торики гарав адҳам.
Ба дарё гуфт: Шамшери баррони қатраи об аст,
Ки дар мавҷ оварад ҳар дам зи хуни душманон сад ям.
Малоикпайкаро, шоҳо,ба дор-ул-мулки иқболат,
Раҳӣ аз баҳри он ояд шикастахотиру мунъам.
Ки чун реши дилам бинад табиби ҳозиқ лутфат,
Ҷароҳатҳои пинҳонаш расад бо роҳати марҳам.
Чу бӯсидӣ рикоби шоҳу дидӣ лутфҳо, Исмат,
Ба шодӣ бигзарон умру раҳо кун гиряу мотам.
Басе чун гарди навмедӣ нишастӣ бар дари бораш,
Сухан дар роҳ гӯ, к-ин гард аз ин даргоҳ гардад кам.
Бар ӯ дар кулба фақру ба ҳиммат дор пайваста,
Мабонии иродатро ба мадҳи шоҳ мустаҳкам.
Худовандо, ба тасвироти сунъи ҳикматангезат,
Ки кард аҷсоми суфлиро ба арвоҳи қадас ҳамдам.

Ки чашми мулку миллатро зи адли хусравӣ доим,
Ҳаёти ҷовидон бахшу магардон тираву дарҳам.

## 56.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ СУЛТОН

Субҳ чу сар баровард хусрави оташиналам,
Шуълаи меҳр даркашад гирди сародиқи зулам.
Шамъи нуҷум сар ба сар кушта шавад ба як нафас,
Субҳи кабуди тайласон чун бизанад ба сидқ дам.
Сӯйи гурез ру ниҳад ҳиндуи рӯз рӯзу шаб,
Ханҷари кин чу баркашад хӯрзи ниёми субҳдам.
Хусрави Рум такя бар курсии нилгун занад,
Чун сипаҳи ҳабаш равад ҷониби кишвари адам.
Гирд ба гирди осмон аз асари шафақ самин,
З-атласи сурх дӯхта домани нилгуни хам.
Аз паси кӣ аён шавад мавкаби шоҳ ахтарон,
Рост ба сони қуббаи чатри шаҳаншаҳи аҷам?
Партави офтоб кай нур диҳад замонаро,
То накунад гадоӣ аз ҳиммати мафахар-ал-умам?
Хусрави осмонливо, шоҳ Халил, эй ки ҳаст,
Пеши кафи ту баҳру кон гашта ба бухл муттаҳам.
То ба гаҳи ато нашуд баҳри кафи ту мавҷзан,
Фош нагашт дар ҷаҳон номи мурувввату карам.
Меваи орзу диҳад ҷумлаи коинотро,
Бар сари ҳар замин, ки аз абри кафат чакид нам.
Дар табу ларза оварад қаҳри ту табъи маргро,
Хосияти шифо ниҳад лутфи ту дар мизоҷи сам.
Лутфи ту  гар мадад диҳад зиндагӣ оварад аҷал,
Тарбиятат бурун барад мояи иллат аз сақам.
Чун ба каф оварӣ камон, қуввати зарби бозӯят,
Дар дили душманон кунад чӯби хадангро бақам.
Ҳар кӣ зи хатти амри ту аз раҳи кибр тофт сар,
Бод забон буридаву рӯйсиёҳ чун қалам.

Ту бинишин, ки мекунад дафъи мухолифон аҷал,
Мулки Халилро нашуд ҳоҷати лашкару ҳашам.
Бехи дарахти зулмро адли ту канда ончунон,
Нашнавад аз касе дигар гӯш ҳикояти ситам.
Мулк ба ҷумла хусравон буда дурӯза орият,
Ёфт мақоми хештан чун ту бар ӯ шудӣ ҳакам.
Бо ту зи роҳи мардумӣ хасми ту ҳар даме, ки зад,
Дон, ки ба назди аҳли дил ҷумла надам бувад, на дам.
Ҷавҳари ақл то кунун буд ҳақиру бебаҳо,
Шукр, ки шуд ба ҳимматат боз рафеъу муҳтарам.
Исмат аз он ба орзу хок шудаст дар раҳат,
То ту зи роҳи марҳамат бар сари ӯ ниҳӣ қадам.
Гар ба гадо назар кунӣ зоти туро чӣ мунқасат,
Ташна агар даме хӯрад баҳри муҳитро чӣ кам?
Аз чу туе чӣ ранҷиш ар нест ғами Насирият,
Аз ғаму ранҷи бандагон хотири шоҳро чӣ ғам?
Зангии шом то шавад хаста ба теғи офтоб,
То ба сабуҳ пур шавад домани ҷайби субҳдам.
Хасми сиёҳрӯят аз теғи ту сарфиканда бод,
Домани умри душманат чок чу ҷайби субҳдам.

## 57. ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Миннат Эзадро,ки дар айёми султони карим,
Аз барои аҳли дин нав шуд сирот-ал-мустақим.
Гар набастӣ ҷиср бар дарёи ҳастӣ раҳматаш,
Кай гузаштӣ одамӣ аз вартаи нори ҷаҳим?
Кай хабар дорад, ки аҳволи ғариқи баҳр чист,
Ҳар кӣ аз ғафлат бувад бар соҳили дарё муқим?
Гар ту ҳамчун тоқ бар балои дарё бастаӣ,
Ҳиммати олӣ кунад ло бад чунин кори азим.
Сақфи марфуъат ҷанноти ниъимаш дар ҷавор,
Байти маъмур асту оби Зам-Замаш андар ҳарим.

Осмоне, к-аш бувад хуршеди давлат корсоз,
Каъбаи нури Халилуллоҳ мебандад ҳатим.
Шоҳи гардунманзалат, дорои дин, Султон Халил,
Он ки файзаш чун фалак омасту чун дарё амим.
Эй ба давлат бартар аз Ҷамшеду Юсуф дар ҷамол,
В-эй ба рифъат чун Сулаймону ба маъно чун Калим.
Гар зи теғи хунфишонат шуъла бар дарё фитад,
Аз наҳеби ӯ садафро хун шавад дури самим.
То наронад мисли ӯ бар маснади шоҳӣ дигар,
Шояд ар то ҳашр монад модари давлат ақим.
Он малакхӯи Масеҳодам, шаҳн донишмудир,
К-аз сарири хома эҳё мекунад азми рамим.
Эй зи шарми ҳиммати ту хушклаб сеҳри вуҷуд,
В-эй зи тамкини виқорат музтариб кӯҳи алим.
Чун яқин кардӣ, ки дар рӯзи ҷазо ҷисри сирот,
Аҳли дилро менамояд раҳ ба ҷаннот-ун-наъим.
Эҳтисомат баст дарёро чунон токе, ки ӯ,
Даври ҷасратрост қисму тоқи гардунро рақим.
Тоқи Кисроро аз ӯ насрест дар рифъат зи он-к,
Мисли ӯ дар даҳр мамнӯъ асту шибҳи ӯ адим.
Бонияш чун ҳазрати Балқиси Марямрифъат аст,
Аз халал ӯро чӣ хавфу з-инҳидом ӯро чӣ бим?
Маҳди олӣ,обрӯи мулку дин, хуршеди аҳд,
К-ӯ ба иффат Марями аҳд асту чун Заҳро карим.
Эй зи меросат канузи охиратро интизом,
В-эй зи тадбири ту кори аҳли давлат мустақим.
Баргоҳи рифъатат бартар зи аҷроми сипеҳр.
Дар бари хиргоҳи ҷоҳат атласи гардун гилем,
Хӯрда аз боғи атоят мева дарвешу фақир.
Бурда аз хони сахоят баҳра мискину ятим,
Дар паноҳи шоҳ аз ин навбоваи маҷду шараф.
Бош бархӯрдору хасм аз ғусса дар ранҷи азим,
Гар накардӣ, хусраво, ислоҳи табъи коҳилат.

Шояд ар то ҳашр мондӣ нусхаи давлат сақим,
Дастмузди соъии ҳайрат саодат бас, ки боз
Аз гулистони қабулат мевазад бар вай насим,
Бо хирад гӯ пои хусрав гир чун Исмат ба хайр.
То ки бар торихи ин олибино гардад алим,
То ки аз баҳри ташаббуҳ бо чунин тоқи рафеъ.
Мекунад хатти уфуқ гӯӣ муҷаввафро ду ним,
Рӯзу шаб бодо тани хасмон ду ним аз теғи марг.
То муҳиббон дар наъим афтанду эшон дар ҷаҳим.

## 58.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Ё Раб, ин қасри мурассаъпайкари фирӯзафом,
Ё Раб,ин боғи муаттарнакҳати хулдэҳтиром.
Байти маъмур аст,ё чархи мумарад, ё сипеҳр,
Ҷаннат-ул-маъвост, ё фирдавс, ё дор-ус-салом?
Аз фурӯғи пайкари ин ақлро равшанзамир,
Аз насими гулшани он рӯҳро мушкинмашом.
Чун ба рифъат пояи ин қаср ҷои дигар аст,
Эй хирад, дар васфи қадраш борае бартар хиром.
Арш агар дар ҷанби ӯ бо зарра санҷад хешро,
Аз ҳақорат кас надонад ин кадомаст, он кадом?
Пой дар курсӣ ниҳода, ҳомили арш омада,
Ҳар сутуни олияш пайваста то рӯзи қиём.
Аз зари сурхаш китоба, в-аз забрҷад рӯи тоқ,
Арши ӯ минову мармар, фарши ӯ симу рухом.
Субҳу шом аз акси рангу орази гулпайкарон,
Сақфи ӯ чун пардаи лаълу шафақ ёқутфом.
Ҷумлаи тан дида карда рӯ ба рӯ гулҷомҳо,
Аз паи наззораи тарсеъи сақфаш субҳу шом.
Чор рукни ӯ булӯр асту зи мино кунгура,
Қуббааш заррину сулб чун пайкари моҳи тамом,
Не,ғалат гуфтам, ки бошад моҳу ӯро нест ҳад,
К-ӯ ба рифъат бартар аз қасре чунин ҷӯяд мақом.

Сокинонашро чунон бо ҳам намоянд аҳли арш,
К-аз замин анҷум ба якдигар намояд хосу ом.
Гар набуд аз чашмаи хуршед шурби барқааш,
Обаш аз қалби асад ҷорӣ чаро шуд бардавом?
Гарди мушке, к-аз дараш хуршед мерӯбад сабоҳ,
Саъди акбар тӯтиёи дида месозад мудом.
Саҳни ӯро равшанӣ аз миннати хуршед нест,
Бо вуҷуди нур рои шоҳи Ҷамшедиҳтишом.
Шоҳ Мӯсоқадри Юсуфсурати Исонафас,
Хусрави одилдили фаррухрухи фархунданом.
Он ки камтар чокарашро сад чу Афредун мутеъ,
В-он ки камтар бандаашро сад чу Кайхисраву ғулом.
Офтоби шаръ, Улуғбек,он ки ҷинну инсро,
Луқмаи ифтор дода ҳар шаб аз инъоми ом.
Эй ҷаҳонгире, ки баҳри ҳалқи аъдо теғи туст,
Чашмаи обе, ки аз вай муштаъил гардад хиром.
Тоири тири ту дорад барқу бод андар матир,
Афъии теғи ту дорад обу оташ дар машом.
Барқи он гардуншикофу боди ин гарданзанон,
Оташи ин халқсӯзу оби он заҳринтиқом.
Он замон к-аз мехи ҳайҷо ламъаи теғу синон,
Муштаъил гардад чу нури анҷум аз қалби зулом.
Гаҳ кунад новак ба майли оташин чашми хусум,
Гаҳ лаби ханҷар забони хасмро буррад зи ком.
Гаҳ зи зарби теғу ханҷар мунҳариқ гардад ҷибол,
Гаҳ зи қаръи гурзи рӯин мункасир гардад изом.
Гаҳ кунад пайкони тир аз дидаи хасмон ҳадаф,
Гаҳ кунад шамшери кин аз синаи аъдо ниём.
Ҳар дам аз ҳар ҷонибе бинад адӯи тираумр,
Рӯйи марги хеш дар оинаи сайфи ҳисом.
Тавсан иқболу давлат бо ту биспорад инон,
Бухтии бахту саодат бо ту бигзорад зимом.
Подшоҳонро зи зилли боргоҳат ифтихор,

Шаҳриёнро ба даргоҳи рафеъат эътисом.
Подшоҳо, ақли кул шогирди хоси табъи туст,
Исмат алкан ғуломони ғуломатро ғулом.
Мекашад ғаввоси табъат ҳар замон аз баҳри фикр,
Сад ҳазорон дурри маъноро ба силки интизом.
Мантиқи ширини худдомат аз он нозуктар аст,
То чу ман як бадҳаёт эҳё кунад арзи калом.
Барҳо бо хеш мегӯям шавам тоиб зи шеър,
То раҳам якборагӣ аз таъну ташвиши киром.
Ин ба таъну танз мегӯяд зиҳӣ баъс-ал-халаф,
В-он ба шатму зачр мегӯяд зиҳӣ нанги аном.
Ман ба сӯзу ҳирқати ин роз месӯзам ба ҷӯш,
Оташи навмедиям доим зи дил дар изтиром.
Ҳам ба ҳаққи он ки мулки ӯст мулки безавол,
Ҳам ба ҳаққи он ки зоти ӯст Ҳайю ло яном.
Лаззати мадҳи ту бозам дар сухан меоварад,
К-ин ҷароҳатҳо ба куллӣ мепазирад илтиём.
То ки ҷон дорам бар инам то ба рағми бахти бад,
Дафтари умрам ба авсофи ту ёбад ихтисом.
Ҳар киро тумори авсофат бувад дар остин,
Дар ду олам пеши аҳли фазл кай гирад малом?
То зи сайри офтобу маҳ дар ин фирӯзақаср,
Бар санину бар шуҳур ақсор ёбад инқисом.
Бод доим арсаи мулкат барӣ аз индирос,
Бод доим қасри иқболат масун аз инҳидом.

## 59.ДАР ТАВҲИД

Ё ман лаҳ-ул-валояту вал-фазлу ван-наъам,
Донои бетаъаллиму султони беҳашам.
Эй ҳарф аз дақоиқи асрори муъҷизат,
Дебочаи ҳақоиқу маҷмӯаи ҳикам.
Бартар ливои маҷди ту аз арсаи ҳудус,
Равшан зи нури меҳри ту оинаи қадам.

Санъатмусаввире, ки зи таркиби кофу нун,
Аҷроми коинот падид орад аз адам.
Эй аз муҳити файзи ту гардун кафи бухор,
В-эй аз ду ҳарфи амри ту кавнайн як рақам.
Хони турост пайкари афлок нӯҳ табақ,
Ганҷи турост бадраи хуршед як дирам.
Аз моҳ то ба моҳию аз арш то сарӣ,
Ҳар зарра аз атои ту мустағрақи наъам.
Нуҳ чарх силҳост, ки бар як ишорат аст,
Дар гирдишанду ҷумла зи сар сохта қадам.
Бе иқтизои амри ту ҳар рӯз офтоб,
Кай сар барун кунад зи гиребони субҳдам?
Онӣ,ки к-аз иродати ту дасти қудратат,
Сад чун муавванот биёрад ба ним дам.
Ҷуз нақшбанди қудрати беиллати туро,
Таркиби асли хилъати халқат лаҳумдавам.
Дар ломакон чу мавҷ занад баҳри ғайратат,
Аз ҳайбати ту гард барояд зи ҳафт ям.
В-ар боди раҳмати ту вазад ҷурми хокро,
Созад ҳаёт бахш туро аз равзаи Ирам.
Зарроти кавн ҷумла бисӯзад ба як шарар,
Гар шуълае зи оташи қаҳрат занад алам.
Гар дар вуҷуди Каъба бипӯшӣ либоси рад,
Саҳни ҳарам чу дайр шавад маъбади санам.
В-ар сояи қабули ту афтад ба хоки дайр,
Гардад ба қадр чун ҳарами Каъба муҳтарам.
В-он ҷо ки лутфат аз раҳи тадбир дар шавад,
Хосияти шифо биниҳад дар мизоҷи сам.
Гардад чу тос куҳлии афлок пургуҳар,
Аз файзи абри раҳмати ту домани самам.
Чун боғи хулд меваи ҷаннат кунад нисор,
Хоке, ки аз атои саҳоби ту ёфт нам.
Як зарра аз лавомеъи нури ту бирка тофт,
Гӯ ҳамчу офтоб нашуд холӣ аз зулам?

Эй аз фурӯғи меҳри ту як зарра нур хӯр,
В-эй аз шароби шавқи ту як ҷуръа ҷоми Ҷам.
Кай пойбанди нафс шавад ҳар кӣ сайди туст?
Ҳаргиз шикори саг нашавад оҳуи ҳарам.
Ҳар гумраҳе, ки аз хатти амри ту тофт сар,
Кӯтаҳзабону рӯйсияҳ  бод чун қалам.
Дар дидани ҷамоли ту бе нури чашми ақл,
В-андар самоъи зикри ту гӯши хирад асам.
Ё Раб, зи зикри хеш ба дил бахш сайқале,
То барканад зи оинаи хеш занги ғам.
Бинад яқин, ки ҳастии ҷумла зи нури туст,
Кавнайн фониинду туӣ эман аз адам.
То чанд дар ибодатам аз ҷаҳлу гумраҳӣ,
Рӯ сӯйи қибла бошаду дил ҷониби санам?
Доим зи сӯи мо ҳама ҷурм асту маъсият,
В-аз сӯйи раҳматат ҳама бахшоишу карам.
Гар қатрае зи баҳр хӯрад ташнае чӣ бок?
В-ар як қароза кам шавад аз кони зар чӣ ғам?
Исмат ниҳоли маъсият андар замини дил,
Маншон, ки ин шаҷар надиҳад мева ҷуз надам.

## 60. ДАР СИТОИШИ ПАЙҒАМБАРИ АКРАМ

Эй воситаи вуҷуди олам,
К-аз оламу одамӣ муқаддам.
Арвоҳи муқаррабони қудсӣ,
Гашта ба туфайли ту мукаррам.
Як ҳарф зи дафтари ту кавнайн,
Як тифл зи мактаби ту Одам.
Сад нақш чу хотами Сулаймон
Дар муҳри нубуввати ту мудғам.
Дар маъразӣ муъҷази каломат
Мӯсии Калим гашта абкам.

Аз гулшани хулқи ту насимест,
Осори дами Масеҳи Марям.
Дар лутфи ту нафхаест фирдавс,
В-аз қаҳри ту ламъае ҷаҳаннам.
Эй оби шафоати ту шуста
Нақши гунаҳ аз бисоти олам.
Аз ташнаи маъсият ҷаҳоне,
В-аз абри инояти ту як нам.
Тай карда саёҳати буроқат
Атвори ду кавнро ба як дам.
Эй рӯҳи сародиқи ҷалолат
Бар тарзи равоқи ҳафт торам.
Эй рафта ба оламе, ки он ҷо
Ҷибрили амин намонда маҳрам.
Як нукта зи сирри офариниш,
Бар дониши ту намонда мубҳам.
Ангушти ҳидояти ту карда,
Бевосита ҷирми маҳ муқассам.
Нуҳ чарх зи ҳайбати ҷалолат,
Саргашта ҳамераванду дарҳам.
Эй мулки ду кавнро саодат,
Бар номи ту дошта мусаллам.
Султони сародиқи ҳақиқат,
Эй бар фалаку малак муқаддам.
Сардафтари анбиё Муҳаммад,
К-аз туст бинои шаръ маҳкам.
Дар сирри мукавванот мазкур
Меҳри ту ба сони муҳри хотам.
Касри шарафи равоқи Кисро
Аз мақдами туст, хайра мақдам.
Дар сураи «Фатҳ»-и ту мубайян,
Ғуфрони гуноҳи мотақаддам.
Аз завқи вуҷуди хоки поят,
Бигрифта қади нуҳ осмон хам.

Хоки қадами чаҳорёрат,
Бунёди чаҳор рукни олам.
Аз меҳри ду меваи камолат,
Боғи дилу ҷон хуш асту хуррам.
Эй соқии ҷоми лоязолӣ,
Дилбастаи ҷоми туст ҷон ҳам.
Як ҷуръа ба коми ҷон фурӯ рез,
То бозраҳад зи шодиву ғам.
Бинад, ки зи туст нури аслӣ,
Боқӣ ҳама зулмати муҷассам.
Гар ташна хӯрад даме ба серӣ,
Аз баҳри муҳит кай шавад кам?
Озурдаи ханҷари гуноҳам,
Аз ҷаҳл ба бод дода марҳам.
Гар марҳами раҳмати ту набвад,
Ин реш куҷо шавад фароҳам?
Омад зи раҳи вафо Насирӣ,
Дар кӯйи ту чун саги муаллам.
Бо санги ҷафо маронаш аз дар,
Маҳруму шикастаҳолу муғтам.
То ҳаст ба ҳар ду кавн, бошад
Файзи ту бар инсу ҷон дамодам.
Ҳар зарра ба ҷон дурудхон бод,
Бар рӯҳи ту то ба ҳашри аъзам.

## 61.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Ин ҳумоюнхиргаҳе бо рифъати волонишин,
Саҳн гардун аст, ё худ рашки фирдавси барин?
Ҳамчу ҷаннат хозани бахту саодат дар азал,
Бар дараш бинавишта: «Тибтум фадхулуҳо холидин».
Чун фалак бар ҳар каноре дидаҳо бикшодааст,
То кунад наззораи хуршедрӯён аз замин.

Қавсҳои нилгун баҳри нисори рифъаташ,
Сар даровардa ба ҳам чун абрӯи хубони Чин.
Ахтарон собит аз гулҳои зар дорад басе,
То шавад нисбат дурусташ бо сипеҳри ҳаштумин.
Аз шуоъи партави зарбафти симинпайкараш,
Тира гардад атласи зар кардаи чархи барин.
Чист он парда намедонам, ки дар ҳар нақши ӯ,
Хира мемонад уқули аввалину охирин?
Пардаи ғайб аст баҳри маснади Билқиси аҳд,
Дар ҷаҳон оварда аз қасри ҷинон Рӯҳуламин.
Баҳри он то бар канори ӯ бидӯзад осмон,
Мекунад тартиби ҳар шаб шаддаи дурри самин.
Ин тилисми пураҷоиб чист, ё Раб, к-ӯ мудом,
Пуркавокиб ҳамчу гардун асту собит чун замин?
Чун шафақ аз атласи сурх аст, аз он рӯ доманаш
К-ӯст доим ҷилвагоҳи офтоби мулку дин.
Ҳамчу гардун бар миёни худ камар барбастааст,
То кунад хидмат ба пеши хусрави маснаднишин.
Офтоби осмони салтанат Султон Халил,
Он ки дорад чун Сулаймон оламе зери нигин.
Эй Худованде, ки соҳибҷамъи девони фалак,
Нақш тавқеъи ту карда раҳматан-лил-оламин.
Теғи хунрезат ба ҳар ҷониб, ки созад размгоҳ,
Хоки он манзил ба хуни душманон гардад аҷин.
Мо зи теғат зинда мегардему мемирад адӯ,
Захр бинамояд ба ҳалқи бехирад мори муъин.
Гар яди байзо намудӣ Мӯсии Имрон, ту низ
Бо муҳиббон соъиди симин намо аз остин.
Хасм дев аст, ар кунад бо ту хилоф аз вай маранҷ,
Беадаб гар одамӣ будӣ нагуфтӣ инчунин.
Рӯҳи одам дар ҳарими равза мехондӣ мудом,
Ояти ҳусни ту пеш аз иттисоли мору тин.
Бӯйи хилқат гар накардӣ тарбият хуни ҷигар,
Мушки холис кай шудӣ дар нофаи оҳуи Чин?

В-ар нагаштӣ дам ба дам парвардаи баҳри кафат,
Қатраи борон нагаштӣ дар садаф дурри самин.
Подшоҳо, мекунам даъво ба даври давлатат,
К-Анварӣ шеърофарин буду манам сеҳрофарин.
Ин ҳунарҳо партаве аз оташи табъи ман аст,
Даҳр равшан гирдар ар анвори ман гардад мубин.
Чун дуъогӯён Насирӣ хокрӯби ин дар аст,
Гаҳ-гаҳе аз чашми раҳмат ҳам ба ҳоли ӯ бибин.
То дарун партави фирӯза шоҳи ахтарон,
Бо кавокиб мекунад таъдоди айёму санин.
Солу маҳ хуршеди зотат бар ҷаҳон тобанда бод,
Харгаҳи мулкат рафеъу асби давлат зери зин.

## 62. ДАР БОРАИ НАСИРУДДИН ХАЛИЛ МИРЗО

Эй партави шамъи рухат чашму чароғи анҷуман,
Боз ой як дам, соқиё, то рӯҳ бозояд ба тан.
Эй соқии ҷоми бақо, дар базми муштоқон даро,
Дардеҳ шароби нестӣ то вораҳам аз хештан.
Махмур мастеро бидеҳ з-он май,ки гар аз соғараш
Бар мурда резӣ ҷуръае бар худ бидарронад кафан.
Эй монда дар зиндони тан, Юсуф зи чаҳ омад барун,
Яъқубсон то кай шавӣ побастаи байт-ул-ҳазан?
Эй шоҳбози ломакон, бикшой банд аз пои ҷон,
Як раҳ ба сӯйи ошён мардона болу пар бизан.
Эй дил, зи мастӣ то ба кай дар бутпарастӣ мондаӣ,
Даври Халил омад, биё, бутхонаро дарҳам шикан.
Султон Насируддин Халил ороиши тоҷу нигин,
Бахр-ул-ато, хайр-ул-башар, каҳф-ул-варо, фахр-уз-замин.
Эй хусрави бедордил, к-андар замони давлатат,
Айнул-хусуми ло яр-ал-иқбола илло фил-васин.
Эй аз саҳоби раҳматат ҳар ҷо фурӯ борад наме,
Аз хок гул берун дамад, в-аз хор рӯёнад самин.

Гар нагҳати хулқи туаш ҳар дам накардӣ тарбият,
Кай дар бари оҳу шудӣ хуни ҷигар мушки Хутан?
В-ар иқтибоси партав аз роят накардӣ ҳар саҳар,
Офоқ кай равшан шудӣ з-ин шамъи зангорилаган?
В-ар боргаҳ барпо кунӣ ҷурми рафеъи осмон,
Гардад ниҳон дар гӯшае чун анкабути пардатан.
Беминнати хайлу ҳашам ҳар к-ӯ ҷаҳон гирад чу ту,
Бо ҳусни сурат ҳар киро ёрӣ диҳад хулқи ҳасан.
Куфрони неъмат ҳар кӣ гуфт аз гумраҳӣ зоти туро,
Гарди сипоҳат оқибат андохт хокаш дар даҳан.
Шасти ҳаводис ҳар киро ҳамчун камон ба ту каж аст,
Хоҳад ба саҳроии адам тири туаш андохтан.
Чун зулмат ангезад ба разм абри синони новакат,
Ранги рухи зангӣ диҳад бо румии зарринмаҳан.
Азбаски хун оламе ҳар дам ҳамерезад магар,
Гурзи ту тадвирест,к-ӯ Миррих дорад дар маҳан.
Шамшери хунолудаат гар шуъла бар дарё занад,
Ёқути руммонӣ шавад хун дар дили баҳри Адан.
Ҳар чокаре аз лашкарат дар пурдилӣ бошад чунон,
К-андар ваға теғу синон бистонад аз Геву Пашан.
Моҳи дай омад, хусраво, ман аз фалокат ончунон,
Гаҳ чун саҳар бекисватам, гаҳ чун насимам беватан.
Ҳайф аст, к-андар навбати мулки чу ту шере бувад,
Рӯбоҳ мӯинпӯшу ман ларзон ба тои пираҳан.
Ҳар кас бад-ин дар ҳоҷате доранду мақсуди ман он,
К-он чӣ ризои ту бувад, он дар вуҷуд ояд зи ман.
Бо захми шамшери қазо бурранда бодо ин сарам,
Гар як даме холӣ бувад меҳри ту чун ҷон аз бадан.
Ҳамчу Насирӣ шуд халос аз инқилоби олам он,
К-андар бақои мулки ту бинад фанои хештан.
Ҳамвора то арбоби дил дар базмгоҳи маърифат,
Нӯшанд аз ҷоми бақо бар рағми дунон дар даван.
Зоти ту бодо сархуш аз хумхонаи мулк қадам,
Душман зи меҳнат саргарон афтода хору мумтаҳон.

## 63.ДАР СИТОИШИ АЛӢ ИБНИ АБИТОЛИБ ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ

Даст дар фитроки оли Мустафо бояд задан,
Ҳар ду оламро ба ҳиммат пушти по бояд задан.
Ин сарову он саро ҷойи фиреб асту ҳавас,
Кӯси меҳри хоҷаи ҳарду саро бояд задан.
То ба кай табли иродат мезанӣ зери гилем?
Баъд аз ин кӯси иродат бармало бояд задан.
Дар сафи маҳшар ба маншури валои Мустафо,
Чор болаш дар ҳарими Кибриё бояд задан.
Гар ғубори сармадӣ хоҳиву мулки безавол,
Дасти дил дар домани оли або бояд задан.
В-ар сипаҳсолории мулки ризо дорӣ ҳавас,
Дам зи ихлоси Алии Муртазо бояд задан.
Рояти ҳубби Алӣ бо хеш бурдан, баъд аз он
Чун малоик хайма бар авҷи само бояд задан.
Аз шароби «ло фато» бе ҳуш гаштан в-он гаҳон
Ҳар ду оламро ба зери лаб сало бояд задан.
То зи мифтоҳи «Алиюн бобуҳо» ёбӣ кушод,
Ҳалқа бар сандони ин дар бериё бояд задан.
То бинӯшӣ шарбати шаҳди шаҳодат чун Ҳасан,
Ҷоми захр аз дасти соқии ризо бояд задан.
Дар сафи оли Алӣ хоҳӣ, ки бошӣ сурхрӯ,
Чанг дар зайли шаҳиди Карбало бояд задан.
Дар вафои хокухуноғуштагони Карбало
То қиёмат хайма дар роҳи бало бояд задан.
Пой дар майдони даъвӣ менихӣ мардонавор,
Раҳнавардони балоро марҳабо бояд задан.
Мо зи рангубӯйи олам ғарқи ин дарё шудем,
Баъд аз ин дар баҳри берангӣ шино бояд задан.
Гар асо хоҳӣ, ки дар дасти ту суъбонӣ кунад,
Чун Калимуллаҳ қадам бар аждаҳо бояд задан.

Боядат чашм аз тамошои ду олам дӯхтан,
Баъд аз он лофи таманнои лиқо бояд задан.
Махзани ҳастӣ чу бар ҷавлонгаҳи даври фаност,
Хешро бар гавҳари ганҷи бақо бояд задан.
Такя бар болини хок афкандан аз дунҳимматист,
Хобгаҳ болотар аз нуҳ муттако бояд задан.
Эй сияҳдил, бар дари дунон гадоӣ то ба кай?
Қалби рӯйандуди худ бар кимиё бояд задан.
Ноҷавонмардиву кӯтаҳҳимматӣ аз ҳад гузашт,
Хайма акнун бар сипеҳри «ло фато» бояд задан.
Чанд рӯбаҳбозии нафси дун аз роҳат барад,
Ракс дар ҷавлонгаҳи шери Худо бояд задан.
Ҷавҳари ҳубби Алӣ бо хеш агар дорӣ, нахуст
Дасти рад бар хориҷии беҳаё бояд задан.
Исмат, аз ҳубби Алӣ чун маст гаштӣ дам ба дам,
То қиёмат гирди ин гулшан наво бояд задан.

## 64.ДАР СИТОИШИ УЛУҒБЕК

Чун ҳумои фикр берун ҷаст аз ин тангошён,
Ҳостам то дар фазои ломакон созад макон.
Чун зи нуҳ торум гузаштам, лашкаре дидам,к-аз ӯ
Фавҷи як мавкиб нагунҷад дар замину осмон.
Лашкаре аз ҷунбуши ӯ сад таҳаррук дар замин,
Лашкаре аз ҷӯшиши ӯ сад тазалзул дар замон.
Лашкаре дар азмаш аснофи малоик дар рикоб,
Лашкаре дар размаш арвоҳи муқаддас ҳаминон.
Лашкаре иқболу ҷоҳу давлаташ қалбу ҷаноҳ,
Лашкаре таъйиду фатҳу нусраташ ҳадду карон.
Лашкарие, к-андар фазои арсаи эҳсои ӯ,
Гар бипаррад бишканад болу пури мурғи гумон.
Ҳавдаҷи шоҳӣ мурассаъ дар миёни чатру туғ,
Бар сари он ҳавдаҷ аз парри малоик соябон.

Бахту давлат чатру туғ аз насру фатҳ ороста,
Гирд бар гирдаш ҳисори оҳану теғу синон.
Бар яминаш фавҷ-фавҷ аз қудсиён тасбеҳгӯ,
Бар ясораш ҳарф-ҳарф аз инсу ҷон табирхон.
З-он тараф саф дар саф аз девони Зангӣ то Хито,
З-ин тараф хайли малоик қирвон то қирвон.
Лашкари ислом чун теғи вағо бардоштанд,
Дар ҳамон дам кофиронро маҳв шуд ному нишон.
Аз сарафрозони Чин омад паёми алғиёс,
Аз салотини Хито бар шуд нафири аламон.
Гашта аз якдигар арвоҳи муқаддас муждахоҳ,
Бар адои ин қасида пуршакар карда даҳон.
К-эй ба майдони хилофат қарнҳо соҳибқирон,
Инсу ҷонро бо ту то рӯзи қиёмат инсу ҷон.
Шаҳриёр шаҳриёрон, офтоби мулки дин,
Хусрави лашкаршикан  шоҳаншаҳи кишварситон.
Малҷаъи аркони давлат, марҷаъи аъёни мулк,
Бар салотин подшоҳу бар мамолик комрон.
Он сипаҳдоре, ки қаҳраш сӯйи саҳрои адам,
Сохта сад лашкар рӯҳ аз тани аъдо равон.
Хусрави аъзам Заҳириддин Улуғбек,он ки сохт,
Сангфарши қасри ҷоҳ аз маснади Чингизхон.
Он ҷаҳонгире, ки аз зарра кам омад пеши чашм,
Аз фазои боргоҳаш аз сарӣ то ломакон.
Кас зи ҳукмаш сар напечида ба ҳайҷо ҷуз каманд,
Кас зи хайлаш пушт нанмуда ба аъдо ҷуз камон.
Эй ба теғ кин кашида шавкатат зери нигин,
Аз бисоти рубъи маснун то ба дор-ул-мулки ҷон.
Чун ту касро пояи соҳибқиронӣ кай расад,
Қарнҳо гар Муштариро бо Зуҳал бошад қирон?
Дар азал чун хутбаи шоҳӣ ба номат хонад мулк,
Саъду наҳси осмонро кай расад тағйири он?
Гирди гурдони сипоҳат аз Самарқанд то Хутан,
Мушкбезӣ мекунад ҳар сӯ ба расми армуғон.

Қасри иқболат ба рифъат чун Ирам зот-ил-имод,
Боғи майдонат ба нузҳат рашки гулзори ҷинон.
Чархи зангор ба гулзорат мурассаъ харгаҳест,
Пайкари қасраш чу қандили муаллақ дар миён.
Чортоқи зарнигорат ҳамчу фирдавсу дар ӯ
Ҳури айн ҷарӯбкаш бо турраи анбарфишон.
Ғайрати сарҳи Сулаймонест Қайсар бод ӯ,
Аз қавориraш ҷидору аз зумуррад соябон.
Солу маҳ беиллати таҳрик бодаш рӯҳбахш,
Рӯзу шаб беминнат аҳдавр оби ӯ равон.
Иртифоъи қадри волои ту нотвонад гирифт,
Гар сутурлоби зар аз хуршед созад осмон.
Дар фазои қадрат ар будӣ муяссар, офтоб
То дами субҳ қиёмат шаб набудӣ дар ҷаҳон.
Ақли куллро бояд аз нуҳ торуми аркон расад,
То кунад сайри нуҷуми толеъатро имтиҳон.
Ҳар муҳандис чун то кай донад ба устурлоби фикр,
Насби олоти расад кардан ба табъи хӯрдадон.
Гар зи сайри хома арбоби ҳикмат пеш аз ин,
Нуктаҳои ҳайъат Уқлидис омад дар миён.
Сад ҳазори шакли мушкил пур зи шакли Уқлидис,
Ҳар дам аз оинаи табъи ту мегардад аён.
Пеш рои анварат арзи сухан бошад, чунон-к
Шеър пеши Анварӣ хонад Калими безабон.
Бо ту изҳори ҳунар бошад, чунон к-орад касе,
Дурру марҷон сӯйи баҳру лаълу ҷавҳар сӯйи кон.
Подшоҳо, рӯзгоре шуд, Исмат бар дарат,
Ҳалқаи ихлос дорад рӯзу шаб дар гӯши ҷон.
Бо лаби таъзим умре шуд, ки мебӯсад ба шавқ,
Гаҳ чу даст он остину гаҳ чу гардон остон.
Солҳо шуд то ки зору нотавон афтодааст,
Аз вафо пеши сагон афканда мушти устухон.
То ки фардои қиёмат чун барорад сар зи хок,

Тобад аз лавҳи ҷабинаш нури ихлоси ниҳон,
Бар дарат мурдан ба зорӣ пеш бошад обрӯ,
К-андар иқлими дигар ёбам ҳаёти ҷовиди
Ҷуз ту ғамхоре надорам хоҳ бо теғам бикуш,
Ҷуз ту дилҷӯе надорам хоҳ ба лутфам бихон,
Ман ғуломи бекасам, ту подшоҳи дилнавоз.
Он чи дар дил доштам, гуфтам,ту донӣ баъд аз он,
Аз сарӣ то ломаконат бод дар зери нигин.
То бувад ҳадди мамолик аз сарӣ то ломакон,
Дам ба дам ратб-ул-лисон бодат зи хуни хасми теғ.
То бувад муҳтоҷ аз оби макрамат ратб-ул-лисон,
Бахту давлат посбони қасри иқболи ту бод.
То Зуҳал бошад ба боми қасри ҳатфум осмон,
Боғу бӯстонат ба об салтанат сарсабз  бод,
То диҳад обу ҳаво тазмини боғу бӯстон.
Дар сарафрозию давлат то ҷаҳондорию бахт,
То ҷаҳон бошад ту бошу то макон бошад бимон.

## 65.ДАР СИТОИШИ АМИРЗОДА ЯҲЁ

Кори туст офоқ пурхуршеди анвар сохтан,
В-аз хати мушкин машоми ҷон муаттар сохтан.
Рӯйи зарди хешро пайваста мемолам ба хок,
То ки битавонам бисоти лаълат аз зар сохтан.
Зери лаб дашном гӯ дар най ба оҳи оташин,
Хокро хоҳам пур аз ёқути аҳмар сохтан.
Бори ҷон то кай кашад тан бе ту шамшере бизан,
То тавони бори ин мискин сабуктар сохтан.
Баъди мурдан гар ту бар хокам хиромӣ, аз танам
Ҳар ғубореро тавон рӯҳи мусаввар сохтан.
Сад раҳ ар сайқал занад оинаи хеш офтоб,
Кай тавонад хешро бо ту баробар сохтан?
Хам гирифта ҳарду абрӯйи кажат хоҳанд боз,
Аз барои ид моҳи нав мукаррар сохтан.

Шеваи чашми сиёҳу лаъли ширинкори туст,
Маҷлиси мастон пур аз бодому шаккар сохтан.
Ҷаҳд кун бошад, ки битвонӣ ба афсун хешро,
Соқии базму хидеви ҳафт кишвар сохтан.
Он ки чун баҳри нишоти идаш ороед базм,
Аз маҳу хуршед бояд ҷому соғар сохтан.
Шоҳи дин,Султон Низомулмулк Яҳё, к-офтоб,
Хоҳад аз лаъли самандаш тоҷу афсар сохтан.
Эй Сулаймоне, ки аз таъсири нақши хотамат,
Деву дадро дар даме битвон мусаххар сохтан.
То намолад рӯй бар пои ту ҳаррӯз офтоб,
Кай тавонад арсаи олам мунаввар сохтан?
Офтоб аз дур агар бинад фурӯғи манзарат,
Шармаш ояд ҷо бар ин фирӯзаманзар сохтан.
Акси наъли тавсанат бар хок метобад магар,
Хоҳад аз ҳар заррае хуршеди дигар сохтан.
Хатм бар дурри ятими ҳалқаи гӯши ту шуд,
Муштарӣ пирояи хуршеди анвар сохтан.
Кори хуршед аст чун размоварони лашкарат,
Чашми бадхоҳи туро пуртеғу ханҷар сохтан.
Гар ба дорулмулк равам афтад камина чокарат,
Ораш ояд хобгаҳ дар қасри Қайсар сохтан.
В-ар бақои ҷовидон хоҳад сипеҳри макрамат,
Боядаш аз румҳи дил даври ту меҳвар сохтан.
Накҳати хулқат зи файзи як насим офоқро,
Метавонад ғайрати фирдавси акбар сохтан.
Мушк хунҳо мехӯрад дар нофи оҳу солҳо,
То тавонад хештанро хоки ин дар сохтан.
Хайра мақадам бар ту мезебад ба дилҷӯию лутф,
Халқро ноомада мавлову чокар сохтан.
Чун навиди мақдами Султон шунидам аз нишот,
Хостам манзил зи авҷи арш бартар сохтан.
Раҳнишин гаштам ба уммеде,ки пеши мавкибат,
Дида битавонам ба хоки раҳ баробар сохтан.

Дур бошӣ ҳазратам гуфто,ки аз раҳ дур бош,
Зарра натавон матлаъи хуршед анвар сохтан.
Зору маҳзун бар дари ғамхонаи хеш омадам,
Гуфтам ин соат зарурӣ шуд ба ғам дарсохтан.
Ақл гуфто чанд байте гар ту бардорӣ зи фикр,
Метавонӣ бори кори хеш чун зар сохтан.
Пеш аз инам тӯтии шакарнисори табъро,
Ҳайф меомад ба ҳар боғе суханвар сохтан.
То харидоре наёбад сайрафи ҷавҳаршинос,
Сафҳаи дукон набояд пур зи ҷавҳар сохтан.
Хоҳам ин соат чу мамдуҳи сухандон ёфтам,
Ҳар дам аз ашъори рангин дафтаре барсохтан.
Нақди маъно мекашам пеши ту,чун қодир наям
Хидматеро беш аз ин тартиби дигар сохтан.
Варна Исамат кист то битвонад аз табъи алил,
Мадҳи чун ту хусраве бо худ мухаммар сохтан?
То ба гирди орази гулгуни хубон хатти сабз,
Барги гул хоҳад қарини сунбули тар сохтан.
Аз хати мушкин ғулмонат муанбар бод базм,
То тавонӣ даҳр аз он накҳҳат муаттар сохтан.

## 66. ДАР СИТОИШИ АМИРЗОДА БОЙСУНҒУР

Шаҳе, ки аз ламаъоти дили мунаввар ӯ,
Сад офтоб таҷаллӣ кунад зи манзари ӯ.
Тулуъи машъалаи офтоби оламтоб,
Талиъаест зи хуршед рои анвари ӯ.
Кароти нуҳ фалак мустадири миноест,
Чароғвораи хиргоҳи арш пайкари ӯ.
Чӣ гуна нур диҳад бо ҷаҳониён хуршед,
Агар наёвард оина дар баробари ӯ?
Қазо ба оби мурувват сиришту хок карам,
Ба дасти сидқу сафо тинати мутаҳҳари ӯ.

Зи исми аъзами нақши нигини хотами ӯст,
Ки шуд фариштаву ҷинну башар мусаххари ӯ.
Шаҳе, ки дар хам чавгони қадри ӯ гӯёст,
Тилсими оламу нуҳ пайкари мунаввари ӯ.
Муғиси миллаву дин, Бойсунғур,он ки сазад,
Ҳазор Қайсару Доро камина чокари ӯ.
Кадом соҳиби тоҷе, ки аз тафохур нест,
Зи гарди наъли ғулом каниши афсари ӯ?
Агар ба Рум фатад мехи наъли ӯ гардад,
Нигини фахри куллаҳгӯшаи Сикандари ӯ.
Дар орзуи суҷуди ҷаноби ӯ шабу рӯз.
Шуданд ҳафт фалак пушти ҳалқа бар дари ӯ,
Кунад саодату фатҳу зафар малову вазӣ,
Ба ҳар тараф,ки равад рояти музаффар ӯ.
Забонест зи теғу синони зармагаҳаш,
Лавомеъи шафақу шуълаҳои озари ӯ.
Зи як муҳораба сӯзад ҳазор хирмани умр,
Ба ҳар сафе, ки дурахшад хироми ханҷари ӯ.
Ба душмане, ки расад захми тири тезпараш,
Дигар ватан накунад мурғи рӯҳ дар бари ӯ.
Ғуроби шаб ҳама шунқори сими зоиди субҳ,
Ки байти байзаи байзо ба зери шаҳпари ӯ.
Ки то барои шаҳ аз осмон шикор кунад,
Ба ҷанг фатҳу зафар ҳарду каргаси зари ӯ.
Намунае зи тасовири қасри олии ӯст,
Равоқи нуҳ фалаку пайкари мунаввари ӯ.
Зулолу биркаву боғи сафед шохи барӯҳ,
Ҳазор таъна занад бар биҳишту Кавсари ӯ.
Пур аз равоеҳи мушки Хито бувад ҳама умр,
Машоми аҳли биҳишт аз бухури миҷмари ӯ.
Чу нахл Тӯр намояд дарахти норинҷаш,
Лавомеъи лаҳаб аз парниёни ахзари ӯ.
Ба гарди кӯча гарам-гарам шуда толеъ,
Зи баргҳои зумурради уқуди гавҳари ӯ.

Ба боғи хулд на тӯбист монда по дар гил,
Дар орзуи қади сарви сояпарвари ӯ.
Фитодааст ба ҳар хоки роҳу хун баста,
Ҳазор дил зи ҳавои қади санавбари ӯ.
Хушо, ки соқии маҳрӯ сабӯю шиша ба пеш,
Дар оби хушк фурӯ резад оташи тари ӯ.
Шафақ ба косаи ёқути офтоб зи меҳр,
Кашад ба маҷлиси шоҳ аз шароби аҳмари ӯ.
Зи инфиъоли гунаҳ субҳро ҷигар пурхун,
Шавад, ки пешкаши ҳарду нест дарх(в)ари ӯ.
Ба даври ҷилваи симинбарони маҷлиси шоҳ,
Чӣ ояд аз шафақу офтоб ховари ӯ?
Парию ҳур чу ғилмон карашма гадя кунанд,
Зи соқиёни парипайкар суманбари ӯ.
Аё шаҳе, ки ба конуни матбахи ту сазад,
Фалак рамоду маҳу офтоб ахгари ӯ.
Сарири ҷоҳи туро мартабат чунон олист,
Ки авҷи сидра бувад шуъбаи фурӯтари ӯ.
Ту он шаҳӣ, ки чу баҳри кафат барорад мавҷ,
Ба як атийя шаванд инсу ҷон тавонгари ӯ.
Зи тоби оташ сӯзон фақру боди тамаъ,
Бирехт оби рухи ман, ки хок бар сари ӯ.
Ба майли оташам аз сар кашида бод ду чашм,
Гарам ба дида дарояд муҳиту гавҳари ӯ.
Ба даҳр ғояти мақсуди Исмат ин шараф аст,
Ки модеҳи ту бувад мантиқи суханвари ӯ.
Зи баҳри мадҳи ту ҳар дам ба ғавси баҳри амиқ,
Уқуд даркашад андар самути мистари ӯ.
Арӯси назми ман акнун ҳазор дил бибарад.
Ки аз ҷавоҳири авсофи туст зевари ӯ.
Ҳамеша то зи муъадал сипеҳри ҳаштумро,
Мамоси сатҳи муҳаддас бувад муқаъъари ӯ.
Ливои маҷди ту аз нуҳ сипеҳр бартар бод,
Мутеъи рои ту саккони ҳафт кишвари ӯ.

Замона тобеъ рои ту боду фарзандат,
Халифаю ҳукму подшоҳу сарвари ӯ.

## 67.ДАР СИТОИШИ ШОҲРУХ МИРЗО КУРАГОНӢ

Шаб чу ба доман расид чоки гиребони ӯ,
Матлаъи хуршед гашт ҷайби зарафшони ӯ.
Субҳ чу аз дурҷи лаъл қуфли зумуррад кушод,
Дар лагани сим рехт ҳуққаи марҷони ӯ.
Риштаи Парвин намуд риштаи дандони субҳ,
К-ин ҳама бодоми зар рехт зи домони ӯ.
Буд шаби донабор лаълкаши базми субҳ,
Кард тамом ошкор хандаи пинҳони ӯ.
Соқии маҳрӯ куҷост то дуру ёқути ашк,
Нукта ривоят кунанд аз лабу дандони ӯ.
Субҳ чу дар рӯи рӯз гарм бихандиду буд,
Чашми нуҷум ашкбор аз лаби хандони ӯ.
Гуфтамаш ин ханда чист, дид ба хуршеди мулк?
Гуфт ҳамехандам аз шодии даврони ӯ.
Волии олиҷаноб,мафхари дин Шоҳрух,
Эй чу Фаридун ҳазор бандаю дарбони ӯ.
Он ки биғалтад ба хок дар сафи овардгоҳ,
Гӯй сари аҳли мулк бар сари майдони ӯ.
Нуҳ фалакаш тахтгоҳ аз паи танвири даҳр,
Гашта чаҳор офтоб толеъи аркони ӯ.
Мулк ба як рашқи тир фатҳ намуду ҳанӯз,
Шуълазанон мавҷи хун аз сари пайкони ӯ.
Лашкараш абрист пур соъиқаи теғу тир,
Қулзуми хун размгоҳ аз нами борони ӯ.
Ханҷари хунрезаш ар шуъла ба дарё занад,
Лаъл шавад дар садаф қатраи найсони ӯ.
Ҳуҷҷати бурҳони теғ дар кафи ӯ дод мулк,
Зи он ки ба хун қотеъ аст ҳуҷҷати бурҳони ӯ.

Хоки адӯ оби теғ гарчи ба хун кард гил,
Ҳеҷ иморат наёфт хонаи вайрони ӯ.
Базм шаробасту разм соқии гулчеҳра теғ,
Каллаи пурхуни хасм косаи гардони ӯ.
Тавсани ӯ бар сипеҳр кард яке наъл гум,
Нуни зари моҳи нав дод ба товони ӯ.
Доғ ба наъли ҳилол аз чӣ ниҳодаш бар он,
Хинги сипеҳр ар набуд номзади рони ӯ.
Нуҳ фалак он дам ки ӯ Рахш ба ҷавлон кашад,
Гӯи зумуррад ниҳанд дар хами чавгони ӯ.
Қаҳраш агар чун муҳит мавҷ барорад равад,
Арш чу киштии Нӯҳ бар сари тӯфони ӯ.
Пои арираш қазо бар сари курсӣ ниҳод,
То нарасад аршро даст ба домони ӯ.
Фитнаву зулм аз ҷаҳон хона дигар ҷо гирифт,
То караму адли шоҳ гашт нигаҳбони ӯ.
Гумшудаи қасри ӯст чархи муаддал чунон-к
Зовияи анкабут дар хами айвони ӯ.
Сояи маъбуди шоҳ, Каъбаи мақсуди мулк,
Ханҷару шамшеру тир хори мағелони ӯ.
Қофилаҳо хок шуд дар талабу ҳеҷ кас,
Ҷуз ба иноят накард қатъи биёбони ӯ.
Аз асари вирди субҳ, в-аз мадади зикри шом,
Мекунад он Каъба тавф бар сари аъёни ӯ.
Ҳиммати ӯ дар дуъо динию уқбо бихост,
Шуд ба як изҳор фазл ҳарду ба фармони ӯ.
Аз нами баҳри ато сохт ҷаҳон дурҷи дур,
То накашад кас дигар миннати Уммони ӯ.
В-аз тафи хуршеди худ кард замин кони лаъл,
То хӯрад аз рашк хун лаъли Бадахшони ӯ.
Подшаҳо, бар сари хони хирад бандарост,
Моидаҳо аз улум шеъри намакдони ӯ.

Чошнии бозгир аз намаки ӯ бичаш,
Чун зи салотин туӣ ҳаққи намакдони ӯ.
Боғи умед аст шеър, аҳли сухан боғбон,
Тарбият афзун кунад меваи ағсони ӯ.
Баргу бари ӯ тамом рӯй ба зардӣ ниҳод,
Тоза кун аз оби лутф варди гулистони ӯ.
Мерасад аз мадҳи ту фахр ба хоқониям,
Зи он ки ту дорӣ ҳазор банда чу хоқони ӯ.
Гарчи ба майдони шеър гӯи сухан бурд,лек
Кай чу ту мамдуҳ дошт арсаи шарвони ӯ?
Он чӣ дар авсофи туст таъбия дар шеъри ман,
Дар ҳама умр аз кӣ дид табъи сухандони ӯ?
Даъвии лофи ман аз юмни камолоти туст,
В-арна беҳ аз ман басест тифли дабистони ӯ.
Исмат аз абнои даҳр бандаи мавруси туст,
Модеҳи ту чун падар нутқи санохони ӯ.
То падарам зинда буд ҳамчу раҳӣ солҳо,
Варди санои ту раст аз чамани ҷони ӯ.
Кавкаби масъуди шаръ он ки дар айём буд,
Ояти фазлу камол омада дар шони ӯ.
Шӯрахаси хушки ман, чунки аз он гулшан аст,
Ҳеч надонам, ки чист муҷиби ҳирмони ӯ?
То ки бувад офтоб тарбияти чор саъд,
Ҷилвагаҳи ҷумла дар сояи эҳсони ӯ.
Боқию поянда бод шоҳу ҷаҳонгир бод,
Кавкабаи ҳар чаҳор кавкаби тобони ӯ.
Зилли Сулаймон мабод аз сари Билқиси аҳд,
Давр, ки то қадри шоҳ донаду шоҳони ӯ.

## 68.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Эй ҳавоят аз ман хокӣ ғубор ангехта,
Чашми мастат фитнаҳо дар рӯзгор ангехта.
Дар дили шӯридагони ҳалқаи савдои ту,
Сад парешонӣ зи зулфи беқарор ангехта.
Турки масти ман ба қасди хуни беморони хеш,
Нотавонӣ дар ду чашм пурхумор ангехта.
Куштаи он мардумозорам, ки дар ҳар чашм зад,
Инчунин фитна ба ҳар гӯша ҳазор ангехта.
Лолаҳо, к-аз ашки гулгун раста бар рухсори зард,
Дида дар қалби хазон фасли баҳор ангехта.
Аз паи айши парирӯёни бӯстон навбаҳор,
Базми ишрат бар канори ҷӯйбор ангехта.
Махзани табъам зи маъно гашта пурганҷу гуҳар,
Дар дарун чун фикри мадҳи шаҳриёр ангехта.
Шоҳи дин,Султон Халил,он к-ӯ насими хулқи ӯ,
Бӯйи хуш дар нофаи мушки татор ангехта.
Бахту давлат дар замони мулки маънопарвараш,
Шуҳрати айшу тараб дар ҷӯйбор ангехта.
Табъи дурбори атои ӯ тавонгар сохта,
Дар замири кон ямини ӯ ясор ангехта.
Ҳар ду оламро тавонгар карда чун дарёву кон,
Ҳар ато,к-ӯ аз кафи гавҳарнисор ангехта.
Шуълаи теғаш намуда ҳамчу хуршед аз фалак,
Дар саф кин чун суми асбаш ғубор ангехта.
То ба ҳардам ҳимаи дӯзах кунад кофардиле,
Оташе аз зарби теғи обдор ангехта.
Сели хун, к-аз абри пайкону синонаш рехта,
Дар миёни маърака сад лолазор ангехта.
Тавсанаш чун дар миёни размгаҳ паймуда наъл,
Аз барои гӯши шоҳон гӯшвор ангехта.
Аз паи амни ҷаҳон теғу синони лашкараш,
Гирди саҳни олам аз оҳан ҳисор ангехта.

Чун садои навбати қаҳраш гирифта шаш ҷиҳат,
Зилзила дар арсаи ҳафтум ҳисор ангехта.
Карда аз лавҳи фалак раҷми шаётин чун шаҳоб,
Шуълае, к-аз ханҷари ахтар шарор ангехта.
Марг сад ҷо беш ғорат карда рахти ҷони хасм,
Ҳар куҷо теғу синонаш корзор ангехта.
Аз саводи гурзи гардуну баёз варъу худ,
Дар саф овардгаҳи лайлу наҳор ангехта.
Хасмро бар хоки хорӣ карда помоли аҷал,
Фитнае, к-ӯ бар умеди эътибор ангехта.
Баҳри табъи ман, ки буд аз дасти дунон хушклаб,
Ин замон сад гуна дурри шоҳвор ангехта.
Табъи файёзи гуҳарсанҷи Насирӣ бар дарат,
Ин ҳама гавҳар ба умеди нисор ангехта.
То фалак аз давлати обу ҳавои абру бод,
Дар гулистони ҷаҳон фасли баҳор ангехта.
Ҳар гули рӯят,ки рӯяд гирди гулзори ҳаёт,
Бод доим дар дили хасми ту хор ангехта.

## 69.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ СУЛТОН

Эй аз биҳишти рӯят дар боғи ҷон дарича,
Ҳусни ту ҷилва карда чун ҳур аз он дарича.
Гул бар равоқи мино ҳар субҳ аз орзуят,
Аз лаъл мекушояд дар бӯстон дарича.
То чашми ман бибинад зулфу рухи ту з-он аст,
Аз оҷу обнӯсаш бар заъфарон дарича.
Ашкам равону чашмам боз аз паи тамошо,
Зебост бар канори оби равон дарича.
Занҷир мекашидаш гӯё шудаст чун ман,
Девонаи каманди зулфи бутон дарича.
Чашми сиёҳрӯро чун пӯшам аз хаёлат,
Ҳаргиз касе набандад бар меҳмон дарича.

Аз мардумӣ набошад гар дида аз ту пӯшам,
Бемор чун бибандад бар рӯйи ҷон дарича?
Дар субҳ дар ҳавои рангу рухи ту хуршед,
Бар лавҳ сим дорад пурарғувон дарича.
Гӯи ки саҳни гардун хиргоҳи шаҳриёр аст,
Аз ҷурми ахтаронаш бар ҳар карон дарича.
Султон Халил шоҳе, к-аз баҳри дидани ӯ,
Хуршед мекушояд бар осмон дарича.
Кайхусраве, ки доим бӯстонсарои ҷудаш,
Аз лутф боз карда бар инсу ҷон дарича.
Саҳни равоқи қасраш олист то ба ҳадде,
К-аз вай тавон кушодан бар ломакон дарича.
Шоҳе, ки фатҳ карда мифтоҳи давлати ӯ,
Дар арсаи ду олам амну амон дарича.
Қасри туро зи рифъат меъмор дарнаёбад,
Он ҷо магар кушояд дасти гумон дарича.
Акнун,ки аз барои осоиши халоиқ,
Бикшод дасти адлат сӯйи ҷаҳон дарича.
Хатат ба посбонӣ биншаст то бадавлат,
Дигар касе наёбад раҳ андар он дарича.
То марг роҳ ёбад дар ҷони бадсиголаш,
Тири туаш кушода бар инсу ҷон дарича.
Кайвон наметавонад рух бар дари ту судан,
Кай подшоҳ кушояд бар посбон дарича?
Қасри рафеъи қудрат бикшода аз баландӣ,
Бар боми чархи ҳафтум аз фарқдон дарича.
З-осеби зӯри дастат дар ҳусни ҷони душман,
Сад ҷой беш карда гурзи гарон дарича.
Шоҳо,ниҳеби қаҳрат шояд агар кушояд,
Дар қалби навбаҳор аз фасли хазон дарича.
Донам яқин, ки давлат дар қарнҳо набандад,
Бар рӯи чун ту шоҳи соҳибқирон дарича.
То дар бари Насирӣ мадҳи ту хона созад,
Сад ҷо кушода дар дил теғи забон дарича.

Аз лутф дар ба рӯям бикшо, ки аз каримон,
Ҳайф аст агар бибанданд бар нотавон дарича.
Пайваста то мурассаъ бинамояд аз кавокиб,
Хиргоҳи осмону маҳ дар миён дарича.
Бодо даре ба олам аз хиргаҳат кушода,
То салтанат дарояд доим аз он дарича.

## 70.ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Абр меборад ба ҷое ҳар сиришке гавҳаре,
То диҳад бо наварӯси даҳр дам зеваре.
Менамояд ранг акси лола дар оби равон,
Ончунон гӯё, ки обе меравад бар озаре.
Сарафрозӣ менамояд аз канори ҷӯйбор,
Ҳар сиҳисарве ба силки қомати симинбаре.
Гӯиё шакли дарахти гул равоқи ҷаннат аст,
Сар ба дар оварда аз ҳар ғурфа ҳури дигаре.
Г-арна фирдавс аст, атрофи гулистон аз чӣ рӯст,
Рӯ ба айш оварда аз ҳар сӯ биҳиштипайкаре.
Арсаи саҳнаш ту гӯи осмонастӣ ба қадр,
Дар дарунаш ҳар парирӯйе ба ҷои ахтаре.
Мавсими май хӯрдан аст акнун,ки аҳли айшрост,
Ҳар шукуфа соғаре, ҳар булбуле хунёгаре.
Лола аз ҳасрат қадаҳ пур мекунад хуни ҷигар,
Ҳар лаби лаъле,ки бӯсе мезанад бар соғаре.
Зикри хубон гӯяду бинад рухи маҳпайкарон,
Дар чаман ҳар ҷо ки рӯяд савсане ё абҳаре.
Хусрави гул аз барои дафъи хасми шаҳриёр,
Найзадори хорро биншонда дар ҳар манзаре.
Гул сипар дар сар кашида, карда пайкон ғунча тир,
Сабзаҳо аз ҳар каноре об дода ханҷаре.
То зи шохи гул бихонад хутбаи иқболи шоҳ,
Булбул аз лаълу зумррад рост карда минбаре.

Олам аз лоларухон рангин, ки теғи шаҳриёр,
Гӯиё бар ҳар замине рехт хуни лашкаре .
Офтоби авҷ тахти салтанат Султон Халил,
Он ки ҳар теғаш бувад моликриқоби кишваре.
Эй ҷаҳондоре, ки ҳаргиз модари гетӣ назод,
Бар сипеҳри мулк монанди ту соҳибафсаре.
Маснади шоҳӣ чу ту соҳибқирон ҳаргиз надид,
Осмон қадри парирӯи малоикманзаре.
Дар қусур афтанд ҳурони биҳиштӣ бехабар,
Гар ба фирдавс аз ҳарими васл бикшоӣ даре.
В-ар чу тубо сарви қаддат соя бар хок афканад,
Пеш ҳар ҳуре зи оби дида бошад кавсаре.
То бигардад гирди майдони ту ҳар моҳ офтоб,
Дар хами чавгони моҳи нав ниҳад гӯи заре.
Ҳотам ар будӣ чу дигар бандагони матбахат,
Оташе афрухтӣ, ё рӯфтӣ хокистаре.
Дасти эҳсонат ба як бахшоиш расонидӣ ба хок,
Дар даруни баҳр агар ҳар қатра гаштӣ гавҳаре.
Гар кунад тафсири авсофи камолат ақли кул,
Аз барои шарҳ ҳар ҷузве биёбад дафтаре.
Хирмани ҷуди туро ҳар хӯшачине,ҳотаме,
Бар дари қасри ҷалолат ҳар ғуломе қайсаре.
Шояд ар нуҳ курсии пирӯза гардад марказаш,
Гар сипеҳри мулк чун румҳи ту ёбад меҳваре.
Рӯзи ҳайҷо ғайри шамшери ту аз гарданкашон,
Кас намеёрад, ки бе ҳукми ту бардорад саре.
Он замон,к-аз ҳайбати ҷангу нафири ною кӯс,
Ҳамлаи гардон барангезад ба ҳар сӯ маҳшаре.
Роҳ бар душман чунон бандӣ, ки дар вакти гурез,
Ваҳм натвонад, ки раҳ берун барад бе раҳбаре.
Тоҷдороне, ки лофи шермардӣ мезананд,
Ҳар яке бар кинат аз ҳар сӯ кашида лашкаре.
Эй малакхӯи Хизирдониш ҷаҳонгире, ки ҳаст
Бар дари борат камина чокаре Искандаре.

Гар яке кавкаб фуру шуд ҳар ғуломе аз дарат,
Ҳаст бар авҷи саодат офтоби дигаре.
Ҳар кӣ аз номардумӣ аз ту гурезад сӯйи хасм,
Тарки Исо гӯяду гардад гирифтори харе.
Гар Насирӣ ҷон диҳад аз шукри ин неъмат равост,
К-обрӯ дорад зи мадҳи чун ту донишпарваре.
То ба оби чашми абр аз хок бӯстон ҳар баҳор,
З-оташи хӯр мефурӯзад ҳар тараф бод ахгаре.
Афсараш чун лола бар хоки ҳалок афканда бод,
Ҳар кӣ ҷуз хоки кафи пои ту ҷӯяд афсаре.

## 71.ДАР СИТОИШИ НАСИРИДДИН ХАЛИЛ МИРЗО

Эй сипеҳр, аз сар бигир оини ишратпарварӣ,
К-офтоби мулк меояд ба кохи дилбарӣ.
Осмоно, домани гавҳар ба дукон ор боз,
Чун ба бозори ҷавоҳир мехиромад ҷавҳарӣ.
Он гуҳарсанҷе, ки субҳ аз шарми саррофи кафаш,
Дар замин пинҳон шаванд анҷум зи тирагавҳарӣ.
Хусраве, к-аз дасти гавҳарбори ту шармандаад,
Баҳр аз бедурию дукон фақир аз безарӣ.
То зи хоки пои ӯ сайқал барад оинаро,
Субҳ рух бинмуд меҳр аз пардаи нилуфарӣ.
Сиккаи анҷум нашуд роиҷ ба гардун, то нахуст,
Сикка бар номаш назад бар чарх шоҳи ховарӣ.
Осмон умре пуроташ дошт бӯта аз шафақ,
То зи устоди қазо омӯхт илми заргарӣ.
Хӯр нигини лаъл дода ҳалқаи заррин ҳилол,
То шуданд аз баҳри дасти қадри шоҳ ангуштарӣ.
Эй ҳумоюнқадри олиманзалат мезебадат,
К-аз сирри рифъат занӣ бо арш лофи ҳамсарӣ.
Таъна бар фирдавси аъло зан ба нузҳат, к-ин замон,
Маснади иқболи Ҷамшеду Сулаймонманзарӣ.

Эй малакхӯи Масеҳодам, ки аз буду вуҷуд,
Баҳри ӯ омад ба олам шеваи некахатрӣ.
Корсози мулки дин Султон Насируддин Халил,
Он ки аз ҷон карда ҳукмашро қазо фармонбарӣ.
Эй ки камтар чокару худдомат аз рӯйи шараф,
Сар намеорад фурӯ бо рифъати Искандарӣ.
Align Олис миқдори ғуломонат,ки нест,
Лоиқи истабли дарбони ту қасри қайсарӣ.
Раҳнамои рост тири туст, к-андар рӯзи разм,
Мекунад бар душман ҷонат аҷалро раҳбарӣ.
Кори инсоф align олист дар адлат, ки боз
Қаҳқаҳа бар ҳоли шоҳин мезанад кабки дарӣ.
Ҳар ғуломеро ба пурсиш тарбиятҳо мекунӣ,
З-он ки султон нек донад расми чокарпарварӣ.
Ҳеч нуқсон дар ҷаноби хусравӣ набвад, агар
Инчунин гаҳ-гаҳ зи ҳоли бандагон ёд оварӣ.
Охир,эй мӯре, ки меҳмони Сулаймон будаӣ.
Аз бузургӣ таъна зан бар ҳашмати деву парӣ.
Аз сарафрозӣ сазад гар бар фалак сояд кулоҳ,
Зарраеро, к-офтоби мулк бошад муштарӣ.
Дар ҳавои айш рақси маърифат кун зарравор,
Эй ки аз давлат қарини офтоби ховарӣ.
Аз Худо ирфони ин давлат талаб, чун гуфтаанд:
«Қадри зар заргар шиносад, қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ» .
Эзадат бахшад магар дарх(в)арди ин неъмат забон,
Варна ин дамро намедонам, ки чун шукр оварӣ.
Саъйи бинмо то кашӣ пеши сагони бори ӯ,
Ҳосили ҳар ду ҷаҳону ҷони ширин бар сарӣ.
Аз барои ин саодат гар биёрӣ сад чунин,
Гар зи ман пурсӣ ҳанӯз аз шарти хидмат қосирӣ.
Бар дуъо қисса ба поён бар, Насирӣ, чун туро,
Нест коре ҷуз дуъогӯию мидҳатгустарӣ.
То ки аз ишратсарои осмон чун мутрибон,
Заҳра дар оҳанг шодӣ мекунад хунёгарӣ.

Пурсурури айш бодо маҷлиси хосат мудом,
То бар авҷи давлат аз умру ҷавонӣ бархӯрӣ.

## 72.ДАР СИТОИШИ ШОДМУЛК ОҒО

Эй базми хусравӣ, ки чу хулд аз муаттарӣ,
Бӯйи туроcт хосияти рӯҳпарварӣ.
Ҳури биҳишт шояд агар баҳри ифтихор,
Ҷорӯби арсаи ту кунад ҷаъди анбарӣ.
Нақши бутони силсила мӯйи туро қалам,
Тасвир чун кунад ба хаёлоти сарсарӣ.
Аз шарм гулрухон саманбӯй саҳни туст,
Мастур гашта аз назар одаму парӣ.
Дурҳои обдори сарири мурассаъат,
Афканда хок бар сари тахти Сикандарӣ.
Эй равзаи рафеъи ҷанобе, ки арш низ,
Натавонад он ки бо ту занад лофи ҳамсарӣ.
Аз акси ранг пардаи ёқутфоми ту,
Рухсори каҳрабо шуда чун лаъли озарӣ.
Карда паи мурассаъи тахти ту субҳу шом,
Гардун гуҳарфашонию хуршед заргарӣ.
Ҳар субҳ суда чеҳраи гулгун ба сад ниёз,
Бар хоки остони ту хуршеди ховарӣ.
Шом аз фурӯғи нур машоъили соҳаташ,
Шарманда боз гашта ба ранги музаъфарӣ.
Гар хулд хонамат ту фузунӣ ба сад ҷиҳат,
В-ар арш гӯямат ту ба сад поя бартарӣ.
Шояд, ки бар ту рашк барад осмон ки ту,
Ҷои нишасти Марями Билқисманзарӣ.
Билқиси аҳд, Шодмулкбегим, он ки бахт
Нози дабири остонаи ҷоҳаш ба чокарӣ.
Гирде зи хоксудаи гардун ҷаноби ӯ,
Бар фарқи хусравони ҷаҳон карда афсарӣ.

Фарру шукуҳу мақнаъапӯшони базми ӯ,
Бишкаста қадру мартабаи тоҷи қайсарӣ.
Даст гуҳарнисори канизони хозанаш,
Бо хок дода хосияти зарри ҷаъфарӣ.
Бадри мунири авҷи сипеҳри ҳидоят аст,
К-аш офтоб мулк ба ҷонаст Муштарӣ.
Аз рӯйи истиқомати фармонбарии шаръ,
Дар ҳарду чун ба дидаи таҳқиқ бингарӣ.
Гӯё, ки зуҳди Фотимаву илми Муртазот,
Бо сирати Хадиҷаву хулқи паямбарӣ.
Ё рӯзгори васли Зулайхову Юсуф аст,
Ё даври ҳусни Оишаву меҳри меҳтарӣ?
Билқис ҳамдамии Сулаймон гузида аст,
Ё рӯзии Халил шуда васли Ҳоҷарӣ.
Баргӯ дуъои ҳарду, Насирӣ, ба сад ниёз,
Чун солҳо зи ҳалқабагӯшони ин дарӣ.
Ё Раб,ба ҳаққи Мӯсии Имрон,ки фарри ӯ,
Аз ҳам шикаст равнақи бозори Сомирӣ.
Ё Раб, ба ҳаққи хосияти мақдами Халил,
К-оташ шуд аз фурӯғи рӯхаш барги гул тарӣ.
Ё Раб, ба ҳаққи Исии Марям,ки дар дамаш
Лутфат ниҳода хосияти рӯҳпарварӣ.
Ё Раб, ба ҳаққи сурати Юсуф,ки соли қаҳт,
Васлаш ғизои рӯҳ шуд аз покманзарӣ.
Ё Раб, ба ҳаққи Сулаймон, ки пеши ӯ,
Кам аз саҳо намуд сипеҳр аз муҳаққарӣ.
Ё Раб,ба шери бешаи мардӣ, ки додааст,
Ҳангоми разм доди ҷуҳудони хайбарӣ.
Ё Раб, ба сатру иффати Заҳрою Оиша,
Ё Раб,ба нуру иззати авлоди Ҳайдарӣ.
Ё Раб, ба куштагон вафоят, ки зери хок,
Бурданд доғи меҳри ту, ихлос бар сарӣ.
Ё Раб,ба рӯйи сурхи шаҳидон, ки рӯзи ҳашр,
Бар рӯҳи қудс таъна заданд аз мутаҳҳарӣ.

Ё Раб, ба хоки пои фақирон ки рӯзу шаб,
Доранд аз хазинаи маъно тавонгарӣ.
Ё Раб,ба раҳравони муҳаббат, ки кардаанд,
Гумроҳро ба олами таҳқиқ раҳбарӣ.
Ё Раб, ба ҳаққи партави хуршеди раҳматат,
К-аз лутф хокро бирасонад ба ҷавҳарӣ.
К-ин ахтар сипеҳри саодат, ки аз шараф,
Пайваста ҳамди содаи хуршеди анварӣ.
Андар паноҳи шоҳи ҷаҳон то ба дерсол,
Аз тахту бахту давлату иқбол бархӯрӣ.

## 73.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Боз ҷаҳоннамой шуд оинаи Сикандарӣ,
Уқдаи анбарин кушод аз рухи моҳу Муштарӣ.
Зангии шуъбаданамо чун сари хуққа боз кард,
Дар бари хуққа шуъла зад муҳраи лаъли озарӣ.
Ҳиндуи муҳрадузди шаб рехт зи сими донаҳо,
Чун ба ҳариф бе ваґо дошт сари мақомарӣ.
Ҳар чӣ бихонд пеши ӯ бурд ба доди аввалаш,
З-он ба гарав ҳамекашад пираҳани муанбарӣ.
Соғари лоҷувардӣ пурбодаи лаъли ноб шуд,
Чун бинамуд субҳдам хандаи ҷоми гавҳарӣ.
Боз фиканд партави акси лавомеъи шафақ,
Дар бари турки симтан пирҳани музаъфарӣ.
То ки ба соҳил омада мавкиби хусрави саҳар,
Карда ба баҳри нилгун завраќи зар шиноварӣ.
З-аввал шом то саҳар карда бар авҷи осмон,
Зулмати шаб духонию шуълаи ахтар ахгарӣ.
Чун ба гаҳи сабуҳ шуд кӯраи субҳ пуршарар,
Румии туркчеҳраро гашт ҳавои заргарӣ.
Бӯтаи зар гудохт бар оташи тез, то кунад
Чатри рафеъи шоҳро қуббаи чатр ҷаъфарӣ.

Шоҳ Халил, он ки дар ҷанби ҷаноби оляш,
Кам зи саҳост пайкари нуҳ фалак аз муҳаққарӣ.
Шоҳе рафеъманзилат хисрави муштаримаҳал,
Эй ки сипеҳри мулкро тири ту карда меҳварӣ.
Хасм куҷо ба ҳила аз бандагии ту сар кашад?
Дарнахӯрад ба Муртазо макри ҷуҳуди Хайбарӣ.
Ҳар кӣ чу халқа рӯ ниҳад бар дари қасри давлатат,
Нест аҷаб,ки оядаш ор зи қасри қайсарӣ.
Баҳри ҳукумати ҷаҳон хасми ту ҷон фидо кунад,
Ту зи баландҳимматӣ ёди ҷаҳон наёварӣ.
З-ин сабаб ин латифаро сурати назм додааст,
Он ки ба ӯ баланд шуд мартабаи суханварӣ.
Ҳар кӣ ғами ҷаҳон хӯрад, кай хӯрад аз ҳаёт бар?
Рав ту ғами ҷаҳон махӯр, то зи ҳаёт бар хӯрӣ.
Волии осмонливо, эй ки арӯси мулкро,
Дар сафи рамзи ҷавҳарӣ теғи ту карда зеварӣ.
Хасми ту гар кашид сар худ ту бигӯ, ки кай кунад,
Рӯбаҳи пошикаста бо шери жаён баробарӣ?
Исӣ агар биёмадӣ ория хостӣ мудом,
Аз нафаҳоти хулқи ту мояи рӯҳпарварӣ.
Аз паи мадҳи хусрав аст ин ҳама сарафрозиям,
В-арна чӣ ҷои он ки ман фахр кунам ба шоирӣ?
Аз раҳи сурат арчи ман нанги фақиру муфлисам,
Лек ба фазлу донишам ҳаст басе тавонгарӣ.
Подшаҳо, раво бувад гар ба замони давлатат,
Дар ҳунар суханварӣ фахр кунам ба Анварӣ.
Аз раҳи қуввати сухан муфтахарам барои он-к
Назми варост Санҷару назми маро ту муштарӣ.
Аз раҳ қадру манзилат ҷоҳи камина чокарат,
Ҳаст чунон, ки оядаш ор зи ҷоҳ санҷарӣ.
То ки бувад дар ин ҷаҳон баҳри паноҳи инсу ҷон,
Хаймаи сабзи осмон бар сари афраш ағбарӣ.
Бод ҳамеша муртафаъ баргаҳи саодатат,
То ту ба лутф ҳоҷати халқи ҷаҳон бароварӣ.

## 74.ДАР ВАСФИ БАЛХ ВА СИТОИШИ МАЛИКИ ИСЛОМӢ

Бар сари турбати аҳбоб ба сад ҷилвагарӣ,
Агар, эй бод, ба сарҳадди Хуросон гузарӣ.
Шаҳри Балхасту сари дафтари он иқлим аст,
Кишваре ҳамчу бишт аз ҳама офоқ барӣ.
Кишваре қадри мабони-ш ба ҷое зи улвв,
Ки дар ӯ ҳеҷ намояд фалак аз мухтасарӣ.
Кишваре ғайрати фирдавс ба роҳатбахшӣ,
Кишваре сонии афлок ба олигуҳарӣ.
Ҷаҳд кун то ба ҷаноби малик-ул-исломӣ,
Нимҷоне зи мани сӯхта савғот барӣ.
Он сабукрӯҳ, ки аз таври вай омӯхтаанд,
Ҳама арбоби назар шеваи соҳибназарӣ.
Сарвро ҳамнафасӣ металабидам умре,
Ки чи қумрӣ бихурӯшем зи даври қамарӣ.
Охирам аз мадади лутфи ту дамсоз омад,
Хушнавое, ки занад қаҳқаҳа бар кабки дарӣ.
Достонҳо, ки ба ҳамдардии ӯ кардам назм,
Ҳама дар шарҳи дилафгорию хастаҷигарӣ.
Хостам баҳри ту тартиб диҳам девоне,
Ки ту аз ҳоли дили сӯхтагон бохабарӣ.
Ки баногоҳ чунон таъзиятам пеш омад,
Ки бадал гашт навоҳо ҳама бо навҳагарӣ.
Узри тақсир ҳамин буд, Худо медонад,
На гаронҷонию беҳимматию бебасарӣ.
Бар хӯр аз давлату иқбол ба пирӯзию бахт,
То ҳамеша ғами аҳволи муҳиббон бихӯрӣ.

## 75. ДАР СИТОИШИ СУЛТОН ХАЛИЛ

Боз боди навбаҳорӣ мекунад суратгарӣ,
Зулфи сунбул мениҳад бар рӯйи гул барги таре.
Хубрӯёни чаман пироя бар худ бастаанд,
То зи сар гиранд боз оини ишратпарварӣ.

Мекунад саҳни чаман дағвои базмат бо биҳишт,
Мезанад бо шохи тӯбо сарв лофи ҳамсарӣ.
Ҳар саҳар пеши парирӯёни бӯстон то ба шом,
Удсӯзӣ мекунад гулбаргу лола миҷмарӣ.
Базми айш орост гул, ҳайф аст,агар бозистад,
Қумрӣ аз нағмасаройӣ, булбул аз хунёгарӣ.
Рӯй натавонад, ки пӯшонад зи чашми одамӣ,
Дар шуъои ҷоми май гар шаб гузар ёбад парӣ.
Фурсатат хуш бод, эй булбул, ки беосеби хор,
Ҳар замон аз суҳбати гул дар навои дигарӣ.
Эй хазондида, баҳор омад марав ғофил ба боғ,
Ҷаҳди он кун, к-аз ниҳоли зиндагонӣ бар хӯрӣ.
Гар ҷудо аз васли маҳрӯе барорӣ як нафас,
Он нафасро дар ҳисоби зиндагони нашмарӣ.
Эй насими навбаҳорӣ, мекашӣ моро зи ғам,
Айшсозонро ба бӯйе дар наво меоварӣ.
Оламе аз гулшани мақсуд барҳо хӯрдаанд,
Хушк шуд бехи дарахти айши мо аз бебарӣ.
Ҳар касе бо гулъузоре дар нишоти айшу ман,
Мурда аз ҳиҷрони дарвешию ғурбатбарсарӣ.
Чораи кори ту он мебинам, эй дил, к-ин замон,
Илтиҷо сӯйи ҷаноби шоҳи маънидон барӣ.
Офтоби осмони салтанат Султон Халил,
К-осмони мулкро теғи ту карда меҳварӣ.
Эй ҷаҳонгире, ки дар даврони мулкат меканад,
Бар дари қасри ҷалолат ҳар ғуломе қайсарӣ.
То нагирад хусрави сайёра мулки нимрӯз,
Пеши худдоми ту кай ёбад мақоми чокарӣ?
Охираш сар пеши наъли маркабат бояд ниҳод,
Ҳар киро дар сар бувад савдои соҳибафсарӣ.
Ба суми асби ту шоҳон рӯйи тоат судаанд,
Ҳар кӣ з-ин гардан кашад, он аз чӣ бошад? Аз харӣ.
Гар сӯйи гардун ба султонӣ фиристӣ чокаре,
Хутбаи шоҳӣ ба номи ӯ бихонад Муштарӣ.

Бо вуҷуди давлати чун ту Сулаймон мулкро,
Кай ризо бошад, ки бо девон расад ангуштарӣ?
Хасм агар бо ту ба кин лашкар кашад, андеша нест,
Кай шавад бар Муртазо ғолиб ҷуҳуди Хайбарӣ?
Душмани пурҳила пеши теғи афъипайкарат,
Ҳаст Фиръавне, ки бо саҳбон намояд соҳирӣ.
Гар на қаҳрат обу оташро ба ҳам дод иҷтимоъ,
Аз куҷо омӯхт теғат расми оташпарварӣ.
Ҳар чӣ андешад зи хасмӣ бозгардад бар сараш,
Аз Халил ар сар кашад душман ба макри Озарӣ.
Душманат кай ёфтӣ рузи ваға роҳи гурез,
Гар ба саҳрои адам тират накарда раҳбарӣ?
Боргоҳ аз арш боло зан, ки натвонад задан,
Осмон бо риъфати қадри ту лофи бартарӣ.
Сити инсофат чунон афтод дар олам, ки боз
Дорад ӯ умедҳо аз панҷаи кабки дарӣ.
То ба ҳадде зар фидо кардӣ, ки ҳамчун бандагон,
Санг бар дил мезанад кони фақир аз безарӣ.
Хусраво, гар тарбият ёбам зи табъи анварат,
Лофи наздикӣ тавонам зад ба шеъри Анварӣ.
Аз ту медорам умед тарбият, зи он рӯ, ки ман
Зарраи ночизаму ту офтоби ховарӣ.
Аз фурӯғи нури хуршед аст к-андар қалби кон,
Санги беқимат ҳамеёбад мақоми ҷавҳарӣ.
Лафзу маънои суханро ҳам ту медонию бас,
«Қадри зар заргар шиносад, қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ».
Гар ҳама олам харидорӣ кунад, набвад аҷаб
Зарраеро, к-офтоби мулк бошад муштарӣ.
Фахр медорад, Насирӣ, ҳам ба юмни мадҳи шоҳ,
В-арна чандон нест ҷои ифтихор аз шоирӣ.
То ба нӯги хомаи тақдир наққоши баҳор,
Мекунад бар атласи сабзи чаман суратгирӣ.
Гулшани мулк аз фуруғи давлатат сарсабз бод,
То ба айшу давлат аз умру ҷавонӣ бар хӯрӣ.

## 76. ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Боз баҳор медиҳад муждаи рӯҳпарварӣ,
Хати бунафша мекашад бар вараќи гули таре.
Боди сабо ҳамекунад ҷилваи ҳурпайкарон,
То ба биҳишти ҷовидон боғ кунад баробарӣ.
Дидаи абр агар кунад домани лола пургуҳар,
Мардумию карам бувад шеваю лофи гавҳарӣ.
З-атласи сабз медиҳад сабза бисоти бӯстон,
Лола паёла мекунад пурмаи лаъли озарӣ.
З-абри баҳор ҳар гуле оби ҳаёт мехӯрад,
Нест нишони зиндагӣ, гар ту ғами ҷаҳон хӯрӣ.
Нӯш кун аз лаби қадаҳ оби ҳаёт чун Хизир
В-арна чӣ сӯз бошад аз кавкабаи Сикандарӣ.
Фасли баҳор ҳар гуле, ҷилва кунад ба булбуле,
Ман зи фироқ мурдаву меҳнату ғуссабарсарӣ.
Эй дил,агар ба бӯстон ваҷҳи  тараб камӣ кунад.
Рӯ ба ҷаноби ҳазрати хусрави аъзам оварӣ.
Шоҳ Халил хусрави шердил, эй ки хатм шуд.
Бар ту карам чунон-к бар хатми расул паямбарӣ.
Гоҳ китобати сухан суръати хома дар кафат.
Ҳаст чу моҳие, ки дар баҳр кунад шиноварӣ.
Арш куҷо ба шамсаи чатри ту ҳамсарӣ кунад?
Зарра ба офтоб чун дам занад аз баробарӣ?
Гӯ бирав аз ниёзу сар бар суми асби шоҳ неҳ,
Дар дили ҳар кӣ бигзарад даъвии соҳибафсарӣ.
Ман ба ҳаёти хештан гирди навоҳии ҷаҳон,
Аҳли камол дидаам,лек ту ҷои дигарӣ.
Ақл ба нозукӣ куҷо дарки камоли ту кунад,
Гурзаи лутфу дониш аз Тӯри ҳаёт бартарӣ.
Рӯзи ваго ба рамзгаҳ гирди суми саманди ту,
Мекунад осмонию шуълаи теғат ахтарӣ.
Хасм зи саҳми тири ту чунки ба гиря омада,
Ҳам ба забони ханҷараш гуфта аҷал, ки хунгарӣ.

Эй ки ҳама ҳунарварон ротибахӯри ин даранд,
Гар ту ба чашми тарбият дар мани хаста бингарӣ.
Ҷониби Каъбаи қабул аз дари бори ту барам,
Дар арафоти имтиҳон қофилаи суханварӣ.
То ки ба саҳни бӯстон абри баҳор ҳар саҳар,
Дар бари ғунча мениҳад хӯрдаи зарри ҷаъфарӣ.
Бод бақои гулшан зоти фалак ҷаноби ту,
То ба нашоту ишрат аз боғи ҳаёт бархурӣ.

## 77.ДАР СИТОИШИ ХОҶА МУҲАММАД ПОРСО

Эй бар арбоби талаб расми валоятгустарӣ,
Хатм бар ту, чунки бар хатми расул пайғамбарӣ.
Карда нури роят аз илм-ал-яқин кавнайнро,
Зарра-зарра сӯйи хуршеди ҳидоят раҳбарӣ.
Оламе аз меҳр ларзонанд бар ҷону сарат,
Чун ту дар ҳар сина ҷониб бари ҳар тан сарӣ.
Бо вуҷудат инсу ҷон бе миннати ҷон зиндаанд,
К-аз раҳи таҳқиқ оламро ту ҷони дигарӣ.
Чашмаҳо бикшояд аз нури ҳидоят дар дилаш,
Гар бибинад сер дар рӯят ҷуҳуди Хайбарӣ.
Нақшбанди сунъ зеботар зи ту сурат набаст,
То ба гетӣ мекунад килки қазо суратгирӣ.
Солҳо шуд то сипеҳри олами таҳқиқро,
Гавҳари поки ту қутбе карда килкат меҳварӣ.
Мурдагони маъсиятро дода лутфат зиндагӣ,
Тӯтиёни маърифатро карда нутқат шаккарӣ.
Сиратат чун файзи рӯҳ аз мояи раҳмат ғанӣ,
Тинатат чун рӯҳи қудс аз офати нуқсон барӣ.
Чун мадори ҳастии олам туӣ, набвад аҷаб
Гар кунад асрори ҳикматро қазо фармонбарӣ.
Гар ҷимоди розу айни дониш орӣ дар назар,
Ҳамчу ақли кул шавад машҳур дарди аншурӣ.

В-ар ба хоки тира нури ботинат бахшад фурӯғ,
Ҳамчу Руҳулқудс гардад дар ҳидоятпарварӣ.
Ҳамчу афлок ар қазо нуҳ поя баргирад зи нур,
Дар сафи ваъзи ту кай ёбад мақоми минбарӣ?
Эй ҳумоюнравзаи фирдавсқадр, аз маҷлисат,
Фохира дорад бар ақсои мамолик фохирӣ.
Рӯзи ваъзат қудсиён гар ваъз бар гардун баранд,
Растаи бозор нуҳ торум шавад пурмуштарӣ.
Масҷиди ақсо агар хонам, ту саҳни ҷаннатӣ,
Ҷаннат-ул-маъвот агар гӯям ту чизи дигарӣ.
Сақфи Тӯрат ар бигӯям, ту ба сад Тӯр ирфаъӣ,
Байтимаъмур ар бигӯям, з-ӯ ба сад рӯй анварӣ.
Соликони роҳи ирфонро ту иди аъзамӣ,
Зоирони Каъбаи ҷонро ту ҳаҷҷи акбарӣ.
Минбарат Тӯрест дар исори раҳмат халқро,
Карда бар авҷаш Калимуллоҳ ҳақоиқгустарӣ.
Офтоби шаръ, Шамсуддин Муҳаммад,к-аз дараш,
Мебаранд аҳли саодат мояи некахтарӣ.
Дар ҳаё абри атояш аз чӣ, аз бемоягӣ,
Дар арақ баҳр аз сахояш аз чӣ, аз бегавҳарӣ.
Маҳв карда илмаш аз офоқ нақши ҷоҳилӣ,
Баргирифта ҳилмаш аз аздод расми доварӣ.
Чун гадоён тайласон дар бар зи ҳусни толеъаш,
Мекунад дарюзаи бахту саодат Муштарӣ.
Файзи авроқи тасонифаш чу бар гардун баранд,
Шарм чун н-ояд Аторудро зи соҳибдафтарӣ?
Гӯ сари таслим бар хоки ҷаноби ҳоҷа нех,
Тоҷдореро, ки бошад завқи соҳибафсарӣ.
Айбгӯён дар сафи ваъзи ту лолу алкананд,
Чун Калимуллоҳ ба нутқ ояд, чӣ санҷад Сомирӣ?
Ҳар саҳар дар интизори рӯзи ваъзат маствор,
Субҳи содиқ мекунад аз меҳри пироҳандарӣ.
Ҳам ба сабру хилқат Айюбу Муҳаммадсиратӣ,
Ҳам ба ҳилму сурат Иброҳиму Юсуфманзарӣ.

Дар камоли ҳилм Абубакрию дар ҳайбат Умар,
Дар ҳаё Усмону дар илму шуҷоат Ҳайдарӣ.
Холису пок аз паи онӣ, ки дар аслу сиришт,
Гавҳари сероб Ансорию зарри Ҷаъфарӣ.
Як насаб танҳо на аз ту фахр дорад, к-аз шараф,
Равнақи ҳар хонадонӣ, зиннати ҳар кишварӣ.
Хонадони Ҳофизиро карда ҳифзат ҳофизӣ,
Дудмони Тоҳириро дода тифлат тоҳирӣ.
Ҳафиз-ул-милла Абӯнаср, он ки дар хурдӣ чу ту,
Карда анвори ҳақоиқро ба сад рӯ мазҳарӣ.
Дар сафояш зоҳир аз хурдӣ сифоти Исавӣ,
Дар ҷабинаш лоеҳ аз хурдӣ нишони меҳтарӣ.
Ахтаре, к-аз осмони маърифат ёбад тулуъ,
Гар ду олам нури ӯ гирад, аҷоиб нашмарӣ.
Сабз ногашта ҷаҳон пур меваи ирфон аз ӯст,
Бош, то к-ин нахл ояд дар мақоми бартарӣ.
Чун Муҳаммад ҳиммати парвардагони раҳматат,
Шаръро гоҳи муъинӣ карда, гоҳе носирӣ.
Осмонқадро,ду олам ташнаи як шарбатанд,
В-андар ин дарё лаболаб пурзулоли кавсарӣ.
Аз азоби ғафлат аҳли маъсиятро дар ду кавн,
Ту шафоат кун,ки ҳамноми шафеъи маҳшарӣ.
Оҳ, аз он савдо  ки бошад бар сари бозори ишқ,
Муштариро з-ӯ сари сандуқ баста ҷавҳарӣ.
Ҷумларо як дам зи ҷоми маърифат сероб дор,
То ба куллӣ вораҳанд аз нанги ғафлатпарварӣ.
Баъд аз он ман монаму шубҳову зорӣ бар дарат,
То кунам бар умри зоеъ дам ба дам навҳагарӣ.
Рӯзгоре дар залолат умр зоеъ кардаам,
Чашму гӯшу ҷону дилро дода кӯрию карӣ.
Хушклаб боз омада бар соҳили оби ҳаёт,
Дасти ҳиммат покшуста з-ин ҳаёти сарсарӣ.
Ман зи махмурӣ харобу дил маи таҳқиқро,
Рехта бар хоки идбор аз шикастасоғарӣ.

Эй табиби ошиқон, корам ба гумроҳӣ кашид,
З-ин мараз ҷуз ту, кӣ донад сӯйи сиҳҳат раҳбарӣ?
Шарбате фармоям аз дор-уш-шифои маърифат,
З-ин сифат бошад,ки бозам бар сари роҳ оварӣ.
Рифъат аз шеърам ба мадҳи туст, к-аз наъти набӣ,
Сад тафохур буд Ҳассонро зи фанни шоирӣ.
Ман мурод изҳори фазли хеш дорам, в-арна ту
Дар бузургию камол аз ҳар чӣ гӯям бартарӣ.
Ту ҳамонӣ гар ба ҷон мадҳи ту гӯянд инсу ҷон,
Худ Сулаймонро чӣ фахр аз ҳашмати деву парӣ?
Исмат аз ҳар мӯ забоне карда гар гӯӣ саноӣ,
Чун зи ман пурсӣ ҳанӯз аз шарти хидмат қосирӣ.
То бар атрофи раёҳин дар чаман ҳар навбаҳор,
Мекунад сарви баланд аз меҳр соягустарӣ.
Бар ҷаҳон зилли дарахт раҳматат мамдуд бод,
То ба боғ умр аз нахли саодат бар хурӣ.

## 78.ДАР СИТОИШИ ХОҶА ШАМСИДДИН МУҲАММАД

Худовандо, дилафгорам зи дарди бепушаймонӣ,
Чӣ гӯям ҳоли худ бо Ту, чу медонам, ки медонӣ.
Ба бозӣ бар сар омад умру қадри ӯ надонистам,
Кунун донистаму суде намедорад пушаймонӣ.
Ба ҷавлонгоҳи ақл,азбаски боди ҷаҳл паймудам,
Ҳама асбоби доноӣ мубаддал шуд ба нодонӣ.
Кунун дасти тиҳӣ саргашта мегардам ба ҳар кӯе,
Салоҳи кори худ гар ман надонистам, ту медонӣ.
Зи дардат рух наметобам, ба ҳар оташ, ки месӯзӣ,
Зи ҳукмат сар намепечам, зи ҳар ҳукме, ки меронӣ.
Гадои хирқабардӯшам, ба ҳар ҳолам, ки медорӣ,
Ғуломи ҳалқабаргӯшам, ба ҳар номам, ки мехонӣ.
Зи раҳгумкардагӣ умре давидам, то яқинам шуд,
Ки ин байдои мардумкуш надорад ҳеҷ поёне.

Бигуфтам аз малоик роҳ пурсам, дидам эшонро
Чу ман саргашта мегарданд дар водии ҳайронӣ.
Ҳама чун рӯҳ бигзашта зи торикию танҳоӣ,
Ҳама чун ишқ вораста зи рӯҳонию ҷисмонӣ.
Зи акси партави ҳар як чароғи маърифат равшан,
Зи нури талъати ҳар як ҷаҳони илм нуронӣ.
Зи ҳар ҷое, ки пурсидам, давои дарди дил гуфто:
Ало, то ҳалқаи иқболи номумкин биҷунбонӣ.
Ҷигар пурхун ба базми анбиё рафтам, сафе дидам,
Ҳама бар зурваи ваҳдат зада роёти султонӣ.
Ҳама дар шавқ бе парвози гӯёию хомушӣ,
Ҳама дар ваҷд мустағнӣ зи пайдоию пинҳонӣ.
Ҳама зуррот гум гашта,на зоҳир монда, на ботин,
Ҳама дар баҳр пайваста, на ҳоле монда, на ҷоне.
Чу сайри ҷумларо фориғ зи ҳоли хештан дидам,
Зи дур афтодагӣ судам ба хоки аҷз пешонӣ.
Ниёзу дарди дил сӯйи ҷаноби Мустафо бурдам,
Ки пешаш ҷумла дармонҳо фурӯ монад зи дармонӣ.
Ба доғи дарди навмедӣ чунон нолидам аз ҳасрат,
Ки аз сӯзи дилам оташ ба аҷз омад зи сӯзонӣ.
Ки ногоҳ аз даруни парда ин замзам ба гӯш омад,
Ки эй умре ба сар бурда ба беақлию нодонӣ.
Ба дунё рав, ки ҳаст он ҷо маро шоиста ҳамноме,
Ки зоти ӯст пайваста бинои умрро бонӣ.
Ба сӯйи ӯ бибар зорӣ, ба ҳар хоҷат, ки рӯй орӣ,
Зи лутфи ӯ биҷӯ дармон ба ҳар дарде, ки дар монӣ.
Сутуда Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад, к-аз тасонифаш,
Саросар мушкили ваҳдат мубаддал шуд ба осонӣ.
Малоиксайр, то аз ту ҷаҳон пурфайзи ирфон шуд,
Ҳанӯз андар сафи ваҳдат сухан пӯшида меронӣ.
Паи он к-аҳли ғафлатро раҳи таҳқиқ бинамояд,
Тасонифи ту яксон карда ақлиро ба виҷдонӣ.
Даме гар кофар садсола бинад рӯйи некӯят,
Зи ҷон тирааш партав занад нури мусалмонӣ.

Ба рӯйи чун туе аҳли вафоро ҷон чӣ кор ояд?
Ки дар ҳар қолабе руҳию дар ҳар синае ҷонӣ.
Ба ҳар ҷо қиссаи илму саховат дар миён афтад,
Кафи роди ту Уммонӣ кунад, рои ту Нӯъмонӣ.
Малоик офарин хонанд чун ту дар ҳадис ой,
Халоиқ ҷон барафшонанд, агар дасте барафшонӣ.
Зи ваъзи дилкашат мурданд муштоқон, намедонам,
Чӣ афсун дар забон дорӣ, ба зери лаб чӣ мехонӣ?
Надонам дар суханронӣ чӣ савдо пухтаӣ бо худ,
Ки ҷон бахш ба аҳли дарду накди рӯҳ бистонӣ.
Зи гуфторат ғизоии рӯҳ ёбанд аз даме сад раҳ,
Ҳама арвоҳи қудс оянд бар хонат ба меҳмонӣ.
Ту ҳар рӯзе, ки толеъ мешавӣ, хуршед мегӯяд,
Зиҳӣ миннат, ки шуд чашмам ба рӯят боз нуронӣ.
Нагунҷад офтоб аз шавқ дар офоқ агар рӯзе,
Ба хилватхонаи файзи ту раҳ ёбад ба дарбонӣ.
Ба ҷаннат гар ту бихромӣ, кунад гул оташ афрузӣ,
В-агар дӯзах барад номат, кунат оташ гулистонӣ.
Зи ту як партави дидору шаҳр эман зи торикӣ,
Зи ту як ҳусни тадбиру ҷаҳон ториғ зи вайронӣ.
Ту дар лутфу вафо умре аз он бо кас намепоӣ,
Ту дар ҳусну сафо ҷонӣ, аз он бо кас намемонӣ.
Барои дафъи Фиръавни ҷаҳолат чун Калимуллоҳ,
Ту бинамуда яди байзову килкат карда суъбонӣ.
Ду олам барои як тамошои ту ҷон бозанд,
Ҳанӯз, эй Юсуф, афзун кун баҳои худ, ки арзонӣ.
Ту Нуъмонию гар авқоти нури чашми шаръ ин аст,
Ба андак рӯз хоҳад шуд Имоми Аъзами сонӣ.
Ягона хоҷаи аъзам Абунаср,он ки пайваста,
Ба фарри Ҳайдарӣ дорад камоли ҳилми Усмонӣ.
Зи арвоҳи салаф будам хиҷил умре, ки буд аз ман,
Кутуб дар гарди ҳирмону варақҳо дар парешонӣ.
Маро гар умр зоеъ шуд, кунун уммед медорам,
К-аз ӯ ин хонадон дигар набинад хавфи вайронӣ.

Каримо, ид наздик асту Исмат кушта шуд з-ин ғам,
Ки дар қурбонгаҳи дардат намеарзад ба қурбонӣ.
Гадоёни тиҳидаситем ҳоҷат пешат оварда,
Ки набвад чора мӯронро зи даргоҳи Сулаймонӣ.
Тавофи хоҷиён дорем гирди Каъбаи кӯят,
Ҳама дар тавфи бебаргӣ зада лаббайки урёнӣ.
Ҳама бар роҳи дилҷӯӣ кушода чашми навмедӣ,
Ҳама бар хоки маҳрумӣ ниҳода рӯи ҳайронӣ.
Фалакқадро, ману ҷоне бар ин дар ҳамдамӣ дорам,
Ки бошад ҳамдами ҷонӣ шафеъи ҳамдам ҷонӣ.
Ман имрӯз ин саодатро надонам шукр чун гӯям,
Ки дар базми ту Исматро шуд ӯ носир ба Ҳассонӣ.
Агар ман лоиқи ҷалби қабулат нестам боре,
Назар бар ҳоли у афкан ба ҳар лутфе, ки битвонӣ.
Худовандо, ба ҳаққи он ки ҳоли ҷумла мебинӣ,
Худовандо, ба ҳаққи он ки рози ҷумла медонӣ.
Ки ин хуршеди давлатро мунаввар дор пайваста,
Ки дар ҷурму гуноҳ моро кунад ҳифзаш нигаҳбонӣ.

## 79.ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

Дӯш он нигор бар сарам омад ба дилбарӣ,
Омӯхта ба ҳар мижа рамзе зи соҳирӣ.
Аз ханда дар муфарраҳи ёкутии ду лаб,
Таркиб карда хосияти рӯҳпарварӣ.
Бахри каманди рӯҳи пароканда тор-тор,
Бар офтоб силсилаи зулфи анбарӣ.
Аз чашм фитнапарвару зулфи сиёҳкор,
Нав карда дар ҷаҳон равишу расми кофарӣ.
Овехта ба гӯш бар аз ришта дур чунон-к,
Хуршедро муқорина афтад ба Муштарӣ.
Дар мактаби малоҳати ҳусн аз адиби ишқ,
Н-омӯхта ба ғайри ҷафову ситамгарӣ.

Ман уфтода бар тарафе зору нотавон,
Даст умед шуста аз ин умри сарсарӣ.
Бар лаб расида ҷон, ки баногаҳ зи бӯйи васл,
Шуд тоза боз гулшани айш аз муаттарӣ.
Ҷисми чунон заиф,ки гоҳи мувозана,
Аз заъф бо хаёл набудаш баробарӣ.
Бечора он ки давр зиёросту мекашад,
Дарди фироқу меҳнати айём бар саре.
Фарёдрас ба оқибатам нола шуд, ки кард
Он моҳрӯ ба сӯйи мани хаста раҳбарӣ.
Чун чашм боз кардаму дидам хаёли ёр,
Аз ҳайратам намонд маҷоли суханварӣ.
Аз лаззати мушоҳида рафтам чунон зи ҳуш,
К-омад ба ноз бар сарам он ғайрати парӣ.
Бигирист бар ману сарам аз хок баргирифт.
Бинҳод бар канор ба оини дилбарӣ.
Гуфто: Мабош тира чу хуршед аз они туст,
Абрӯтараш мадор чу ҳам тунг шаккарӣ.
Умри азизи ту чу манам тирадил мабош,
К-айёми он расид, ки аз умр бархӯрӣ.
Дар пояш уфтодаму гуфтам, ки аз куҷост
Бо ин гадо навозию бечорапарварӣ?
Гуфто: Чу дидамат ба каманди фироқ асир,
Раҳм омадам, ки ҷон ба ғаму ғусса биспарӣ.
Гуфтам, ки: Эй ҳазор чун ман куштаи ғамат,
Эй офтобро зи ҷамолат мунаввярӣ.
Гуфто: Ғам аз ту нест, вале гар шавӣ ҳалок,
Бар остони шаҳ кӣ кунад мадҳгустарӣ?
Ин дилнавозӣ аз паи он мекунам, ки ту,
Мидҳатсарои хусрави Ҷамшидманзарӣ.
Султон Халил, он ки сарири саодаташ,
Бурда шукуҳу равнақи тахти Сикандарӣ.

Он сидрарифъате, ки ба хиргоҳи иззаташ,
Арши маҷидро нарасад лофи ҳамсарӣ.
То ғоятест рифъати мулкаш, ки бар фалак,
Бошад камина хутбасароеш Муштарӣ.
Нуҳ чарх пеши боргахи арши рифъаташ,
Дар хаййизи вуҷуд наянд аз муҳаққарӣ.
Нанмуд рух ба душмани ҷоҳат арӯси мулк,
Оре, ба чашми ростбин лоиқ бувад парӣ.
Эй бахт, пой бар сари арши маҷид зан,
Чун маснади ҷалоли Худованди акбарӣ.
В-эй тоҷ бар сар омадаи коинот бош,
Чун фарқбӯс подшаҳи ҳафт кишварӣ.
Шоҳо, ба ҳила хасм зи ту ҷон куҷо барад,
Ҳангоми кин чу теғи сиёсат бароварӣ?
Дар маъразе, ки муъҷаз суъбон шавад падид,
Фиръавнро чӣ кор кушояд зи соҳирӣ?
Хуш моҳиест ханҷари ту к-аз қитоли хасм,
Дар баҳри хун кунад ҳамасола шиноварӣ.
Ҳангоми разм бар дилу ҷони адӯ зи захм,
Эй тир, рост бигзару в-эй найза, хунгарӣ.
Гурзи ту саргарон аст, ки дар даври кинааш,
Кардаст косаи сари хасми ту соғарӣ.
Дар нимшаб чу оташи теғат занад алам,
Бар фарқи хасм мӯй тавонӣ, ки бишмарӣ.
Субҳ аз нафиру дабдабаи кӯси давлатат,
Гӯши адӯ чу ҷазри асам ёфта карӣ.
Ҷуз бар камон накарда ба даври ту халқ зӯр,
В-он ҳам барои маслиҳати мулкпарварӣ.
То ту нишастаи ба хилофат хилофро,
Хамчун хилоф ном баромад ба бебарӣ.
Хунрез меҳрат ар ба ҷаҳон оташе занад,
Бардорад аз миёнаи аздод доварӣ.

Рӯбоҳ агар зи каҳри ту ёбад, мадад кунад,
Умре миёни бешаи мардӣ ғазанфарӣ.
Файёзи ҳиммати ту ба вақти ато диҳад,
Бо ҷинну инс то ба қиёмат тавонгарӣ.
Гар аз сафои хулқи ту огаҳ шавад саъир,
Чун оташи Халил шавад пургули таре.
Шоҳо, барои мадҳи ту аз лутфу нозукӣ,
Ҳеҷам ба даст нест ба ғайр аз муқассирӣ.
Гар умр гӯямат ту азизӣ ба сад ҷиҳат,
В-ар ҷисм хонамат ту чу руи мусаввар ӣ.
Хуршедро, ки анвари аҷроми анҷум аст,
Бо рои равшанат нарасад лофи анварӣ.
Оҷиз шавад ба вақти саноят агар канад,
Саъдӣ ғазалсароию маддоҳӣ Анварӣ.
К-аз рӯйи қадру ҷоҳ камин посбони ту,
Розӣ намешавад ба мақомоти Санҷарӣ.
Арбоби шеър ҷумла зи мадҳи ту оҷизанд,
К-авсофи чун туе набувад ҳадди шоире.
Дар фанни шеър аз ҳама хуштар муболиғаст,
К-аз таври мадҳу васф ба сад моя бартарӣ.
То омадаст дурри маонӣ ба силки назм,
Ҳаргиз надидааст ба мисли ту ҷавҳарӣ.
Мидҳатсаро басест, Насирӣ, ба бори шоҳ,
Эй бар ту офарин, ки ту аз ҷумла бартарӣ.
То зиндаӣ ба пеши сагони ҷаноби ӯ,
Даъвои бандагӣ куну иқрори чокарӣ.
Шеър аз тамаъ магӯю бар он шав, ки дар ҷаҳон,
Номе ба мадҳи шоҳ гузорю бигзарӣ.
Ҳар к-ӯ барои ҳосили дунё ҳунар фурӯхт,
Дунё ба даст н-омаду шуд илм аз ӯ барӣ.
Ту шоҳро талаб, маталаб мулку ҷоҳу мол,
Чун ганҷ аз они туст, чӣ муҳтоҷ гавҳарӣ?

Ҳар к-ӯ бар остони қаноат нашуд чу хок,
Зудаш тамаъ зи аҷз кунад хору бар даре.
Ё Раб,ба обрӯи қаноат, ки бандаро,
Шукре бидеҳ ба мартабаи фақру безарӣ.
То пеши чашми ҳиммати ман коинотро,
Набвад ба хоки пои шаҳаншаҳ баробарӣ.
То баҳри сайди рӯҳ кунад чашму зулфу хол,
Бар орази бутони паричехра зеварӣ.
Ороста зи ҷоҳи ту бодо арӯси мулк,
То ту ба айш ҳар нафасаш дар баробарӣ.

# ҒАЗАЛИЁТ

## 1

Эй дидаи асрор ба дидори ту бино,
Хуршед дар анвори ту чун зарра ҳувайдо.
Аз хиҷлати оёти каломат шуда барбод,
Чун дафтари гул нусхаи эъҷози Масеҳо.
Чун нури қидам лавҳи замири ту барафрӯхт,
Сад сурати фатҳ омад аз он оина пайдо.
Бе сайқали хоки қадами нурфизоят,
Миръоти ҳақоиқ нашуд аз занг мусаффо.
Эй дар шаби исро шуда помоли Буроқат
Чун сатҳи замин кунгураи торуми хазро.
Хуррам зи сафои қадамат равзаи фирдавс,
Равшан зи фурӯғи назарат чеҳраи ҷавзо.
Ҳар хай, ки зи гулзори ҷамоли ту чакида,
Дар қалби хазон раста гул аз сахраи аъмо.
Эй чеҳраи субҳ аз рухи зебои ту равшан,
В-эй турраи шом аз сари зулфи ту мутарро.
Бо оби шафоат назари лутфи ту имрӯз,
Шуста рақами маъсият аз саҳфаи фардо.
Гар шаҳди шафоат надиҳӣ хастадилонро,
Ҳаргиз нарасад иллати исён ба мудово.
Андар канафи Исматам аз баҳр карам соз,
Серобу чунин ташна макуш бар лаби дарё.

## 2

Эй дарди ту роҳати ҷигарҳо,
Рухсори ту қиблаи назарҳо.
Оҳиста хиром, то намонад
Зери суми маркаби ту сарҳо.
Чашмам ҳама рӯз дар паи туст,
Хунобачакон ба раҳгузарҳо.
Ҳар рӯз насими ғам зи кӯят
Орад ба ҳалоки ман хабарҳо.

Ту шоҳию оламе чу Исмат,
Баста ба ғуломият камарҳо.

**3**

Эй зулфи диловезат, оромгаҳи ҷонҳо,
В-эй ғамзаи хунрезат, ғоратгари имонҳо.
Бо ғамза чу бишкофӣ ҳар пораи дил ёбӣ
Чун ғунча гули соир пурхуншуда пайконҳо.
Махром ба ҳар кӯе, к-аз хори ситам чун гул,
Бар ҳар сари кӯйи ту чок аст гиребонҳо.
Онро, ки ба хунхорӣ дар кӯйи ту бадхӯ шуд,
Дил беш кай осояд аз гашти гулистонҳо?
Бемори туам, дардам дармон зи лаби худ кун,
То боз раҳад Исмат аз миннати дармонҳо.

**4**

Омадӣ бозу ҷароҳат тоза кард ин синаро,
Бори дигар зинда кардӣ куштаи деринаро.
То ғубори дил тамом аз оташи ҳиҷрон насӯхт
Аз таҷалии рухат равшан накард оинаро.
Покбозон кай зи шамшери ситам тобанд рӯй?
Чун даруни ҷон вафо шуд раҳ намондӣ кинаро.
Дилнавозӣ кун даме, меҳмони мо бош,эй хаёл,
Равшанӣ деҳ соате хилватсарои дидаро.
Аз навои уд, агар Исмат нагаштӣ пардасӯз,
Раҳни абрешим накардӣ хирқаи пашминаро.

**5**

Эй он ки барандохтаӣ расми вафоро,
Якбора фаромӯш макун ҷониби моро.
Аз пой дарафтодаму аз сар хабарам нест,
Ҳаргиз  накунӣ ёд мани бесару поро.
Равшан шавад аз зулмати шаб партави хуршед,
Аз ораз агар барфиканӣ зулфи дуторо.

Гар як гиреҳ аз кокули мушкин бикушоӣ,
Дар даври ту кас бӯ накунад мушки Хиторо.
Сармаст дарафтода дар абрӯи ту чашмат,
Оварда зи мастӣ ба сари хеш балоро.
Бар меҳри ту то сабзаи хат сар бадар овард,
Бишнохт дилам хосияти меҳргиёро.
Гуфтам ба каф орам ба дуъо домани васлат,
Гӯё магар акнун асаре нест дуъоро?
Исмаат, макун андеша зи гуфтори рақибон,
К-овози сагон кам накунад ризқи гадоро.

**6**

Эй он ки одат кардаӣ бо ошиқон бедодро
Фарёд, к-аз дасти ғамат, раҳ баста шуд фарёдро.
Чашмат ба теғи ғамзаат хоҳад, ки резад хуни ман,
Чун сайд гирад, одати куштан бувад сайёдро.
Эй дил, аз он номеҳрубон бӯи вафодорӣ маҷӯй,
Ширин аз онҳо нест, к-ӯ раҳме кунад Фарҳодро.
Вақте чу аҳли савмаа ман низ дарде доштам,
Чун зикри соқӣ гуфта шуд, барҳам задам авродро.
Пироҳани номусро, Исмат, ба риндӣ пора кард,
"Панди падар монеъ нашуд расвои модарзодро".

**7**

Эй рухат қиблагоҳи аҳли сафо,
Шамъи рӯйи ту нури дидаи мо.
Эй дарат маскани шикастадилон,
Сари кӯйи ту ҷаннат-ул- маъво.
Ҳар кӣ дорад ба сина ганҷи ғамат,
Дорад аз ҳарду кавн истиғно.
Маҳ фурӯ рафт чун ҷамоли ту дид,
Пеши хуршед зарраро чӣ бақо?
Исмат аз ҷон кашид дарди ғамат,
Ки ба умре набурд номи даво.

**8**

Чанд пароканам намак реши ба хун нуҳуфтаро?
Теғи кушандагӣ бидеҳ чашми ба ноз хуфтаро.
Аз лаби оташини ту оби ҳаёт мечакад,
Нозукии дигар бувад ғунчаи навшукуфтаро.
Чун ту ба ханда нам диҳӣ лаъли шакарфурӯшро,
Дида ба хоки раҳ диҳад дурри бар об суфтаро.
Бандагию иродат аз дарди ниҳон зиёда шуд,
Меҳру вафост хосият дӯстии нуҳуфтаро.
Исмат, агар ба ҷон расӣ, ҳоли ҷигар ба дил магӯ,
Камасарӣ бувад самар рози ба ғайр гуфтаро.

**9**

То ишқ инон гирифт моро,
Дил аз ду ҷаҳон гирифт моро.
Аввал ҳама рахти офият сӯхт,
Оташ чу ба ҷон гирифт моро.
Дил бар сари кӯчаи маломат,
Бисёр инон гирифт моро.
Чун шукри балои ҷон нагуфтем,
Имрӯз ҳамон гирифт моро.
Гуфтем зи дарди дил бинолем,
Ғам роҳи фиғон гирифт моро.
Ноёфта аз лаби ту коме
Халқе ба забон гирифт моро.
Исмат, сари хеш гир, чун дил
Аз ному нишон гирифт моро.

**10**

Шарбат шифо набахшад бемори орзуро,
Эй пардадор, бозам бинмой рӯйи ӯро.
Гуфтам нуҳуфта гирям, хун дар ҷигар гираҳ шуд,
Худ зардрӯй гардам чашми сиёҳрӯро.

Як раҳ ба азми куштан бихром то бимирам,
То кай ба ваъда дорам ҷони баҳонаҷӯро?
Гар ҳамчу гарди роҳе бар остон биёям,
Боре ба дида молам пои сагони кӯро.
Исмат, чу з-он сари кӯ бори сафар бибандӣ,
Дар зулфи ӯ гираҳ кун ҷисми чу тори мӯро.

**11**

Магар насиба ҳамин буд аз ҷаҳон моро?
Ки сӯхт оташи ҳиҷрони дӯстон моро.
Гудохтем зи дурӣ, чунон ки наздик аст,
Ки дуди оҳ барорад бар осмон моро.
Куҷост ғам, ки занад оташе ба хирмани умр?
Ки ҳаҷр дуд баровард аз устухон моро.
Мусоҳибон ҳама рафтанду шаҳр холӣ шуд,
Кӣ раҳ барад ба рафиқони корвон моро?
Чӣ гуна даъвии Исмат кунем ин соат,
Ки бори умр бибастанд аз ҷаҳон моро?

**12**

Ҳавои рӯйи некон  мебарад он шӯхи бадхӯро,
Чунин баргашта аҳволе кай ояд ошиқи ӯро?
Ҷафокори маро дил сайди хубону ман аз ғайрат,
Зи шаҳр овора мехоҳам ҳама хубони бадхӯро.
Ҷафоҳое, ки ман дидам куҷо роҳӣ тавонам шуд,
Ки бо ӯ ёри бадхӯ менамояд рӯйи некӯро.
Пас он нокас хабар ҳаргиз наёбад дидани рӯяш,
Ба хуну ашк гил созам саросар хоки он кӯро.
Касе, к-аз мижа сайди тири рӯй канд, Исмат
Ба хуни чун тӯе кай раҳ намояд чашми ҷодуро?

**13**

Гиря ба об медиҳад шоҳнишини дидаро,
Ҷои хаёли хун кунад хонаи намчакидаро.

Эй ки ба ғамза мекушӣ ташнаи лаъли хешро,
Ғарқаи мавҷи хун макун ҷони ба лаб расидаро.
Хастаи тири ту дигар бастаи зулфи кас шавад,
Дил сӯйи дом кай кашад, сайди шикордидаро?
Наргиси хобрафтаро қасд ба хуни мо макун,
Ёди ситам чӣ медиҳӣ фитнаи озмударо?
Исмат, умеди зистан нест зи чашму абрӯяш
Кай сари мармаре бувад турки камонкашидаро?

**14**

Дар чаман то дидам он хуршеди оламтобро,
Равнақи дигар намебинам гули серобро.
Ҷон ба шодӣ медиҳам, бошад, ки як бори дигар
Ғарқи хуни хеш бинам теғи он қассобро.
Хизр агар аз лазати мастӣ хабардор омадӣ,
Ҳамчу оби зиндагӣ хӯрдӣ шароби нобро.
Муҳтасиб гӯ, дар хами абрӯи маҳрӯён бубин,
Дар мақоми маст бошӣ гӯшаи меҳробро.
Исмат, аз гиря намебинад хаёлашро ба хоб
Дида чун пурхун шавад, кай роҳ монад хобро?

**15**

То нози ту бошад, накашам нози касеро,
Дар гӯшаи дил раҳ надиҳам рози касеро.
Гар қомати дилҷӯи ту бинам дигар аз чашм
Обе надиҳам сарви сарафрози касеро.
То тири ҷигардӯзи ту бошад ба дили реш,
Кай роҳ диҳам ғамзаи ғаммози касеро?
Гӯшам ба ғубори қадам андозу бикун муҳр
Бе ту шунавам нимашаб овози касеро.
Аввал бикаш аз косаи сар дидаи Исмат
В-он гоҳ бибин чашми назарбози касеро.

**16**

Эй шаммае зи ҳалқаи зулфи ту мушки ноб,
Камтар зи зарра пеши рухат моҳу офтоб.
Хуршед дид бар сари кӯят намози шом,
Шуд ғарқи хун зи хиҷлату бигрехт дар ниқоб.
Мо ҳамчу ҳалқа рӯй бад-ин дар ниҳодаем,
Дигар намеравем аз ин дар ба ҳеҷ боб.
Умрест то зи тавбаи май дар хиҷолатем,
Эй сад ҳазор тавба зи кирдори носавоб.
Майро ҳисоб ҷуз ба қиёмат намекунанд,
Соқӣ, биёр бода, ки нӯшем бе ҳисоб.
Исмат шунуд, к-аз дари ӯ меравад рақиб,
Гуфт аз даруни ҷон, ки заҳоба било иёб.

**17**

Эй бар ҷигарам доғи ту ҳар рӯз зиёдат,
Рафтию ғами сӯхтагон рафт зи ёдат.
Эй лаъли туро хӯрдани хун пешаву оин,
В-эй чашми туро ғорати ҷон шеваю одат.
Гаҳ-гаҳ қадаме ранҷа ба пурсидани ман кун,
К-аз хори ҷудоӣ надамад варди иродат.
Мо бар сари раҳ хаставу афгор бимурдем,
Дар орзуи он ки ту оӣ ба аёдат.
Исмат, ғазалеро, ки ба номи ту сарояд,
Ҳар байт бувад толеъи хуршеди саодат.

**18**

Эй аз хумори чашми ту аҳли салоҳ маст,
Лутфе, ки дар ҷамоли парӣ нест, дар ту ҳаст.
Ҳар дам хаёли қадди ту чун бахт бар сарам
Меояду зимоми худам меравад зи даст.
Гар пеш аз ин Халил шикастӣ бут, ин замон
Омад Халилу шуд ҳама офоқ бутпараст.
Умре ба аҳли дил дари хилват бибаст шайх,
Соқӣ, ба аҳли майкада як рӯз дар набаст.

Исмат, чу муҳтасиб ба харобот рафт дӯш,
Ӯ мешикаст соғару ӯ тавба мешикаст.

**19**

Аҳли дилро ҷониби мақсуд роҳи дигар аст,
Мулки маъниро фурӯғ аз подшоҳи дигар аст.
Куштаи рафтори он сарвам, ки чашми нозукаш,
Ҳар замон дар қасди хуни бегуноҳи дигар аст.
Гарчи май хӯрдан гунаҳгорист, аммо чун кунам
Тавба ҳам бар мазҳаби риндон гуноҳи дигар аст.
Каъбаи ҳоҷоти мо кӯи харобот асту бас,
К-аз ҳақиқат ҷониби он кӯй роҳи дигар аст.
Исмат ар кардӣ гуноҳе домани маъшуқ гир,
К-аҳли дилро домани лутфаш паноҳи дигар аст.

**20**

Эй ба даврат ошиқонро аҳду паймони дуруст,
Аҳли маъниро ба каф зулфи ту имони дуруст.
Гар чунин доманкашон оӣ хиромон дар самоъ,
Дар ҷаҳон кам хирқаро монад гиребони дуруст.
Гар ба теғи ноз бишкофӣ дили садпораро,
Бошад аз тири ту дар ҳар зарра пайкони дигар.
Аз ғами ҳаҷрат ҷаҳонеро дарун пуроташ аст,
Нест аз дасти ғамат дар ҳеҷ тан ҷони дуруст.
Гар ба гӯши ӯ расад,Исмат, зи дардат нуктае,
Гирад аз назми ту ҳарфе ҷои девони дуруст.

**21**

Эй шаҳсавори ҳусн, ки олам хароби туст,
Ҳар сӯ, ки меравӣ дилу ҷон дар рикоби туст.
Аз ҳусни моҳ олам аз он нур мебарад,
К-ӯ партаве зи орази чун офтоби туст.
Рӯзе, ки тира мегузарад аҳли дардро,
Шак нест,  к-офтоб ба зери ниқоби туст.

Хун рехтан ба ҷавру натарсидан аз савол,
Пайваста кори ғамзаи ҳозирҷавоби туст.
Исмат зи хеш давлати бедор кам надид,
З-он дам ки масти наргиси бисёрхоби туст.

**22**

Оташи ҳиҷрон ҳаёти ҷони афгори ман аст,
Гиряи гарм обрӯи чашми бедори ман аст.
Бо ҳазор андеша шабҳои ҷудоӣ то ба рӯз,
Ҳамчу шамъ аз оташи дил сӯхтан кори ман аст.
Дил зи гашти гул кай осояд кунун, к-аз рӯйи дӯст,
Кунҷи навмедию ҳасрат боғу гулзори ман аст?
Доғи дил бинмудамаш, гуфто ба хунаш тоза дор,
К-ин ҷароҳат ёдгор аз чашми хунхори ман аст.
Аз ғами дурӣ ба ашки хештан ҷӯям халос,
Чун гувоҳи Исмати ман гиряи зори ман аст.

**23**

Эй он ки нонишаста бувад азми рафтанат,
Гар мирам аз фироқи ту, хунам ба гарданат.
Мехоҳам аз Худо, ки шавам дар раҳи ту хок,
Бошад, ки рӯйи хеш расонам ба доманат.
Эй шамъи ҷон, мадеҳ нафасе то ба сӯзу дард,
Ҳоли даруни хаста бигӯем равшанат.
Бечора дил дар оташи андеша шуд кабоб,
Аз рашки он ки дид ба паҳлӯи душманат.
Исмат, чӣ тавба мекунӣ аз ҷоми май, ки боз
Хоҳад расид мавсими тавба шикастанат.

**24**

Азбаски оташи ҷигарам ғайри ҷон насӯхт,
Дар ҳайратам, ки чун зи дами ман ҷаҳон насӯхт.
Он дам, ки килки сунъ хаёли хати ту баст,
Аз лаъли оташини туаш чун забон насӯхт?

Чандин ки бе рухи ту баровардам оҳи гарм,
Хуршедро чӣ буд, ки бар осмон насӯхт?
Гуфтам тани низор зи оташ шавад кабоб,
Оташ, ки даргирифт ба ҷуз устухон насӯхт.
Исмат, бар остони қабулат наёфт роҳ,
То сад раҳаш дар оташи ғам хонумон насӯхт.

**25**

Бикшой лаб, ки масти шакарханда бошамат,
Бикшой чеҳра, к-аз дилу ҷон банда бошамат.
Меафканам ба ҳар сари раҳ устухони хеш,
То хоки роҳи сарви хироманда бошамат.
Тире зи чашми арбадаҷӯ мардумӣ намой,
То ҷон диҳам зи шодию шарманда бошамат.
То банда бод бар суманат сунбули ду зулф,
То бандаи ду сунбули тобанда бошамат.
Якборагӣ ба куштани Исмат барор теғ,
То кай ба қатли хеш шитобанда бошамат?

**26**

Бар сари хони муҳаббат туъмаи хосон ғам аст,
Хастаи теғи ҷафоро ранҷу меҳнат марҳам аст.
Хоки хориро ба оби ғам сириштанд аз нахуст,
То кафе гил шуд, ки бунёди вуҷуди Одам аст.
Ақлро гирди ҳидоятхонаи дил раҳ мадеҳ,
К-андар асрори вафо Рӯҳулқудус номаҳрам аст.
Аз хаёлоти румузи ишқбозӣ нуктаест
Сирри ҳар ҳикмат, ки дар ҳафт ахтари нӯҳ торам аст.
Салтанат мафрӯш к-андар растаи бозори умр,
Ҳосили садсола султонӣ баҳои як дам аст.
Аз саробӯстони давлат меваи шодӣ маҷӯй,
З-он ки камтар мева з-ин боғ инқилоби олам аст.
Ҳамчу Исмат гӯйи айш он бурд дар майдони дард,
К-аз вуҷуди ғусса шод, аз суҳбати ғам хуррам аст.

**27**

Ба рӯҳ бош қарин, ҷисмро чӣ дорӣ дӯст?
Чу дона мағз намо, дил чӣ бастаӣ дар пӯст?
Ки дур(р) агарчи ба дарё натиҷаи садаф аст,
Бибин вуҷуди садаф чун ҳубоб қиммати ӯст.
Вуҷуд бар сари мӯест сар ба сар савдо,
Ки кори ҳар ду ҷаҳон пойбани он сари мӯст.
Агар ту он сари мӯро зи бех баркандӣ,
Ҷаҳону ҷон ҳама ӯ шуд, намонд, илло, дӯст.
Зи майпарастию риндӣ, ки ишқ шуълаи ӯст,
Касе маломати Исмат кунад, ки беҳудагӯст.

**28**

Тире задию хуни ҷигар сӯйи дарун рафт,
Ҷон роҳгузар ёфт, аз он рахна бурун рафт.
Месӯхт зи ҳар партави умри ту ҷаҳоне,
Дар ҳайратам аз дил, ки ба наздики ту чун рафт?
Азбаски нами ғусса фурӯ рехтам аз чашм,
Дилҳои рақибон ҳама дар вартаи хун рафт.
Беҳушам аз он шеваи мардона, ки аз дард
Ҳар дил, ки дар ӯ дид, ба занҷири ҷунун рафт.
Аз ҳеҷ сияҳчашми дилозор нарафтаст
Бар Исмати озурда ҷафое, ки кунун рафт.

**29**

Туӣ, ки Оби ҳаётат ба чашмаи нӯш аст,
Хирад зи ваҳми даҳони ту рафта аз ҳуш аст.
Сифоти ҳусни ту савсан куҷо тавонад гуфт?
Забони нотиқа аз мидҳати ту хомӯш аст.
Маро, ки фикри даҳонат кашид сӯйи адам,
Бибин, ки зулфи ту имшаб ба ҷониби дӯш аст.
Нахӯрд аз лаби лаъли ту ҷуръае Исмат,
Ҳазор сол гузашту ҳанӯз мадҳуш аст.

**30**

То дил ғами он шеваи мастона надонист,
Тадбири ҳаёти мани девона надонист.
Ҷон сӯйи лабаш рафту аз он бодаи гулранг,
Шуд маст бад-он сон, ки раҳи хона надонист.
Бар холи сияҳ зулф пароканд, магар ёр
Дар доми бало беҳтар аз ин дона надонист?
То ишқ зи ҳоли мани девона хабар ёфт,
Шарҳи ғами Маҷнун ба ҷуз афсона надонист.
Аз мадраса то рафт сӯйи майкада, Исмат
Ғайр аз сухани соғару паймона надонист.

**31**

Тобанда бод теғи ту, то банда бошамат,
Ҳар дам ба хуни хеш шитобанда бошамат.
Мардум дар ин ҳавас, ки хиромӣ ба нозу ман,
Чун куштагон ба хоки раҳ афканда бошамат.
Якборагӣ ба лаъли ту хоҳам супурд ҷон,
То кай зи новаки мижа шарманда бошамат?
Беҳушаму ба пои ту аз даст рафтаам,
Ман низ як шаҳиди шакарханда бошамат.
Дорам умеди он ки чу Исмат ба сад ниёз
То зинда бошам, аз дилу ҷон банда бошамат.

**32**

Ҷуз дарди ишқ дар дили мо ҳеҷ дард нест,
Онро, ки дард нест, бар онам, ки мард нест.
Эй дил, ба дард соз, ки назди табиби ишқ,
Дармон наёфт, ҳар кӣ сазовори дард нест.
Хосияти самоъ зи аҳли яқин шунав,
К-ин шева кори мардуми беҳудагард нест.
Мардон ба пеши тири бало ҷон сипар кунанд,
Номардро таҳаммули рӯзи набард нест.

Зор аст Исмат аз ғаму маҳҷуру ҳамдамаш,
Дар оташи фироқ ба ҷуз оҳи сард нест.

**33**

Чу дил ба дасти ту, эй моҳи маҷлисоро рафт,
Матои умр ба тороҷи як тамошо рафт.
Зи сунбули ту магар ҳалқае рабуд насим?
Ки дил ба ғорату ҷон дар каманди савдо рафт.
Бар он мариз ҳаром аст ангубини лабат,
К-аз ӯ чашиду паи шарбати Масеҳо рафт.
Ба ноз баргузару ваҷду сӯзам афзун кун,
Ки оташи дилам аз қоматат ба боло рафт.
Хаёли сарви ту аз ҷӯйбори дида ба ноз,
Бирафту умри азиз аз пояш ба яғмо рафт.
Ҳазор доғи куҳан ҷони хаста бо дили реш,
Ба ёдгор ниҳоду зи сина танҳо рафт.
Кашид боз ба қайди ниёз Исматро,
Чу дил ба ҳалқаи он сунбули сумансо рафт.

**34**

Ҳусни ту ҷилва карду биҳиштам зи ёд рафт,
Чеҳра намудию вароқи гул ба бод рафт.
Чун ман ба номуродию ҳасрат гузошт умр,
Дар даҳр ҳар киро нафасе бар мурод рафт.
Устоди ҳусн то ба ман омӯхт ҳарфи ишқ,
Аз илму ҳикмат он чӣ бихондам зи ёд рафт.
Зери гилеми факр задам кӯси хусравӣ,
То дил ба доми хусрави фаррухнажод рафт.
Хуш вақти ошиқе, ки чу Исмат ба сад ниёз,
Омад ба кӯйи майкада ғамгину шод рафт.

**35**

Хоки пояш раҳгузори чашми пурхун баст, баст,
Оламе дарё шавад, чун пеши Ҷайҳун баст, баст.

То кунад наззораи рӯяш гаҳи субҳ офтоб,
Пардаи лаъли шафақ бар рӯйи гулгун баст, баст.
То барояд гарму дар пояш ниҳад хуршед рӯй,
Субҳидам девори хунин пеши гардун баст, баст.
Ҷуз хаёли сарви болояш ба сад фикри баланд,
Ақл ҳар нақше, ки баст, аз табъи мавзун баст, баст.
Исмати хокӣ ба умри хеш ҳар нақше, ки баст
Ҷуз санои хусрави толеъҳумоюн баст, баст.

**36**

Хаёли қадди туам ҳаргиз аз назар нагузашт,
Ки тири ҳайратам аз рахнаи ҷигар нагузашт.
Чунон гузашт ба савдои он хатам шаби умр,
Ки дар замона шабе з-ин сиёҳтар нагузашт.
Ба хоки пои ту ҳаргиз даме насудам рӯй,
Ки аз сиришки ғамам сели хун зи сар нагузашт.
Дар орзуи ту бар хотирам, биҳамдуллаҳ,
Ки ғайри сӯхтан андешаи дигар нагузашт.
Ҳаром бод висолат, бар он ки чун Исмат,
Рухи ту диду зи умри азиз дарнагузашт.

**37**

Худпараст аз сӯзи дарди ошиқон огоҳ нест,
Ғайрро дар ҳалқаи савдои покон роҳ нест.
То абад ҳаргиз наёбад давлати озодагӣ,
Ҳар кӣ аз ҷон бандаи хосони ин даргоҳ нест.
Оламе чун хок мемоланд рух бар доманат,
Хилъати васли ту ҷуз бар қадди мо кӯтоҳ нест.
Аз ғами ҳаҷрат ҷаҳонеро дарун пуроташ аст,
Оҳ, к-аз дасти ғамат касро маҷоли оҳ нест.
Мо ба ёди васлат аз мулки ду олам фориғем,
Муфлиси ишқи туро парвои молу ҷоҳ нест.
Синаи мо махзани асрори ганҷи ваҳдат аст,
«Зоҳиди зоҳирпараст аз ҳоли мо огоҳ нест».

Исмат, ар шуд куштаи теғи бадандешон чӣ ғам?
Ёр агар бо мост, бок аз таъначи бадхоҳ нест.

**38**

Хаданге, к-аз камони ӯ бурун рафт,
Гузашт аз синаву дар ҷон дарун рафт.
Чу ӯ омад ба куштан, рафта  аз ҳуш
Надонистам, ки ҷон аз сина чун рафт?
Зи кӯяш лола растан хоҳад имрӯз,
Ба ҳар ҷое, ки дӯш аз дида хун рафт.
Дар оташ сӯхт қурси моҳу хуршед,
Чу оҳам бар сипеҳри нилгун рафт.
Ғаматро дар даруни ҷон ватан сохт,
Ғами ғайр аз дили Исмат бурун рафт.

**39**

Хотири озурдаам ҳаргиз ба гулзоре нарафт,
К-аз ғами он гулъузорам дар ҷигар хоре нарафт.
Давлати васл ар ба коми дил нашуд, тадбир чист?
Ҳеҷ вақте бар муроди бахти мо коре нарафт.
Бахт аз ӯ безор гашту давлаташ ёрӣ накард,
Ҳар кӣ аз роҳи муҳаббат аз паи ёре нарафт.
Сурати ҳоли дилафгорон куҷо донад, ки чист,
Он кӣ  ӯ ҳаргиз ба пурсиш сӯйи беморе нарафт?
Рахти ҷон то бурд, Исмат, бар сари бозори ишқ,
Ҷуз балову меҳнаташ аз ту харидоре нарафт.

**40**

Дар ҳама олам дили осуда аз ғам ёфт нест,
К-он чӣ дил  мехоҳад, андар ҳарду олам ёфт нест.
Бӯйи шодӣ аз дили ғамгини маҷруҳон маҷӯй,
З-он ки ин сармоя дар таркиби Одам ёфт нест.

Дил ба меҳри ҳамдамон кам неҳ, ки дар гулзори умр,
Бӯйи ёрию вафо дар ҳеҷ ҳамдам ёфт нест.
Роз бо дил гуфтаму бисёр хӯрдам хун аз ӯ,
Кошки донистаме аввал, ки маҳрам ёфт нест.
Ҳамчу Исмат солҳо гаштем дар ҳар кишваре,
Як дили беғам талаб кардему он ҳам ёфт нест.

## 41

Дар мани сӯхта ҳарчанд вафо бештар аст,
Дили бераҳми туро майли ҷафо бештар аст.
Оҳ, аз ин толеи саргашта, ки ҳар рӯз маро,
Раҳ ба ҷое бинамояд, ки бало бештар аст.
Бештар мекунад андар дили маъшуқ асар,
Ҳар ниёзе, ки дар ӯ сидқу сафо бештар аст.
Ҳама касро ба ҷафо мекушӣ, эй дӯст, вале
З-ин миёнат назари лутф ба мо бештар аст.
Исмат, андеш, ки дар кишвари хуршедвашон,
Расми беҷурмкушӣ аз ҳама ҷо бештар аст.

## 42

Дур аз ту маро ҳамнафасе ғайри алам нест,
Ҳамхобаи мо бе ту ба ҷуз меҳнату ғам нест.
Ҷон бар сари роҳи ту фидо кардаму он низ
Эй вой, ки шоистаи он хоки қадам нест.
Бигзор, ки ҳаҷрам бикушад бар сари кӯят,
Чун сокини ин Каъба кам аз сайди ҳарам нест.
Он беҳ, ки ба фикри даҳанат сарф шавад умр,
Чун оқибати кори ҳама ғайри адам нест.
Сармояи умрам, ки ғамаш ном ниҳоданд,
Шукр аст, ки ҳеҷ аз мани савдозада кам нест.
Дарвеш ба дебоҷаи шоҳӣ накунад майл,
К-ороиши ин мамлакат аз хайлу ҳашам нест.
Исмат, сухани ганҷи саодат, ки шунидӣ,
Ҷуз тарбияи ҳиммати арбоби карам нест.

**43**

Зикри лабу даҳони ту вирди забони мост,
Сарриштаи миёни ту пайванди ҷони мост.
Бе пурсишам ба Хулд баранд ба рӯзи ҳашр,
Гӯӣ ба марҳамат, ки саги остони мост.
Ҷаннат нишонае зи гулистони кӯйи туст,
Дӯзах намунае зи дили нотавони мост.
Дар вақти куштанам нанамудӣ зи ноз рӯй,
Он ҳам нишони толеи номеҳрубони мост.
Исмат, ба сад ниёз ҷигар мекунад кабоб,
Пайваста то хаёли рухат меҳмони мост.

**44**

Рояти шавқ аз ливои подшоҳӣ бартар аст,
Мулки шоҳӣ дигару завқи гадоӣ дигар аст.
Мо ба далқи кухна менозему доғи нестӣ,
Дигаронро гар сарафрозӣ ба тоҷу афсар аст.
Худпарастон гар ба симу зар тафохур мекунанд,
Ифтихори мо ба сими ашку рӯйи чун зар аст.
Давлати шоҳӣ куҷо ояд ба чашми ҳимматаш,
Ҳар киро савдои иқболи гадоӣ дар сар аст.
Мулки дарвешӣ талаб, Исмат, гар аз аҳли дилӣ,
З-он ки ганҷи номуродӣ беҳ зи ганҷи гавҳар аст.

**45**

Рӯзи айш асту тарабхона муаттар чу биҳишт,
Ҷоми май софию соқӣ санами ҳурсиришт.
Хона пурҳуру қадаҳ  пурмаю тавфиқ рафиқ,
Муқбил он кас, ки биҳишт аз паи майхона биҳишт.
Ҳар кӣ раҳ ёфт аз ин хона ба майхорӣ ёфт,
Ки туро бода ба ҷаннат барад аз роҳи куништ.
Пири майхона чу хишт аз сари хум баргирад,
Ҷаҳд бинмо, ки дари тавба барорем ба хишт.

Маҷлиси ишрати шоҳ аст, бихӯр май, Исмат:
«Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт»[1]

**46**

Рафтию озори ғамат ҳеҷ аз дили пурхун нарафт,
Аз тан намедонам чаро пеш аз ту ҷон берун нарафт?
Ҳаргиз надидам бе рухат дар шамъи гарми офтоб,
К-аз синаи пуроташам дуде сӯйи гардун нарафт.
Девона мардум бар дарат, в-аз гулшани дидори ту,
Ҳаргиз насими раҳмате бар хоки ин Маҷнун нарафт.
Ҳеч он лаби хандон намак бар реши маҷрухе назад,
То аз фиреби ғамзааш ҳар ҷонибе сад хун нарафт.
Аз заҳр маъҷун сохт ғам то зуд мирам бе лабат,
Ҷон рафту озори дил аз таркиби ин маъҷун нарафт.
Шайдову маҷнуншева шуд, Исмат, зи ҳаҷру оқибат,
Ҷон доду он девонакеш аз зар ба ҳеҷ афсун нарафт.

**47**

Сарви қаддат чунки дар бӯстон хиромидан гирифт,
Ёсуман дид он қаду бар хеш ларзидан гирифт.
Чун ту бар азми тамошо сӯйи гулзор омадӣ,
Боғбон рӯйи ту дида, тарки гулчидан гирифт.
Дар дилам ҳар гаҳ хаёли он лабу дандон гузашт,
Дар ҳамон дам дурри лаъл аз дида боридан гирифт.
Дам ба дам бисёр мебояд задан найро, ки ӯ
Ҳар куҷо дам зад, зи дасти ёр нолидан гирифт.
Муҳтасиб дар базми айш он шеваи мастона дид,
Тарки дин гуфту чу Исмат бода нӯшидан гирифт.

**48**

Соқӣ, имрӯз, ки он сарви равон наздик аст,
Бода пеш ор, ки айёми хазон наздик аст.

1 Аз Ҳофиз

Ёр з-он муътакифи зовияи дидаи мост,
К-ин мақомест, ки бо оби равон наздик аст.
Ҳеҷ кас з-он лаби пурнӯш ба коме нарасид,
Гарчи он меваи ширин ба даҳон наздик аст.
Новаки ғамзааш аз дида кашидан натавон,
К-ин хадангест, ки пайкон-ш ба ҷон наздик аст.
Киштии айш чу дар вартаи умр афкандӣ,
Исмат, андеша кун акнун, ки карон наздик аст.

**49**

Соқиё, май деҳ, ки тарфи лолазор аз даст рафт,
Шуд хазон наздику айёми баҳор аз даст рафт.
Пеш аз ин гар ихтиёри порсоӣ дошт дил,
Чун қадаҳ дар гардиш омад, ихтиёр аз даст рафт.
Гоҳи наздикӣ надонистем қадри рӯзи васл,
Аз пушаймонӣ чӣ суд акнун, ки кор аз даст рафт?
Сарви ман то соиди симин намуд аз остин,
Хубрӯёни гулистонро нигор аз даст рафт.
Пеш аз ин Исмат ба тақво лоф мезад дар ҷаҳон,
Чун бидид он ҳарду чашми пурхумор аз даст рафт.

**50**

Идии ошиқ ба теғи ғамза қурбон будан аст,
Давлати боқӣ гадои рӯйи ҷонон будан аст.
Мулкро аз коху девон ҷустан аз беҳимматист,
Салтанат дар гӯшаи вайрона султон будан аст.
Аз гунаҳгорӣ пушаймонӣ на тарзи бандагист,
Тоати шоиста аз тоат пушаймон будан аст.
Рӯй пинҳон кардан аз мардум зи кӯтаҳҳимматист,
Хилвати маънӣ зи чашми хеш пинҳон будан аст.
Гар парешон меравад, Исмат, мақоми таъна нест,
Мардро ҷамъияти дил дар парешон будан аст.

**51**

Умре, ки дар мушоҳидаи рӯйи ӯ гузашт,
Миннат Худойро, ки ба ваҷҳи накӯ гузашт.
Мо худ дар орзуи ҷамоле шудем хок,
Хуррам ҳаёти он ки дар ин орзу гузашт.
Девона мекунад дили савдорасидаро
Ёде, к-аз он ду силсилаи мушкбӯ гузашт.
Ҷонам зи дур саҷда дузида мекунад,
Бар ҳар замин, ки маркаби он моҳрӯ гузашт.
Бар рӯю чашми хеш бимолам ба сад ниёз,
Пои саге, ки бар сари он хоки кӯ гузашт.
Ёқутбар шуд аз ҷигари хун канори чашм,
Чун дар дилам хаёли лаби лаъли ӯ гузашт.
Ҳаргиз ҳикояти ғами Исмат накард гӯш,
Бо он ки умр бар сари ин гуфтугӯ гузашт.

**52**

Айш сози шеваи риндони соҳибдард нест,
Заҳрпарварди балоро ангубин дарх(в)ард нест.
Бо дилафгорон дам аз шодӣ мазан, к-ин қавмро
Тандурустӣ надҳад он шарбат, ки ғампарвард нест.
Дил зи кӯйи ӯ ба муштоқон бало оварду ғам,
К-ин мусофирро ҷуз ин сармоя раҳовард нест.
Таъна бар ҳоли сабукборон ба бедардӣ мазан,
Мардро ҳар к-ӯ ба номардӣ шиносад, мард нест.
Роҳи ғурбат ҷӯй, Исмат, з-он ки надҳад равшанӣ,
Сояпарварде, ки чун хуршеди оламгард нест.

**53**

Оқибат бо доғи ҳаҷрам мубтало мондию рафт,
Сӯхтӣ дилрову ҷон андар бало мондию рафт.
Дар дами мурдан хиромон мегузаштӣ бар сарам,
Рӯҳро дар орзуи марҳабо мондию рафт.

Омадию хост дил то сер бинад як дамат,
Ҳамчунонаш дар таманнои лиқо мондию рафт.
Чун равӣ боре даруни дида баҳри равшанӣ,
Хоки пои худ ба ҷои тӯтиё мондию рафт.
Бар сари роҳи ту, Исмат, нотавон афтода буд,
Дар чунон ҳолаш, намедонам, чаро мондию рафт?

**54**

Ошиқонро сарбаландӣ аз қади дилҷӯйи туст,
Моҳи гардунро фурӯғ аз офтоби рӯйи туст.
Бӯйи ҷон ояд гаҳи ҳашр аз ғубори марқадаш,
Ҳар кӣ ӯро дар кафан гарде зи хоки кӯйи туст.
Дигарон гар рӯ сӯйи меҳроби хокӣ мекунанд,
Гӯшаи меҳроби аҳли дил хами абрӯйи туст.
Аз сари зулфат на танҳо мо парешонхотирем,
Ҳар куҷо рафтем зикри ҳалқаи гесӯйи туст.
Лолаву гул дар чаман мақбули аҳли ишратанд,
З-он ки бар рухсорашон чизе зи рангу бӯйи туст.
Ҳаббазо, айши назарбозӣ, ки дар базми висол,
Рӯзу шаб маст аз хумори наргиси ҷодуи туст.
Як нафас чун Исмат аз ҷаври замон эмин мабош,
Мубталое, ку даме холӣ зи ҷустуҷӯйи туст?

**55**

Шаб дароз асту зи хуршед асаре пайдо нест,
Ё шаби хастадилонро саҳаре пайдо нест?
Асари теғи ту пайдост маро бар дили реш,
Даҳани туст, ки ҳеҷаш асаре пайдо нест.
Дӯш аз кӯйи туам аз мижа чандон хун рафт,
Ки ба ҳар сӯ, ки шудам раҳгузаре пайдо нест.
Тират андар ҷигари хаста ниҳон шуд умрест,
Ки аз он тири ниҳонгашта саре пайдо нест.
Исмат, аз дида мадад хоҳ, ки дар ҳар тарафест,
Ҳусн дар ҷилваву соҳибназаре пайдо нест.

**56**

Шамъ аз дили пуроташи ман сӯхтан омӯхт,
Дар ранги рухат шуъла барафрӯхтан омӯхт.
Донӣ зи кӣ омӯхт рухат нурфишонӣ?
З-он кас, ки дили реши маро сӯхтан омӯхт.
Ҳусни ту магар шеваи бечоранавозӣ,
Аз баъди ҷафову ситам омӯхтан омӯхт?
Ҷуз дар ҷигари хастаи мо рахна наяфканд,
То ғамзаи шӯхи ту ҷигар дӯхтан омӯхт.
Исмат, бибур аз худ, ки чу Қорун ба замин рафт,
Дарвеш, ки оини зар андӯхтан омӯхт.

**57**

Шарбати лаъли ту кай дарх(в)ари ҳар бемор аст?
Гарчи чашмони туро хаста чу ман бисёр аст.
Як шакарханда карам кун, ки шавад қуввати рӯҳ,
Нӯшдору, ки туро дар лаби шаккарбор аст.
Хотири аҳли дил ар ҷониби гулзор кашад,
Гар бувад хори ғамат дар назарам гулзор аст.
Ман, к-аз ӯ бастаи занҷири ҷунунам ҳама умр,
Дил, ки савдоии он зулфи парешонкор аст.
Ҳоли гумроҳии худ пеши кӣ гӯям, ки дилам
Талхком аз лаби он лаъли шакаргуфтор аст.
Мекунам шукр, ки дар давлати савдои ғамат,
Шарҳи расвоии ман дар сари ҳар бозор аст.
Дасти уммед зи ҷон шуста ба кӯят, Исмат,
Рӯзу шаб дида ба раҳ мунтазири дидор аст.

**58**

Гарди мушк аст, ки гирди лаби ҷонон биншаст,
Ё Хизир бар тарафи чашмаи ҳайвон биншаст?
Хй, ки аз зулфи диловези ту бар чеҳра чакид,
Шабнаме буд, ки бар тарфи гулистон биншаст.

Зинда бе миннати ҷон аст ба шодӣ ҳама умр,
Аз хаданги ту ба ҳар сина, ки пайкон биншаст.
Оҳ, аз он турки камондор, ки ҳар тир, ки зад
Бигузашт аз ҳадафи синаву бар ҷон биншаст.
Тани озурдаи Исмат ба таманнои хаёл,
Ҳамчу мӯре ба таманнои Сулаймон биншаст.

**59**

Маҳпайкари маро ҳама офоқ муштарист,
То дар миёна қуръаи давлат ба номи кист?
Даври гул асту соқию хубон қадаҳ ба даст,
Махмур, гӯ, шитоб макун, к-ӯ худ одамист.
Хандид ҷому лаб ба табассум кушод гул,
Ринде, ки май нахӯрд бибояд бар ӯ гирист.
Бе хушдилӣ чаро гузаронад ҳаётро,
Осудахотире, ки тавонад ба ишқ зист?
Аз гуфтугӯи муҳтасиб андеша то ба кай,
Исмат, шароб нӯш, ғами рӯзгор чист?

**60**

Моем гадоёни сари роҳи маломат,
Берун шуда аз доираи зуҳду саломат.
Пироҳани хунини алам турбати мо бас,
К-онро, ки шаҳиди ту шуд, ин аст аломат.
Ҷуз мояи дарди дили озурда надорем,
Накде, ки диҳад суд ба бозори қиёмат.
Эй дил, ту шудӣ сайду маро доғи ҷигар сӯхт,
Оре, ту гунаҳ кардию бар мост ғаромат.
Исмат, ба ду чашмаш макун он сирри даҳан фош,
Бисёр ба мастон макун изҳори каромат.

**61**

Манам, ки ҷавҳари дил хотами нигини ман аст,
Фурӯғи мулки сухан ақли хурдабини ман аст.

Муқаррабони завоёи қудсро ҳама шаб,
Чароғи зовия ин оҳи оташини ман аст.
Абири муътакифони биҳишт хоҳад шуд,
Зи хоки пои ту гарде, ки бар ҷабини ман аст.
Ба ҷои номаи тоат ба ҳашр хоҳам бурд,
Ҷаридае, ки зи васфат дар остини ман аст.
Суруди нимшабу хандаи саҳаргоҳист,
Ки раҳнамои дилу обрӯи дини ман аст.
Ман он гадои тавонгардилам ба давлати ишқ,
Ки подшоҳи хирад бандаи камини ман аст.
Куҷо дигар тамаъи зистан кунад, Исмат?
Ки душмане чу фироқи ту дар камини ман аст.

## 62

Мурдам аз ҳиҷрону ин ҳасрат зи ҷони ман нарафт,
То чаро бар хокам он сарви равони ман нарафт?
Солҳо шуд, к-аз ду чашми ноз хунамро бирехт,
Лаззати теғаш ҳанӯз аз устухони ман нарафт.
Хоку хуноғушта мурдам бар дараш, ҳаргиз нагуфт,
К: «Ин саги бечора ҳаргиз з-остони ман нарафт».
Хостам такбир гӯям дар намоз, аз бехудӣ
Ҷуз ҳадиси он парирӯ бар забони ман нарафт.
Гаҳ-гаҳе дуздида бо дил гуфтаме шукри лабаш,
Таъми он шаккар ҳама умр аз даҳони ман нарафт.
Хастаам диду ба дашноме даво фармуду рафт,
Умр рафту завқи он марҳам зи ҷони ман нарафт.
То ба расвоӣ алам шуд, Исмат, андар кӯйи дӯст,
Кишваре набвад, ки он ҷо достони ман нарафт.

## 63

Қадатро хастаи тират хиромон диду ҷон донист,
Ғаматро куштаи меҳрат ҳаёти ҷовидон донист.
Ту май хӯрдӣ зи ҷоми ҳусну ҷон дар ҳасрати лаълат,
Ба базми ғусса хуни худ шароби арғувон донист.

Сагатро шукр чун гӯям, ки шабҳо бар дари ёдат,
Қадам бар фарқи ман бинҳоду хоки остон донист?
Хушам з-ин гиряи шодӣ, ки дар гашти чаман қаддат,
Ба тарфи дида биншасту лаби оби равон донист.
Чу Исмат ҳар чӣ аз илми назар дар назм меорад,
Ҳама дар рӯзгори хусрави соҳибқирон донист.

**64**

Маро то мубталои худ надонист,
Сазовори балои худ надонист.
Ба теғи ғамзаам кушту дили реш,
Ҷуз он лаб хунбаҳои худ надонист.
Қадам бар дида бинҳоду бар онам,
Ки қадри хоки пои худ надонист.
Ғуломи шоҳи хубонам, ки ҳаргиз,
Ситам ҷуз бар гадои худ надонист.
Ҷароҳат дорам аз тираш, ки сад бор
Зи дил бигзашту ҷои худ надонист.
Дил андар кишвари хуршедрӯён,
Ба ҷуз дардошнои худ надонист.
Ба дарди ишқ то хӯ кард, Исмат
Ба ҷуз мурдан давои худ надонист.

**65**

Мо зи нахуст омадем ошиқу шоҳидпараст,
Бар сари бозори ишқ рӯзу шаб афтода маст.
Хирқаи солусро оташи ғайрат бисӯхт,
Шишаи номусро санги маломат шикаст.
Дошт дилам пеш аз ин майл ба ҳар ҷонибе,
Бар лаби дарёи ишқ з-он ҳама шустем даст.
Ҳар кӣ дили хеш дод бо даҳани танги ёр,
Дар назари ҳимматаш паст шавад ҳар чӣ ҳаст.
Исмат, аз аҳволи хеш ҳеҷ кушоде надид,
То дили саргаштаро дар хами зулфи ту баст.

## 66

Ҳар замон дил ба каманди ту гирифтортар аст,
Ҷон зи торочи ғамат ҳар нафас афгортар аст.
Нест хуш ҳолати бемории он чашми сиёҳ,
Хубтар мешавад он рӯз, ки бемортар аст.
Ҳар чӣ душворию ғам буд кашидем, вале
Бе ту будан нафасе аз ҳама душвортар аст.
Ҳама кас ёри вафодор ба ҷон металабанд,
В-аз ту маҳрум бувад ҳар кӣ вафодортар аст.
Гарчи Исмат ба гумони ҳама халқ аст азиз,
Аз ҳама хокнишинони дарат хортар аст.

## 67

Ҳар кучое рӯи ту шамъ тараб афрӯхтааст,
Ҳамчу парвона дили ғамзадаам сӯхтааст.
Бими ҷон буд маро аз ҷигари пора, вале
Чашми масти ту ба тиреш ба ҳам дӯхтааст.
Дилнавозӣ куну дар чанги ҷудоӣ магзор,
Он дилеро, ки ба васли ту бад омӯхтааст.
Рӯзро равшанӣ аз партави рӯйи ту бас аст,
Шамъ хуршед ба беҳуда барафрӯхтааст.
Исмат, ар муфлису ғоратзада шуд, рӯй матоб,
Ки ду олам ба тамошои ту бифрӯхтааст.

## 68

Ҳамчу ман дар ҳама офоқ дилафгоре нест,
Ки ба ҳоли дили афгори манаш коре нест.
Рузгорест, ки аз ҳайрати расвоии ман,
Ҳеҷ расвошудае бар сари бозоре нест.
Ҳамчу ман бин, ки саги кӯйи туро ёре ҳаст,
Он чӣ бинӣ, ки туро дар ду ҷаҳон ёре нест.
Ту ба аҳволи ман огоҳ наӣ, в-арна ба шаҳр
Ҳеҷ кас нест, ки бо дарди манаш коре нест.

То ба васфи рухи зебои ту ангехт сухан,
Ҳамчу Исмат ба ҷаҳон нодирагуфторе нест.

**69**

Сифати сирри даҳонат ба забон натвон гуфт,
Ошкоро сухан аз рози ниҳон натвон гуфт.
Нисбати лаъли ту то кард забонат ба шакар,
Сухане гуфт, ки ширинтар аз он натвон гуфт.
То миёну даҳану қадди ту н-ояд ба хаёл,
Сухани нозуку ширину равон натвон гуфт.
Гарчи пайваста дам аз хурдашиносӣ задаам,
Бетааммул зи даҳони ту нишон натвон гуфт.
Исмат, аз ҳар сари мӯи ту кунад фикри дақиқ,
Нуктае аз лаби он тангдаҳон натвон гуфт.

**70**

Ман, ки меҳри гулрухон парвардам аз рӯзи нахуст,
Мурдаму аз турбатам  ҷуз хори навмедӣ наруст.
То зи ранги рӯйи ӯ гул дар чаман бӯйе барад,
Чун шаҳиди ишқ пироҳан ба хуни дил бишуст.
Пора шуд дил чун зи роҳи дида берун рондамаш,
Барнамеояд ҳамеша кӯза аз дарё дуруст.
Чун ба дом афтод мурғи дил, зи меҳнат чора нест,
Офият хоҳӣ, дил аз хубон нигаҳ дор аз нахуст.
Исмат, аз табъи гаронҷонон чӣ пурсӣ сирри ишқ?
З-он ки раҳгумкарда ҳаргиз роҳи нобино наҷуст

**71**

Мӯят, ки маскани дили борикбин дар ӯст,
Яғмои зиндагонию тороҷи дин дар ӯст.
Хуш гулшанест дил, ки ба юмни хаёли ӯ,
Сарву бунафшаву суману ёсамин дар ӯст.
Ҳамчун дами Масеҳ шифое диҳад ба дил,
Заҳри ғамат, ки хосияти ангубин дар ӯст.

Бемори ишқро ба ҳаёти абад кашад,
Ҳар шарбате, ки лаззати шаҳди яқин дар ӯст.
Боде, ки ӯ ба сӯи дил орад паёми ёр,
Хосияти рисолати Рӯҳи амин дар ӯст.
Ғамхонаи пуроташи дил то мақоми туст,
Пурнур дӯзахе, ки биҳишти барин дар ӯст.
Вайронаест Исмати хокию дарди ишқ
Ганҷи саодатест, ки доим дафин дар ӯст.

**72**

Маҷруҳу дилозурда ба зорӣ саҳаре чанд,
Додем саги кӯйи туро дарди саре чанд.
Мурдем ба хоки раҳат, анбошта шуд чашм,
В-аз дур накардем ба рӯят назаре чанд.
Шаҳре ҳама рафтанд ба гулгашт, ман аз чашм
Дорам ба сари ҳар мижа лахти ҷигаре чанд.
Чун бехабарон сӯйи ту рафтанд, маро нест
Як маҳрами якдил, ки фиристам хабаре чанд.
Эй ҷавҳари пок, ойинаи рӯйи накӯро,
Бенур масоз аз назари бадгуҳаре чанд.
Ту сарви баландию рухат чашмаи хуршед,
Тарсам, ки шавӣ рӯзии кӯтаҳназаре чанд.
Сад шеваи ҷон бохтан омӯхта аз ишқ,
Исмат, ки ба пеши ту намояд ҳунаре чанд.

**73**

Зи давлат боз коре хоҳад омад,
Ба майдон шаҳсаворе хоҳад омад.
Шикоят кам кун аз дарду ғам, эй дил,
Ки хуррамрӯзгоре хоҳад омад.
Дар айёми хазон озурда маншин,
Ки рӯзе навбаҳоре хоҳад омад.
Зи дору дидаро тира магардон,
Ки аз кӯяш ғуборе хоҳад омад.

Ғариқи баҳри ҳиҷронро хабар нест,
Ки киштӣ бар каноре хоҳад омад.
Зи дил дурӣ маҷӯй, эй ғам, ба якбор,
Ки як даврат ба коре хоҳад омад.
Чу Исмат бехабар маншин, ки султон
Ба сӯйи хоксоре хоҳад омад.

**74**

Биёр, бода, ки фасли баҳор меояд,
Зи гулрухони чаман бӯйи ёр меояд.
Магар зи ҷоми май аст обхӯрди хоки чаман,
Ки лола медамаду гул ба бор меояд?
Бунафша бо сари зулфи ту лофи хубӣ зад,
Кунун зи гуфтаи худ шармсор меояд.
Ба бӯйи ҳалқаи зулфат зи бӯстон ҳар шаб
Сабо ҳамеравbooseду мушкбор меояд.
Бар он салосили мушкин магар гузашт насим,
Ки боз шефтаву беқарор меояд?
Ҳадиси оби ҳаёти лаби ту мегӯям,
Ки гавҳари суханам обдор меояд.
Чу баҳри хотири ту мавҷ мезанад, Исмат,
Сафинаҳои гуҳар бар канор меояд.

**75**

Дарди савдои ту дар ҳеҷ диле кор накард,
К-ӯ бар иқрори сари зулфи ту иқрор накард.
Роҳати марҳами васли ту ба ҷоне нарасид,
Ки фироқи ту ба теғи ғамаш афгор накард.
Ҳар киро хори ғамат бар ҷигари реш нишаст,
Ба ҷамолат, ки дигар майл ба гулзор накард.
Ҳеҷ мурғи дили соҳибназаре бол назад,
Ки ҷаҳонаш ба каманди ту гирифтор накард.
Раҳ сӯйи ганҷи саодат набарад ҳар кӣ ба ҷон
Суду сармоя нисори қадами ёр накард.

Хастаи ғамзаи ӯ будаму он наргиси маст
Ба аёдат назаре бар мани бемор накард.
Ҳеҷ нақде ба кафи ҳиммати Исмат нафитод,
Ки нисори қадами ёри вафодор накард.

**76**

Рӯзи азал, ки дида ҷамоли ту дида буд,
Аз суратат ба олами маънӣ расида буд.
Рӯйи ту дид дидаву дил дар бало фитод,
Ин чашми хунгирифта, надонам, чӣ дида буд?
Моро магар ҳакими азал дар дами нахуст
Хос аз барои меҳнату ғам офарида буд?
Наққоши сунъ аз паи хунрези ошиқон
Монанди абруйи ту камон кам кашида буд.
З-он пештар, ки теғи ту бар ҷон расад, дилам
Пайванди хотир аз ҳама олам бурида буд.
Ранги рухи ту субҳ магар дид офтоб,
К-аз ҳайраташ ба пеши назар хун давида буд?
Исмат, агарчи кисатиҳӣ монд, аз зараш,
Ишқи туро ба мулки ду олам харида буд.

**77**

Эй ба теғи мижа қассоби дилафгоре чанд
В-аз шакарханда давои дили беморе чанд.
Ман агар кушта шудам, шукр, ки дорад ҷигарам
Ёдгор аз равиши теғи ту озоре чанд.
Як нафас дур маронам зи сагони дари хеш,
К-аз вафо ҷон бидиҳам дар қадами ёре чанд.
Ҳайф, аз он наргиси хунхор, ки теғи мижааш
Шавад орзурда ба хуни дили афгоре чанд.
Рост карда мижаат ҳар тарафе лашкари ҳусн,
То ба ҳар гӯша бимиранд вафодоре чанд.
Ё Раб, он чашми дилозор аҷаб қассобест,
Ки ба ҳар ғамза хӯрад хуни ҷигархоре чанд.

Дили садпораи ман бар дари дукон овез,
То аз ин рашк бимиранд харидоре чанд.
Рост карда ба қанора ҷигари Исмат буд,
Ё гули сурх шукуфта ба сари хоре чанд?

**78**

Он шаҳсавори ҳусн, ки по дар рикоб кард,
Чашмаш ба ишва кори ҷаҳоне хароб кард.
Дармонда буд дида ба рӯзи сиёҳи хеш,
Бинмуд рӯю хона пур аз офтоб кард.
Омад ба ноз бар сари бемори хешу боз,
Ноомада чу умр ба рафтан шитоб кард.
Месӯхт дил ба оташи меҳраш ба зери лаб,
Як ханда аз паи намаки ин кабоб кард.
Аз ҷони пора-пораи Исмат хабар мапурс,
К-аш назри он ду наргиси ҳозирҷавоб кард.

**79**

Устухонамро магар сӯзанду хокистар кунанд,
То сагони кӯ зи ҳоли дарди ман бовар кунанд.
Шоми ғам бо шамъ ошиқро хуш омад сӯхтан,
То ба зорӣ гиря бар аҳволи якдигар кунанд.
Хуш мақоми куштагони ғам, ки фардо пеши дӯст,
Чун гиёҳи раҳмат аз хоки вафо сар бар кунанд.
Бо вуҷуди шарбати дидори ҷонон дар биҳишт,
Куштагони равза камтар рағбати Кавсар кунанд.
Дафтари ашъори Исмат гар равад сӯйи сипеҳр,
То қиёмат қудсиён таҳрири ин дафтар кунанд.

**80**

Онро, ки мулки ҳусн ба зери нигин бувад,
Кай фикри ғорати дилу тороҷи дин бувад?
Бе ҷурм агарчи ҳосиди хуни манӣ, хушам
Ҷурм аз ту нест, одати хубон чунин бувад.

Чандин ки зери пои сагат хоки раҳ шудам,
Аз ман пазир, ғояти хорӣ ҳамин бувад.
Чун аҳли дил зи хоки вафо сар бароваранд,
Хуш вақти он ки доғи туаш бар ҷабин бувад.
Исмат, чунин к-аз оҳи ту шаҳре дар оташанд,
Эй войи ҳамдаме, ки туро ҳамнишин бувад.

## 81

Оташи ҳаҷри ту ҷону ҷигарам месӯзад,
Чун шудам сӯхта, бори дигарам месӯзад.
Чашм, азбаски зи сӯзи ҷигар оташкада шуд,
Қурси хуршед зи тоби назарам месӯзад.
Сӯзи дил сӯхт саропои вуҷудам чун шамъ,
На чу парвона ҳамин болу парам месӯзад.
Дида умрест, ки аз гиряи хун маҳрум аст,
К-аз дили сӯхта хун дар ҷигарам месӯзад.
Исмат, аз оташи савдои ту кам сӯхта буд,
Доғи ҳаҷри ту кунун бештарам месӯзад.

## 82

Агар дил хун шавад, бо кас нахоҳам гуфт рози худ,
Ба бедардон чаро гӯям ҳадиси ҷонгудози худ?
Кушодӣ ғамза аз дуру маро куштӣ, зиҳӣ давлат,
Ки бо хуни саге олуда кардӣ тири нози худ.
Ниҳон аз дида бо ту ишқ мебозам, ки дар гиря
Басе тардоманӣ дидам зи чашми покбози худ.
Умед аз чашми хунафшон ҳамин дорам, ки гаҳ-гоҳе,
Бар он хоки дарат резам ҳама ашки ниёзи худ.
Ба базми Исмат, о, эй пандгӯ, оҳиста дар гӯшат
Суханҳои ҳақиқат гӯям аз ишқи маҷози худ.

## 83

Эй қавми ҷафоҷӯ, ки вафоро нашиносед,
Вайроншудаи ганҷи бақоро нашиносед.

Мо ҳеҷ надоре му шумо аҳли вуҷудед,
Пас ҳеҷ аҷаб нест, ки моро нашиносед.
Ҳиҷрон накашидед, ғами васл чӣ донед?
То дард набинед, даворо нашиносед.
Эй аҳли ибодат, ҳама дар ишқ бикӯшед,
К-аз саҷдаву тасбеҳ Худоро нашиносед.
То ҷон насупоред ба сад ғусса чу Исмат,
Моҳияти арбоби вафоро нашиносед.

**84**

Аз он соат, ки хоки ман сириштанд,
Дар ӯ ҷуз тухми бадномӣ накиштанд.
Зи расвоӣ чӣ андешам, к-аз аввал
Ба пешонии ман ин хат навиштанд.
Ҳама коми муҳаббат талхкомист,
Ки ин маъҷун ба заҳри ғам сириштанд.
Зи оташ аҳли дӯзахро матарсон,
Ки бо ёди ту дар айни биҳиштанд.
Муқимони сари кӯят чу Исмат,
Наъиму нози ҷаннатро биҳиштанд.

**85**

Баҳору гул дили осударо ба кор ояд,
Чу дил шикаста бувад, гул ба дида хор ояд.
Муроди одамӣ аз зиндагист хотири ҷамъ,
Агар чунин набувад, зиндагӣ чӣ кор ояд?
Маро ба гашти баҳор, эй рафиқ, раҳ манмой,
Ки барггрез маро хуштар аз баҳор ояд.
Гуле, ки аз сари хори муроди ман бишкуфт,
Ҳазор сол бубинед, бӯйи ёр ояд.
Ба силки аҳли назар хешро макаш, Исмат,
Саге ба хайли малоик чӣ дар шумор ояд?

**86**

Боз оташи ниҳонам дуд аз ҷигар баровард,
Хун ҷӯш зад ба сина, в-аз дида сар баровард.
Ҳар гиряе, ки кардам, бар роҳи интизорат,
Сад хори ноумедӣ з-он раҳгузар баровард.
Маҷруҳу хаста рафтам сӯйи чаман ба бӯят,
Ҳар гул, ки хӯрд хунам, ранги ҷигар баровард.
Хунобаҳо, к-аз он лаб в-аз дида хӯрда будам,
Акнун зи ҳар таҳи дил ҷӯши дигар баровард.
Исмат,чаро намирад дур аз лабу даҳонат,
К-аз хандаҳои ширин шӯр аз шакар баровард?

**87**

Бошад, ки нами дидаи мо коргар ояд,
В-аз нахли муҳаббат гули мақсуд бароянд.
Бар ҳар сари хоке, ки мани сӯхта мирам,
То ҳашр аз ӯ бӯйи кабоби ҷигар ояд.
Бар сина бизан тири ҷигардӯз, ки ҷонам
З-ин рахна бурун ояду дарди ту дарояд.
Дар хирманаш оташ занам аз оҳи ҷигарсӯз,
Бе рӯйи ту хуршедам агар дар назар ояд.
Дар шаҳр ба ҳар кӯ, ки равад қиссаи Исмат,
Фарёди ҷунун аз дару девор барояд.

**88**

Агар ба дида хаёли ту ҳамдамӣ накунад,
Дигар зи гиряи хур хоби беғамӣ накунад.
Ба остони ту аз дида хун равад то ҳашр,
Зи баъди мурдан агар сели хун камӣ накунад.
Дили шикаста ба ғамҳои ту чунон хӯ кард,
Ки то ба ҳашр дигар ёди хуррамӣ накунад.
Ту аз кадом паризода бо чунин хӯӣ?
Ки қатли хастадилон ҳеҷ одамӣ накунад.

Зи баски гашт зи ҳамсуҳбатон ҷудо, Исмат,
Дигар ба ҳеҷ касе майли ҳамдамӣ накунад.

**89**

Парирухон, ки зи маънии ҳусн бехабаранд,
Чу муфлисон ҳама дар орзуи симу заранд.
Фақиру муфлис агар ҷон фидо кунад дар ишқ,
Чу зар фидо накунад, ному ёди ӯ набаранд.
Тавонгар аз сари ғафлат агар занад оҳе,
Ҳама ба чашми иродат ба ҳоли ӯ нигаранд.
Зи ганҷи ҳусни худ ар заррае шаванд огаҳ,
Хазинаи ду ҷаҳонро ба ним ҷав нахаранд.
Зарурат аст, ки гиранд ибрат аз Исмат,
Касон, ки шефтаи гулрухони симбаранд.

**90**

Бар сари кӯйи ту дил ҳамнафасе металабид,
Ногаҳонаш саги кӯйи ту ба фарёд расид.
Солҳо рафт ба дилтангию аз ҳосили умр,
Ҷуз даҳонат дили гумгашта дигар ҳеҷ надид.
Дигарон гар зару сар пешкаши дӯст кунанд,
Дили озурдаи мо пеши ту ҷуз ғам накашид.
Ҳеҷ кас шарбати васли ту даме нӯш накард,
Ки ба сад бори дигар заҳри ҷудоӣ начашид.
Ҳар кӣ сад хори ҷафо бар ҷигар аз ишқ нахӯрд,
Ҳаргиз аз гулшани маънӣ гули мақсуд начид.
Мубталое, ки ба васли ту шабе рӯз накард,
Дилсияҳ буду бар ӯ субҳи саодат надамид.
Исмат, ин далқи майолуда, ки дар гардани туст,
Раҳни май кун, ки бад-ӯ айби ту натвон пӯшид.

**91**

Бинмой рӯйи лолагун, то шуъла дар олам занад,
То кай зи умрат боди субҳ авроқи гул барҳам занад?

Дил дар таманнои лабат, в-аз ҳар тараф манъи рақиб,
Магзошт бими Аҳриман то бӯса бар хотам занад.
Андар ҳарими хоси ғам, ғофил нашояд зад қадам,
Ногаҳ иноят дастрӯ бар рӯйи номаҳрам занад.
Мутриб ба як савти ҳазин оташ зад андар хирманам,
Чун уд сӯзад оламе чун най зи ҳиҷрон дам занад.
Эй бахти бад, як навбатам дар кунҷи шодӣ роҳ деҳ,
То чанд Исмат хешро бар корвони ғам занад?

## 92

Парирухон, ки чу хуршед оламафрӯзанд,
Ба пеши нури рухат чун ситора дар рӯзанд.
Зи сурат ҳама таълими ҳусн мегиранд,
К-аз ӯ ба мактаби хубӣ малоҳат омӯзанд.
Ба теғи фитна бикуштанд оламею ҳанӯз,
Қатили ғамзаи он новаки ҷигардӯзанд.
Ҳазор шамъи мурод, ар зи чеҳра бинмоянд,
Ҳанӯз пеши ту парвонавор месӯзанд.
Чу Исмат, ар ҳама оташ шаванд, натвонанд,
Ки пеши рӯйи ту шамъи латофат афрӯзанд.

## 93

Ба ҳар манзил, ки дил бо чун ту ҷоне ҳамнишин гардад,
Саводи дида мехоҳам, ки хоки он замин гардад.
Чу механдад лабат, аз ғамза пайкон мезанӣ бар ҷон,
Магасро бор медорӣ, ки гирди ангубин гардад.
Ба наздики саги хешам макуш, к-аз мардумӣ набвад,
Ки аз маргам дили ҳамсуҳбате андуҳгин гардад.
Чу дар васфи лабат чашмам бар он мӯйи миён афтад,
Забон ширинҳадис ояд, назар борикбин гардад.
Ба ҳашрам гар ба ҷурми ошиқӣ дар оташ андозанд,
Ҳамон дам дӯзах аз ёди ту фирдавси барин гардад.
Чу хоҳад сӯхт бар шамъи таҷаллӣ дил чу парвона,
Ҳамои беҳтар, ки дар гирди сари он нозанин гардад.

Ба захми тири мижгони ту, Исмат, кушта авлитар,
Ки дур аз қоматат наздики сарву ёсамин гардад.

**94**

Ба дардат пеш аз он дил ҳамнишин буд,
Ки ҷон оинаи Рӯҳуламин буд.
Набуд он дам нишон аз боғи фирдавс,
Ки аз бӯйи ту ҷон хулди барин буд.
Ҷамолат пеш аз он месӯхт олам,
Ки хуршед аз дами субҳ оташин буд.
Шаби ҳиҷрон хаёлам зинда медошт,
Ки чун ту офтобе дар камин буд.
Бар он будӣ, ки резӣ хуни Исмат,
Маро аз зиндагӣ ҳосил ҳамин буд.

**95**

Тоби рӯят равнақ аз хуршеди оламтоб бурд,
Ҳуққаи лаълат фурӯғ аз ғунчаи сероб бурд.
Дигаре гар пеш аз ин кардӣ гузар бар чашми ман,
Сели ашк аз дида рафту он гузарро об бурд.
Бурда буд он наргиси мастам ба кӯйи майфурӯш,
Абрӯят бозам ба сӯйи гӯшаи меҳроб бурд.
Тири мижгон дар камон оварда буд он чашми маст,
То занад бар ҷон, к-аш андар айни мастӣ хоб бурд.
Исмат, он соат, ки дид он шеваи мастонаро,
Хирқаву саҷҷода дар раҳни шароби ноб бурд.

**96**

Тоби зулфат таъна бар насрину сунбул мезанад,
Шамъи рӯят оташ андар хирмани гул мезанад.
Ҳар гадо, к-ӯ ёфт рӯзе бар сари кӯйи ту роҳ,
Таъна бар авқоти арбоби таҷаммул мезанад.

Гул нишаста бар сарири ҳусну кай дорад хабар,
З-он навоҳо, к-аз ҷафои хор булбул мезанад.
Май ба шодӣ хӯр, ки рӯзу шаб сипеҳри сифлагард,
Кӯси давлат бар дари аҳли таваккул мезанад.
Умри Исмат бар сари фикри парешон сарф шуд,
Ҳаббазо, масте, ки соғар бетааммул мезанад.

**97**

Туро бар тарфи маҳ гоҳе, ки зулфи пуршикан печад,
Бунафша бар гулу сунбул бар атрофи чаман печад.
Гар аз ғамнома бинвисам зи савдои ғамат ҳар дам,
Барояд аз қалам дуду варақ дар хештан печад.
Гаҳе, к-он кокули мушкин шавад печида бо қаддаш,
Дили девона занҷири бало бар ҷони ман печад.
Зи осеби ҳарир осори хун гирад чу барги гул,
Чу дар вақти хиромидан бар он тан пираҳан печад.
Чу Хусрав гар нашуд ширинсухан, Исмат, ҳамон беҳтар,
Ки гӯяд васфи он рухсору дар ваҷҳи Ҳасан печад.

**98**

То нуқли ёқути лабат бар дурҷи гавҳар баста шуд,
Чун ғунчаи гул халқро хун дар дарун барбаста шуд.
Аз ханда чун бастӣ даҳан, дил шуд гирифтори лабат,
Ночор дармонад магас ҳар ҷо, ки шаккар баста шуд.
Аз дида шакли қоматат дигар намеояд бурун,
Чун дид, к-аз хори мижа ин раҳ саросар баста шуд.
Гӯё ҳаме бар барги гул анбар ҳамесояд сабо,
То банди зулфи саркашат бар рӯйи чун х(в)ар баста шуд.
Гуфтам ҷароҳатномае пешат фиристам бар ғалат,
Барбаста гардад корҳо бар ҳар кӣ ин дар баста шуд.
Исмат, дили гумгаштаро дигар нишон аз кас маҷӯ,
К-он сайди хунолуда бар фитроки дилбар баста шуд.

**99**

Тан аз андеша то хоку дилам дар хун нахоҳад шуд,
Таманнои маю шоҳид зи сар берун нахоҳад шуд.
Зи ғам то ҳар нафас дар дил бало афзун нахоҳад кард,
Чу ҷон шоистаи он ҳусни рӯзафзун нахоҳад шуд.
Ба ғорат кардани он об додӣ теғи мижгонро,
Агар дил пеш аз ин мешуд халос, акнун нахоҳад шуд.
Ба Лайлӣ гӯ, чаро чандин ҷамоза тунд меронӣ,
Чу медонӣ, ки ин дард аз дили Маҷнун нахоҳад шуд?
Ба симу зар дили дунон тавонгар кай шавад, Исмат?
Агар сад ганҷ гирд орад, гадо Қорун нахоҳад шуд.

**100**

То аз хати ту дил ба каманди ҷунун кашид,
Чашмам зи гиря рахт ба дарёи хун кашид.
Умре паи хаёли ту гардид дил чу ашк,
То оқибат зи дида ба ҷонаш дарун кашид.
Сад ҷой агар ба теғ шикофӣ даруни ман,
Пайконат аз дилам натавонӣ бурун кашид.
Дар ҳайратам, ки хонаи тақдир чун насӯхт,
Бар лаъли оташин хати сабзи ту чун кашид?
Ҳуснат зи меҳр бар дили Исмат ниҳод доғ,
Чун сунбули ту гирди рухи лолагун кашид.

**101**

То оташи дил хонабарандози ҷигар шуд,
Дил сӯхта буд аз ғами ӯ, сӯхтатар шуд.
Ҳар тир, ки бар сина задӣ бар ҷигари реш,
Пинҳон шуду ҷон мунтазири тири дигар шуд.
Ҷон тоза шуд аз тири ману хаста бимурдам,
З-ин ғусса, ки пайкони ту пурхуни ҷигар шуд.
Чандин саҳари айш бадал шуд ба шаби ғам,
Ҳаргиз нашунидам,ки шаби ғусса саҳар шуд.

Исмат, ба сари роҳи адам хона чӣ созӣ?
Бархез, к-аз ин марҳала ҳам вақти сафар шуд.

## 102

Чашми масти ту ба ҳар ғамза диле Маҷнун кард,
Дурҷи лаъли ту ба ҳар ханда ҷигарҳо хун кард.
Магар он дам, ки қазо шакли ту сурат мебаст,
Он чӣ аз меҳру вафо кост, ба ҳусн афзун кард?
Ба хаёли ту дил аз сӯҳбати ҷон ширин дошт,
Ғам дарун омаду з-ин мамлакаташ берун кард.
Тани ранҷури маро бе ту аҷал танҳо ёфт,
Қасди хуне, ки ҳама умр накард, акнун кард.
Ғам аз он нест, ки Исмат, зи ҷудоӣ чун зист,
Фикрам он аст, ки дур аз ту таҳаммул чун кард?

## 103

Чу моҳи ман гиреҳ дар зулфи анбарбӯй мебандад,
Ниқоби анбарин моҳ аз ҳаё бар рӯй мебандад.
Зи тангӣ он даҳон чун зарра бар хуршед механдад,
Зи борикӣ миёни ӯ камар бар мӯй мебандад.
Басе дури самин дар силки савдо мекашад чашмам,
Чу дарбон ришта бар тавқи саги он кӯй мебандад.
Чу мехоҳам, ки ҷӯйи хун равад аз гиря бар рӯям,
Зи хуни баста ашки ман сари он ҷӯй мебандад.
Ба гуфтор афканад оина тӯтирову рухсорат
Зи беҳушӣ забони Исмати хушгӯй мебандад.

## 104

Чу рӯйи зарди худ аз кӯйи ёр хоҳам бурд,
Зи дарди ишқ ҳамин ёдгор хоҳам бурд.
Кафан даридаву тобути хунчакон аз ғам,
Дар он ҷаҳон алами ифтихор хоҳам бурд.
Абиру мушк маро бар кафан маяфшонед,
Ки бо худ аз сари кӯяш ғубор хоҳам бурд.

Дар орзуи рухаш бар сари ҷанозакашон,
Басе бар он сари кӯ рӯзгор хоҳам бурд.
Гаҳе, ки чун саги девона ҷон диҳад, Исмат,
Ҷанозааш ба тамошои ёр хоҳам бурд.

**105**

Ҷон фидо кардему коре бар муроди дил нашуд,
Шуд ҷигар маҷрӯҳу ҳеҷаш марҳаме ҳосил нашуд.
Дар балову ғусса ҷон додан таманно дошт дил,
Миннат Эзадро, ки боре саъйи дил ботил нашуд.
Дидаро чандин, ки бо хуни ҷигар додем ғусл,
Аз сияҳбахтӣ тамошои туро қобил нашуд.
Ҳар киро дар гардани ҷон тавқ шуд занҷири ишқ,
То қиёмат ҳеҷ аз ин девонагӣ оқил нашуд.
То ба сӯзу гиря Исмат ҷонсупорӣ пеша кард,
Як нафас ҳаргиз зи кори хештан ғофил нашуд.

**106**

Чу чашми мардумозорат зи мижгон лашкар ангезад,
Ба торочи дил аз ҳар сӯ қиёматҳо барангезад.
Агар бо ғамза натвонӣ, ки хуни ошиқон резӣ,
Хатат аз ҳар хами мӯйе балои дигар ангезад.
Агар дар равзаи ҷаннат чунин мастона бихромӣ,
Лаби ту мастгорӣ дар шароби Кавсар ангезад.
Саги кӯйи ту ногаҳ дӯш бо ман дар фиғон омад,
Ки афғонҳои мастон оқибат дарди сар ангезад.
Бибар, эй бод, як-якро бияфшон бар сари кӯяш,
Гуҳарҳое, ки ашки Исмат аз чашмаш барангезад.

**107**

Чу хат хоҳад, ки гирди рӯйи он номеҳрубон гардад,
Мани саргаштаро ҳар дам балое гирди ҷон гардад.

Ғамолуда намеёрам тавофи кӯйи ӯ кардан,
Ки меҳнатдида натвонад, ки гирди бӯстон гардад.
Зару гавҳар ба даст овардаам аз чашму рӯйи худ,
Ба гирд орам магар дасте, ки гирди он миён гардад.
Чу меронам сухан з-он лаб, даҳон месӯзад аз васфаш,
Сухан гарм ояд он касро, ки оташ бар забон гардад.
Чунин ширин ҳадиси Исмат аз васфи лаби ӯ шуд,
Сухан ширин шавад лобуд чу шаккар дар даҳон гардад.

**108**

Ҷон супурдем аз ғаму дарди ту аз ҷон кам нашуд,
Кушта шуд сайду зи чашмат тирборон кам нашуд.
Гар ба пеши он даҳан нолам зи дилтангӣ равост,
Ҳаргиз афғони магас аз шаккаристон кам нашуд.
Бар сари хони муҳаббат то ҷигар кардам кабоб,
Ҳаргизам аз давлати ишқи ту меҳмон кам нашуд.
Аз мусулмонии худ дар ҳайратам, к-аз зулфи ту
Солҳо зуннор барбастему имон кам нашуд.
Гар зи дидори ту Исмат зиндагӣ ёбад чӣ бок?
З-илтифоти мӯр миқдори Сулаймон кам нашуд.

**109**

Чун лаби лаъли туям пеши назар меояд,
Оташе аз ҷигари сӯхта бармеояд.
Зиндагонӣ ҳама он буд, ки дар васл гузашт,
Оҳ, аз ин умр, ки дур аз ту ба сар меояд.
Бизадӣ новаку дил сина зи ҷон холӣ кард,
Ки магар аз ақибаш тири дигар меояд.
Дидаро хона сияҳ бод, ки чандин ғаму ранҷ,
Бар сари ман ҳама з-ин роҳгузар меояд.
Исмат, он рӯз, к-аз он сарв тавонӣ бар хӯрд,
Нахли уммеди ту он рӯз ба бар меояд.

### 110

Чӣ хуш бувад, ки муяссар шавад ба ёре чанд,
Ки дар нишот гузорем рӯзгоре чанд.
Умед ҳаст, ки соқӣ шавад ба рӯзи шумор,
Ба як карашма шафеъи гуноҳкоре чанд.
Чӣ кам шавад зи ту, эй офтоби олами ҳусн,
Ки соя бознагирӣ зи хоксоре чанд?
Гарат ҳавост, ки аз боғ бӯйи ҷон ояд,
Зи зулфи хеш ба мастон фирист торе чанд.
Чу лола Исмат агар ҷоми май ба даст орӣ,
Мудом кӯш, ки нӯшӣ ба гулузоре чанд.

### 111

Чун сели сиришки ман хоки раҳи ӯ гирад,
Ҳар сӯ назар андозам, хуноба фурӯ гирад.
Бо хандаи ширинаш гар ғунча кушояд лаб,
Ёқути сухангӯяш сад хурда бар он гирад.
Гар бар тарафи дида бинад равиши қаддаш,
Кай сарви сиҳӣ дигар ҷо бар лаби ҷӯ гирад?
Он дам, ки зи мушк афтад бар рӯйи чу гул домаш,
Ҳар сайд, ки ӯ гирад, бар ваҷҳи накӯ гирад.
Аз васфи накӯрӯён бигрифт ҷаҳон, Исмат,
Гар рӯйи накӯ набвад, олам ба чӣ рӯ гирад?

### 112

Ҷудоӣ рӯ ба ҷон овард, аз ӯ безор хоҳам шуд,
Ба дил хӯгир шуд дарди ту, бо ӯ ёр хоҳам шуд.
Ба дидори ту хоҳам кард равшан чашми бадхӯро,
Ҳамон соат, ки аз хоби аҷал бедор хоҳам шуд.
Хати безориям бистон зи дасти ақлу ҳуш, эй ғам,
Ки ман девонаву расво ба кӯйи ёр хоҳам шуд.
Карам кун, эй аҷал, зудам ба беҳушии марг афкан,
Агар донӣ, к-аз ин девонагӣ ҳушёр хоҳам шуд.

Зи султонӣ бипӯшам дида, гар донам, ки гаҳ-гоҳе
Ба саг ҳамхобаи он сояи девор хоҳам шуд.
Мани маҷрӯҳро марҳам чӣ бандӣ,  эй табиб,охир
Ки имрӯзаш бихоҳам диду боз афгор хоҳам шуд.
Равед, эй ҷону дил, дар пардаи Исмат, ки ман боре
Шаҳиди ғамзаи он наргиси хуммор хоҳам шуд.

**113**

Хандае зад даҳанат, тунги шакар пайдо шуд,
Сухане гуфт лабат, дурҷи гуҳар пайдо шуд.
Ин хати сабз, ки зад доира бар гирди рухат,
Фитнае буд, ки дар даври қамар пайдо шуд.
Оқибат дар қадами лоларухе хоҳад рехт,
Сими ашке, ки ба сад хуни ҷигар пайдо шуд.
Чист ин гармии бозор, ки дорад шабу рӯз?
Аз харидории арбоби назар пайдо шуд.
Исмат, аз меҳри ту афзуд ҷамоли рухи ёр,
Ҳусни гул аз талаби мурғи саҳар пайдо шуд.

**114**

Хат чу бар орази он моҳлиқо пайдо шуд,
Гирди гулзор магар меҳргиё пайдо шуд?
Зулф, к-аз чеҳра барафкандию бикшодӣ чашм,
Фитна аз пеши назар рафту бало пайдо шуд.
Ашкам аз дида бурун рафту маро расво кард,
Ин ҷигаргӯша бар ин қасд чаро пайдо шуд?
Ханда кардию бизад кори ҷаҳоне барҳам,
Инчунин фитна баногаҳ зи куҷо пайдо шуд?
То кушодӣ зи паи хории Исмат лаби лаъл,
Рози пӯшидаи арбоби сафо пайдо шуд.

**115**

Хомаи қудрат чу шакли он парирӯ мекашид,
Халқ ҳайрон мешуданд, азбаски некӯ мекашид.

Ҳамчу лола ошиқонро доғ бар дил мениҳод,
Рӯзи аввал, к-он хати мушкин бар он рӯ мекашид.
Килки сунъ аз дуди оҳи ман сиёҳӣ мегирифт,
Дар азал чун сурати он чашму абрӯ мекашид.
Дар намозам чун хаёли ӯ ба хотир мегузашт,
Рӯ ба қибла буд, лекин дил ҳамон сӯ мекашид.
Исмат, он дам, к-орзуи дидани рӯйи ту дошт,
Хоки поят тӯтиё бар дидаи ӯ мекашид.

**116**

Хоки раҳматро ба оби зиндагӣ гил кардаанд,
Баъд аз он таркиби он шаклу шамоил кардаанд.
Хоки роҳи он тиҳидастони олиҳимматам,
К-аз ҷаҳон сармояи дарди ту ҳосил кардаанд.
Ҳасратам меояд аз айши сагони кӯйи дӯст,
К-аз вафо бар остони Каъба манзил кардаанд.
Ҳар кӣ аз дидор мемирад ғариқи раҳмат аст,
Войи сайде, к-аш ба теғи ҳаҷр бисмил кардаанд.
Ҳар ҷароҳатнома, к-аз дарди ту, Исмат, нақш баст,
Қудсиён дар гардани ҷонаш ҳамоил кардаанд.

**117**

Хатат беҳад парешон буд, бо рӯйи ту якдил шуд,
Узори моҳро нақше ба гирд аз мушк ҳоил шуд.
Вафоят хостам, тарки ситам гуфтӣ, чӣ узр орам?
Субот ин бас, ки хуршедам туро бар қавси манзил шуд.
Агар хоҳам халос аз ғам, набинам дар ҷаҳон он ҳам,
Малӯл аз дидаам, к-ӯ нақши ҳастӣ диду моил шуд.
Чу хоб аз ҳад гузашт, эй бахт, ҷаҳди бениҳоят кун,
Агар чашми ту бар рухсори ӯ афтоду муқбил шуд.
Ҳамеша бениҳоят хор аз ин сон аз чиӣ Исмат?
Нигинро оқибат аз акси номат нақш ҳосил шуд.

### 118

Даме, к-он хиракуш бар қасди ҷони ман намеояд,
Чаро з-ин ҳасратам шамшер бар гардан намеояд?
Агарчи ман ба пайкони ту хоҳам ҷон супурд, аммо
Аз ин шодам, ки худ бар синаи душман намеояд.
Зи Юсуф қути ҷон ёбанд аҳли Миср аз дурӣ,
Бари Яъқуб ғайр аз бӯйи пироҳан намеояд.
Агар дур аз ту арбоби иродат зинда мемонанд,
Биҳадуллаҳ, ки боре ин гунаҳ аз ман намеояд.
Ба гиря теғи хубонро бирав тезӣ бидеҳ, Исмат,
Ки он шамшер бе ин оби мардафкан намеояд.

### 119

Ду нуни ғолия, к-абрӯи ту ба моҳ кашид,
Чунин ҳилол наёрад фалак ба моҳ кашид.
Зи кини абрӯю чашми ту ҷон кӣ ёрад бурд?
Ки ин сиёҳдилӣ карду он сипоҳ кашид.
Ба ҳар кӣ ҳусни ту даъвии подшоҳӣ кард,
Ҳамон замон маҳу хуршедро гувоҳ кашид.
Чӣ гуна бо ту кунад даъвии сафо хуршед,
Ки субҳаш аз бағали ҳиндуи сиёҳ кашид?
Кашид пеши ту ҳар муфлисе бизоати хеш,
Дили шикастаи Исмат нафиру оҳ кашид.

### 120

Дили шикаста агар рози хеш бикшояд,
Ҳама шикастадилонро ҷигар ба дард ояд.
Зи ман, ки сӯзи ту дорам, суруди ғам машнав,
Ки оҳи сӯхтагон дарду ҳасрат афзояд.
Зи кунҷи ғусса ба бӯстон намекунад ҳавасам,
Ки масти бӯйи туро дил ба боғ накшояд.
Зи хорбасти мижа чун гули тараб бишкуфт,
Ҳамон беҳ аст, ки хуни ҷигар биполояд.

Машоми умр ба бӯйи баҳори васл хуш аст,
Вале дареғ, ки чун даври гул намепояд.
Касе, ки хастаи шамшери дард шуд ҷигараш,
Ба шаръи аҳли дилаш зистан намешояд.
Маҳоми айш ҳама ҳосил аст, Исматро
Ҷуз остони туаш ҳеҷ дар намебояд.

**121**

Дарди пинҳон то маро расвои шаҳру кӯ накард,
Дар мақоми бениёзӣ рӯй сӯйи ӯ накард.
Бар раҳ афкандам ба уммед устухони хешро,
Бод ҳам наздики ӯ нагзашту саг ҳам бӯ накард.
Чун маро дид ӯ, ки гаштам сахт бемори ғамаш,
Фикри некӯ кард, к-аз дарди худам некӯ накард.
Гоҳи ҷон додан ба дидори ту хоҳам узри чашм,
К-андар ин расвоиям ҷуз гиря оби рӯ накард.
То дили Исмат ба дарди ишқбозӣ хӯ гирифт,
Ҷуз ба рӯйи хубрӯён дидаро бадхӯ накард.

**122**

Дур аз туям чу қатъи умед аз висол шуд,
Накде, ки дошт ҷон ҳама сарфи хаёл шуд.
Умре ба остони вафо доштам саре,
Он ҳам ба раҳгузори ситам поймол шуд.
Дигар магар ба хоби ту бинад хаёли васл,
Бечорае, ки шефтаи он ҷамол шуд?
Вақте ба сина буд диле, чун туро бидид,
Ӯ низ душмани мани ошуфтаҳол шуд.
Исмат, зи ту ҳазор шикоят ба сина дошт,
Ногаҳ фурӯғи рӯйи туро диду лол шуд.

**123**

Дил кабобест, к-аз ӯ сӯз барангехтаанд,
Дар намакдони халилаш намаке рехтаанд.

Асари хатти ғубор аст бар атрофи рухат,
Ё бар авроқи суман мушки Хито бехтаанд?
Шуҳрати меҳру муҳаббат на барои ману туст,
Рӯзгорест, ки ин фитна барангехтаанд.
Солҳо шуд, ки ба шамшери иродат моро,
Куштаанду ба каманди ту даровехтаанд.
Исмат, аз туъмаи ширини ҷаҳон донӣ чист?
Нӯшдору, ки ба заҳраш ба ҳам омехтаанд.

**124**

Дар он сар, ки сирре зи садои ту бошад,
Ба манзилгаҳи дидааш ҷои ту бошад.
Касе донад аз нуктаи хурдашиносӣ,
Ки гумраҳ зи лаъли шакархои ту бошад.
Гар арбоби давлат сарафрозӣ биҷӯянд,
Маро сарбаландӣ зи савдои ту бошад.
Даруни парешони ошуфта чу зулфат,
Ба сад ҳасрат андар тамошои ту бошад.
Чу Исмат ба уммеди рӯйи ту хезад,
Дар он олам андар таманнои ту бошад.

**125**

Дилеро, ки доғи таманнои ту сӯзад,
Чу лола дарунаш зи савдои  ту сӯзад.
Чу месӯзад ин ҷони озурда, ҳамон беҳ
Ки аз ҳасрати сарви болои ту сӯзад.
Сари риштаи ҷони ғампарвардаи ман,
Зи шамъи рухи оламорои ту сӯзад.
Дили хастаро з-оташи ҳиҷрон чӣ сӯзӣ?
Бимон то ба завқи тамошои ту сӯзад.
Чу Исмат зи қаҳрат ба дилтангӣ бимирад,
Равонаш зи лаъли шакархои ту сӯзад.

**126**

Дарой соқию май дар пиёла афкан зуд,
Ки шармсорам аз ин тавбаи гунаҳолуд.
Гаҳе, ки наргиси масти ту фитна ангезад,
Маро шафоати илму амал надорад суд.
Даҳони танги ту гумроҳ мекунад дилро,
Зи ҳар латифа, ки меояд аз адам ба вуҷуд.
Ғуломи ҳиммати чангам, ки дар мақоми ҳузур,
Чу дид орази соқӣ ниҳод сар ба суҷуд.
Мадор, Исмат, дасти талаб зи домани дӯст,
Ки рӯзи ҳашр ҳамин дастгир хоҳад буд.

**127**

Даҳани танги ту аз писта шакар мерезад,
Писта аз ҳуққаи ёқут гуҳар мерезад.
Холи ҳиндуи туро майл ба тасхири дил аст,
Бар сари оташ аз он анбари тар мерезад.
Гӯиё ғунча зи лаъли ту хабар мегӯяд,
Ки сабо дар даҳанаш хурдаи зар мерезад.
Ранги рӯят чу маро пеши назар меояд,
Ашкам омехта бо хуни ҷигар мерезад.
Чашми Исмат ба умеде, ки ту ногаҳ гузарӣ,
Дурру ёқут ба ҳар роҳгузар мерезад.

**128**

Дӯш меҳмони ман он моҳи ҷаҳонафрӯз буд,
К-аз фурӯғи ӯ шаби соҳибдилон чун рӯз буд.
Ба сари ҳар кӯ зи ҳасрат оламе месӯхтанд,
К-он парӣ ҳамхонаи риндони оламсӯз буд.
То саҳар меёфтам коми дил аз лаъли лабаш,
Ин ҳама гӯё нишони толеъи фирӯз буд.
Соҳири Бобил, ки илми ҷодуӣ машҳур аз ӯст,
Дар азал шогирди он чашмони сеҳромӯз буд.

Исмат, он дам к-аз ҷамолаш дида равшан карда буд,
Фориғ аз дидори хуршеди ҷаҳонафрӯз буд.

**129**

Дилам хароби шакархандаи чу қанди ту бод,
Ҳаёти ҷон зи гирифтории каманди ту бод.
Зи абри дидаи худ ҳар гуҳар, ки меборам,
Нисори ҳуққаи ёқути нӯшханди ту бод.
Гаҳе, ки сӯйи гулистон ба ноз баргузарӣ,
Ҳазор сарв фидои қади баланди ту бод.
Ба ҳар замин, ки ту эй шаҳсавор бихромӣ,
Ҳилол наъли баҳои суми саманди ту бод.
Ҳамин дуъост ба вақти ниёз, Исматро,
Ки ҳар чӣ гуфта шуд аз неку бад писанди ту бод.

**130**

Дидам турову орзуи ҷон зиёда шуд,
Дарди висолат аз ғами ҳиҷрон зиёда шуд.
Дар давлати висоли туам дарди интизор,
Кам шуд, вале ҷароҳати пинҳон зиёда шуд.
Ҳарчанд теғи куфр зад он ғамза бар дилам,
Бо чашми кофари туам имон зиёда шуд.
Рафтӣ ба сӯйи боғ хиромону аз қадат,
Шармандагӣ ба сарви гулистон зиёда шуд.
Исмат, чӣ шуд, ки дар дили соқӣ асар накард,
Ҳарчанд оҳу нолаи мастон зиёда шуд?

**131**

Дар азал чун тинати поки ту меангехтанд,
Аз намак муште дар оби зиндагонӣ рехтанд.
Чун ба таркиби лаби ширинат анҷомид кор,
Лаъро бигдохтанду бо шакар омехтанд.

Ҷони афгори ман он сайдест, к-аз рӯзи нахуст,
Зор куштанду ба фитроки туаш овехтанд.
Он замон, к-аз хайли мижгонат сипоҳ орост ҳусн,
Ақлу ҳушу дониш аз бетоқатӣ бигрехтанд.
Куштани Исмат ба номи чашми хунхори ту шуд,
Чун ба қасди хуни ҳар кас фитна меангехтанд.

**132**

Рафт умру аз тани хокӣ нишоне ҳам намонд,
Дил зи меҳнат хун шуду дар сина ҷоне ҳам намонд.
Ончунон дар оташи ҳасрат ба зорӣ сӯхтам,
К-аз тани фарсудаи мо устухоне ҳам намонд.
Дарди пинҳон роҳи гуфторам фурӯ баст, эй дареғ,
К-аз барои шукри ғамҳояш забоне ҳам намонд.
Ҳеҷ аз он бадхӯ сабо бӯйе намеорад ба ман,
Аз гулистони вафо ному нишоне ҳам намонд.
Ишқро як банда Исмат буду он ҳам кушта шуд,
В-андар иқлими муҳаббат нотавоне ҳам намонд.

**133**

Ранги рухи ту лолаи сероб надорад,
Таъми лаби лаълат шакари ноб надорад.
Пайваста ду дарёст равон бар рухам аз ашк,
Бо ин ҳама бар хоки дарат об надорад.
То кард дилам саҷдаи абрӯи ту аз дур,
Дигар ҳаваси гӯшаи меҳроб надорад.
Лаълат ба табассум намаке рехт дар он чашм,
К-аз сӯзиши он дида сари хоб надорад.
Бо ин ки ғамат сӯхт даруни дили Исмат,
Оташ чу дар ағёр занӣ, тоб надорад.

**134**

Рашк оядам, ки бод ба кӯйи ту бигзарад,
Ё тири тавба ҷониби рӯйи ту бигзарад?

Тарсам аз он ки бӯйи ту орад ба сӯйи ғайр,
Чун бехабар ба ҳалқаи мӯйи ту бигзарад.
Чун файзи рӯҳ тоза кунад гулшани ҳаёт,
Наздики ҳар машом, ки бӯйи ту бигзарад.
Дар даҳр ҳеҷ гӯшанишинро надод даст,
К-эман зи чашми арбадаҷӯйи ту бигзарад.
Исмат, зи ҳарду кавн тавонад гузашт, лек
Натвонад, он ки аз сари кӯйи ту бигзарад.

## 135

Рӯзи азал, ки сурати хубон нигоштанд,
Дарбохтанд аҳли назар ҳар чӣ доштанд.
Аввал ҳазор фитнаву шӯхӣ ба аҳли ҳусн,
Омӯхтанду бар мани бедил гумоштанд.
Дар боғи ҳусн ғайри гиёҳи ҷафо наруст,
Ҳаргиз дар ӯ чу тухми вафое накоштанд.
Моро ба теғи ҳаҷр бикуштанд пеш аз он,
К-ин шакл бар саҳифаи хубон нигоштанд.
Соҳибдилон ба сад ғаму ҳасрат ба кӯйи дӯст,
Ҷон бохтанду кор ба Исмат гузоштанд.

## 136

Рафтанд ҳамдамону шуд аз дида нопадид,
Эй ҷон, ту рахт банд, ки навбат ба мо расид.
Чандин баҳори умр хазон шуд, ки ҳеҷ кас,
Як меваи мурод аз ин бӯстон начид.
То ҷон ба азми каъбаи мақсуд баст бор,
Ҳаргиз ба ҳеҷ марҳала як дам наёрамид.
Ҳар навбате, ки ҷон ба лаб омад зи меҳнатам,
Дил рафту чашм боз ба дарёи хун кашид.
Осуда буд, Исмат, аз осеби рӯзгор,
Ҳар меҳнате, ки дид дил, аз дасти дида дид.

**137**

З-он шӯх гузар наметавон кард,
К-аз фитна ҳазар наметавон кард.
Мемираму мехӯрам зи дил хун,
Бе тӯша сафар наметавон кард.
Ҷуз мурдану сӯхтан ғамашро,
Тадбири дигар наметавон кард.
Меояду сер дар рухи ӯ
Аз гиря назар наметавон кард.
Тираш чу ба дил нишаст, ӯро
Аз хона бадар наметавон кард.
Дил сӯхта шуд, чунон ки ӯро
З-ин сӯхтатар наметавон кард.
Исмат, ба хаёли он ду рухсор,
Ёди маҳу х(в)ар наметавон кард.

**138**

З-ин нами дида, ки аз ғусса фурӯ меояд,
Рози пӯшидаи дил боз ба рӯ меояд.
Ба ғубори тани фарсудаи ман мемонад,
Гарди ҳасрат, ки паи тавсани ӯ меояд.
Рӯйи некӯ бинамо, то ба саодат мирам,
Ки маро мурдан аз ин ваҷҳ накӯ меояд.
Саҷдагоҳи дили ман боргаҳи давлати туст,
Қибла он ҷост, ки хуршед фурӯ меояд.
Мезанад дам зи ҳаводории хубон, Исмат,
Ки бухури нафасаш ғолиябӯ меояд.

**139**

Зи атрофи чаман сарве ба чашми мо намеояд,
Ки дар хотир хаёли он қаду боло намеояд.
Куҷо зебад касеро бо ту лофи хилъаторой?
Либоси ҳусн бар ҳар қомате зебо намеояд.

Чу ишқ омад ба дил овард сад ранчу бало бо худ,
Ки ҳаргиз бар сари хон меҳмон танҳо намеояд.
Ба рӯзи васл ғофил будам аз шабҳои ҳичронат,
Ки дар айёми шодӣ дарду ғам пайдо намеояд.
Зи назми дигарон, Исмат, чӣ бок, ар риққатангезанд,
Ки чун шеъри диловези ту рӯҳафзо намеояд?

**140**

З-ин хори балое, ки маро дар ҷигар омад,
Чун хок шудам, сад гули мақсуд баромад.
Бар зери дилам сохт раҳе дар ҳарами ҷон,
Ҳар ҷо, ки ғамаш буд, аз он рахна даромад.
Месӯхт дар оташ дил аз он лаб, ки задӣ чашм,
Норафта яке фитна балои дигар омад.
Ҷон беш супурдем ба савдои ту ҳарчанд,
Дар кишвари дил ранчу бало бештар омад.
Шуд боз зи тан сӯйи лабат хотири Исмат,
Тӯтӣ қафас афканду ба сӯйи шакар омад.

**141**

З-он пеш, ки аз дидаву дил ному нишон буд,
Ҷон аз паси ҳар парда ба рӯят нигарон буд.
Дил гуфт, ки хуршеди ҳақиқат рухи ёр аст,
Аз рӯйи ту чун парда барафтод, чунон буд.
Ҳар шуъла, ки хуршеди ҷамоли ту барафрӯхт,
Пеш аз ману ту ҷумла дар оинаи ҷон буд.
Бинмуд дар оинаи рӯйи ту ба як бор,
Ҳар нақш, ки дар пардаи тақдир ниҳон буд.
Рухсора намудӣ, ки бисӯзӣ дили Исмат,
Алминнатулилаҳ, ки таманнои ман он буд.

**142**

Сиришк, агар раҳи хок дар ту зуд нагирад,
Ба пеши дидаи мардум дигар вуҷуд нагирад.

Кабоб шуд дилу ёрои оҳи гарм надорам,
Ки туъмаи саги кӯйи ту бӯйи дуд нагирад.
Агар ба тоқи фалак нақши чеҳраи ту нигоранд,
Фариштаро аҷаб ар рағбати суҷуд нагирад.
Зи ман, ки ғояти ҳиҷрон кашидаам, чӣ барӣ дил?
Касе зи муфлиси тороҷдида суд нагирад.
Ба теғи қаҳри ту, Исмат, бурад забони рақибон,
Инояти ту агар ҷониби ҳасуд нагирад.

**143**

Сиҳисарви ман аз анбар хате бар гирди маҳ дорад,
Худо пайваста аз чашми рақибонаш нигаҳ дорад.
Бар он сарв аз хати мушкин ғуборе бигзарон бар дил,
Ки маҳ чандин фурӯғ аз давлати шоми сияҳ дорад.
Ғизоли наргисат аз хоби мастӣ кай барорад сар,
Чунин к-ӯ бар канори лола доим хобгаҳ дорад?
Сари зулфат нигаҳдори дили ҷамъи парешон аст,
Зи ҳиндуе, кӣ донистӣ, ки чандин дил нигаҳ дорад?
Шунидам, к-аз гуноҳи ишқ хуни халқ мерезӣ,
Ба аввал хуни Исмат рез, к-ӯ чандин гунаҳ дорад.

**144**

Ишқ аст султоне, ки ӯ дарвешро шоҳӣ диҳад,
Дилҳои ғафлатдидаро аз раҳмат огоҳӣ диҳад.
Дил шуд ба кӯйи бехудӣ, то ҳар шаб аз хуни ҷигар,
Мастони он майхонаро ҷоми саҳаргоҳӣ диҳад.
То раҳ ба мастӣ бурдаам, безорам аз ақлу хирад,
К-он ошнои ногаҳам, з-ин шева гумроҳӣ диҳад.
Аввал ба ғорат медиҳад, ишқ он чӣ ҳосил кардаам,
То чун гадои ӯ шавам, сад хилъати шоҳӣ диҳад.
Исмат, ба авҷи дилбарӣ дидаст хуршеде, ки ӯ
Шабҳои меҳнатро ба як дидор кӯтоҳӣ диҳад.

### 145

Умрест, ки дил орзуи рӯйи ту дорад,
Ҷон меҳри хаёли қади дилҷӯйи ту дорад.
Атрофи чаман пур зи абир аст, магар гул
Дар парда ғуборе зи сари кӯйи ту дорад?
Аз раҳгузари бод сабо бар сари кӯят,
Беҳушиям овард, магар бӯйи ту дорад?
Кай беҳ шавад аз маҳрами сабр, он ки дарунаш
Озурдагӣ аз ғамзаи ҷодӯйи ту дорад.
Девонаву занҷиркашон мебарадам боз,
З-он ҳалқа, ки аз силсилаи мӯйи ту дорад.
З-он рӯй чу ман зору наҳиф аст маҳи нав,
Гӯянд хаёли хами абрӯйи ту дорад.
Ҳар тир, ки зад чашми ту бар синаи Исмат,
Миннат ҳама бар ҷони дуъогӯйи ту дорад.

### 146

Умре ба сина ҳасрати боғу баҳор буд,
Дар ҷон ҳавои гашти гулу лолазор буд.
Охир ба боғ рафтаму дидам, ки аз фироқ
Дилҳои пора-пора ба ҳар нӯги хор буд.
Сад рахна дошт дар ҷигари хаста гул, магар
Ӯ низ захмхӯрдаи ҳиҷрони ёр буд?
Эй ҷони хӯгирифта, ки дорӣ хаёли дӯст,
Боре туро чӣ ҳоҷати гашти баҳор буд?
Исмат, маноз бо сухани хуш, ки пеш аз ин
Дар боғи умр ҳамчу ту булбул ҳазор буд.

### 147

Ғамат аз дил бадар нашояд кард,
Бе ту дар ҷон назар нашояд кард.
Гиряи ман бибину зуд марав,
Рӯзи борон сафар нашояд кард.

Тират аз дил намеравад берун,
Ки зи манзил гузар нашояд кард.
Захми пайкони хубрӯёнро,
Хона ҷуз дар ҷигар нашояд кард.
Исмат, овораи муҳаббатро,
Ҳеҷ кори дигар нашояд кард.

**148**

Фарёд, зи ҷаври ёр, фарёд,
К-аз сӯхтагон намекунад ёд.
Чашмони сиёҳи ӯ ба як ноз
Доданд ҳазор тавба барбод.
То бандаи он қади чу сарвам,
Озодам,  аз ин ки гардам озод.
Гӯё, ки зи рӯҳаш офариданд,
К-ин шакл надорад одамизод.
Ҳар оҳ, ки баркашид, Исмат,
Оташ ба сафи малоик афтод.

**149**

Гар дида даме аз қадами ёр бимонад,
Дил хун шаваду бар ҷигар озор бимонад.
То кай равад аз ман саги кӯйи туву чашмам
Хунобачакон бар таҳи девор бимонад?
Аз хӯрдани хун бехабарам кардию кас нест,
К-ӯ нӯшад аз ин бодаю ҳушёр бимонад.
Гар ҷон равад аз тан, накунад майли раҳоӣ
Мурғе, ки ба доми ту гирифтор бимонад.
Месӯзаму худ дард наёрам ба касе гуфт,
К-ӯ низ чу ман хаставу афгор бимонад.
Гар хок шавам, бар сари кӯйи ту ҳанӯзам
Ҷон мунтазири ваъдаи дидор бимонад.
Гӯям, сухани дарди ту гӯям ба ту, лекин
Кай он нафасам тоқати гуфтор бимонад?

Мондаст зи ҳиҷрон ба сари кӯйи ту, Исмат,
Чун булбули нолон, ки зи гулзор бимонад.

**150**

Гар оташ дар дил андозӣ, нафир аз ҷон бурун ояд,
В-агар бар ҷон расад тират, зи дил пайкон бурун ояд.
Ба ёдат ҳар дам аз оҳам ҷаҳон торик мегардад,
Надонам то кай ин дарди фироқ аз ҷон бурун ояд.
Дил андар хоку хун пинҳону аз ҳар гӯшае чашмат,
Ҳанӯз андар камин, к-он сайди саргардон бурун ояд.
Ба вақти мурданам дар кӯйи хеш афкан, ки ҷон аз тан,
Чу овози сагонат бишнавад осон бурун ояд.
Ба азми пурсиши бечорагон гар фол бикшоӣ,
Ба номи ман саросар ояти ҳиҷрон бурун ояд.
Хати сабзи лабат умрам фузуду чун наяфзояд,
Ҳаёт он сабзае, к-аз чашмаи ҳайвон бурун ояд?
Абири раҳмате бар рӯяш афшон, чун тани Исмат,
Миёни куштагон бо хоку хун яксон бурун ояд.

**151**

Гаҳе, ки мираму аз хоки ман гиё рӯяд,
Аз он гиёҳ саросар гули вафо рӯяд.
Зи дида сӯйи ту оям чу об агар ҳама раҳ,
Синони ғам дамаду ханҷари бало рӯяд.
Зи рӯйи зарди ману чашми хунчакон ҳама умр,
Ақиқи тар дамад аз хоку каҳрабо рӯяд.
Чунин аз оҳи ман оташ гирифт хоки дарат,
Зи хуни дидаи ман лола ҳар куҷо рӯяд.
Ба киштзори дил аз дида об деҳ, Исмат,
Ки дарди хуррамӣ аз гулшани сафо рӯяд.

**152**

Килки қазо чу сурати он моҳрӯ кашид,
Хуршед сар ба ҷайби хиҷолат фурӯ кашид.

Наққоши сунъ кард ба аввал зи мӯ қалам,
В-он гаҳ намунаи даҳани танги ӯ кашид.
Нақши миёни ӯст, ки борикбини ваҳм,
Бар саҳфаи хаёл ба як тори мӯ кашид.
Аз теғаш ар набуд чу ман хаста офтоб,
Субҳ аз чӣ ваҷҳ пардаи хун пеши рӯ кашид?
Исмат, ба гиря аз паи ҷавлони тавсанаш,
Аз хун бисоти лаъл ба он хоки кӯ кашид.

**153**

Кай з-оташи савдоят ҳар бехабаре сӯзад?
Озурдадиле бояд, к-ӯро ҷигаре сӯзад.
Парвонаву ман гарчи дар сӯхтанем, аммо
Ман ҷону ҷигар сӯзам, ӯ болу паре сӯзад.
Гар айши ниҳон ин аст, к-аз сӯзи ту ман дорам,
Ҳайф аст, ки дар дӯзах ҷуз ман дигаре сӯзад.
Аз сӯзи ниҳони дил сад ҷон ба нафир омад,
Офоқ ба дард ояд гар бештаре сӯзад.
Аз умр ҳамин шодӣ дорад ба ҷаҳон, Исмат,
К-аш ғамзазане букшад, ё симбаре сӯзад.

**154**

Гар кӯси риндӣ мезанам, шӯре ба олам мезанад,
В-ар сӯйи масҷид меравам, майхона барҳам мезанад.
Тан дар сари саҷҷодаву ҷон дар суҷуди гулрухон,
Ман инчунин расвову дил аз ошиқӣ дам мезанад.
Гар ринду гар дурдикашам, боре, аз он май сархушам,
К-аз машриқи ҷон оташе дар ҳарду олам мезанад.
Аз гиряҳои гарми чашм он тозагӣ дорад дилам,
К-андар баҳорон субҳдам бар лола шабнам мезанад.
Исмат, чу хоки роҳ шуд, аз фитна эман гашт аз он-к
Човуши султон теғи худ бар нотавон кам мезанад.

## 155

Кунун, ки боди сабо мушкбор мегузарад,
Дареғи умр, ки бе рӯйи ёр мегузарад.
Ба айш кӯш, ки то чашм мезанӣ барҳам,
Хазон ҳамерасаду навбаҳор мегузарад.
Замона мешиканад хори ғусса дар ҷигарам,
Даме ки бе рухи он гулъузор мегузарад.
Зи партави рухи ӯ ёд медиҳад дилро,
Чу бод бар тарафи лолазор мегузарад.
Бар он замин тани Исмат ғубор хоҳад шуд,
Ки наъли маркаби он шаҳсавор мегузарад.

## 156

Куҷо ба рӯйи ту хуршеду моҳ дар назар ояд?
Ситора гум шавад, он дам ки офтоб барояд.
Агар ту дар дами мурдан ба ноз бар сарам оӣ,
Умед ҳаст, ки умрам ба дӯстӣ ба сар ояд.
Ба ёди рӯйи ту чун ҷон ба хоки тира супорам,
Ба ҷои хор зи хокам дарахти гул ба бар ояд.
Бад-он лаби шакарин пурсише накард зи Исмат,
Раво надошт, ки тӯтӣ ба ҷониби шакар ояд.

## 157

Гаҳ хаданги ғамзаи хунрези ёрам мекушад,
Гаҳ фиреби он ду чашми пурхуморам мекушад.
Гар ҳамебинам рухаш, мемирам аз шодии васл,
В-ар намебинам, ба доғи интизорам мекушад.
Ӯ кашида теғу ман дар орзуи он ки боз,
Сер бинам як дамаш, боре чу зорам мекушад.
Теғ меронад аҷал гӯё намедонад, ки ман
Зиндагӣ меёбам он соат, ки ёрам мекушад.
Гар чу Исмат ҷон диҳам бе рӯйи ӯ набвад аҷаб,
Булбули мастам, ки шаваҷи навбаҳорам мекушад.

## 158

Гар бар забон ногаҳ сухан з-он лаъли майгун меравад,
Дил дар дарун хун мешавад, аз дида берун меравад.
Набвад аҷаб ҳар рӯз агар хуршед гарм ояд бурун,
З-ин оташе, к-аз синаам ҳар шаб ба гардун меравад.
То қиссаи ишқи ману ҳуснат ба олам фош шуд,
Кам бар забон афсонаи Лайлию Маҷнун меравад.
Меояд аз баҳри шараф пеши ту ҳар рӯз офтоб,
В-аз шарми хуршеди рухат зарду дигаргун меравад.
Дил бо ҷафову меҳнат аз рӯзи азал хӯ карда буд,
Бар Исмат ин ҷавру ситам танҳо на акнун меравад.

## 159

Гар қомати ту дар назар ояд, чӣ мешавад?
Нахли умеди мо ба бар ояд, чӣ мешавад?
Сад хори ғам дамид маро аз замини дил,
Гар як гули мурод барояд, чӣ мешавад?
Тири ту бар дил омаду мурда зи завқи он,
Гар боз новаки дигар ояд, чӣ мешавад?
Ҷони манию умри азизам хаёли туст,
Гар бе ту умри ман ба сар ояд, чӣ мешавад?
З-он лаб дигар маломати Исмат макун рақиб,
Тӯтӣ ба ҷониби шакар ояд, чӣ мешавад?

## 160

Агар ба саъй тавон ёфт ғояти мақсуд,
Мудом нақши рухат дар хаёл хоҳад буд.
Сипар шавад дил агар бар ҷигар занӣ тире,
Саводи мӯйи ту чун дил зи оламе бирбуд.
Ҳалол бод туро гар ба сӯйи дил майл аст,
Аз он чу сурати бахт аст бандаро мақсуд.
Агар ба доғи ғамат сар ба бод дод дилам,
Худои лутфи ту он сурати ғиёс намуд.

Қалам ба ёди ту чун сар ниҳод бар номат,
Равон ниҳояти васли ту бар хаёл афзуд.

### 161

Гар ба ишрат нафасе бо ту барорам, чӣ шавад?
Хештанро зи сагони ту шуморам, чӣ шавад?
Ҷони меҳнатзадаро, к-аз ғамат омад бар лаб,
Гар ба як бӯса ба лаъли ту супорам, чӣ шавад?
Чу барояд ба забони чу туе дашномам,
Ман зи дур ар ба дуо даст барорам, чӣ шавад?
Гар ба меҳмони ман оӣ нафасе то ба ниёз,
Ҷигари хуншуда пеши назар орам, чӣ шавад?
Ғарқа дар вартаи хун мондаам аз дидаи ашк,
З-он миён гар бирасонӣ ба канорам, чӣ шавад?
Метавон кушт ба як партави дидор маро,
Гар бад-ин сон бикушад, ошиқи зорам, чӣ шавад?
Мурд Исмат зи хазон, гар зи висоли ту насим,
Бидиҳад муждаи айёми баҳорам, чӣ шавад?

### 162

Гаҳ ранги рӯят оташе дар хирмани ҷон мезанад,
Гаҳ чашми мастат дар дилам в-аз дида пайкон мезанад.
Аз ғамзаи чун ханҷару қадди чу тират кай раҳам,
К-ин роҳ дар дил мекунад в-он захм бар ҷон мезанад.
Эй сарви гулрухсори ман, чун равнақи бӯстон туӣ,
Булбул зи мастӣ гирди гул беҳуда афғон мезанад.
Чашмат ба ангези ситам, зулфат ба ошӯби бало,
Ё ғорати дин мекунад, ё роҳи имон мезанад?
Исмат, ба доғи ошиқӣ дерест то хӯгир шуд,
Ғам дардаш афзун мекунад, гар дам зи дармон мезанад.

### 163

Гар зинда мемонам зи ғам, чашмаш ба нозам мекушад,
Аз ёр агар ҷон мебарам, аз ғамза бозам мекушад.

Ман худ ба дарди орзу  сад бор мемурдам, валек
Аз лаззати он зиндаам, к-он дилнавозам мекушад.
Оби ҳаёт аст он даҳон, чашмаш балои ҷон аз он,
Лаб рӯҳ мебахшад ба дам, ғамза ба нозам мекушад.
Дар оташи ғам сӯхт дил, в-аз сӯзи дил бигдохтам,
Чун шамъ медонам, ки ин сӯзу гудозам мекушад.
Аз ёр агар сар мекашад, Исмат ба ғам месӯзадаш,
Бар рух чу мебинад равон ашк, ӯ ба нозам мекушад.

**164**

Ку ақли раҳбин то маро аз хеш бедорӣ диҳад?
Дар мактаби расвоиям таълими хунхорӣ диҳад.
Бар бистари хун мурданам осон шуд аз як диданат,
Ҳар кас, ки бинад рӯйи ту кай ҷон ба душворӣ диҳад?
Баъд аз вафот ар солҳо ойӣ ба гашти турбатам,
Ҳар зарра аз хоки манат бӯйи вафодорӣ диҳад.
Серам зи танҳо зистан, мехоҳам аз ғам ёварӣ,
К-ин хастаи деринаро аз ҷон сабукборӣ диҳад.
Ҳар дам ба хунрези аҷал ҷонро ба ришват медиҳам,
К-андар замони куштанам дарди туро ёрӣ диҳад.
Шабҳои хунрезӣ ба ғам бедор дорам дидаро,
К-он хоби мастӣ ногаҳам з-ин шева ҳушёрӣ диҳад.
Исмат, ба мурдан хӯ макун, бошад, ки як бори дигар,
Чашми балоангезро ёди дилозорӣ диҳад.

**165**

Гаҳ ғамза аз чашми туам пайғоми ғамхорӣ диҳад,
Гоҳ он лаби хандони ту ёди ҷигархорӣ диҳад.
Аз суҳбати ҷон хешро безор дорам пеш аз он,
К-озори ҳиҷрони туам аз ғамза безорӣ диҳад.
Аз хандаи ширин намак бар дида мерезад лабат,
То шаб саги кӯйи туро таълими бедорӣ диҳад.
З-он чашми ҷоду бар ҷигар тир аз паи он мехӯрам,
К-он қути рӯҳам бар дарат шаб қуввати зорӣ диҳад.

Исмат, зи иззат кай барад сар пеши тоҷи хусравӣ,
Гар бар сари кӯйи туаш ғам муждаи хорӣ диҳад?

**166**

Гар дил аз ғам хун шавад, дарди ту аз дил кай равад?
В-ар намонад дида, он дил аз муқобил кай равад?
Ман зи захми теғи ту гирам, ки кам нолам, вале
Дарди ҷон кандан зи мурғи нимбисмил кай равад?
Аз гирифтории дил овора сӯят мекашад,
То на дармонад шикоре сӯйи қотил кай равад?
Чун саги кӯят фиғони ман шунид аз ҳуш рафт,
Ҳар кӣ ояд бар сари девона, оқил кай равад?
То насӯзад ҳастии Исмат тамом аз дарду ғам,
Аз дилаш савдои он шаклу шамоил кай равад?

**167**

Гар намегирям замоне дида Ҷайҳун мешавад,
В-ар сиришк аз дида меборам, ҷигар хун мешавад.
Қиссаи дардам кӣ гӯяд бо ту, к-аз аҳволи ман,
Ҳар кӣ медонад чу ман шайдову Маҷнун мешавад.
Ҳар замоне дил зи тирандози чашми кофарат,
Мешавад маҷрӯҳу хун аз дида берун мешавад.
Расми номус аз мани Маҷнун маҷӯ, к-аз диданат
Ақлу ҳушёрӣ каму беҳушӣ афзун мешавад.
Исмат, аз авсофи ҳусни гулрухон шуд шеъргӯй,
Аз хаёли шакли хубон табъ мавзун мешавад.

**168**

Гиёҳу гул ҳама аз хор сар бурун карданд,
Зи аҳли хок, надонам, хабар чӣ оварданд?
Насими хулд ба хоки касон вазад, ки чу гул
Бирехтанду ба хорӣ диле наёзурданд.
Ғубори турбати аҳли дилам, ки ҳамчу насим,
Ба ҳар гуле, ки расиданд рӯҳ парварданд.

Нишони аҳли сафо бар бисоти даҳр намонд,
Магар, ки мурдадилон оби зиндагӣ хӯрданд?
Ба пеши ханҷари таслим сар бинеҳ, Исмат,
Ки аҳли дард ба ҷон бохтан ҷавонмарданд.

**169**

Касе, ки ҷазби қабулаш ба пешгоҳ кашид,
Чунин ҳилол наёрад фалак ба моҳ кашид.
Аз ин шикаста фурӯмондатар нахоҳӣ ёфт,
Агар ба лутф нахоҳеш дар паноҳ кашид.
Чу дар азал ба ту ҷон аҳди дӯстӣ мебаст,
Дили шикастаи маҷрӯҳро гувоҳ кашид.
Гуноҳгораму шодам бад-ин ки котиби авф,
Хати карам ҳама бар номаи сиёҳ кашид.
Басе ба мадрасаҳо кӯси илм зад, Исмат,
Маро зи мадраса ишқат ба хонақоҳ кашид.

**170**

Касе, ки рӯзи умеди маро сиёҳӣ дод,
Маро ниёзу туро ҳусни подшоҳӣ дод.
Ба айшу ноз фиреби мани гадой мадеҳ,
Беҳ аз ҷароҳату дардам дигар чӣ хоҳӣ дод?
Чу ман ба ҷурми муҳаббат гуноҳгор шудам,
Иноятам хату маншури бегуноҳӣ дод.
Аҷал маро чу ба дорулқазои ишқ кашид,
Ба хуни ман ҳама аҷзои ман гувоҳӣ дод.
Саодат ин ҳама сӯзу ниёзи Исматро,
Ба гиряҳои шабу оҳи субҳгоҳӣ дод.

**171**

Лабаш в-аз дида хандиду дил аз бетоқатӣ хун шуд,
Чу ҷон маҳрам набуд он дам давон аз сина берун шуд.
Намедонам чӣ пеш омад ба роҳи офият дилро,
Ки боз он шакли беҳушона ёд оварду Маҷнун шуд.

Рухаш нодида мемурдам ба доғу дарди навмедӣ,
Кунунаш дидаму доғи дигар бар дардам афзун шуд.
Равон шуд маркаби хуршеди маҳрӯён ба хунрезӣ,
Сухан дар роҳ гӯ, эй дил, ки вақти мурдан акнун шуд.
Ба ғампурсии дил рафтам, шабе в-аз дида дар кӯяш,
Зи беҳушӣ надонистам, ки танҳо ҳоли ӯ чун шуд.
Ба дарёи ғам ар гаштӣ ғариқи мавҷи хун, Исмат,
Зи гуфтори ту гӯши оламе пурдури макнун шуд.

**172**

Лола чун фасли баҳор аз хок сар бар мекунад,
Бар сари хоки шаҳидон хок бар сар мекунад.
Боди Наврӯз аз насими турраи мушкинхатон,
Хокро ҳар дам зи бӯйи гул муаттар мекунад.
Хоки хуноғуштагони ишқро абри баҳор,
Ҳар дам аз борони раҳмат ганҷи гавҳар мекунад.
Аз қади наврафтагони боғ меорад хабар,
Ҳар ниҳоле, к-аз канори боғ сар бар мекунад.
Чун сипаҳдори бало дар мулк меронад ҳашам,
Афсари шоҳон ба хоки раҳ баробар мекунад.
Мулк аз они ӯст, гар тороҷ хоҳад дар ҳалок,
Ҳар чӣ он хуршедрӯ мекард дар х(в)ар мекунад.
Бар сари бозори ғам чун мекушояд ишқ бор,
Ҳар харидоре ба ӯ савдои дигар мекунад.
Исмати бадном гӯи некномӣ бурд аз он-к,
Кимиёи ишқ хоки тираро зар мекунад.

**173**

Маро ҳамеша зи хубон насиб дарду ғам ояд,
Ки хуррамию саломат ба кӯйи ишқ кам ояд.
Равам ба ҳар сари роҳу рухи ниёз бимолам,
Магар ба дида ғуборе зи хоки он қадам ояд.
Чунон сириштаи дарди туам, ки рӯзи қиёмат,
Зи зарра-зарраи хокам ҳанӯз бӯйи ғам ояд.

Бувад, ки рахт ба соҳил барам зи вартаи ҳиҷрон,
Зи мавҷи хун, ки ба гирдоби дида дам ба дам ояд.
Ба зор куштанам, эй ғам мадор бим, ки Исмат,
Ба сад ниёз диҳад ҷон, гар аз ту ин карам ояд.

**174**

Моро ба ҷафо аз ту буридан кӣ тавонад?
Бе нури яқин рӯйи ту дидан кӣ тавонад?
Дар ишқ агар лаззати дидор набошад,
Чандин аламу ранҷ кашидан кӣ тавонад?
То сад қадаҳ аз дарди ҷудоӣ накунад нӯш,
Аз шарбати васли ту чашидан кӣ тавонад?
Гар ҳусни муҳаббат накунад роҳнамоӣ,
Аз дӯст ба мақсуд расидан кӣ тавонад?
Исмат, набурад аз ту ба гуфтори рақибон,
Худ зарра зи хуршед буридан кӣ тавонад?

**175**

Маъшуқ чу қадри назари пок надонад,
Гар ҳур шавад ишқ ба ҳеҷаш наситонад.
Ҳар нахл, ки бе асл бувад соҳиби бӯстон,
Дураш кунаду меваи дигар бинишонад.
Ҳар ёр, ки бо ёр диҳад дасти иродат,
Ҳайф аст, ки он аҳд ба поён нарасонад.
Онро, ки шабе дар ғами шамъе нашавад рӯз,
Аз ҳоли ҷигарсӯзии парвона чӣ донад?
Бедард чу Исмат насарояд ғазали ишқ,
Худ зоғи сияҳ нағмаи булбул натавонад.

**176**

Мастони покрав, ки ба май ҷон супурдаанд,
Аз як пиёла роҳ ба мақсуд бурдаанд.
Бар зоҳидон ба зиндадилӣ фахр мекунанд,
Риндони дурднӯш, ки махмур мурдаанд.

То аз шароби ишқ бинӯшанд ҷуръае,
Сад раҳ зи дасти дил қадаҳи заҳр хӯрдаанд.
Ғофил машав, ки хурдашиносони ақлро,
Дурдикашони майкада нодон шумурдаанд.
Исмат, зи муфлисӣ гила кам кун, ки хусравон
Гаҳ-гаҳ калиди ганҷ ба мастон супурдаанд.

**177**

Моро нахуст дар ғаму ранҷ озмудаанд,
В-он гаҳ  ба сӯйи ганҷи вафо раҳ намудаанд.
Зуҳҳод ғофиланд, ки ногаҳ баранд суд,
Онон, ки рӯй бар дари майхона судаанд.
Аз сар гузашта пой ба майдон ниҳодаанд,
Соҳибдилон, ки гӯи саодат рабудаанд.
Баргир парда аз раҳи зуҳҳоди худпараст,
То бингаранд, к-аз чӣ шараф дур будаанд.
Ғофил машав зи гуфтаи Исмат, ки аҳли мулк,
Гаҳ-гаҳ ҳикояте зи гадоён шунудаанд.

**178**

Ман намедонам, ки доғи ӯ зи ҷонам чун равад?
В-аз дарун савдои он номеҳрубонам чун равад?
Оламе аз мурданам ғамгину ман дар фикри он,
То саги кӯяш ба сӯйи устухонам чун равад?
Борҳо чун дида бар хоки раҳаш молидаам,
Хотири гумраҳ ба сӯйи бӯстонам чун равад?
Бе гули рӯяш чу хокам пур зи хоки меҳнат аст,
Бар сари хоки ман он сарви равонам чун равад?
Дил зи Исмат гум шуду в-аз дида механдад лабаш,
Бо чунин ҳолат ба дигар ҷо гумонам чун равад?

**179**

Маҳ ар ғуломият, эй сарви моҳрӯ, накунад,
Касе  дигар ба ғалат рӯй сӯйи ӯ накунад.

Ба вақти куштанам аз чашми халқ пинҳон дор,
Ки то чу ман ҳамаро мурдан орзу накунад.
Ба бӯйи оташи дил пухтаам кабоби ҷигар,
Валек тарсам аз он к-аш саги ту бӯ накунад.
Ба кӯйи офият он кас қадам тавонад зад,
Ки илтифот ба хубони фитнаҷӯ накунад.
Ба даври наргиси масти ту чун кунад, Исмат,
Ки хирқаро гарави соғару сабӯ накунад?

**180**

Маяфкан зулф бар ораз, ки кори дил ба ҷон афтад,
Макун в-аз дида лаб ширин, ки шӯре дар ҷаҳон афтад.
Ба овози баланд аз дил барорам ҳар замон оҳе,
Агар бе қоматат чашмам ба сарви бӯстон афтад.
Хаёле бастаам бо хеш таҳрири миёнашро,
Вале мушкил равад хома чу мӯяш дар забон афтад.
Миёни мову ту афтода ҷони нотавон, тарсам,
Ки чун ҷон рахт барбандад, ҷудоӣ дар миён афтад.
Ту рахти хешро, Исмат, ба бозори вафо афкан,
Ки савдои вафодорон ҳамеша бе зиён афтад.

**181**

Нозанинро хӯи хуш чун бо малоҳат ёр шуд,
Ҳар кӣ рӯйи ӯ бидид аз умр бархурдор шуд.
Бо вуҷуди хубрӯён ҳар кӣ бар ҷон дил ниҳод,
Ишқ аз ӯ гардонд рӯю ҳусн аз ӯ безор шуд.
Ҳосил аз умру ҷавонӣ рӯйи зебо дидан аст,
Войи Маҷнуне, к-аз ин девонагӣ ҳушёр шуд.
Ҳар кӣ рӯзе дар таҳи девори хубон сар ниҳод,
Устухонаш оқибат хоки ҳамин девор шуд.
Рахнае дар ҷони ғамфарсудаи Исмат фитод,
Ҳар куҷо аз теғи маҳрӯе диле афгор шуд.

**182**

Намедонам, чӣ бахт аст ин, ки чун фасли баҳор ояд,
Маро аз дил ҳама гулҳои навмедӣ ба бор ояд.
Ба сад хуни ҷигар парварда будам дидаро умре,
Ки вақти гиряаам шабҳои навмедӣ ба кор ояд.
Чу донистам, ки чун он сустпаймон рӯй бинмояд,
Ҳар он захме, ки ояд бар ҷигар з-он раҳгузар ояд.
Ба ҳамроҳи сагонаш хостам сӯяш равам, лекин
Ба меърочи сабукрӯҳон саге кай дар шумор ояд?
Чу рӯят шуъла дар ҷон зад, баромад сад нафир аз дил,
Чу оташ дар дарун афтад, фиғон беихтиёр ояд.
Ба сад сӯзу ғам ар гӯяд ҳадиси дарди худ, Исмат,
Ҳанӯз он кофари бераҳмро кай устувор ояд?

**183**

Ҳар ҷонибе, ки маркаби он нозанин равад,
Бар рӯю чашми ман, на ба рӯйи замин равад.
Ҷон меравад, чу меравад аз пеши чашм аз он-к
Ҳайф оядам, ки умри азиз инчунин равад.
Дил хун шуду ба сӯйи лабаш меравад ҳанӯз,
Чун мӯри нотавон, ки сӯйи ангубин равад.
Умре ба остони иродат шудем хок,
Бошад, ки як-ду рӯзи дигар бар ҳамин равад.
Исмат, ҷабин ба оташи дӯзах ниҳад ба ҳашр,
Гар доғи бандагии туаш бар ҷабин равад.

**184**

Ҳар нақш, ки дар пардаи асрор намуданд,
Дар оинаи сурати дилдор намуданд.
Дар васфи рухат парданишинони маонӣ,
Аз ҳавдаҷи ғайбам ҳама дидор намуданд.
Хубон ҳама ҳусн аз рухи зебои ту бурданд,
В-он гоҳ ба ҳар оина рухсор намуданд.

Бо аҳли назар шуълаи хуршеди ҳақиқат,
Аз баҳри тамошои рухи ёр намуданд.
Исмат, зи хазон буд забонбаста чу булбул,
К-аз рӯйи ту бозаш раҳи гулзор намуданд.

**185**

Ҳамон соат, ки ҳаҷрам қасди хун кард,
Умеди умрам аз хотир бурун кард.
Хиҷолат дорам аз номурдани хеш,
Ки ҷон дур аз ту чандин сабр чун кард?
Ба бӯйи марҳам акнун чун тавон зист,
Ки хуни баста раҳ сӯйи дарун кард?
Зи ишқ осуда будам рӯзгоре,
Бад-ин хун хӯрданам ғам раҳнамун кард.
На танҳо ҷони Исмат сӯхт, к-ин дард
Дили шерон ба доғи ғусса хун кард.

**186**

Ҳама шаб з-оҳи дил дуди ғамам гирди ҷигар гардад,
Дар ин савдо,намедонам, шаби ман кай саҳар гардад?
Чу мебинам рухаш худро нигаҳ медорам аз гиря,
Мабодо домани покаш ба хуни дида тар гардад.
Агар гул барканам бе ӯ аз ашки ғусса чашмамро,
Саросар хоки навмедӣ маро лахти ҷигар гардад.
Ба даври меҳри рӯйи ӯ сухан санҷида мегӯям,
Ки зар чандон ки оташ беш монад поктар гардад.
Баҳорон чун дили ҳар кас ба гулзоре кашад, Исмат,
Гиребончок бар гирди дили садпора даргардад.

**187**

Ҳаргизат майли хиромидан набуд,
К-аз танам гарде ба он доман набуд.
Омадӣ пурсидани ҷон дар гудоз,
К-он замон бемор дар маскан набуд.

Дертар гар зистам бе ту, маранҷ,
К-аз аҷал буд ин гуноҳ, аз ман набуд.
Куштаи ҳиҷрон шудам, к-ин ранҷро,
Шарбате ширинтар аз мурдан набуд.
Порсоҳӯ гашт, Исмат, гӯиё
Шеваи чашми туаш равшан набуд.

**188**

Ҳар меҳнате, ки бо мани дарвеш мерасад,
Аз дасти ақли маслиҳатандеш мерасад.
Ҳар дам ҳазор новаки хунрез бар ҷигар,
Моро зи фитнаи назари хеш мерасад.
Чархаш ҳама ба заҳри фироқ об медиҳад,
Ҳар тири ғам, ки бар ҷигари реш мерасад.
Доим даруни мо сипари тири меҳнат аст,
Ҳар ҷо ҷароҳатест алам беш мерасад.
Дардаш насиби Исмат агар шуд, ғариб нест,
Аз подшаҳ насиб ба дарвеш мерасад.

**189**

Ҳар хай, ки бар рӯйи ту аз зулфи парешон мечакад,
Гӯӣ зи шабнам қатра бар тарфи гулистон мечакад.
Аз киштзори дил маро як меваи шодӣ наруст,
Чандин, ки бар вай солҳо аз дида борон мечакад.
Дар ҳайратам, к-аз кӯйи ӯ дигар чӣ гулҳо бишкуфад,
З-ин хун, ки бо лаъли ту аз чашми дурафшон мечакад.
Умрест то зад бар дилам он чашми майгун новаке,
Гӯӣ ҳанӯзаш хуни дил аз нӯги мижгон мечакад.
Исмат, аҷаб набвад агар рӯяд гулею лолае,
З-ин сели хун, к-аз дидаат дар кӯйи ҷонон мечакад.

**190**

Ҳар кучо қиссаи он зулфи дуто мегузарад,
Сухан аввал зи парешонии мо мегузарад.

Медиҳад боди сабо бӯйи ту, он бахт куҷост,
То шавам хок бар он раҳ, ки сабо мегузарад?
Эй табиб, ар гузаре, ҷониби мо хоҳӣ кард,
Зудтар бош, ки корам зи даво мегузарад.
Гӯиё тири туро аз тарафи ҷон пайкест,
В-арна зуд аз ҳадафи сина чаро мегузарад?
То яке ҳалқа аз он зулфи сияҳ рафт ба бод,
Умри Исмат ҳама бар боди ҳаво мегузарад.

**191**

Ҳар кӣ ӯ рӯ ба ростон дорад,
Бар дараш рӯ ба остон дорад.
Ҳамаро қути ҷон зи дидани ӯст,
Охирин хаста низ ҷон дорад.
Чашми ӯ рехт хуни мову ҳанӯз,
Ҳамчунон тир дар камон дорад.
Қасди дашноми мош дар дил нест,
Ин ҳама бар сари забон дорад.
Гуфтамат тарки хеш кун, Исмат,
Нашунидӣ, туро зиён дорад.

**192**

Ҳар киро дида ба дидори ту омӯхта шуд,
Хонумони дилаш аз оташи ғам сӯхта шуд.
Партави ҳусни ту ҷону ҷигарам пок бисӯхт,
Оҳ, аз он рӯз, ки ин шуъла барафрӯхта шуд.
Куштаи ишқаму ҷуз шукр намеёрам гуфт,
З-он муаллим, ки аз ӯ ин ҳунар омӯхта шуд.
Буд садпора чу пироҳани гул пардаи дил,
Ки ба хори ситамаш боз ба ҳам дӯхта шуд.
Исмати хаста ғуломест, ки аз рӯзи нахуст,
Бо ҳама айбу қусураш ба ту бифрӯхта шуд.

## 193

Ҳар насиме, ки бар он зулфи парешон гузарад,
Ҳайфам ояд, ки дигар бар гулу райҳон гузарад.
Ҳамчу сабза биниҳад сарви сиҳӣ рӯ бар хок,
Сарви нози ман агар ҷониби бӯстон гузарад.
Чанд пурсӣ, ки бар он зулфи сияҳ ҳоли ту чист,
Чун бувад ҳолати мурғе, ки парешон гузарад?
Ба аёдат гузаре бар мани дилсӯхта кун,
То ба бӯят нафаси мурданам осон гузарад.
Хуррам он рӯз, ки чун бигзарад аз дил берун,
Исмат, он рӯи накӯ бинаду аз ҷон гузарад.

## 194

Юсуфи Мисрӣ, ки халқ аз меҳри ӯ месӯхтанд,
Бар сари бозори савдои туаш бифрӯхтанд.
Аввал аз акси ҷамолат оташе ангехтанд,
В-аз фурӯғи он чароғи офтоб афрӯхтанд.
Бар тани дунон назебад хилъати волои ишқ,
З-он ки ин кисват ба қадди покбозон дӯхтанд.
Лаззати сӯзи ғам аз риндони соҳибҳол пурс,
К-андарин олам матои ҳарду олам сӯхтанд.
Дар ғазал гуфтан чу Исмат бар фалак медошт гӯш,
Қудсиён ҳар як аз ин афсона меомӯхтанд.

## 195

Сарви нози ман, ки ақл аз қоматаш девона шуд,
Ошно ногашта бо мо, аз чӣ рӯ бегона шуд?
Он ки лаълаш ҷуръае бо мо ба ҷоне мефурӯхт,
Боз бо риндон ҳарифи соғару паймона шуд.
Куштанӣ мурғе, ки будаш ошён дар мулки дил,
Бар сари доми хасон рафту асири дона шуд.
Оқибат сарриштаи кораш ба вайронӣ кашад,
Дар муҳаббат ҳар кӣ бо бедавлатон ҳамхона шуд.

Исмат, аз маҳбуб ҳар ҷое маҷӯ бӯйи вафо,
З-он ки бе лаззат бувад мева чу пур аз дона шуд.

**196**

Маро ҳар дам, ки ёди он гули сероб меояд,
Ба ҷои сели ашк аз дидаам хуноб меояд.
Чӣ ғам, к-аз гиряҳои ман ба хоби ноз шуд чашмат,
Ки мардумро ҳамеша рӯзи борон хоб меояд.
Зи сӯзи оташи ҳиҷрон равон шуд оби чашми мо,
Ҳаво чун гарм мегардад, ба дарё об меояд.
Ҳамон дам дасту гарданро ба пеши теғи ӯ орам,
Агар донам, ки баҳри хунам он қассоб меояд.
Чу Исмат ёд меорад ба хоб он чашму абрӯро,
Ҳамон дам маст сӯйи гӯшаи меҳроб меояд.

**197**

Балои ишқ ба ҳар кишваре, ки ҷо гирад,
Зи сина ҷон раваду пои он бало гирад.
Маро ба туҳмати тардоманӣ бикуш, в-он гаҳ
Бисӯз то ҳама рӯйи замин сафо гирад.
Дилат, ки аз ҳама бегона шуд ба сӯйи манаш
Фирист, то нафасе бӯйи ошно гирад.
Дар оташам ҳама умр аз ғаму намедонам,
Чӣ гуна сӯзаму к-он дар дили ту ҷо гирад.
Сабо ба гулшани кӯйи ту меравад густох,
Ҷуз оби дида кӣ пеши раҳи сабо гирад?
Зи партави назараш равшанӣ барад хуршед,
Зи хоки пои ту чашме, ки тӯтиё гирад.
Ба раҳгузори вафои ту хок шуд, Исмат,
Чу муфлисе, ки сари роҳи подшо гирад.

**198**

Ба боғи орзу ҳар кас гули мақсуд мебӯяд,
Маро аз лолазори дил гиёҳи дард мерӯяд.

Бар он роҳаш, ки рӯзе дидам аз рӯйи вафо чашмам,
Хасу хошоки он раҳро ба оби меҳр мешӯяд.
Чу месӯзам хаёли ёр меояд ба дилҷӯӣ,
В-аз ин хокистари сӯзон кабоби хеш меҷӯяд.
Ба ҳар мактаб, ки ӯ таълими нозу шева мегирад,
Маро устоди ишқ аз дур ҳарфи ғусса мегӯяд.
Ба бӯйи гулрухе ҳар кас ба гулзоре шуду Исмат,
Зи хористони бахти худ гули андеша мебӯяд.

**199**

Он дам ки рӯҳ бо тани хокӣ қарин набуд,
Ҷуз доғи бандагии туаш бар ҷабин набуд.
Он соате, ки мо ба ту додем дасти аҳд,
Як покбоз дар ҳама рӯйи замин набуд.
Он дам ки мо ба бори амонат даромадем,
Ҷибрил бар хазоини раҳмат амин набуд.
З-он пештар, ки ақл кунад аҳди дин дуруст,
Моро зи бехудӣ хабар аз ақлу дин набуд.
Рӯзе, ки хона бар сар кӯйи ту дошт ҷон,
Одам ҳанӯз маҳрами хулди барин набуд.
Исмат, чу ишқ фитна барангехт, ҷон бибоз,
Гар пеш аз ин ба мурдани хешат яқин набуд.

**200**

Бархез, ки дарҳои харобот кушоданд,
Риндон ба сӯйи майкадаҳо рӯ бинињоданд.
Ин мужда чу дар олами арвоҳ дарафтод,
Беҳуш шуданду ҳама аз пой фитоданд.
Зуҳҳод зи масҷид сӯйи майхона давиданд,
Ҳар як ба умеде кафи ҳоҷот кушоданд.
Чун соқии ғайб аз сари хум хишт барафканд,
Паймонаи аввал ба мани сӯхта доданд.
Исмат, зи муроди ду ҷаҳон хост, чу донист
Маҳрумии онон, ки талабгори муроданд.

**201**

Рафт умру дил хароби чашми ҷодуят бимонд,
Хок шуд чашму ба хотир ҳасрати рӯят бимонд.
Шод зӣ, акнун, ки ҷони хаста аз шаҳри вуҷуд,
Рахт басту устухон пеши саги кӯят бимонд.
Ҷон ба меҳри чашми ҷодуи ту афшондему дил,
Ҳамчунон дар саҷдаи меҳроби абрӯят бимонд.
Чашми хунхорат ба як тирам бикушту то ба ҳашр,
Миннати он ғамза бар ҷони дуогӯят бимонд.
Чун туро дар базм як шаб дид, Исмат, бо рақиб,
Чун фаришта рафту деверо ба паҳлӯят бимонд.

**202**

Чун зи хат шуд рухат ғуборолуд,
Аз дили ошиқон баромад дуд.
Қасди хунам макун, ки охири кор,
Гар пушаймон шавӣ, надорад суд.
То ту банди ниқоб накшодӣ,
Гираҳ аз кори оламе накшуд.
Рух намудию рафт кор аз даст,
Оқибат бин, чӣ фитна рӯй намуд?
Ҳар кӣ меҳроби абрӯи ту бидид,
Ҳамчу Исмат ниҳод сар ба суҷуд.

**203**

Чу зи ғамзаи ту тире ба миёни ҷон дарояд,
Ғами зистан надорад, ки дар он миён дарояд.
Чӣ кунад, ки хештанро накунад кабоб он дам,
Ки ба кулбаи гадое чу ту меҳмон дарояд?
Ба хаёл чун нависам ҳаракоти он миёнро,
Наравад қалам чу мӯяш ба сари забон дарояд.
Хиҷилам зи чашми масташ, ки ба тири ӯ намурдам,
Тани хаста кай бимирад чу ба сина ҷон дарояд?

Нафаси фироқ, Исмат, дами айш чун барорад?
Надиҳад дарахт мева чу гаҳи хазон дарояд.

### 204

Бар сари роҳе, ки он сарви хиромон бигзарад,
Ҳар кӣ он рафтори нозук бинад, аз ҷон бигзарад.
Дам ба дам занҷир ҷунбонад мани девонаро,
Гар сабо ногаҳ бар он зулфи парешон бигзарад.
Гар кушад рӯзи видоам, хуни худ кардам биҳил,
Умр набвад он ки дур аз рӯйи ҷонон бигзарад.
Мулки дил барҳам задам, то ёди ӯ дар дил гузашт,
Шаҳр вайрон гардад он соат, ки султон бигзарад.
Ҳоли худ мегуфт, Исмат, боз мегӯяд ба хеш:
Қиссаи мӯре куҷо пеши Сулаймон бигзарад?

### 205

Пеш аз он, к-аз чашму дил дар олам осоре набуд,
Ҷуз тамошои ҷамолат дидаро коре набуд.
Он замон аз партави ҳусни ту равшан буд дил,
К-андар ин оина нақши ҳеҷ рухсоре набуд.
Кору бори дил ба иқболи ғамат боло гирифт,
В-арна дилро пеш аз ин қадрею миқдоре набуд.
Пеш аз он соат, ки бифрӯшанд ҷону ғам харанд,
Ишқро дар кӯйи хубон рӯзи бозоре набуд.
Ҷумла меҳнатҳо насиби ҷони Исмат шуд магар,
Ғайр аз ӯ дар арсаи олам дилафгоре набуд.

### 206

Касе, ки дафтари риндони дурдхора нависад,
Бувад, ки номи мани хаста бар канора нависад.
Ба кунҳи он лабу дандон расад мусаввири ақлам,
Зи хуни дида ҳилоле чу бар ситора нависад.
Ба хатти сурх ба рухсори зарду ашки ду чашм,
Ҳикояти ҷигари реши пора-пора нависад.

Ҳадиси мусҳафи ҳусни ту оятест ба хубӣ,
Ки котиб аз катабаш бар сари ситора нависад.
Агар ту аз сари Исмат гузар кунӣ ба аёдат,
Табиб дарди диламро ҳазор чора нависад.

**207**

Ҷигар хун шуд аз ӯ, ҳосил ҳамин буд,
Дилам бурдӣ, муроди дил ҳамин буд.
Сагат дар кӯят афканд устухонам,
Маро худ охирин манзил ҳамин буд.
Шуд осон мурданам дар давлати ишқ,
Ба умри худ маро мушкил ҳамин буд.
Зи мавҷи меҳнатам ҷон бар лаб омад,
Магар ин вартаро соҳил ҳамин буд?
Намудӣ рӯю хун афшондам аз чашм,
Мурод аз дидаи соил ҳамин буд.
Ба вақти мурдан ар сӯзам, аҷаб нест,
Маро дар зиндагӣ ҳосил ҳамин буд.
Ғамат гар кушт, Исмат, солҳо шуд,
Ки аҳли дардро қотил ҳамин буд.

**208**

Дӯш аз он хуршедрӯ аксе дар об афтода буд,
То саҳар бар рӯйи дарё офтоб афтода буд.
Рӯз шуд бар ман шаби меҳнат, магар моҳи маро
Дар хиромидан зи тарфи рух ниқоб афтода буд.
Хост то ояд ба меҳмонхонаи чашмам хаёл,
Мардуми чашми маро дар хона об афтода буд.
Ӯ намози ҳусн адо мекарду он чашми сиёҳ,
Дар хами меҳроб гаҳ масту хароб афтода буд.
Хост то Исмат бибинад сер дарвешӣ, вале
Ҷон зи беҳушӣ ба рафтан дар шитоб афтода буд.

## 209

Аҳли назар зи дидаи мардум ниҳон шуданд,
Якбора тан ба хок супурданду ҷон шуданд.
Рафтанд булбулони хушалҳон зи боғи умр,
Зоғу заған мулозими ин бӯстон шуданд.
Мо пойбанди меҳнату андеша мондаем,
Муқбил касон, ки ҳамраҳи он корвон шуданд.
Моро ба номуродию ҳасрат гузоштанд,
Эшон ҳар он чӣ металабиданд он шуданд.
Исмат, ба чорболиши ғафлат чӣ хуфтаӣ?
Оҳанги роҳ кун,ки рафиқон равон шуданд.

## 210

Ба аҳли салтанат он кас, ки подшоӣ дод,
Маро танаъуми дарвешию гадоӣ дод.
Чӣ гуна рахт ба сӯйи диёри айш кашам?
Маро чу зовия дар кӯйи бенавоӣ дод.
Барояд аз ҷигарам дуди ғам, намедонам,
Ба аҳли дард балоро кӣ ошноӣ дод?
Ба ҳар диле, ки ғамашро дуруст шуд пайванд,
Ба ҳуснаш аз ҳама пайвандҳо ҷудоӣ дод.
Ба пеши тири бало ҷон нисор кун, Исмат,
Ба шукри он ки зи нанги худат раҳоӣ дод.

## 211

Булбуле гар ситами хор таҳаммул накунад,
Беҳтар он аст, ки дигар сухани гул накунад.
Эй сабо, бигзару гулро зи хазон огаҳ кун,
То дигар қасди дилозурдани булбул накунад.
Ҳар кӣ дар кӯйи ту ёбад ба гадоӣ роҳе,
Ҳаваси суҳбати арбоби таҷаммул накунад.
Дидае, к-ӯ ба хаёли ту даме унс гирифт,
Суҳбати мардуми бегона таҳаммул накунад.

Гуфта будӣ ба ҷафо хуни ту резам, Исмат,
Кас дар ин кори писандида таammул накунад.

**212**

Ба моҳ нисбати рӯят касе кунад, ки надонад,
Чароғи хира ба хуршеди безавол чӣ монад?
Фурӯғи номаи аъмоли ман ба ҳашр ҳамин бас,
Ки котиби амалам куштаи вафои ту хонад.
Ба оби дида, ки парвардаам ба сӯзи дарунаш,
Умедвор чунинам, ки оташам бинишонад.
Ба ғайри дил натавонад кашид бори муҳаббат,
Ки подшоҳии ин мулк ҳар гадо натавонад.
Агар зи пурсиши Исмат қадам дареғ надорӣ,
Бувад, ки ҷон ба саломат зи дасти ғам бираҳонад.

**213**

Ба ҳар куҷо зи дидаи мо хун чакида буд,
Дар кӯйи дӯст лолаю райҳон дамида буд.
Доруи беҳушона даромехт дар маям,
Он соғаре, ки бар лаби соқӣ расида буд.
Дил пеш аз он яқин, ки муҳаққақ шавад хаташ,
Ин накш дар саҳифаи хотир кашида буд.
Имрӯз дидам он хату шуд чашми ман сиёҳ,
К-ин дида шаб чӣ хоби пароканда дида буд?
Исмат, бисӯхт з-оташи андеша, з-он ки дӯст,
Дар ҳаққи ӯ ҳикояти душман шунида буд.

**214**

Маро чу ҷон диҳам аз хоки раҳ бибардоред,
Кашед теғу танамро чу дил биёзоред.
Чу зору хаста равонаш дар оташ андозед,
Ба шарҳаҳош лаболаб намак биёндоред.
Кашон-кашон ба ниёз ин кабоби сӯхтаро,
Баред пеши саги кӯйи ёр андоред.

Гар аз тани намаколуди ман дилаш бирамад,
Ба остони ниёзаш ба хок биспоред.
Зи баъди он ҳама зорикунон ба ҳазрати ёр,
Раведу Исмати озурдаро ба по доред.

### 215

Маро имрӯз бо ҷонон гузоред,
Тани фарсударо бо ҷон гузоред.
Равед, эй дӯстон, роҳи саломат,
Маро Маҷнуну саргардон гузоред.
Чу ман дар кӯйи ҷонон кушта гардам,
Ба хокам зору хунафшон гузоред.
Ҷигар пурхун, дил озурда, кафан чок,
Ба ҳашрам ҳамраҳи эшон гузоред.
Чу он бадхӯ ба болини ман ояд,
Маро бо хоку хун яксон гузоред.
Бигардонед бар оташ диламро,
Кабобе пеши он меҳмон гузоред.
Дили маҷруҳи Исматро ҳама умр,
Асири дарди бедармон гузоред.

### 216

Ҷанозаам чу хиромон ба кӯйи ёр баред,
Ба ҳар баҳона дар он кӯй рӯзгор баред.
Ба ҳар куҷо дили реши маро хабар ёбед,
Кашед зору бар он хоки раҳгузор баред.
Машоми халқ пур аз накҳати вафо гардад,
Ба ҳар диёр, ки аз хоки ман ғубор баред.
Маро кашида танобе ба гардан андозед,
Кашон-кашон чу сагонам ба кӯйи ёр баред.
Ки ҳар ки меравад кӯтаҳ кунад забон, Исмат,
Зи гуфтаҳош ғазалҳо ба ёдгор баред.

## 217

Рух матобу ҳамчу ҷон аз мо ҷудоӣ карда гир,
Бо дилафгорон аҷалро ошноӣ карда гир.
Май ба ҷӯш омад, биё, эй масти нози ман, ба ҷӯш
Бо ҳарифони мувофиқ бевафоӣ карда гир.
Бо ман, эй хилватнишин, дигар дам аз тақво мазан,
Шӯрбахтеро ба фолат раҳнамоӣ карда гир.
Эй ки аз майхонаат хотир ба тоат мекашад,
Тавба пеш ору пас аз шоҳӣ гадоӣ карда гир.
Зоҳид аз кӯйи риё дар кӯйи майхорон гурез,
Бода нӯшу бе зарурат порсоӣ карда гир.
Тарки май гуфтан ба уммеди биҳишт аз ақл нест,
Чанд рӯзе ҳам дар он ҷо худнамоӣ карда гир.
Эй ки май дар ҷом дорӣ хуш бинӯшу офият
Ҳамчу Исмат рағбати зуҳди риёӣ карда гир.

## 218

Эй ғамзаи ту кушта ба зорӣ ҳазор зор,
Мастию нест чашми туро ҷуз шикор кор.
Аз орази ту бар рухи хуршеду моҳи нур,
В-аз қомати ту дар дили сарву чанор нор.
Пӯсида устухонам аз ин ғам, ки гаҳ-гаҳе,
Бошад бар остони туам чун ғубор бор.
Хун дар дилаш гираҳ шавад аз рашк агар расад,
Аз сунбулат ба нофаи мушки татор тор.
Аз ашки оташин мижаамро сад обрӯст,
Нозад ба барги гул ба ҳазор ифтихор хор.
Эй хӯгирифтае, ки лабаш дар хаёли туст,
Хуноби ҳасрат аз мижаи ашкбор бор.
Нолад саги ту, гар ба ҷафо ронӣ аз дарам,
Кай бар ҳалоки ёр диҳад ихтиёр ёр?
Нозон баҳори ҳусн ба гулгашт меравад,
Исмат, бисоти дида ба он раҳгузор дор.

## 219

Чун ниқоби гул барафшонад сабо вақти саҳар,
Хуш бувад бар ёди соқӣ ҷоми май пеши назар.
Медиҳад соқӣ ба мастон ҷоми ишрат ҳар нафас,
Лола аз ҳасрат қадаҳ пур мекунад хуни ҷигар.
Шарбати васлат шикаста қимати оби ҳаёт,
Ёфта лаълат ҳазорон хурда бар тунги шакар.
Юсуфи гул медарад пироҳан аз дасти насим,
Лаъли соқӣ мешавад бар ғунчаи гул пардадар.
Давлати он кас, ки рӯзе бар канори дидааш,
Сарвқадеро ба раҳмат ногаҳон афтад гузар.
Собиту сайёра дар айшанд, эй мутриб, даме
Лутф кун в-аз нағма ранги меҳнат аз дилҳо бибар.
Аҳли дилро лаззати ҷон медиҳад боди баҳор,
Толибонро раҳ ба ҷонон мебарад боди саҳар.
Нағмаи мутриб дили мардум ҳамесӯзад чу уд,
Оби бода мекунад ҷонро зи ҳастӣ бехабар.
Ёфтӣ, Исмат, зи мастӣ суҳбати аҳли камол,
Наргиси соқӣ бубину номи ҳушёрӣ мабар.

## 220

Дорам зи хубон ҳар замон дар сина савдои дигар,
Сад пора гашта дил зи ғам, ҳар пораe ҷои дигар.
Рӯзи аҷал хоки маро, эй бод, ҳар сӯйе бибар,
Бошад, ки аз ҳар заррае бӯсад кафи пои дигар.
Дафъи гумони халқро мегӯям ин, донӣ маро
Набвад ҷуз он номеҳрубон дар дил таманнои дигар.
Эй кош, будӣ аз танам ҳар зарраеро дидае,
То ҳар замон дар кӯйи ӯ кардӣ тамошои дигар.
Исмат, ба ҷои он санам дар дил нишондӣ дигаре,
Ин хона гар равшан шудӣ аз маҷлисорои дигар.

## 221

Дигарам дар дил намеояд ғами ёре дигар,
Чун сабо ҳар дам нашояд шуд ба гулзоре дигар.
Мо ба ҷон дармондаем аз нотавонӣ, в-он табиб
Мекунад ҳар дам давои дарди беморе дигар.
Накди ҷон мо бар сари бозори дил афкандаем,
Ҳеҷ савдо барнамеояд ба бозоре дигар.
Доми зулфашро ҷаҳоне сайду он мижгон ҳанӯз,
Баркашида теғу меҷӯяд гирифторе дигар.
Гарчи дар олам дуогӯ кам намеояд туро,
Лек чун Исмат куҷо ёбӣ вафодоре дигар.

## 222

Эй лабат хунрезу мижгонат зи лаб хунрезтар,
Ғамза сеҳрангезу чашм аз ғамза сеҳрангезтар.
То ба талхӣ ҷон супурдам, бе ту донистам, ки ҳаст,
Марг заҳромезу ҳаҷр аз марг заҳромезтар.
То чӣ хунҳо бегунаҳ резад, ки дар айни балост,
Чашми ту хунрезу ашки ман аз ӯ хунрезтар.
Боз бар қасди ҳалоки дардмандон кардаӣ,
Теғи мижгон тезу теғи кин зи мижгон тезтар.
Исмат, акнун дил ба мурдан неҳ, ки дар хун кардан аст,
Ёр бепарҳезу ҳусн аз ёр бепарҳезтар.

## 223

Манам зи давлати риндӣ ба ошиқӣ машҳур,
Гирифта домани ёру зи ғайр карда нуфур.
Ҳалол бод май ӯро, ки гоҳи гардиши давр,
Мудом нӯшаду набвад зи чашми соқӣ дур.
Манам зи ҷаври ту эман зи саргаронии бахт,
Касе, ки бода нанӯшад куҷо шавад маҳмур?
Дилам ба рӯйи ту то чашми ошиқӣ бикшод,
Надид дар рухи хуршед бе ҷамоли ту нур.

Чи хирқаҳо, ки бисӯзад зи тоби оташи ишқ,
Агар зи майкада бӯйе расад ба аҳли ҳузур.
Лаби ту гар зи шакарханда дар ҳадис ояд,
Ҳазор нуктаи мавҳум оварад ба зуҳур.
Дигар зи ҷомаи азрақ маҷӯ наҷот, ки ҳаст,
Даруни пардаи Исмат намешавад мастур.

### 224

Маро чу теғ задӣ бар раҳи адам бигзор,
Бирез хуни дилу кори ҷон ба ғам бигзор.
Ба хун рақам зада пироҳани маро бар теғ,
Бипечу бар сари хоки ман он алам бигзор.
Маро чу нест раҳ, эй бод, агар равӣ зи сарам,
Ду дида баркану бар роҳи он қадам бигзор.
Ғамаш ба рехтани хунам омадаст, эй бахт,
Тараҳҳуме куну моро даме баҳам бигзор.
Гаҳе,ки зору наҳиф аз ҷаҳон равӣ, Исмат,
Ду дида баҳри тамошои он санам бигзор.

### 225

Навои булбули ошуфтаю насими баҳор,
Хуш аст бо майи софию бӯйи суҳбати ёр.
Насим шуст чаманро ба оби дидаи абр,
Сабо бисоти мулавван фиканд дар гулзор.
Бунафша сар зи тавозуъ фиканда андар пеш,
Нишаста хусрави гул бар сарири суффаи бор.
Сабӯҳ шабнам ба рӯйи гул бад-он монад,
Ки гоҳ-гоҳ нишони арақ бар он рухсор.
Ҳабиб соқию давлат надиму бахт рафиқ,
Висол ҳамдаму дил беғаму саодат ёр.
Ба ҳаққи хуни дилу ғунчаву таровати гул,
Ба саргаронии наргис, ба обрӯи баҳор:
Ки ҳар кӣ ҷон ба фидои чунин мақом надод,
Ба қавли пири хароботзиндааш машмор.

Чу Исмат ар бихӯрӣ ҷуръае зи соғари ишқ,
Ба як пиёла кунӣ сад ҳазор ҷон исор.

**226**

Эй кинапарасти фитнаангез,
Аз гиряи зори ман бипарҳез.
Фарёд, ки оламе бикуштӣ,
Аз фитнаи ғамзаҳои хунрез.
Ҳар сӯ ба карашма тунд махром,
Дар шаҳри дигар бало маянгез.
Дар як назарам бикушту ҷон дод,
Чашмат ба итоби раҳматомез.
Ҳуш дор, ки доманат нагирад,
Дуди дили Исмати саҳархез.

**227**

Эй лаби лаълат намаки синасӯз,
Новаки чашми сияҳат дидадӯз.
Мушки хатат ҳиндуи оташпараст,
Моҳи рухат кавкаби гетифурӯз.
Холи лабатрост зи бозии шаб,
Хотами лаъл омада бар рӯйи рӯз.
Санги ҷафо ҷуз ба сари мо мазан,
З-оташи дил ҷуз ҷигари мо масӯз.
Исмат, агар хастаи он ғамзаӣ,
Дида дар он новаки дилдӯз дӯз.

**228**

Бо дилафгорон макун, эй дилбари танноз, ноз,
Як замонам бо сагони кӯйи ӯ дамсоз соз.
Чашми ман то рӯйи хубон диду луъбатбоз шуд,
Накди ҷон, эй дил, ба роҳи чашми луъбатбоз боз.
Аз тани фарсудаи ман устухоне беш нест,
То ба кай бар сайди лоғар афканад шаҳбоз боз?

Навбаҳор асту авони ҷоми ишрат хӯрдан аст,
Эй сурохӣ, бода резу эй муғаннӣ, соз соз.
Хусрави мулки сухан Исмат ба шеъри дилпазир,
Ҳар замон гӯяд ба гӯши Ҳофизи Шероз роз.

**229**

Чун дилозори ман аз роҳи вафо баргашт боз,
Дида навмед аз рухаш бо дидаи тар гашт боз.
З-орзуи он ки гард аз пои ӯ шӯяд ба хун,
Мардуми чашмам ба хоки раҳ баробар гашт боз.
Ҷон ба шодӣ медиҳам, к-аз давлати дардаш маро,
Бар сари роҳи вафо мурдан муяссар гашт боз.
Хоку хун оғушта гуфтам зери по афтам чу ашк,
Домани покиза барчиду зи раҳ баргашт боз.
Исмат, аз бӯйи висолаш зиндагӣ аз сар гирифт,
Чун насими навбаҳорӣ рӯҳпарвар гашт боз.

**230**

Зи озори мани Маҷнун бипарҳез,
Зи ноҳақ рехтани ин хун бипарҳез.
Мабар дилрову дар оташ маяндоз,
Зи дуди синаи маҳзун бипарҳез.
Гар аз оҳи дили мо ғам надорӣ,
Зи ҳаҷрангезии гардун бипарҳез.
Дило, гар майли ҷонбозӣ надорӣ,
Зи фикри он лаби майгун бипарҳез.
Бипайванд аз дарун бо дӯст, Исмат,
Зи бими мардум аз берун бипарҳез.

**231**

То шуд ба гирди рӯйи ту хатти ғубор сабз,
Аз сели ашки мост бисоти баҳор сабз.
Маншури сурхрӯйии бахти сиёҳи мост,
Хатте, ки гашт бар рухи гулгуни ёр сабз.

Хизри баҳор дар талаби оби зиндагӣ,
Пӯшидааст боз дар ин рӯзгор сабз.
Гӯё замин ба заҳри фироқ об хӯрдааст,
З-он медамад гиёҳ зи ҳар марғзор сабз.
Исмат, бисӯз хирқаи азрақ кунун, ки ҳаст,
Май арғувонию тарафи ҷӯйбор сабз.

**232**

Рамазон омаду мо масту харобем ҳанӯз,
Ҷоми май дар кафу дар банди савобем ҳанӯз.
Оламе рӯза гирифтанд дар ин мавсиму мо
Ҳамчунон ташнаи ибриқи шаробем ҳанӯз.
Халқ дар тоату мо ҳамчу сурохӣ шабу рӯз,
Ҳама дар саҷдаи ҷоми майи нобем ҳанӯз.
Рӯй бинмой, ки аз дасти дилу дидаи хеш
Бе ту умрест, ки дар оташу обем ҳанӯз.
Исмат, аз рӯйи ту маҳруму ту дар неъмату ноз,
Хабарат нест, ки мо дар чӣ азобем ҳанӯз.

**233**

Оқибат сӯзи дилам сар дар ҷунун ангехт боз,
Ёди хубонам намакҳо бар ҷароҳат рехт боз.
Ёри кофархӯи ман бар рух парешон кард зулф,
Сад дили девона дар ҳар тори мӯй овехт боз.
Ишқ дар майдони хубӣ то шикор оғоз кард,
Ақл чун сайди рамида аз миён бигрехт боз.
Гоҳ месӯзам дар оташ, гоҳ мемирам дар об,
Лаъли ӯ то обу оташро ба ҳам омехт боз.
Аз дами сард он чароғи ишқбозӣ мурда буд,
Исмат, аз ашъори сӯзон шуълаҳо ангехт боз.

**234**

Ғамзаат чун рехт хунам, ханда ҷон бахшид боз,
То замоне дида сер он рӯйи зебо дид боз.

Чашми ӯ чун зинда дид ин сайди пайконхӯрдаро,
Хостам то боз мирам, зери лаб хандид боз.
Аз вафодории дил шодам, ки умре дар ғамаш,
Хун ҳамехӯрду ба кӯяш роҳ мепурсид боз.
Дар хаёли он лаб оби зиндагонӣ ёфт ҷон,
Хост то нӯшад, зи танҳо зистан тарсид боз.
Дӣ ба хунрезӣ қабо пӯшиду шаҳре кушта шуд,
Ваҳ, ки имрӯз он либоси кофарӣ пӯшид боз.
Ҳар сиришки хун, ки бар хоки раҳаш мерехт чашм,
Дасти меҳраш бар саводи дида мемолид боз.
Бозам афғони сагони ёр меояд ба гӯш,
Исмати гумраҳ магар аз дарди дил нолид боз?

**235**

Ҷафо, к-аз ту дидам, надидам зи кас,
Маро душмани ҷон ту будию бас.
Гарам бар наояд дам авлотар аст,
Ки дар ноумедӣ барорам нафас.
Шаби нола пеши сагат ҷон диҳам,
Ки дилро ҷуз ӯ нест фарёдрас.
Гар аз хӯят огоҳ будӣ дилам,
Бад-ин хӯрдани хун набастӣ ҳавас.
Висолат куҷо дарх(в)ари Исмат аст,
Ки ту подшоҳӣ ӯ ҳеҷ кас?

**236**

Эй басо, ринде, ки дурдолуда бошад кисваташ,
Чун ба маънӣ бингарӣ, бинӣ ғариқи раҳматаш.
Гар ба хок афтода дар кӯйи муғон бинӣ саре,
Хор мангари чун намедонӣ зи асли тинаташ.
Кас намедонад, ки маънӣ дар кадомин сурат аст,
Эй басо, дур, к-аз садаф бошад ҳиҷоби қимматаш.
Сар ба султонӣ фурӯ н-орад гадои кӯйи дӯст,
З-он ки доғи ёриаш бошад нишони давлаташ.

Ҳар кӣ рӯзе чун ман аз теғи ҷудоӣ кушта шуд,
То қиёмат бӯйи хун ояд зи гарди турбаташ.
Дил, ки аз шарми гунаҳ аз мо ҷудо афтода буд,
Роҳ деҳ, ё Раб, зи раҳмат дар паноҳи Исматаш.

**237**

Аз ғамза гар тирам занӣ, дар сина пинҳон дорамаш,
Гоҳ аз ҷигар обаш диҳам, гаҳ ҳамдами ҷон дорамаш.
Пеши хаёлат ҳар нафас аз дил кабоб орам бурун,
Дар хилвати ҷон гар шабе хоҳам, ки меҳмон дорамаш.
Сирри ғаматро то кунун дар сина пинҳон доштам,
Чун фош шуд якборагӣ, дигар чӣ пинҳон дорамаш?
Аз дард менолид дил, хун кардамаш якборагӣ,
Бар бӯйи васлат то ба кай мавқуфи дармон дорамаш?
Гар дил зи ман овора шуд, гӯ, шав, ману хоки дараш,
Он беҳ, ки то боқист ҷон, дар кӯйи ҷонон дорамаш.
Ё Раб, дили саргаштаро ҷамъияте бахш аз рухаш,
То кай чу чашму зулфи ӯ масту парешон дорамаш?
Душвории ҷон додани Исмат зи ҳиҷрони рухат,
Пеши ту гар осон бувад, ман низ осон дорамаш.

**238**

Он ки хуршед чу ман дар талаби дидораш,
Хоки раҳ гашту надоданд ба он дар бораш.
Қиссаи наргиси ӯ рӯзи маро кард сиёҳ,
Лоларо сӯхт дил аз рангу рухи гулнораш.
Тавба бигзору зи мастӣ маталаб роҳи халос,
Ёфтӣ давлати ҷовид, ғанимат дораш.
Агар аз дард шавӣ кушта, мабар номи даво,
Лофи ваҳдат задаӣ, сар макаш аз озораш.
Бандаи туст дил, аз ғамза масозаш маҷрӯҳ,
Сӯхт аз ҳаҷри ту ҷон, бесару по магзораш.
Гар занад лофи сафо бо даҳанат ҷоми шароб,
Лаби лаълат ба даме даршиканад бозораш.

Моили Каъба чу шуд дил накушоданд дараш,
Тавф чун кард ба майхона баромад кораш.
Аз ҳаёташ ба сутуҳ омада ҷон бе рухи ёр,
Эй аҷал, беш ба тороҷи бало маспораш.
Лоиқи бандагият Исмат агар нест, ба лутф
Номи ӯ гар шунавад бас бувад ин миқдораш.[1]

## 239

Озурдахотирам зи дили мустаманди хеш,
Пеши кӣ нолам аз ҷигари дардманди хеш?
Эй шаҳсавор, тунд марон бодпои ҳусн,
Раҳме бикун ба ҳоли асири каманди хеш.
Чун бар раҳи ту хок шавад устухони ман,
Берӯзияш мадор зи наъли саманди хеш.
Ҷони маро, ки хастаи теғи балои туст,
Фармо муфарраҳе зи лаби нӯшханди хеш.
Исмат, бисӯхт дар тафи гармои интизор,
Роҳаш бидеҳ ба сояи сарви баланди хеш.

## 240

Эй ҳаҷр, бераҳмӣ макун, дур аз рухи ёрам макуш,
Гар ман ба куштан лоиқам, боре чунин зорам макуш.
Ё теғ баргиру бикуш, то кай дил озорӣ маро?
Ё рух намою инчунин аз шавқи дидорам макуш.
Гар куштанӣ гаштам, бибар, дар пеши худ теғам бирон,
Боре ба ин бечорагӣ дар пеши ағёрам макуш.
Чун зор хоҳӣ куштанам, аз кӯйи худ дурам марон,
Ман булбули бетоқатам, берун зи гулзорам макуш.
Ё Раб, ту Исматро макуш аз тирборони бало,
Чун худ азизам кардаӣ, акнун чунин зорам макуш.

1 Мисраъҳои дуввум мувашшаҳест бо номи Халил Султон

**241**

Бандаи пири муғон бошу ба ҷон кун хидматаш,
То ба коми дил расӣ рӯзе ба юмни давлаташ.
Кай тавон аз уҳдаи як ҷуръа берун омадан,
Солҳо аз ҷон агар гӯем шукри неъматаш?
Ҳар киро аз зуҳду тақво барнаёмад ҳеҷ кор,
Чун ба кӯйи майфурӯш омад, баромад ҳоҷаташ.
Муҳтасиб дар кини майхорон камар барбастааст,
Ишқ аз он рӯ мениҳад бар сар кулоҳи давлаташ.
Бар дари майхона, Исмат, саҷдаи шукр оварад,
Гар кунад соқӣ дар он ҳолат қабули тоаташ.

**242**

Парешонхотирам доим зи рашки зулфи ҳиндуяш,
Ки ман маҳруму ӯ пайваста дорад такя бар рӯяш.
Таҳорат мекунам ҳар дам ба хуни дида, то бошад
Ки орам саҷдае дуздида дар меҳроби абрӯяш.
Ба бозӣ ҳар замон аз ғамза ғорат мекунад дилро,
Мабод он дам ки сеҳр омӯзад аз чашмони ҷодуяш.
Чу мирам дур медоред аз он дар устухонамро,
Ки он дар вақти мурдан кардаам вақфи сари кӯяш.
Ба қалби нораво, Исмат, мабар савдои зулфи ӯ,
Ба сад ҷон гар тавон додан баҳои як сари мӯяш.

**243**

Дило, бо дарду ҳасрат ёр мебош,
Ба ғам хӯ кун, зи ман безор мебош.
Маро бигзор бо хубон ду рӯзе,
Ту доим ҳамчунин афгор мебош.
Бимон то ман ба навмедӣ диҳам ҷон,
Ту хунафшон ба кӯйи ёр мебош.
Ба рӯйи он парӣ хӯ кун, ба ин ваҷҳ
Зи боғи умр бархурдор мебош.

Ману он моҳрӯ, Исмат, туву шамъ,
Ба оби дида шаб бедор мебош.

**244**

Хандаи ширин, ки зери лаб ниҳон медорадаш,
Дар сухан гуфтан шакар пеши забон медорадаш.
Ҷони беморам аз он лаб шарбате хӯрду бираст,
Шӯрбахтӣ, бин, ки ширинӣ зиён медорадаш.
Қосиди озори мардум нест он чашми сиёҳ,
Ҷодуию мастию шӯхӣ бар он медорадаш.
Аз дили поки ман он покизахӯй огоҳ нест,
Ё рақиб андар ҳақи ман бадгумон медорадаш?
Шаб чу меояд саги ӯ дил ба хунови ҷигар,
Бар сари хони муҳаббат меҳмон медорадаш.
Аз шароби ноз махмур аст чашми масти ёр,
Ё ба қасди хуни Исмат саргарон медорадаш?

**245**

Ҳайф оядам, ки гардад хуршед гирди кӯяш,
Тарсам,ки дида ногаҳ равшан кунад ба рӯяш.
Як дам ба остонаш, эй умр, муҳлатам деҳ,
То бар ду дида молам пои сагони кӯяш.
Дорам диле пуроташ бар хоку хун фитода,
Хӯгир карда худро бо доғи орзуяш.
Рӯзе агар биёбӣ, эй бод, раҳ дар он кӯ,
Сӯйи ман ор гарде, то ҷон диҳам ба бӯяш.
Шарбат чӣ суд дорад бемори орзуро?
Зери лаб ар тавонӣ ҷуз носазо нагӯяш.
Эй толеъи парешон, зулфаш ба дасти ман деҳ,
То ҷон гиреҳ бибандам бар ҳалқаҳои мӯяш.
Ҳар рӯз бар сари раҳ, Исмат, бисӯз худро,
Боде магар расонад хокистари ту сӯяш.

**246**

Хун мефишонам аз мижаи ашкбори хеш,
К-орам муроди хештан андар канори хеш.
Дасти нигорбаста чу бинмуд шохи гул,
Ёд омадам зи соиди симини ёри хеш.
Дар бӯстон чу дасти нигори маро бидид,
Шохи шукуфа даст бишуст аз нигори хеш.
Додем ҷон ба ҳаҷру тани ғамрасидаро,
Мондем бо сагони дарат ёдгори хеш.
Аҳли дил ихтиёр ба арбоби дин диҳанд,
Исмат, ба дасти ишқ диҳад ихтиёри хеш.

**247**

Дил, ки насими ту дод давлати Наврӯзияш,
Дарди куҳан рафту шуд давлати нав рӯзияш.
Мо ба нахустин назар куштаи он ғамзаем,
Боз ба хун рехтан фитна чӣ омӯзияш?
То зи зумуррад кашид ҳусни ту хат гирди лаъл,
Шуд ба сафи гулрухон бар ҳама пирӯзияш.
Ҷон, ки чу парвона бар шамъи таҷаллӣ бисӯхт,
Зинда шавад,  боз чун бори дигар сӯзияш.
Гар дили Исмат бимонд, боз намирад ба дард,
Гар ту ба пайкони ноз боз ба ҳам дӯзияш.

**248**

Дӣ омаду беҳушиям маҳрум кард аз диданаш,
Ҷон дар тамошо буд аз ӯ, хоҳам хабар пурсиданаш.
Аз як тамошо мурдаму сераш надидам соате
Бо он ки умре хостам умр аз барои диданаш.
То ҳамдами ӯ буд ҷон, аз марг метарсид дил,
Воҷиб шуд акнун дур аз ӯ аз зистан тарсиданаш.
Хуршедро гар дидани рӯяш муяссар н-омадӣ,
Бе ваҷҳ будӣ солҳо гирди ҷаҳон гардиданаш.

Исмат, ба олам ҳар киро чашме ба рӯйе боз шуд,
Душвораш ояд баъд аз он боз аз ҷаҳон пӯшиданаш.

**249**

Дилозоре, ки беморам зи чашми номусалмонаш,
Агар тирам занад, созам чу ҷон дар сина пинҳонаш.
Бар оташ сӯхтам дилро аз ин ҳасрат, ки то рӯзе,
Кабоби хомсӯзи худ расонам бар намакдонаш.
Ҷаҳоне дар шаби торики зулфаш роҳ гум кардӣ,
Агар сар барнаёвардӣ маҳ аз гӯйи гиребонаш.
Маро дар дил ҷароҳатҳост аз ҳар захми шамшераш,
Ки машҳуд асту медорам ҳанӯз аз халқ пинҳонаш.
Дили гумгашта меҷӯянд халқе дар хами зулфаш,
Магар ҷамъияти дилҳост дар зулфи парешонаш?
Азиз он гаҳ бувад дармон, ки дарде дар дарун бошад,
Чӣ донад қадри васл он кас, ки набвад дарди ҳиҷронаш?
Саросар гунаи Исмат зи меҳнат парвариш дорад,
На дар айёми Дилшод аст чун ашъори Салмонаш.

**250**

Диле, ки пок набошад ҳақиқати гуҳараш,
Куҷо зи покии озодагон бувад хабараш?
Ба умри хеш гузидем суҳбати санаме,
Ки то ба ҳашр натобем рух зи хоки дараш.
Чу рози аҳли назар пеши халқ пайдо кард,
Равон чу ашк бияндохтем аз назараш.
Ҳар он дарахт, ки дар боғи умр биншонӣ,
Чу асл пок набошад, чунин бувад самараш.
Хуш аст назми ту, Исмат, чунон ки аз сари ҷаҳл,
Кунанд мардуми гумраҳ тахаллуси дигараш.

**251**

Сарви нози ман, ки раҳме нест  бар ҳоли манаш,
Хоки роҳи ӯ шавам, бошад, ки бӯсам доманаш.

Моҳи шабпаймо, ки олам хӯшачини ҳусни ӯст,
Донае монанди холи ӯ надорад хирманаш.
Дӣ рақибам гуфт, к-он маҳ хоҳадат куштан ба теғ,
Гар хато гуфт ин ҳикоят, бод андар гарданаш.
Заррае гар бохабар будӣ зи ҳоли дӯстон,
Хотири нозук наранҷидӣ ба қавли душманаш.
Дидаро бори дигар равшан кунад Яъқубвор,
Гар расад рӯзе ба Исмат накҳати пироҳанаш.

**252**

Сархуш аз кӯйи харобот гузар кардам дӯш,
Ба талабгории тарсобачаи бодафурӯш.
Пешам омад ба сари кӯча парирухсоре,
Кофарона шикани зулфи чу зуннор ба дӯш.
Гуфтам: Ин кӯй чӣ кӯй асту туро хона куҷо?
Эй маҳи нав хами абрӯи туро ҳалқа ба гӯш.
Гуфт: Тасбеҳ ба хок афкану зуннор бибанд,
Санг бар шишаи тақво зану паймона бинӯш.
Баъд аз он сӯйи ман, о, то ба ту гӯям хабаре,
К-ин чӣ кӯест, агар бар суханам дорӣ гӯш.
Тавба як сӯ бинеҳу соғари мастона талаб,
Хирқа берун фикану кисвати риндона бипӯш.
Дин барафтодаву беҳуш фитодам зи паяш,
То расидем ба ҷое, ки на дин буду на ҳуш.
Маҳв гашт аз вароқи кавну макон нақши вуҷуд,
На парӣ монду на одам, на туюру на вуҳуш.
Дидам аз дур гурӯҳе ҳама девонаву маст,
Аз тафи бодаи шавқ омада дар ҷӯшу хурӯш.
Бе наю мутрибу соқӣ ҳама дар айшу сурур,
Бе маю ҷому сурохӣ ҳама дар нӯшонӯш.
Чун сари риштаи номус бирафт аз дастам,
Хостам то хабаре пурсам аз ӯ гуфт:«Хамӯш!»
Нест ин Каъба, ки бе пою сар ой ба тавоф,
Нест масҷид, ки дар ӯ беадаб ой дар ҷӯш.

Ин хароботи муғон асту дар ӯ мастонанд,
Аз дами субҳи азал то ба қиёмат мадҳуш.
Гар туро низ дар ин шева сари якрангист,
Дину дунё ба яке ҷуръа чу Исмат бифрӯш.

**253**

Сабӯкашон сӯйи майхона азм кардам дӯш,
Ки сархушӣ диҳадам ғамзаи шаробфурӯш.
Чу қасди майкада кардам тамом маст шудам,
Ридои ақл ба якборагӣ фитод аз дӯш.
Дар орзуи хароботиён зи шавқ омад,
Ба сина хуни ҷигар чун сабӯи бода ба ҷӯш.
Чу аз ҳарими завоёи ишқ бигзаштам,
Суруди нағмаи он маҷлисам расид ба гӯш.
Ба оқибат ба гурӯҳе расида шуд, к-он ҷо
На илм буду на дониш, на ақл буду на ҳуш.
Ҳама Калимсифат аз майи таҷаллӣ маст,
Ҳама ба пои хум афтода то абад мадҳуш.
Зи ҳоюҳуи хароботи ошиқон бозам,
Баромад аз ҷигари хаста сад нафир ба гӯш.
Чу оҳу нолаву афғони ман зи ҳад бигзашт,
Нидо расид зи човуши иззатам, ки: «Хамӯш!»
Гарат ҳавост, ки соқӣ ҷамол бинмояд,
Нахуст чашми тааллуқ зи коинот бипӯш.
Чу ёфтӣ ба саропардаи таҷаллӣ роҳ,
Ҷамоли ёр бибину шароби васл бинӯш.
Даруни пардаи Исмат нишину то ҳастӣ,
Ҳузури хеш ба дунёву охират мафрӯш.

**254**

Хами абрӯ намо, в-аз ҳарду чашми пурхуморам куш,
Ақиқи тар кушо, дар хандаи шакарнисорам куш.
Вафодори ту гаштам, бутпарастӣ шева шуд бозам,
Савобе гар ҳамехоҳӣ, ба теғи ғамза зорам куш.

Агарчи ман шикоре нестам дархурди шамшерат,
Макуш, в-ар мекушӣ боре ба оини шикорам куш.
Назар бикшову теғи ғамзаро аз ноз обе деҳ,
Агар куштан ҳавас дорӣ, ба теғи обдорам куш.
Ҳамеша чун нахоҳад зист дур аз рӯйи ту, Исмат,
Намегӯям макуш, в-ар мекушӣ бе интизорам куш[1].

**255**

Гар ту дар оинайи хуршед бинӣ рӯйи хеш,
Ҳамчу ман саргашта рӯзу шаб шавӣ дар кӯйи хеш.
Чун қади худ ростӣ бо ростбозон беша кун,
Расми кажбозӣ маёмӯз аз хами абрӯи хеш.
Акси рӯйи худ дар оби чашми ман бин, то шавад
Чашми ман дар рӯйи ту ҳайрону ту дар рӯйи хеш.
Ҳамчу гӯйе сар ба майдони вафо афкандаем,
Рӯ ба ҷавлон ору чавгоне бизан бар гӯйи хеш.
Гар зи ҳиҷрони ту Исмат кушта гардад чун Масеҳ,
Сӯйи ӯ бихрому бозаш зинда дор аз бӯйи хеш.

**256**

Айби хирқа ошкоро шуд, касе чун пӯшадаш?
Муқбил он, к-ӯ дар баҳои ҷуръае бифрӯшадаш.
Бедиле, к-аз дасти ту чун соқие, гирад қадаҳ,
Заҳр агар бошад ба ҷои оби ҳайвон нӯшадаш.
Дил чу мебинад, ки ҷомат бӯса бар лаб мезанад,
Чун сурохӣ дар дарун пайваста хун меҷӯшадаш.
То ниҳон монад нишони поят аз чашми рақиб,
Мардуми чашмам зи гиря дар гуҳар мепӯшадаш.
Исмат, аз сар зинда мегардад,чу мебинад рухаш,
Гарчи он бадкеш дар куштан басе мекӯшадаш.

**257**

Магар дар тоб шуд занҷир аз зулфи сумансояш?
В-агарна бегунаҳ чандин чаро шуд ҳалқа бар пояш?

1 Ин ғазал мувашшаҳ аст ва аз мисраҳои дуюм номи Усмон ҳосил мешавад.

Задӣ бо мӯйи ӯ занҷир умре лофи дилбандӣ,
Гирифт ӯ пои чандин кас, ки афтад дар қадамҳояш.
На танҳо ман асири он сари зулфам, ки аз ҳар сӯ
Басе Маҷнун гирифтор аст дар занҷири савдояш.
Бибурд оби равон занҷир то дар пош андозад,
Ки бас девонагӣ мекард сар аз шавқи болояш.
Ба даври рӯйи ӯ, Исмат, ҳадиси зулф камтар гӯ,
К-аз ин пироя мустағнист ҳусни оламорояш.

**258**

Ғарқи хун шуд мардуми чашмам зи гаҳ-гаҳ диданаш,
Тоза шуд меҳри куҳан дилро зи нав пурсиданаш.
Куштагон азбаски хуни хеш кардандаш ҳалол,
Дар қиёмат кас нахоҳад з-ин гунаҳ пурсиданаш.
Ман худ аз теғаш ба хун оғушта мемирам, вале
Оҳ, аз он ғамзазанон дар зери лаб хандиданаш.
Пеши ҳар хори мижа сад парда аз хун бастаам,
Гар шавад ногаҳ ба бӯстон рағбати гул чиданаш.
Шамъи ман сад бор агар худ риштаи ҷонам бисӯхт,
Боз чун парвона хоҳам гирди сар гардиданаш.
Розиям гар дил маро дар кӯйи расвоӣ кашад,
Чун ба рӯзи хештан бисёр хоҳам диданаш.
Теғ бар озори Исмат мекашад ёр, эй аҷаб,
Чист дар хотир ба хуни бедилон кӯшиданаш?

**259**

Ҳар хаста, ки он ғамза занад теғи ҳалокаш,
То ҳашр гули меҳр дамад аз сари хокаш.
Ӯ теғ ҳамеронаду ман куштаи онам,
К-аз хуни ман олуда шавад домани покаш.
Фарёд аз он ғамзаи хунхор, ки набвад,
Аз куштани ушшоқи ҷигарсӯхта бокаш.
Масте, ки бар он домани покиза занад даст,
Дар ҳашр напурсанд зи пироҳани чокаш.

Бар куштани Исмат мижаро тир чаро кард,
Дар хотир агар майл надорад ба ҳалокаш?

**260**

Ҳар ҷигархаста, ки шуд куштаи тири назараш,
Магар он ғамза кунад зинда ба тири дигараш?
Мезанад теғу маро, мекушад андешаи он,
Ки зи хуни чу мане ранг бигирад гуҳараш.
Ғамза ҳар тир, ки обаш диҳад аз ранги рухаш,
Як ба як об тавон дод ба хуни ҷигараш.
Як назар ҳар кӣ дар ӯ дид, чу ман бехабар аст,
Дар чунин ҳол, надонам, зи кӣ ҷӯям хабараш?
Надиҳад мева зи ҳеҷ обу ҳаво гулшани ҳусн,
То набошад асари суҳбати аҳли назараш.
Боғро гар мадади абри баҳорӣ набувад,
Чӣ кушояд зи дами сарву насими саҳараш?
Қадаме ҷониби Исмат бизан имрӯз ба лутф
В-арна бисёр биҷӯиву наёбӣ асараш.

**261**

Ё Раб, ба покдомании пири майфурӯш,
Ё Раб, ба ростбозии риндони боданӯш.
Ё Раб, ба сархушони харобот, к-аз нишот,
Рӯзу шабанд бар дари майхона дар хурӯш.
Ё Раб, ба тундии майи гулгун, ки ҳар тараф,
Сад дин ба бод доду намеистад зи ҷӯш.
Ё Раб, ба пири дайр, ки аҳли гунохрост,
Дар айш ёри содиқу дар ҷурм пардапӯш.
Ё Раб, ба сеҳри ғамзаи соқӣ, ки халқро,
Аз Каъба мебарад ба сари кӯйи майфурӯш.
Ё Раб, ба оҳи ҳасрати масте, ки рӯҳро,
Бар авҷи сидра нолаи ӯ мерасад ба гӯш.
К-аз ҷоми дурд Исмати ошуфтаҳолро,
Он сархушӣ бидеҳ, ки наояд дигар ба ҳуш.

## 262

Мурдам аз ҳасрати он наргиси хунхор, дареғ,
В-аз ҷигар хӯрданам огоҳ нашуд ёр,дареғ.
Орзу буд, ки мирам чу сагон дар қадамаш,
Хок шуд он ҳама уммед ба як бор, дареғ.
Аҳдҳо кард ба ёриву ба охир нашинохт,
Қимати сӯҳбати ёрони вафодор, дареғ.
Оламе муътакифи Каъбаи васланду марост
Чашми меҳнатзада маҳрум зи дидор, дареғ.
Ҳеҷ кас нест, ки бо он лаби хандон гӯяд,
Ки надорад намаке з-ин дили афгор, дареғ.
Бар дараш гирякунон мурдаму аз ноз накард
Назаре ҷониби ин дидаи бедор, дареғ.
Солҳо сӯхт дар андешаи хубон, Исмат,
Ки нашуд бохабар аз оқибати кор, дареғ.

## 263

Шамшоди хушхироми ту гар бигзарад ба боғ,
Пурнакҳати абир шавад боғро димоғ.
Як ханда зан ба ноз, ки дар ҳасрати лабат,
Дилҳои хунчакон дамад аз ғунча гирди боғ.
Холи ту нуқта бар вараќи гул зада нишон,
Абрӯи ту зи ғолия бар маҳ ниҳода доғ.
Мӯйи ту ҳалқа-ҳалқа шаби қадри ошиқ аст,
Афрӯхта зи чеҳра ба ҳар ҳалқа сад чароғ.
Ҳайф оядам ҳадиси лабат бо сияҳдилон,
Кай дил диҳад, ки туъмаи тӯтӣ расад ба зоғ?
Магзор бе муҳаббати хубон баҳори айш,
Гар як дам аз замона муяссар шавад фароғ.
Дар гӯши бод қиссаи Исмат ба сӯзу дард,
Гуфтему бар расул набошад ба ҷуз балоғ.

**264**

Эй ҳусни рухат бурун зи авсоф,
Бар ҳусни ту дол Қоф то Қоф.
Ояд зи хатои худ сияҳрӯй,
Бо зулфи ту мушк агар занад лоф.
Май то ба даруни шиша наншаст,
Аз тирагии ҷаҳон нашуд соф.
Аз дурри сиришки мо нишонест,
Ҳар қатра, ки мечакад ба акноф.
Аз давлати ишқ рафт, Исмат,
Овозаи айши мо дар атроф.

**265**

Агар мувофиқи ишқӣ, бигӯй тарки алоиқ,
Ки ҷуз ниёз набошад иродати дили ошиқ.
Ба саъй васл наёбӣ, агар Худой нахоҳад,
Чӣ суд чораи махлуқ бе иродати Холиқ?
Агар ту дард наёрӣ зи рӯйи зард чӣ ҳосил?
Бар он ки илм нахонда чӣ суд ҳалли дақоиқ?
Дареғи умри гиромӣ, ки бе ту мегузаронем,
Ба ҳамдамони риёиву дӯстони мунофиқ.
Мудом нолаи Исмат ба кӯят аз паи он аст,
Ки дар гуноҳ бимурду накард хидмати лоиқ.

**266**

Дар ҳар куҷо тулӯъ кунад офтоби ишқ,
Зоҳир шавад зи ботини ҳар зарра тоби ишқ.
Маст ончунон шавад, ки наояд дигар ба ҳуш,
Як ҷуръа ҳар кӣ нӯш кунад аз шароби ишқ.
Асрори ваҳдат аз дили девонагон талаб,
Зеро дабири ақл надонад китоби ишқ.
Маҷрӯҳ синае, ки дар ӯ нест доғи ёр,
Маҳҷур кишваре, ки набошад хароби ишқ.

Давлат зи ишқ ҷӯй, ту Исмат, ки ганҷи ишқ,
Рух дар кашидааст ба зери ниқоби ишқ.

**267**

Зи асли ҷавҳар агар шайхи шаҳр будӣ пок,
Шароби лаъл ба амдо нарехтӣ бар хок.
Раво мадор, Худоё, ки аҳли майхона,
Ба саъйи муҳтасиб аз ташнагӣ шаванд ҳалок.
Агар сабӯ шиканад, оби бода равшан бод,
Бақои дур талабем, ар садаф шикаст, чӣ бок?
Ҳадиси лаззати мастию завқи бадномӣ,
Латифаест, ки зоҳид намекунад идрок.
Чунон бисӯхт дили Исмат аз балои фироқ,
Ки оташаш ба дарун рафту дуд бар афлок.

**268**

Хуш аст, ар диҳад даст дар мавсими гул,
Шароби сабуҳӣ ба овози булбул.
Нигори парирӯи хуршедманзар,
Шикастакулоҳу паркандакокул.
Чунон бар рух афканда марғули мушкин,
Ки бар рӯйи лола фитад акси сунбул.
Ба рағми хирад дар миёни рафиқон,
Қадаҳ карда эҳёи даври тасалсул.
Ба ишрат бихӯр бодаву соз маҳкам,
Ба хишти сари хум бинои таваккул.
Ки ин давлат он кас, ки дорад чу Исмат,
Бихандад ба авқоти аҳли таҷаммул.

**269**

Агар ҳазор бало дар даме шавад нозил,
Ҳама ба синаи пурхуни мо кунад манзил.
Матои дарди ту бо худ ба хок хоҳам бурд,
Ки аз ҳаёт ҳамин моя кардаам ҳосил.

Агар ба кулбаи мо меҳмон шавӣ нафасе,
Басе кабоби ҷигар баркашам зи оташи дил.
Чу зор кушта шавам ҳамдамон ҷанозаи ман,
Кашанд бар сару ман дар назораи қотил.
Ба хоки кӯйи ту гар ҷо диҳанд, Исматро,
Абиру мушк ба хуноби дида созад гил.

**270**

Офтобест қабули назари аҳли камол,
Ки ба як тобиши ӯ санг шавад соҳиби ҳол.
То зи гарди раҳи марде накунӣ сурмаи чашм,
Аз паси пардаи ғайбат нанамоянд ҷамол.
Ҳар кӣ хосияти иксири муҳаббат дарёфт,
Худ ба як ишва гарав кард ҳама мансабу мол.
Орзуманди висолем, Худоё, мапсанд,
Мо чунин ташнаю дарёи карам моломол.
Исмат, аз рӯзи азал маҳрами аҳли назар аст,
Гарчи девонаву ринд асту парешонаҳвол.

**271**

Бе миёнат чу дил он зулфу рух орад ба хаёл,
Тан ба бемории борик гузорад маҳу сол.
Дил зи фикри даҳанат нест нагардад, чӣ кунад?
Тангайш асту туаш ҳеҷ намепурсӣ ҳол.
Танам аз фикри миёни ту чунон гашт наҳиф,
Ки хаёлаш натавонад, ки дарорад ба хаёл.
Дида з-ин шавқ, ки сарве чу ту орад ба канор,
Ҷӯйборест зи хуноби ҷигар моломол.
Исмат, ар пеши ту раҳ ёфт, зиҳӣ, давлату бахт,
В-ар ба пои сагат афтод, зиҳӣ, мансабу мол.

**272**

Ин даҳани танги ту ширинмақол,
Мӯи миёни ту саросар хаёл.

Бар сари кӯ ташна мулозим, ки ҳаст,
Лаъли ту сарчашмаи оби зулол.
Рӯйи ту дар зери ниқоб асту з-он,
Кокули мушкини ту ошуфтаҳол.
Аз паи тороҷи асирон рухат,
Мениҳад аз ғолия бар лола хол.
Ҳар кӣ бимурд аз ғами ҳаҷри ту, кард
Ҳусни туаш зинда ба бӯйи висол.
Ёфта аз рӯйи ту маҳ равшанӣ,
Мебарад аз қадди ту сарв эътидол.
Мурдаи ҳаҷре, ки чу Исмат бисӯхт,
Давлати васлат нанамояд муҳол.

**273**

Танҳо на дили мост ба рафтори ту моил,
Халқест барафтодаи он шаклу шамоил.
Сӯзи дили ғоратзада донӣ зи чӣ рӯй аст,
Гар як нафас оина шавад бо ту муқобил.
Дар бодияи ишқ, ки роҳест хатарнок,
Бе раҳбар ҳаргиз накунӣ қатъи манозил.
Эй дил, бибар аз суҳбати ҳиҷрон саги кӯяш,
Бе ёр зи ҳамхонаи бегона чӣ ҳосил?
Рӯйи чу зару ашки чу ёқути ту, Исмат,
Бар хуни дилу сӯзи дарунанд далоил.

**274**

То рӯзи ҳашр он шаклу шамоил,
Ҳаргиз нахоҳад берун шуд аз дил.
Бошад, ки рӯзе дасти хаёлат,
Дар гардани ҷон гардад ҳамоил.
Гар бар дил ояд аз ғамза тире,
Созам чу ҷонаш дар сина манзил.
Гар дил наёбад ком аз даҳонаш,
Аз ҷони ширин дигар чӣ ҳосил?

Чун дил ба маънӣ наздики ёр аст,
Исмат, чӣ бок аз буъди манозил?

**275**

Хайр бод, эй ҳамнишинон, з-ин сарои обу гил,
К-аз ҳуқуқи суҳбати дерина мехоҳам биҳил.
Аз сафи риндон ба сад хорию ҳасрат меравем,
Аз бадиҳо шармсору аз накӯиҳо хиҷил.
Бо рафиқони адам бори сафар барбастаем,
Тӯшаи раҳ доғу дарду ҳамнафас зории дил.
Ҳамраҳон рафтанду манзил дуру мақсад нопадид,
Маркаби тан нотавону раҳ ба хуни дида гил.
Исмат, аз ғам гар бипӯшонад кафан, бошад ҳанӯз
Дасти уммедаш ба домони иродат муттасил.

**276**

Надорам маҳраме, к-ӯро салоҳи кори худ пурсам,
На ғамхоре, к-аз ӯ ҳоли дили афгори худ пурсам.
Чу кас тоқат намеорад ҳадиси дарди ман, ё Раб,
Киро ёбам, ки аз ҷон додани душвори худ пурсам?
Ба кӯяш ҷон ба зорӣ рафт, ҳамдарде нашуд ҳосил,
Ки аз вай гаҳ-гаҳе афсонаи бемори худ пурсам.
Намедонам, чаро ашки ман он кӯ барнаметобад,
Магар ин моҷаро аз бахти ноҳамвори худ пурсам?
Ҳама шаб зор гирям бар сари роҳаш, чу рӯз ояд
Ҳаловатҳои он аз дидаи бедори худ пурсам.
Мани бадрӯзро гашти гулистон хуррамӣ надҳад,
Ҳамон беҳтар, ки роҳи сояи девори худ пурсам.
Бигуфтам: «Ҳеҷ медонӣ, кӣ медуздад дили Исмат?»
Бигуфто: «Сирри ин аз лаъли ширинкори худ пурсам».

**277**

Эй кош, куштӣ пеш аз ин чашми балоҷӯйи туам,
То кас надонистӣ, ки ман девонаи рӯйи туам.

Гуфтӣ, ки бе ман зиндагӣ чунат муяссар мешавад,
Бод аз ту пинҳон гаҳ-гаҳе меоварад бӯйи туам.
Аз захми тири ғамзаат танҳо на акнун хастаам,
Ҳаст аз азал пайвастагӣ бо чашму абрӯйи туам.
Аз гиря ҳар сӯ ҷӯйҳо кардам равон то уфтад,
Дар оби дида сояе аз сарви дилҷӯйи туам.
Худро чу хок афкандаам бар роҳи хорӣ то магар,
Дар дида ояд гаҳ-гаҳе пои саги кӯйи туам.
Эй шоҳи хубон, раҳм кун, бо доғи ҳиҷронам макуш,
Гарчи сазои куштанам, боре дуогӯйи туам.
Аз захми тири гулрухон з-он дар паноҳи Исматам,
К-аз даври пайконхӯрдаи чашмони ҷодӯйи туам.

## 278

Агарчи ҷон нахоҳам бурд аз ин дарде, ки ман дорам,
Вале з-ин ғусса беморам, ки хавфи зистан дорам.
Ба сад чандин кунад фардо, каям дар оташ андозанд?
Агар донанд к-аз кӯйи ту гарде бар кафан дорам.
Гаҳе аз дида дар ранҷам, гаҳ аз дил дар ҷигархорӣ,
Чу донистам, ки ман чандин бало бо хештан дорам.
Зи гиря тоза медорам ҷароҳатҳои пинҳонро,
Ки инҳо ёдгор аз теғи он симинбадан дорам.
Ба маргам мужда дод имшаб ғамат сад бор, медонам,
Ки мушкил ёбам ин давлат аз ин толеъ, ки ман дорам.
Зи пинҳон кардани розам ҷигар ҳарчанд месӯзад,
Ба рағми душманон пайваста муҳре бар даҳан дорам.
Зи Исмат то ба кай пурсӣ, ки шабҳо чанд менолӣ,
Саги девонаам, к-андар сари кӯят ватан дорам.

## 279

Эй бар сари бозори бало рехта хунам,
Дар оташи ғам сӯхта беруну дарунам.
Бо васли ту ҳар ҷо, ки даме унс гирифтам,
Ҳаҷр омаду андохт аз ин парда бурунам.

Ҳаргиз мани маҳрум зи теғи ту набудам,
Озурдаву маҷруҳ бад-ин сон, ки кунунам.
Берун зи сари кӯйи худам куш, ки дареғ аст,
К-он хоки муаттар шавад олуда ба хунам.
Дар пардаи Исмат чӣ нишинам мани бадном?
К-аз ҳар тарафе ном баромад ба ҷунунам.

**280**

Аз сари мискиннавозӣ дӣ гузаштӣ бар сарам,
Дил дар он айш асту ман дар фикри ёри дигарам.
Бар сар омад умр то ту бар сари мо омадӣ,
Дигар аз дида намедонам чӣ ояд бар сарам?
Лутф фармудию чун шамъ аз ту равшан шуд дилам,
З-ин ҳамесӯзам, ки дар пеши ту чун узр оварам?
Аз дарахти сарв ҳаргиз дар ҷаҳон кас бар нахӯрд,
Ман дар ин фикрам, ки аз нахли қадат чун бар хӯрам?
То дили Исмат зи ёқути лабат маҳрум шуд,
Талх меояд ба зери лаб ҳадиси шаккарам.

**281**

Агар зи зулфи ту бӯйе барад ба боғ насим,
Муоширон ба иродат кунанд ҷон таслим.
Бар остони ту ҳар бедиле, ки хок шавад,
Лаби туаш бидамад рӯҳ дар изоми рамим.
Ривояти даҳану ранги рӯйи равшани туст,
Киноят аз дами Исию нори Иброҳим.
Агарчи халқи ҷаҳонат ба ҷон харидоранд,
Мабош бехабар аз ҳоли мухлисони қадим.
Ҳар он кӣ бо саги кӯят даме ба ёрӣ зад,
Ҳадиси аҳли биҳишташ бувад азоби алим.
Яке ба ғамза назар кун, ки чашми масти туро,
Мудом нозу карашма ҳамекунад таълим.
Мапурс қиссаи шодӣ зи хотири Исмат,
Даруни хаста надорад хабар зи нозу наъим.

### 282

Аз ноз то ту хайма задӣ дар баробарам,
Аз ту ба ҷуз ту нест таманнои дигарам.
Бӯйе агар зи зулфи ту ёбад машоми дил,
Бо ту баён кунад ки чӣ савдост бар сарам?
Рӯзе, ки ғам ба теғи фироқам кунад ҳалок,
Рӯҳи дигар дамад лаби лаъли ту дар барам.
Абри инояти ту чу борад ба турбатам,
Аз хоки тира сабзасифат сар бароварам.
Ҳар гаҳ зи гирди кӯйи ту ояд насими субҳ,
Ҳар дам нишон диҳад сӯйи фирдавси акбарам.
Ё Раб, ҳазор шукр, ки дар рӯзгори ғам,
Як дам хаёли ёр нарафт аз баробарам.
Мурдам чу Исмат аз ғаму з-он шӯхи худ мурод,
Мақсуди дил нашуд ба тамомӣ муяссарам.

### 283

Аз он нафас, ки ба ёди ту ошно шудаам,
Ҳарифи ғуссаву ҳамхонаи бало шудаам.
Раҳи сагони ту то рӯфтаам ба чашми ниёз,
Миёни аҳли назар қиблаи дуо шудаам.
Чӣ гуна қалби зарандуди хеш дар оташ
Наяфканам, чу талабгори кимиё шудаам?
Аз он дамам, ки гадои дари ту мехонанд,
Гузаштаам зи гадоию подшо шудаам.
Гувоҳи Исмати ман рӯзи ҳашр дар арасот,
Ҳамин бас аст, ки бо ишқ мубтало шудаам.

### 284

Эй гиря, туро чӣ шукр гӯям?
К-аз туст ҳазор обрӯям.
Бегонаву ошно ба як бор,
Донанд, ки ман ғуломи ӯям.

Эй дида, ба ҷои об хун рез,
То даст зи зистан бишӯям.
Ояд ҳама бӯйи оташ аз дил,
Ҳар пора, ки аз ҷигар бибӯям.
Гуфтӣ, ки шаҳиди кист, Исмат?
Аз ғамза бипурс, ман чӣ гӯям?

**285**

Агар дур аз рухат ногаҳ кашад хотир ба гулзорам,
Хаёлатро бифамо, то кашад бар пои деворам.
Ҳама бӯйи аҷал меояд аз айёми ҳиҷронат,
К-аз он шаклам ҷудо афканду кард аз умр безорам.
Маро ташвиши ҷон баҳри тамошои ту мебояд,
В-агарна бо чунин умре чӣ ҷои зистан дорам?
Ҳавас дорам, ки лаълат ҳар нафас ҷони дигар бахшад,
Ки чун тирам занӣ бар сина он ҳам бо ту биспорам.
Ба ҷавлонгоҳат ар бозам хаёлат роҳ бинмояд,
Зи селоби сиришк он хокро гавҳар бипиндорам.
Саре бар остон бинҳодаам пеши саги кӯят,
Ба дидор ар намеоям, бикуш дар пои деворам.
Чу Исмат беш аз ин тоқат намеорам ҷудоиро,
Ба дашноме азизам дор, чун худ кардаӣ хорам.

**286**

Эй ба пеши тоқи абрӯят маҳи нав нотамом,
Бар сари бозори ҳуснат Юсуфи Мисрӣ ғулом.
Дер шуд, к-аз орзуи он руху зулф офтоб,
Шом меорад ба рӯзу рӯз меорад ба шом.
Мо аз он соат, ки пайвастем бо ту, кардаем
Хуни худ бар ту ҳалолу зиндагӣ бар худ ҳаром.
Ҳеҷ донӣ бо вуҷудат кист қурси офтоб?
Як ғуломи туст бар авҷи фалак хуршедном.
Гар тани бемори Исматро бисанҷӣ бо хаёл,
Як сари мӯро надонӣ ин кадом аст, он кадом?

## 287

Ба ҷуз ғам ҳеҷ ғамхоре надорам,
Ба ҷуз ғам соҳибасроре надорам.
Чунон бо кунҷи меҳнат кардаам хӯ,
Ки майли ҳеҷ гулзоре надорам.
Ба рӯйи зарду ашки гарм чун шамъ,
Ба ғайр аз сӯхтан коре надорам.
Гар, эй дил, бор дорӣ бар дари дӯст,
Ғанимат дон, ки ман боре надорам.
Аз он пайваста менолам чу булбул,
К-аз он гул баҳра ҷуз хоре надорам.
Зи рангу бӯйи гулзорам чӣ ҳосил?
Чу раҳ дар пои деворе надорам.
Чунон гум шуд дил аз Исмат, ки ҳаргиз
Аз ӯ уммеди дидоре надорам.

## 288

Ба дил дармондаам, тадбири кори худ намедонам,
Чӣ созам, чораи дидори ёри худ намедонам?
Ба ҷуз хун шарбати доруи дарди худ намеёбам,
Ба ҷуз ғам роҳате дар рӯзгори худ намедонам.
Сияҳ шуд рӯз аз меҳнат, дар ин шаб ҳеҷ хуршеде,
Беҳ аз наъли саманди шаҳсавори худ намедонам.
Ризо додам ба марги хеш, к-андар хотири покаш,
Ғуборе ҷуз вуҷуди хоксори худ намедонам.
Ба ҳар хори мижа сад парда аз хуни ҷигар дорам,
К-аз ин гул беҳ дар айёми баҳори худ намедонам.
Ҳамегӯянд хуршеди мурод андар шаби қадр аст,
Ман он шаб ҷуз хами мӯйи нигори худ намедонам.
Зи кӯяш гар ба сад чандин ҷафо ронанд Исматро,
Ман он беҳурматӣ ҷуз эътибори худ намедонам.

**289**

Ба олам шарбати айше зи ғам хуштар намеёбам,
Ки он лаззат, к-аз ӯ меёбам, аз шаккар намеёбам.
Зи сӯзи қолаби фарсуда будам роҳате гаҳ-гаҳ,
Кунун з-он устухонҳо низ хокистар намеёбам.
Зи ҳиҷрон сӯхтам, ё Раб, ба маргам раҳнамоӣ кун,
Ки ҳар ҷо меравам сӯяш раҳи дигар намеёбам.
Ман аз ҷон серу он бадхӯ ҳанӯзам зинда медорад,
Аз ин таъхирҳо дар дил чӣ дорад, дарнамеёбам?
Зи хуни дида гулҳо кишт, Исмат, бар сари кӯят,
Ба ҷуз хори фироқ акнун аз онҳо бар намеёбам.

**290**

Ба хоки ҳеҷ кӯ манзил накардем,
Ки аз гиря ба хунаш гил накардем.
Фидо кардем нақди умру з-ин ганҷ
Ба ҷуз беҳосилӣ ҳосил накардем.
Ба сад андеша мурдему ба рӯяш,
Нигоҳе бар муроди дил накардем.
Чу донистем бесомонии умр,
Чаро тадбири ин мушкил накардем?
Кӣ шуд дар пардаи Исмат, ки бозаш,
Ба ҷоме масти лояъқил накардем?

**291**

Ба ҷоми бода он беҳтар, ки далқи хеш бифрӯшам,
Чу ман дар хирқа натвонам, ки айби хештан пӯшам.
Қиёмат чун шаҳидон ҷомаи хунин шафеъ оранд,
Нахоҳад буд ҷуз далқи шароболуда бар дӯшам.
Макун манъи ман, эй зоҳид, зи мастӣ, чун намедонӣ,
Ки ман аз соғари ваҳдат шароби шавқ менӯшам.
Мани бадномро дигар насиҳат кай ба гӯш ояд?
Садои нағмаи булбул буруннорафта аз гӯшам.

Ба як назми хуш, эй мутриб, равон ёдаш деҳ аз Исмат,
Агар дар базми майхорон кунад соқӣ фаромӯшам.

**292**

Бошад, ки даме даст диҳад давлати онам,
К-афсонаи ғамҳои ту дар пеши ту хонам.
Мурдам зи ҷудоӣ нафасе пеши худам хон,
То бо ту диҳам шарҳ, ки бе ту ба чӣ сонам?
Дуздида агар нимшабе бар сарам оӣ,
Донӣ, ки шаби ғусса чунон мегузаронам.
Чун шамъ зи ман рози ту пурсид, бигуфтам,
Ман низ чу ту сӯхта аз дасти забонам.
Вақт аст, ки аз пардаи Исмат бадар оям,
Сармаст бад-он сон, ки сар аз пой надонам.

**293**

То дил дар он ду зулфи сияҳкор бастаем,
Имон ба бод додаву зуннор бастаем.
Ҳар тири заҳрхӯрда, ки дар ҷон шикастаӣ,
Чун марҳамаш ба синаи афгор бастаем.
Мо аз азал асири бутонему ин нафас,
Туҳмат ба ин ду дидаи хунбор бастаем.
Ҳар кас ба роҳи Каъбаи мақсуд рафту мо
Сӯйи мусофирони адам бор бастаем.
То гум шавад, ки гиряи Исмат барои кист,
Дар пеши дида аз мижа девор бастаем.

**294**

Бархез, то ба мавсими гул тавба бишканем,
Ин далқи пора-пора ба оташ дарафканем .
Зоҳид гуноҳкор ба зуҳд асту офият,
Эй сад ҳазор шукр, ки мо покдоманем.
Ҳар кас зи лаъли ёр ба коме расиду мо
Бар реши хештан намаке мепароканем.

Кӯтоҳҳимматон ба яке дона қонеъанд,
Мо хӯшачин наем, ки наздики хирманем.
Исмат, умед ҳаст, ки дар давлати ғамаш,
Рӯзе дарахти офият аз хеш барканем.

**295**

Ба сар гирди дарат умре барои як назар гаштам,
Чу берун омадӣ, нодида аз худ бехабар гаштам.
Чу саг девона гаштам бар дарат, гуфтам, ки беҳ гардам,
Намудӣ рӯю бисёре аз он девонатар гаштам.
Ба тадбири гадоӣ омадам дуздида дар кӯят,
Чу дидорам нашуд ҳосил, зи дар маҳрумтар гаштам.
Муҳаббатро, чӣ шукр орам, ки аз таъсири ин давлат
Ту маҳбуби ҷаҳон гаштию ман соҳибназар гаштам.
Чу Исмат талхкомиҳо кашӣ аз ҳасрати васлат,
Лаби хандон намудӣ бозу ҳам тунги шакар гаштам.

**296**

Оҳ, к-аз оҳи оташин дуд баромад аз дилам,
В-аз дами гарми дил нашуд ҷуз таби ғусса ҳосилам.
Хоки ман аз сиришки ғам,  баски ба хун сиришта шуд,
Ғунчаи дард бишкуфад, то ба қиёмат аз гилам.
Аз тани хунгирифтаам ҷон ба ҳазор хастагӣ,
Мераваду намеравад шакли ту аз муқобилам.
Эй ки зи баъди куштанам, ваъдаи васл медиҳӣ,
Шаҳд ба ғайр деҳ, ки ман куштаи заҳри қотилам.
Хоҳ ба раҳматам бихон, хоҳ зи меҳнатам бикуш,
Рӯ ба сӯйи кӣ оварам, гар зи ту меҳр бигсалам?
Гар ту ба теғи душманӣ, қосиди хуни Исматӣ,
Шукр, ки кам намешавад доғи вафоят аз дилам.

**297**

Чу аз илму ҳунар ҳарфе зи дидорат намедонам,
Ба мактаб меравам ҳар рӯзу ҳарфи ғусса мехонам.

Ба рӯйи саҳфа ҳар хатте, ки килкат нақш мебандад,
Хаёле бастаам, к-он бар саводи дида биншонам.
Ҳама шаб ашки хунинро ба дуди оҳ парвардам,
Чу килкатро сиёҳӣ худ равонтар з-он намедонам.
Чу дармон ҷустам аз дарди ту, дармондам ба бедардӣ,
Кунун дармонам он бошад, ки бо дарди ту дармонам.
Чу Исмат бар сари роҳам ниҳода ним ҷон бар каф,
Ки ногаҳ бигзарӣ, он низ дар пои ту афшонам.

**298**

Чу шамъ аз сӯзи дил ҳар шаб ба кӯйи ёр мегирям,
Гаҳе месӯзам аз дарду гаҳ аз ғам зор мегирям.
Аҷаб, к-аз ашки гарм оташ нагирад хонаи чашмам,
Ки ӯ кам менамояд рӯю ман бисёр мегирям.
Зи даври гул бад-он шодам, ки чун абри баҳор аз ғам,
Ба бӯяш меравам ҳар рӯзу дар гулзор мегирям.
Ба кӯяш хонаи мардум ба вайронӣ кашад, тарсам
Зи бисёре, ки шаб дар пои ҳар девор мегирям.
Ба ҷои бода менӯшад зи ҷоми орзу, Исмат,
Ҳар он хуноба к-аз захми дили афгор мегирям.

**299**

Чӣ васф гӯямат, эй моҳрӯи симандом,
Ки аз тасаввури ҳусни ту оҷизанд авҳом?
Ба боғ агар гузарӣ аҳли ақл нашносанд,
Ки қомати ту кадом асту сарви ноз кадом?
Зи турбате, ки дар ӯ куштаи муҳаббати туст,
Аҷаб набошад агар бӯйи хун расад ба машом.
В-аз он нафас, ки кашиданд нақши чун ту буте,
Зи шарм рӯй ба девор кардаанд асном.
Ҳама ба ақл бароранд ному Исматрост,
Ҳавои он ки ба девонагӣ барорад ном.

**300**

Чу дар меъроҷи руҳонӣ баланд афтод парвозам,
Кушодам дидаю дидам, ки бо худ ишқ мебозам.
Ман он фархундамаъшуқам, ки то бишнохтам худро,
Гаҳе бо ақл дар ҷангу гаҳе бо ишқ дар нозам.
Ҳумои гулшани қудсам, ба доми олам афтода,
Ба ҳар сӯйе парам, хотир ҳамон сӯ мекашад бозам.
Рухаш бинмудаму дидам зи ҳар оинарухсоре,
Ки рӯйи хештан бинам назар бар ҳар чӣ андозам.
Диле дорам, к-аз он соат, ки бо ман ишқ мебозад,
Гаҳаш саргашта медорам, гаҳаш девона месозам.
Басе гуфтем он рамзу ҳанӯз он ганҷ нопайдо,
Ки ҷуз худ кас надонистам, к-аз ӯ пайдо шавад розам.
Бигӯям ҳар чӣ варзидам, чӣ андешам зи расвоӣ?
Кунун к-аз пардаи Исмат бурун афтод он розам.

**301**

Чун дил намедиҳад, ки зи дасти ту ҷон барам,
Номи ҳаёт бе  ту чаро бар забон барам?
Якборагӣ ба теғи ҳалокам бирез хун,
То мираму гаронии хеш аз ҷаҳон барам.
Молам ба хун ба пои расулат ғубори хеш,
Худро бад-ин туфайл бар он остон барам.
Ҷое, ки чун ту саф шиканӣ, қасди ҷон кунӣ,
Номардам, ар ба зистани худ гумон барам.
Исмат, чу сар ниҳод ба пои саги ту гуфт,
Ҳайф оядам, ки миннати ин устухон барам.

**302**

Ҷигар хун шуд зи сӯзи сина, ҷон ҳам,
Дил аз ғам сӯхт, мағзи устухон ҳам.
Ғамат дар банди хуни ман шуд охир,
На танҳо ғам, қазои осмон ҳам.

Бигуфтам, дарди дил пеши ту гӯям,
Чу дидам, қисса кӯтаҳ шуд, забон ҳам.
Зи девон хостам васфи ту хондан,
Варақ оташ гирифту достон ҳам.
Бигуфтӣ: «Гир тарки дил». Гирифтам,
Агар гӯӣ, бигирам тарки ҷон ҳам.
Фиғон оҳиста кун, Исмат, шаби ҳаҷр,
Ки шаҳр аз ғусса барҳам зад, ҷаҳон ҳам.

**303**

Чун покбозон ҳар куҷо тухми иродат коштем,
Аз киштзори орзу дахли бало бардоштем.
З-ин хокдон ҳамроҳи худ ганҷи вафо бурдему рафт,
Сармояи кавнайнро баҳри хасон бигзоштем.
Дар чашмаи дил хост то барҷӯшад оби зиндагӣ,
В-аз хушкии беҳимматон бозаш ба хок анбоштем.
Эй масти ҷоми давлат, аз рӯзи хумор андеша кун,
К-ин навъ мастиҳо басе мо низ дар сар доштем.
Исмат, зи банди дӯстон метофт рӯй аз бехудӣ,
Акнун яқин гашт он чӣ мо афсона мепиндоштем.

**304**

Ҳадиси дарди худ, бо ӯ намедонам, ки чун гӯям?
Ки бехуд мешавам чун дида меафтад бар он рӯям.
Нишони рӯйи зебояш ба сӯзу гиря мепурсам,
Хаёли сарви болояш зи оби дида меҷӯям.
Ба меҳри он ки дар чашмам нишинад аз раҳаш гарде,
Кафи пои сагонашро ба оби дида мешӯям.
Зи бими он наменолам ба пояш чун сагон ҳар шаб,
Ки бедардон надонандам, ки ман девонаи ӯям.
Зи ғамҳои ҳама олам халосӣ дод, Исматро,
Мани кӯтаҳзабон, ё Раб, ғамашро шукр чун гӯям?

**305**

Хуршедро ба нури дил аз хун бароварам,
Ҳар шаб, ки оҳу нола ба гардун бароварам.
Дур аз ту чун зи як дами гармам ҷаҳон бисӯхт,
Дар ҳайратам, ки оҳи дигар чун бароварам?
Ё Раб, барои сӯзи дилам оташе фирист,
То пораи кабоби худ аз хун бароварам.
Худро ба сангсори бало вақф кардаам,
То хешро ба шеваи Маҷнун бароварам.
Сӯзад даруни пардаи Исмат матоъи зуҳд,
Ҳар оташе, ки аз дили маҳзун бароварам.

**306**

Хуррам он вақте ки дил дар меҳри ёре доштам,
Дида дар роҳи саманди шаҳриёре доштам.
Гарчи умре зардрӯиҳо кашидам чун хазон,
Шод будам, чун умеди навбаҳоре доштам.
Бе миёнаш гарчи дар дарёи ғам будам ғариқ,
Ғам намехӯрдам, чу уммеди каноре доштам.
То ба ӯ будам, наметарсидам аз бими рақиб,
Бо вуҷуди гул куҷо парвои хоре доштам?
Эй рақиб, аз ҳоли дурафтодагон шодӣ макун,
З-он ки ман ҳамчун ту рӯзе эътиборе доштам.
Ёд меорам ба рӯзи дурию хун мехӯрам,
З-он ки вақте дар ҳарими васл ёре доштам.
Хок шуд, Исмат, зи ҳаҷру бори тан бурд аз дарат,
Дар дилат н-омад, ки вақте ғамгусоре доштам.

**307**

Дигар аз таънаи ағёр намеандешам,
Гул ҳамечинаму аз хор намеандешам.
Заҳмат аз ҳад мабар, эй муҳтасиб, имрӯз, ки ман
Мастам, аз мардуми ҳушёр намеандешам.

Бирав, эй зоҳиди худбину маро панд магӯ,
Ки ман аз оқибати кор намеандешам.
Ҳамчу арбоби риё нест ғами номусам,
Бода менӯшаму бисёр намеандешам.
Борҳо хӯрд ғами зуҳди риёӣ, Исмат,
Соқиё, бода, ки ин бор намеандешам.

**308**

Хушам ояд он ки дигар надиҳад аҷал замонам,
Ки равӣ зи шаҳру бе ту мани хастадил бимонам.
Ҳама гарди ҳастии ман равад аз паи самандат,
Агар аз раҳи иродат гузаре бар устухонам.
Ба азимати ҷудоӣ камари ҳавас чӣ бандӣ?
Магар огаҳӣ надорӣ зи ҷароҳати ниҳонам?
Агар аз даруни ғамгин дами оташин барорам,
Дили оламе бисӯзад зи ҳарорати фиғонам.
Ту ҳамеравию Исмат ба умеди он бимирад,
Ки муқим шуд хаёли ту дар андаруни ҷонам.

**309**

Дар ишқ ҷуз ин ҳунар надорам,
К-аз ҳамчу туе гузар надорам.
Ҷуз дидану зор мурдан аз дур,
Аз ҷон тамаъи дигар надорам.
Аз оташи гарми сина ҳосил,
Ҷуз сӯхтани ҷигар надорам.
То дар қадами ту сар набозам,
Рухсора зи хок барнадорам.
Беҳуш чунонам аз хаёлат,
К-аз рафтани ҷон хабар надорам.
Санге ба ҳалоки Исмат андоз,
Гар давлати бештар надорам.

**310**

Чун ғунчаи гул ҷуз дили хунбаста надорам,
Чун лола ба ғайр аз ҷигари хаста надорам.
Савганд ба меҳроби ду абрӯи ту, к-аз умр
Ҷуз доғи дилу фитнаи пайваста надорам.
Ғам донаду тадбири кушоди гиреҳи дил,
Ман чораи ин кори фурӯбаста надорам.
Аз нағмаи булбул ҷигарам чун нашикофад,
Чун тоқати як нолаи оҳиста надорам?
То ишқи ту бошад накунам даъвии Исмат,
Чун беҳтар аз ин тоати шоиста надорам.

**311**

Зимистон рафту дард омад, муборак бод наврӯзам,
Ки то ояд зи бӯйи гул даруни меҳнатомӯзам.
Зи ҳасрат монда чун шамъам сиришки оташин бар рӯ,
Ки аз сӯзи ту мегирям, ки аз дарди ту месӯзам.
Зи савдо мурда будам дар шаби торики танҳоӣ,
Ки бар хуршед як манзил зи моҳи маҷлисафрӯзам.
Шаби ғам то саҳар дур аз ту гирди шамъ аз он гардам,
Ки то парвонаро аз шавқи ҷон додан биёмӯзам.
Ту пайкон мезанӣ то пораи дил бар ҷигар дӯзӣ,
Мани мискин чу Исмат дида бар тири ту медӯзам.

**312**

Зи хидмате, ки наёмад ба ихтиёри туам,
Маро макуш, ки фақири гуноҳгори туам.
Чу осиён ба гуноҳе маронам аз дари хеш,
Ки солҳост, ки парвардаи диёри туам.
Ба як ҷарима туам дар азоб куштию ман,
Ба сад ибодати шоиста шармсори туам.
Чу гард агар нашудам ҳамрикоби шабрангат,
Ба ҳар куҷо, ки равӣ хоки раҳгузори туам.

Дар ин ду рӯз, ки маҳрум будам аз қадамат,
Ба сина доғи вафо буд ёдгори туам.
Ниёзи Исмат агар лоиқи сагони ту нест,
Ҳамин бас аст,ки машҳури рӯзгори туам.

### 313

Зи аҳли дард надонам куҷо хабар пурсам?
Ки марҳаме зи паи рахнаи ҷигар пурсам.
Кунун, ки рӯзи ҷавонӣ ба сар расид, он беҳ
К-аз оҳи нимшабу гиряи саҳар пурсам.
Асири олами обу гилам, хуш он соат,
Ки мираму хабар аз олами дигар пурсам.
Чу бомдод бихоҳам ба хок рафт имрӯз,
Равам ба гулшану аз хокиён хабар пурсам.
Паноҳи Исмати ман чун ҷаноби аҳли дил аст,
Ба ҳар нафас раҳи он Каъба бештар пурсам.

### 314

Зи шаҳри хеш малулам, сари сафар дорам,
Ба ҷуз ғами ту надонам чӣ тӯша бардорам?
Тариқи Каъбаи васл арчи дуру торик аст,
Маро чӣ ғам, чу хаёли ту роҳбар дорам?
Ман он наям, ки ба ҳар кишваре, ки орам рӯй,
Сари ниёз аз ин остона бардорам.
Агар зи кӯйи ту ҳамроҳи ман шавад гарде,
Басе зи мардуми чашмам азизтар дорам.
Ба раҳгузори вафои ту хок шуд чашмам,
Ҳанӯз нақши хаёли ту дар назар дорам.
Барои нузли сагони дарат зи ҳосили умр,
Даруни оташи дил пораи ҷигар дорам.
Ҳамеравам, ки кушам бе рухи ту Исматро,
Гумон мабар, ки сари ҳамдами дигар дорам.

**315**

Зи расвоии худ шодам, вале ин мекушад бозам,
Ки бедардон надонандам, ки бо ту ишқ мебозам.
Чу хоҳӣ сӯхт чун шамъам, ба дил гармӣ нигаҳ дорам,
Ки то парвонаваш худро даруни оташ андозам.
Зи дил дар оташам, в-аз дида ғарқи хун дар ин ғайрат,
Ки сӯзу гиряи ман ҳарду пайдо мекунад розам.
Зи дурат дидаам,з-он рӯ чунин мадҳушу ҳайронам,,
Напиндорӣ, ки қосид хешро девона месозам.
Ҷароҳатҳост аз чашму лабат дар сина Исматро,
Зи ханда марҳаме фармо, ки кушт он ғамза аз нозам.

**316**

Зи ғам месӯзаму дур аз ту аз худ низ мепӯшам,
Ки аз ғайрат намехоҳам, ки номат бишнавад, гӯшам.
Хаёле мепазам бе ту, ки гӯям дарди дил пешат,
Чу мебинам рухат, мегардад он ғамҳо фаромӯшам.
Ба пешат гар ҳадис ошуфта гуфтам, дор маъзурам,
Ки беҳуш будам аз васлу надонистам, ки мадҳушам.
Зи ҳаҷру васл аз он мастам, ки дар майхонаи меҳрат,
Зи ҷоми орзу доим шароби васл менӯшам.
Шаҳиди ғамзаи ёрам, гувоҳи Исматам ин бас,
Ки ин пироҳани пурхун бувад пайваста бар дӯшам.

**317**

Ба даврат чун дарахти гул ба ҳар роҳе, ки мебинам,
Ба чеҳра хок мерӯбам, ба дида хор мечинам.
Шудам хоку ба ҷуз гарде намонд аз устухони ман,
Ҳанӯзам шарм меояд, ки бар роҳи ту биншинам.
Намеёрам, ки молам дида бар хоки сари кӯят,
Ки аз тардоманӣ худро сазои он намебинам.
Миёни куштагон фардо ғуборолуда бархезам,
Агар рӯзи аҷал гардад бар он дар хокболинам.

Зи рухсори чу зар шаҳре шудӣ огаҳ зи ҳоли ман,
Ки аз хунобаи ҳасрат набудӣ чеҳра рангинам.
Миёни гиря чун шамъам чӣ оташ мезанӣ ҳар дам,
Чу хоҳӣ куштанам, охир, бисӯз аз гиря чандинам.
Гаҳе, к-аз пардаи Исмат ба бӯят баркашам оҳе,
Машоми даҳр хуррам гардад аз анфоси мушкинам.

**318**

Зи ҷон барканда будам дил, ки бо васли ту пайвандам,
Чу дурӣ дар миён омад, ҷудо шуд банд аз бандам.
Чу бар азми сафар ҳар сӯ азизе бор мебандад,
Ман аз шаҳри ҳаёт он беҳ, ки рахти умр барбандам.
Агар бори дигар медидам он лабҳои хандонро,
Ҷароҳатҳои пинҳонро намакҳо мепарокандам.
Агар бунёди дард ин аст, к-аз ғам бар ҷигар дорам,
Ту боқӣ мон, ки ман бори умед аз умр баркандам.
Ба рӯзи васл меҷустам ҳаёт аз баҳри дидорат,
Чу рафтӣ аз назар, кардӣ ба марги хеш хурсандам.
Ба ҳангоми видоъ, эй ғам, ба маргам чанд тарсонӣ,
Ки ман низ ин саодатро ба сад ҷон орзумандам.
Хаёлат рафту Исматро нарафт ин ҳасрат аз хотир,
Ки ҳамчун хок ҳам худро ба пои ӯ наяфкандам.

**319**

Зи дида мехӯрам хуну дар ӯ дидан намеёрам,
Ҷигар месӯзаму аз дард нолидан намеёрам.
Ба ҷустуҷӯи дил пинҳон ба наздат меравам ҳар шаб,
В-аз он бадрӯзгор аҳвол пурсидан намеёрам.
Зи бими он ки бедарде наёрад пай ба дарди ман,
Ду чашми хунчакон бар пой молидан намеёрам.
Ту, эй парвона, сӯзи худ ғанимат дон, ки ман боре,
Ба гирди шамъи худ аз дур гардидан намеёрам.

Басе хори ғамам дар дил шикаст аз ҳаҷру чун Исмат,
Гули айше зи боғи орзу чидан намеёрам.

**320**

Зи захми тири ту чун хаставу низор шудам,
Саги туро ба ҳавас оҳуи шикор шудам.
Ҳазор шукр, ки боре ба он ниёз равам,
Ки аз кашокаши дандони ӯ фигор шудам.
Ба сина ғайри дилу ҷон надоштам чизе,
Нисор кардаму з-он низ шармсор шудам.
Чу зиндагӣ диҳад оби ҳаётам ин соат,
Ки захмхӯрдаи пайкони обдор шудам.
Далели иззати ҳардусарост Исматро,
Ки пеши пои сагони дари ту хор шудам.

**321**

Солҳо дар хоксорӣ умр зоеъ кардаам,
В-он замон бо сад хиҷолат рӯ ба роҳ овардаам.
Ҳар куҷо мастон шароби бениёзӣ хӯрдаанд,
Ман чу аҳли ҳасрат аз захми ҷигар хун хӯрдаам.
Ё Раб, он дам, к-аз миёни хоку хун дар ҳашргоҳ,
Дарди навмедӣ барояд аз дили озурдаам.
Туҳфае дарде ба гӯристони муштоқон фирист,
То ба бӯйе тоза гардад ҷони ғампарвардаам.
Рӯ ба хилватгоҳи ишқ овардаам уммедвор,
Оҳ, агар Исмат насозад маҳрами ин пардаам.

**322**

Солҳо муъткифи пардаи пиндор шудам,
Тарки дин гуфтаму бо ақлу хирад ёр шудам.
Чун яқин шуд, ки ғами ишқи ту ҷои дигар аст,
Гирди ҳар кӯча давон аз паи ин кор шудам.
Гоҳ дар савмаа тасбеҳи каромат хондам,
Гоҳ дар буткада побаста ба зуннор шудам.

Гаҳ ба арвоҳи қудус дарси маонӣ гуфтам,
Гоҳ дасторкашон бар дари хаммор шудам.
Гаҳ ба гардун шудаму ҳамдами Исо гаштам,
Гаҳ ба Тӯр омадаму толиби дидор шудам.
Аз насимат чу машоми дили ман бӯйе ёфт,
Булбули маст будам, ҷониби гулзор шудам.
Дар биҳишт омадаму сӯхтам аз шарми гуноҳ,
Ҷониби дӯзахиён рафтаму афгор шудам.
Муршиди ишқ ба сирри азалам роҳ намуд,
То зи моҳияти ҳар нукта хабардор шудам.
Нури маънӣ чу дар оинаи дил пайдо шуд,
Шод гаштам, ки магар воқифи асрор шудам?
Охируламр яқин шуд, ки ту ҷои дигарӣ,
Покбозона тамом аз ҳама безор шудам.
Чун задам сӯйи саропардаи Исмат қадаме,
Растам аз тирагию матлаъи анвор шудам.

**323**

Шудам хоку ҳамегардад ба гирди кӯйи ту гардам,
Ту пиндорӣ, ки дар гирди ҳарими Каъба мегардам.
Табиби дардмандонӣ, мани бемор медонам,
Ки то ҷон бар ту наспорам, куҷо бовар кунӣ дардам?
Даме, к-аз хуни дил нолам ба зорӣ дар сари кӯят,
Нишони сӯзу дарди ман чу най пайдо шавад дар дам.
Зи бас хуни ҷигар аз дида берун рафт рӯзу шаб,
Зи шарми ранги рухсори ту пинҳон мешавад дардам.
Дилам, к-аз соғари ваҳдат шароби шавқ менӯшад,
Ба ҷомаш кай бувад ҳоҷат, чу бехуд мешавад дар дам?
Саҳар чун пайкари хуршед аз ин дар мешавад толеъ,
Ало, эй субҳи равшандил, биё, бар хок ин дар дам.
Зи ҳиҷрон кушта шуд, Исмат, гузар кун бар сари хокаш,
Чу Исо мардумӣ фамою рӯҳе дар танаш дар дам.

**324**

Оқибат дар кӯят, эй номеҳрубон, боз омадем,
Бо ту пайвастему аз ҳарду ҷаҳон боз омадем.
Дар хазон будем чун булбул ҳазину тангдил,
Чун баҳор омад, ба сӯйи бӯстон боз омадем.
Ҳар куҷо будем, муҳри меҳри ту дар сина буд,
Пешат, инак, бо ҳамон муҳру нишон боз омадем.
Хоки ин дар то қиёмат тӯтиёи чашми мост,
То напиндорӣ, ки мо з-ин остон боз омадем.
Гарчи чун боди сабо гаштем дар ҳар кишваре,
Бар дарат бемору зору нотавон боз омадем.
Солҳо дар вартаи ғам монда будем, ин замон
Раҳнамоӣ кард бахту бар карон боз омадем.
Ҳамчу Исмат порсо будем умре в-ин нафас,
Лоуболе бар дари дайри муғон боз омадем.

**325**

Соқӣ, ба даври давлати шоҳи Масеҳдам,
Серам бидеҳ шароби мураввақ зи ҷоми Ҷам.
Кавнайнро ба ҳиммати мардона пушти пой,
Масте занад, ки фарқ надонад сар аз қадам.
Май нӯш дам ба дам, ки дар ин куҳна базмгоҳ,
Давр аст тезгарду ҳаёт аст муғтанам.
Бар фисқу зуҳди мо қалами котиби амал,
Гоҳе равад, ки бар сари Маҷнун равад қалам.
Исмат, шароб нӯш, ки барбод меравад,
Садсола нозу неъмати дунё ба ним дам.

**326**

Шаб аз девонагӣ гирди саги кӯйи ту даргардам,
Чу бинам маҳрами кӯйи туаш девонатар гардам.
Биё, эй шамъи муштоқон, ки чун парвонаат хуршед,
Гаҳе дар зери по уфтам, гаҳе бар гирди сар гардам.

Бало чун теғи хун баргиру эй соқӣ, шаробам деҳ,
Ки пеш аз талх ҷон додан ман аз худ бехабар гардам.
Зи тазвиру риё корам ба гумроҳӣ кашид, эй дил,
Раҳи бутхона бинмо, то зи дини хеш баргардам.
Чу Исмат бастаи савдои дил будам, чӣ донистам,
Ки рӯят бинаму з-ин сон гирифтори бало гардам?

**327**

Умре зи дида сели муҳаббат фишондаем,
То дар замини дил чу ту сарве нишондаем.
Наздиктар зи мардуми чашмӣ ба дигарон,
Мо ҳамчу чашми бад зи рухат дур мондаем.
Чун об дидаро зи муҳаббат нигаҳ надошт,
З-ин ҷурм солҳост, к-аш аз рӯй рондаем.
Аз лавҳи дида нақши бутон нек шустаем,
То ҳарфе аз саҳифаи меҳри ту хондаем.
Исмат, гар аз  фироқи ту шуд кушта, бок нест,
Чун хунбаҳои хеш зи лаълат ситондаем.

**328**

Гаҳе замона зи ҳиҷрони ёр мекушадам,
Гаҳе фалак зи ғами интизор мекушадам.
Ба рӯзи васл ҳамегашт шавқи дидорам,
Кунун тасаввури он рӯзгор мекушадам.
Гадои ғорати ҳиҷрон шудам, киро гӯям,
Ки орзуи рухи шаҳриёр мекушадам?
Ба ёди лаъли ту хун мехӯрам, чу медонам,
Ки он шароб ба вақти хумор мекушадам.
Раҳо накард аҷал то ба вақти рондани теғ,
Дамеш сер бубинам чу зор мекушадам.
Ба ҳар гуле, ки назар мекунам хазони фироқ,
Чу булбул аз ҳаваси навбаҳор мекушадам.
Навиди умри гиромӣ диҳанд Исматро,
Агар яқин шавад инам, ки ёр мекушадам.

**329**

Кадомин дил, ки дур аз ёр саргардон намебинам,
Кадомин тан, ки аз ҳаҷри буте бе ҷон намебинам?
Зи чандин сарв, к-аз боғи ҷавонӣ сар баровfarданд,
Ба ҷуз хошоку хор имрӯз дар бӯстон намебинам.
Ғанимат дон даме айш, ар саре дорию сомоне,
Ки дар кори ҷаҳон дигар сару сомон намебинам.
Ҷаҳоне аз насими васл хуррам буду ин соат,
Даруни синае бе оташи ҳиҷрон намебинам.
Ба нозу неъмати дунё манеҳ дил баъд аз ин Исмат,
Ки ин ғамхонаро дигар сазои он намебинам.

**330**

Гар ин давлат диҳад дастам, ки коми хеш аз ӯ хоҳам,
Беҳ аз мурдан намедонам кадомин орзу хоҳам?
Зи ғайбам гар паём ояд, ки аз дунё чӣ мехоҳӣ?
Гузорам ҳосили умру ғами он моҳрӯ хоҳам.
Ба теғи кин агар сад раҳ бибуррад банд аз бандам,
Мани бадрӯз,натвонам, ки ӯро ҷуз накӯ хоҳам.
Зи шарҳи сӯзи дил кай лаб фурӯ бандам, к-аз ин оташ,
Чу шамъам гар забон буррад, ҳанӯз ин гуфтугӯ хоҳам.
Гар ӯ шамшер баргирад, ки резад хуни Исматро,
Ба сад миннат диҳам ҷону бақои умри ӯ хоҳам.

**331**

Гар зи ҳиҷрони ту теғи аҷал ояд ба сарам,
Мираму дарди сари хеш ба кӯят набарам.
Хонаи дидаам аз оташи дил сӯхта беҳ,
Ки хаёлат шавад озурда зи тоби назарам.
Ту ба ҷаврам зи дари хеш ҳамерониву ман,
Меравам аз сари ҳасрат ба қафо менигарам.
Дурру ёқут ба пой афканам аз чашм, вале
Гар расули ту ба ҷон бохтан орад хабарам.

Сагат аз нолаи Исмат ба фиғон омаду гуфт:
Сари худ гир, в-аз ин беш мадеҳ дарди сарам.

## 332

Кашидам дарди ҳаҷру тавба кардам,
Ки дигар гирди танҳоӣ нагардам.
Чунин к-аз заҳри ғам ҷон шуд ба як бор,
Чаро аввал ҳамин шарбат нахӯрдам?
Чу шамъам ҳар шабе дар гиря то рӯз,
Гувоҳи сӯзи дил рухсори зардам.
Чароғи умр метарсам, ки ногоҳ
Бимирад як шаб аз дамҳои сардам.
Намудам роҳи танҳоӣ ба Исмат,
Ба ҷои хеш кардам ҳар чӣ кардам.

## 333

Фарёд, к-аз он шеваю рафтор бимурдем,
Дидем дар он шаклу чунин зор бимурдем.
Рафтанд рафиқон ҳама аз роҳи саломат,
Мо бар сари раҳ хаставу афгор бимурдем.
Будем дар уммеди тамошои ту умре,
Охир ба ҳамон сояи девор бимурдем.
Шояд, ки малоик гунаҳи мо нанависанд,
К-аз ҳурмати хубони ҷафокор бимурдем.
Дар савмаа кардем басо даъвати Исмат,
Дар фитнаи он чашми сиядкор бимурдем.

## 334

Кош фармудӣ ба шамшери ҷудоӣ куштанам,
То ба зорӣ дар чунин хорӣ надидӣ душманам.
Боғбон, гӯ, дар таҳи девори гулзорам бикуш,
Дур аз он рӯ гар кашад хотир ба сӯйи гулшанам.
Роҳи оби дида аз он хок бояд, эй сиришк,
З-он ки расво кард боз ин дидаи тар доманам.

Худ зи дасти дида дилро дар бало афкандаам,
Бозаш ар бинмоям он рӯ хуни дил дар гарданам.
Гар ҷигар пурхун ба бӯстон меравам бе ӯ чу гул,
Хори ҳиҷрон мекунад сад чок дар пироҳанам.
Шаҳсаворам кай хиромад боз то девонавор,
Хоку хунолуда худро бар сари роҳ афканам.
Кай шавад Исмат ба олам тоза даврони Халил,
То бутонеро, ки ноҳақ мепарастам, бишканам

**335**

Кашам ду дида зи сар, то ки ин азоб кашам,
Ки бинамат ба рақибону изтироб кашам.
Зи ҳаҷри рӯйи ту сад мили оташин ҳар рӯз,
Ба чашми хештан аз теғи офтоб кашам.
Зи гармии дили ман халқро ҷигар сӯзад,
Агар зи синаи пуроташ ин кабоб кашам.
Зи ҷоми ғусса агар хуни дил тавон нӯшид,
Чаро ба беҳуда дарди сари шароб кашам?
Балоюю ғусса ба рӯям ҳазори дар бикшод,
Надонам ин ҳама дард аз кадом боб кашам?
Шабе хаёли ту, Исмат, ба хоб диду равост
К-аз ин ҳавас ҳама умр интизори хоб кашам.

**336**

Лаби лаъли дилнавозат ба итоб кушт бозам,
Ба карашмаи чу ӯйе, чӣ кунам, ки ҷон набозам?
Зи лабу зи ғамза дорӣ, ду бало ба қасди хунам,
Чу зи ғамзае барам ҷон, мижае кушад ба нозам.
Ба ниёз медиҳам ҷон ба табассуму ба нозат,
Зи ту ноз агар набошад, ба куҷо расад ниёзам?
Ба ду қибла гарчи будам ҳама умр саҷда, лекин
Зи суҷуди хоки пои ту қабул шуд намозам.
Хушам ар ба теғи нози ту шаҳид гашт, Исмат,
Ки ба ин баҳона фпрдо ба муҳаббати ту нозам.

### 337

Мекушад чашми сиёҳи ту ба шӯхӣ бозам,
Ман дар он шакл ҳамебинаму ҷон мебозам.
Ҳосил аз умр чу ин буд, ки мирам зи ғамат,
Зинда кардӣ ба лаби лаълу бикуштӣ бозам.
Мани гумраҳ ба даҳони ту насозам, чӣ кунам?
Чун туро ҳеҷ надидам, ба адам месозам.
Дарди ҳиҷрони ту дар тобу табам сӯхт чу шамъ,
Чун шудам сӯхта дар оташи дил бигдозам.
Умрам аз баҳри тамошои ту мебояду бас,
В-арна бе рӯйи ту бо умр чаро пардозам?
Лаъли дилҷӯи ту бозам ба сухан ҷон бахшид,
Чашми хунрези ту ҳар бор, ки кушт аз нозам.
Як раҳ, эй дӯст, ба ғампурсии Исмат бихром,
Ки ҳама умр ба иқболи ғамат менозам.

### 338

Мо зи бадномӣ сипар бар рӯйи об афкандаем,
Хирқаву саҷҷода дар ҷоми шароб афкандаем.
Бар лаби дарёи якрангӣ ба селоби фано,
Рахти ҳастӣ шустаю бар офтоб афкандаем.
Аз нигаҳбонии ганҷи нестӣ ғофил наем,
Дузд наздик аст, аз он худро ба хоб афкандаем.
Дар ҳақиқат бо ҷамоли хеш мебозем ишқ,
То зи ҳусни шоҳиди маънӣ ниқоб афкандаем.
Ҳамчу Исмат ҳар куҷо зикри ҷамолат кардаем,
Оламеро заррасон дар изтироб афкандаем.

### 339

Мо ба сад ҳасрату дардем дар ин шаҳр муқим,
Оҳ, агар ёр фаромӯш кунад аҳди қадим.
Ҳама бо ҳамдаму ёранд ба сад ҳашмату ноз,
Мо надорем ба ҷуз ғуссаву ғам ёру надим.

Сими ашк аз паи он дораму рухсори чу зар,
К-он санам ҳамдами он аст, ки зар дораду сим.
Ошиқ он аст, ки чун зиндагӣ аз бӯйи ту ёфт,
Ҳам ба хоки сари кӯйи ту кунад ҷон таслим.
Ишқ аз ақл ҳаменоладу Исмат зи рақиб,
Рӯҳро сӯҳбати ноаҳл азобест алим.

**340**

Мо аз он рӯз, ки илми назар омӯхтаем,
Ба ҷамоли ту, ки чашм аз ду ҷаҳон дӯхтаем.
Мухлиси ҳалқаи савдои ту з-онем, ки мо
Ҳосили ҳарду ҷаҳон баҳри ту бифрӯхтаем.
Солҳо дар шаби торики ҷудоӣ то рӯз,
З-оташи рӯйи ту шамъи тараб афрӯхтаем.
Ҳар куҷо шамъи ҷамоли ту диле сӯхтааст,
Мо чу парвона зи андешаи он сӯхтаем.
Ишқ варзидани Исмат ба ту имрӯзӣ нест,
Мо назарбозию ишқ аз азал омӯхтаем.

**341**

Мо касеро ба ту, эй моҳ, баробар накунем,
В-ар зи ғам ҷон биравад, дил ба ту дигар накунем.
Адаб он аст, ки гар тоҷ ниҳӣ бар сари мо,
Хешро бо саги кӯйи ту баробар накунем.
Парда аз рӯйи чу хушед барафкан нафасе,
То дигар беш назар бар маҳи анвар накунем.
Мутриб он дам, ки ба номи ту сарояд ғазале,
Ҳайф бошад, ки забонаш ҳама пурзар накунем.
Исмат, он хирқаву саҷҷода, ки дар гардани мост,
Кай тавонем, ки раҳни маю соғар накунем?

**342**

Мо зи гадоёни тавонгардилем,
Гарчи чунин гумраҳу беҳосилем.

Олами ҷон маскану маъвои мост,
Мо на аз ин хонаву обу гилем.
Гарчи ҷудоем ба сурат зи дӯст,
Чун ба ҳақиқат нигарӣ восилем.
Бо ҳама гумроҳию беҳосилӣ,
Хоки раҳи ҳиммати аҳли дилем.
Доғи ғамат ҳамнафаси Исмат аст,
То ту нагӯӣ, ки зи ту ғофилем.

**343**

Ман он наям, ки ба хорӣ дил аз ту баргирам,
Дигар назар ба рӯйи ҳамдаме дигар гирам.
Ба рӯйи зарду сиришки чу лаъл мехоҳам,
Ки хоки пои туро дар зару гуҳар гирам.
Ба рӯзи ҳаҷр хуни дил хӯрам ба ҷои шароб,
Ба ёди лаъли ту ҳар соғаре, ки баргирам.
Миёни сӯхтанам гарчи куштаӣ чун шамъ,
Гар оташам бизанӣ, зиндагӣ зи сар гирам.
Чу Исмат аз ҳунари ишқ мерасад ба мурод,
Ба таъни халқ чаро тарки ин ҳунар гирам?

**344**

Ман ба рӯят на ба чашми дигарон менигарам,
Ки дар он оина бинандаи чизи дигарам.
Ту надидӣ ба худ, аз хеш аз он бехабарӣ,
Ман туро дидаам, аз хеш аз он бехабарам.
Назари поки маро саҳл мапиндор, ки ман
Рӯзгорест, ки пайвастаи аҳли назарам.
Ҳар киро сӯзи ту дар дил набувад, кай донад,
Ки аз он лаб намаколуда чаро шуд ҷигарам?
Шеваи ҳусн гар ин аст, аҷаб нест, ки ман
Боз расво шаваму пардаи Исмат бидарам.

### 345

Ҳар замон чун саги девона дар он кӯ гузарам,
Ба умеде, ки ба пеши назари ӯ гузарам.
Бидарам ҷомаю беҳуш бияфтам ҳар бор,
Ки ба ҷавлонгаҳи он сарви парирӯ гузарам.
Борҳо оям аз он сӯ, ки бибинам рӯяш,
В-он гаҳ аз бими рақибон ба дигар сӯ гузарам.
Дам ба дам хоки кафи пои саги ӯ гардам,
То ба юмни қадамаш боз ба он сӯ гузарам.
Созам аз дуди ҷигар сад хуми меҳроб хароб,
То ба наззораи он тоқи ду абрӯ гузарам.
З-он миён шуд тани озурда чунон зору наҳиф,
Ки ниҳон гардам агар паҳлӯи як мӯ гузарам.
Ҳамчу Исмат гузарам аз ҳама хубон, лекин
Натавонам, ки аз он шӯхи ҷафоҷӯ гузарам.

### 346

Ҳамеша синаро аз наваки ғам реш мехоҳам,
Балоро бар дили озурда ҳар дам беш мехоҳам.
Зи дардат ҳар куҷо доғест, гар ғам бар дараш орад,
Ба сад зорӣ манаш баҳри даруни реш мехоҳам.
Ҳамин медонам аз имон, ки то боқист ҷон, худро
Қатили ғамзаи хубони кофаркеш мехоҳам.
Ба гирди Каъбаи васли ту ҳар кас ҳоҷате дорад,
Мани мискин халос аз ақли дурандеш мехоҳам.
Гадоӣ мекунам чун Исмат аз лаъли ту дашноме,
Фақирам, марҳаме баҳри даруни реш мехоҳам.

### 347

Ҳар тарафе давидаму аз ту нишон наёфтам,
Тан ба ҳалок додаму сиҳҳати ҷон наёфтам.
Шукри Худо, ки бе ту аз ҳосили умри хештан,
Ғайри дили шикаставу дарди ниҳон наёфтам.

Моҳазарем шуд ҳавас лоиқи меҳмони ғам,
Ҷуз дили хомсӯзи худ бар сари хон наёфтам.
Гарчи зи партави рухат шаҳр пурофтоб шуд,
Дидаи хунгирифтаро дархури он наёфтам.
То зи фиреби ғамза шуд, Исмат, асири гулрухон,
Ҳар тарафе, ки рафтам аз фитна амон наёфтам.

**348**

Ҳамесӯзам зи дарду маҳрами розе намеёбам,
Ба ғайр аз нолаву оҳам кӣ бар оташ занад обам?
Ба ғампурсӣ, биё, эй шамъ, бар болини дарди ман,
Ки сӯзу гиря омӯзӣ шаб аз чашмони бехобам.
Ба сони риштаи шамъ аз ғами мурдан намесӯзам,
Ба поён меравад оташ, аз ин андеша дар тобам.
Хуш он вақте ки медидам, ба чашми ҳасрат аз дураш,
Кунун ташрифи дидори сагонаш ҳам намеёбам.
Ба айши талхи худ хӯ кун, маҷӯ ком аз лабаш, Исмат,
Ба заҳрам нӯшдору деҳ, чӣ орӣ шаккари нобам?

**349**

Ҳиҷронрасидаро чӣ диҳӣ чошнии ғам?
К-ин шарбаташ ба давлати дарди ту нест кам.
Дар орзуи рӯйи ту ҳар рӯз офтоб,
Пайвандҳо ба теғ ҷудо мекунад зи ҳам.
Бисёр хурдабин ба хаёли даҳони ту ст,
Гум карда роҳу рӯй ниҳода сӯйи адам.
Дорам ҳазорпора дили зори мустаманд,
Ҳар порае нишонаи тири ҳазор ғам.
Исмат чу кушта шуд, шарафе бошад, ар баранд
Бар турбаташ зи пираҳани хунчакон алам.

**350**

Ҷон ба ҷонон додану миннат таваққуъ доштан,
Бошад оби зиндагониро ба хок анбоштан.

Дар ҷудоӣ дардмандонро салоҳи кор нест,
Сӯхтан аз дарду кори дил ба ӯ бигзоштан.
Ҳар баҳори умр, к-аз бозори дард обе нахӯрд,
Ҳосиле набвад дар ӯ тухми муҳаббат коштан.
Ҳар киро дар мазраи дил донаи ғам рехтанд,
Кай тавонад дахли айшу хуррамӣ бардоштан?
Бандаи султони ишқам, то тавонам баъд аз ин,
Боргоҳи Исмататро бар сипеҳр афроштан.

**351**

Расид айёми иду мо шуда қурбони бадкешон,
Мудом он беҳ, ки май нӯшем бар рағми бадандешон.
Дило, дар бенавоӣ кӯшу тарки мулки дунё гӯ,
Ки шоҳон рашкҳо доранд бар аҳволи дарвешон.
Нахуст аз хеш мебояд бурид, ар васл мехоҳӣ,
Ки бо ӯ ошно шуд, ҳар кӣ шуд бегона аз хешон.
Ало, эй хусрави мулки малоҳат, кай зиён дорад,
Зи роҳи лутф агар раҳме кунӣ бар сӯзи дилрешон?
Басе бо дӯстон будӣ, нагуфтӣ шукри он, Исмат
Бикаш бори фироқ акнун, ки дур афтодаӣ з-эшон.

**352**

Ба ҳар туҳмат чаро бояд зи мо хотир гарон кардан?
Ба гуфти душманон ҳайф аст, тарки дӯстон кардан.
Ҳадиси дарди ушшоқ аз даруни аҳли маънӣ пурс,
Забон қосир, вале душман чӣ донад шарҳи он кардан?
Ба теғам гар биёзорӣ, нагӯям тарки савдоят,
Фироқи чун ту манзури таҳаммул кай тавон кардан?
Ниҳоли қоматат он дам ки дар рафтор меояд,
Намеёбам зи худ майле ба сарви бӯстон кардан.
Зи ҳиҷрон гарчи ҷонам пора шуд, кай мурдаме ҳаргиз,
Агар з-он ғамза як навак шудӣ пайванди ҷон кардан.

**353**

Шаб махусп, эй дидаву зулфи сиёҳи ӯ бибин,
Дар шаби торик рӯйи ҳамчу моҳи ӯ бибин.
Дидаи мардум зи бисёрӣ, ки хун афшонда буд,
Лолаву гул медамад аз хоки роҳи ӯ бибин.
Чун шавам хоки раҳаш, боре гузар бар турбатам,
Хори навмедӣ ба ҷои ҳар гиёҳи ӯ бибин.
Дил, ки аз зулфи ту дар савдои туст, аз дил марон,
Ин парешонӣ ҳам аз бахти сиёҳи ӯ бибин.
Исмат, андар худ гуноҳе, ҷуз парешонӣ надид,
Чун ба зорӣ мекушӣ, боре гуноҳи ӯ бибин.

**354**

Дами охир ҳавас дорам ба меҳри рӯйи ӯ мурдан,
Ки расми покбозон аст, бар ваҷҳи накӯ мурдан.
Гаҳи ҷон додан аст, эй ашки навмедӣ, машав сокин,
Ки натвон бар сари роҳи вафо беобрӯ мурдан.
Маро, к-аз давлати дидораш осон зистам умре,
Кунун душвор меояд ба дарди орзу мурдан.
Ба рӯйи зарду ашки оташин кори ману шамъ аст,
Ҳама шаб сӯхтан дар ҳаҷру дар як дам фурӯ мурдан.
Агар Исмат зи бадномӣ намеарзад ба дидоре,
Ба зорӣ чун сагон боре тавон бар хоки кӯ мурдан.

**355**

Ғамзаро ҳар дам ба қасди хуни мо барҳам мазан,
Рух матоб аз нозу оташ бар ҳама олам мазан.
Ҷон ба васлат ҳамдам аст, аз оташи ҳаҷраш масӯз,
Дил муҳаббатхонаи туст, аз ғамаш барҳам мазан.
Чун дили садпораам манзилгаҳи пайкони туст,
Лутф фармо тири худ бар қалби номаҳрам мазан.
Мо шаби васл аз фурӯғи рӯзи равшан фориғем,
То қиёмат дигар аз субҳи ҷудоӣ дам мазан.

Дар мақоми ошиқӣ, Исмат, макун даъвии айш,
То ба хубон ҳамдамӣ лоф аз дили хуррам мазан.

**356**

Зи хуршеди рухат пайваста равшан буд кори ман,
Чу дар зулфи ту печидам, сияҳ шуд рӯзгори ман.
Аз онам сокини кӯят, ки чун ҷон бо ту биспорам,
Ғуборе бар сари кӯйи ту монад ёдгори ман.
Чу ӯ теғам занад, хуни маро бар хок афшонед,
Ки ногаҳ барнахезад аз сари кӯяш ғубори ман.
Чунон бемори он чашми сияҳкорам, ки гар бинад
Табиб аз дида  хун борад зи дарди беқарори ман.
Ба доғи меҳрат, ар Исмат зи олам рахт барбандад,
Дар он дунё ҳамин бошад нишони эътибори ман.

**357**

Зи ҳаҷри дӯстон хун шуд даруни сина ҷони ман,
Фироқи ҳамнишоне сӯхт мағзи устухони ман.
Ба навбат меситонад ҷон аҷал ҳар рӯз ёреро,
Дилафгорам, ки ин навбат расид акнун ба ҷони ман.
Маро ҳам оқибат хоҳад ба хок анбоштан рӯзе,
Ки аз ҳар ҷо хабар пурсӣ, касе надҳад нишони ман.
Аз он бар достони дӯстон хуноба мегирям,
Ки зуд афсона хоҳад шуд ба ҳар сӯ достони ман.
Азои хеш медорам, чу медонам, ки баъд аз ман,
Зи ман кас ёд ҳам н-орад, чу кӯтаҳ шуд забони ман.
Диле дорам кабоб аз ғам даруни сина пуроташ,
Агар дам мезанам, бар медиҳад дуд аз забони ман.
Ҷудо афтодаам аз суҳбати ёре, ки мемурдам,
Агар як дам фироқи ӯ гузаштӣ бар забони ман.
Ҷароҳатҳо, ки ман имрӯз бе ӯ дар ҷигар дорам,
Касе донад, ки бӯйе дорад аз дарди ниҳони ман.
Зи доғи дарди ҳиҷронаш чунон маҷруҳам ин соат,
Ки бӯйи хун ҳамеояд зи фарёду фиғони ман.

Васият мекунад имрӯз, Исмат, ҳамнишинонро,
Ки дар паҳлӯяш анборанд фардо устухони ман.

### 358

Дили садпора чун дорад ғам аз аҳли назар пинҳон?
Садаф чун бишканад, дигар куҷо монад гуҳар пинҳон?
Намози шом чун ногаҳ зи манзил мешавад толеъ,
Зи хиҷлат мешавад ҳар рӯз дар хуни ҷигар пинҳон.
Чу рӯй аз ман ниҳон кардӣ, равон шуд ашкам аз дида,
Нуҷум он гаҳ шавад пайдо, ки хур гашт аз назар пинҳон.
Чу аз ҳар мӯи ту роҳест равшан бо миёни ту,
Чаро медорияш пайваста дар зери камар пинҳон?
Зи сӯзи ошиқон рози даҳонат ошкоро шуд,
Чу ғавғои магас бошад, куҷо монад шакар пинҳон?
Шабу рӯз оби ҳасрат меравад бар рӯйи зарди ман,
Чу кӯтаҳҳимматон ҳайф аст кардан симу зар пинҳон.
Зи абри дида дурҳо рехт, Исмат, бар сари кӯят,
Ки то аз дидаи мардум бимонд он хоки дар пинҳон.

### 359

Ғамзаро з-ин беш таълими дилозорӣ макун,
Зории ман бину бар хуни манаш ёрӣ макун.
Охир, эй булбул, ки бо гул ҳамдамӣ, хомӯш бош,
Чун хазондида манам, ту нолаву зорӣ макун.
Эй муқими кӯйи ӯ, то кай ғами дил мехӯрӣ?
Бо вуҷуди Каъба дар бутхона меъморӣ макун.
Эй аҷал, беҳуш будам шаб, ки рух бинмуд ёр,
Дида, гӯ, з-ин хоби фаррух майли бедорӣ макун.
Чун шудӣ, Исмат, ба зорӣ бо саги кӯяш рафиқ,
Бо чунин ёре дигар оҳанги безорӣ макун.

### 360

Кас нест саногӯи туро ёртар аз ман,
Аз ҳамнафасон кист вафодортар аз ман?

Дар рӯйи накӯ гар назари пок гуноҳ аст,
Дар шаҳр касе нест гунаҳгортар аз ман.
Пайкони ту гар марҳами дилҳои фигор аст,
Дар рӯйи замин нест дилафгортар аз ман.
Савганд ба ҷони саги кӯят, ки нанолид,
Дар кӯйи вафо хаста, вале зортар аз ман.
Исмат, шарафи иззати ман бин, ки касе нест,
Аз хокнишинони дараш хортар аз ман.

**361**

Гар тавонам бо саги кӯят ба ёрӣ зистан,
Беҳ, ки умре бар сарири шаҳриёрӣ зистан.
Гар гунаҳ кардам, ба шамшери ҷафо зорам бикуш,
Мардумӣ набвад ба доғи шармсорӣ зистан.
Чун зи чашм андозиям, бо ғамза хуни ман бирез,
Мурдан авлотар, ки дар беэътиборӣ зистан.
Обрӯ ин бас, ки дар пеши сагони кӯйи ту,
Метавонам дар мақоми хоксорӣ зистан.
Рӯзи ҳаҷр аз зиндагӣ, Исмат, ба куллӣ шуд малул,
З-он ки иззатдида натвонад ба хорӣ зистан

**362**

Кас намедонад чу ту бо ишва олам сӯхтан,
Чун туеро ҳеҷ ҳоҷат нест илм омӯхтан.
Гӯиё акнун ҳамехоҳӣ, ки аҳли илмро,
Бояд авроқ аз барои ҷоми май бифрӯхтан.
Эй муаллим, пеши он маҳ лофи доноӣ мазан,
Тира бошад бо вуҷуди хур чароғ афрӯхтан.
Об додам сӯзани мижгон ба оҳи оташин,
То тавонам бе ту чашм аз ҳарду олам дӯхтан.
Бо сиришки гарму рӯйи зард, Исмат,бе рухаш,
То дами мурдан туро чун шамъ бояд сӯхтан.

**363**

Марост пеша вафо кардану ҷафо дидан,
Туро вазифа зи мардум ба ҳеҷ ранҷидан.
Яке ба кишвари исломиён гузоре кун,
Ки боз тоза кунӣ расми бут парастидан.
Ба даври ҳуққаи лаъли ту ғунчаи гулро,
Зарурат аст ба аҳволи хеш хандидан.
Зи ҳасрати лаби лаъли ту дам ба дам, Исмат,
Бихоҳад аз садафи дида дур чаконидан.

**364**

Макуш ба бозиям, эй мири офтобвашон,
Ба дигаре манишину бар оташам манишон.
Чу офтоб ту мағрури ҳусни хештанӣ,
Ман аз ду дида ба ҳар ҷонибе ситорафишон.
Зи баъди мурдан агар қолабам сӯйи ту баранд,
Ҷаноза рақс кунад бар сари ҷанозакашон.
Хуш он замон, ки чу саг аз вафо бимираму халқ,
Расан ба гарданам оранд бар дари ту кашон.
Ба теғи лоларухон чун шаҳид шуд, Исмат,
Ҳавошии кафанашро ба хун кунед нишон.

**365**

Ҳар гаҳ намудаӣ лаби хандони хештан,
Хун хӯрдаам зи дидаи гирёни хештан.
Маҳ дар замин фурӯ равад аз шарми рӯйи ту,
Гар сар бурун кунӣ зи гиребони хештан.
То наргиси ту ғорати дин мекунад ба куфр,
Шарманда мешавем зи имони хештан.
То дидаем зулфи ту, ҳаргиз надидаем,
Ҷамъияте зи бахти парешони хештан.
Исмат, бимурд бар сари кӯят ба интизор,
То пеши ту нисор кунад ҷони хештан.

### 366

Ҳар рӯз, ки аз дур тавон рӯйи ту дидан,
Новаҷҳо бувад миннати хуршед кашидан.
Меҳроби дуъо гар хами абрӯи ту бошад,
Ҷуз доғи ҷигар ҳеҷ нашояд талабидан.
Гуфтӣ, бикушам бегунаҳаш, мурдам аз ин шавқ,
К-ин мужда тавонам зи забони ту шунидан.
Ҷуз хок шудан ҳеҷ мароде натавон хост,
Гар даст диҳад аз ту ба мақсуд расидан.
Шабҳо ба дуъо рӯз кунам, гар битавонам,
Чун субҳ ба сад хуни ҷигар бар ту дамидан.
Чун зарра ба хуршеди рухат меҳрпарастем,
Гар теғ занӣ аз ту нахоҳем буридан.
То хун нахӯрӣ аз ҷигари сӯхта, Исмат,
Чун ашк дар ин кӯ натавон гарм давидан.

### 367

Бар дари майкада дурдикашу расво будан,
Беҳ аз он аст, ки дар савмаа тарсо будан.
Бо вуҷуди қадаҳи бодаи чун оби ҳаёт
Натавон зинда бар анфоси Масеҳо будан.
Ҳар кӣ дар пойи хум имрӯз нишинад, ҳайф аст,
Дигараш мунтазири ваъдаи фардо будан.
Ҳолиё бода ба риндон хӯру танҳо манишин,
Оқибат чун гузаре нест зи танҳо будан.
Исмат, акнун, ки ба дайр омадаӣ, мебояд
Динбарафтодаи зуннору чалипо будан.

### 368

Эй ғамат, дар ҷони ширин карда ҷои хештан,
Подшоҳе гашта меҳмони гадои хештан.
Чун бихоҳӣ кушт, боре муҳлатам деҳ соате,
То аз он лабҳо ситонам хунбаҳои хештан.

Дарди дил афзун шуд аз ҳад, эй аҷал,деҳ ёрие,
Чун ба ҷуз мурдан намедонам давои хештан.
Гар зи ғам ҷон бар лаб омад, мардумӣ кун, новаке,
То даруни сина биншонад ба ҷои хештан.
Гар ниҳад по бар сари кӯйи ту, Исмат, як шабе
То саҳар бар дида молад хоки пои хештан.

## 369

Эй мояи шодӣ ватан ҷуз дар ҳарими ҷон макун,
Чун оташам дар дил задӣ, аз дида рӯ пинҳон макун.
Дар меҳнатободи дилам чун соҳиби фармон туӣ,
Торочи султонӣ чунин дар кишвари вайрон макун.
Ҳайф аст наъли тавсанат бар рӯю чашми чун мане,
Хуршеди оламтобро бар хоки раҳ яксон макун.
Озурдаи меҳри туам, марҳам чӣ бандӣ бар дилам?
Гар зинда мехоҳӣ маро, ин дардро дармон макун.
Ман худ ба аввалғамза ҷон хоҳам супурдан, лек ту
Бар хуни чун ман бедиле нархи бало арзон макун.
Дил аз қаду зулфу рухат пурсабзаву сарв асту гул,
Гӯ, тундбоди ғам дигар қасди чунин бӯстон макун.
Умрест, Исмат, к-имшабат омад ба ғампурсӣ шабе,
Гӯ, субҳи навмедӣ мадам, в-ин васлро ҳиҷрон макун.

## 370

Эй тоқи абрӯвонат, оромгоҳи мастон,
В-эй хоки остонат, маъвои бутпарастон.
Мо худ ба дурҷи васлат бастем дил, валекин
Кай з-он даҳон бароян мақсуди тангдастон.
Кас бе ҷароҳати дил, з-он лаб наёфт коме,
Ҳаргиз табиб надҳад шарбат ба тандурустон.
Ишқ обрӯ надорад бе оҳи дардмандон,
Май хуррамӣ набахшад бе ҳою ҳуи мастон.
Исмат, ба базми риндон соқӣ гар ӯ набошад,
Май гар ҳаёт бошад аз дасти ғайр мастон.

**371**

Агар дар талхии ҳиҷрон ба дарди ғам тавон мурдан,
Аз он беҳтар, ки бо бегона бояд ангубин хӯрдан.
Ба ҷурми бутпарастӣ, эй аҷал, зудам бикуш, зеро
Бибояд баъд аз инам рӯ ба дигар қибла овардан.
Ба теғи фурқатам, ё Раб, қатили теғи ӯ гардон,
Ки ҷон додан ба ёди ёр бошад рӯҳ парвардан.
Аз он хоки раҳам, эй бод, роҳи дида маҳкам кун,
Ки бе он рӯ намехоҳам назар сӯйи дигар кардан.
Маёзар мардуми дида ба рӯйи дигарон, Исмат,
Ки гар бе дида монӣ беҳ, ки бояд мардум озурдан.

**372**

Бо саги кӯйи туам шарт чунин аст, ки ман,
Пеши ӯ мираму мақсуд ҳамин аст, ки ман.
Ба сари роҳи вафо хок шавам дар қадамаш,
К-он замон кунҷи лаҳад хулди барин аст, ки ман.
Бар сари хоки худ овози касе мешунавам,
Гарчи аз толеъи баргашта яқин аст, ки ман.
Бо чунин бахти нагун лоиқи дидор наям,
Лекин аз раҳматам уммед чунин аст, ки ман.
Бидарам пардаи Исмат чу зи тороҷи ғамат,
Ҳама офоқ чунин бе дилу дин аст, ки ман.

**373**

Ба пеши тири ту хоҳем ҷон сипар кардан,
Ғизои рӯҳ зи хунобаи ҷигар кардан.
Ту офтобию аз ғояти сафо, ки туростр,
Далер менатавон дар рухат назар кардан.
Зи шарми рӯйи ту хуршед барнамеояд,
Дар офтоб нашояд чароғ баркардан.
Шаби висоли ту хоҳам зи зулфи мушкинат,
Гираҳ кушодану шабро дарозтар кардан.

Бисӯхтам зи дами оташини субҳу ҳанӯз,
Наметавон шаби андуҳро саҳар кардан.

### 374

Пеши рафиқон чу шамъ з-оташи дил сӯхтан,
Беҳ, ки дар айвони мулк машъала афрӯхтан.
Раҳзадаи ишқро коми дил аз ғамза чист?
То нафасе дар тан аст, сохтану сӯхтан.
Маҳрами ушшоқро шарти қабули назар,
Чист даҳон бастану дида фурӯ дӯхтан?
Ҳар кӣ муҳаббат чашид, боядаш аввал чу ман,
Тарки ҳунар гуфтану ин ҳунар омӯхтан.
Исмат, агар нақди умр дод ба торочи ҳаҷр,
Хоҳад аз иқболи ёр умри нав андӯхтан.

### 375

Сад навбатам кушту нашуд майли пушаймонӣ дар ӯ,
Ҳар к-ӯ мусалмон гӯядаш набвад мусалмонӣ дар ӯ.
Мирам ба кӯяш, к-андар ӯ гарде ба ҷоне мехаранд,
Шаҳре куҷо ёбам дигар з-ин гуна арзонӣ дар ӯ?
Дил кишвари шоҳию он султон кушанда, чун зиям,
К-аз дарди пинҳон кардаам бисёр вайронӣ дар ӯ?
Тан дар ҷудоӣ хок шуд, ҷон чун гадои мунтазир,
К-он хусрави хубон кунад торочи султонӣ дар ӯ.
Дар оташи ҳиҷрон чаро сӯзам кунун, к-андар барам,
Мондаст як дил дар ғамаш, сад доғи пинҳонӣ дар ӯ?
Акнун, ки дил аз лоғарӣ мӯе шуд аз бори ғамаш,
Кай ҷойгир ояд дигар мулки сулаймонӣ дар ӯ?
Бинмуд рӯю оқибат теғе ба Исмат ронду гуфт,
Чун ид кардан хуш бувад, з-ин гуна қурбонӣ дар ӯ.

### 376

То бо худӣ ба ҷониби аҳли сафо марав,
Аз қалб ногузашта сӯйи кимиё марав.

Дар шоҳроҳи ишқ ба мастӣ манеҳ қадам,
Бегонавор дар ҳарами Кибриё марав.
Заҳри бало нахӯрда маҷӯй ангубини васл,
Фонӣ нагашта ҷониби мулки бақо марав.
Ошиқ наӣ, зи кӯйи ҳақиқат мапурс роҳ,
Бемор нестӣ, сӯйи дорушшифо марав.
Исмат ба нозу неъмати дунё мабанд дил,
Гар мурғи зиракӣ сӯйи доми бало марав.

**377**

Зи бисёре, ки месӯзад дили афгори ман бе ту,
Ба ҷони худ, ки безорам, зи ҷони хештан бе ту.
Зи гулгашти чаман гуфтам ба бӯйе хуш кунам дилро,
Пур аз оташ намуд аз гул ҳама саҳни чаман бе ту.
Ба як дидан ҳамон беҳтар, ки ҷон дар поят андозам,
Чу мехоҳам, ки як соат нахоҳам зистан бе ту.
Зи дардангезии ҳиҷрон чунон озурда шуд ҷонам,
Ки дигар дар тани хокӣ намесозад ватан бе ту.
Ба бӯстон меравад, то чун ки бинад рӯйи гул, Исмат,
Барорад аз ҷигар оҳу даронад пираҳан бе ту.

**378**

Ғамзае з-он чашму шаҳре хаставу бемор аз ӯ,
Хандае з-он лаълу чандин дида гавҳарбор аз ӯ.
Умрам аз баҳри тамошои ту меомад ба кор,
То ҷудоӣ дар миён омад, шудам безор аз ӯ.
Узр гӯ, гаҳ-гаҳ ба ташрифи хаёле дидаро,
К-омад аз ҳаҷри ту чандин гиряҳои зор аз ӯ.
Ҳамчу ман з-ин хун, ки бар ёди ту аз дил мехӯрам,
Ончунон мастам, ки ҳаргиз нестам ҳушёр аз ӯ.
Аз суҷуди ин дарам гӯ, дину дунё рав ба бод,
Гар гуноҳ ин аст, натвон кард истиғфор аз ӯ.
Гар ба бӯстон хун фишонад дида бар ёди рухат,
Пургули сероб гардад арсаи гулзор аз ӯ.
Як замон бар хоки Исмат шод бихром, эй насим,
Гаҳ-гаҳ ар ёд орад он табъи фаромӯшкор аз ӯ.

### 379

Ишқ дардест, ки ҷуз сабр даво нест дар ӯ,
Дил мақоме, ки ба ҷуз ранҷу бало нест дар ӯ.
Гарчи дар шаҳри ҷигарсӯхтагон хона басест,
Лек маъмуртар аз кӯйи ризо нест дар ӯ.
Ҳусн боғест, ки ҳар гул, ки дар ӯ рӯй намуд,
Гар чу ҷон тоза бувад, бӯйи вафо нест дар ӯ.
Ҳар париҷеҳра, ки дар мулки диле роҳ наёфт,
Гар ҳама ҳури биҳишт аст, сафо нест дар ӯ.
Эй ки бар аҳли дилат мансаби шоҳист, макун
Такя бар давлати хубе, ки бақо нест дар ӯ.
Мулки хубит мусаллам, зи ниёзи дили мост,
Баркате нест ба шаҳре, ки гадо нест дар ӯ.
Исмат, аз тавба бипарҳез, ки ишқ он равиш аст,
К-он чӣ ҷуз мастию риндист раво нест дар ӯ.

### 380

Қасди ҷон дорию мақсуди дил ин аст, ки ту,
Бикушӣ зораму уммед чунин аст, ки ту.
Ба зиёрат ба сари хоки ман оӣ ҳар рӯз,
Ки маро тозагии умр ҳамин аст, ки ту.
Гаҳ-гаҳ аз ноз хиромӣ ба сари куштаи худ,
Гарчи аз бахти ман ин низ яқин аст, ки ту.
Аз шакархандаи ширин агарам ҷон бахшӣ,
Чашми хунхори ту бигрифта камин аст, ки ту.
Хуни Исмат бихӯриву нашавӣ қосиди дин,
Ки аҷал низ чунин бар сари кин аст, ки ту.

### 381

Вуҷудам шуд адам ногуфта розе аз даҳони ӯ,
Хаёле шуд танам нокарда фикре аз миёни ӯ.
Ба зории дуо хоҳам ҳалоки худ, агар донам,
Ки бошад аз вуҷуди ман ҳалоки посбони ӯ.
Ба ҷони ӯ, ки аз мадҳи ду олам дӯсттар дорам,
Рақиби ӯ гарам дашном гӯяд аз забони ӯ.

Зи хокам бӯйи ҷон ояд пас аз мурдан, агар рӯзе,
Ҳанӯзаш бӯйи меҳр орад зи гарди остони ӯ.
Яқин дорам, ки бар Исмат ҷаҳонеро дарун сӯзад,
Агар зоҳир шавад як нукта аз дарди ниҳони ӯ.

**382**

Ончунон оташ пазируфт ин дили маҳзун аз ӯ,
К-аш ба теғ озурдаму берун наёмад хун аз ӯ.
Рӯзи шодиро чу шоми ғам сиёҳӣ дод дил,
Дуди оҳ азбас баромад ҷониби гардун аз ӯ.
Гарчи сад ҷо дил зи тирандози ҳиҷрон рахна шуд,
Мирам он соат, ки дарди ғам равад берун аз ӯ.
Ман на танҳо бар сари кӯяш саги девонаам,
Ҳусн агар ин аст, гардад оламе Маҷнун аз ӯ.
Ҷону дил Исмат ба ҳиҷрон доду мурд аз фикри он,
То чӣ хоҳад баъд аз ин он ҳусни рӯзафзун аз ӯ?

**383**

Эй бурда оразат зи маҳи осмон гарав,
Нахли қадат ситонда зи сарви равон гарав.
Сӯфӣ ба даври наргиси мasti ту кардааст,
Саҷҷода дар баҳои майи арғувон гарав.
Соқӣ, куҷост ёри сабукрӯҳ, то кунад
Тасбеҳу хирқа аз паи ратли гарон гарав?
Шукр аст, то ба ҷониби майхона меравад,
Хирқа ба юмни ҳиммати пири муғон гарав.
Исмат, супор ҷон, ки ба муфлис намедиҳанд,
Мардум матоъ, то набувад дар миён гарав.

**384**

Эй ба даруни оташин дарди ту хона сохта,
Ҳар чӣ ба сина ёфта, сӯхтаю гудохта.
Қалби ҳазорпорааш пеши сагон фиканда беҳ,
Ҳар кӣ туро ба як назар дидаву ҷон набохта.

Дар талаби ту солҳо ҷони ба лаб расидаам,
Гаҳ зи фироқ сӯхта, гаҳ ба хаёл сохта.
Ишқ миёни куштагон гашта басеву оқибат,
Доғи вафову бандагӣ бар рухи ман шинохта.
Булбули боғи Исматам сӯхта дар хазони ғам,
Бо ҳама дарду хастагӣ шеъри тараб навохта.

**385**

Эй ғамзаат ба шӯхӣ таълими ноз карда,
Шабҳои орзуро бар ҷон дароз карда.
Ҷонам фидои лаълат, к-аз баҳри як табассум,
Сад бор хӯрда хунам, в-он ғамза боз карда.
Чашмат, ки аз малоҳат парвардаӣ ба нозаш,
Умре ба остонат арзи ниёз карда.
Бахшой бар гадое, к-аз баҳри ним нозе,
Чун ман ҳазор дилро тороҷи ноз карда.
Аз чашму ғамза бозам ғоратгари ҳаёт аст,
Ҳар дам ба кишвари дил сад турктоз карда.
Хуршед дар ҳавоят чун зарра гашта рақсон,
Исмат, ба васфи рӯят чун нағмасоз карда.

**386**

Эй даҳонат хандаҳо бар гунаи хандон зада,
Ҳасрати рӯйи ту гулро хор дар домон зада.
Чашми хунрези ту ҳар тире, ки бар ҷон кардааст,
То расида аз ҷигар бигзаштаву бар ҷон зада.
Сабзаи сероби хаттат гирди рӯйи чун маҳат,
Сунбули тар бар канори лолаи борон зада.
То рухи маҳпайкарон ороста аз нури ҳусн,
Рӯйи хубат хайма болои маҳи тобон зада.
Чашмат аз ғамза агар тире шикаста дар диле,
Исмати бехонумонро дар ҷигар пайкон зада.

**387**

Эй зи савдоят ҳама маҳпайкарон Маҷнун шуда,
В-эй зи лаълат хубрӯёнро ҷигарҳо хун шуда.
Маст гашта аз тамошоят гаҳи субҳ офтоб,
З-он ҳамеафтад ба ҳар сӯ рух ба хун гулгун шуда.
Як иноят кун, даме махром чун теғам занӣ,
То набинам зери поят пираҳан пурхун шуда.
Рав, ба бӯстон то бубинӣ з-орзӯи лаъли хеш,
Сад дили хунбаста аз ҳар шохи гул берун шуда.
Маҳ ҷабин бар хоки поят суда, в-аз шарми рухат,
Бо ҳазорон зардрӯӣ боз бар гардун шуда.
Моҳи ман, боз о, ба базми гулрухон то бингарӣ,
Ҷумларо девонаи он ҳусни рӯзафзун шуда.
Вақти ханда чун зи дурҷи дар кушода қуфли лаъл,
Ҳар тараф сад дида бинӣ пурдури макнун шуда.
Дар сифоти шакли мавзунат чу Исмат кард фикр,
Ҳар чӣ рафта бар забони хомааш мавзун шуда.

**388**

Эй лабат шаҳд пуршакар карда,
Лаълро доғ бар ҷигар карда.
Хатти сабзест гирди чашмаи нӯш,
Сар зи оби ҳаёт бар карда.
Лаби лаълат барои роҳати рӯҳ,
Қандро бо гулоб тар карда.
Рафта аз дида дар ҷигар тират,
В-аз раҳи дил зи ҷон гузар карда.
Хаму печи хати ту Исматро,
Доғи дерина тозатар карда.

**389**

Эй чашми сиёҳи ту, дари фитна кушода,
Абрӯи ту бар чеҳраи маҳ доғ ниҳода.

Гирди лаби лаъли ту дили сӯхтаи мост,
Чун лахти кабобе ба намакзор фитода.
Ҳар субҳ ба кӯйи ту салом омада хуршед,
В-аз дур тамошои туаш даст надода.
Раҳм ор, бар ин дил, ки чу парвона ҳама умр,
Дар олами ғам сӯхтаву лаб накушода.

**390**

Бикаш зи абрӯву мижгону чашму ғамза сипоҳ,
Ки офтобвашон чокаранд ҷумла, ту шоҳ.
Агар ба зери ниқоб афканӣ бутон гӯянд:
«Чӣ қомат асту чӣ рӯ, ло илоҳа иллаллоҳ».
Бад-ин карашмаву ноз ар ба ҳашр бихромӣ,
Ҳазор узр бувад бутпарастро зи гуноҳ.
Барои пеши ту мурдан басе дилафгоранд,
Ниҳода ҷон ба кафу мунтазир ба ҳар сари роҳ.
Кафан даронаду Маҷнун зи хок бархезад,
Агар ба куштаи дерина бигзарӣ гаҳ-гоҳ.
Чу маҳ дуруст шавад, моҳи нав набинад кас,
Туро ду моҳи нав аз мушк бар саҳифаи моҳ.
Хаёли абрӯю савдои холи мушкинат,
Нишонд Исмати девонаро ба рӯзи сиёҳ.

**391**

Фитнаи пинҳони он чашми сиёҳ,
Рехт хуни ишқбозон бегуноҳ.
Тоби анвори ҷамолат мезанад,
К-офтобе чун ту дорад дар паноҳ.
Ҳалқаи мӯят ба гирди рух задаст,
Оташ андар хирмани хуршеду моҳ.
Эй ба даври ҳусни хуршеди рухат,
Қиссаи Юсуф фурӯ рафта ба чоҳ.
Лолаву райҳон дамад то рӯзи ҳашр,
Гар фитад акси рухат бар хоки роҳ.

Лаъли майгунат, чӣ бошад, гар кунад,
Еди маҳҷурон зи ёре гоҳ-гоҳ.
Аз сиришки лаъли ман хоки дарат,
Ҷуз гули рангин нарӯёнад гиёҳ.
Ҳар дам афғонест Исматро зи ту,
Оҳ, агар васлат ба каф н-ояд зи оҳ.

**392**

Дӣ барошуфта чашму хобзада,
Омадӣ бар сарам шаробзада.
Хайчакон рӯйи ҳамчу барги гулат,
Оташ андар гулу гулоб зада.
Рӯйи хуби ту дар ҷаҳонсӯзӣ,
Хайма болои офтоб зада.
В-аз шакарханда лаъли нӯшинат,
Намаке бар дили кабоб зада.
Чанг дар домани ғамат, Исмат
Ба дуоҳои мустаҷоб зада.

**393**

Мусаввари азалат ҳусни бекарон дода,
Парӣ ба рӯйи ту карда нигоҳу ҷон дода.
Нишони оби Хизир ҳар кӣ ҷуста аз хубон,
Ҳама зи дур ба лаъли лабат нишон дода.
Ба ғамза чашми сиёҳи ту ҳар киро кушта,
Ба ханда лаъли туаш умри ҷовидон дода.
Низору зор маро бар дари ту теғи аҷал,
Бикуштаву ба сагони ту устухон дода.
Гаҳе, ки хулд ба покон расида, Исматро
Қазо мақом бар ин хоки остон дода.

**394**

Гар ба раҳмат дили озурдаи мо ҷӯӣ беҳ,
Лавҳи фикр аз рақами кинаи мо шӯӣ беҳ.

Некии хеш бубин, дар бадии мо мангар,
К-аз ту гар номи накӯ монаду некӯӣ беҳ.
Гарчи бо аҳли назар ҳар чӣ кунӣ, ҳукм турост,
Лек бо муътақидон шеваи дилҷӯӣ беҳ.
Тӯтиёни чамани базми ту дар маҷлиси хос,
Гар кунанд аз тарафи банда накӯгӯӣ беҳ.
Чун кашад аҳли ҳасад теғи ҷафо бар Исмат,
Халқ донанд, ки ту дар тарафи ӯӣ беҳ.

**395**

Эй зи ишқ овоза дар кавну макон андохта,
Офарида ҳусну оташ дар ҷаҳон андохта.
То парешон карда бар тарфи чаман занҷири зулф,
Ақлро барқи ҷунун дар хонумон андохта.
Ишқро шавқи ту оташ дар замир афрӯхта,
Нутқро шукри ту шаккар дар даҳон андохта.
То ба ҳам пайваста бар авроқи рӯҳ аҷзои ҳусн,
Ишқу тақвиро ҷидоле дар миён андохта.
Эй садои навбати мулки ту аз авҷи қидам
Сити раҳмат дар замину осмон андохта.
Дар фазои бениёзӣ тораме пур сохта,
Ҳар кафе, к-аз баҳри қудрат бар карон андохта.
Қаҳрат аз як ламъа атвори ҷаҳим ангехта,
Лутфат аз як нафҳа бунёди ҷинон андохта.
Мушти хокеро дамида рӯҳ, одам карда ном,
Қудсиёнро вирди мадҳаш бар забон андохта.
Оташеро дода қурбу карда иблис ошкор,
В-охираш бар хоки лаънат нотавон андохта.
Хоки пойи соликони роҳат аз айну-л-яқин,
Тӯтиё дар чашми сирри инсу ҷон андохта.
Ҳар кӣ з-ин зиндон ба бӯстони қабулат бурда роҳ,
Аз адам худро ба мулки ҷовидон андохта.
Андалеби табъи Исматро баҳори ҳамди ту
Кард гулзори маонӣ дар баён андохта.

**396**

Шуд  вақти гулу ҳар кас рафтанд ба гулзоре,
Ман роҳ намеёбам дар сояи деворе.
Пои саги кӯятро бар дида ҳамемолам,
К-аз афсари шоҳӣ беҳ хоки қадами ёре.
Даврони висолатро чун қадр надонистам,
Розӣ шудаам аз дур акнун ба дидоре.
Бисёр марон аз дар моро, ки зиён набвад,
Пеши хур агар бошад чун зарра ҳаводоре.
Гар сӯхт дил аз ҳиҷрон андеша махӯр, Исмат,
К-ин оташи пинҳонӣ як  рӯз кунад коре.

**397**

Шакар дар ғунчаву хуршед бар сарви равон дорӣ,
Ба куштан теғи хун баркаш, ки дар лаб қути ҷон дорӣ.
Агар чашмат ба ангези малоҳат рехт хуни ман,
Хушам, к-оби ҳаёт андар лаби шаккарфишон дорӣ.
Ҳазор ангези хунрез аст гирди олам аз ҳуснат,
Ту масти бодаи нозӣ, чӣ парвои ҷаҳон дорӣ?
Аз он хоки қадам гарде гадоӣ мекунад чашмам,
Ба мақсудаш расон, эй бод, агар дасте ба он дорӣ.
Ҳаловатҳои пинҳонест дар гуфтори ширинат,
Магар вақти сухан шаккар ҳаме зери забон дорӣ?
Маро бо доғи навмедӣ, мудом ин дард месӯзад,
Ки оташ дар ман андозию худро бар карон дорӣ.
Дареғ аст инчунин доим ба талхӣ зистан, Исмат,
Зи дасташ мир агар майли ҳаёти ҷовидон дорӣ.

**398**

Зи ангези бало, к-андар лаби шаккаршикан дорӣ,
Сухан ногуфта донистам, ки қасди хуни ман дорӣ.
Ҳаметобӣ инон аз хашму манзил мекунӣ дар дил,
Ту ганҷи раҳматӣ, з-он рӯ ба вайронӣ ватан дорӣ.

Аз он лаб талхгуфторӣ нашояд бо дилафгорон,
Ки аз ҳар хандаи ширин шакарҳо дар даҳан дорӣ.
Марав дар гулшану як раҳ ба хоки куштагон бигзар,
Ки дар ҳар гӯшае чун гул басе хунинкафан дорӣ.
Зи мардум чанд мепурсӣ, ки Маҷнун аз чӣ шуд, Исмат?
Аз он сарви сиҳӣ, к-андар миёни пираҳан дорӣ.

**399**

Сабо, з-он кокули мушкин агар торе ба даст орӣ,
Ҳама саҳни чаман гирад, насими мушки тоторӣ.
Ба сурат наргиси мастӣ туву чашмам ду беморанд,
Вале чашми ту аз хобу ду чашми ман зи бедорӣ.
Зи мардум ҳар кӣ гардад нотавон, кам хуш бувад ҳолаш,
Магар чашмат, ки хуштар мешавад дар айни беморӣ.
Зи гиря мардуми чашмам шуд озурда, магар ашкам,
Аз он чашми сиёҳ омӯхт расми мардумозорӣ?
Сияҳ шуд чашмам аз ҳасрат, ки дар ишрат рақибонро,
Ба осонӣ гузашт айёму Исматро ба душворӣ.

**400**

Сабо зи равзаи ҷаннат чӣ туҳфа овардӣ?
Ки боғро ба насими биҳишт парвардӣ.
Чӣ оби зинда аз абр хӯрдаӣ, эй гул,
Ки зиндагӣ гаштию аз хок сар баровардӣ.
Чӣ ҷуръа аз қадаҳи гул кашидӣ, эй булбул,
Ки масту наъразанон гирди боғ мегардӣ?
Ба боғ гуфтаму девонаи ҷамоли туам,
Ҷавоб дод, ки ҷои назар хато кардӣ.
Чи бехудӣ зи тамошои рангу бӯ, Исмат?
Зи бӯйи гулшани маънӣ бимир, агар мардӣ.

**401**

Ишқу навмедию ҷаври ёру дарди безарӣ,
Ин ҳама дорему танҳоию ғурбатбарсарӣ.

Бо ту чун лофи харидорӣ занам, з-он рӯ, ки ҳаст,
Ҳар тараф хуршеди рухсори туро сад муштарӣ.
Бо саги кӯят дар ин дар сар ба сар кардем дӯш,
Ёфтем аз остонат давлати ҳарду сарӣ.
Ишқ медонад зи рӯйи зарду ашки гарми мо,
«Қадри зар заргар шиносад, қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ».
Гарм шуд бозору аз ҳар сӯ дукон оростанд,
Зардрӯйӣ мекунад, Исмат, зи дасти безарӣ.

**402**

Гар, эй боди сабо, дасте ба хоки он қадам дорӣ,
Чӣ бошад гар ба давре дидаеро муҳтарам дорӣ.
Чу мебинӣ даҳони ӯ, аз он лаб ком ҷӯ, эй дил,
Бихӯр як шарбат оби хуш, ки рӯ сӯйи адам дорӣ.
Ба ҳар посух лаби лаълат ҳазор ангези хун дорад,
Ба қатли душманон то кай аҷалро муттаҳам дорӣ?
Чу н-омад ҳеҷ гаҳ гарди ғаме бар домани покат,
Зи ҳоли меҳнати шабҳои бедорон чӣ ғам дорӣ?
Маёвар дар сафи покаи намози нораво, Исмат,
Чӣ ҳосил рӯй дар қибла, чу дил сӯйи санам дорӣ?

**403**

Ман киям? Бехонумоне, бедиле, озурдае,
Ман киям?  Кӯтаҳзабоне, пою сар олудае.
Ман киям? Ноқобиле, сангиндиле, беҳосиле,
Ман киям? Мушти гили аз хоку хун парвардае.
Ман киям? Ғофил расида бар сари ҳар ҳирфате,
Ман киям? Ҳайрон давида дар паси ҳар пардае.
Ман киям? Доим ба чанги обу гил дармондае,
Ман киям? Умре зи дасти чашму дил хунхӯрдае.
Раҳмате дар кори ман, варна ба пеши чун туе,
Даъвии Исмат назебад аз чу ман дилмурдае.

## 404

Қадаҳе биёр, соқӣ, зи шароби он ҷаҳонӣ,
Ки чу рӯҳ тоза гардам зи малӯлию гаронӣ.
На мае, ки гар ба комаш ба мурод ҷуръа нӯшӣ,
Ҳама умр асир монӣ зи хумори нотавонӣ.
Зи майе, ки нимҷуръа ба даҳони ҳар кӣ резӣ,
Ба ду кавн роз гӯяд ба забони безабонӣ.
Ту чӣ сурати бадеъӣ, ки ҳақиқати ҷамолат,
Ба баён ҳаменаёяд зи латофати маонӣ.
Ту чӣ соқӣ, ки доим маю соғар аз ту мастанд,
Ки ба ҳуш ояд он дам, ки пиёла барфишонӣ.
Чи ғариб агар чу Исмат ба ду кавн сархуш омад,
Зи ду кавн нангат ояд, агар асли худ бидонӣ.

## 405

Куҷост ёри сабукрӯҳу ҷуръаи майи боқӣ?
Ки дил ба бода супурдему ҷон ба ғапзаи соқӣ.
Касе, ки неъмати дунё гузид  бар ғами ишқат,
Ба панҷрӯзаи фонӣ гузошт давлати боқӣ.
Ту, эй рақиб насӯзӣ зи дарду зор бинолӣ,
Изо ваҷадту вуқуфан ало ҳумуму фироқӣ.
Муқаррар аст, ки узри гуноҳи рафта тавон хост,
Агар ба рӯзи қиёмат шавӣ ба ёр мулоқӣ.
Зи хоки Фохира Исмат чу сар зи ҷайб барорад,
Ба даҳр гӯи латофат барад зи назми Ироқӣ.

## 406

Кошки сангиндилу номеҳрубоне будаме,
Ё чу ёри хеш маҳбуби ҷаҳоне будаме.
Кай зи ҳиҷрони гуле озурда гаштӣ хотирам,
Чун сабо гар ҳар даме дар бӯстоне будаме?
Ақл аз фикри даҳонат гар накардӣ роҳ гум,
Ин замон борикбине, хурдадоне будаме.

Ҷони афгорам нишони тири меҳнат кай шудӣ,
Гар мани бечора беномунишоне будаме?
Душманон пеши ту мақбуланду Исмат монда дур,
Кошки ман низ қалби бадгумоне будаме.

**407**

Гар хоки роҳи пешрави атқиё шавӣ,
Дар дидагони аҳли назар тӯтиё шавӣ.
Донӣ, ки захми ғамзаи ӯро чӣ лаззат аст,
Гар ҳамчу ман нишонаи тири бало шавӣ.
Гар солҳо зи фахр занӣ таъна бар мулук,
Чун дар тариқи ишқ дароӣ, гадо шавӣ.
Эй бод, аз он ба бӯйи ту ҷон медиҳам, ки ту
Рӯзи аҷал ба ҳоли манаш раҳнамо шавӣ.
Исмат, наранҷад, ар ту надорӣ сари вафо,
Умре ғариб нест агар бевафо шавӣ.

**408**

Гар, эй ғам, бегуноҳ аз ман надорӣ майли безорӣ,
Чаро дур аз чунин рӯйе чунинам зинда медорӣ?
Қабули куштанам кардию мардум з-интизори он,
Чӣ бошад гар занӣ теғи вафою ваъда пиндорӣ?
Дилам аз гиря хун кардӣ, чӣ марҳам мекунӣ бозаш?
Ки он бутхонаи вайрон намеарзад ба меъморӣ.
Куҷо шуд, он ки шабрангат ба ҷавлон омадӣ ҳар сӯ,
Ки то дар дидаи бахтам кашидӣ куҳли бедорӣ?
Дили вайронаро, Исмат, ба торочи ҷудоӣ деҳ,
Ба мулк оташ бизан, чун гашт хатми мамлакатдорӣ.

**409**

Эй хазон, ин зардрӯйӣ аз куҷо овардаӣ?
Ҳамчу ман гӯё ту ҳам заҳри ҷудоӣ хӯрдаӣ.
Як ба як бар боди ҳасрат медиҳӣ барги ҳаёт,
Эй аҷаб, гӯё ту низ оғози мурдан кардаӣ.

Баргро боз ин сабукборию рухзардӣ чарост?
Эй сабо, рамзе бигӯ, чун маҳрами ин пардаӣ.
Лутф кун, эй дида обе бар кабоби дил бизан,
З-ин сиришки хун, к-аз он лаб дар намак парвардаӣ.
Хушнавоӣ мекунӣ, Исмат, чу булбул гӯиё,
Боз дар қалби хазон ёди баҳор овардаӣ.

## 410

Эй, ки қабои анбарин дар бари моҳ кардаӣ,
Мардуми дидаро аз он ҷоми сиёҳ кардаӣ.
Карда чу теғи ҳасратам ҳар мижа тир дар ҷигар,
Ҷониби офтоб агар тири нигоҳ кардаӣ.
Дидаи хунгирифта бар лаъли ту сурх кардаам,
То ба ҳалоки ҷони ман чашм сиёҳ кардаӣ.
Дар дилу синаву ҷигар дарди ту хонагир шуд,
К-аз сари новаки мижа дар ҳама роҳ кардаӣ.
Чун ба  гуноҳи ошиқӣ сӯхт ҳазор дил ғамаш,
Исмати хаста ғайр аз ин, ту чӣ гуноҳ кардаӣ?

## 411

Эй роиҳаи рӯҳ зи кӯйи ту насиме,
Бо ваъдаи дидори ту фирдавс ҷаҳиме.
Ҳар рӯз гадоёни сари кӯйи висолат,
Сад навбати шоҳӣ зада дар зери гилеме.
Бо нозу наъимам чӣ диҳӣ ваъда, ки дилро
Аз нози ту хуштар набувад ҳеҷ наъиме?
Рӯйи чу маҳу қадди чу сарву даҳани туст,
Анвори таҷаллию дарахтею Калиме.
Мӯйест миёни ту, ки дар ваҳм наояд,
З-он мӯй хаёли даҳанат як сари миме.
Чун ашк ба ҳар рӯй давидему надидем,
Дар даври қамар чун дури гӯши ту ятиме.
Исмат, ба ҳама талхии ишрат шабу рӯз аст,
Ҳамчун саги девона ба кӯйи ту муқиме.

**412**

Эй кушта маро чашми сиёҳи ту ба мастӣ,
Нав карда рухат мазҳаби хуршедпарастӣ.
Мо зиндагӣ аз бӯйи ту дорем, на аз ҷон,
Гар ҷон набувад, бок набошад, чу ту ҳастӣ.
Номус гаҳе бар ту мусаллам шавад, эй ақл
К-он шакл бубинию чу ман бут парастӣ.
Мо аз ту нишастем ба рӯзи сияҳ, эй чашм,
Охир ту бад-ин рӯз барои кӣ нишастӣ?
Исмат, равиши аҳли назар бар ту ҳаром аст,
К-он зулфи сияҳ дидию зуннор набастӣ.

**413**

Аз гиребони ҳақоиқ чун баровардам саре,
Нӯш кардам аз шароби бениёзӣ соғаре.
Чун шудам сархуш зи роҳи бехудӣ кардам тавоф
Ҳар даме дар оламе, ҳар соате дар кишваре.
Ногаҳон аз дур овози суруд омад ба гӯш,
Ҳоюҳуи қудсиён афканда ҳар сӯ маҳшаре.
Масту лояъқил дар он базм омадам, дидам зи шавқ,
Сархуш аз ҷоми таҷаллӣ ҳар тараф симинбаре.
Дар дили ҳар як зи ҷоми ишқ нози мастие,
Бар сари ҳар як зи мулки бениёзӣ афсаре.
Ҷуръае з-он базму аз мастони қудсӣ оламе,
Ғамзае з-он қавму аз хайли малоик лашкаре.
Гар аз он гулшан ба сӯйи олам ояд як насим,
Дар бани Одам намонад ҳеҷ рӯҳе дар баре.
Хоку хуноғушта масте дар миён афтода буд,
Аз майи ҳар як ба риндӣ нӯш карда соғаре.
Лоеҳ аз ҳар чеҳра дар ҳар зарраи ӯ партаве,
Монда аз ҳар ғамза дар ҳар пораи ӯ наштаре.
Чун назар кардам дар ӯ аз доғҳо бишнохтам,
К-он дили ман буд овора ба кӯйи дилбаре.

Гуфтам: Ин олам ба ҷои туст, к-он ҷо Ҷабраил
Гар парад ҳар шуъла сӯзад аз вуҷуди ӯ паре.
Гуфт: Ишқи пок ошиқро дар ин кӯ мекашад,
То ба ғафлат нангарӣ нопок дар ҳар манзаре.
Хокиёнро худ чу дидам андар он кӯ борҳост,
Раҳ ба дил кардам, ки бикшо бар мани хокӣ даре.
Зери лаб хандиду гуфт: Ин боргоҳи Исмат аст,
Ҷуз мани озурда бечора надорад дигаре.

**414**

Эй дар дили ҳар зарра зи меҳри ту сафое,
Хуршеди рухат раҳбари ҳар бесарупое.
Набвад аҷаб, ар бехабарӣ аз мани дарвеш,
Султон чӣ хабар дорад аз аҳволи гадое?
Навмед наям аз ҷигари сӯхтаи хеш,
Бошад, ки сироят кунад ин дард ба ҷое.
Ҳар ханда зи ёқути лабат қуввати ҷоне,
Ҳар ғамза зи чашми сияҳат тири балое.
Рафтем чу Исмат саҳаре бар сари кӯяш,
Дашном шунидему бигуфтем дуое.

**415**

Эй чашми бино, ҳар нафас то кай дилам хун мекунӣ?
В-охир чу ашки ҳасратам аз хона берун мекунӣ.
З-он ғамза бар дил мезанӣ, к-аз дида хун ояд бурун,
Рухсораи зарди маро з-ин гуна гулгун мекунӣ.
Аз мӯ парешон кардаӣ занҷири мушкин гирди ӯ,
Ман худ саги девонаам, бозам чӣ Маҷнун мекунӣ?
Бегонахӯ гаштӣ магар, бо дигаре пайвастаӣ,
Ё худ барои мурданам дарду ғам афзун мекунӣ?
Исмат, ба зорӣ бар дараш дар ноумеди ҳол шуд,
Эй дил, ба танҳо дар чунин мавҷи бало чун мекунӣ?

**416**

Эй, ки ба ғамза мекунӣ қасди шикори дигаре,
Ғайри ҳалоки мо макун майл ба кори дигаре.
Ҷони ҳазорпораро пеши саги ту чун кашам?
Ваҳ, ки ба дасти ҳимматам нест нисори дигаре.
Гашти чаман чӣ меравӣ, бар дили гарми мо гузар,
Гулхани ошно беҳ аз боғу баҳори дигаре.
Эй ба ҳазор мартабат з-оби ҳаёт поктар,
Ҳайф бувад, ки бигзарад бар ту ғубори дигаре.
Исмати хаста ҳар куҷо гиря кунад ба сӯзи дил,
Кай ба дарун асар кунад нолаи зори дигаре?

**417**

Эй аҷал, то чанд ҳар дам хонае вайрон кунӣ?
Ҳар замон аз ҳаҷри ёре рахнае дар ҷон кунӣ.
Ҳамнишинон як ба як сӯйи адам бастанд бор,
Ҷаҳди он бинмо, ки моро ҳамраҳи эшон кунӣ.
Зистан душвор мебинам зи ҳаҷри дӯстон,
Эй аҷал, он беҳ, ки душвори маро осон кунӣ.
Аз паи умре висоли ҳамдаме додаст даст,
Саъйи он манмо, ки боз ин васлро ҳиҷрон кунӣ.
Исмат, ин соат, ки аҳди васли ҷонон ёфтӣ,
Восилӣ,гар хештанро пеши ӯ қурбон кунӣ.

**418**

Агар хилватнишин як рӯз дар майхона биншастӣ,
Дари уммед бар рӯйи гунаҳгорон куҷо бастӣ?
Гар аз рози маю мутриб хабардор омадӣ воиз,
Шикастӣ минбари зарқу зи нанги гуфтугӯ растӣ.
В-ар аз дини дуруст огоҳ будӣ муҳтасиб, ҳаргиз
Сафоли дурднӯшонро ба санги таъна нашкастӣ.
Пару боли малоик сӯзад он соат, ки аз ҳасрат,
Зи дурафтодагӣ оҳе барорад нимашаб масте.
Зи авҷи ҳусн агар соқӣ намудӣ рӯй бо Исмат,
Раҳо кардӣ шаби торику бо хуршед пайвастӣ.

**419**

Агар дар оташи дӯзах ба дарду ғам қарин бошӣ,
Аз он беҳтар, ки бо ноаҳл дар хулди барин бошӣ.
Марав хандон гарат рӯйи замин зери нигин ояд,
Ки зуд он рӯзгор ояд, ки дар зери замин бошӣ.
Наъиму нози ин гулхан ба он меҳнат намеарзад
Ки дар умре барои ӯ даме андуҳгин бошӣ.
Аҷал мегуфт: Даври зиндагӣ хуш бигзарон. Гуфтам:
Ба шодӣ чун зияд он, к-аш ту доим дар камин бошӣ.
Зи аҳли дил талаб ҳиммат, ки дар пиронасар, Исмат,
Ба дарвешию ғам созию доим бар ҳамин бошӣ.

**420**

Эй дил, аввал аз саги кӯяш талаб кун ҳиммате,
То чу ӯ бар остони дӯст ёбӣ узлате.
То абад бӯйи биҳишт ояд зи гарди хоки мо,
Гар зи кӯйи ӯ вазад бар мо насими раҳмате.
Бе лабаш он беҳ, ки сӯзам синаро якборагӣ,
К-аз кабоби бенамак натвон гирифтан лаззате.
Ишқ то нашкаст дилро равнақе пайдо накард,
То садафро нашканӣ гавҳар нагирад қимате.
Исмат, акнун даъвии зуҳду накӯномӣ чӣ суд?
Чун ту дар олам ба бадномӣ гирифтӣ шуҳрате.

**421**

Эй моҳи нав аз наъли саманди ту нишоне,
Саргаштаи меҳрат чу мани хаста ҷаҳоне.
Сарриштаи мақсуд чу барбаста ба мӯят,
Бархезу каноре талаб аз мӯи миёне.
Ҷон дар қадами ашк равон асту надорад,
Он бахт, ки бӯсад қадами сарви равоне.
Эй барги гул аз ҳусни дурӯза ба чӣ нозӣ?
К-андар паи ҳар фасли баҳор аст хазоне.
Исмат, ба ҷамоли ту, ки дорад назари пок,
Гар дар ҳақи ӯ бехбаронрост гумоне.

**422**

Агар дил пеш аз ин ғамро чунин душвор донистӣ,
Кашидӣ ранҷу тадбири фироқи ёр донистӣ.
Чаро аз зулфи ӯ чандин гираҳ дар кораш афтодӣ?
Агар хосияти бахти парешонкор донистӣ.
Яқин дорам, ки нанҳодӣ дигар доғи ҷафо бар дил,
Агар дилро бад-ин сон хаставу афгор донистӣ.
Зи дорухонаи васлаш сабо сад марҳам овардӣ,
Табиби ман агар дарди дили бемор донистӣ.
Даридӣ пардаи номуси сад хилватнишини ҳусн,
Агар маст аз гуноҳи мардуми ҳушёр донистӣ.
Чу сабза зери по кардӣ ба даъвӣ шохи Тӯбиро,
Агар сарви сиҳӣ он шеваи рафтор донистӣ.
Баровардӣ зи ҷону дил дами иқрор чун Исмат,
Зи сирри ҳусни ӯ гар мункари дидор донистӣ.

**423**

Эй мужда дода дилро зулфат ба ҷондарозӣ,
Сарв аз қади ту дорад маншури сарфарозӣ.
Ҳар к-ӯ рухи ту бинад, донад, ки метавон дид,
Сад Каъбаи ҳақиқат з-ин қиблаи маҷозӣ.
Якборагӣ зи оташ холис барой, эй дил,
Ин қалби нораворо то чанд мегудозӣ?
Бо сайқали муҳаббат биздой пора-пора,
Оинаи дарунро аз занги бениёзӣ.
Гар толиби висолӣ, рав майл кун ба покӣ,
К-ин манзалат наёбӣ, илло, ба покбозӣ.
Гар гумраҳе чу Исмат роҳи қабул ёбад,
Нуқсон куҷо пазирад дар мулки бениёзӣ?

**424**

Эй боғи биҳишт аз чамани рӯйи ту варде,
Хуршед ба даврони рухат беҳудагарде.
Ҷон туҳфаи он бод, ки назди мани бемор,
Меоварад аз хоки сари кӯйи ту гарде.

Торик замире, ки надорад зи ту нуре,
Маҷруҳ равоне, ки надорад зи ту дарде .
Дарюзаи дилҳо кун, агар толиби ӯӣ,
Бошад, ки ба ҷое расӣ аз ҳиммати мардӣ.
Исмат, гар аз ин пеш шудӣ сӯйи харобот,
Бар беҳуда чандин ғами номус нах(в)ардӣ.

**425**

Он беҳ, ки гар зи умр накардем ҳосиле,
Серем дар муҳаббати ширингшамоиле.
Аҳли назар зи хоки дараш тӯтиё кунанд,
Хоке, ки ӯ нишон диҳад аз кӯи муқбиле.
Бечора дил ғариқ шуд андар муҳити ишқ,
Ку давлаташ, ки бозрасонад ба соҳиле?
Дар ишқ гар зи даст нарафтӣ зимоми ақл,
Ҳаргиз асири ғам нашудӣ ҳеҷ оқиле.
Исмат, умед ҳаст, ки дасти хаёли ёр,
Дар гардани муроди ту гардад ҳамоиле.

**426**

Эй хатти ту бар барги гул аз мушк хаёле,
Абрӯи ту аз ғолия бар моҳ ҳилоле.
Зулфи ту, ки маҷмӯаи дилҳост, чӣ бошад,
Гар даст дар он ҳалқа занад шефтаҳоле.
Мурғи дили мо сайд кун имрӯз, ки дорӣ,
Аз ғолия бар домани гул донаи холе.
Мо бар лаби дарёи аҷал ташна бимурдем,
Ку бахт, ки гӯяд хабар аз оби зулоле?
Исмат, агарат равшании дида таманност,
Чун зарра талаб суҳбати хуршедҷамоле.

**427**

Агар чашмат балои ҷон набудӣ,
Ба зорӣ мурданам осон набудӣ.

Ба мурдан кардаме дармони дардат,
Агар ин дард бе дармон набудӣ.
Хаёлатро ба миннат додаме ҷон,
Ғаматро гар ватан дар ҷон набудӣ.
Ба мили оташин баркандаме чашм,
Агар дар рӯйи ту ҳайрон набудӣ.
Даме, Исмат, наёсудӣ ба олам,
Агар андешаи хубон набудӣ.

**428**

Агар зулфи ту мушкафшон набудӣ,
Ҳазорон рахна дар имон набудӣ.
Хатат гар ҷон набахшидӣ шабу рӯз,
Муқими чашмаи ҳайвон набудӣ.
Кӣ донистӣ ба олам қиммати васл,
Агар андешаи ҳиҷрон набудӣ?
Дилу ҷон сӯхтандӣ з-оташи ҳаҷр,
Ғамат гар ҳамдами эшон набудӣ.
Агар Исмат набудӣ куштаи ишқ,
Чунин маҷрӯҳу саргардон набудӣ.

**429**

Эй лаъли оташинат, ҳар хандаи балое,
Ҳар ғамзае зи чашмат тороҷи мубталое.
Бемори орзуро дар кӯи хештан куш,
Боре агар бимирад бо худ барад вафое.
Месӯзаму аз ин дард оҳам ҳамебарояд,
К-ин оташи ниҳонӣ сар барзанад зи ҷое.
То рӯзи мурдан, эй ғам, з-ин хаста рӯ магардон,
Ғайр аз ту чун надорад дар олам ошное.
Аз ҳоли дарди Исмат ҳеҷ огаҳӣ надорӣ,
Султон, чӣ бок дорад, гар ҷон диҳад гадое?

## 430

Эй ҳар шикан аз мӯят занҷири гирифторе,
Ҳар гӯшаи абрӯят манзилгаҳи беморе.
В-аз дида равам ҳар шаб дар кӯйи ту то молам,
Рухсораи хунафшон дар ҳар таҳи деворе.
Гуфтам зи сари ёрӣ дар пои сагат мирам,
Ӯ ҳам ба фиғон омад аз нанги чу ман ёре.
Аз чашми дилозорат дар ҳар раги ҷон тире,
Дур аз гули рухсорат дар ҳар таҳи дил хоре.
Аз ханда баровардӣ шӯр аз ҷигари Исмат,
То кай намак ангезӣ бар реши дилафгоре?

## 431

Эй дил,  он беҳ, ки дар аввал қадам аз худ бибурӣ,
Чун ту он дида надорӣ, ки ба он рӯ нигарӣ.
Чашми ноаҳл на дархӯрди чунон рухсор аст,
Худ ба аъмо нарасад давлати соҳибназарӣ.
Дар паси пардаи номус парирӯёнанд,
Бохабар бош, ки ин парда ба ғафлат надарӣ.
Тан ба меҳнат деҳу аз дарди муҳаббат магрез,
Бетааб пай ба сари ганҷи саодат набарӣ.
Андар он боғ мапайванд ба ҳар хору хасе,
Ки аз он шох, ки бе асл бувад бар нахӯрӣ.
Ҳоли парвонаву шамъ аз мани дилсӯхта пурс,
Эй ки аз ҳоли дили сӯхтагон бехабарӣ.
Назаре ҷониби Исмат фикан аз гӯшаи чашм,
Бар сари куштаи худ ҷилвакунон чун гузарӣ.

## 432

Эй мулки муҳаббат ба ҷамоли ту мубоҳе,
Дар олами ҷон ҳусни туро мансаби шоҳӣ.
Зарроти ҷаҳон маҳв дар анвори рухи туст,
Инак, зи ту даъвию зи хуршед гувоҳӣ.
Аз ақл касе васфи ҷамоли ту напурсад,
Маъдуд чӣ донад сифати номутаноҳӣ?

Девонаву мастем аз он дам, ки ҷамолат,
Дидем дар оинаи анвори Илоҳӣ.
Наққоши қазо баста зи ранги руху зулфат,
Дар дидаи ҷон нақши сапедию сиёҳӣ.
Арвоҳи қудус бо ҳама покию латофат,
Моҳияти ҳусни ту надонанд камоҳӣ.
Гар тоҷ ниҳӣ бар сару гар теғ биронӣ,
Майли дили Исмат чӣ бувад? Ҳар чӣ ту хоҳӣ.

**433**

Эй ашки хунинро зи дил нодида пайдо мекунӣ,
Ё худ ба пеши мардумам з-ин гуна расво мекунӣ?
Эй дида, то дидӣ рухаш, бе раҳмате бар ҷону дил,
К-эшон ҳама сӯзанду ту хуш-хуш тамошо мекунӣ.
Эй дил,ба он чашми сияҳ ҷон медиҳӣ, эй вои ту,
К-аз муфлисӣ бо кофари бегона савдо мекунӣ.
Эй дарди пинҳон, гар наӣ дар банди хуни ман чаро,
Гаҳ доғ бар дил мениҳӣ, гаҳ дар ҷигар ҷо мекунӣ?
Эй номусалмон, ғамзаро таълими ҷодуӣ мадеҳ,
То кай ба бозӣ халқро Маҷнуну шайдо мекунӣ?
Моро, ки куштӣ аз фироқ, акнунат огоҳӣ шавад,
К-аз дигаре бар ту расад, инҳо, ки бо мо мекунӣ.
Исмат, агар мирӣ зи ғам, ҷон аз лаби ҷонон талаб,
Пеши чунон рӯҳе чаро ёди Масеҳо мекунӣ?

**434**

Агар дил тарки мулки дин накардӣ,
Бар он дар хокро болин накардӣ.
Зи талхии ғамаш кай бурдаме ҷон,
Лабаш гар хандаи ширин накардӣ?
Рақибам кай дуъо кардӣ ба мурдан,
Гар ӯ дар зери лаб омин накардӣ?
Ба гоҳи ханда гар дидӣ лаби хеш,
Гираҳ дар абрӯи мушкин накардӣ.

Зи ҳоли Исмат ар огаҳ шудӣ ёр,
Ба маҷрӯҳон ҷафо чандин накардӣ.

**435**

Баровардӣ хату дилро ба савдо раҳнамун кардӣ,
Зи занҷири ҷафо бозаш гирифтори ҷунун кардӣ.
Бурун ой аз дили тангу қадам дар ҷони ширин неҳ,
Чаро чун мардуми чашмам ватан дар мавҷи хун кардӣ?
Чу чашмат теғ баргирад, чӣ дорӣ бозаш аз куштан,
Ба хунрезӣ чу рӯзи аввалаш худ раҳнамун кардӣ.
Зи бахти бу ба фарёдам, ки тороҷи сагон борат,
Чу дар хотир дарун омад, маро аз дил бурун кардӣ.
Хаёли ранги рухсорат дар оташ сӯхт Исматро,
Ту боре, эй дили гумраҳ, намедонам, ки чун кардӣ?

**436**

Ба шаҳр пеши кӣ нолам зи ҷаври симтане?
Ба ғамза арбадаҷӯе, ба ханда сафшикане.
Зи ҳеҷ чорашиносе хабар намешунавам,
К-аз ӯ халос муяссар шавад ба ҳеҷ фане.
Магар ниҳоли гулистони ҷаннати қудс аст,
Ки ин дарахт нарӯяд зи хоки ҳар чамане?
Касе, ки ӯ ба шакарханда дил тавонад бурд,
Ҷавоби талх чаро гӯяд аз чунон даҳане?
Рақиб муътакифи кӯйи ёр шуд, Исмат,
Дареғи мулки Сулаймон ба дасти Аҳримане.

**437**

Ба зиёрате чӣ шавад, ки бар сари хоки мо гузаре кунӣ,
Ба инояте чӣ зиён диҳад, ки ба ҳоли мо назаре кунӣ.
Бикушо ду лаълу ба хандае намаке фишон ба ҷароҳаташ,
Нафасе, ки аз сари кӯйи дил ба диёри ҷон сафаре кунӣ.
Ба умеди он хушам ин нафас, ки туӣ табиби шикастагон,
Дили хаста рӯ ба беҳ к-оварад, чу ту марҳами дигаре кунӣ.

Мани нотавон, ки ба теғи ғам шудаам шаҳиди вафои ту,
Гули маърифат бидамад гаҳе, ки ба турбатам гузаре кунӣ.
Шаби ғам расиду чу Исматам шуда тирадил зи малоли он,
Ба рухи чу хӯр чӣ шавад, ки ин шаби тираро саҳаре кунӣ.

**438**

Бар авҷи хубӣ пеш аз он к-он маҳ ба дидор омадӣ,
Кош офтоби умри ман болои девор омадӣ.
Сӯзест дорам дар ҷигар, к-аз дида дар хун ғарқаам,
Гар дарди пинҳон нестӣ, кай гиря бисёр омадӣ?
Гар марҳам ин аст, эй парӣ, к-аз ханда додӣ, кошки
З-он ғамза сад тири бало бар ҷони афгор омадӣ.
Аз зиндагонӣ ҳосилам як шарбати дидори туст,
В-арна дар ин зорӣ маро мурдан чӣ душвор омадӣ?
Аз давлати дарди ту гар сад доғ дорад бар ҷигар,
Кош ин ҷароҳат пеш аз ин бар ҷони афгор омадӣ.
Гар бӯй бурдӣ навбаҳор аз домани поки ту гул,
Бо ин ҳама тардоманӣ кай сӯйи гулзор омадӣ?
Исмат,чӣ хуш будӣ агар аз умр муҳлат ёфтӣ,
То ҷон супурдӣ дар раҳат, чун вақти дидор омадӣ.

**439**

Боз омадию оташе в-аз дида бар ҷонам задӣ,
Гуфтам бинолам аз ҷигар, аз ғамза пайконам задӣ.
Дар банди пинҳон куштанам будӣ, намедонам, чаро
Дил ошкоро хун шуд аз тире, ки пинҳонам задӣ?
Ман худ ба зорӣ аз хазон булбулсифат месӯхтам,
Хоса, ки аз рӯйи чу гул оташ дар афғонам задӣ.
Он дам ки бикшодӣ қабо, бикшод банд аз кори дил,
Ҳар гаҳ камар басти гираҳ дар шустаи ҷонам задӣ.
Оне дар он рӯ диду шуд, Исмат, зи мастӣ бехабар,
Ин ҷумла шамшери ҷафо аз лаззати онам задӣ.

## 440

Ёқути тар аст он лаби хандон, ки ту дорӣ,
Тунги шакар он лаъли сухандон, ки ту дорӣ.
Хубон ҳама, эй сарви гуландом, надоранд
Дар шеваи нозукбаданӣ он ки ту дорӣ.
К-аз Юсуфи Мисрӣ, ки намак вом гирифтӣ,
Аз лаъли шакархандаи пинҳон, ки ту дорӣ.
Мурдам шаби ҳиҷрони ту з-ин шавқ, ки хуршед
Сар барзанад аз кӯйи гиребон, ки ту дорӣ.
Дорад ҳаваси он ки шавад хоки ту Исмат,
Бар раҳгузаре қадди хиромон, ки ту дорӣ.

## 441

Парешонкокулӣ, дар сар чӣ дорӣ?
Рабудӣ дил зи ман, дигар чӣ дорӣ?
Зи шаклат оламе мастанду мадҳуш,
Намедонам, ки дар соғар чӣ дорӣ?
Дилам хун кардӣ, эй ҷоду, надонам,
Зи хатти сабз бар шаккар чӣ дорӣ?
Агар гӯям, ки хоҳам зист бе ту,
Ҳадиси мастро бовар чӣ дорӣ?
Гар, эй Исмат, намесӯзӣ дили хеш,
Ниҳон дар зери хокистар чӣ дорӣ?

## 442

Ба бедардӣ гирифторам, фиғон аз дасти бедардӣ,
Магар аз роҳи навмедӣ насибе ёбам аз мардӣ.
Дигар Хизр аз сари мастӣ чашидӣ шарбати дардаш,
Ба коми орзу ҳаргиз кай оби зиндагӣ хӯрдӣ?
В-агар ризвон ба чашми меҳр дидӣ сарви болояш,
Куҷо дар равза тӯбиро ба оби ноз парвардӣ?
Танамро, эй насими дард, бар роҳи бало афкан
Мабодо к-аз мани хокӣ нишинад бар раҳаш гарде.

Ман аз номурдани худ дур аз ӯ роҳат ҳамин дорам,
Ки аз ёди рухаш ҳар дам зиёдат мешавад дарде.
Чӣ хуш будӣ, ки аз теғаш наяфкандӣ аҷал дурам,
Ки чун ид омадӣ аввал маро қурбони худ кардӣ.
Ба ёди лаъли ӯ ҳар хун, ки рафт аз дида Исматро,
Сазад,к-аз хоки кӯйи ӯ  зи ҳар гарде дамад марде.

**443**

То хати мушкин ба гирди рӯ парешон кардаӣ,
Мушкро пирояи хуршеди тобон кардаӣ.
Ҳамчунон ҷамъияти дилхост дар зулфат ҳанӯз,
Бо вуҷуди он ки чандин дил парешон кардаӣ.
Офтоби олами ҳуснӣ, аз он чун офтоб,
Хешро дар нури рӯйи хеш пинҳон кардаӣ.
Бар сари рух ҳар мижа теғест бар оташ туро,
З-он ба ҳар ғамза ҳазорам доғ бар ҷ-он кардаӣ.
Наъли хинги хешро бар чашми Исмат судаӣ,
Офтоберо ба хоки тира яксон кардаӣ.

**444**

То зи сунбул рақами ғолия бар гул задаӣ,
Оташ андар дили савдоии булбул задаӣ.
Алами мулк барафрӯз, ки дар маснади ҳусн,
Дар сафи лоларухон кӯси таҷаммул задаӣ.
Кардаӣ бастаи ҳар мӯ дили савдозадае,
То гираҳ бар шикани зулфи чу сунбул задаӣ.
Эй дил, аз меҳри сегонаш ба ҷафо рӯй матоб,
К-андар он ҳалқа басо лофи таҳаммул зодаи
Исмат, аз фақр шикоят макун имрӯз, ки ту
Навбати мулк бар айвони таваккул задаӣ.

**445**

Бакату моу айнӣ ваҷрат мина-л-ваводӣ,
Ва кафо биҳи шаҳидан ли ҷароҳати-л-фуодӣ.
Раҳи ҷодуӣ бибастӣ, чу зи ғамза чашм бастӣ,
Дари фитнаҳо кушодӣ, чу ба ханда лаб кушодӣ.

Самару-л-фуоди норан ва бада-л-халилу хасмӣ,
Ҳаракат изому ҷисмӣ ва ҷаъалту ка-р-рамодӣ.
Чу ба пойи гул нишинӣ, дами ҳасрате баровар,
Ки гули мурод рӯяд зи насими номуродӣ.
Бика иззативу фахрӣ, бика Исмативу ҳирзӣ,
Ба куҷо равам ба пешат, ки ту қиблаи муродӣ?!

**446**

Чун ҷамоли хеш дар ҳар парда пинҳон кардаӣ,
Лоҷарам, ҳар зарраро хуршеди тобон кардаӣ.
Кардаӣ дар ҷоми ҳар заҳри ҷудоӣ шаҳди васл,
Бар асирон талхии ҷон додан осон кардаӣ.
Гар аҷал сад бор дар ангези хуни ман шавад,
Ман чаро мирам, чу ту ором дар ҷон кардаӣ?!
Бар ҷамоли хеш агар чун ман ту ҳам ошиқ шудӣ,
Оламеро аз чӣ рӯ Маҷнуну ҳайрон кардаӣ?
Сохта тиру камон аз чашму абрӯи бутон,
Бар дили маҷруҳи Исмат тирборон кардаӣ.

**447**

Чу хатти анбарин гирди маҳи тобон баровардӣ,
Маро якборагӣ дуди сиёҳ аз ҷон баровардӣ.
Биё, к-аз шеваи сероби лаълат умрам афзун шуд,
Ки чун Хизраш ба гирди чашмаи ҳайвон баровардӣ.
Ту низ, эй ғунча, гар чун ман бихӯрдӣ тири бадкешон,
Чаро бо сӯзани хор аз ҷигар пайкон баровардӣ?
Ба ҷурми дида пеши мардумам расво макун, ё Раб,
Ки рӯзи аввалам худ бесару сомон баровардӣ.
Мани расво чӣ гуна даъвии Исмат кунам пешат,
К-аз асли хилъатам Маҷнуну саргардон баровардӣ.

**448**

Чу тири ғамза ба хун рехтан кушод диҳӣ,
Ба ҳар тараф нигарӣ, тавбаҳо ба бод диҳӣ.

Ба роҳи дида агар бигзарӣ ба хоки қадам,
Ҳадияе ба муқимони ин савод диҳӣ.
Маро бисӯзию аз накҳати кабоби ҷигар,
Ғизо ба рӯҳи ғарибони номурод диҳӣ.
Гаҳе, ки доди шаҳидон диҳанд дар сафи ҳашр,
Маро, ки куштаи теғи туам, чӣ дод диҳӣ?
Гаҳе, ки аҳд фаромӯш кунад зи ҳамнафасон,
Сафинаи ғазали Исматаш ба ёд диҳӣ.

**449**

Чу дилҷӯӣ ба хӯи ёр кардӣ,
Маро аз ғамза бархурдор кардӣ.
Чу охир сайди фитроки ту шуд дил,
Ба тири ғамзааш афгор кардӣ.
Чу бар дил доғи меҳри худ ниҳодӣ,
Зи ҳарду оламаш безор кардӣ.
Ба қатлам ваъда додӣ, чун ниҳам дил,
Ки ту з-ин ваъдаҳо бисёр кардӣ.
Кушоди лаълу Исматро чу тӯтӣ,
Ба як посух шакаргуфтор кардӣ.

**450**

Чу ту бо дигаре пайванд кардӣ,
Ба марги худ маро хурсанд кардӣ.
Чу барбастӣ ба ҷодуӣ миёнро,
Дили шаҳре ба мӯе банд кардӣ.
Чу лаб барҳам задӣ, умрам фузун шуд,
Ки ҷонеро ба ҷон пайванд кардӣ.
Рухам гуфтӣ ҳамемонад ба хуршед,
Аҷаб ташбеҳи бемонанд кардӣ.
Ба гиря шустӣ, эй Исмат, лабашро,
Зи беҳушӣ намак дар қанд кардӣ.

**451**

Чу боз, эй чашми хунафшон, назар дар рӯйи ӯ кардӣ,
Дар оташ сӯхтӣ дилрову худ беобрӯ кардӣ.
Ҳамегуфтӣ, ки чун бинӣ хаташ девона хоҳӣ шуд,
Кунун пеш омад он рӯзе, ки умре орзу кардӣ.
Ба даври рӯяш, эй килки қазо, то нақш бастӣ хат,
Бунафша бар суман судию гулро мушкбӯ кардӣ.
Чу пурсидӣ, ки ҳолат чист, аз шодии он мурдам,
Накӯ кардӣ, к-аз ин дардам ба як пурсиш накӯ кардӣ.
Ба пеши меҳмони ғам кабоби дил макун, Исмат,
Ки ӯро пеш аз ин назри сагони кӯйи ӯ кардӣ.

**452**

Чӣ ҷурм рафт, ки аз ҳоли мо намепурсӣ?
Ту шоҳӣ, аз ғаму дарди гадо намепурсӣ.
Ҳамеша шеваи ҷавру ҷафо вазифаи туст,
Чаро яке хабаре аз вафо намепурсӣ?
Миёни дидаву дил хун ҳамеравад як дам,
Наменишинию ин моҷаро намепурсӣ.
Дило зи дарди муҳаббат чӣ завқ ёфтаӣ,
Ки сӯхтию нишони даво намепурсӣ.
Гузашт мавсими олудадоманӣ, Исмат,
Чаро нишонии аҳли сафо намепурсӣ?

**453**

Хубрӯе, ки нашуд ҳамдами соҳибназаре,
Гар фариштаст надорад зи ҳақиқат хабаре.
Аҳли таҳқиқ бар онанд, ки бар натвон хӯрд,
Аз дарахте, ки барад соя ба боғи дигаре.
Пора-пораст дили реши ман аз ғайрати он,
Ки нишонест зи пайкони ту бар ҳар ҷигаре.
Пеши меҳмони хаёлат, чӣ шавад, гар нафасе,
Аз кабоби дили садпора кашам моҳазаре.

Ҳеҷ кас по ба сари кӯйи муҳаббат наниҳод,
Ки зи мақсуд ба рӯяш накушоданд даре.
Киштии умр ба дарёи ғам андохтаем,
То бимирем дар ӯ, ё ба каф ояд гуҳаре.
Исмат, аз дӯст макун нола, ки ногаҳ бошад,
Ки бувад оҳи ҷигарсӯхтагонро асаре.

**454**

Рафт ҳар кас ба гӯшаи чамане,
Ману кунҷею доғи симтане.
Ҳар дам он кокули парешонрост,
Дили халқе асири ҳар шикане.
Ҳар чӣ дашном гӯядам ҳама умр,
Талх кай бошад аз чунон даҳане?
Танам аз нотавонии ғами туст,
Риштае дар миёни пираҳане.
Исмат, он сарви нозанин чӣ хуш аст,
Ки дарафтад ба дасти ҳамчу мане.

**455**

Зи бедардӣ ба фарёдам, фиғон аз дасти бедардӣ,
Сабо аз гулшани вирдаш насиби дил чӣ овардӣ?
Ту дар ҳар гӯша аз нақди ҳақиқат ганҷҳо дорӣ,
Чаро саргаштаю ҳайрон ба ҳар вайрона мегардӣ?
Бипарҳез аз хароши синаи реши ҷигархорон,
Ки озори дили мардон бувад оини номардӣ.
Чу ҳеҷам аз лаби лаъли бутон коме нашуд ҳосил,
Ба дил сад гуфтугӯ дорам, ки чандин хун чаро хӯрдӣ?
Ба меҳри ҳамдамон барбод кардӣ умрҳо, Исмат,
Пушаймонӣ, чӣ суд акнун чу дар аввал хато кардӣ?

**456**

Зи дил мапурс хабар, то ба мулки ҷон нарасӣ,
Ки то нишон накунӣ гум, ба бенишон нарасӣ.

Ҷаҳону ҷон ҳама ҳеҷ аст то аз ӯ дурӣ,
Зи боғ бар нахӯрӣ, то ба боғбон нарасӣ.
Ба айш хӯ куну вораст аз фанову бақо,
Ки бе васила ба маҳбуби ҷовидон нарасӣ.
Ба ҳар мақом, ки бошӣ зи роҳ рӯй матоб,
Ки то асири макони ба ломакон нарасӣ.
Ҳикояти ғами ишқ аз даруни Исмат пурс,
Ту пойбастаи ақлӣ ба кунҳи он нарасӣ.

**457**

Зулфро бар орази мушкин парешон мекунӣ,
Гоҳ дил месӯзию гаҳ ғорати ҷон мекунӣ.
Новаки мижгон паёпай мезанӣ бар синаам,
То ба кай бар сайди лоғар тирборон мекунӣ?
Подшоҳи олами ҳуснию мулки дил туrост,
Бо асирон ҳар чӣ дил мехоҳадат он мекунӣ.
Эй дил, ар бо ғамзаи хубон сари кинат набуд,
Новаки ӯро чаро дар сина пинҳон мекунӣ?
Ҳар ҷафо, к-андар дили Исмат зи меҳри ғайри туст,
Ҷумларо аз ков-кови ғамза вайрон мекунӣ.

**458**

Зулф чавгон карда ҳар ҷониб, ки ту ҷавлон кунӣ,
Офтобу моҳро чун гӯй саргардон кунӣ.
Дар хаёли он миёнам тан чунон борик шуд,
К-аш наёбӣ дар таҳи ҳар мӯй агар пинҳон кунӣ.
Дил, ки маъвои хаёли туст, тороҷаш макун,
Номусулмонӣ, чаро бутхонаро вайрон кунӣ?
Гоҳи мурдан шуд, чӣ бошад, гар ба захми новаке,
Дарди ҷон кандан бар ин бадрӯзгор осон кунӣ.
Нимҷон дорӣ, дило, бар оташи ғам хом сӯз,
Кай диҳад дастат, ки он хунрезро меҳмон кунӣ?
Теғи хун бар каф чӣ бошад, гар хиромӣ масти ноз,
Бар харидорони худ нархи бало арзон кунӣ.

Чун зи дастат роҳати ҷон ёфт, Исмат, баъд аз ин,
Кай шавад розӣ, ки ту ин дардро дармон кунӣ?

**459**

Мани фақир киям? Хастаею афгоре,
Шикастае, ба каманди бало гирифторе.
Дили хароби маро ҳоҷати иморат нест,
Ки эҳтиёҷ надорад фалак ба меъморе.
Касе, к-аз оташи дурӣ насӯхт Мӯсовор,
Куҷо ба Тӯри таҷаллӣ расад ба дидоре?
Чу роҳи ишқ гузидам, тамом ишқ шудам,
Ки ҳар чӣ дар намак афтад шавад намакзоре.
Дигар ба ҳеҷ гулу гулшанам ҳавас накашад,
Гарам зи боғи ту дар пои дил халад хоре.
Дило, зи дарди ҷигар сӯхтӣ, бизан нафасе,
Ки оҳи сӯхтагон оқибат кунад коре.
Чӣ беҳушона Худо дар шароби ишқ омехт,
К-аз ӯ ба олами ҳастӣ намонд ҳушёре?
Биё, ба ҷониби майхонаи фанову бубин,
Ки зарра-зарраи ҳар соғарест хуморе.
Бипӯш далқи майолудаву мусалмон бош,
Ки ҳаст дар хами ҳар тори хирқа зунноре.
Чу офтоби ксрам шуъла зад зи Машриқи афв,
Намонд дар ҳама рӯйи замин гунаҳгоре.
Саги ту дӯш ба фарёд гуфт,  Исматро:
Биё, биё, ки наёбӣ дигар чу мо ёре.

**460**

Маро ин як карам кардӣ, ки расвои ҷаҳон кардӣ,
Ҳикоятҳои дардамро суруди ҳар забон кардӣ.
Магар даъвии дарди ман хато пиндоштӣ з-аввал,
Чашондӣ захри ҳиҷронам, ба маргам имтиҳон кардӣ.
Тани фарсударо аввал ба ҳиҷрон сӯхтӣ, в-он гаҳ
Ба ҷони хомсӯзи ман аҷалро меҳмон кардӣ.

Магар мастони меҳнатро кабоби гарм мебояд,
Ки лахте аз ҷигар кандию дар оташ ниҳон кардӣ?
Чу аз меҳри рухаш, Исмат, фузун шуд рӯзи бозорат,
Чаро умри азизи худ ба ҳар суду зиён кардӣ?

### 461

Ман пок мебозам назар, безорам аз тардоманӣ,
Эй дил дар ин раҳ пок рав, гар соҳибасрори манӣ.
Оинаи ёр аст дил,  дар тирагӣ нагзорамаш,
То соф набвад осмон, хуршед надҳад равшанӣ.
Дар ишқбозӣ ҳар киро уммед бар коми дил аст,
Он дӯстиҳо оқибат гардад бадал бар душманӣ.
Шабҳои васл, эй бахти бад, дар хоби навмедӣ марав,
К-он шаб ба поён мерасад, то чашм барҳам мезанӣ.
Исмат, чу субҳи маҳшар аз субҳи таҷаллӣ дам занад,
Хуш-хуш ба дӯзах рав, ки ту хокистари ин гулханӣ.

### 462

Хотирафгорам зи тири ғамзаи симинбаре,
Масти нозе, ғоратангезе, балое, кофаре.
Аз фурӯғи ранги рӯяш оташе дар ҳар диле,
В-аз хумори чашми масташ фитнае дар ҳар саре.
Аз тани хокӣ рав, эй ҷони куҳан, бегонавор,
К-ин замон дил зиндагӣ дорад ба ҷои дигаре.
Меҳри ӯ то дар дили озурда пинҳон кардаем,
Оташе пӯшида медорем дар хокистаре.
Дар сафи аҳли назар, Исмат, наёмад некном,
То ба расвоӣ нашуд машҳур дар ҳар кишваре.

### 463

Ман,агар қиммати ғамҳои ту нашнохтаме,
Хона кай бар сари бозори бало сохтаме?
Дахли уммеди карам дархӯри ҳиммат будӣ,
Ҳарду олам ба тамошои ту дарбохтаме.

Ҷуръае гар зи майи васл чашидӣ дили ман,
Кишвари тавба зи бунёд барандохтаме.
Он чӣ дил кард ба ҷони мани озурда зи ҳаҷр,
Дар ҳама умр ба ӯ кош напардохтаме.
Гирди кӯят чу сагон хор намондӣ, Исмат,
Агараш боз ба дидори ту бинвохтаме.

**464**

Маро бо ошиқӣ бадхӯ ту кардӣ,
Маро бо дард ҳамзонӯ ту кардӣ.
Маро аз ғусса сӯзи дил ту додӣ,
Маро аз гиря оби рӯ ту кардӣ.
Ба хунрезӣ ду ҷодуи камондор,
Муқими он хами абрӯ ту кардӣ.
Чу бурдӣ дил манеҳ бар ғамза ҳиммат,
Ту кардӣ, фитна, эй ҷоду, ту кардӣ.
Чу Исмат сӯйи беҳушӣ қадам зад,
Ҳадиси дигарон як сӯ ту кардӣ.

**465**

Лабе чун пораи қанду қади чун найшакар дорӣ,
Дили дар хандаи ширин ҳаловат бештар дорӣ.
Зи гиря бар саводи дида аз хун лола мекорам,
Ки чун сарви равон бисёр аз ин сӯ гузар дорӣ.
Зи килкат гар наярзидам ба пайғоме ҳаминам бас,
Ки гаҳ-гоҳе ба дашномам забони хома тар дорӣ.
Ду дида шустаам аз гиря, он гаҳ дидаам рӯят,
Чу хуршед ин ҳама нур аз сафои он назар дорӣ.
Зи мардум роз пинҳон мекунӣ, Исмат, ки аз тираш,
Ҷароҳат дар дили пурхуну пайкон дар ҷигар дорӣ.

**466**

Ҳар хандае, ки бар ҷигари реш мезанӣ,
Бар реши душмане намаке мепароканӣ.

Ҳуснат накарда ҷилва зи меҳри сияҳдилон,
Кай дар миёни дуд диҳад шамъ равшанӣ?
То бар ҳарими дил бинишастӣ ба дӯстӣ,
Шуд меҳри дӯстон мубаддал ба душманӣ.
То ёр моили назари поки мо нашуд,
Зоҳир накард хосияти покдоманӣ.
Мо зинда аз ҳаловати онем, эй рақиб,
К-ӯ меканад дил аз туву ту ҷон ҳамеканӣ.
Гар меҳри дигарон ҳама берун шуд аз дилам,
Миннат, Худойро, ки ту дар хотири манӣ.
Исмат, зи меҳри рӯйи ту дил барнамеканад,
Парвонавораш ар ту ба оташ дарафканӣ.

**467**

Ҳар касе дар мавсими гул рафт сӯйи гулшане,
Мо бимонда рӯзу шаб дар ҳасрати симинтане.
Он қади нозук, ки ҳар дам сарви боғи дигар аст,
Дар чунин мавсим кӣ ояд дар канори чун мане?
Завқи гул чидан надорам бо вуҷуди рӯйи дӯст,
Беш аз ин натвон кашидан нанги ҳар тардомане.
Бо вуҷуди он ки аз ҷон дӯсттар медорамаш,
Дустӣ набвад, ки бошад ҳамнишини душмане.
Исмат, аз рӯйи ту нашкебад ба сад чандин ҷафо,
З-он ки натвон буд ҳар дам хӯшачини хирмане.

**468**

Ҳаргизат ёд наояд, ки шабе, ё саҳаре,
Бикунӣ бар сари арбоби иродат гузаре.
Мо ғарибему хаёлоти сухан низ ғариб,
Охир, эй шоҳи вилоят,  ба ғарибон назаре.
Ҳама аз дурдии дарди ту чу ман бехабаранд,
Бо мани бехабар аз ту кӣ расонад хабаре?
Сари ман бар раҳи ҷавлони ту хоҳад ғалтид,
Охирин рӯз, ки аз хок барорем саре.

Оташи дил зи мани сӯхта боқӣ нагузошт,
Ҷуз ҳамин тӯдаи хокистару лахти ҷигаре.
Сухане  бо мани бемор бигӯ чун дили танг,
Ҷуз даҳони ту надорад ба адам роҳбаре.
Гаҳ-гаҳ аз ноз ба дилҷӯии Исмат бихром,
Пеш аз он дам, ки наёбӣ зи вуҷудаш асаре.

**469**

Ё раб, чӣ будӣ, к-аз танам ҳар заррае будӣ диле,
То лаззати ҷон ёфтӣ аз теғи чун ту қотиле.
Чун ҷон диҳам, хоки маро, эй бод,  ҳар сӯйе бубар,
Бошад,ки он ҷо ногаҳон афтад гузори муқбиле.
Боз он бути маҳмилнишин оҳанги рафтан мекунад,
В-андар рикоби ӯ равон сад ҷӯи хун аз ҳар диле.
Эй кош, кардӣ сорбон бо як саги ӯ ҳамраҳам,
То ман ба мижгон рӯфтам хору хаси ҳар манзиле.
Исмат, ба он раҳ хок шав, бошад, ки гирӣ доманаш,
Чун дур аз он рух нестат аз умр гӯё ҳосиле.

**470**

Ёр агар қадри назарбозии мо донистӣ,
Суҳбати мардуми бегона хато донистӣ.
Агар аз накҳати гулзори вафо бурдӣ бӯй,
Боғи фирдавс кам аз барги гиё донистӣ.
Дасти рӯ бар сари арбоби иродат назадӣ,
Агар он сангдил оини вафо донистӣ.
Гар шудӣ рӯзии кӯтаҳназарон мансаби ишқ,
Ҳар хасе шеваи хосияти мо донистӣ.
Ҳар гадое дами иршод задӣ чун Исмат,
Чуғд агар парвариши парри ҳумо донистӣ.

# МУСАММАТОТ

## ДАР СИТОИШИ ПАРВАРДИГОР

Алминнату лиллоҳи таоло ва тақаддас,
Бар қудрати зотат, ки ба кунҳаш нарасад кас,
Он сонеи беайб, ки пок асту муқаддас,
Аз дунйиву уқбо ҳамаро раҳмати ӯ бас,
Дар боргаҳаш арш яке хаймаи атлас,
Хиргоҳи саропардаи ӯ чархи муқаввас.
Дар қасри ҷалолаш гираҳи чархи муқарнас,
Чун зарра, ки дар ваҳм наояд зи ҳақирӣ.

Он нақшу нигоре, ки чу шуд мабдаи ашё,
Орост зи ҳикмат зи сарӣ то ба сурайё,
Чун дод баҳори карамаш муждаи эҳё,
Сад нақши бадеъ аз кафи хок омада пайдо,
Ҳар қатра, ки афшонда бар ин сафҳаи хазро,
Гул тукмаи зар дӯхта бар ҷуббаи воло.
Дар гулшани ҳамдаш муҳаммар шуда чун мо,
Арвоҳи муқаддас ба ҳама покзамирӣ.

Чун раҳмати худ ҳамнафаси боди саҳар кард,
Авроқи раёҳин ба даме тозаву тар кард,
Саҳни чаман аз сели ато ганҷи гуҳар кард,
Аз ғайрати чашме, ки на дар сунъ назар кард,
Гул найза зи алмосу зи ёқут сипар кард,
Сунъаш чу дили ғунча пур аз хуни ҷигар кард.
Аз ганҷи карам дар даҳанаш хӯрдаи зар кард,
То беҳуда бар раҳмати ӯ хӯрда нагирӣ.

Бар сарви равон қурси маҳ афрӯхт, ки ин рӯст,
Тоқе ба маҳ аз ғолия пайваст, ки абрӯст,
Ангехт яке фитна, ки ин наргиси ҷодуст,
Дар ғунча шакар рехт, ки ин лаъли сухангӯст,
Ҷонро равиш омӯхт, ки ин қомати дилҷӯст,
Бар хирмани гул мушки тар афшонд, ки ин мӯст.

Пайваст яке силсила, к-ин ҳалқаи гесӯст,
То ҳеҷ кас озод нагардад зи асирӣ.

Эй дар кафи тасвири ту Одам чу ғуборе,
Ҷинну малак аз партави анвори ту норе,
Олам зи биҳори карамат ҳаст бухоре,
Дур аз ту гулистони ҷинон тӯдаи хоре,
Боғи ту муназзаҳ зи хазоневу баҳоре,
Фирдавс гадоёни туро роҳгузоре.
Аз шоҳу гадо ҳар кӣ бувад бар сари коре
Миранд, ту он Ҳайи қадиме, ки намирӣ.

Эй оламу одам ба ҷамоли ту мубоҳӣ,
Бар ҳастии ту кавну макон дода гувоҳӣ,
Баста қаламат нақши сафеде ба сиёҳӣ,
Моҳияти ту ақл надониста камоҳӣ,
Маъдуд куҷо фаҳм кунад номутаноҳӣ?
Помоли гадоёни ту сад афсари шоҳӣ,
Шоҳон ҳама фармонбари ҳукме, ки ту хоҳӣ,
К-аз рӯзи азал омири ҳар шоҳу амирӣ.

Эй нури ту равшангари оинаи ховар
В-эй курси маҳ аз партави меҳри ту мунаввар,
Сунъи ту нигорандаи нуҳ торуми ахзар,
Хуршед ба майдони ту гӯест мудаввар,
Пеши карамат ҳосили кавнайн муҳаққар,
Баҳри фалак аз фазли ту пурдонаи гавҳар.
Ҳар нақш, ки шуд бар вараќи кавн мусаввар,
Дар қайди завол асту ту нуқсон напазирӣ.

Эй ҳар шарар аз оташи қаҳри ту ҷаҳиме,
Ҷанноти наим аз нафаҳоти ту насиме,
Аз мушти гиле сохта сунъи ту Калиме,
Парвардаи лавлок ба фазли ту ятиме,

Сад навбати шоҳӣ зада дар зери гилеме,
Дар ҳикмати ту пай набарад ҳеҷ ҳакиме.
Ҳаргиз надиҳад рӯзиву ҷон ҳеҷ кариме,
Ғайр аз ту, ки бахшандаи бешубҳу назирӣ.

Дар ҳар ду ҷаҳон ҳар кӣ харидори ту набвад,
Савдогари накди сари бозори ту набвад,
Ринде, ки хароботии асрори ту набвад,
Девонаи занҷири сари дори ту набвад,
Аз одамиён он ки гирифтори ту набвад,
Маҷруҳ ба он сина, ки афгори ту набвад.
Дар ҷаннат агар ваъдаи дидори ту набвад,
Фирдавс ҷаҳимӣ кунаду хулд саъирӣ.

Эй кавну макон аз туву ту кавну макон не,
Эй ҳар ду ҷаҳон аз туву ту  ҳар ду ҷаҳон не,
Ҳастии давоми ту муқайяд ба замон не,
Ҷонҳост ба ту зиндаву ту зинда ба ҷон не,
Бе ҳукми ту аз ному нишон ному нишон не,
Биноиву гӯёият аз чашму забон не.
Ҳоли дили мо пеши ту муҳтоҷи баён не,
Бе самъу басар чун ту самеиву басирӣ.

Эй лутфи ту чун зоти ту беаввалу ғоят,
Аз мо ситаму зулму зи ту лутфу иноят,
Аз аҷзи гаронмоя накардем кифоят,
Ҷуз ғафлату беҳосиливу ҷашлу ғиёват,
Оҳ, ар накунад лутфи ту аз меҳр ҳимоят.
Чун дарди гунаҳ дар дили мо кард сироят,
Чун ғафлати мо афви ту беҳадду ниҳоят,
Бахшой, ки мо мурдаву Ту Ҳайи қадирӣ.

Мо мӯйсафед аз гунаҳу рӯйсиёҳем,
Сар то ба қадам ғарқаи дарёи гуноҳем,

Гумкардараҳу низ фурӯмонда зи роҳем,
Кӯҳест азоби туву мо чун пари коҳем,
Ку ақлу забоне, ки ба он узри ту хоҳем?
Ҳар навъ, ки ҳастем, аз ин хайли сипоҳем.
Дарёб, ки оташзадаи нолаву оҳем,
К-огаҳ зи ҷигасӯзии ҳар оҳу нафирӣ.

Ҳарчанд гунаҳгору фурумондаву пирем,
Дерест, ки дар доми ҳавои ту асирем,
Бо мӯйи чу кофуру дилу нома чу қирем,
Аз ҷурм ғанӣ в-аз амали хайр фақирем,
Маҷруҳ чунонем, ки марҳам напазирем,
Ҷаннат чӣ диҳӣ ваъда, ки дархӯрди саъирем?
Магзор, ки дар ҷурму гунаҳ зор бимирем,
Дар ҳар ду ҷаҳон чун ту муиниву насирӣ.

Исмат зи адам чун сӯйи олам қадам овард,
Аҷноси гунаҳ бар сари бозори ғам овард,
Сармояи исёну матои ситам овард,
Аз шарми гуноҳаш чу фалак пушти хам овард,
Чун рӯйи иродат ба ҳарими ҳарам овард,
Сад қофила аз ҳасрату дарду алам овард.
Фармой тараҳҳум, чу ба ганҷи карам овард,
Беҳосиливу аҷзу гунаҳгориву пирӣ.

Чун ақл зи рухсори сухан парда барандохт,
Худро ба саропардаи тавҳид дарандохт,
Аз дур чу бар зоту сифоташ назар андохт,
Дар ҳамлаи аввал зи заифӣ сипар андохт,
Дебочаи даъвӣ ҳама дар раҳгузар андохт,
Алкан шуду дебои фасоҳат зи бар андохт.
Бар соҳили фикр ин ҳама дурҷи гуҳар андохт,
Чун муътариф омад ба гадоию фақирӣ.

Ё Раб, ба қанодили зарандуди муаллақ,
К-овехта сунъи ту дар ин гунбади азрақ,
Ё Раб, ба ятиме, ки чу зад бонг бар аблақ,
Саббобаи ӯ кард маҳи чордаҳро шақ,
Ё Раб, ба гуруҳе, ки бар ин сатҳи мутаббақ,
Ҳастанд ба тасбеҳи ту то ҳашр муваффақ.
Ё Раб, ба улу-л-азм, ки динро фару равнақ,
Доданд ба маншури башириву назирӣ.

К-он рӯз, ки дар пои тарозуи қиёмат,
Пайдо шавад аз оташи қаҳри ту аломат,
Пурсанд зи бешармиву айёми саломат,
Бар умри гаронмоя ситонанд ғаромат,
Дар ҳар ҷигаре кор кунад дарду надомат,
Не рои сафар монаду не пои иқомат.
Бинвозу биёмурзу бикун афву каромат,
Бар бекасии мо чу алимиву хабирӣ.

Бе амри ту аз гардиши афлок чӣ ояд?
Бе фазли ту аз донишу идрок чӣ ояд?
Ҷуз ғафлату ҷурм аз мани бебок чӣ ояд?
Ҷуз маъсият аз хотири нопок чӣ ояд?
Ҷуз ҳасрату дард аз дили ғамнок чӣ ояд?
Ҷуз нолаву оҳ аз ҷигари чок чӣ ояд?
Гар лутфи ту набвад, зи кафи хок чӣ ояд?
Бахшой, ки ғаффори сағириву кабирӣ.

## ДАР СИТОИШИ РАСУЛИ АКРАМ (С.А.ВА С.)

Дӯш, к-ин чархи зумуррад пур зи ахтар сохтанд
В-аз чароғи моҳи нав айвон мунаввар сохтанд,
Хиргаҳи тамкини шабро қубба аз зар сохтанд,
Мушк суданд аз шабу маҷлис муаттар сохтанд,

Хубрӯён хона пурхуршеди анвар сохтанд,
Мутрибони маънавӣ бо якдигар дарсохтанд.
З-ин ғазал ҷумла даҳонҳо пур зи шаккар сохтанд,
К-эй қабои меҳтарӣ бар қадди зебои ту рост!

То ҳадоиқро зи шабнам ганҷи гавҳар кардаанд,
В-аз шақоиқ соябони сунбули тар кардаанд,
То зи бӯйи гул машоми ҷон муаттар кардаанд,
То кулоҳи лола аз ёқути аҳмар кардаанд,
Чашми наргис то ба рӯйи гул мунаввар кардаанд,
То даҳони ғунчаро пурхӯрдаи зар кардаанд.
Сарвро то бар сари гул сояпарвар кардаанд,
Чун ту сарви ҷӯйбори «қум фа анзир» барнахост.

Рӯзгоре дам дар ин зиндони беҳамдам задам,
Санги навмедӣ басе бар синаи пурғам задам,
Чун аз ин гулшан қадам бар фарқи нуҳ торам задам,
Норасида дасти рад бар рӯйи номаҳрам задам,
Аз дами ваҳдат сафи каррубиён барҳам задам,
Баркашидам оҳу оташ дар ҳама олам задам.
То зи наъти Хоҷаи Тоҳову Ёсин дам задам,
Бикри фикри ман зи маънӣ дам ба дам хуршедрост.

Эй фурӯғи талъатат хуршеди авҷи истафо,
Турра – шоми қадру ораз – офтоби «ва-з-зуҳо»,
Бар сафои синаат садри «алам нашраҳ» гуво,
Пеш аз он, к-Одам Сафӣ гардад, ту будӣ Мустафо,
Меҳтари олам Муҳаммад, хоҷаи ҳар ду саро,
Боз бар меъроҷи «субҳона-л-Лазӣ асро» баро.
В-аз ҷабин нури таҷаллӣ бо дилафгорон намо,
К-офтоби рӯйи ту оинаи зоти Худост.

Эй зи рӯйи ту шуда оташ гулистони Халил,
Сад чу Исмоил дар қурбонгаҳи шавқат қатил,

Дода ҳусни сиратат Яъқубро сабри ҷамил,
Гашта аз шавқи ҷамолат хуни сад Юсуф сабил,
Бо асои меҳри ту шақ карда Мӯсо рӯди Нил,
Бар сари хони камолат Исии Марям назил.
Сураи «ва-ш-Шамс» бар зебоии руят далил,
Ояти «ва-л-Лайл» бар дилбандии мӯят гувост.

Эй буроқатро зи «лавлок»-у «лаумрак» болу пар,
Карда дар як дам зи дору-л-мулки «ав адно» гузар,
Ҳар ду нима карда бо маншури «ва-н-шаққу-л-қамар»,
«Ва-з-Зуҳо» аз партави хуршеди рӯят як шарар,
Наргиси мардафканат маъқули «мо зоға-л-басар»,
Ҳазрататро наъти «ло уҳсо саноӣ» мухтасар.
Аз мақоми қоба қавсайни ту меҷустам хабар,
Абрӯят бар рӯйи зебо каж нишасту гуфт рост.

Эй ба як дам сайр карда аз сарӣ то ломакон,
Сангреза дар кафи дастат шуда тасбеҳхон,
Чӯби хушк аз иштиёқат карда фарёду фиғон,
Барраи бирён ба пешат карда заҳри худ аён,
Аз нами оби вузӯят чашма чун дарё равон,
Оҳуи ваҳшӣ ба тасдиқи ту бикшода даҳон.
Офтоби оразатро абр доим соябон,
Дархӯри рӯят касеро дидаи бино куҷост?

Эй Абӯбакри ту бар авҷи хилофат офтоб
Эй ба даврони Умар исломро сад фатҳи боб,
Карда Фурқони туро Усмон ба хуни дил хизоб,
Дар сафи гарданкашон теғи Алӣ моликриқоб,
Мулки дин доим зи тамҳидат масун аз инқилоб,
То қиёмат бар ду нури дидаат дилҳо кабоб.
Он чи бар оли ту рафт, эй хоҷаи олиҷаноб,
Гар замину осмон аз дида хун борад, равост.

Пеш аз он, к-Одам барорад сар зи ҷайби моу тин,
Буда хуршеди ҷамолат офтоби мулки дин,
Пеш аз он, к-орад Сулаймон инсу ҷин зери нигин,
Муҳри маншури ту буда раҳматан ли-л-олмин,
То ба ҷое рафта, к-аз раҳ монда Ҷибрили Амин,
Эзидат чун дар азал хонда шафеа-л-музнибин.
Чашм бикшову гунаҳгорони умматро бибин,
То ҳидоят ёбад аз ту ҳар кӣ дар роҳи хатост.

Бар сарири «лӣ мааллоҳ» то абад султон туӣ,
Дар диёри «қум фа анзир» соҳиби фармон туӣ,
Дар гулистони «фа авҳо» мурғи хушалҳон туӣ,
Матлаи дебочаи «ва-н-Наҷм»-у «ар-Раҳмон» туӣ,
Махзани асрори ганҷи «аллама-л-Қуръон» туӣ,
Қолаби берӯҳи моро дар ду олам ҷон туӣ.
Синаи маҷруҳи моро марҳаму дармон туӣ,
Раҳмати туст, он ки ранҷи аҳли иллатро давост.

Подшоҳо, бар дарат бори гуноҳ овардаам,
Бепаноҳам, Исматам, сӯят паноҳ овардаам,
Номаи тоат чу рӯйи худ сиёҳ овардаам,
Оқибат бо сад хиҷолат рӯ ба роҳ овардаам,
Ашки сурху рӯйи зарди ҳамчу коҳ овардаам,
Ҷони пурдарду забони узрхоҳ овардаам.
Бар умеде рӯ сӯйи ин боргоҳ овардаам,
Марҳаме неҳ бар дили решам, ки дардам бедавост.

Нотавону бекасам, в-аз номаи тоат фақир,
Чун саги саркаш ба чанги нафси бефармон асир,
Мӯй чун кофуру рӯ аз зулмати исён чу қир,
Бо ҳазор андеша дар бори хиҷолат гашта пир,
Оқибат ҷон бохтан ночору мурдан ногузир,
Подшоҳо, бар гадои хештан хӯрда магир.

Ҳар чӣ кардам даргузору он чӣ гуфтам дарпазир
В-арна он қувват, ки наъти ҳазратат гӯяд кирост?

Ё Раб, он соат, ки даҳр аз нафхи сур ояд ба ҷӯш
В-аз тани ҳар зарра аз ҳайбат барояд сад хурӯш,
Анбиёву авлиёро на хирад монад, на ҳуш,
Гардад аз ҳайрат забони мардуми гӯё хамӯш,
Оҳи навмедӣ барорад зоҳиди тоатфурӯш,
Нолаи фарзандро дигар падар н-орад ба гӯш.
Зайли афве бар гуноҳи Исмати нодон бипӯш,
В-арна саъйи ӯ ба роҳи растагорӣ бар ҳабост.

## ДАР МАДҲИ АЛӢ БИННИ МӮСО

Эй равзае, ки даҳр зи бӯят муаттар аст,
Обат зи кавсару гилат аз мушку анбар аст,
Дар тинати ту чашмаи хуршед музмар аст,
Бӯйи ту чун насими ҷинон рӯҳпарвар аст,
Хокию нуҳ фалак ба вуҷудат мунаввар аст,
То дар ту нури дидаи Заҳрову Ҳайдар аст,
Хуршед, к-ӯ ягонарави ҳафт кишвар аст,
Баҳри шараф зи хокнишинони ин дар аст,

Эй кишвари фалакшарафи каъбаэҳтиром,
Доруссалом гуфта ҷаноби туро салом,
Бар остони равзаи ту меҳру маҳ ғулом,
Дар гунбади мурассаъи ту ҳар сабоҳу шом,
Аз қурси офтобу зи ҷирми маҳи тамом,
Тасвир мекунад ба сари турбати имом,
Сандуқи зарнатиҷаву қандил сими хом,
Қабри ту хок нест, ки рӯҳи мусаввар аст.

Он буқъае, ки каъбаи сидқу сафо дар ӯст,
В-он равзае, ки маскани оли або дар ӯст,

В-он хиттае, ки махзани ганҷи бақо дар ӯст,
В-он марқаде, машҳади шамъи ризо дар ӯст,
Аз накҳатат, ки роиҳаи Мустафо дар ӯст,
В-аз тинатат, ки накҳати Шери Худо дар ӯст,
Ҳар субҳу шом кори маҳу меҳри чун зар аст.

Эй равзае, ки ҳамчу ҷинон хуррам омадӣ,
Чун Каъба қиблагоҳи бани Одам омадӣ,
Чун байти мақдас аз фалаки маъзам омадӣ,
Ё саҳни ҷаннате, ки дар ин олам омадӣ,
Чун саҳни зарнигори фалак маҳкам омадӣ,
Аз баҳри реши хастадилон маҳрам омадӣ,
Ё марқади халифаи Исодам омадӣ,
Хоки дарат табораки Ҷамшеди афсар аст.

Ҳар субҳдам зи хун чу шаҳидони Карбало,
Хуршед мекашад алами оли Мустафо,
Месозад аз мусибати авлоди Муртазо,
Бар рӯй  субҳ пираҳани хунчакон сабо,
Аҷзои руҳ мешад аз ин ғам зи ҳам ҷудо,
Баҳри давои ин алам омад ба шаҳри мо,
Султони ҳаштумин Алӣ Мӯсии Ризо,
К-андар бари замона танаш рӯҳи дигар аст.

Шоҳе, ки коинот тафили вуҷуди ӯст,
Хилватсарои сидрамақоми шуҳуди ӯст,
Хуршед қурси гарми сари хони ҷуди ӯст,
Қадди фалак дуто зи барои суҷуди ӯст,
Иқбол ҳаминони уруҷу суъуди ӯст,
Мардуд бод ҳар кӣ ба олам ҳасуди ӯст,
Хусрон мазиду мағфирату фазлу суди ӯст,
Ҳар к-ӯ зи ҳубби оли Муҳаммад тавонгар аст.

Рӯзи ҷазо, ки навбати мулки қадам зананд,
Арвоҳи анбиё ҳама аз қурб дам зананд,
Аҳли сафо ба равзаи ҷаннат алам зананд,
Арбоби маъсият чу нафири надам зананд,
Оли Алӣ нахуст ба майдон қадам зананд,
В-аз пешгоҳи афв салои карам зананд,
В-ар мағфират ба номаи ҳар кас рақам зананд,
Муқбил касе, ки бандаи авлоди Ҳайдар аст.

Сагсиратон чу панҷа ба Шери Худо заданд,
Теғи фироқ дар ҷигари Муртазо заданд,
Бар ҷоми заҳр имоми дувумро сало заданд,
В-аз кин бар офтоби Наҷаф теғҳо заданд,
Ханҷар ба ҷои қиблагаҳи Мустафо заданд,
Шамшери обдор бари оли або заданд,
Оташ ба хирмани дили маҷруҳи мо заданд,
К-аз сӯзи он ҳанӯз ҷигарҳо пурозар аст.

Сангиндилон ду кавн баробар бисӯхтанд,
Чун Булаҳаб даруни паямбар бисӯхтанд,
В-аз ғам даруни хоҷаи Қанбар бисӯхтанд,
Ҷони канандаи дари Хайбар бисӯхтанд,
К-аз зарбаташ ду донаи гавҳар бисӯхтанд,
Ҳар синае ба шеваи дигар бисӯхтанд,
Ҷибрилро зи ҳурмати он пар бисӯхтанд,
К-инҳо ба офтоби хилофат на дарх(в)ар аст.

Эй шоҳбоз, ҷумла шикори ту омадем,
Парсӯхта ба роҳгузори ту омадем,
Дар боргоҳи каъбашиори ту омадем,
Чун ҳоҷиён ба тавфи мазори ту омадем,
Аз ҳар диёр сӯйи диёри ту омадем,
Ҷон бар каф аз барои нисори ту омадем,

Маҷруҳу хаста бар дари бори ту омадем,
Раҳме кун он қадар, ки зи афви ту дарх(в)ар аст.

Навмеду муфлисему надорем ҳеҷ кас,
Накди ҳаёт дода ба тороҷи сад ҳавас,
Нолон ба гирди каъбаи кӯйи ту чун ҷарас,
Исён ҳазору умр гирифтори як нафас,
Кӯҳест оташи туву мо кам зи хору хас,
Чун дар ду кавн ошиқи рӯйи туем бас,
Лутфе кун, эй Кариму ба фарёди мо бирас,
К-аз ҳашт хулд лутфи ту бисёр хуштар аст.

Тӯтии гулшани «инно афсаҳ» забони туст,
Ҳаллоли мушкилоти салунӣ баёни туст,
Кашшофи кашфи ту дили бисёрдони туст,
Мифтоҳи илм хомаи гавҳарфишони туст,
Чун каъбаи мурод ҳама остони туст,
Исмат, ки дар риёзи сухан мадҳхони туст,
Наззоми дурри мунқибати хонадони туст,
К-андар риёзи мадҳи ту доим суханвар аст.

Дилгармиею қабули сухан деҳ ба оламаш,
Дар назму наср беш макун лолу абкамаш,
Деҳ обрӯи динию уқбо ба як дамаш,
Осуда дор то ба абад шоду хуррамаш,
В-аз макру кини аҳли ҳасад дор беғамаш,
Бахшаш даруни ҷамъу мазан беш дарҳамаш,
Сад сол зинда дору макун аз ҷаҳон камаш,
В-онгоҳ ҳар киро, ки ҳавои ту дар сар аст.

Дар кори бастаӣ ҳама, ё Раб, кушод деҳ,
Маҷмуъро зи ганҷи ҳидоят мурод деҳ,
Дармондагони ҷурму гунаҳро ту дод деҳ,
Асрори зикри худ ҳама касро ту ёд деҳ,

Бо афзали давом салоҳу ришод деҳ,
Тавфиқи тарки ғафлату фисқу фасод деҳ,
Дар ҳар диле, ки дарди ту худро ба ёд деҳ,
К-онаст, к-ӯ ба олами таҳқиқ раҳбар аст.

## ДАР СИТОИШИ АМИРЗОДА ҶӮГӢ

Шаб чун муламмаъпӯш шуд, мушкини раҳбонпираҳан,
Чун дайри мино шуд фалак пурлуъбату симинбадан,
Шуд арсаи мулки ҳабаш туркони румиро ватан,
Дар миҷмари заррини маҳ пошид шаб мушки Хутан,
Шуд баҳри нилӣ то ба лаб пурдур чу дарёи Адан,
Чун дар фазои фикратам шуд баҳри хотир мавҷзан,
Ақлам бад-ин шаҳбайт шуд чун тӯтиён шаккаршикан,
К-эй дода бар ту салтанат маншури соҳибафсарӣ.

Эй гашта наъли тавсанат, тоҷи саи Ковусу Ҷам,
Дар чашми давлат тӯтиё кардӣ аз он хоки қадам,
Баҳри тавозуъ бар дарат пушти фалак бигрифта хам,
Бар сафҳаи ҷони адӯ теғат зада аз хун рақам,
Аз накҳати адли ту шуд олам чу гулзори Ирам,
То ту шаҳи кишвар шудӣ, мулки Фаридун шуд адам,
Ҳар к-ӯ дам аз кини ту зад, он дам надам бошад на дам,
Эй бар ту давлат хатм чун бар Мустафо пайғамбарӣ.

Шоҳи Сулаймонманзалат, соҳибқирони баҳру бар,
Меҳри сипеҳри макрамат, Ҷӯгӣ шаҳи Ҷамшедфар,
Аз ламъаи шамшери ту хуршеди тобон як шарар,
Дар ҷанби баҳри ҳимматат Уммон ғадири мухтасар,
Аз файзи абри бахшишат дарё лаболаб аз гуҳар,
Шоҳони олам бар дарат чун бандагон баста камар,
Эй васфи зотат матлаъи дебочаи фатҳу зафар,
Равшан зи рои анварат оинаи некахтарӣ.

Эй офтоб аз партави хуршеди роят мунфаъил,
Бадри мунир аз орази туркони маҳрӯят хиҷил,
Хиргоҳи гардунпайкарат маъвои хубони Чигил,
Чун ту фариштасирате натвон сиришт аз обу гил,
Дар рӯзгори давлатат халқи ҷаҳон осудадил,
Бодо бақои иззатат бо мулки уқбо муттасил,
Гулзори мулк аз адли ту дорад ҳавои муътадил,
Эй карда фармони туро гарданкашон фармонбарӣ.

Эй осмони хусравӣ, хиргоҳи гардунпайкарат,
Хуршеди авҷи макрамат равшан зи рои анварат,
Бӯстонсарои салтанат хуррам зи оби ханҷарат,
Серобии гулзори мулк аз теғи оташпарварат,
Пушту паноҳи инсу ҷон зоти Сулаймонгавҳарат,
Гардун ба дафъи чашми бад гардида бар гирди сарат,
Ҳар субҳ месояд ҷабин хуршед бар хоки дарат,
Чун осмони мулкро ту офтоби дарх(в)арӣ.

Эй мақдами маймуни ту олам мунаввар сохта,
В-эй аз насими мақдамат гетӣ муаттар сохта,
Аз лутфу раҳмат халқро мавлою чокар сохта,
Маъмураи исломро фирдавси акбар сохта,
Ҳамчун Сулаймон инсу ҷон теғат мусаххар сохта,
Хуршеди баҳри иззат аз наъли ту афсар сохта,
Наъли самандат хокро пурмоҳу пурх(в)ар сохта,
Васфи ту чун гӯям, ки ту аз ҳар чӣ гӯям бартарӣ.

Эй дар сафи гарданкашон шамшери ту моликриқоб,
Аз румҳи суъбонмуъҷизат исломро сад фатҳу боб,
Он дам, ки наъли тавсанат бар хок сояд офтоб,
Аз меҳр гӯяд бар фалак:«Ё лайтанӣ кунту туроб»,
Аз файзи дарёи кафат Уммон пур аз дурри хушоб,
Аз накҳати хулқи ту шуд офоқ пурмушку гулоб,
Эй ҳеҷ пеши давлатат мулки Ҷаму Афросиёб,
Эй толеъи саъди туро чун Муштарӣ сад муштарӣ.

Эй чун Сулаймон оламе оварда дар зери нигин,
Аз оташи шамшери ту равшан чароғи мулку дин,
Рӯфта дари бори туро ризвон ба зулфи ҳуруъин,
Дар боргоҳи давлатат хуршеду маҳ соянишин,
Хуршед ҳамчун бандагон доғи ту дорад бар ҷабин,
Медорад аз авҷи шараф пеши ту маҳ рӯ бар замин,
Бар авҷи давлат то шудӣ бо шоҳи Тӯрон ҳамнишин,
Шуд ахтари давлат қарин бо офтоби ховарӣ.

Олиҷанобо, дер шуд, к-аз мухлисони ин дарам,
Гар тобам аз меҳри ту сар, теғи мазаллат бар сарам,
Дар ҳарду олам ҷуз дарат набвад паноҳи дигарам,
Аз давлати авсофи ту машҳур дар ҳар кишварам,
Бо он ки аз коси маҳан заҳри мазаллат мехӯрам,
Доим зи шукрат то ба лаб бошад даҳон пуршаккарам,
Ҷое, ки ман бо сад забон шеъри саноят парварам,
Таҳрири васфат чун кунад хома ба саъйи сарсарӣ?

Шаб то зи мушки ғолия гетӣ муаттар мекунад,
В-аз акси анҷум чархро чун ганҷи гавҳар мекунад,
Ҳар субҳ то аз ҷайби шаб хуршед сар бар мекунад,
В-аз партави анвори худ олам мунаввар мекунад,
То осмонро офтоб аз сим афсар мекунад,
То домани шабро фалак пурсиккаи зар мекунад,
То боду борон боғро аз мева пурбар мекунад,
Аз бӯстони давлату боғи ҷавонӣ бар хӯрӣ.

# ТАРКИББАНДҲО

## ДАР СИТОИШИ ХАЛИЛ МИРЗО

З-он хатти мушкбор, ки гирди узори ӯст,
Ҷонам асири силсилаи мушкбори ӯст.
Мушки Хито, ки боди сабо рехт дар раҳаш,
Дар гирди рӯйи ёр асаре аз ғубори ӯст.
Шарманда шуд бунафшаю булбул ба тоб рафт,
Аз сабзае, ки бар тарафи лолазори ӯст.
Кохи сухан муфарраҳи ёқути хастагон,
Таркиб карда бар лаби гавҳарнисори ӯст.
Чашмаш, ки ссргарони шароби муҳаббат аст,
Бемори дил шудам, ки харобу хумори ӯст.
Пайкони ӯ ба сина гузашту аз ин хушам,
К-ин тозадоғ бар ҷигарам ёдгори ӯст.
Азбаски шуд зи куштанам озурда новакаш,
Ҷони ситамрасидаи ман шармсори ӯст.
Меафтад аз камар гираҳи тоза дар дилам,
З-ин ғусса, к-он миёни чу мӯ дар канори ӯст.
То офтоби хотири озурда гарм аз ӯст,
К-ӯ низ хоки роҳи худовандгори ӯст.

Султон Халил хусрави оличаноби мулк,
Эй равшан аз фурӯғи рухат офтоби мулк.

Эй бар сарири мамлакати ҳусн подшоҳ,
Хуршед пеши рӯйи ту камтар зи хоки роҳ.
Ҳар ҷо, ки офтоби ҷамолат намуд рӯй,
Чун ахтарон фурӯ шуда арбоби иззу ҷоҳ.
Меҳри рухат, ки оинаи ҳусни маънавист,
Ҳаргиз мабод тира зи осеби ҳеҷ оҳ,
Гар з-офтоб дидаи равшан кунад фалак,
Натвонад он ки тез ба рӯят кунад нигоҳ.
Зулфи сияҳ, ки ҳиндуи ҳалқа ба гӯши туст,
Дорад ҳамеша пайкари хуршед дар паноҳ.

Зулфу рухи ту гар накунанд ҷилва мулкро,
Хуршеду моҳро кунад аз дуди дил сиёҳ.
Қадрат чу бар муҳаддаби гардун занад хайм,
Ақтоби чархро кунад автоди боргоҳ.
В-он ҷо, ки абри новаки ту сели хун занад,
Ёқуту лаъл бардамад аз хок чун гиёҳ.
Донои ақли кул паи таҳқиқи мушкилот,
Бар табъи равшани ту кунад арзи иштибоҳ.
Ҳар кас ба ҳоҷате зи ту хурсанду ман ба ту,
Хуштар зи шоҳ чист, ки ҷӯяд гадо ба шоҳ,
Кофар агар вафои ту бо худ барад ба хок,
Фардо ҳазор узр бигӯяд ба ҳар гуноҳ.

Шоҳо, ба юмни мадҳи ту дар бӯстони илм,
Он гавҳарам, ки ҳаст замирам ҷаҳони илм.

Рӯзе, ки парда аз рухи маънӣ барафканам,
Бинанд аҳли дил равиши табъи равшанам.
Анқои ҳимматам, фалак аст ошёни ман,
Дунё чӣ лоиқ аст, ки бошад нишеманам?
Чун дар ҳарими сидра маро роҳ додаанд,
Он беҳ, ки хайма аз забари хок барканам.
Дар мулки назм ҳар кӣ дам аз хусравӣ занад,
Бошад тирози кисвати ӯ атфи доманам.
Ман он мубориазам, ки ба теғи забони тез,
Гар саф кашад ду кавн  ба як ҳамла бишканам.
Шамъам, ки иқтибоси ман аз нури дониш аст,
Тира шавад ҷаҳон чу шавад гоҳи мурданам.
То рӯзи ҳашр нахли ҳунар сар бароварад,
Аз ҳар замин, ки хок бар он ҷо шавад танам.
Гоҳе на аз тасарруфу аз рӯйи ҳиммат аст,
Сад хӯшачин чу сунбула бар гарди хирманам.
Месӯхт чун чароғи вуҷудам зи ҳаҷри ёр,

Аз тангу тири ҳодиса афзуд равғанам.
Гар базми айши мурдадилон гулшан асту боғ,
Бошад саҳифаҳои сухан боғу гулшанам.
З-ин селҳои ҳодиса ганҷи вуҷуди ман,
Вайрон намешавад, магар аз сангу оҳанам?
Бо ин ҳама фасоҳату табъи сухансарой,
Доим зи дасти беҳунарон лолу алканам.
Аз дасти фитна сад халал астӣ вуҷудро,
Гар нестӣ ҷаноби шаҳаншоҳи маъманам.
Аз бандагии ӯст маро ҳар шараф,ки ҳаст,
В-ар не ба сурат аз ду ҷаҳон камтарин манам.
Кайхусраво, шаҳо, малако, бандапарваро,
Эй хоки пои ту бадали чашми равшанам.

То ҳаст бар фалак равиши Моҳу Муштарӣ,
Аз умру бахту давлату иқбол бар хурӣ.

## ДАР СИТОИШИ ПАРВАРДИГОР, ПАЁМБАРИ АКРАМ (С) ВА АСҲОБИ КИБОР

Ё сонеа-л-халоиқу би-л-маҷди ва-л-ҷалол.
Ё мабдау-л-фазоилу би-л-фазли ва-л-камол,
Султони безаволу ҷаҳондори бешарик,
Ҳайи хатопазиру Худованди Зулҷалол.
Унвони қаҳри ҳукми ту Қаҳҳори лояном,
Муҳ'ри нигини мулки ту Қайюми лоязол.
Эй ибтидо ба номи ту зеби ҳар ифтитоҳ,
В-эй интиҳо ба зикри ту тартиби ҳар маол.
Файзи ту чун атои амими ту беқусур,
Мулки ту чун сифоти қадими ту безавол.
Бе ҳамди баркамоли ту бунёди кор суст,
Бе шукри пурнаволи ту дар дин сад эҳтимол.
Килки баён накарда ба мадҳи ту фатҳи боб,
То нутқро ба номи ту ширин нашуд мақол.
Ҷоест авҷи кунгураи кибриёи ту,
К-андар ҳазизи он напарад тоири хаёл.
Аз дарки боргоҳи ҷалолат ҳумои рӯҳ,
Вомонда дар қафои таҳайюр шикастабол.
Эй кишвари ҷамоли ту эман зи инҳидом,
В-эй мулки безаволи ту фориғ зи интиқол.
Иблис гар ба бори қабули ту раҳ барад,
Ҷибрилро зи хони ҳидоят диҳад навол.
Дар роҳи дарки кунҳи камоли ту мондаанд,
Ҳам ақл пошикаставу ҳам рӯҳ бемаҷол.
Ҳар ҳарфе аз дафотири кавнайн оятест,
Бар ҳастии ҷалолу ҷамоли ту гашта дол.
Сад қасри ҷоҳ бар дари бори ту пайсипар,
Сад тоҷи мулк бар сари роҳи ту поймол.
Аз килки сунъи чеҳракушои ту ёфта,
Маншури ҳусн ҷилва зи туғрои хатту хол.

В-аз шарми ҳусни соянишинонат офтоб,
Сар дар ниқоби хок фурӯ бурда з-инфиъол.
Ҳар гул, ки дар ҳавои ҳувият шукуфта шуд,
Лутфат ба навбаҳори абад додаш иттисол.
Эй мунъиме, ки гар ҳама олам забон шаванд,
Дар ҳасри неъмати ту чу савсан шаванд лол.
Онӣ, ки аз муҳити атоят дурри ятим,
Кавнайнро ба нури ҳидоят диҳад навол.

Бартар зи коинот мақоми Муҳаммад аст,
То номи ту муқорини номи Муҳаммад аст.

Шоҳо, мадори ҳастии кавну макон туӣ,
Соҳибливои мамлакати ҷовидон туӣ.
Шоистагони захми синони гуноҳро
Аз ғорати сипоҳи уқубат амон туӣ.
Ғафлат куҷо гузор кунад гирди хотираш,
Ҳар синаро, ки маҳрами рози ниҳон туӣ.
Бо мунҳиёни роҳи амал боҷ кай диҳанд,
Ҳар қавмро, ки ҳамраҳи садри ҷинон туӣ.
Имрӯзаш аз фақирию бемоягӣ чӣ бок,
Ҳар муфлисе, ки дар сафи маҳшар амон туӣ.
Бемоягони растаи бозори ҷурмро
Фардо чӣ ғам, чу пешрави корвон туӣ?
Чун сар кашанд аз хати ҳукми ту коинот,
Бар авҷи дин чу хусрави соҳибқирон туӣ.
Касро чӣ ғам зи котиби аъмол дар ҳисоб,
Гоҳи савол чун ҳакам андар миён туӣ?
Бешӣ куҷо расад зи ту касро зи коинот,
Чун сӯйи равза роҳбари инсу ҷон туӣ.
Як зарра бенасиб намонад, чу рӯзи ҳашр,
Кавнайнро ба хони ато мизбон туӣ.
Дар боғи хулд миннати ҳӯрон чаро кашам?
Чун дар ҳарими ҷаннатам ороми ҷон туӣ.

Ҷони хазонкашида ба ҳаҷрам сӯйи биҳишт,
З-он мекашад, ки меваи он бӯстон туӣ.
Чун тӯтиёни қудс шакархору рӯ ба хулд,
Онро, ки рӯзи воқеа вирди забон туӣ.
Ман кистам, ки дар арасот аз тафи ҷаҳим,
Хуршедро ба чатри карам соябон туӣ?
Дархӯрди ту чи мадҳ сарояд забони ман?
Кон-ч аз қиёси ваҳм бурун аст, он туӣ.
Бар хони файз ротибахорони равзаро,
Кай гум шавад навол чу қассоми хон туӣ?
Имрӯз агар маризи гуноҳам, бад-он хушам,
К-он ҷо табиби иллати ҳар нотавон туӣ.
Танҳо на хокро зи ҷамоли ту равшанист,
К-асли мадори гардиши нуҳ осмон туӣ.

Як нур аз офтоби ту Сиддиқи Акбар аст,
К-аз ройи ӯ чароғи ҳидоят мунаввар аст.

Эй аз замират оинаи дил ҷаҳоннамо,
Кавнайнро ба рои мунири ту иқтидо.
Хуршеди авҷи иззат, Абубакр-имоми шаръ,
Эй иқтидо, ба ту сабаби нури иҳтидо.
Соҳибнигини мамлакати безаволи шаръ,
Маснаднишини боргаҳи хоси Кибриё.
Аввал маъунату караму бахшиши ту буд,
Исломро давом шуду шаръро бақо.
Зиндони ғор гашт зи ташрифи мақдамат,
Чун равза рӯҳбахшу чу фирдавс хушҳаво.
Таъми ғубори хоки кафи пои ту чу шаҳд,
Таъсири заҳр бурда зи дандони аждаҳо.
Сиддиқи Акбар, эй ки зи файзи насими туст,
Гулзори сидқ тозаву хушбӯ гули вафо.
Султони шаръ, имоми нахустин, низоми мулк,
Меъмори дин, рафиқи набӣ, маҳди Мустафо.

Эй офтоби рӯйи ту айёмро фурӯғ,
В-аз ақли раҳнамои ту исломро сафо.
Аввал ту буда аз маи таҳқиқ ҷуръанӯш,
В-охир ту карда дар раҳи таҳқиқ ҷонфидо.
Эй сарваре, ки шуълаи таҳқиқ додааст,
Сад равшанӣ зи рои ту хуршеди шаръро.
Табъат ба ҷуд бар ҳама олам фишонд даст,
Ақлат ба илм бар сари гардун ниҳода по.
Аз олами ҳаёт ҷамоли ту розгӯй,
Бо кишвари наҷот камоли ту раҳнамо.
Як хӯрдадон ба ақли ту ақли гуҳаршинос,
Як мадҳхон зи базми ту нутқи сухансаро.
Эй қасри эътибори ту эман зи инҳидом,
В-эй мулки пойдори ту фориғ зи инқизо.
Аз ҳусни безаволи ту шарманда офтоб,
В-аз хиҷлати ҷамоли ту гул ғарқ дар ҳаё.
Арбоби мулкро ба паноҳи ту эътисом,
Асҳоби ҷоҳро ба ҷамоли ту илтиҷо.
Гар коинот мадҳи ту гӯянд то абад,
Кас шарҳи нукта нарасонад ба интиҳо.
Фармой раҳмате, ки зи баъди ту воҷиб аст,
Бо мидҳати имоми дувум кардан ибтидо.

Шоҳаншаҳе, ки равнақи бозори дин аз ӯст,
Исломро ду кавн ба зери нигини ӯст.

Эй лоеҳ аз ҷабини ту анвори меҳтарӣ,
Адли ту дода равнақи шаръи паямбарӣ.
Соҳибнигини мулки хилофат, Умар, ки дод
Рояш ба офтоби шариъат мунавварӣ.
Фиръавнро ба муъҷизи суъбон агар Калим,
Дарҳам шикаст равнақи бозори соҳирӣ.
Чун аждаҳо ниҳеби ту бо оби теғ шуст,
Аз саҳфаи басити ҷаҳон нақши кофарӣ.

Бозори дин зи адли ту гарм ончунон, ки шуд
Хуршеди шаръро ҳама офоқ муштарӣ.
Бар авҷи шаръи саддамат кӯҳи хилофатат,
Дарҳам шикаст кунгураи қасри қайсарӣ.
Хатми набувват ар нашудӣ, бо ту мерасид,
Баъд аз набӣ саодати мулки паямбарӣ.
Аз фатҳи давлату асари бахшиши ту ёфт,
Бо хоки тира ганҷи салотин баробарӣ.
Афтодагони растаи бозори фақрро,
Ҷуди ту раҳ намуда ба мулки тавонгарӣ.
Аз бими иҳтисоби ту дар пардаи афоф,
Пӯшида чеҳра аз назари мардумӣ парӣ.
В-аз саҳми тозиёнаи қаҳри ту то ба ҳашр,
Фил аз ҷунун ситодаву монда сабуксарӣ.
Анфоси раҳмати ту қатили гуноҳро,
Ҳамчун дами Масеҳ кунад рӯҳпарварӣ.
Мифтоҳи мулк, хусрави кишваркушои дин,
Эй карда чатри ҷоҳи ту бо арш ҳамсарӣ.
Бе нури раҳмати ту, ки карда ба рӯзгор,
Гумроҳро ба олами таҳқиқ раҳбарӣ.
Бибрида бод, теғи забони ман ар кунад,
Ҳамчун қалам сифоти камоли ту сарсарӣ.
Исмат, туро чӣ заҳра, ки аз меҳр зарравор,
Дар базми офтоб кунӣ мадҳгустарӣ?
Бо ҳамчу ту шикастазабоне куҷо расад,
Дар маърази саноӯ забони суханварӣ?
Аз ҷомеъи каломи Илоҳӣ шунав ҳадис,
Гар моилӣ, ки раҳ ба камолоти ӯ барӣ.

Ганҷинаи далоили эъҷози лоязол,
Ҷавҳаршиноси махзани асрори зулҷалол.

Эй коинотро ба вуҷуди ту эътисом,
Бар саддаи ҷалоли ту иқболро мақом.

Султони шаръ, имоми ба ҳақ, пешвои дин,
Хуршеди маърифат, сайюмин сайиди аном.
Шоҳи сипеҳрмартаба, Усмон, ки аз ту буд,
Динро сад ифтихору вараъро сад эҳтиром.
Эй аз ҳаёт, қоидаи шаръро ҳаёт,
В-эй аз сахот тафриқаи мулкро низом.
Ҳар дур, ки ёфт дар садафи мавҳибат ҳабиб,
Овард эҳтимоми ту дар силки интизом.
Килки ту то ҳақоиқи Қуръон накард ҷамъ,
Фориғ нашуд бинои шариат зи инҳидом.
Эй боргоҳи мулки ту автодро паноҳ,
В-эй осмони илми ту ақтобро мақом.
Аз партави ду нури ду чашми ту роҳбин,
В-аз бози нур забони мақоли ту хушхиром.
Бар осмон фаришта зи шарми ту дар ҳиҷоб,
Бар сидра меҳру маҳ зи ҳаёи ту дар ғумом.
Эй сабғатиллаҳ аз дами меҳри ту сурхрӯй,
В-эй ҷавҳари калом зи хуни ту лаълфом.
Бе бахшиши ту қоидаи дин наёфт забт,
Бе нусрати ту кори ҳидоят нашуд тамом.
Онӣ, ки гоҳи пурсиши ҷурми ту хешро,
Рӯзи шумор хондаӣ Ҳай Ҳаййи лояном.
Аз гулшани висоли ту бӯйе агар даманд,
Пурнафҳаи биҳишт шавад рӯҳро машом.
Эй аз сафои рои ту айёмро фурӯғ,
В-эй аз суботи ҳилми ту исломро давом.
Дархӯрди ту чӣ мунқибат ояд зи чун мане?
Эй сад чу ман ғуломи ғуломи туро ғулом.
Дорам умеди он ки аз ин ҷуръатам ба ҳашр,
Ғулони ҳазратат ба ғуломӣ баранд ном.
Шоҳо, ба ҳаққи он ки туӣ хулдро далел,
Садро, ба иззи он ки туӣ шаръро имом.
Фармой раҳмате, ки ба таъйиди нусратат,
Мадҳат ба фахри оли набӣ ёбад ихтитом.

Султони мулку дин, Ҳасан Мустафо, Алӣ,
Соҳибливои боргаҳи лофато, Алӣ.

Эй авҷи эҳтироми ту бартар зи мову тин,
Бонуи боргоҳи ту хуршеди мулки дин.
Дасти буридаро ба нафас карда шергир,
Чашми кашидаро ба назар карда роҳбин.
Аз лаззати намоз чунон гашта бехабар,
К-абрӯяш аз кашидани пайкон нахӯрда чин.
Чун маҳ ба осмони набувват ниҳода пой,
В-асномро ба кин зада чун санг бар замин.
То ақли равшанат ба салунӣ нидо накард,
Оёти шаръ бар ҳама олам нашуд мубин.
То гашта ҳамвисодаи Заҳро ба маҳрамӣ,
Ҳамчун Масеҳ гашта ба хуршед ҳамнишин.
Хуршед пеши сидраи ҷоҳи ту хокрӯб,
Ҷибрил гирди хирмани ҷуди ту хӯшачин.
Хатти ту зулматест ба оби равони илм,
Ақли ту махзанест дар ӯ ганҷҳо дафин.
Дар кин чу зулфиқори ту партав зада чу бадр,
Хоки аҳад ба хуни аъодӣ шуда аҷин.
Бе муҳри меҳри чеҳри ту дар боргоҳи мулк,
Ҷибрил бар хазоини раҳмат нашуд амин.
Шери Худо, имоми ба ҳақ, Муртазо Алӣ,
К-аз каъбаи қабул туӣ рукни чорумин.
Қадри се ёр чун ту кӣ донад, ки донад, ки ҳар чаҳор,
Ҷузвед аз пиёлаи ваҳдат майи яқин.
Ҳақ ишқу ақлу ҷону дил избиду коинот,
Карда ба иттиҳоди ҳақиқӣ ба ҳам қарин.
То ҷумларо бинои иродат нашуд дуруст,
Ҳусни чаҳор рукни шариат нашуд ҳасин.
Талх аст коми аҳли таъассуб ба заҳри ҷаҳл,
В-омехта шамомаи чун шаҳду ангубин.
Дар чашми ҳақшинос ҳама як ҳақиқатанд,

Гумроҳро ду дидаи аҳвал чаҳорбин.
Исмат, чу рӯзи ҳашр санои чаҳор ёр,
Бо худ барад чу номаи тоат дар остин.
Набвад аҷаб, ки ҳамраҳи эшон ба ҳашр низ,
Дар боғи хулд масту хиромон равад чунин.

Дасти дуъо барор ба зайре дар ин ҷаноб,
К-он ҷо дуъои хастадилон аст мустаҷоб.

Ё Раб, ба Мустафову ба шаръи мутаҳҳараш,
Ё Раб, ба нури рӯйи чу хуршеди ховараш.
Ё Раб, ба чорёри азизи мукаррамаш,
Ё Раб, ба нуҳ фирошу се моҳи мунавваранш.
Ё Раб, ба кунгураи қасри Аҳмадӣ,
В-аз иззатти дувоздаҳ рукни мутаҳҳараш.
Ё Раб, ба ҳаққи Каъбаю аркони олияш,
Ё Раб, ба ҳаққи мусҳафу асрори музмараш.
Ё Раб, ба шери маъракаи «ло фато»-Алӣ,
К-исломрост равшанӣ аз ройи анвараш.
Ё Раб, ба заҳрхӯрдаи ҷоми ризо –Ҳасан,
К-аз шаҳди шаккарест даҳон пур зи шаккараш.
Ё Раб, ба рӯйи сурхи шаҳиди Наҷаф – Ҳусайн,
К-аз хун шудаст равза пур аз хуни аҳмараш.
Бо тинати Муҳаммади Боқир, ки дар биҳишт,
Ҳури ҷинон чу рӯҳ гирифтаст дар бараш.
Ё Раб, ба ҳаққи Ҷаъфари Содиқ, ки хондаанд
Дар роҳи сидқ сонии Сиддиқи Акбараш.
Ё Раб, ба ҳаққи Мӯсии Козим, ки чун Калим,
Пайваста пуршароби таҷаллист соғараш.
Ё Раб, ба шуҳрати Алӣ Мӯсии Ризо,
К-аз мулки раҳмат афсари шоҳист бар сараш.
Ё Раб, ба обрӯи Муҳаммад шаҳи ҷавод,
К-аз ҳилм хондаанд самии Паямбараш.
Ё Раб, ба сирри поки Алии Нақӣ, ки буд

Дебои ҳилм чун Асадуллоҳ дар бараш.
Ё Раб, ба шавкати Ҳасани Аскарӣ, ки буд
Фатҳу зафар мудом қаловузи лашкараш.
Ё Раб, ба ҳаққи Маҳдии ҳодӣ, ки рӯзи ҳашр
Нури муҳаммадӣ бидурахшад зи манзараш.
Ё Раб, ба ҳаққи он ки бувад бар ҷабини ҷон,
Доғи вафои итрату авлоди Ҳайдараш.
К-ин бенаво, ки муфлиси тороҷи ғафлат аст,
Гардон зи файзи ганҷи маонӣ тавонгараш.
В-он гаҳ чу андалеб ба боғи санои хеш
То ҳашр дор бар гули маънӣ суханвараш.

Ҳар гул, ки ояд аз чамани табъи ӯ ба бор,
З-оби қабули аҳли дилаш тарру тоза дор.

## МУСАДДАС БАР ҒАЗАЛИ ҲАСАНИ ДЕҲЛАВӢ

Эй лабат чашмаи ҳайвони касе,
Ғамзаат ғорати имони касе,
Мазан, эй ғунчаи хандони касе,
Намаке бар дили бирёни касе,
«Эй зи сар то ба қадам ҷони касе,
Ҷон кашам пеши ту ҷонони касе».

Хусравон мунтазири бесарупой,
Бинишаста ба дари пардасарой,
Ҳамчу хуршед зи хиргаҳ ба дар ой,
Рух ба арбоби иродат бинамой,
«Зулф чун чатри сияҳ бозкушой,
Эй бад-ин қоида султони касе».

Эй зи лаълат намаке бар дили реш,
Дидаро шакли ту доим дар пеш,
Ҳар дам аз наргиси ғоратгари хеш,
Ба синони мижаи чун сари неш,
«Реш кардӣ чу дилам сад ҷон беш,
Беш аз ин реш макун ҷони касе».

Дорад он ғамза ба ҷонам ҷадале,
К-аз даҳони ту чашидам асале,
Мадамаш беш ба хунам амале,
Эй ки дар ҳусн надорӣ бадале,
«Хонаи дида задем об, вале

Ту куҷо оию меҳмони касе».
То гуле дар чамани ҷаври ту руст,
Нақши ғайри ту дил аз дида бишуст,
Аз азал бо ту маро аҳд дуруст,
Ошиқат ҳаст чу Исмат ба нахуст,

«Сад сухандон чу Ҳасан бандаи туст,
Эй ту маҳбуби сухандони касе».

## МУХАММАСОТ

Эй шӯхи ҷафопешаи бадмеҳр, Худоро,
Аз чашм маяндоз мани бесарупоро,
Тақсир макун дар ҳақи ман ҷавру ҷафоро,
Эй он ки барандохтаӣ расми вафоро,
Якбора фаромӯш макун ҷониби моро.

Дар шаҳр агар ҳамчу парӣ чеҳра намоӣ,
Ақлу хираду ҳуш зи мардум бирабоӣ,
Чун нофаи Чин дар раҳи туркони хитоӣ,
Гар як гиреҳ аз кокули мушкин бикушоӣ,
Дар даври ту кас бӯ накунад мушки хиторо...

❁❁❁

Бирбуд дар латофат ёр аз паривашон гӯ,
З-он рӯ шуданд халқе вола бар ӯ зи ҳар сӯ,
Бо зулфу оразу рух, бо анбарин ду гесӯ,
Дар ҳалқаи бутон аст сарҳалқа он парирӯ,
Бар гӯш ҳалқаи зар, бар дӯш ҳалқаи мӯ.

Эй мунфаил зи рӯят хуршеду моҳу парвин,
Ҳусни туро фаришта дар арш гуфта таҳсин,
Қадат баланду мавзун, рӯят чу лола рангин,
Лаъли ту нуқлу бода, ҳарфи ту талху ширин,
Рӯйи ту обу оташ, чашми чу наргис ҳинду.

Ҳусни туро, ки набвад андар замона ҳамто,
Дар шаҳри ҷони ошиқ афканда шӯру ғавғо,
Аз баҳри муштарӣ худ он гулъизори раъно,

Ҳусни туро тарозу он чашму абрӯ, аммо
Хам гашта аз гаронӣ шоҳини он тарозу.

Аз печутоби ҳиҷрон ҷонам расида бар лаб,
Мумкин чӣ гуна бошам, васлаш, ки нест, ё Раб?
В-аз фурқати висолаш рӯзам якест бо шаб,
Кокул кушанда афъӣ, зулфаш газанда ақраб,
Қомат кашида сарве, наргис ҷаҳанда оҳу...

## МУҚАТТАОТ

Бо хирад гуфтам: «Эй мудаббири кор,
Ки ба дониш чу ту нишон надиҳанд.
Чист ҳикмат, ки аз хазинаи ризқ,
Қути як шаб ба некӯвон надиҳанд?
Он чи бо ҷоҳилони сифла диҳанд,
Бо бузургони хӯрдадон надиҳанд.
Ба хасисон диҳанд неъмату ноз,
Аҳли дилро амони ҷон надиҳанд.
Ганҷи шоҳӣ диҳанд дунонро,
Бо ҳунарпеша ними нон надиҳанд.
Сифла бар садру аҳли донишро,
Ба ғалат раҳ бар остон надиҳанд.
Каҷравонро диҳанд хирманоҳ,
Пари коҳе ба ростон надиҳанд.
Магасонро диҳанд шаккару қанд,
Бо ҳумоён ҷуз устухон надиҳанд».
Ақл гуфт: «Ин ҳадис нашнидӣ,
Ҳар киро ин диҳанд, он надиҳанд».

Аё олӣ хирадманде, ки Исмат,
Надорад дар камолат иштибоҳе.
Музаффар шуд бар аъдо, ҳар кӣ ёбад,
Даме дар сояи лутфат паноҳе.

Ҳаводорон басе дорӣ, валекин
Надорӣ ҳамчу доъӣ додхоҳе.
Зи ту дарзае дорам, валекин
На моле аз ту мехоҳам, на ҷоҳе.
Ту кӯҳи ҳилмию кони мурувват,
Ман аз кӯҳе шуда розӣ ба коҳе.

Эй кариме, ки тухми лутфу карам,
Ҳеҷ кас дар замона чун ту накишт.
Кисвати зиракӣ, биҳамдуллоҳ,
Бар ту хуб омаду ба аъдо зишт.
Рӯзгорест то яди қудрат,
Босафотар зи тинатат насиришт.
Соҳиби ҷамъу дафтари дониш,
Рақаме бартар аз хатат нанавишт.
Агар Одам зи хӯрдани гандум,
Боғи фирдавсро зи даст биҳишт.
Ман зи бе гандумӣ чунон шудаам,
Ки даме монда то равам ба биҳишт.

Фазлаи аҳли фазл фазли табиб,
Эй ҳузурат ҳалоки Азроил.
Чеҳраи зарду чашми пуробат,
Ҳарду бар шишаи далел далел.
Ҳар кӣ дармонда шуд ба дармонат,
Набарад аз ту ҷон чӣ гуна сабил?
Пеш аз он к-оварӣ қадам ба сараш,
Мекунад бар ҳалоки худ таъҷил.
Ҳар маризе, ки ту салоҳ кунӣ,
Мирад аз орзуи Азроил.
Доруи корхӯрдаи ту ба гӯз,
Мезанад сӯйи марг кӯси раҳил.
Баҳри решат нигоҳ медорад,
Гӯзҳоро чу гурба дар занбил.

Шишаҳои далели беморон,
Бар сари гӯри ту бувад қандил.
Хастаеро, ки доруи ту кушад,
Накунад зинда сӯри Исрофил.
Хастагонро ба марги чун ту табиб,
Чорае нест ғайри сабри ҷамил.

Чун тани ман бо хами абрӯи ӯ пайваста шуд,
Хонагир омад равон дар нақши ӯ шакли камон.
То ки аз шакли ҷавонӣ пеши чашм орӣ дар ӯ,
Рӯзи равшан бину нақши аввалинро қалб хон.
Баъд аз он нақши лаби лаъле, ки акси он лабаш,
Чун муҷаррад монд нафси ин лаб омад бе гумон.
Чун ба асри қалб нақши хешу заъфи асри ӯ,
Ҷамъ шуд тасҳифи қалби қалбаш андар пай ба хон.
Номи маҳбуби ту бар ту ҳал шавад якборагӣ,
Акс ҷӯи божгуна чун равон созӣ бар он.

Кӯҳпайкар харест доиро,
Тирҷавлон чу фикри аҳл шинохт.
Ки ба майдони даҳр чандин бор,
Гӯи суръат ба ҷанги чарх бибохт.
На чунон гармрав, ки дар суръат,
Ваҳм наздики ӯ тавонад бохт.
Равиши гарми ӯ чу моҳ бидид,
Аз хиҷолат танаш чу зар бигудохт.
Кард чун ҳалқааш фалак дар гӯш,
Ҳар куҷо ӯ зи пой наъл андохт.
Охирашро хатиби шаҳр аз ман,
Бистуду хонаи нишастан сохт.
Чунки ӯ рахти худ кашонд охир,
Рафту манзил ба дигаре пардохт.
То азоби чунин бидид он хар,
Қадри ҳамсуҳбатии хар нашнохт.

Агар поктабъиву покизарой,
Таваққуъ ба даргоҳи дунон мабар.
Лаби нони хушк аз сари хони хеш,
Хӯрӣ беҳ, ки аз дигаре гулшакар.
Ба як устухон сулҳ кун чун ҳумой,
Магасвор бар шаҳди дунон мабар.
Бизан кӯси шоҳӣ ба айвони даҳр,
Матои ду олам ба як ҷав махар.
Гузаштам ба қасри маликзодае,
Хате дидам он ҷо навишта ба зар:
«Чу мӯр аз қаноат шавӣ хок беҳ,
Ки тоҷи Сулаймонат омад ба сар.
Ғубори раҳи фақр аз он ганҷ беҳ,
Ки баъд аз ту монад ба қавми дигар».

Дило, ба неъмати боғи ҷаҳон машав мағрур,
Ки ин баҳор ба барги гиё намеарзад.
Зару хазинаи дунё, ки мулк тобеи ӯст,
Ба меҳнату талаби кимиё намеарзад.
Ба сахра моли ҷаҳон мехӯрам, на фазлу ҳунар,
Ки ин матоъ аз ин беҳ баҳо намеарзад.
Эй хирадманде, ки лофи хӯрдадонӣ мезанӣ,
Як насиҳат бишнав аз Исмат ба гӯши иштиёқ.
Дар ҷаҳон бо ҳар кӣ афтад иттифоқи суҳбатат,
Душманӣ зояд чу дар машраб набошад иттифоқ.
Гар ба доное қарин гардӣ, ки набвад муттафиқ,
Ҳар тараф афтӣ димор аз ту барорад аз нифоқ.
В-ар зи дасти ҳамдами нодон ситонӣ ҷоми айш,
Филмасал гар шаҳд бошад, заҳрат ояд дар мазоқ.
Лоҷарам суҳбат ба ноаҳлон гузидан аз газоф,
Рӯҳро беҳуда таклифе бувад молоятоқ.
Баъд аз ин бо ҳар кӣ биншинӣ, ки ҳамдарди ту нест,
Гар Калимуллаҳ бувад чун Хизр гӯ— ҳозо фироқ.

Машав, Исмат, озурда гар оқилӣ,
Дилат гар шикастанд дунпарварон.
Ки бо санги кибру раунат басе,
Гуҳарҳо шикастанд бадгавҳарон.
Басе покбозони Исонафас,
Ки меҳнат кашиданду бор аз харон.
На танҳо ту озурдаи меҳнатӣ,
Зи ҷаври лаимону шумахтарон.
К-аз ин пеш, аз ин беш озурдаанд,
Зи мо беҳтаронро, ки мо бадтарон.
Ту фақру ҳунарпарварӣ пеша соз,
Раҳо кун баду нек бо дигарон.

Касоне, ки сад ҳамчу мо дар ҷаҳон,
Тавоноиву сарварӣ доштанд.
Дар ин киштзори таҳаюр басе,
Давиданду тухми амал коштанд.
Ба сад ҳирсу таъҷил карданд ҷамъ,
Ба вақти дарав ҳар чӣ бардоштанд.
Дар ин хобгоҳи адам хешро,
Муқимони ҷовид пиндоштанд.
Ба дурӯза муҳлат бар ин раҳ гузор,
Басе кохи ишрат барафроштанд.
Чу вақти раҳил омад он ҷумларо,
Бирафтанду бар роҳ бигзоштанд.
Ду чашме, ки ҳаргиз нашуд пур зи ҳирс,
Ба як дам ба хокаш бианбоштанд.
Аз он буд ин ҷумла саргаштагӣ,
Ки аз умр муҳлат тамаъ доштанд.
Хуш онон, ки чун Исмат аз ҳар чӣ буд,
Гузаштанду нобуда ангоштанд.

# РУБОИЁТ

**1**

Дилро ҳаваси зулфи дилорой гирифт,
Якбора шуд, андар хами ӯ ҷой гирифт.
Бар пой ниҳод банди зулфи мушкин,
Корест дароз, ин ки дар пой гирифт.

**2**

Вақти саҳаре чу азми рафтан бигрифт,
Дилро ғами ҷони рафта доман бигрифт.
Ашкам бидавид, то бигирад роҳаш,
Дар пай нарасиду домани ман бигрифт.

**3**

Хунхораву ёри меҳрубон ғамзаи туст,
Мардафкану марду нотавон ғамзаи туст.
Бемор, ки ҷон диҳад, фаровон ҳастанд,
Бемор, ки ҷон ситонад он ғамзаи туст.

**4**

Моем, ки кӯйи бехудӣ манзили мост,
Беҳосиливу шикастагӣ ҳосили мост.
Дӯзах, ки муқаррабон аз ӯ дар хавфанд,
Як шуъла зи оташи даруни дили мост.

**5**

Гуфтам: Дили ман. Гуфт, ки: Хунхӯрдаи мост,
Гуфтам: Ҷигарам. Гуфт, ки: Озурдаи мост.
Гуфтам, ки: Бирез хуни ман. Гуфт: Бирав,
К-озод бувад касе, ки парвардаи мост.

**6**

Дерест, ки ишқ маҳрами хонаи мост,
Ғам роҳати рӯҳи дили девонаи мост.
Он бода, ки ҳарду кавн аз ӯ сармастанд,
Чун дарнигарӣ ҷуръа зи паймонаи мост.

**7**

З-он бода, ки ишқ ҷуръаи соғари ӯст,
Хуршеди тақӣ зи партави ҷавҳари ӯст.
То соқии ҷон пиёлае дод ба дил,
Ҳар рӯз ҳазор фитна дар кишвари ӯст.

**8**

Ишқ аст, ки шамъи маърифат равшан аз ӯст,
Пайваста шароби шавқи мардафкан аз ӯст.
Хоки раҳи ошиқон ба худ хоҳам бурд,
Чун рӯзи қиёмат обрӯи ман аз ӯст.

**9**

Эй он ки зи ҳоли дили ман нест ғамат,
Дил низ ба ҷон кашида бори ситамат.
Бар хоки дарат фитода навмед наям,
Бошад рӯзе бар сарам ояд қадамат.

**10**

Эй саҳни фалак доираи хиргоҳат,
Хуршед ба ҷон ғуломи хоки роҳат.
Дар қабзаи чарх моҳи навро зи камон,
Тири аҷал аст рост бар бадхоҳат.

**11**

Ишқ аст, ки ҳар дамаш балои дигар аст,
К-аз баҳри ҳаёт ошнои дигар аст.
Ҷон гарчи ба сина ҷой дорад ҳама умр,
Чун дарнигарӣ ғами ту ҷои дигар аст.

**12**

Дар ишқи туам воқифи асрор дил аст,
Дар даври ғамам ёри вафодор дил аст.
Ғофил наям аз ҳақиқати олами ҳусн,
Гаҳ-гоҳ касе бувад, ки бедори дил аст.

**13**

Моро ба ҷуз ин ҷаҳон ҷаҳони дигар аст,
Ҷуз дузаху фирдавс макони дигар аст.
Қаллошию риндияст сармояи ишқ,
Худроию зоҳиди ҷаҳони дигар аст.

**14**

Асрори ҳақоиқе, ки дар пардаи мост,
Тафсири ғами хотири озурдаи мост.
Ҳар хун, ки дар ӯ бӯйи шаҳиди ғами туст,
Аз реши даруни дили хунхӯрдаи мост.

**15**

Онон, ки чароғи ишрат афрӯхтаанд,
Сад бор ба оташи бало сӯхтаанд.
Осудадилон на дархӯри дарди туанд,
К-ин ҷома ба қадди ошиқон дӯхтаанд.

**16**

Дастор чаро?Дасти ту дармебояд,
Аз чашми ману лаби ту тар мебояд.
Натвон, ки чи дастор чи дастат бӯсам,
Зеро, ки ба дастор чи зар мебояд.

**17**

Чун Юсуфи боғ дар чаман меояд,
Бӯйе зи Зулайхо сӯйи ман меояд.
Яъқуби дилам нағмазанон мегӯяд:
Фарёд, ки бӯйи пираҳан меояд.

**18**

Дастор чи дар дасти ту бозӣ мекард,
Бо зулфу хатат дастдарозӣ мекард.
З-онаш зи камар ба сар нагун овезанд,
К-ӯ бо лаби ту дастдарозӣ мекард.

**19**

То торами нуҳ сипеҳр оростаанд,
Ё боғи ҷаҳони табъ пиростаанд.
Дар хор фузудаву зи гул костаанд,
Читвон кардан чу инчунин хостаанд?

**20**

Худ аҳди касе, касе чунин нагзорад,
К-андар баду нек ҳеҷ ёдаш н-орад.
Ҷоно, зи вафо рӯй магардон, ки ҳанӯз,
Хоки дари ту нишони рӯям дорад.

**21**

Гар дар ҳама умри хеш фурсат ҷӯяд,
То бо мани дилхаста ҳадисе гӯяд.
Ногоҳ ситезаи маро чашми рақиб,
Чун дидаи наргис аз замин мерӯяд.

**22**

Ҷонро зи ғами ту ҳеҷ хуштар н-ояд,
Кори дили ман ҷуз ба ғамат барн-ояд.
В-ин дил, ки мarост, гар ҳама ҷон гардад,
То хун нашавад ба чашм андар н-ояд.

**23**

Гар сӯзи ту ҳам як нафас оҳиста шавад,
Аз дуди дилам роҳи нафас баста шавад.
Дар дида аз он об ҳамегардонам,
То ҳар чӣ на нақши туст аз он шуста шавад.

**24**

Эй хокнишини остонат Ҷамшед,
В-эй нағмасарои базмгоҳат Ноҳид.
Бар тахт ба салтанат нишин аз паи он,
Вақт аст, ки бар авҷ нишинад хуршед.

**25**

Ҳар дил, ки зи лаззати ғам огоҳ нашуд,
Мақбули муқаррабони даргоҳ нашуд.
Эй вой, бар он ки дар биёбони умед,
Сад қарн бирафту маҳрами роҳ нашуд.

**26**

Ҳар дил, ки зи коинот безор нашуд,
Маҳрам ба саропардаи асрор нашуд.
То нуктаи маърифат биёмӯхт зи ишқ,
Шуд маст, чунон ки ҳеҷ ҳушёр нашуд.

**27**

Рафтию зи гиря дида хунбор бимонд,
Дил сӯхт зи ҳаҷру ҷон гирифтор бимонд.
Ҳар кас ба раҳе сафар гузиданду маро,
Дар хона ҳамин ғмми ту дар кор бимонд.

**28**

Онон, ки баҳои умр нашнохтаанд,
Ин ганҷ ба айшу ноз дарбохтаанд.
Шодию тараб на аз барои дили мост,
К-ин хона барои ранҷу ғам сохтаанд.

**29**

То дасти дил аз ду кавн кӯтоҳ нашуд,
Мақбул нагашту маҳрами роҳ нашуд.
Сад дафтари ҳикмат арчи омӯхт зи ақл,
Як нукта зи сирри ишқ огоҳ нашуд.

**30**

Дӣ чарх саодатозмоӣ мекард,
В-аз хинги ту рафтори гадоӣ мекард.
Чавгони маҳаш бурузи майдон чун гӯй,
Хуршед чу бо ту худнамоӣ мекард.

**31**

Бо ёри мувофиқ ошноӣ хуштар,
В-аз ҳамдами бевафо ҷудоӣ хуштар.
Бо ин ҳама зиракӣ нашояд будан,
Пайванд ба мулки бенавоӣ хуштар.

**32**

Рав, мурғи ништро ба парвоз гузор,
Ғамҳои ҷаҳон бар мани ғамсоз гузор.
Ту шод нишину умр дар ноз гузор,
Ғамро ба ману маро ба ғам бозгузор.

**33**

Эй сояи раҳматат паноҳи ҳама кас,
В-эй хоки дарат гурезгоҳи ҳама кас.
Арбоби гуноҳро чӣ тақсиру чӣ ғам?
Чун раҳмати туст узрхоҳи ҳама кас.

**34**

Эй ҷаври ту хуштар зи вафои ҳама кас,
Дашноми ту беҳтар зи дуъои ҳама кас.
Бо ин ҳама зиракӣ нашояд будан,
Бегона зи мову ошнои ҳама кас.

**35**

Бикшод ба ханда лаъли ҷонпарвари хеш,
То бикшодам ба гиря чашми тари хеш.
Ӯ мояи шодиясту ман кони ғамам,
Ӯ гавҳари худ намуду ман гавҳари хеш.

**36**

То дасти тамаъ бастаам аз олами хок,
Аз гарди замона домане дорам пок.
Уммед ба зиндагӣ шуду бими ҳалок,
Чун ман зи ҷаҳон, ба мардум аз марг чӣ бок?

**37**

Эй лаъли лаби ту нуктаи хотами дил,
Зулфи ту кушоди толеъи дарҳами дил.
Гар марҳами рози дил хаёлат набувад,
Озурдаи ишқ бо кӣ гӯяд ғами дил?

**38**

Эй васли ту, давлати писандидаи дил,
Хоки қадами ту сурма дар дидаи дил.
Гар ҳусни ту пой дар миён нанҳодӣ,
Кай ҷамъ шудӣ толеъи шӯридаи дил?

**39**

Моем, ки сад хона барандохтаем,
То хона ба кӯйи ошиқӣ сохтаем.
Аз ғорати ҳусн агар гадоем, валек
Сад ганҷ ба кӯйи ишқ дарбохтаем.

**40**

Дар бар рухи ғайр ҳеҷ накшуд дилам,
Варзид муҳаббати ту то буд дилам.
Гар ёди ману ту буд дилро мақсуд,
З-он ҳеҷ намерасад ба мақсуди дилам.

**41**

Мо аз ғами дил ҳаёти ҷон ёфтаем,
В-аз дарди ту умри ҷовидон ёфтаем.
Хуш давлати мо, ки дар паноҳи ғами ту,
Аз меҳнати рӯзгор амон ёфтаем.

**42**

То қиммати нақди дард бишнохтаем,
Дар роҳи ризо ду кавн дарбохтаем.
Айши ду ҷаҳон мулозими суҳбати мост,
То хона ба кӯйи нестӣ сохтаем.

**43**

Хоҳам, ки лаби бодапарастат бӯсам,
В-он орази хубу чашми мастат бӯсам.
Сад нақши ду дастор чи бар об задам,
Бошад, ки чу дастор чи дастат бӯсам.

**44**

Эй хоки раҳи ту обрӯйи дили ман,
Дарди ту ҳамеша орзуйи дили ман.
Бар роҳ фикандаам кабоби дили хеш,
К-ояд саги кӯйи ту ба бӯйи дили ман.

**45**

Ишқ аз азал аст корсози дили ман,
Ғам ҳамнафасу маҳрами рози дили ман.
Аз ноз ба авҷи арш соям сари хеш,
Гар дар ту асар кунад ниёзи дили ман.

**46**

Гар бохабарӣ аз ину он ёд макун,
В-ар ошиқи содиқӣ зи ҷон ёд макун.
Шодию ғами замона чун даргузар аст,
Май нӯшу зи меҳнати ҷаҳон ёд макун.

**47**

Эй мояи аҳли шодмонӣ ғами ту,
Хуштар зи ҳаёти ҷовидонӣ ғами ту.
Аз ҳусни ту розҳо ба гӯши дили ман,
Гӯяд ба забони безабонӣ ғами ту.

**48**

Эй роҳати рӯҳу шодии ҷон ғами ту,
Дар кишвари дил соҳиби фармон ғами ту.
Мемурдам агар намешуд андар шаби ҳаҷр,
Бар дарди дили шикаста дармон ғами ту.

**49**

Гуфто,  ки дилат ҷои алам нест, бирав,
Фирдавси барин мақоми ғам нест, бирав.
Гуфтам, ки диҳам ҷон ба саги кӯйи ту. Гуфт:
Дар кӯям аз ин матоъ кам нест, бирав

**50**

Гар қиммати мулки нестӣ донӣ беҳ,
Хотир ба ғами ҷаҳон наранҷонӣ беҳ.
Чун мӯр ба пои малахе қонеъ бош,
К-он салтанат аз мулки Сулаймонӣ беҳ.

**51**

Эй он ки зи мушки ҳалқа бархурдорӣ,
Мекӯш, ки хотире зи худ н-озорӣ.
Гул қосиди озори дили булбул буд,
Аз умр аз он наёфт бархӯрдорӣ.

**52**

Эй аз ту мақоми хусравӣ ёфта бӯй,
Дар базми ту Ноҳид камин қофиягӯй.
Иқбол чу чавгони саодат ба ту дод,
Аз ҷумлаи аҳли салтанат бар вай гӯй.

**53**

Эй он ки ба мулк ёфтӣ дастрасе,
Иззат талабӣ, кам талаб озори касе.
Сад теғи сиёсат он харобӣ накунад,
К-озурда меҳнате барорад нафасе.

# АБЁТИ ПАРОКАНДА

Зи ғайрат рӯзи мо шаб шуд, балои дил ҳазор омад,
Ки бе доғи диле чун ёфт кӯҳи гавҳари конро?

То зулфи куфрангезро бар рух парешон кардаӣ,
Нақши хами гесӯи ту дар хуни дил ҷо кардааст.

Гуфтам: Ба сурати ту ҳамемонад офтоб,
З-он рӯй майли хотири халқе ба сӯйи туст.

Ёр аз ҳар ҷо, ки бардорад қадам,
Мо бар он ҷо хуни дил хоҳем рехт.

Зери пой афтодаем девонавор,
Баҳри он корам сари зулфат ба даст.

Бар роҳи ту чашм об мерехт мудом,
То оқибат он роҳ ба дарё пайваст.

Ба лаби лаъли ту дорад дили решам майле,
Ба Худо, к-аш ба ҷуз аз номи ту мақсуде нест.

Маҳрамеро, ки ҳеҷ ёре нест,
Метавон бар канори дида нишонд.

Мо басе металабидем лаби лаъли туро,
Он чӣ мо металабидем, ба мо бозрасид.

Дили шикаста ба фарёд ояд он соат,
Ки офтоб зи боми ту сар ба роҳ шавад.

Бар мо агарчи рӯзи фироқаш зи ҳад гузашт,
Боре шабам ба суати худ рӯз мекунад.

Дар оби ҳаёт метавон дид,
Акси лаби лаъли обдораш.

Расад ба маркази тадвир Муштарӣ он дам,
Ки офтоб ба бурҷи шараф шавад моил.

Чун дили он шӯхи бадхӯ бор гашт,
Бори дил беҳад шуду хун гашт дил.

Абрӯи кажат, ки бениҳоят ҷодуст,
Пайваста ҳама ба сӯйи дил дорад майл.

Дар даруни ман чу омад дилнамудорӣ зи ишқ,
Боз медорад бар он, к-аз номи ӯ ёбам нишон.

Ёр агар хоҳад,  ки чавгонат занад, ту гӯи дил,
Сӯйи майдон ору он гаҳ даст аз ӯ кӯтоҳ кун.

Моро сари меҳри туст доим,
Лекин ту сари вафо надорӣ.

## БАҲРИ ТАВИЛ

### 1

Ранги рухсору дури гӯшу хату хадду қаду оразу холу лабат, эй сарви парирӯйи суманбар,

Шафақу кавкабу шому саҳару тӯбию гулзори биҳишт асту Билолу тарафи чашмаи Кавсар.

Холу чоҳи зақану хандаи ҷонбахшу сару даст чу симу даҳану қомату зулфу бари рӯят,

Сеҳри Ҳоруту чаҳи Бобул эъҷози Масеҳу яди байзову Калим асту дарахту шабу озар.

Оразу қомату холу хату дурҷи даҳану мӯйи туву чашми ману ҷисми наҳифам бинамуда,

Зарра аз меҳру маҳ аз сарву шаб аз рӯзу гул аз мушку май аз лаълу хӯр аз шому дур аз баҳру зар аз бар.

Лабу дандону руху зулфу баногӯшу ҷабину қаду рафтор ту дар нозукию ҳусну латофат,

Хоки раҳ кардаву оташ зада оби дуру лаълу суману сунбулу хуршеду маҳу сарву санавбар.

Чашму рӯю бадани нозуку пироҳани волову хаю чеҳраву қадду ду лабу лаъли дурафшон,

Наргису лолаи наруставу гулбарги ҳарир асту гулобу суману найшакару қанди мукаррар.

Бурда туркони камондору қаду шеваи рафтору шакархандаву гуфтору фиреби ҳаракотат,

Хобам аз чашму қарор аз дилу рӯхаз тану орому шикебоию тақвию салоҳу хирад аз сар.

Хуни ашки ману хатту лабу таъми сухану оразу чашму даҳани тангу шакархандаи ширин,

Донаи нору шаби тору майи равшану қанд асту гули тозаву бодоми тару фундуқу шаккар,

Ба хиромидану хандидану айёрию маккорию шӯхию шикебоию нозеву карашма,

Ғоратангезу дилозору ситагору ҷаҳонсӯзу ҷафопешаву бераҳму мусалмонкуши кофар.

Равам аз сеҳру фиребу ситаму ғорату тороҷу дилозорию мардумкушию фитнаи чашмат,

Ҳар дам озурдаю бемору дилафгору синонхӯрдаву маҷруҳу ҷигарсӯхтаву оҷизу музтар.

Пеши шоҳе, ки ба хайлу ҳашаму адлу шукуҳу равишу бахшишу дилҷӯию алтофи шикаста,

Шавкату ҳашмати Кайхисраву Ҷамшеду Қубоду Ҷаму Дорову Фаридуну Сулаймону Сикандар.

Бойсунғур Изуддавла, ки зебу фару лутфу караму ҳиммату фазлу ҳунару ҳикмати ӯро,

Шуда тоҷу камару тахту сипоҳу ҳашаму маснади шоистагию мулки муяссар.

Карда юмни қадаму иззату ҷоҳу шарафу манзари зебову сафои назару рои замираш,

Қасру айвону саропардаву хиргоҳу сариру хайму тахтгаҳу машъалаи мулки мунаввар.

Ҳаст аз ӯ тозаву сарсабзу ҷинонназҳату серобу барафроштаву олию зебою сарафроз,

Арсаи гулшану саҳни чаману ҳусни бастину риёзу аламу боргаҳу хилъату афсар.

Хиргаҳу равзану сарҳои хум овардаву даври камаруиқди дуру тахти зару ҳазрати роят,

Фалаку иқдаи раъсу қасию доираю мантиқаи анҷуму авҷи шарафу хусрави ховар.

Бандаву чокару фарроши саропардаву дарбону ғулом асту ҷанбаткашу матбахчию ходим,

Бо сад эъзозу тафохур ба дараш Санҷару Фағфуру Каю Рустаму Баҳрому Ҷаму Кисрию Қайсар.

Карда чоку зада бар хоку бияфканаву бишкаставу бурридаю овехтаву рондаву кушта,

Тири теғаш ҷигари афсару тӯғу аламу гардану гӯи сари хайлу ҳашами хасми бадахтар.

Шавкату ҳашмату душманкушию ҳамлаву наҳбу кушишу ғорату тороҷи далерони сипоҳа чу Сулаймон,

Карда мулку малаку нуҳ фалаку собиту сайёраву ҷинну башару деву дади даҳр мусаххар.

Тавсанаш гоҳи сукуну равишу хитвау рафтори сабуксайриву размоварию ҳамлаву суръат,

Ҳамчу хок асту чу об асту чу барқ асту чу кӯҳ асту чу раъд асту чу сар-сар.

Баски дар зилзилаи хавфу ҳаросу қилиқу шӯришу тарсу аламу ларза даровард адӯро,

Сайҳаю шеҳаю фарёду нафиру шағабу наъраву афғони сарони сипаҳат чун сафи маҳшар.

Хард бишкаставу бибридаву озурдаю боридаю дарридаву печидаву бистондаву бурда,

Устухон гурзу гулӯ теғу ҷигар новаку хун тиру сарон заҳра расан гардану ҷон рамҳу синон сар.

Баски афканда ба хок аз катафу бозуву дасту камару пову сару қабзаву дӯш аслиҳа аъдо,

То қиёмат зи заминҳо сипару новаку шамшеру синон рӯяду худу зираҳу найзаву ханҷар.

Эй ба авофи камолоту хисолу шаяму марҳамату мавҳибату макрамату адлу камин чокару ҷоҳат,

Бар мулуки Арабу Руму Хуросону Ироқу Аҷаму Ҳинду Бадахшону Хито ҳокиму сарвар.

Арзи нуҳ тораму ҳафт ахтару шаш ноҳияву ваҳму хаёлу ҳавасу фикру тасаввур ба тамомӣ,

Арзи гурдону далерону абиду хадаму рояту чатру аламу хайли туро тангу муҳаққар.

Аз тафу тарбияту хосияту тобишу файзу асару гармии хуршеди атоят,

Дода сел абру садаф дурру замин сабзаву хун мушку ҳаҷар лаълу маъодан зару ҷавҳар.

Ба табоқ асту ба раддулаҷазу саҷъу ба тарсеъу ба табхису ба ибҳому ба ташбеҳу тақобул,

Исмат андар чаману ҷоҳу ҷалолу караму сирату хулқу равишу фазлу камоли ту суханвар.

Дорад уммед, Каримо, ки зи хайлу ғанаму симу зару лаълу дуру ҳирсу наъам то дами охир,

Бувад аз тарбияту мавҳибату бахшишу инъому атову караму ҷуду сахои ту тавонгар.

Бандаву чокару хоки қадаму гарди раҳу ҳалқа ба гӯшу саги дарбону ғулом асту дуъогӯ,

Тундиву ҷурму хатою асароту тақсиру сабуксорию ҷуръат, ки кунад бандаву чокар.

Аз раҳи марҳамату мағфирату афву хатопӯшию сатторию фазлу караму банданавозӣ,

Зору хору хиҷилу бекасу маҷруҳу дилозурдаву бечораву маҳрум куҷо ронияш аз дар?

То нишоне зи саодат бувада давлату маҷду шарафу салтанату иззату шоҳию хилофат,

Аз ҷавонию ҳаёту ҳунару фазлу нишоту тарабу ишрату фарзанду фалак мартаба бар(х)вар.

**2**

Мекашад турки камондори мусулмонкуши ҷодуи ту чун кофари маст аз мижа бар ҳар ҷигаре тири балоро,

То квшад зору ба ҳам барзадаву масту синонхӯрдаву маҷруҳу дилозурдаву афгору ҷигарсӯхта моро.

Ту ба ҳар ҷо, ки камонгӯшаи абрӯи чу моҳи нави хам дар хами сардарҳами мушкин зи камин боз намоӣ,

Мардум оранд чу чашми хуши ҷодуи дилезори ту пайваста зи мастӣ ба сари хеш балоро.

Чашми сайёди ту гар нимшабе як гираҳ аз силсилаи доми шикан дар шикани зулфи сиёҳаш бикушояд,

Аз хиҷолат дигар аз нофаи хунбастаи оҳуи Хутан ҳеҷ асире ба хато бӯ накунад мушки Хиторо.

Нақшбандони Хито бар тарафи лаъли дурафшони ту парварда ба оби Хизир он сабзаи сероби хататро,

То шиносанд асирони сари зулфи парешони чу занҷири ту з-он чашмаи хуршед асари меҳргиёро.

Исмат, оварда ба хуноби ҷигар ғусл, ки дар гӯшаи меҳроби ду абрӯи ту пайваста дуъои ту бигӯяд,

Гарчи дар хотири хубони парирӯи дилозори ситамкори ҷафопешаи бадхӯ асаре нест дуъоро.

# РУБОИЁТИ САЙФИДДИНИ БОХАРЗӢ, МУЛАҚҚАБ БА ШАЙХИ ОЛАМ

*Абулмаолӣ Сайфиддин Саъид бинни Матҳар бинни Саъид, машҳур ба исми Шайхи Олам машоих бузурги тариқаи кубравия буда, соли 1190 дар Бохарз ба дунё омадааст ва дар ҳамон ҷо рушд намудааст.*

*Сипас ба Ҳирот, Нишопур ва Багдод сафар намуда аз Шаҳобуддини Суҳравардӣ ва садҳо донишмандони дигар таълим гирифтааст.*

*Чун ба тасаввуф рӯ ниҳод, ба Хоразм рафт ва дасти Наҷмуддини Куброро гирифт. Дар он ҷо ба алқоби «Шарафу-л-ислом», «Имоми-л-ориф» ва «Ҳуҷҷату-с-соликин» ноил шуд.*

*Сипас ба Бухоро баргашт ва дари хонақоҳи худро ба рӯйи муштоқон ва муридони худ боз кард.*

*Ӯ соли 1261 дар Бухоро аз олам даргузашт ва марқади ӯ то имрӯз побарҷост ва онро ҳамарӯза, зоирин зиёрат мекунанд.*

*Бохарзӣ барои имрӯзиён асрҳои илмӣ ва бадеии зиёде ба мерос гузоштааст.*

*Китоби «Рубоиёт»- и ӯ фарогири наваду ҳашт адад рубоии ӯст, ки ҳар яке мазмуни баланди фалсафӣ ва аҳлоқиро дороянд. Мо барои дарёфти рубоиёти Сайфиддини Бохарзӣ аз имомхатиби масчиди Хоҷа Исмати Бухороӣ домулло Салоҳиддини Бухороӣ миннатдорем.*

**1**

Бар чеҳра чун хуни ҷигар нест туро,
Дил дар кафи сад гуна хатар нест туро.
Дардам донист, ки бо ҳама дарди дилам,
Як зарра зи дарди ман хабар нест туро.

**2**

Бигрифт ба даст зулфи чун шасташро,
Бишкаст ба мушт наргиси масташро.
Уммеди ман он аст ба зудӣ, на ба дер,
Чашми тари ӯ хушк кунад дасташро.

**3**

Онем, ки пир барнагирад лати мо,
Бар чархи барин баранд ҳар шаб кати мо.
Гар сагбачае бизояд аз меҳнати мо,
Он сагбача шер гардад аз ғайрати мо.

**4**

Фисқасту фасод вирди ҳаррӯзаи мо,
Пур шуд зи ҳаром косаву кӯзаи мо.
Механдад рӯзгору мегиряд умр,
Бар тоату бар намозу бар рӯзаи мо.

**5**

Бе илму амал биҳишти Яздон маталаб,
Бе хотами дин мулки Сулаймон маталаб.
Чун оқибати кор фано хоҳад буд,
Озори дили ҳеҷ мусалмон маталаб.

**6**

Бо дил гуфтам: Ки эй пархошталаб,
Бар савмааю саро мусаллош талаб.
Дил гуфт: Маро гирди харобот бирон,
Он ҷо агараш наёбӣ, ин ҷош талаб.

**7**

Донӣ чӣ бувад шарти харобот нахуст?
Асбу камару кулоҳ дар бозии чуст.
Чун маст шавӣ тани ту мегардад суст,
Гӯянд: Нишин, ҳанӯз боқӣ бар туст.

**8**

Муставфии ишқат, санамо, рӯзи нахуст,
Таҳсили ғамат ба номи ман кард дуруст.

Он гоҳ бароти ашк бар ваҷҳам дод,
Ғам боқӣ карду гуфт: Бар уҳдаи туст.

**9**

Дунё, ки ба ҳар поя зи дасти дигар аст,
Ҳар рӯз баландидиҳи пасти дигар аст.
Ҳамчун занакони беҳаё ҳар нафасе,
Оромгаҳаш канори масти дигар аст.

**10**

Ишқ арчи балои рӯзгор аст, хуш аст,
Ин бода агарчи бохумор аст, хуш аст.
Варзидани ишқ агарчи корест бузург,
Чун бо ту нигоре сару кор аст, хуш аст.

**11**

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Гар зар бидиҳӣ, адаб харӣ арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасид,
Ҳаққо, ки адаб тоҷи сари мардон аст.

**12**

Об аст ба таҳқиқ мисоли дили дӯст,
Медор ба хотир, ки мисолаш некӯст.
Гар соф бувад ниҳон надорад зи ту ҳеҷ,
В-ар тира бувад, ниҳон бувад ҳар чӣ дар ӯст.

**13**

Дар қудрати Ҳақ ишора кардан чӣ хуш аст,
В-аз мардуми бад канора кардан чӣ хуш аст.
Он дил, ки дар ӯ меҳри Илоҳӣ набувад,
Он дил ба ҳазор пора кардан чӣ хуш аст.

**14**

Ҳар нуқта, ки дар доираи қисмати ӯст,
Бар ҳошияи моидаи неъмати ӯст.
Дар синаи ҳар зарра агар бишкофанд,
Дарё-дарё, ҷаҳон-ҷаҳон раҳмати ӯст.

**15**

Бар тахти вуҷуд ҳар кӣ соҳибҷоҳ аст,
Ӯро сӯйи олами ҳақиқат роҳ аст.
Ҳар нури яқин, ки дар дили огоҳ аст,
Аз гуфтани ло илоҳа иллалоҳ аст.

**16**

То дил зи баду неки ҷаҳон огоҳ аст,
Дастам зи баду неки ҷаҳон кӯтоҳ аст.
З-ин пеш диле буду ҳазор андеша,
Акнун ҳама ло илоҳа иллалоҳ аст.

**17**

Бо ишқи ту аҳди ҷони мо мисоқист,
Моему ғами ишқи ту то ҷон боқист.
Ғам нуқлу надиму дарду мутриб нола,
Май хуни ҷигар, мардуми чашмам ҷорист.

**18**

Гарде, ки ба зери пои ҳар ҳайвонест,
Зулфи санамею чеҳраи ҷононест.
Ҳар хишт, ки бар кунгураи айвонест,
Ангушти вазир, ё сари султонест.

**19**

Андар раҳи ишқ чуну кай пайдо нест,
Мастон шудаему ҳеҷ май пайдо нест.

Мардони раҳаш ба ҳиммати дида раванд,
З-он дар раҳи ишқ ҳеҷ пай пайдо нест.

**20**

Ин асби қаландарӣ ҳама тохта нест,
В-ин муҳраи анҷуман ҳама бохта нест.
Гар кофру муъминат бираҳ пеш ояд,
Аз рӯйи ниёз бо ҳама сохта нест.

**21**

Дар олами хок бод пошидаму рафт,
Сад душману дӯст бартарошидаму рафт.
Бо неку бади замонаам коре нест,
Доранда, чунон ки дошт пошидаму рафт.

**22**

Бо ёри нав аз ғами куҳан бояд гуфт,
Бо ӯ ба забони ӯ сухан бояд гуфт.
Ло тафъалу афъал накунад чандон суд,
Чун бо аҷамӣ куну накун бояд гуфт.

**23**

Ҳар шаб ба мисоли посбони кӯят,
Мегардам гирди остони кӯят.
Бошад, ки бароял, санамо, рӯзи шумор,
Номам зи ҷаридаи сагони кӯят.

**24**

Дил хун шуду расми ҷонгудозӣ ин аст,
Дар ҳазрати ӯ каминабозӣ ин аст.
Бо ин ҳама ҳеҷ наёрам  гуфтан,
Бошад, ки магар банданавозӣ ин аст.

**25**

Моро ҳама раҳ бигӯӣ бадномӣ бод,
В-аз сӯхтагӣ баҳраи мо хомӣ бод.
Нокомии мо чу ҳаст коми дили дӯст,
Коми дили мо ҳамеша нокомӣ бод.

**26**

Радкардаи мо қавли касе кам ёбад,
Бадрафтаи мо қабули олам  ёбад.
Ҳар кас, ки ба мо кунад тавалло рӯзе,
Айшу тарабу нишот ҳар дам ёбад.

**27**

Чун субҳи валои Ҳақ дамидан гирад,
Ҷон аз ҳама офоқ рамидан гирад.
Ҷое бирасад мард, ки дар ҳар нафасе,
Бе заҳмати дида дӯст дидан гирад.

**28**

Афсӯс, ки мурғи ишқро дона намонд,
Умед ба ҳеч хешу бегона намонд.
Дардову дареғо, ки дар ин муддати умр,
Аз ҳар чӣ бигуфтем ҷуз афсона намонд.

**29**

Он рӯз, ки зарри кони гардун задаанд,
Меҳри зари ошиқӣ дигаргун задаанд.
Воқиф нашавӣ бар он ки пас чун задаанд,
К-ин зар зи сарои ақл берун задаанд.

**30**

Қавме ба газоф дар ғурур афтоданд,
В-андар талаби ҳуру қусур афтоданд.

Маълум шавад чу пардаҳо бардоранд,
Аз кӯйи ту дур, дур, дур афтоданд

**31**

Дилҳои хароби мох аморат кӣ кунад?
В-ин карда гуноҳи мо кафорат кӣ кунад?
Мо бар сари хокҳо зиёрат кардем,
То бар сари хоки мо зиёрат кӣ кунад?

**32**

Мардони раҳат майл ба ҳастӣ накунанд,
Худбинию хештанпарастӣ накунанд.
Он чӣ ки муҷаррадони Ҳақ менӯшанд,
Майхона тиҳӣ кунанду мастӣ накунанд.

**33**

Ҷоно, агарам ҳазор ҷон хоҳад буд,
Фармони ту бар ҷумла равон хоҳад буд.
Номардам, агар ба ҳеҷ шодӣ гардам,
То бӯйи хуши ту дар ҷаҳон хоҳад буд.

**34**

Гарчи зи гуноҳ ҷустуҷӯ хоҳад буд
Он ёри азиз тундхӯ хоҳад буд.
Аз хайри маҳз ҷуз накӯи н-ояд,
Хуш бош,ки оқибат накӯ хоҳад буд.

**35**

Бо қуввати пил мӯр мебояд буд,
Бо мулки ду кавн ур мебояд буд.
Гирам, ки ту сарфарози олам шудаӣ,
Охир на ба зери гӯр мебояд буд.

**36**

Гар раҳбари ту табъи бадомӯз бувад,
Бадбахтам, агар бахти ту фирӯз бувад.
Ту хуфтаи лаҳву шаби умрат кӯтоҳ,
Тарсам, ки чу бедор шавӣ, рӯз бувад.

**37**

Ҳаргиз шабаҳи сиёҳи мо дур нашавад,
То маъсият аз вуҷуди мо дур нашавад.
Пир менашавад косаи сарҳо зи ҳавас,
Ҳар коса, ки сарнагун бувад, пур нашавад.

**38**

Пирему, вале чу ишқро соз ояд,
Аз мо ҳама бӯйи тарабу ноз ояд.
Аз зулфи дарози ту каманде фиканем,
Дар гардани умри рафта то боз ояд.

**39**

На бо ту ба хилват нафасе борам зад,
На бе ту дами ишқ касе ёрам зад.
На тез зи дасти ҷаври хасмони ту даст,
Дар домани фарёдрасе борам зад.

**40**

Мангар ту ба он, ки зуфунун ояд мард,
Дар аҳду вафо нигар, ки чун ояд мард?
Аз уҳдаи аҳд агар бурун ояд мард,
Аз ҳар чӣ гумон барӣ фузун ояд мард.

**41**

Ҳар дам,ки дилам бо ғамат анбоз шавад,
Сад дар зи тараб бо дили ман боз шавад.

Беҳ з-он набувад, ки ҷон фидои ту кунам,
Теҳу, ки фидои боз шуд, боз шавад.

**42**

Ҳон, эй дилу ҳон зи ошиқӣ даст бардор,
К-он захм чашидаию дида сари кор.
З-он рафтани ҳамчу ҷӯйи хун бар рухсор,
Ёд овару ҷои ҷой неҳ по ин бор.

**43**

Он хол бар он рӯйи дилафрӯз нигар,
Бар ҳар чӣ муроди ӯст фирӯз нигар.
Монанди шаби сиёҳи дилсӯхтагон,
Сар барзада аз миёнаи рӯз нигар.

**44**

Нокас чу ба айюқ расад пасташ гир,
Озода агар фурӯ фитад пусташ гир.
Маст ар беадабӣ намуд ҳушёраш дон,
Ҳушёр, ки бедаб бувад масташ гир.

**45**

Эй сирри ту дар синаи ҳар соҳиброз,
Пайваста дари раҳмати ту бар ҳама боз.
Ҳар кас, ки ба даргоҳи ту ояд ба ниёз.
Маҳрум зи даргоҳи ту кай гардад боз?

**46**

Ғофил манишин, ки хуш замонест азиз,
Ҳар дам, ки барояд аз ту ҷонест азиз.
Умрест, ки омадасту хоҳад рафтан,
Зоеъ макунаш, ки меҳмонест азиз,

**47**

Пайдо шуда, эй рафиқ, ҷавре, ки мапурс,
В-аз нокасу кас расид ҷавре, ки мапурс.
Ёре, ки аз ӯ таваққуи пурсиш буд,
Пурсид маро, вале ба ҷавре, ки мапурс.

**48**

Дорам гунаҳон зи қатраи борон беш,
Дил ҳаст маро таппиши хаставу реш.
Бо мо карамаш гуфт:Ҳало, эй дарвеш,
Ту дархӯри худ кунию мо дархӯри хеш.

**49**

Ҳастем ба ҳазрати ту муште дарвеш,
Ғарқи гунаҳу умеди раҳмат дар пеш.
Бо мо сухане гӯй, ки чун гуфта шавад,
Онро созӣ баҳонаи раҳмати хеш.

**50**

Эй накди ҷаҳониён ба бозори ту райф,
Гар ҷон ба ту бахшам на дареғ асту на ҳайф.
Маъзур бувад гар зи ту нашкебад сайф,
Габрон зи ту ҳам намешикебанд фикайф.

**51**

Ҳаррӯз равам сӯйи гулистон ғамнок,
Чун ғунча гиребони сабурӣ зада чок.
Бошад, ки бигӯяд гули навруста зи гул,
Бо ман хабаре з-он гули наврафта ба хок.

**52**

Кардам ба тавофи хонаи ёр оҳанг,
Санге дидам он ҷо ниҳода бари санг.

Чун буд тиҳӣ зи ёр нокарда диранг,
Баргардидам сангзанон бо дили танг.

**53**

Бигзар ба диёри ёрам, эй боди шамол,
Бар хоки раҳаш ба ҷои ман дида бимол.
В-ар қиссаи ҳоли ман кунад аз ту савол
Қул мота минал ҳиҷар ало асъаби ҳол.

**54**

Сайфо, зи ҷафои даҳр бисёр манол,
Ҳаргиз макун аз замона изҳори малол.
К-ин давлати дигарону ин меҳнати ту,
Чун нек нигаҳ кунӣ хаёл аст, хаёл.

**55**

Гар бо ғами ишқ созгор ояд дил,
Бар маркаби комҳо савор ояд дил.
Гар дил набувад куҷо ватан созад ишқ?
В-ар ишқ набошад ба чӣ кор ояд дил?

**56**

Дастори ману кафши ману ҷубба ба ҳам,
Қимат карданд як дирам чизе кам.
Ман хоки раҳам, зи хоки раҳ чизе кам,
Овозаи ман шунидаанд дар олам.

**57**

Аз ҳоли самоъ бишнав, эй марди тамом,
Ин кори хавос аст, на бозичаи ом.
Мардони Худойро ҳалол аст, ҳалол,
Риндони вағойро ҳаром аст, ҳаром.

**58**

Гар ман гунаҳи халқи ҷаҳон кардастам,
Афви ту умед аст, ки гирад дастам.
Гуфтӣ, ки ба рӯзи аҷз дастат гирам,
Оҷизтар аз ин махоҳ, к-акнун ҳастам.

**59**

Омад шаби ишқу ту набошӣ, донам,
Рав, рав, ки ман имшаб на ҳамоно монам.
Дар васли ту баста буд, ҷоно, ҷонам,
Чун рафтӣ ту зи даст шуд дармонам.

**60**

Бо нафси нақис дар набардам, чӣ кунам?
В-аз кардани феъли худ ба дардам, чӣ кунам?
Гирам ба карам даргузаронӣ аз ман,
З-ин шарм, ки дидӣ, ки чӣ кардам, чӣ кунам?

**61**

Умрам ба сар омаду гунаҳ мебинам,
Сар то сари номаро сияҳ мебинам.
Дар мазраъи худ накиштаам тухми накӯ,
Киштам ба дарав расиду каҳ мебинам.

**62**

Бо ишқи ту ман ба хуррамӣ месозам,
Бо ғам ба умеди беғамӣ месозам.
Дар ман асари ҳалок пайдост, вале
Медонаму худро аҷамӣ месозам.

**63**

Дар ҷанг чу оҳанему дар сулҳ чу мум,
Бар дӯст муборакему бар душман шум.

Аз ғайрати мо баранд осор ба Миср,
В-аз ҳайбати мо баранд зуннор ба Рум.

**64**

Ҳарчанд гаҳе зи ишқ бегона шавам,
Бо офият ошнову ҳамхона шавам.
Ногоҳ парирухе ба ман баргузарад,
Баргардам аз он ҳадису девона шавам.

**65**

Бар кас ғаму ранҷи ин тани хас наниҳам,
Дар пеши қаноат қадаме пас наниҳам.
Чун бори касе кашида менатвонам,
Бори кам аз он ки бод бар кас наниҳам.

**66**

Мо дарди ғамат аниси ҷон сохтаем,
Дар натъи ғамат ҳарду ҷаҳон бохтаем.
Дар асл саманди мо чунон тездав аст,
К-аз кавну макон бурунтар тохтаем.

**67**

Гуфтем, ки мо аз фуқароем, наем,
Аз роҳравони порсоем, наем.
Оростазоҳирему ботин на чунон,
Афсӯс, чунон ки менамоем, наем.

**68**

Як ҷав зари айём надорем, хушем,
Гар чошт бувад, шом надорем, хушем.
Чун пухта ба мо мерасад аз матбахи ишқ,
Аз кас тамаъи хом надорем, хушем.

**69**

Мо одати худ бҳонаҷӯӣ накунем,
Ҷуз ростравию некхӯӣ накунем.
Онҳо, ки ба ҷои мо бадиҳо карданд,
Гар даст диҳанд ба ҷуз накӯӣ накунем.

**70**

Занҷири дари сарои шоҳӣ моем,
Саррофи ҷавоҳири Илоҳӣ моем.
Аз моҳ нишаста то ба моҳӣ моем,
Бо ин ҳама нур дар сиёҳӣ моем.

**71**

Моем, ки дар ҳеҷ ҳисобе н-оем,
Пурмашғалаву миёнтиҳӣ меоем.
Рӯзе, ки ҳисоби нақди мардон талабанд,
З-он камтари камтарин, камтар моем.

**72**

Имрӯз, ки дастгоҳ дорию тавон,
Бехе, ки бари саодат орад бинишон.
Пеш аз ту аз они дигарон буд ҷаҳон,
Баъд аз ту аз они дигрон бошад, ҳон!

**73**

Ё Раб, назаре бар мани саргардон кун,
Тадбири мани дилшудаи ҳайрон кун.
Бо ман макун он чӣ ман сазои онам,
Он-ч аз караму лутфи ту ояд он кун.

**74**

Эй нуҳ далаву даҳ дала ҳар даҳ яла кун,
Саррофи вуҷуд бошу худро чала кун.

Ҳар субҳ ба ихлос,  биё, бар дари мо,
Мақсуди ту барнаояд, он гаҳ гила кун.

**75**

Афъоли бадам зи халқ пинҳон мекун,
Душвори ҷаҳон бар дилам осон мекун.
Имрӯз хушам бидор, фардо бо ман,
Он-ч аз карами туям сазад, он мекун.

**76**

«Ло» ҳамчу наҳанг дар камин аст, бубин,
«Илло» чу хазона дар яқин аст, бубин.
Аз ту ба ту хаттест кашида чу «алиф»,
Сирри азалу абад ҳамин аст, бубин.

**77**

Эй дил, пас аз ин бе рухи зебо хӯ кун,
Бе ғамзаю бе зулфи чалипо хӯ кун.
Чун мебинӣ, ки аз касат рӯзӣ нест,
Биншин паси кори хешу танҳо хӯ кун.

**78**

Эй лутфи ту имсол ҳамон, пор ҳамон,
Дар боғи ту гул ҳамон бувад, хор ҳамон.
З-он бар ҳама кас кушода бодо дари ту,
То маст ҳамон ояду ҳушёр ҳамон.

**79**

Аз дидаи санг хун чаконад ғами ту,
Бегонаву ошно чӣ донад ғами ту.
Дам даркашаму ҳама ғамат нӯш кунам,
То аз паси ман ба кас намонад ғами ту.

**80**

Эй нолаи пири қартапӯш аз ғами ту,
В-эй наъраи ринди боданӯш аз ғами ту.
Фарёду фиғони майфурӯш аз ғами ту,
Дар майкадаҳо ҷӯшу хурӯш аз ғами ту.

**81**

Субҳоналлоҳ, шигифт коре ғами ту,
Бар хаста дилам азим боре ғами ту.
Гуфтӣ, ки ғами манат чунин Маҷнун кард,
Оре, ғами ту, ғами ту, оре ғами ту.

**82**

То кай бувад ин ҷавру ҷафо кардани ту,
Беҳуда дили халоиқ озурдани ту?
Теғест ба дасти аҳли дил хунолуд,
Гӯ, дар ту расад, хуни ту дар гардани ту.

**83**

Ишқ аст, ки шери нар забун ояд аз ӯ,
Корест, ки ҳар кор бурун ояд аз ӯ.
Гаҳ дӯстие кунад, гаҳ ҷон афзояд,
Гаҳ душмание, ки бӯйи хун ояд аз ӯ.

**84**

Эй лутфи амими ту хатопӯши ҳама,
В-эй ҳалқаи бандагет дар гӯши ҳама.
Бардор, Худоё, зи карам бори гуноҳ,
Дар рӯзи фурӯмондагӣ аз дӯши ҳама.

**85**

Дар гуфтани зикри Ҳақ забон аз ҳама беҳ,
Тоат, ки ба шаб кунӣ ниҳон аз ҳама беҳ.

Хоҳӣ зи Пули Сирот осон гузарӣ,
Нон деҳ ба ҷаҳониён, ки нон аз ҳама беҳ.

**86**

Бо меҳнату андуҳ қаринам кардӣ,
Муҳтоҷ ба як нони ҷавинам кардӣ.
Ин мартабаи муқаррабони дари туст,
Оё ба чӣ хидмат инчунинам кардӣ?

**87**

Гаҳ ҳамдами ёри нозанинам кардӣ,
Гаҳ бо ғаму дард ҳамнишинам кардӣ.
То ёфтам аз гумшудаи хеш нишон,
Машҳури ҳама рӯйи заминам кардӣ.

**88**

Дунё гузарон аст ба ҳар бешу каме,
Хоҳеш ба шодӣ гузарон, хоҳ ғаме.
З-ин манзилат албатта ҳама бояд рафт,
Хоҳӣ ба ҳазор сол, хоҳӣ ба даме.

**89**

Ҳар бӯй, ки аз мушку қаранфул шунавӣ,
Аз давлати он зулфи чу сунбул шунавӣ.
Чун нолаи булбул аз паи гул шунавӣ,
Гул гуфта бувад, гарчи зи булбул шунавӣ.

**90**

Гар тоати худ нақш кунам бар ноне,
В-он нон биниҳам пеши саге бар хоне.
Он саг соле гурусна дар каҳдоне,
Аз нанг бар он нон наниҳад дандоне.

**91**

Эй дил, ту даме мутеъи Субҳон нашудӣ,
Аз хӯйи бадат ҳеҷ пушаймон нашудӣ.
Дарвеш шудию зоҳиду донишманд,
Ин ҷумла шудӣ, вале мусалмон нашудӣ.

**92**

Эй дил, чӣ бувад, ки тарки бедод кунӣ,
Аз манзили охират яке ёд кунӣ.
Гар номаи аъмоли туро бинмоянд,
Бинию ҳазор оҳу фарёд кунӣ.

**93**

Ҳарчанд ки девонаю мастам дорӣ,
Дар Каъба нишаста бутпарастам дорӣ.
Бар неку бадӣ ҳукми маро дасте нест,
Дар дасти туам, то ба чӣ дастам дорӣ.

**94**

Эй дил, ба Алӣ агар мувофиқ бошӣ,
Андар раҳи дин ҳамеша содиқ бошӣ.
Бо муъмини пок бошу бо кофари сидқ,
Кофар бошӣ, беҳ, ки мунофиқ бошӣ.

**95**

Эй мардон ҳою эй ҷавонмардон ҳӯй,
Мардӣ кунию нигоҳ дорӣ сари кӯй.
Гар тир ояд, чунон ки бишкофад мӯй,
Зинҳор, ки аз дӯст нагардонӣ рӯй.

**96**

Ман бо ту чунонам, эй нигори хутанӣ,
К-андар ғалатам, ки ман туам, ё ту манӣ.

Аз ман дурию дар яке пираҳанӣ,
Пас ман киям, эй ҷони ҷаҳон, гар ту манӣ.

**97**

Бар санги қаноат, ар иёре дорӣ,
Аз неку бади ҷаҳон каноре дорӣ.
Гар бо ҳама кас ба ҳар хилофе, ки равад,
Дар кор шавӣ, дароз коре дорӣ.

**98**

Марде бояд, баландҳиммат марде,
З-ин таҷрибакардаи хирадпарварде.
К-ӯро ба тасарруф андар ин мушти хок,
Бар домани ҳиммат нанишинад гарде.

# ҒАЗАЛИЁТИ ТОҶИКИИ МАШРАБИ НАМАНГОНӢ

*Бобораҳим Машраби Намангонӣ шоир, олим, сӯфӣ ва файласуфи бузург дар соли 1653 дар вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст.*

*Аз хурдӣ шахси лоубол ва дарвешсифат буд. Хушомадгӯ набуд. Айби касонро пинҳон намедошт.*

*Аз ин рӯ муллоҳои мутаассиб бар зидди ӯ дасиса барангехтанд ва бо фармони Маҳмудхон соли 1711 дар Балх ба дор кашида мешавад.*

*Баъдтар ҷасадаш ба вилояти Тахор интиқол меёбад.*

*Аз шоир «Девон»-и бузурге ба мерос мондааст, ки фарогири ашъори ӯзбекӣ ва тоҷикии ӯст. Ин "Девон" иборат аз ғазал, мухаммас, мустаҳзод, тарҷеъбанду таркиббанд ва муламмаъу фард аст.*

*Ғайр аз ин маснавии бузурге бо номи «Мабдаъи нур» бо забони ӯзбекӣ аз ӯ ба мо расидааст.*

*Соли 1991 350-солагии шоир дар Ӯзбекистон ва Афғонистон ҷашн гирифта шуд.*

*Ашъори шоир аз тарафи ҳофизони зиёд суруда мешавад ва дар маконҳои ӯзбекнишин то ҳол маҳфилҳои «Машрабхонӣ» амал мекунанд.*

*Дар зер ба хонанда чанде аз шеърҳои тоҷикии шоирро пешниҳод мегпрдонем.*

**1**

Аналҳақгӯи эҷодам, таҷаллипарвари ишқам,
Мудом аз хуни Мансурам, майе дар соғари ишқам.
Шаби ғамро кунад равшан чароғи дуди оҳи ман,
Занад чун таъна бар хуршед ахтарпарвари ишқам.
На аз куфрам шикебоӣ, на исломам таманное,
Надонам Каъбаву бутхона аз ҳам, кофари ишқам.
Намакпарвардаи доғам, шарародаи оҳам,
Матоъи дарду ғам дорам ба каф, савдогари ишқам.

Ба саҳро оҳи Маҷнунам, ба дарё ашки Фарҳодам,
Набошад ҳамчу ман, девонаи баҳру бари ишқам
Шудам пайғамбари савдо мани девонаи Машраб,
Шафоъат мекунад аҳли ҷунунро машҳари ишқам.

**2**

Шӯхчашмии ҳуснат аз бало нишон дорад,
Абрӯи ту аз мижгон тир дар камон дорад.
Рӯзгори дунпарвар меканад гули маҷлис,
Ҳамчу риштаи шамъе ҳар кӣ сад забон дорад.
Чашми мағфират дорам боз аз парешонӣ,
Боди дӯстӣ имшаб соати хазон дорад.
Чарх гар ҳаммехоҳад айш дар бани Одам,
Ҷамъ шуд агар ду кас фитна дар миён дорад.
Вакти  моҳи нав мардум рӯ ба осмон орад,
Иззатест дар олам ҳар кӣ ним нон дорад.
Дӯстони ин олам ҳамчу шамъ дар маҷлис,
Гармирушноиҳо бар сари забон дорад.
Дилрабои маҳҷурам ногаҳон намояд рух,
Мекунад фидои ӯ ҳар кӣ нимҷон дорад.
Бар ниҳоди Машраб зад оташе зи рухсораш ,
Чун сипанд месӯзад, нолаю фиғон дорад.

**3**

Шоҳиди салтанат манам, воизи минбар омадам,
Хизру Масеҳ дам ба дам, Маряму Асфар омадам.
Пардаи нори  дӯзахе тоза шуд аз шарораам,
Ламъаи Тӯри ҳайратам, воизи минбар омадам.
Мӯсилақаб ба кӯҳи Тӯр, нури таҷаллӣ дар барам,
Қудси сароҳ-ал-азиз, зоҳир-ул-азҳар омадам.
Пеши зуҳури «мин ладан» кушта шароби ишратам,
Қозии ҳашру нашрро соҳиби Кавсар омадам.

Дар раҳи дини маърифат Ҳақ ба яқин мусаламам,
Ту на туӣ, ман на манам, моҳи қаландар омадам.
Як нафасе нидо расад, ҳозиру нозирам ба ту,
Зарра зи ман намешавад, номмузаффар омадам.
Машраб, агарчи дар сухан ҳотифи ғайр мужда дод,
Кушта ба Тӯри Айманам, сурати бандар омадам.

**4**

Нақши ҳастиро шикастам, боракаллоҳ-ал-азим.
Яъне чашм аз ғайр бастам, боракаллоҳ-ал-азим.
Борҳо будам гирифтори каманду доми ақл,
Пора кардам дому растам боракаллоҳ-ал-азим.
Толиби маҳҷул бошад то ба кай ҷӯёни Ҳақ?
Барқи шамъи ӯ бичастам, боракаллоҳ-ал-азим.
Айюҳалушшоқ, ҳон гӯяндаи «қолу бало»,
Ҷӯши дарёи аластам, боракаллоҳ-ал-азим.
Ғайри Ҳақро гар биҷӯям нест муъмин номи ман,
Машрабо, бал бутпарастам, боракаллоҳ-ал-азим.

**5**

Бо ҳидоят дастгирам бош, гумроҳ омадам,
Бар тавофи даргаҳат имрӯз бегоҳ омадам.
Зулқалодам дар вафоят, пеши занҷири туям,
Ҳалқаи меҳрат ба гардан, маъзаратхоҳ омадам.
Нотавонам, тоқати нӯшидани ҷомам набуд,
Ё Абулхаммор, махмурам, лаби роҳ омадам.
Истаҷоб даъвотино мин кулли нуқсонотино,
Фистабаъ абётино, як мисраъи оҳ омадам.
«Рабби арнӣ» гуфт Мӯсо бо Худованди Карим,
«Харрамӯсо» рафтаму масти «иналлоҳ» омадам.
Алғиёсу алазам, ман бандаи хоки туям,
Омадам наҷму қамар рафтам, «аналлоҳ» омадам.

Гуфта будам шоҳбозам дар шикори маънавӣ,
Шери нар(р)и Зулҷалолам, лек рӯбоҳ омадам.
Ё Расулуллоҳ, маро сӯйи худат роҳе намо,
Бар дари сидратпаноҳи шайаниллоҳ омадам.
Ҷузв будам, кул шудам, ҳам машраби булбул шудам,
Хор будам, гул шудам, будам гадо шоҳ омадам.
Машраби ринди умам кофармуриде беш нест,
Бори дигар дастгирам бош, гумроҳ омадам.

**6**

Боз омадам дар гуфтугӯ, то ишқро пайдо кунам,
Бошад, ки бинам рӯйи ӯ, сад фитнаву ғавғо кунам.
Дилро зи ишқ бикшудаам, андар раҳаш паймудаам,
Монанди Маҷнун ишқро шӯридаву шайдо кунам.
Аз сӯзи дил гардан занам, худро дар ин хирман занам,
Олам ҳама дарё шавад, ин ҷумларо дарё кунам.
Ҳар дам зи гуфтугӯйи ӯ, боз омадам дар кӯйи ӯ,
Аз ҷоми ишқ май хӯрдаам, шӯри дигар пайдо кунам.
Машраб чу баҳри бекарон аз мавҷи дарё омадӣ,
Аз дизи дарё доманат пурлуълӯи лоло кунам.

**7**

Ба кунҷи офият биншин, бихӯр ноне ба осонӣ,
Агар ту Пири Канъонӣ, ба вақти марг дармонӣ.
Агар ринди хароботӣ, в-агар пири муноҷотӣ,
Агар султони ҳоҷотӣ, ба вақти марг дармонӣ.
Агар мастию махмурӣ, в-агар аз офият дурӣ,
Агар Ҳаллоҷи Мансурӣ, ба вақти марг дармонӣ.
Агар ту симу зар дорӣ, в-агар заррин камар дорӣ,
Агар сад хона зар дорӣ, ба вақти марг дармонӣ.
Агар дар Чин хоқонӣ, в-агар дар Рум султонӣ,
Агарчанде Сулаймонӣ, ба вақти марг дармонӣ.

Ба дарди худ давое кун, ба ранҷи худ шифое кун,
Саҳарҳо моҷарое кун, ба вақти марг дармонӣ.
Мани машраб, ки меҷӯям, раҳи дарвеш мепӯям,
В-агар манзил басе дорӣ, ба вақти марг дармонӣ.
Агарчи Машрабо шоҳӣ, ки дарвешӣ ҳамехоҳӣ,
Бигӯ, дар ҳар нафас оҳе, ба вақти марг дармонӣ.

**8**

Донаи тухми ишратам, шоҳи қаландар омадам,
Соқии ҳавзи Кавсарам, Ҳайдари сафдар омадам.
Бар сари арш ҷои ман, ҷумла ҷаҳон гадои ман,
Рояти Ҳақ барои ман, ҷомеъи дафтар омадам.
Соф мисоли зар шудам, сикка ба номи худ задам,
Ман зи саҳори ваҳдатам, бар ҳама музмар омадам.
Чида гуле зи рӯйи ман, мушки Хитост бӯйи ман,
Ёр чу рӯ ба рӯйи ман, уди чу миҷмар омадам.
Булбули ин чаман манам, тӯтии хушсухан манам,
Аз ҳама хубрӯ манам, боб ба мазҳар омадам.
Бодаи муддао задам, ҷоми майи вафо задам,
Аз мани муттако задам, аз ҳама камтар омадам.
Ринди балокашидаам, ғунчаи гул даридаам,
Ҳарду ҷаҳон харидаам, ҷуббае бар сар омадам.
Рафрафи Кибриё манам, болу пари ҳумо манам,
Ошиқи рӯйи ӯ шудам, пок чу ҷавҳар омадам.
Бандаи шоҳи оламам, чокари фахри Одамам,
Машраби олиҳимматам, шоҳи Сикандар омадам.

**9**

Сар ба ҷайби хеш бурдам, аз адам ёд омадам,
Мазҳари рӯзи аластам, як тан автод омадам.
Чашми ман баҳри муҳити аъзам аст, дил бо Худо,
Аз азал соҳибқиронам, лек автод омадам.
Сунбули зулфи суханро мӯшикофӣ мекунам,

Нуктаи тарҷеъбанди нахли шамшод омадам.
Лавҳи авадно бихонда, дарси маънӣ гуфтаам,
Дар дабистонхонаи эҷод устод омадам.
Вусъати ишрат гирифта танг шуд ғам бар дилам,
Талкомам, заҳрошомам, чу дилшод омадам.
Машраби гумгаштаномам, ринд аз аҳди умам,
То саводи лаҳза хонда лавҳи аздод омадам.

**10**

Буруз омад ду олам аз ту, айши бемадор аз ман,
Май аз ман, шиша аз ман, маҳфил аз ман, васли ёр аз ман.
Зи ҷӯши ашк кардам баҳрҳо дар дашти ҳомуне,
Канори Даҷла аз ман, гиря аз ман, ихтиёр аз ман.
Ҳавои хоки побӯси ту чашмам дар назар дорад,
Раҳ аз ман, гард аз ман, дарди сар аз ман, хумор аз ман.
Хато аз ту, ситам аз, ғам аз ту, сад алам аз ту,
Дуъо аз ман, вафо аз ман, дил аз ман, эътибор аз ман.
Гузаштам Машраб аз даъвои Табрезу Нишопураш,
Ироқу Шому Рум аз ту, ҳама Балху Бухор аз ман.

**11**

Абри гуҳарсиришкаму махзангар омадам,
Найсони баҳри конаму маъдангар омадам.
Дар чоҳи ишқ баски расантоб гаштаам,
Зулфи суман бупечаму равшангар омадам.
Аз куфру дин бирастаму меҳру маҳи Тироз,
Гаҳ Каъбасозу гоҳ бараҳмангар омадам.
Исфандиёри ҳирс маро сабри душман аст,
Рӯинтан офаридаву Баҳмангар омадам.
Бо Рустами замона тараф гаштанам хатост,
Афросиёбсозу Таҳамтангар омадам.
Он булбуле, ки дар чамани дил ба сад забон,
Чун андалеб нолаи айвонгар омадам.
«Арнӣ» шунида Мӯсии Тӯри тасаввурам,

Мӯсӣ-калими водии Аймангар омадам.
Юсуфталаб ба Миср зи Канъони иштиёқ,
Яъқуби гирясозаму махзангар омадам.
Парвонаи самандари мулки муғони ишқ,
Оташфурӯз машъалаи гулхангар омадам.
Аз ҷоми бода мастию девонагифурӯш,
Беҳудагитарошаму гардангар омадам.
Дар роҳи ишқ бесарупо гашта Машрабам,
Оташфурӯзи гулшани гулхангар омадам.

**12**

Аз найистони фироқат ҳамчу оташ сар задам,
Ҳамчу алмосе шудам, тоқи фалак барҳам задам.
Назди ман тоқи фалак чун зарраи хошок нест,
Ҳамчунон мисли наҳанге дар таҳи дарё задам.
Зери дарё рафтаму дидам хурӯсон дар чаман,
Булбули шайдо шудам, гирди чаманро бар задам.
Он замон бехуд шудам, рафтам аз ин дунёи дун,
Аз биҳишти ҷовидон то зери курсӣ пар задам.
Зери курсӣ рафтаму дидам, ки ҳурон дар биҳишт,
Ман ба ҳуронаш нагуфтам, бо малоик дам задам.
Машраби девонаи саргаштаам аз баҳри ёр,
Оламу дунёи дунро пушти як нохун задам.

**13**

Бо душманон ҳарифем, бо дӯст ошноем,
Ҷибрилро хабар нест аз оламе, ки моем.
Аз ошно гусаста пайвастаем бо дӯст,
Бо хештан нишаста, лекин зи худ раҳоем.
Бо шайх аҳд баста, бо авлиё нишаста,
Дар ҳар кучо, ки бинӣ ҳангомаи Худоем.
Ҳеҷему камтар аз ҳеч дар боргоҳи ҳастӣ,
Ҳангоми ли маъаллоҳ ҳамтарҳ бо Худоем.
Гар аз насаб бипурсӣ мо Қанбарему Қатмир,

В-ар рози ҳасб пурсӣ бо Оли Мустафоем.
Нафси дуӣ намезад, з-ин хок то нахезад,
Қурби шикори хешем, ҳарчанд бенавоем.
Кавнайнро чу наълайн андохтему рафтем,
Девонагони шоҳем, ринди бараҳнапоем.
Дидем ин ҷаҳонро Машраб фусурдаҷоест,
Зуд аз ҷаҳон гузаштем, дар дори бефаноем.

**14**

Наҳну мин дор-ал-бақо дор-ал-фаноу моҳирун,
Айюҳ-ас-содот фи явмулҷазоу таҳширун.
Пунбаи васвос дар гӯшу ҳама кӯру карем,
Иннано фи умрано лайлан наҳоран ғофилун.
Ҷаннату ризвон муҳайёянду ҳам ҳуру қусур,
Таҳти-ал-анҳору таҳти минҳам холидун.
Умр бигзашту надонистем кори хешро,
Маҳ ҳама нафсезанон дар ҳашр аҳли хосирун.
Дар каломи хеш Ҳақ бо саъйи мо карда хитоб,
Фастамаъ ҳозаллазӣ кулли илайно роҷиъун.
Дар дили шабҳо ба ҷурми хеш истиғфор кун,
То шавӣ дар силки биласҳобиҳим ястағфирун.
Гар ҳамехоҳӣ, ки Машраб дӯст дорад Ҳақ туро,
Пеша кун ридӣ, даро дар зумраи ҳам зокирун.

**15**

Онам, ки ба мастӣ сари Фағфур шикастам,
В-аз нолаи нарме дили танбӯр шикастам.
Мӯсои Калим гашт ба меъроҷи зуҳурам,
Аз як нигаҳи гарм дили Тӯр шикастам.
То масти иналлоҳу ҳуваллоҳ нагаштам,
Дар дори аналҳақ сари Мансур шикастам.
Бебок нишастам ба дари хонаи Ҷамшед,
Чангу наю шаммомаи сантӯр шикастам.
Сад шукри умам, хонаи ишқ аст саломат,

Сар дар ҳаваси турраи Лоҳур шикастам.

**16**

Сероби умам омад, мастонаи бепарво,
Шамъи анҷуман омад парвонаи бепарво.
Ҷоми май ба ҷӯш омад, пири майфурӯш омад,
Хумхона ба ҷӯш омад, майхонаи бепарво.
Шамъу шоҳиду соқӣ, соғару майи боқӣ,
Туркбачаи қалмоқӣ, ҷононаи бепарво.
Бадмасти муҳаббаткеш, султонравиши дарвеш,
Бегона ба ҷони хеш, бегонаи бепарво.
Оташ ба фиғон омад  бо чанг чунон омад,
Дилҳо ба фиғон омад, як Машраби бепарво.

**17**

Бухороро гулистон метавон гуфт,
Баҳорашро зимистон метавон гуфт.
Баҳоуддин набошад дар Бухоро,
Фарангу кофаристон метавон гуфт.

**18**

Аввалқадам пири муғонро ишқ аст,
Дуввум сару побараҳнагонро ишқ аст.
Риндони Бухору бангиёни Кашмир,
Шоҳ Машраби турки Андиҷонро ишқ аст.

**19**

Дуди бангам саҳни масҷидро зумуррадрез кард,
Рафт дар қаъри ҷаҳаннам ҳар кӣ з-ӯ парҳез кард.

# МУНДАРИЧА

ШАРҲИ ҲОЛ..............................................................................3

## ҚАСОИД

1.Дар ситоиши Парвардгор.................................................. ........8

2.Дар ситоиши Амир-ал-муъминин Алӣ ибни Абитолиб (раз)......14

3.Дар ситоиши Мирзо Улуғбек........................................... ........18

4.Дар ситоиши Муҳаммад Ҷаҳонгир.................................. ........21

5.Дар ситоиши Улуғбек...................................................... ........24

6.Дар ситоиши Хмлил Мирзо...................................................26

7.Дар ситоиши Халил Мирзо.............................................. ........28

8.Дар ситоиши Яҳё Муғисуддавла...................................... ........29

9.Дар ситоиши Улуғбек...................................................... ........31

10.Дар ситоиши Халил Мирзо............................................ ........33

11.Дар ситоиши Халил Мирзо............................................ ........35

12.Дар ситоиши Халил Мирзо............................................ ........37

13.Дар ситоиши Халил Мирзо............................................ ........38

14. Дар ситоиши Иброҳим Султон.............................................40

15.Дар ситоиши Улуғбек........................................................42

16.Дар ситоиши Амирзодаи Ҷӯгӣ....................................... ........43

17.Дар ситоиши Халил Султон.......................................... ........47

18.Дар ситоиши Иброҳим Султон..................................... ........49

19.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........52

20.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........54

21.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........57

22.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........59

23.Дар ситоиши Саъдуддини Зангишоҳ............................ ........62

24.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........65

25.Дар ситоиши Улуғбек........................................................68

26.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........71

27.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........74

28.Дар ситоиши Улуғбек........................................................76

29.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........78

30.Дар ситоиши Халил Мирзо........................................... ........81

31.Дар ситоиши Улуғбек........................................................83

32.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........87

33.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........89

34.Дар ситоиши Насириддин Халил Мирзо...............................90

35.Дар ситоиши Хоҷа Зангишоҳ...................................... ........92

36.Дар ситоиши Иброҳим Султон.................................... ........94

37.Дар ситоиши Амирзода Ҷӯгӣ....................................... ........97

38.Дар ситоиши Халил Султон......................................... ........98

39.Дар ситоиши Улуғбек.......................................................102

40.Дар ситоиши Улуғбек.......................................................106

41.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........111

42.Дар ситоиши Насириддин Халил Мирзо.............................113

43.Дар ситоиши Султон Халил......................................... ........115

44.Дар ситоиши Маликзода Ҷӯгӣ..................................... ........117

45.Дар ситоиши Улуғбек.......................................................118

46.Дар ситоиши Хоҷа Лутфуллоҳ..................................... ........121

47.Дар ситоиши Султон Халил......................................... ........122

48.Дар ситоиши Хоҷа Шамсиддин................................... ........124

49.Дар ситоиши Султон Халил........................................... ........127

50.Дар ситоиши Султон Халил........................................... ........129

51.Дар васфи мадраса....................................................... ........130

52.Дар ситоиши Султон Халил........................................... ........132

53.Дар ситоиши Иброҳим Султон..................................... ........134

54.Дар ситоиши Халил Мирзо............................................ ........136

55.Дар ситоиши Улуғбек......................................................................140

56.Дар ситоиши Халил Султон........................................... ........142

57.Дар ситоиши Султон Халил........................................... ........143

58.Дар ситоиши Улуғбек......................................................................145

59.Дар тавҳид.................................................................... ........147

60.Дар ситоиши Пайғамбари акрам................................... ........149

61.Дар ситоиши Султон Халил........................................... ........151

62.Дар бораи Насируддин Халил Мирзо............................ ........153

63.Дар ситоиши Алӣ ибни Абитолиб ва фарзандони ӯ...... ........155

64.Дар ситоиши Улуғбек......................................................................156

65.Дар ситоиши Амирзода Яҳё.......................................... ........159

66.Дар ситоиши Амирзода Бойсунғур............................... ........161

67.Дар ситоиши Шоҳрух Мирзо Курагонӣ....................... ........164

68.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........167

69.Дар ситоиши Халил Султон......................................... ........168

70.Дар ситоиши Султон Халил......................................... ........170

71.Дар ситоиши Насириддин Халил Мирзо...............................172

72.Дар ситоиши Шодмулк Оғо........................................ ........174

73.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........176

74.Дар васфи Балх ва ситоиши Малики Исломӣ.............. ........178

75.Дар ситоиши Султон Халил......................................... ........178

76.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........181

77.Дар ситоиши Хоҷа Муҳаммад Порсо.......................... ........182

78.Дар ситоиши Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад...........................185

78.Дар ситоиши Халил Мирзо.......................................... ........188

**ҒАЗАЛИЁТ**..............................................................................193-376

## МУСАММАТОТ

Дар ситоиши Парвардигор........................................................378

Дар ситоиши Расули акрам (с.а.ва с.)................................. ........382

Дар мадҳи Алӣ ибни Мӯсо................................................. ........386

Дар ситоиши Амирзода Ҷӯгӣ.............................................. ........390

## ТАРКИББАНДҲО

Дар ситоиши Халил Мирзо................................................. ........394

Дар ситоиши Парвардигор, Паёмбари акрам (с) ва
асҳоби кибор........................................................ ........397

Мусаддас бар ғазали Ҳасани Деҳлавӣ................................ ........406

**МУХАММАСОТ**...................................................... ........407

**МУҚАТТАОТ**........................................................... ........408

**РУБОИЁТ**................................................................. ..413-422

**АБЁТИ ПАРОКАНДА**.......................................................423-425

**БАҲРИ ТАВИЛ**..............................................................426

Рубоиёти Сайфиддини Бохарзӣ, мулаққаб ба Шайхи Олам.......430

Ғазалиёти тоҷикии  Машраби Намангонӣ......................... ........449

**ХОҶА ИСМАТИ БУХОРОӢ**

# ДЕВОН

Зери назари доктори илмҳои филологӣ
***Тоҷибой Султонов***

Масъули чоп:
***Иброҳим Наққош***

Баргардони матн:
номзади илмҳои филологӣ
***Рамазон Бобокалонов ва Исмоил Зарифӣ***

Тарроҳ:
***Ҳаётулло ХОЛОВ***

Ба матбаа 10.01.2020 супорида шуд.
Ба чоп 16.03.2020 имзо шуд. Коғази офсетӣ №1.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Ҷузъи чопӣ 29,0. Адади нашр 100 нусха.
Супориш 09/20.

Нашриёти ***«Истеъдод»***.
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 36,
Тел.: 221-9543, E-mail: istedod2010@mail.ru